**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ**
**АКАДЕМИЯ**

***Ба истиқболи 35-умин солгарди***
***Истиқлолияти давлатӣ ва 25 солагии***
***қабули Кодекси ҷиноятии***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

## ҚИСМИ УМУМӢ

### КИТОБИ ДАРСӢ

**Ҷилди I**

*Бо қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 02/5 аз 30-юми январи соли 2023 ба сифати китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсия карда шудааст*

Душанбе
«Нашриёти муосир»
2023

ТДУ 343 (075.8) (575.3)
ТКБ Я 73 67.99 (2) 93 (2 тоҷик)
Ҳ – 90

**МУҚАРРИЗОН:**

**Азиззода Убайдулло Абдулло** – мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Назаров Аваз Қувватович** – мудири кафедраи фаъ олияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Нематов Акмалҷон Рауфҷонович** – сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент;

**Лутфуллозода Шавкат** – муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Зери таҳрири умумии
Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
генерал-полковники милитсия
**Раҳимзода Рамазон Ҳамро**

**Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ:** дар III ҷилд. Ҷилди I / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. – Душанбе: «Нашриёти муосир», 2023. – 424 с.

*Китоби дарсии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар се ҷилд таълиф шудааст, мавзуъҳои фанни таълимии ҳуқуқи ҷиноятиро дар бар мегирад.*

*Ҷилди якуми китоби дарсии ҳуқуқи ҷиноятӣ мавзуъҳои Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятиро дар бар гирифта, ҷилдҳои дуюм ва сеюми он мавзуъҳои Қисми махсуси ин фанро фарогир мебошад.*

*Китоби дарсии мазкур барои курсантону шунавандагон, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ таҳсил менамоянд, аспирантону адъюнктон, докторантон, омӯзгорон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва доираи васеи хонандагон тавсия карда мешавад.*

*Китоби дарсӣ бо дарназардошти тамоми тағйироту иловаҳои дахлдори қонунгузорӣ то санаи нашр таълиф шудааст.*

ISBN 978-99985-900-7-6

© Ҳайати муаллифон, 2023
© Академияи ВКД Ҷумҳури Тоҷикистон, 2023

## ҲАЙАТИ МУАЛЛИФОН:

**Раҳимзода Рамазон Ҳамро** – Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-полковники милитсия: сарсухан, бобҳои 11, 12 (дар ҳаммуаллифӣ), 14;

**Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ** – сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия: боби 13 (дар ҳаммуаллифӣ);

**Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, генерал-майори милитсия: боби 19 (дар ҳаммуаллифӣ);

**Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович** – профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор: бобҳои 17, 18;

**Сафарзода Анвар Ислом** – профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор: боби 5 (дар ҳаммуаллифӣ);

**Раҳмадҷонзода Рифат Раҳмадҷон** – муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия: боби 21 (дар ҳаммуаллифӣ);

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – сарходими Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор: бобҳои 1 (дар ҳаммуаллифӣ), 2, 3 (дар ҳаммуаллифӣ), 4, 6, 10, 16 (дар ҳаммуаллифӣ);

**Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

дотсент: бобҳои 7 (дар ҳаммуаллифӣ), 20 (дар ҳаммуаллифӣ);

**Назарзода Носир Ҷобир** – профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия: боби 20 (дар ҳаммуаллифӣ);

**Солиев Карим Ҳоҷиевич** – сардори Раёсати ҳамкориҳои байналмилалии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия: бобҳои 5 (дар ҳаммуаллифӣ), 15 (дар ҳаммуаллифӣ);

**Ғаффорӣ Назира Абдуллозода** – профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: бобҳои 12 (дар ҳаммуаллифӣ), 13 (дар ҳаммуаллифӣ), 15, 22, 23;

**Заробидинзода Сулаймон Заробидин** – сардори шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия: боби 9 (дар ҳаммуаллифӣ);

**Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ** – сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия: бобҳои 1, 3, 5, 7, 8, 9, 19, 20, 21 (дар ҳаммуаллифӣ);

**Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо** – дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия: боби 8 (дар ҳаммуаллифӣ).

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

БПНМ – Бемории пайдошудаи норасоии масуният

ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ

ВНМО – Вируси норасоии масунияти одам

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИЧШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

КА – Кодекси андоз

КИҶҶ – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

КМ – Кодекси меҳнат

КМГ – Кодекси мурофиаи гражданӣ

КМҶ – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

КҲМ – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

КО – Кодекси оила

КТ – Кодекси тандурустӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶШС – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

МЭҲ – Машинаи электронии ҳисоббарор

РМЗҶМ – Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккил

РСС – Республикаи Советии Сотсиалистӣ

РСФСР – Республикаи Советии Федеративии Сотсиалистии Россия

САҲА – Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

СММ – Созмони Миллали Муттаҳид

## САРСУХАН

Ноил гардидан ба Истиқлолияти давлатӣ, роҳи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро фароҳам сохт. Барои амалисозии ин мақсади наҷиб, таҳқиқу баррасӣ ва омӯзиши асосҳои ҳуқуқии бунёди давлатдории навин аз муҳимтарин аркони давлати соҳибистиқлол мебошад. Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «...инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҷавҳари асосии сиёсати давлатро ташкил медиҳад, вале амалӣ намудани ин ҳадафҳои олӣ бе қонунҳои муосири ҷавобгӯи талаботи ҷомеаи демократӣ ва танзимкунандаи фаъолияти бонизоми мақомоти давлатӣ ғайриимкон аст».

Низоми арзишҳое, ки бо қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд, ба муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтаанд. Кодексҳои ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки солҳои 1935 ва 1961 қабул гардидаанд, дар мадди аввал манфиатҳои давлатро ҳифз мекарданд. Дар фарқият аз ин кодексҳо, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1998 қабул гардидааст, афзалияти ҳифзи арзишҳои шахсиятро нисбат ба ҷамъият ва давлат дар мадди аввал гузоштааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун сарчашмаи асосии қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф кардааст. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, вазифаи ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, озодӣ, обрӯ ва эътибор, озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар мадди аввал гузошта шудаанд. Дар ин маврид, мафҳуми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба маънои васеъ фаҳмида мешаванд, ки онҳо дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам карда шудаанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки раванди хеле босуръат касб намудааст, масъалаи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини тартиботу амният ва суботи ҷомеа зарурати

бештарро ба миён оварда, мавриди таваҷҷуҳи давлату Ҳукумат, бахусус доираи васеи олимону муҳаққиқон, коршиносони соҳа ва умуман аҳли ҷомеа қарор дорад.

Мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ниҳодҳои боэътимоду муқтадири ҳифзи ҳуқуқ буда, дар ҳамоҳангию ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, ҷиҳати пешгирӣ ва паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ, таъмини тартибот ва амнияти ҷамъиятӣ, муқовимат ба унсурҳои ҷинояткорӣ, аз ҷумла терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, савдои одамон, коррупсия, ҷинояткории муташаккилона ва фаромиллӣ, ки бо таъсири тамоюлҳои муосири ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадаанд, назаррас мебошад.

Инчунин, мақомоти корҳои дохилӣ дар баробари чунин масъулияти касбӣ, рисолати омодасозии кадрҳоро дар заминаи муассисаҳои таълимии вазорат, алалхусус Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мақомоти корҳои дохилӣ ва ниёзи дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ менамояд.

Бо ин мақсад, яке аз самтҳои афзалиятнок дар ҷодаи омодасозии кадрҳои миллӣ, ин пеш аз ҳама таъмин намудани раванди таълим бо адабиёти соҳавӣ мебошад, ки ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода шудааст. Бинобар ин, ба табъ расидани китоби дарсӣ як падидаи муҳим дар самти мукаммалсозии яке аз муҳимтарин соҳаҳои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ, бахусус соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо адабиёти таълимӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар заминаи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус муассисаҳои илмӣ ва таълимии он як зумра тафсиру адабиёти илмӣ, китобҳои дарсӣ ва дастуру воситаҳои таълимӣ ба табъ расидаанд.

Тадқиқи ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷиноятӣ яке аз бахшҳои муҳимтарин дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ маҳсуб ёфта, то имрӯз дар ин самт корҳои назаррас ба сомон расонида шудаанд.

Далели суханони мазкур таҳияи тафсири меъёрҳои фасли XI Кодекси ҷиноятӣ – “Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт” (Душанбе, 2001), Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанб, 2006) ва Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 2011) буда метавонанд.

Бо мақсади татбиқи дурусти меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ки

он бо дарназардошти шароити нави иқтисодиёти бозоргонӣ тартиб дода, дорои таркибҳои нави ҷиноятӣ буд ва амалияи ҳуқуқтатбиққунанда таҷрибаи дахлдори амалигардонии онҳоро надошт, тафсири (шарҳи) васеи он аз ҷониби Р.Ҳ. Раҳимов ва К.Ҳ. Солиев таҳия карда шуд. Тафсири илмӣ-амалии ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ки омода карда шуд, дар асоси таҳлилу хулосабандиҳои проблемаҳое, ки ҳангоми татбиқи он ба миён омаданд, аҳаммияти махсусе пайдо кард. Дар тафсири мазкур ҷиноятҳои муқобили моликият, ҷиноятҳои дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ва дигар ҷиноятҳои бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд шарҳу тавзеъ дода шуданд. Китоби мазкур пеш аз ҳама барои муфаттишон, кормандони мақомоти прокуратура, суд, адвокатҳо, донишҷӯён равона карда шуда буд.

Дар баробари қабули Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 13-уми июли соли 1998 таҳти №РП-662 гурӯҳи корӣ барои омода намудани тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Гурӯҳи корӣ аз 14 нафар (роҳбари гурӯҳи корӣ, роҳбари ҳайати таҳририя ва 12 аъзо) иборат буд. Роҳбари гурӯҳи корӣ М.С. Салиҳов, роҳбари ҳайати таҳририя С.О. Юсупова, аъзоёни гурӯҳи корӣ М.К. Ашуров, И.Х. Бобоҷонов, Ш.Ю. Зоиров, Л.А. Кабилова, Р.Ҳ. Раҳимов, Ю.С. Салимов, Ш.О. Салимов, К.Ҳ. Солиев, Т.Ш. Шарипов, С.Ш. Шаропов, М. Шафоатов, Ш.Т. Шоев тасдиқ карда шуд. Илова бар ин, аз ҷониби гурӯҳи кории наве, ки аз ҳисоби олимони ҷумҳурӣ ва кормандони амалияи ҳифзи ҳуқуқ созмон дода шуда буд, соли 2006 «Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шуд.

Ба гурӯҳи корӣ ҷиҳати омода намудани тафсири мазкур З.Н. Азизов, С.Э. Баҳриддинов, И.Х. Бобоҷонов, И.Б. Буриев, М.М. Ватанов, З.Ҳ. Искандаров, Ф.М. Нодиров, Р.Ҳ. Раҳимов, Р.М. Раҷабов, Ҳ.С. Салимов, И.Д. Сафаров, К.Ҳ. Солиев, Р.Ш. Сотиволдиев, Ғ. Холиқов Абдураҳим, Ғ. Холиқов Абдуманон, К.Н. Холиқов, Т. Шарипов, М.Ҳ. Ғафуров шомил шуда буданд.

Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба хонанда пешкаш карда шуд, пайвастагии нодири донишҳои касбии олимони ҳуқуқшиноси шинохтаи тоҷик дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва натиҷаҳои амалии татбиқи Кодексро аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода намуд. Дар тафсир меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ ба таври муфассал

таҳлил карда шуда, ба ҷиҳатҳои амалии татбиқи моддаҳои он диққати махсус дода шуд

Аз чоп баромадани Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиати тамоми ҳуқуқтатбиқкунандагон нигаронида шуд ва он бешубҳа ба худ диққати судяҳо, кормандони мақомоти тафтишот, прокуратура, дигар мутахассисон ва муҳаққиқини соҳаи ҳуқуқ, олимони ҳуқуқшинос, аспирантону одъюнктон, курсантону шунавандагон ва донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар, ки бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ таҳсил менамоянд, ҷалб намуд.

Соли 2011 аз ҷониби олимон ва мутахассисони соҳа, Тафсир ба моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шуд. Дар ин тафсир оид ба моддаҳое, ки ба тобеияти тафтишотии МКД вобаста мебошанд, баҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дода шудаанд.

Таълифи китоби дарсии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар се ҷилд, ки дар заминаи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҷалби олимони шинохта ва омӯзгорони ботаҷрибаи соҳа ба табъ расидааст, як падидаи муҳим дар самти татбиқи сиёсати давлатӣ, бахусус омӯзиш ва омода намудани мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замон маҳсуб меёбад. муҳиммияти китоб дар он ифода мегардад, ки бори нахуст дар таърихи ташаккул ва инкишофёбии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар чунин шакл таълиф гардидааст.

Дар ташаккул ва рушди илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ, таълифоти олимони намоён, аз қабили М.М. Муллоев, Р.Н. Ҳамроқулов, Я.М. Яковлев, Л.В. Франк, А.Д. Тартаковский, Ш.Р. Розиқов, Е.А. Андрусенко, Ҳ.С. Салимов, С.Ш. Шаропов, Т.Ш. Шарипов, Н.А. Ғаффорӣ, К.Ҳ. Солиев, С.Э. Баҳриддинов, Ҷ.С. Орипов, Р.Ҳ. Раҳимзода, Ҳ.Ш. Шарипов, З.Ҷ. Маҷидзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ғ.С. Сатторов, Ф.Р. Шарифзода, Б.С. Саидвализода, Н.И. Ахмедов, А.Х. Имомов, И.Р. Тулиев, Н.Б. Азимзода, А.И. Сафарзода, В.А. Абдуҳамитов, У.А. Азиззода, А.Қ. Назаров, Н.А. Қудратов, Р.Р. Раҳмадҷонзода, А.Ш. Ализода, П.А. Насуриён, С.Ҳ. Ҳусейнзода, Ҳ.С. Сафарзода, А.А. Абдурашидзода, Х.А. Умарӣ, Н.А. Самиев, Ф.А. Мирзоахмедов, З.А. Камолов, Т.М. Гайратов, Р.И. Шарипов, З.Х. Зокиров ва дигарон нақши назаррас ва арзанда доранд.

Дар тақвияти инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, олимони ҷавон ба мисли Б.Р. Бухоризода, С.З. Заробиддинзода, М.Ҷ. Раҳмонзода, М.П. Ҳайдарзода, С.С. Нарзуллозода, Ш.Т.

Аҳёзода, Ш.Л. Холиқзода, У.А. Сайфуллозода, Қ.Х. Мирзоев, Э.Б. Миралиев, М.М. Шарипов, Д.Б. Каримов, Н.А. Муллоҷонова, М.Н. Зиёбоева, Ф.Р. Муродзода ва дигарон саҳми худро гузошта истодаанд.

Бо рушди рӯзафзуни ҷомеа ва дар ин замина ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати тадқиқотҳои навро дар самти қонунгузории ҷиноятӣ тақозо менамояд.

Таълифи китоби ҳуқуқи ҷиноятӣ дар се ҷилд, ки бо забони давлатӣ ба тасвиб расидааст, як навъ кӯшишест дар таъмини раванди таълим бо адабиёти ватанӣ. Соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба низоми умумии соҳаи ҳуқуқи Тоҷикистон шомил буда, дорои нишонаҳо ва принсипҳои ба худ хос мебошад. Омӯзиши ин соҳаи мустақили ҳуқуқ имкон медиҳад, ки шунавандагону курсантон, донишҷӯёни муассисаҳои олӣ, самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи ҳимояи шахс, ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, таъмин намудани амнияти шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҷамъият ва давлат аз таҳдиди бо ҷинояткорӣ алоқамандбуда, ҳимояи муносибатҳои ҷамъиятии ҳаётан муҳим, ҳимояи манфиатҳои давлат дар дохил ва хориҷи кишвар аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, бархӯрдор бошанд.

Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар тарбияи кадрҳои баландихтисос барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми назаррас дорад. Масъалаи таълиму тарбияи кадрҳои соҳа, дар маркази диққати Роҳбарияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Дар ин партав дастовардҳои мушаххас низ ба даст омадаанд, ки эътибори муассисаҳои илмӣ ва таълимии мақомоти корҳои дохилиро боло бурда, заминаи моддӣ, иқтидори кадрӣ ва сифати таҳсилоти он ба талаботи стандартҳои сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мутобиқ гардонида шудаанд. Барои мисол, метавон сохтмони бинои наву замонавии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи милитсияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо қароргоҳ дар шаҳри Кӯлоб, Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи оташнишонӣ-техникии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон”дар ноҳияи Данғараро қайд намуд, ки бо муосиртарин ҷиҳози таълимӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Ҳамчунин, дар заминаи Академияи ВКД таъсис дода шудани Шурои диссертатсионӣ бо соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ,

таъсиси шуъбаи адъюнктура, ташкил гардидани маҷаллаи илмии “Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия, инчунин ворид гардидани он ба шохиси иқтибосоварии илмии Россия (РИНЦ), фаъолияти самарабахши беш аз 40 доктор ва номзадҳои илм дар ин муассиса далели гуфтаҳои болост.

Айни замон, ҷиҳати ба ҷараёни бозомӯзӣ ва такмили ихтисос пурра ва босифат ҷалб гардидани кормандон дар низоми муассисаҳои таълимӣ ва илмии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон “Донишкадаи омода намудани кормандони баландихтисоси МКД” таъсис дода шуда, истифодаи ин бинои таълимӣ ва дигар инфрасохтори он то охири соли 2023 дар назар аст.

Китоби дарсии мазкур ва барномаи таълимии фаннии он дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» аз 26 июли соли 2014 таҳти № 1122, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022 таҳти № 568 тасдиқ шудааст, омода гардида, дар он низоми амалкунандаи қонунгузории Тоҷикистон, сарчашмаҳои илмию таълимии ватаниву хориҷӣ, дастоварду натиҷаҳои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, инчунин тамоми тағйироту иловаҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ риоя ва истифода шудааст.

Китоби дарсӣ фарогири мавзуъҳои Қисми умумӣ ва Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, аз се ҷилд, сарсухан ва 43 боб иборат мебошад, ки бо дарназардошти фаслҳо, бобҳо ва моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таълиф гардидаанд.

Дар китоб аз Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармон ва дастурамалҳое, ки аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд, иқтибосҳо оварда шудаанд.

Китоби дарсии ҳуқуқи ҷиноятӣ баъд аз гузаронидани ташхиси мутахассисони соҳа, бо қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 02/5 аз 30-юми

январи соли 2023 ба сифати китоби дарсӣ барои донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ тавсия карда шудааст.

Китоби дарсии зикргардида, ки дар се ҷилд таълиф шудааст, барои курсантону шунавандагон, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ таҳсил менамоянд, аспирантону адъюнктон, докторантон, омӯзгорон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва доираи васеи хонандагон тавсия карда мешавад.

Муаллифон аз ҳамаи онҳое, ки фикру андешаҳои худро оид ба камбудиҳо ва норасогиҳои китоб пешниҳод менамоянд, сипосгузор мебошанд ва дар нашрҳои минбаъда онҳо такмил дода мешаванд.

***Раҳимзода Рамазон Ҳамро***

# БОБИ I
# МАФҲУМИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

**§ 1. Мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун фанни таълимӣ, предмет, метод ва низоми он**
**§ 2. Вазифа ва функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ**
**§ 3. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ**
**§ 4. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун илм**

## § 1. Мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ, предмет, метод ва низоми он

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ иборат буда, кадом кирдори ба ҷамъият хавфнок ҷиноят эътироф мегардад, асосҳо ва принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, инчунин намудҳои ҷазо ва дигар чораҳои маҷбурии дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятиро муқаррар мекунад.

Мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мазмунҳои зерин фаҳмида мешавад: 1) ҳамчун соҳаи қонунгузорӣ, 2) ҳамчун соҳаи ҳуқуқ; 3) ҳамчун соҳаи илм ва 4) ҳамчун фанни таълимӣ.

Ҳамчун соҳаи қонунгузорӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ аз маҷмӯи меъёрҳои ҳатмии рафтор иборат буда, аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти қонунгузории кишвар қабул гардида, муқаррар менамояд, ки кадом кирдорҳои ба муқобили шахсият, ҷамъият ва давлат хавфнок ҷиноят эътироф мешаванд, сазовори ҷазо будани онро муайян мекунад, асосҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро муқаррар менамояд, намудҳои ҷазо, инчунин ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон ва дигар чораҳои маҷбурии ҳуқуқии ҷиноятиро барои содир кардани ҷиноят пешбинӣ мекунад.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) қонуни ҷиноятӣ аз КҶ ҶТ иборат аст. Қонунҳои наве, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, бояд ба Кодекси ҷиноятӣ дохил карда шаванд.

Ҳамчун соҳаи ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ дар худ меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар асоси муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ

вобаста ба ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ пайдо мешаванд, дар бар мегирад. Яъне, мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ нисбат ба мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи қонунгузорӣ, васеътар мебошад.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун илм маҷмӯи ақидаҳои назариявӣ, идея ва муқаррарот оид ба институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ғайр аз таърихи инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ, инчунин сиёсати амалияи ҳуқуқтатбиққуниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ меомӯзад.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ омӯхта мешавад ва дар асоси тафсири қонунгузории ҷиноятӣ ва муқаррароти умумии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бунёд гардидааст.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, яке аз соҳаҳои асосии он ба шумор меравад. Он дорои хусусиятҳои умумие мебошад, ки дар дигар соҳаҳҳои ҳуқуқ низ ҷой доранд ва аз хусусиятҳои махсуси ба худ хос иборат мебошад, ки онро аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ бо асосҳои зерин тафовут дорад:

**Якум,** ҳуқуқи ҷиноятӣ манфиатҳои муҳими шахсият, ҷамъият ва давлатро ҳифз намуда, муносибатҳои ҷамъиятие, ки дигар соҳаҳои ҳуқуқ: ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ ва ғайраҳо ба танзим медароранд, ҳифз мекунад. Ҳангоми вайрон намудани меъёрҳои ин соҳаҳои ҳуқуқ, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ амали худро оғоз мекунанд. Аз ин рӯ, ҳуқуқи ҷиноятӣ барои амалӣ шудани муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ мусоидат менамояд.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ба тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ танҳо тавассути мубориза бар зидди ҷиноят, таъсир мерасонад. Дигар ягон соҳаи ҳуқуқ дорои чунин механизм (ҷиноят эътироф намудани кирдор ва таҳдиди татбиқи ҷазои ҷиноятӣ) намебошанд. Масалан, меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ муносибатҳои молумулкиро ба танзим медароранд, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бошанд, молу мулкро аз чунин амалҳои ҷиноятӣ – дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, қаллобӣ ва дигар кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ҳимоя ва ҳифз мекунад.

**Дуюм,** танҳо дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор, инчунин дигар оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ муқаррар карда шуда, асосҳои татбиқи ҷазо ва шартҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо муайян карда мешавад.

**Сеюм,** ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои методҳои батанзимдарории ба худ хос мебошад, ки ба махсусияти меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ асос

ёфта, аз методҳои манъкунанда (дастурдиҳӣ ва манъкунӣ) ва дар ҳолати истисноӣ, меъёрҳои иҷозатдиҳӣ, интститути ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд (боби 8 КҶ ҶТ) иборат мебошад.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ бо предмет, метод ва вазифаҳои худ фарқ мекунад.

Дар назарияи ҳуқуқ зери мафҳуми предмети (мавзӯи) ҳуқуқ маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқ ба танзим медарорад, фаҳмида мешавад. Хусусиятҳои сифатӣ ва гуногунии он имконият медиҳад, ки низоми ҳуқуқро ба соҳаҳо ҷудо намоем. Предмети ҳуқуқи ҷиноятиро муносибатҳои васеи ҷамъиятӣ, ки дар алоҳидагӣ онҳоро соҳаҳои дахлдори ҳуқуқ ба танзим медароранд, вале бо сабаби аз ҷониби шахс содир карда шудани ҷиноят ва нисбати ӯ татбиқи ҷазо ва дигар чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ пайдо мешаванд, иборат мебошад. Хусусиятҳои методҳои таъмини ҳуқуқи ҷиноятӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати танзими онҳоро зиёд мекунад. Инчунин, онҳо муносибатҳои махсусе, ки ба содир шудани ҷиноят алоқаманданд (муносибатҳои вобаста ба эътирофи ҳолати содиршавии ҷиноят, таъйини ҷазо ва дигар чораҳои маҷбурии дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ) ба вуҷуд меоранд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ду намуди предмети ҳуқуқи ҷиноятиро номбар намудан мумкин аст:

1. Ҳифзкунанда;
2. Танзимнамоии ҳуқуқии ҷиноятӣ.

**Ба гурӯҳи якум** он муносибатҳое дохил мешаванд, ки барои ҳифзи шахсият, ҷамъият ва давлат аз кирдорҳои ҷиноятӣ равона карда шудаанд. Муносибатҳои ҳифзшаванда байни давлат, дар шахсияти мақомоти ваколатдори он ва шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, ба вуҷуд меояд. Муносибатҳои мазкури ҳуқуқи ҷиноятӣ аз як ҷиҳат дорои хусусиятҳои яктарафа мебошанд: давлат дорои ҳуқуқ ва шахси гунаҳгор дорои уҳдадорӣ мебошад. Давлат дар ин муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дорои ҳуқуқ ба татбиқи ҷавобгарӣ нисбати шахс барои содир намудани ҷиноят ва татбиқи ҷазоҳои дахлдор, мебошад. Шахси ҷиноят содирнамуда бошад, уҳдадор аст, ки ба оқибатҳои ногуворе, ки бинобар вайрон намудани манъкуниҳои КҶ ҶТ пайдо шудааст, риоя ва иҷро кунад. Аммо шахси ҷиноятсодирнамуда ҳуқуқ дорад, ки кирдори ӯ тибқи моддаҳои дахлдор бандубаст карда шуда, нисбати ӯ ҷазои одилона таъйин карда шавад. Дар баробари ин, давлат уҳдадор мешавад, ки дар доираи талаботи қонун шахсро

ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида, ба ӯ ҷазо ва дигар чораҳои маҷбурии дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятиро татбиқ намояд.

**Ба гурӯҳи дуюми** муносибатҳои ҷамъиятие, ки предмети ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳанд, он муносибатҳои танзимнамоие дохил мешаванд, ки дар асоси меъёрҳои танзимнамоӣ (ваколатдоркунанда) муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳангоми амалӣ шудани ҳуқуқ ба мудофиаи зарурӣ, расонидани зарар ҳангоми зарурати ниҳоӣ, ҳангоми дастгир кардани шахси ҷиноятсодирнамуда ва дигар ҳолатҳои истиснокунандаи ҷиноят (боби 8 КҶ ҶТ) пайдо мешаванд. Хусусиятҳои махсуси муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии мазкур дар нақши дутарафаи қонуни ҷиноятӣ ифода меёбад: аз як тараф меъёрҳои он шахсонро барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ, инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои дигар шахсон аз кирдорҳои ҷиноятдкорона ҳавасманд гардонида, аз тарфи дигар омили худдорӣ кардани шахсон аз содир намудани ҷиноят ба шумор меравад. Дар ин ҳолат, шахсе, ки мудофиаи заруриро амалӣ намудааст, на танҳо бо давлат, балки бо шахсе, ки ҷиноятро содир намудааст, дар муносибат қарор дорад.

Асоси пайдо шудани муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятиро содир намудани кирдоре, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят, ки дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, баромад мекунад. Субъекти ҳуқуқи ҷиноятиро аз як тараф давлат дар шахсияти мақомоти ваколатдори он ва аз тарафи дигар шахси ҷиноятсодирнамуда (дар ҳолати пайдо шудани муносибатҳои танзимнамоии ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин шахсе, ки ҳуқуқ ба содир намудани рафторҳои дар боби 8 КҶ ҶТ пешбинишударо амалӣ намудааст), баромад мекунад.

Мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятиро ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқии субъектони он ташкил медиҳад.

Тавре дар боло қайд карда шуд, хусусиятҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин бо методҳои он ифода карда мешаванд.

Метод ин воситаи таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқ ба рафтори субъектони муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад. Агар дигар соҳаҳои ҳуқуқ методҳои ваколатдоркунанда, уҳдадоркунанда ва манъкунандаро муқаррар намуда бошанд, пас дар ҳуқуқи ҷиноятӣ методҳои ҳимояи манфиатҳои ҷамъият ва давлат аз кирдорҳои ҷиноятӣ, ин методҳои манъкунӣ, яъне манъ кардани содир кардани ҷиноят бо таҳдиди татбиқи чораҳои маҷбурии давлатӣ (ҷазо ва дигар чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ), баромад мекунад. Чунин воситаҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ вуҷуд надоранд: танҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷиноят ва сазовори ҷазо буда-

ни кирдор, инчунин манъкуниҳои ҷиноятӣ барои содир кардани он муқаррар карда мешавад.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ аз қисмҳои умумӣ ва махсус, ки низоми онро ташкил медиҳанд, иборат мебошад.

Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ асосан аз се институти мустақил – қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят ва ҷазо иборат мебошад, ки доираи он тамоми хусусиятҳои умумии ҷиноят ва ҷазо ба тартиб дароварда мешаванд. Дар Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаҳои вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ, принсипҳои он, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, амали қонунӣ ҷиноятӣ дар замон ва макон, мафҳуми ҷиноят, категорияҳои ҷиноят, шакл ва намудҳои гуноҳ, шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ (синну сол ва мукаллафӣ), номгӯйи ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, мафҳум ва хусусиятҳои давраҳои содиршавии ҷиноят, шарикӣ дар ҷиноят, мақсад ва низоми ҷазо, тартиби таъйини ҷазо, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо пешбинӣ карда шуда, хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон, инчунин чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, мустаҳкам карда шудаанд.

Аз фасли VII КҶ ҶТ Қисми махсуси КҶ ҶТ оғоз мегардад. Дар он аломатҳои ҷинояти мушаххас пешбинӣ карда шуда, ҷазои барои содир шудани онҳо пешбинӣ гардидааст. Меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба фаслҳо, фаслҳо ба бобоҳо ва бобҳо ба моддаҳо ҷудо карда шуда, моддаҳо аз қисмҳо, бандҳо ва дар баъзе ҳолатҳо аз эзоҳҳо иборат мебошанд.

Байни ҳарду қисмҳои КҶ ҶТ хусусияти диалектикии умумӣ ва махсус ҷой дорад. Масалан, фасли 3 КҶ ҶТ низом ва намудҳои ҷазоро муайян мекунад, ки онҳо дар санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мушаххас карда шудаанд. Муқаррароти фасли 4 КҶ ҶТ, инчунин дар эзоҳҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, ки намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро муайян мекунанд, амалӣ карда мешавад.

Аз ин рӯ, меъёрҳои Қисми умумӣ ва махсуси КҶ ҶТ аломатҳои як низом буда, дар алоқамандӣ ва ҳамбастагии якдигар қарор доранд: татбиқи Қисми махсус ба татбиқи меъёрҳои Қисми умумӣ ниёз доранд ва баръакс. Меъёрҳои Қисми умумӣ тавассут ва якҷоя бо Қисми махсус амалӣ карда мешаванд.

## § 2. Вазифа ва функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ

Вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар моддаи 2 КҶ ҶТ инъикос ёфтаанд, ки ба онҳо дохил мешавад: ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва

шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо иборат аст.

Аз муқаррароти меъёри мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар замони муосир дар назди ҳуқуқи ҷиноятӣ ду вазифаи асосӣ меистад: ҳифзи муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ аз кирдорҳои ҷиноятқорона ва пешгирии содиршавии ҷиноят.

Ҳифзи ҷамъият аз кирдорҳои ҷиноятӣ ин вазифаи анъанавии ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки барои амалӣ намудани он вуҷуд дорад.

Профессор Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) ақида дорад, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ се вазифаҳи асосиро КҶ ҶТ пешбинӣ мекунад: ҳифзи ҳуқуқӣ, тарбиявӣ ва пешгирии ҷиноятҳо[1]. Ақидаи профессор Р.Ш. Шарофзода аз мазмуни муқаррароти моддаи 2 КҶ ҶТ бар меояд.

Низоми арзишҳое, ки зери ҳифзи қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ қарор доранд, аз рӯйи муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ гирифта шуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст. Дар тафовут аз КҶ ҶШС Тоҷикистон, ки дар ҷойи аввал манфиатҳои давлатро ҳифз мекард, КҶ ҶТ соли 1998 бошад, афзалияти ҳифзи арзишҳоро ба тартиби зерин муайян намудааст: шахсият – ҷамъият – давлат.

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ дар сатҳи конститутсионӣ арзиши олӣ эътироф карда шудаанд (моддаи 5 Конститутсияи ҶТ), бинобар ин дар ҳуқуқи ҷиноятӣ вазифаи ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятии онҳо дар мадди аввал гузошта шудаанд. Дар ин маврид, мафҳуми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба маънои васеъ фаҳмида мешаванд, ки онҳо дар моддаҳои 14-47 Конститутсияи ҶТ мустаҳкам карда шудаанд.

Ба сифати объектҳои муҳими ҳифзи воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои сохти конститутсионии Тоҷикистон, ворид карда шудаанд. Аввалин маротиба ба шумораи объектҳои асосӣ ҳифзи муҳити зист, инчунин сулҳ ва амнияти башарият ворид карда шудаанд.

Инчунин, бори аввал вазифаи пешгирии ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам карда шуда бошад ҳам, чунин ва-

[1] Ниг. Сотиволдиев Р.Ш. Тафсири КҶ ҶТ / Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе, 2006. С.13.

зифа дар назди ҳуқуқи ҷиноятӣ доимо ҷой дошт. Ин вазифа, ҳам нисбати тамоми шаҳрвандон, ки дар моддаи 2 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва ҳам нисбати шахсоне, ки пеш ҷиноят содир намуданд, ки дар қисми 2 моддаи 46 КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудаанд, паҳн мегардад. Он тавассути таъсиррасонии рӯҳӣ ба шуури шаҳрвандон бо истифодаи воситаҳои зерин: боварикунонӣ ва таҳдиди татбиқи ҷазо, ки ба ангезаи рафтори қонунӣ таъсир мерасонад ва аз муносибати шахс бо манъкуниҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста мебошад. Чунончи, яке аз таҳдиди имконяти татбиқи ҷазо – даст ба кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ намезананд, дигаре бинобар сифатҳои ахлоқӣ ва принсипҳои ҳаётӣ – ҷиноят содир намекунанд. Барои онҳо ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун воситаҳои иловагии танзими рафтор баромад мекунад. Аз ин рӯ, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбати ду категорияҳои шахсон равона карда шудааст: аз таҳдиди таъйини ҷазо ҷиноят содир накардан ва шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд. Дар як вақт он ба шуури шахсоне, ки қонунро риоя мекунанд, таъсири мусбӣ расонида, арзишҳои ахлоқии онҳоро мустаҳкам мегардонад.

Вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо функсияҳои он алоқамандии ногусастанӣ доранд.

Зери мафҳуми функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ самтҳои асосии таъсиррасонии ҳуқуқии ҷиноятӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад.

Ғайр аз вазифаҳои ҳифзкунанда, пешгирикунанда, инчунин функсияҳои ҳавасмандгардонӣ, танзимнамоӣ ва тарбиявиро номбар намудан мумкин аст, ки моҳияти онҳо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ коркард шудаанд.

Функсияи ҳифзкунанда бо бевосита ҳифз намудани муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар моддаи 2 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, алоқаманд мебошад.

Функсияи пешгирикунанда пеш аз ҳама, ба худдорӣ намудан аз содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки дар шароитҳои муайян ба содир кардани ҷиноят қодиранд, нигаронида шудааст (пешгирии умумӣ). Баъдан, функсияи пешгирӣ бо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс алоқаманд мебошад. Тавассути таъйин намудани ҷазо нисбати шахсони мазкур назорати ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад, ки барои паст намудани имконияти содир шудани ҷиноят оварда мерасонад (пешгирии махсус).

Функсияи ҳавасмандгардонӣ барои ҳавасманд гардонидани шаҳрвандон бобати пешгирии ҷиноят ва аз байн бурдани оқи-

батҳои он мусоидат мекунад (мудофиаи зарурӣ, расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахси ҷиноятсодирнамуда ва ғайраҳо). Номгӯйи чунин ҳолатҳо дар боби 8 КҶ ҶТ, инчунин дар эзоҳҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ (моддаҳои 179, 181, 195, 320 ва ғайраҳо) пешбинӣ шудааст. Ғайр аз ин, функсияи ҳавасмандгардонӣ ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки ихтиёран аз ба итмом расонидани ҷиноят даст кашанд ва ё дар содир кардани ҷиноят иқрор шаванд.

Функсияи танзимнамоӣ ба танзими муносибатҳое, ки бо сабаби содир шудани ҷиноят байни субъектони ҳуқуқи ҷиноятӣ – шахсе, ки ҷиноят содир намудааст ва давлат дар шахсияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пайдо мешаванд, ба танзим медарорад.

Моҳияти функсияи тарбиявӣ дар ташаккули рафтори қонунии шахс, омода намудани онҳо ба иҷрои бемайлони меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, муносибати эҳтиётона ба арзишҳои шахсият, ҷамъият ва давлат, ифода меёбад. Функсияи мазкур тавассути иҷрои бевоситаи манъкуниҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, инчунин ба воситаи муқаррар намудани санксия барои иҷро накардани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалӣ карда мешавад. Ғайр аз ин, ҳолати амали қонунгузории ҷиноятӣ боварии шаҳрвандонро бобати ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо ва дар ногузирии ҷавобгарии шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, ба вуҷуд меорад.

Вазифа ва функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар давраи муайяни ташаккули барномаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ - иҷтимоии давлат номгӯйи онҳо мумкин аст тағйир ёбад, илова шавад ва ё аз байн равад.

Барнома ва тактикаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ қисми таркибии сиёсати дохилии давлат ба шумор меравад[2]. Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ маҷмӯи ғояҳои роҳбарикунандаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ки роҳҳо, воситаҳо ва методҳои мубориза бар зидди ҷинояткориро дар сатҳи давлатӣ муқаррар мекунад, эътироф мегардад. Дар доираи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ инҳо муайян карда мешаванд:

– принсипҳои асосии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ;

– рафторе, ки ҷиноят эътироф мешавад;

– рафторе, ки ҷиноят эътироф намешавад;

– асосҳо ва шартҳои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан;

– самаранокии меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ;

– сатҳи таъсиррасонии меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба шуури шаҳрвандон;

---

[2] Муфассалтар ниг: Третьяков И.Л. Уголовная политика современной России: монография / Под общ. ред. В.П. Сальникова. Санкт-Петербург, 2017.

– самтҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ.

Дар асоси таҳлили вазъияти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии давлат сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷорӣ карда мешавад: самтҳои ташакули қонуни ҷиноятӣ муайян карда мешавад, заминаи қонунгузории ҷиноятӣ дар асоси ҳолати соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷамъиятӣ омода карда мешавад ва қонунгузории ҷиноятӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ амалӣ карда мешавад.

## § 3. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ

Ҳар як соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ, ки муносибатҳои муайяни ҷамъиятиро ба танзим медарорад, дорои як катор муқарраротест, ки онҳо муайянкунанда ва роҳбарикунанда мебошанд. Аз мазмуни онҳо таъйинот ва хусусияти соҳаи мушаххас, муайян карда мешавад.

Амали ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки аз тарафи қонуни ҷиноятӣ ба танзим дароварда мешавад, ба маҷмӯи муқаррароти роҳбарикунанда ва муайянкунандае нигаронида шудааст, ки онҳо дар навбати худ таъйинот ва хусусияти тамоми қонуни ҷиноятиро ифода карда, дар рафти он нақши муҳимро мебозанд. Ин гуна асосҳоро принсип меноманд.

Худи калимаи «принсип» аслан лотинӣ буда, маънои он «асосҳо», «ғояҳо» мебошанд. Аз ин рӯ, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун қоидаҳои асосӣ ва умумие меноманд, ки шартҳои инкишофи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии ҷамъият ва арзишҳои онро ифода мекунад.

Аввалин маротиба ба қонунгузории ҷиноятӣ принсипҳои он дар боби якуми КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудаанд. Дар моддаҳои 4-10 КҶ ҶТ принсипҳои зерини қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар карда шудаанд: принсипҳои қонуният (моддаи 4 КҶ ҶТ), баробарӣ дар назди қонун (моддаи 5 КҶ ҶТ), ногузир будани ҷавобгарӣ (моддаи 6 КҶ ҶТ), ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ (моддаи 7 КҶ ҶТ), адолат (моддаи 8 КҶ ҶТ), инсондӯстӣ (моддаи 9 КҶ ҶТ) ва демократизм (моддаи 10 КҶ ҶТ).

Дар қонунгузорӣ мустаҳкам намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки мазмун ва моҳияти онҳо ҳаматарафа таҳлил гардида, ба ҷанбаҳои асосии он диққат дода шуда, институт ва меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар умум омӯхта шаванд.

Ҳангоми ҷиноят ва ғайриҷиноят эътироф намудани кирдор, пешбинӣ намудани меъёр ва институтҳои нав қонунгузор уҳдадор аст, ки аз рӯйи моҳияти принсипҳои роҳбарикунанда амал намояд.

Мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ, инчунин принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ба роҳбарӣ мегиранд ва ба онҳо шаҳрвандон низ ҳангоми ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ ва мубориза бар зидди ҷиноят, такя мекунанд.

**Принсипи қонуният.** Ин принсипи асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ ба ҳисоб меравад. Қонуният – принсипи умумиҳуқуқӣ ва универсалӣ буда, тамоми фаъолиятро ба низом медарорад. Дар моддаи 10 Конститутсия омадааст, ки Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

Талаботи принсипи қонуният дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар он аст, ки ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдорро танҳо КҶ ҶТ муайян мекунад.

Кодекси ҷиноятӣ қонуне эътироф мегардад, ки худмуайянкунанда буда, кадом ҳаракатҳо ҷиноятанд ва ба онҳо бо сабаби содиршавии ҷиноят кадом оқибатҳои ҳуқуқиро пешбинӣ намудан лозим аст, муайян менамояд. Ғайр аз Кодекси ҷиноятӣ дигар ягон қонун ё санадҳои зерқонунӣ ин масъалаҳоро ҳал карда наметавонанд. Ҳамчунин, ягон шахси мансабдор ё мақомоти давлатӣ (аз он ҷумла: судҳо, мақомоти прокуратура, тафтиш ва ғайра) аз пеши худ наметавонанд кирдори содиршударо ҳамчун ҷиноят муқаррар намояд. Ҷиноят будани кирдор ва ҷазои он танҳо дар асос ва дар доираи қонуни ҷиноятӣ муайян карда мешавад. Кодекси ҷиноятӣ ягона асоси муайянкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад.

Дар асоси принсипи қонуният тамоми меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ташаккул меёбанд, аммо дар баъзе ҳолатҳо он мушаххас карда мешавад. Чунончи, асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи талаботи моддаи 11 КҶ ҶТ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар КҶ пешбинигардида аст, ба шумор меравад. Дар меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ

намудҳои мушаххаси кирдори ба ҷамъият хафвноке, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят мебошанд, муқаррар карда шудаанд. Дар мафҳуми ҷиноят, ки дар моддаи 17 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба манъ будани содир шудани он бо таҳдиди татбиқи ҷазо низ ишора шудааст.

Аз ҷиноят будани кирдор ва сазовори ҷазо будани он бар меояд, ки он низ дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Дар КҶ ҶТ номгӯйи қатъии намудҳои ҷазо пешбинӣ гардида, шартҳо ва доираи татбиқи онҳо муайян шудаанд, ки имконияти таъйини ҷазоро дар онҳо пешбинӣ менамояд ва берун аз ҳадди он таъйин намудани ҷазоро истисно мекунанд.

Дар КҶ ҶТ, инчунин дигар оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ бинобар сабаби содир шудани ҷиноят пешбинӣ шудааст. Масалан, моддаи 84 КҶ ҶТ институти доғи судро, ки оқибати содир шудани ҷиноят мебошад, пешбинӣ мекунад: шахс доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъйин карда шудааст ва то рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ.

Қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ аз қисми 1 моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд, ки тибқи он «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад". Яъне, танҳо мақомоти судӣ метавонанд шахсро гунаҳгор дониста, нисбати он ҷазои ҷиноятӣ татбиқ намояд. Дигар ягон мақомоти давлатӣ ба ин ваколатдор нест. Танҳо ҳукми суд – ягона асоси татбиқи ҷазо шуда метавонад. Ҳукми судӣ – ягона санади ҳуқуқтатбиқкунандае мебошад, ки дар асоси он гунаҳгорӣ ва ҷазои ҷиноятӣ муайян карда мешавад. Ҳукми суд танҳо дар асоси меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ бароварда мешавад. Ҳукми суд бояд боадолат бошад, чунки тибқи моддаи 84 Конститутсияи ҶТ "суд қонунияту адолатро ҳифз менамояд”. Худи мақомоти судӣ низ бояд ҷавобгӯи талаботи моддаи 19 Конститутсияи ҶТ бошад, ки дар он омадааст: “Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд”.

Азбаски, ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар шудааст, татбиқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ бо истифодаи қиёс қатъиян манъ аст. Ин чунин маъно дорад, ки шахс барои кирдорҳои дар Кодекси ҷиноятӣ ба сифати ҷиноят пешбинӣ нашуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Бинобар ин, кирдоре, ки шаклан ба ягон моддаи Кодекси ҷиноятӣ монанд

бошаду вале аниқ пешбинӣ нашуда бошад, онгоҳ шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Ҳама гуна кӯшиши истифодаи қиёс дар ҷараёни татбиқи Кодекси ҷиноятӣ амали зиддиқонунӣ ва дағалона вайрон кардани принсипи қонуният ба шумор меравад.

Истифодаи қиёсро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (аз 30-юми майи соли 2017) танҳо нисбати соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ (Мисол: ҳуқуқӣ маданӣ) иҷозат медиҳад, аммо он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ манъ аст. Яъне, мақомоти судӣ ҳуқуқ надорад, ки ҳукми айбдориро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ бо истифодаи қиёси қонун (татбиқи меъёрҳои ҳаммаъноӣ Кодекси ҷиноятӣ) ва ё қиёси ҳуқуқ (татбиқи принсипҳо ва маънии умумии ҳуқуқ) барорад. Ҳукми айбдоркунанда ба шарте бароварда мешавад, ки агар ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор пешакӣ дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар шуда бошад. Айнан ҳамин тавр, мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ низ меъёрҳои Кодекси ҷиноятиро тариқи қиёс татбиқ карда наметавонанд.

Мутобиқи муқаррароти қисми 4 моддаи 4 КҶ ҶТ мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад. Яъне, ин маънои онро дорад, ки ҳангоми татбиқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ тафсири маҳдуд ё васеи онҳо иҷозат дода намешавад. Мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ҳақ надоранд аз матни меъёри Кодекси ҷиноятӣ берун бароянд. Матни ҳар як меъёри Кодекси ҷиноятӣ бояд айнан фаҳмида шавад. Он бояд тавре фаҳмида шавад, ки мазмуну матни меъёр ҳаммаъно бошанд, ба ҳам мувофиқат намоянд. Дар сурати ноил нашудан ба ҳаммаъногии меъёрҳо (Мисол: бо сабаби духӯрагии онҳо), ҳатман лозим аст, ки талаботи моддаи $11^1$ Кодекси ҷиноятӣ оид ба риоя кардани қоидаҳои тафсири қонуни ҷиноятӣ ба назар гирифта шавад.

Дар КҶ ҶТ зарурати тафсири айнан таъкид шудааст, яъне мувофиқи қисми 4 моддаи 4 он мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад. Ин ҷо сухан дар хусуси меъёрҳое меравад, ки ҷиноят будани кирдор (аломатҳои таркиби ҷиноят) ва сазовори ҷазо будани чунин кирдорро (ҷазои мушаххасро) муқаррар мекунанд. Ба ибораи дигар, дар ин ҷо меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ дар назар дошта мешаванд. Мақомоти тафтишиву судӣ ҳақ надоранд ин меъёрҳоро тавре маънидод намоянд, ки ягон аломати ҷиноят мадди назар гардад (тафсири маҳдуд) ва ё аломати нав ҳамроҳ шавад (тафсири васеъ). Дар ҷараёни татбиқи меъёрҳои Қисми умумӣ тафсири васеъ ё маҳдуд равост, ба шарте ки агар меъёри дахлдор ба ин иҷозат

диҳад. Мисол, тибқи қисми 4 моддаи 14 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятии кормандони дипломатӣ дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ анҷом дода мешаванд, яъне дар натиҷаи дастрас ва таҳлил намудани санадҳои байналмилалӣ мазмуни ин меъёр нисбат ба матнаш васеътар фаҳмида мешавад ё тибқи қисми 3 моддаи 61 КҶ ҶТ «Ҳангоми таъйин намудани ҷазо ҳолатҳои дигари дар қисми якуми ҳамин модда зикрнагардида мумкин аст ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ба назар гирифта шаванд». Яъне, ин меъёр низ ба таври васеъ тафсир мегардад.

**Принсипи баробарӣ дар назди қонун** аз меъёрҳои Эъломияи умумии ҳуқуқи башар сарчашма мегиранд (моддаҳои 7 ва 8). Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, волояти қонунро эълон намудааст. Дар моддаи 17 Конститутсия омадааст, ки ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд. Яъне, шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд дар назди қонун баробар буда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ новобаста аз вазъи иҷтимоӣ, мавқеи сиёсӣ, маълумот, миллат, нажот, ҷинс, забон ва эътиқоди динӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Баробарии шахсон дар назди қонун маънои баробарии онҳоро дар назди қонуни ҷиноятӣ дар назар дорад. Яъне, меъёрҳои КҶ ҶТ ба ҳама баробар паҳн мешаванд. Азбаски, ин меъёрҳо манъкунанда буда, дар ҳолати вайрон намудани онҳо, яъне содир кардани ҷиноят ва нисбати ҷинояткори мушаххас татбиқ мешаванд, принсипи баробарӣ аслан баробарии одамонро дар ҳолатҳои содиршавии ҷиноят дар назар дорад.

Баробарӣ дар аснои ҷалб намудани шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ шуда, баробарии ҷазоро дар назар надорад. Агар, ҷавобгарии ҷиноятӣ баробар бошад, пас ҷазо ба ҳамаи ҷинояткорон баробар татбиқ намешавад. Татбиқи ҷазо дар ҳама гуна мавридҳо мушаххас буда, ба принсипҳои ҷавобгарии фардӣ ва адолат (ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси ҷинояти содиршуда, шахсияти ҷинояткор ва ғайраҳо), мутаносибии ҷиноят ва ҷазо асос меёбад. Баробарӣ дар назди қонун ба ҳамаи шахсон ҳангоми ҷавобгарии ҷиноятии онҳо паҳн гардида, ҳар шахс новобаста аз ҳолатҳои номбаршуда барои ҷинояти содиркардааш ҷавобгар аст.

Ҷавобгарии ҷиноятии баъзе категорияҳои шахсон (судяҳо, вакилони мардумӣ, кормандони дипломатӣ ва ғайра) бо тартиби

махсус амалӣ карда мешавад. Мисол, тибқи моддаи 91 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «судяро бе ризоияти мақомоте, ки интихоб ё таъйин кардааст, ҳабс кардан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест». Дар айни замон, ин намуди меъёрҳо мухолифи принсипи баробарии ҷавобгарии ҷиноятӣ нест. Нисбати баъзе шахсон танҳо тартиби ба ҷавобгарӣ кашидан тағйир меёбаду халос. Аммо, ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ боқӣ мемонад.

Баробарии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар назди қонун дар айни замон баробариро дар назди суд низ дар назар дорад, зеро татбиқи ҷазои ҷиноятӣ – ваколати истисноии судҳост.

Дар шароити ба миён омадани бисёрҳизбӣ баробарии ҷавобгарии ҷиноятӣ новобаста аз мансубияти ҳизбӣ бомаврид аст. Мадди назар кардани ақидаҳои сиёсӣ низ мутобиқи ақидаи озодандешӣ мебошад. Ба инобат нагирифтани шаҳрвандӣ бошад, аз моҳияти Конститутсияи ҶТ, эътирофи ҳуқуқҳои фитрӣ ва зарурати ҳифзи онҳо бар меояд. Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ба инобат нагирифтани вазъи молумулкӣ ҳангоми ҷавобгарии ҷиноятӣ низ аҳаммият дорад.

**Принсипи ногузирии ҷавобгарӣ.** Ин принсип аз принсипи баробарӣ дар назди қонун бар меояд. Дар ҳолати содир шудани ҷиноят ҳеҷ гуна истисно ба ягон кас пешбинӣ намешавад. Ҳеҷ гуна ҷиноят бояд бе ҷазо намонад. Ошкор кардани ҷиноят, ба ҷавобгарӣ кашидани ҷинояткор – вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аст.

Ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ аз мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ сарчашма мегирад. Ҳама гуна ҷиноят, ҳаёти осудаҳолона ва амнияти ҷомеаро халалдор менамояд. Аз ин рӯ, мубориза бар муқобили ҷиноят, пешгирии он аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, дар айни замон тавассути ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба роҳ монда мешавад.

Принсипи мазкур аз мақсадҳои ҳимояи манфиатҳои шахси аз ҷиноят зарардида (ҷабрдида) бар меояд. Дар моддаи 21 Конститутсияи ҶТ омадааст: «Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад».

Агар принсипи баробарӣ дар назди қонун (моддаи 5 КҶ ҶТ) танҳо баробарӣ дар назди қонунро дар назар дошта бошад, пас принсипи ногузирии ҷавобгарӣ зарурати ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳам татбиқи ҳатмии ҷазои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятиро дар бар мегирад.

**Принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ.** Дар моддаи 7 КҶ ҶТ ду принсипи мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ муттаҳид карда шудаанд, ки инҳо:

1. Принсипи ҷавобгарии фардӣ (қисми 1 моддаи 7 КҶ ҶТ);
2. Принсипи гунаҳгорӣ (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 7 КҶ ҶТ).

Ҷавобгарии ҷиноятӣ фардӣ аст. Шахс барои ҷинояти содиркардааш худаш ҷавоб медиҳад. Барои ҷинояти вай падару модар, аъзоёни оила ё шахсони дигар ҷавоб намедиҳанд. Шахс танҳо барои кирдори ҷиноятии (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсиаш ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Кирдори ҷиноятӣ бошад дар шакли ҳаракати фаъолона ва ё ғайрифаъолона содир мешавад.

Асоси ҷавобгарии фардӣ танҳо кирдори шахс аст. Асоси ҷавобгарии ҷиноятиро андешаву ақидаҳои инсон ташкил карда наметавонанд, то онҳо дар амалия ифода нагардида бошанд. Шахс танҳо барои кирдораш ҷавобгар буда, барои ибрози ақида ҷавобгар нест. Аммо, ба шарте ки агар меъёрҳои конститутсионӣ муқобили манфиатҳои ҷомеа ва давлат истифода нашаванд. Мисол, моддаи 307 КҶ ҶТ "даъвати оммавӣ барои ба роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" – ҷиноят аст.

Шахс барои кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои бавуҷудомадаи он танҳо дар он сурате ҷавоб медиҳад, ки агар гуноҳи ӯ исбот шуда бошад. Агар гуноҳи ӯ исбот нагардад, пас шахс барои кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои он ҷавобгар нест. Гуноҳ аломати ҷиноят ва яке аз асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Агар дар кирдори шахс гуноҳ набошад, он гоҳ таркиби ҷиноят ҳам вуҷуд надорад ва аз ин лиҳоз, ҷавобгарии ҷиноятӣ низ фаро намерасад. Ба ифодаи дигар, принсипи мазкур аз формулаи зерини лотинӣ сарчашма мегирад: «nullum crimen, nulla poena sine culpa» - бе гуноҳ ҷиноят ва ҷазо вуҷуд надорад.

Ҷавобгарии гунаҳгорона – принсипи конститутсионӣ аст. Мутобиқи қисми 1 моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад». Ҳамин тариқ, вазифаи исботи гуноҳ ба зиммаи суд гузошта шудааст. Танҳо дар сурати эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд шахс гунаҳгор дониста мешавад. Ғайр аз суд дигар ягон мақомоти давлатӣ шахсро дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф карда наметавонад. Дигар ягон санадҳои ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти

давлатӣ (қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор) ба гуноҳи шахс эътибори ҳуқуқӣ дода наметавонанд.

Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгоркунии субъективиро эътироф мекунад, яъне ин чунин маъно дорад, ки қонун танҳо он кирдори ба ҷамъият хавфнокро ҷиноят эътироф мекунад, ки агар нисбати он шахс гунаҳгор дониста шавад ва нисбати чунин кирдор гуноҳи қасдона ё беэҳтиётона ҷой дошта бошад. Барои зарари бегуноҳона расонидашуда шахс ҷавобгар нест. Агар принсипи гунаҳгорӣ (гунаҳгоркунии субъективӣ) асоси ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ бошад, пас мутобиқи қисми 3 моддаи 7 КҶ ҶТ гунаҳгоркунии объективӣ, яъне, расонидани зарари бегуноҳона ҷавобгариро истисно мекунад. Ҳолатҳои бегуноҳ (тасодуф) расонидани зарар дар моддаи 31 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

**Принсипи адолат.** Дар асоси принсипи адолат ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд (моддаи 8 КҶ ҶТ).

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ принсипи адолат ба дигар маъно низ истифода карда мешавад: чун адолат қонуни ҷиноятӣ бо асосҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва асосноккунии криминологӣ алоқаманд буда, самаранокӣ ва мавҷуд набудани норасогиҳо, инчунин бо муқаррар намудани ҷазоҳои одилона барои содир намудани кирдори дар он пешбинишуда, яъне амали принсипи мазкур ҳам дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, роҳандозӣ мешавад. Масалан, ҷазо барои содир намудани одамкушӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ) нисбат ба ҷазо барои одамкушӣ бе ҳолатҳои вазнинкунанда ва бе ҳолатҳои сабуккунанда (оддӣ) (қисми 1 моддаи 104 КҶ ҶТ) сахттар мебошад, аммо барои одамкушӣ бо ҳолатҳои сабуккунанда (моддаҳои 105, 106 ва 107 КҶ ҶТ) ҷазои сабуктар нисбат ба намуди оддии одамкушӣ (қисми 1 моддаи 104 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст.

Адолат категорияи ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам ахлоқӣ аст. Адолати ахлоқиро аҳли ҷамъият (маҳкумшуда, хешовандони ӯ, иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, шахсони аз ҳукми айбдоркунӣ огоҳбуда ва дигарон) муайян месозанд. Онҳо ба ҳукми суд ва ҷазои таъйиншуда аз нуқтаи назари адолат баҳо медиҳанд. Агар ҷазо беадолатона бошад, боварии одамон нисбати қонун гум мешавад. Ҳукми беадолат боиси паст шудани обрӯву эътибори мақомоти судӣ мегардад. Вайрон шудани принсипи адолат – заминаи пастра-

вии нуфузи ҳокимияти судӣ мегардад ва баръакс, таъмини адолат дар ҷараёни таъйини ҷазо асоси муҳими устувории ҳокимияти судӣ аст.

Принсипи адолат маънои онро дорад, ки ҷазои ҷиноятӣ (ки номгӯйи онҳо дар моддаи 47 Кодекси ҷиноятӣ дарҷ гардидааст) ва чораҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ (Мисол, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббии дар моддаи 98 Кодекси ҷиноятӣ муайяншуда) бояд адолатона бошанд. Барои одилона будани онҳо риояи шартҳои зерин заруранд:

1) татбиқи ҷазо бояд ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷиноят мутобиқат намояд;

2) ҳангоми таъйини ҷазо ба инобат гирифтани ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи он;

3) ҳангоми таъйин намудани ҷазо ба инобат гирифтани шахсияти гунаҳгор.

Дар ҷараёни ба инобат гирифтани шартҳои дар боло зикргардида ҷазои ҷиноятӣ вобаста ба ҳолатҳои ҷудогонаи содиршавии ҷиноят мушаххас мегарданд, таносуби одилонаи байни ҷиноят ва ҷазо таъмин мешавад, хислатҳои фардии шахси ҷиноят содиркарда ба инобат гирифта шуда, ҷавобгарии фардӣ таъмин мегардад. Риояи принсипи адолат имкон медиҳад, ки нисбати шахсони гуногуни ҷинояти якхела содиркарда ҷазоҳои гуногун таъйин гарданд ва ҳангоми шарикӣ дар ҷиноят нақши ҳар як иштирокчии он ба назар гирифта шавад.

Яке аз шартҳои муҳими таъйин намудани ҷазои одилона, ин баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан ба кирдори гунаҳгор мебошад. Ҷиноятe, ки бо он судшаванда гунаҳгор дониста мешавад, бояд айнан мувофиқи моддаи (ё қисми моддаи) Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои чунин кирдор пешбинӣ менамояд, бандубаст карда шавад.

Хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят аз арзиши объекти таҷовузшаванда, намуди зарари расонидашуда (моддӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ ва ғайра), мансубии ҷиноят ба ин ё он категорияи ҷиноят вобаста аст. Дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят бошад, бо ҳолатҳои мушахаси ҷинояти содиршуда муайян карда мешавад. Мисол, бо дараҷаи анҷомдиҳии ниятҳои ҷиноятӣ, тарзи содиркунии ҷиноят, андоза зарари расонидашуда, вазнинии оқибатҳои бавуҷудомада, саҳми гунаҳгор дар содир кардани ҷиноят ҳангоми шарикӣ ва ғайра.

**Принсипи инсондӯстӣ** аз меъёрҳои конститутсионӣ сарчашма мегирад, ки тибқи он инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши

олӣ эътироф мешаванд (моддаи 5 Конститутсияи ҶТ). Ин меъёр ба ҳамаи шахсон тааллуқ дорад. Шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, новобаста аз ҷинояти содиркардааш ва дараҷаи хавфнокии кирдораш, инсон аст ва аз ин ҷиҳат муносибати инсониро нисбати худ талаб мекунад. Қонун наметавонад ҳуқуқҳои танҳо ҷабрдидаро ҳимоя намояд. Ҷазоҳои ҷиноятие, ки ба ҷинояткор таъйин карда мешаванд, ҳуқуқу озодиҳои ӯро маҳдуд мекунанд, аммо пурра маҳрум кардани ҳуқуқҳои маҳкумшуда мумкин нест.

Ҷазо ё чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки татбиқ мешаванд, аз се мақсади асосӣ иборатанд:

1) барқарор намудани адолати иҷтимоӣ;

2) ислоҳи ҷинояткор;

3) пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав.

Баҳри ноил гаштан ба ин мақсадҳо, ҷазо ё чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятии ба гунаҳгор таъйиншаванда бояд зарур ва кофӣ бошанд. Суд ҷазои ҷиноятиро, алалхусус ҷазоҳои вазнинро дар ҳолатҳои зарурӣ таъйин мекунад. Агар зарурати таъйини ҷазоҳои маҳрум сохтан аз озодӣ набошад, суд дигар намудҳои ҷазои сабуктари дар санксияи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинишударо таъйин мекунад. Ба ин мақсад, санксияҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ чунин ифода ёфтаанд, ки якчанд ҷазоҳои гуногунро пешбинӣ мекунанд (санксияи алтернативӣ). Ин ба суд имкон медиҳад, ки ҷазои барои ислоҳи ҷинояткор заруpашро интихоб намояд.

Дар баробари ин, ҷазоҳои ҷиноятии татбиқшаванда бояд кофӣ бошанд. Ҳолатҳои ҷинояти содиршуда ва шахсияти ҷинояткорро ба инобат гирифта, суд чунин ҷазо ё чораи дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ таъйин мекунад, ки ба ислоҳи шахси ҷиноятсодирнамуда ва пешгирии ҷиноятҳои нав кофӣ бошанд. Ҳар як ҷазои таъйиншуда мавриди муҳокимаи аҳли ҷомеа мегардад ва ба вазъи рӯҳии маҳкумшуда таъсири ҷиддӣ мерасонад. Агар ҷазо аз доираи талаботи қонун берун татбиқ шавад, пас аз як тараф, боиси рӯҳафтода шудани маҳкумшуда гардида, ба ислоҳи ӯ мусоидат намекунад ва аз тарафи дигар бошад, нобоварии мардумро ба ҳокимияти судӣ ва қонун ба миён меорад. таъйини ҷазои нокифоя низ ба ислоҳи маҳкумшуда мусоидат намекунад. Агар, фарз кунем, ки барои ҷинояти вазнин ҷинояткор аз озодӣ маҳрум нашуда, ба ӯ дигар ҷазои сабуктар таъйин гардад, эҳтимоли дар оянда аз ҷониби ӯ содир гардидани ҷиноятҳои нав мегардад.

Тибқи талаботи моддаи 5 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва қисми 3 моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифо-

даи шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ қатъиян манъ аст. Ҷазо ва чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ набояд ба шахс озори ҷисмонӣ расонанд ва ё шаъну эътибори инсонро таҳқир намоянд. Бояд зикр кард, ки бо мақсади дар амал татбиқ шудани меъёри мазкур, санаи 16 апрели соли 2012 ба КҶ ҶТ муқарраротӣ нав – моддаи 143[1] ворид карда шуд, ки он ҷавобгарии ҷиноятиро барои қасдан расонидани азобу уқубати ҷисмонӣ ва (ё) рӯҳӣ, ки аз ҷониби шахсе, ки таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ мегузаронад ё шахси мансабдори дигар ё бо таҳрики онҳо ё розигии хомӯшонаи онҳо ё бо огоҳӣ доштани онҳо аз ҷониби шахси дигар, бо мақсади аз шахси таҳти шиканҷа қарордошта ё шахси сеюм гирифтани маълумот ё иқроршавӣ ё ҷазо додани ӯ барои ҳаракате, ки содир намудааст ё дар содир намудани он гумонбар шудааст, инчунин тарсонидан ё маҷбур кардани ӯ ё шахси сеюм ё бо сабаби дигаре, ки ба ҳар гуна табъиз (дискриминатсия) асос ёфтааст, содир шудааст, пешбинӣ мекунад.

**Принсипи демократизм.** Принсипи демократизм дар он ифода меёбад, ки намояндагони ҷамъият дар ислоҳи шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, имкони иштирок карданро доранд. КҶ ҶТ муқаррар менамояд, ки на танҳо давлат ва мақомоти он (муассисаҳои иҷрои ҷазо ва ғайра), балки дигар қишрҳои ҷомеа низ дар ноил шудан ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ бевосита иштирок намоянд.

Қонун ин имконро ба ҳизбҳои сиёсӣ, дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон – иттифоқҳои касаба, созмонҳои занон, ветеранҳо, ташкилотҳои маъюбон, ҷавонон, иттиҳодияҳои илмӣ, техникӣ, маданию маърифатӣ, тарбияи ҷисмонию варзиш, эҷодӣ, ассотсиатсияҳо, кумитаҳо, дигар иттиҳодияи шаҳрвандон, ҷамоат чун мақоми худидоракунии шаҳрвандон (тибқи моддаи 78 қисми 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва коллективҳо медиҳад.

## § 4. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун илм

Аз соҳаи ҳуқуқ бояд илми ҳуқуқи ҷиноятиро фарқ намуд, ки қисми асосии илми ҳуқуқшиносӣ буда, низоми донишҳои (ақидаҳо ва фаҳмиши) инкишофёбанда дар бораи ҷиноят ва ҷазо, ҳуқуқи ҷиноятӣ дар умум, инчунин роҳҳо ва воситаҳои мубориза бар зидди ҷинояткориро дар бар мегирад.

Предмети илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нисбат ба предмети ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ васеътар буда, инҳоро дар бар мегирад:

а) қонуниятҳои пайдоиш, инкишоф ва ташаккули ҳуқуқи ҷиноятӣ;

б) механизмҳои ҳифзкунии ҳуқуқии ҷиноятӣ ва танзимнамоии ҳуқуқии ҷиноятӣ;

в) таърихи инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ва илми ҳуқуқи ҷиноятӣ;

г) қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ;

д) қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ва масъалаҳои такмилдиҳии он.

Омӯзиши ду институти асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ – ҷиноят ва ҷазо аз тарафи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба талаботи амалияи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар давраи муайян амалӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ ба натиҷаҳои тадқиқотҳои иҷтимоӣ, муқоисавии дар замони муосир амалкунанда ва меъёрҳои ҷиноятӣ – ҳуқуқии қаблан мавҷудбуда такя намуда, барои мушоҳиданамоии самаранокии онҳо хизмат менамояд. Дар асоси омӯзиши васеи таҷрибаи татбиқи қонуни ҷиноятӣ имконияти амалӣ намудани яке аз вазифаҳои асосии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар коркарди роҳҳо ва усулҳои ташаккулдиҳии қонунгузории ҷиноятӣ вобаста аз мавқеи аниқи иҷтимоӣ – сиёсӣ ифода меёбад.

Асоси методологияи илми ҳуқуқи ҷиноятиро котегорияҳо ва қонунҳои умумифалсафавӣ ташкил медиҳанд. Ба таври васеъ усул ва тарзҳои фаҳмиши мантиқӣ низ истифода мешаванд.

Методи расмӣ – догматикӣ (мантиқӣ) қонунгузории амалкунандаро бо роҳи гурӯҳбандии онҳо дар асоси алоқаҳо ва фарқияти техникӣ – ҳуқуқии онҳо меомӯзад. Методи мазкур дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ бо дарназардошти воситаҳои деалектикӣ (баромадан аз ягона ба умумӣ; индуксия ва дедуксия, таҳлил ва синтез, ягонагии мантиқӣ ва таърихӣ; баромадан аз абстрактикӣ ба мушаххас ва аз мушаххас ба абстрактӣ ва ғайраҳо) истифода мешавад. Маҳз тавассути методҳои мантиқӣ мутобиқатии мафҳумҳои асосии ҳуқуқии ҷиноятӣ ба воқеияти ҳақиқӣ муайян карда мешавад.

Методҳои таърихӣ имконият медиҳанд, ки категория ва институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар давраҳои инкишофи он омӯхта шавад, инчунин ҳолати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар давраи мушаххаси инкишофи ҷомеа баҳо воқеӣ дода шуда, сабабҳои мавҷудияти мухолифати ақидаҳо ва душвориҳое, ки дар давраи тадқиқшаванда дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷой дошт, омӯхта мешавад.

Методҳои ҳуқуқӣ – муқоисавӣ ҳангоми муқоисаи меъёрҳо ва институтҳои шабеҳи қонунгузории дохилӣ бо қонунгузории хориҷӣ истифода мешаванд. Муқоисаи мазкур имконият медиҳад, ки аксуламали ҷомеа бо ҷинояткорӣ муайян карда шавад. Дар асоси он меъёрҳои ягонаи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ташаккул дода шуда, чораҳои муфиди мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян карда мешавад.

Ғайр аз методҳои номбаргардида дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин методҳои сотсиологӣ истифода бурда мешаванд, ки он тадқиқ кардани ҳуқуқ бо ҳаққонияти бевоситаи ҷамъиятӣ дар асоси маълумоти воқеӣ машғул буда, зарурати танзими ҳуқуқӣ, амали воқеӣ ва зарурии ҳуқуқро меомузад. Методҳои сотсиологиро дар аксар вақт сотсиологияи ҳуқуқи ҷиноятӣ меноманд.

Чун соҳаи ҳуқуқ, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои низоми худ мебошад, ки аз Қисми умумӣ ва махсус иборат буда, доимо дар алоқамандии якдигар қарор доранд. Омилҳои гурӯҳбандии мазкур худи қонуни ҷиноятӣ ба шумор меравад. Қисми умумии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ низоми илман асосноки принсипҳо, институтҳо, ақидаҳо, назарияҳо, консепсияҳо ва мафҳумҳо, ки ба ёрии онҳо мураттабсозии Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ амалӣ карда шуда, барои фаҳмиш оид ба қонуни ҷиноятӣ, дар бораи ҷиноят ва дар бораи ҷазо замина муҳайё месозад. Бо ёрии категория ва мафҳумҳои Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаҳои ба ҷавобгарӣ кашидани шахс, бандубасти ҷиноят, таъйини ҷазо, озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо омӯхта мешаванд.

Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар замони муосир функсияҳои зеринро амалӣ мекунад:

1. Функсияи дарккунӣ;
2. Функсияи амалӣ.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ алоқамандии зич дорад. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо криминология, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Криминология илме мебошад, ки ҷиноят, сабаб ва шароитҳои содиршавии он, шахсияти ҷинояткор ва пешгирии содиршавии ҷиноятро меомӯзад.

Ҳуқуқи маъмурӣ ҷавобгариро барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба танзим медарорад ва бо ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қисми тафовути ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо ҳам бармехӯранд ва онҳо аз якдигар вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиршуда тафовут доранд.

Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ соҳаи мурофиавии ҳуқуқ мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки байни субъектони ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, ба танзим медарорад.

Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ муносибатҳоро вобаста ба иҷро расонидани ҷазо ва дигар чораҳои маҷбурии дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятиро ба танзим медарорад.

# БОБИ II
# ҚОНУНИ ҶИНОЯТӢ


**§ 1. Мафҳум, аломатҳо, вазифа ва функсияи қонуни ҷиноятӣ**
**§ 2. Сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ**
**§ 3. Низоми қонуни ҷиноятӣ**
**§ 4. Мафҳум ва сохтори меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ**
**§ 5. Амали қонуни ҷиноятӣ дар замон**
**§ 6. Қувваи бозгашти қонуни ҷиноятӣ**
**§ 7. Амали қонуни ҷиноятӣ дар макон**
**§ 8. Амали қонуни ҷиноятӣ дар доираи шахсон**
**§ 9. Супоридани шахсе, ки ҷиноят содир кардааст**
**§ 10. Тафсири қонуни ҷиноятӣ**


## § 1. Мафҳум, аломатҳо, вазифа ва функсияи қонуни ҷиноятӣ

Қонуни ҷиноятӣ ин санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, асос ёфта аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, муайян мекунад, ки кадом кирдорҳои ба шахсият, ҷамъият ва давлат хавфнок ҷиноят эътироф мешаванд, асосҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ҷазо ва дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятиро барои содир намудани онҳо муқаррар мекунад.

Тамоми меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар КҶ ҶТ ҷой дода шудаанд ва КҶ ҶТ санади ягонаи кодификатсионии сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад мекунад ва қабул кардани қонуни ҷиноятӣ ваколати истиснои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар асоси талаботи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

Аз сабаби он, ки КҶ ҶТ сарчашмаи ягонаи муайянкунандаи ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор мебошад, меъёрҳои нави

қабулшаванда бояд ҳатман ба он ворид карда шаванд. Аз ин рӯ, қонунгузории ҷиноятии ҶТ пурра кодификатсионӣ (мураттаб) карда шудааст.

КҶ ҶТ чун қонунгузории дигар соҳаҳои ҳуқуқ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд (моддаи 10 Конститутсияи ҶТ), асос ёфтааст ва дар сурати пайдо шудани мухофилат байни меъёрҳои КҶ ҶТ ва меъёрҳои конститутсионӣ, афзалият ба меъёрҳои конститутсионӣ дода мешавад.

Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор намераванд, зеро меъёрҳои навро пешбинӣ намекунанд ва танҳо меъёрҳои амалкунандаро шарҳ медиҳанд.

Дар асоси нуктаҳои зикргардида хусусиятҳои зерин ва аломатҳое, ки ба қонуни ҷиноятӣ хос мебошад, номбар кардан мумкин аст:

1. Қонуни ҷиноятӣ ин санади меъёрии мақоми олии ҳокимияти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

2. Қонуни ҷиноятӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос меёбад.

3. Қонуни ҷиноятӣ сарчашмаи ягонаи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад. Ҷиноят будани кирдор, сазовори будани онро танҳо қонуни ҷиноятӣ муайян менамояд.

4. Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади мураттабгашта (кодификатсионӣ) ба шумор рафта, дар КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудааст, ки дар он тамоми меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқии ҷиноятӣ ворид карда шудаанд.

5. Қонуни ҷиноятӣ таърихан тағйирёбанда буда, тағйирёбии он ба қонеъ намудани талабот ва манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологии ҷамъият равона карда шудааст.

## § 2. Сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ

Дар назарияи ҳуқуқ сарчашмаҳои ҳуқуқро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: сарчашмаҳои моддӣ ва сарчашмаҳои расмӣ.

Таҳти мафҳуми сарчашмаҳои моддӣ ин сарчашмаҳое фаҳмида мешаванд, ки меъёри ҳуқуқро эҷод мекунанд ва он меъёрҳое, ки асоси қонунгузории ин ё он соҳа ба шумор мераванд.

Масъалаҳо оид ба сарчашмаҳои моддӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ хеле баҳснок ба шумор меравcovers. Бояд қайд кард, ки сарчашмаҳои моддии ҳуқуқи ҷиноятӣ пеш аз ҳама ин ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравад. Меъёрҳои ҳуқуқ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, ки як самти фаъолияти давлатӣ ба шумор меравад, қабул карда мешавад.

Дар асоси моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд. Яъне, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро танҳо субъектони махсусе, ки дар Конститутсия пешбинӣ гардидаанд, соҳиб мебошанд.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун шуури ҳуқуқӣ номидан мумкин аст, ки он ҳам ба сифати яке аз сарчашмаҳои моддии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад мекунад. Шуури ҳуқуқи ин шакли нисбатан мустақили шуури ҷамъиятӣ ба шумор меравад ва аз маҷмӯи идеяҳо, ақидаҳо ва фаҳмишҳо иборат буда, муносибати инсонро бо ҳуқуқ муайян мекунад. Онҳо дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ нақши муҳим доранд. Шуури ҳуқуқӣ аз ду қисмат иборат аст: идеологияи ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқӣ.

Сарчашмаҳои расмии ҳуқуқи ҷиноятӣ ин шакли зоҳирии меъёрҳои ҳуқуқ ба шумор меравcovers. Агар сарчашмаҳои моддӣ хусусиятҳои мазмунии меъёрҳои ҳуқуқиро ифода кунад, пас сарчашмаҳои расмӣ шаклҳои онро ифода мекунанд. Сарчашмаи ягонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин Кодекси ҷиноятӣ ба шумор меравад. Нуқтаи назари мазкур пеш аз ҳама аз мазмуни қисми 1 моддаи 1 КҶ ҶТ бар меояд, ки тибқи он қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин Кодекс иборат аст. Қонунҳои наве, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, ба Кодекси ҷиноятӣ бояд дохил карда шаванд. Ҳамчунин қисми 1 моддаи 4 КҶ ҶТ ин гуфтаҳоро исбот мекунад, ки тибқи он ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо КҶ ҶТ муайян менамояд. Ақидаи ягонагии сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ будани қонуни ҷиноятӣ, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ умумиэътирофшуда ба шумор меравад.

Дар замони муосир одатҳо сарчашмаи расмии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор намеравcovers. Дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ одатҳо дар шакли хаттии ҳуқуқ ифода карда шуда буданд. Ба ақидаи Н.С. Таганцев "дар давраи ибтидоӣ одатҳои ҳуқуқӣ сарчашмаи ягонаи ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медоданд: муддати асрҳо онҳо дар шакли шифоҳии нонавиштаи ҳуқуқ мавҷуд буданд, аммо дар шакли хаттӣ

ифода ёфта бошанд ҳам, моҳияти худро аз даст намедиҳанд"[3]. Баъдан, дар давраҳои пайдоиши давлат ва ҷудо намудани ҳокимияти мустақили қонунгузорӣ, одатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун манбаи асосии қонунэҷодкунӣ ба шумор мерафтанд. Аз ин рӯ, одатҳо дар он сурате сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф мешаванд, ки агар онҳо аз ҷониби давлат мустаҳкам карда шаванд. Одатҳо сарчашмаи моддии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор рафта, сарчашмаи расмии он намебошанд.

Ба ақидаи мо, Конститутсияи ҶТ ба зумраи сарчашмаҳои моддии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад, на сарчашмаи расмӣ. Зеро тибқи талаботи моддаи 10 он Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд.

Сарчашҳои моддии ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба шумор мераванд. Шартномаҳои байналмилалие, ки дар худ меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятиро дар бар мегиранд, вобаста ба хусусият ва моҳияти худ наметавонанд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман амал кунанд, зеро: якум, на ҳамаи конвенсияҳои байналмилалӣ кирдоре, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиноят эътироф мешаванд, муайян намекунанд; дуюм, гарчанде конвенсияҳои байналмилалӣ тарафи объективӣ ва субъективии ҷиноятро муайян намоянд ҳам, аммо онҳо дар худ санксияро пешбинӣ намекунанд; сеюм, гарчанде конвенсияҳои байналмилалӣ чораҳои таъсиррасониро пешбинӣ намоянд ҳам, онҳоро мушаххас намекунанд.

Принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ барои пайдоиши меъёрҳои миллии қонуни ҷиноятӣ таъсир мерасонанд. Зеро, якчанд меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ба принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳавола мекунанд. Масалан, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 14, қисмҳои 2 ва 4 моддаи 15, моддаи 16 КҶ ҶТ ва ғайраҳо. Инчунин, дар боби 34 "Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният" пешбинӣ карда шудааст.

## § 3. Низоми қонунгузории ҷиноятӣ

Чи тавре дар боло қайд карда шуд, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз КҶ ҶТ иборат мебошад, ки санаи 21 майи соли 1998 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуда, аз санаи 1 сентябри соли 1998 мавриди амал қарор дода шудааст.

[3] Уголовное право. Общая часть / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова. М., 2001. С. 24.

ҚҶ ҶТ пеш аз ҳама аз ду қисм: Қисми умумӣ ва Қисми махсус иборат буда 15 фасл, 34 боб ва 405 моддаро дар бар мегирад.

Дар Қисми умумии ҚҶ ҶТ мафҳумҳое, ки барои ҳамаи ҷиноятҳо ва таркиби ҷиноятҳо зарур мебошанд, муайян карда шудаанд: вазифа ва принсипҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ; амали қонуни ҷиноятӣ дар замону макон; мафҳум ва намудҳои ҷиноят; шахсоне, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд; гуноҳ ва шаклҳои он; ҷинояти нотамом ва хотимаёфта; шарикӣ дар ҷиноят; ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд; мафҳум, мақсад ва намудҳои ҷазо; таъйини ҷазо; озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо; авф, бахшиши ҷазо, доғи судӣ, сафедкунӣ; хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.

Қисми умумӣ аз 6 фасл (фаслҳои 1-6), 15 боб (бобҳои 1-15) ва 103 модда (моддаҳои 1-103) иборат мебошад: Фасли I Қонуни ҷиноятӣ, Боби 1 Вазифа ва принсипҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ; Боби 2 Амали қонуни ҷиноятӣ дар замону макон; Фасли 2 Ҷиноят: Боби 3 Мафҳум ва намудҳои ҷиноят; Боби 4 Шахсоне, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд; Боби 5 Гуноҳ; Боби 6 Ҷинояти нотамом ва хотимаёфта; Боби 7 Шарикӣ дар ҷиноят; Боби 8 Ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд; Фасли 3 Ҷазо, Боби 9 Мафҳум, мақсад ва намудҳои ҷазо; Боби 10 Таъйини ҷазо; Фасли 4 Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо: Боби 11 Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ; Боби 12 Озод кардан аз ҷазо; Боби 13 Авф. Бахшиши ҷазо. Доғи судӣ. Сафедкунӣ; Фасли 5 Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон: Боби 14 Хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон; Фасли 6 Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ: Боби 15 Мақсад, асос, таъйин кардан ва тартиби татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.

Дар Қисми махсуси ҚҶ ҶТ намудҳои мушаххаси ҷиноят нишон дода шуда, намуд ва ҳадди ҷазо барои онҳо муайян карда шудаанд. Он низ аз фаслҳо ва бобҳо иборат буда, рақамгузории он бо Қисми умумии ҚҶ ҶТ ягона мебошад. Қисми махсуси ҶТ аз фасли 7 то 15, боби 16 то 34 ва моддаҳои 104 то 405 иборат буда, аз низоми ягонагии ҚҶ ҶТ шаҳодат медиҳад.

Фасл, боб ва моддаҳои Қисми махсуси ҚҶ ҶТ аз рӯйи намудҳои объекти ҷиноят сохта шуда, дар як вақт низоми Қисми махсуси ҚҶ ҶТ аз муҳиммияти объектҳои ҳифзшаванда шаҳодат медиҳанд.

Низоми Қисми махсуси КҶ ҶТ аз чунин фасл ва бобҳо иборат мебошад: Фасли 7 Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият: Боби 16. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ; Боби 17. Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият; Боби 18. Ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ; Боби 19. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд; Боби 20. Ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон; Фасли 8 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ: Боби 21 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ; Боби 22 Ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ; Боби 23 Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт; Фасли 9 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист: Боби 24 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист; Фасли 10 Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ; Боби 25 Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ; Фасли 11 Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт: Боби 26 Ҷиноятҳо ба муқобили моликият; Боби 27 Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ; Фасли 12 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ: Боби 28 Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ; Фасли 13 Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ: Боби 29 Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат; Боби 30 Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ; Боби 31 Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби идоракунӣ; Боби 32 Ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ; Фасли 14 Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ: Боби 33 Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ; Фасли 15 Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният: Боби 34 Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният.

Бобҳо ва фаслҳои Қисми махсус ва Қисми умумии КҶ ҶТ аз моддаҳо иборат буда, рақамгузории онҳо ягона мебошанд. Аксарият моддаҳои КҶ ҶТ аз қисмҳо ва бандҳо иборат мебошанд, ки бо ҳарфҳо ифода карда шудааст.

## § 4. Мафҳум ва сохтори меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ

Меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ – низоми қоидаҳои ҳатмии рафтор мебошанд, ки иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунанд. Вайрон кардан ва ё иҷро накардани меъёрҳои мазкур боиси татбиқи маҷбуркунии давлатӣ дар намуди ҷазои ҷиноятӣ мегардад. Меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар моддаҳои КҶ ҶТ таҷассум карда шудаанд. Аз ин рӯ, моддаҳои КҶ ҶТ ин шакли хаттии ифодаи

меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба шумор меравaнд. Меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва моддаҳои қонуни ҷиноятӣ мумкин аст бо ҳам мутобиқат накунанд. Чунин тарзҳои муносибати меъёрҳо ва моддаҳои қонунро ҷудо намудан мумкин аст:

1. Меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар як моддаи қонуни ҷиноятӣ ҷойгир шуданашон мумкинанд (ё як модда як меъёрро дар бар мегирад). Мисоли он, моддаи 108 КҶ ҶТ, ки як меъёр – аз беэҳтиётӣ ба марг расонданро дар бар мегирад, шуда метавонад.

2. Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар якчанд моддаҳои КҶ ҶТ ҷой дошта метавонанд. Масалан, меъёри қасдан одам куштан дар 4 моддаи КҶ ҶТ (моддаи 104, 105, 106,107 КҶ ҶТ), пешбинӣ карда шудааст.

3. Як моддаи қонуни ҷиноятӣ як ё якчанд меъёрҳоро дар бар мегирад. Чунончи моддаи 279 КҶ ҶТ ришвадиҳии тиҷоратӣ меъёрҳоро вобаста ба ғайриқонунӣ додани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк ва ғайриқонунӣ гирифтани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулкро дар бар мегирад.

Дар назарияи умумии ҳуқуқ се қисми таркибии меъёри ҳуқуқро ҷудо мекунанд: гипотеза, диспозитсия ва санксия.

Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ низ дар умум аз гипотеза, диспозитсия ва санксия иборат мебошанд. Бояд дар назар дошт, ки на ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои гипотеза, диспозитсия ва санксия мебошанд. Меъёрҳои Қисми умумӣ ва махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ аз рӯйи моҳияти худ тафовут доранд. Меъёрҳои Қисми умумӣ дар умум гипотезаро ташкил медиҳанд. Меъёрҳои Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ аз диспозитсия ва санксия иборат мебошанд.

**Гипотеза дар ҳуқуқи ҷиноятӣ** шартҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро муайян мекунад.

**Диспозитсия** он қисми меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки аломатҳои ҷинояти мушаххасро муайян мекунад. Аз ифодаи аломатҳои ҷиноятҳои дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардида чор намуди диспозитсияҳои ҳуқуқи ҷиноятиро фарқ намудан мумкин аст:

1. Диспозитсияи оддӣ;
2. Диспозитсияи тавсифкунанда (баёнкунанда);
3. Диспозитсияи ҳаволакунанда;
4. Диспозитсияи бланкетӣ.

Диспозитсияи оддӣ чунин диспозитсияе мебошад, ки дар он фақат номи ҷиноят баён карда шуда, аломатҳои он муқаррар намегарданд. Чунин диспозитсияҳо монанди мафҳумҳои умумиэъти-

рофшуда кам вомехӯранд, ки шарҳи иловагиро талаб намекунанд. Мисоли он моддаи 130 КҶ ҶТ – одамрабоӣ шуда метавонад.

Диспозитсияи тавсифкунанда (баёнкунанда) чунин диспозитсияе мебошад, ки на фақат номи ҷиноятро, инчунин аломатҳои асосии тафсифкунандаи онро баён мекунад. Мисол, диспозитсияи моддаҳои 104, 105, 110, 120, 138 ва ғайраҳои КҶ ҶТ.

Диспозитсияи ҳаволакунанда чунин диспозитсияе мебошад, ки дар он қисман аломатҳои ҷинояти мушаххас баён гардида, барои пурра кардани аломатҳои он ба дигар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳавола мекунад. Мисол, моддаи 117 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои азобу уқубат, яъне азобу уқубати ҷисмонӣ ё рӯҳӣ бо роҳи лату кӯби мунтазам ё бо усули дигари зӯроварӣ, агар он боиси оқибатҳои дар моддаҳои 110 ва 111 ҳамин Кодекс зикршуда нагардида бошад, пешбинӣ намудааст. Дар ин ҷо қонунгузор қисман аломатҳои ҷинояти азобу уқубатро баён намуда, барои пурра тафсиф намудани аломатҳои иловагии он ба моддаҳои 110 ва 111 КҶ ҶТ ҳавола кардааст.

Диспозитсияи бланкетӣ чунин диспозитсияе мебошад, ки қисман аломатҳои ҷинояти мушаххасро баён намуда, барои муайян кардани аломатҳои асосии ҷиноят ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ (ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайраҳо) ҳавола мекунад. Мисол, моддаи 259 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои соҳибкории ғайриқонунӣ, яъне татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ ё бидуни иҷозатномаи махсус (литсензия) дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозат (литсензия) ҳатмӣ мебошад ё бо вайрон кардани шартҳои литсензиякунонӣ ва (ё) бо роҳи истифода бурдани шахсони дигар, инчунин машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон ё расонидани зарар ба микдори калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё ба давлат содир шудааст, пешбинӣ мекунад. Барои ошкор намудани аломатҳои асосии таркиби ҷинояти мазкур, ба қонунгузории соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ – Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" аз 22-юми июни соли 2023, № 1968 ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола карда шудааст. Қонунҳои зикргардида намудҳои фаъолиятеро муайян мекунанд, ки иҷозатномадиҳиро талаб намуда, асосҳои ҳуқуқии додани иҷозатнома (литсензия)-ро барои ҳуқуқи машғулшавӣ ба намудҳои мушаххаси фаъолият муқаррар карда, ба риояи стандартҳо ва талаботи зарурии та-

хассусӣ барои таъмини ҳимояи манфиату амнияти шахс, ҷамъият ва давлат нигаронида шудаанд.

Санксия – ин қисми таркибии меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва қисми моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мебошад, ки намуд ва андозаи ҷазои ҷиноятиро муайян менамояд.

Намудҳои зерини санксияро дар КҶ ҶТ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Санксияҳое, ки як намуди ҷазоро пешбинӣ намудаанд;
2. Санксияҳое, ки ду ва зиёда ҷазоро пешбинӣ менамоянд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ санксияҳо чунин тасниф гардидаанд:

1. Санксияи мутлақо муайян. Он намуд ва андозаи аниқи ҷазоро муқаррар мекунад. Қонунгузории ҷиноятии мавҷуда санксияи мутлақо муайянро пешбинӣ намекунад, зеро барои фардикунонии ҷазо ва таъйини ҷазо вобаста ба ҳолатҳои содиршавии ҷинояти мушаххас ва шахсияти гунаҳгор имконият намедиҳад.

2. Санксияи нисбатан муайян. Он намуди мушаххаси ҷазо ва ҳудуди онро муайян мекунад, ки ду намуди онро фарқ намудан мумкин аст:

– бо нишон додани ҳадди болоии ҷазо ("бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол"). Ҳадди поёнии чунин намуди санксия дар Қисми умумии қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст;

– бо нишон додани ҳадди поёнӣ ва болоии ҷазо ("бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол"). Маҳз чунин намуди санксия паҳнгаштатарин санксия ба шумор меравад.

3. Санксияи алтернативӣ. Он ду ё зиёда намудҳои ҷазоро барои содир кардани ҷиноят пешбинӣ шуда, аз ҳамдигар бо пайвандаки “ё” ҷудо карда мешаванд ("ба корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду ҳаштод то дусаду чил соат ё бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ").

4. Санксияи мутлақо номуайян, ки на намуд ва на ҳаҷми ҷазоро муайян намекунад. Чунин намуди санксия дар низоми қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад. Аммо аксарияти шартномаҳои байналмилалие, ки мубориза бар зидди ҷиноятковиро муайян мекунанд, чунин намуди санксияро дар бар мегиранд.

## § 5. Амали қонуни ҷиноятӣ дар замон

Муаммоҳои амали қонуни ҷиноятӣ дар замон дорои якчанд омилҳои худ мебошад:

1. Эътибори қонунӣ пайдо кардан;
2. Аз эътибор соқит донистани қонун;
3. Вақти содир шудани ҷиноят;
4. Шаклҳои амали қонун дар замон;
5. Қувваи бозгашти қонун.

**Эътибори қонунӣ пайдо кардани қонун** пеш аз ҳама дар моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шудааст. Инчунин, ин масъала ба таври мушаххас дар Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ба танзим даровардa шудааст. Дар асоси талаботи моддаи 75 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" тартиби мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", худи санади меъёрии ҳуқуқӣ ё санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тартиби мавриди амал қарор додани он муқаррар менамояд. Мутобиқи қисми 7 моддаи 40 Қонуни зикргардида тартиби мавриди амал қарор додан ва эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар қоидаҳои хотимавии худи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё санади меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи намуди якхела дар бораи мавриди амал қарор додани он баён мешавад. Дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқии нав масъалаи беэътибор донистани санади меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар қоидаҳои хотимавии худи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё санади меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи намудашон якхела ифода мешавад.

**Аз эътибор соқит донистани қонуни ҷиноятӣ** маънои онро дорад, ки қонуни ҷиноятӣ амали худро манъ кардааст ва он дигар дар муносибатҳои ҷамъиятие (ҷиноятe), ки баъди он пайдо шудааст (содир шудааст) татбиқ намегардад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ду асоси аз эътибор соқит шудани қонуни ҷиноятӣ мавҷуд аст: бекор ва ё тағйир додан.

Бекор кардани қонуни ҷиноятӣ ҳангоме ҷой дорад, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ онро бо роҳҳои зерин дар санади меъёрии ҳуқуқӣ дарҷ карда бошад:

а) бо роҳи қабули қонуни алоҳида, ки эътибори дигар қонунро бекор мекунад;

б) бо роҳи тартиб додани номгӯйи қонунҳое, ки бо сабаби қабули қонуни нави ҷиноятӣ аз эътибор соқит дониста мешаванд;

в) бо роҳи дар қонуни наве, ки қонуни пештараро иваз менамояд, дарҷ кардани бекор кардани он;

г) бо роҳи дар қонун оид ба мавриди амал қарор додани қонуни нав, дарҷ намудани бекор кардани он.

Мисол, аз эътибор соқит шудани КҶ ҶТ, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 “Дар бораи тасдиқ кардани КҶ ҶТ” тасдиқ шудааст, дар қисми 2 Қонуни ҶТ "Дар бораи қабули КҶ ҶТ" пешбинӣ карда шудааст, ки тибқи талаботи он КҶ ҶТ, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 “Дар бораи тасдиқ кардани КҶ ҶТ” тасдиқ шудааст, инчунин ҳамаи қонунҳое, ки дар давраи аз 17 августи соли 1961 то 21 майи соли 1998 ба КҶ ҶТ тағйироту иловаҳо ворид кардаанд, аз рӯзи амалӣ гардидани Кодекси нав, яъне аз 1 сентябри соли 1998, беэътибор дониста мешаванд.

**Тағйир додани қонуни ҷиноятӣ** маънои онро дорад, ки қонунгузор қонуни нави ҷиноятиеро, ки муносибатҳои ҷамъиятии ба танзимдарории қонуни пешинаро танзим мекунад, қабул мекунад ва воқеан қонун аз эътибор соқит дониста намешавад.

**Вақти содир шудани ҷиноят.** Ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор бо қонуне, ки дар вақти содир намудани он кирдор амал мекунад, муайян карда мешавад (қисми 1 моддаи 12 КҶ ҶТ). Ба назари аввал вақти содир шудани ҷиноят ба тафсири махсус ниёз надорад, аммо он ба ҷиноятҳои оддӣ тааллуқ дорад. Ба худ тасаввур кардан ғайримкон аст, ки вақти содир шудани дуздӣ ҳам вақти амали қонуни куҳна ва амали қонуни навро дар бар гирад. Аммо баъзе ҷиноятҳои сершуморе ҳастанд, ки на танҳо бо моҳҳо балки солҳо содир мешаванд. Дар ин ҳолат муайян намудани вақти содир шудани ҷиноят мушкилотро ба миён меорад:

1. Дар таркиби расмии ҷиноят вақти содир намудани он, вақти содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок ба шумор меравад.

2. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ муддати тулонӣ масъалаи вақти содир кардани ҷиноятҳое, ки таркиби моддӣ доранд, баҳсӣ боқӣ мондааст. Дар ин ҳолат ду назарияи ба ҳам зид пайдо шудаанд. Аз нуқтаи назари як гурӯҳи онҳо вақти содир шудани чунин ҷиноятҳо вақти фаро расидани оқибатҳои он эътироф мешавад – бо таркиби моддӣ. Аз рӯйи ақидаи гурӯҳи дигари олимон, вақти содир шудани ҷиноятҳо, вақти содир кардани он, новобаста аз фаро расидани оқибатҳои он ба шумор меравад – бо таркиби расмӣ. Маҳз ҳамин нуқтаи назар дар қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам карда шудаст (қисми 2 моддаи 12 КҶ ҶТ).

3. Вақти содир шудани ҷиноят нисбати ҷиноятҳое, ки таркиби кутоҳкардашуда доранд, вақте эътироф карда мешавад, ки қонунгузор дар давраи содир шудани он ҷиноятро хотимаёфта эълон намудааст, яъне давраи тайёрӣ ба ҷиноят ё суиқасд ба ҷиноят.

4. Вақти содир шудани ҷиноятҳои давомдор вақти иҷрои кирдори ба ҷамъият хавфнок (амал ё беамалӣ), ки аз он иҷро накардани уҳдадориҳои давомдор оғоз мешавад, новобаста аз оне, ки кирдори зерини ҷиноятӣ кай қатъ мегардад, эътироф карда мешавад.

5. Вақти содир шудани ҷиноятҳои дарозмуддат вақти содир кардани кирдори охирон аз шумораи якчанд ҷиноятҳои монанд, ки бо як қасд содир мешаванд, ба шумор меравад.

6. Барои ҳар як шарики ҷиноят қонуни вақти иҷрои вазифаи ҳуқуқии он амал мекунад. Аммо вобаста ба ин масъала, дигар нуқтаи назар мавҷуд аст, ки тибқи он вақти содир кардани ҷиноятҳо дар шарикӣ вақти амалӣ шудани ҷиноят аз ҷониби иҷрокунанда ба шумор меравад, зеро иҷрокунанда институти муҳими шарикӣ дар ҷиноят ба шумор меравад, ки рафтори он ҷавобгарии дигаронро муайян мекунад. Дар фарқият аз вақти содир шудани ҷиноят бо таркиби моддӣ қонунгузорӣ оид ба масъалаи мазкур муқаррарот пешбинӣ накардааст. Аз ин рӯ, ҳар ду нуқтаи назар вуҷуд дошта метавонад.

7. Ҳангоми ҷинояти хотиманаёфта (агар ҷиноят дар давраи тайёрӣ ба ҷиноят ва ё суиқасд ба ҷиноят хотимаёфта бошад) вақти содир шудани он вақти қатъ шудани кирдори ҷиноятӣ, бо омилҳои аз иродаи шахс вобастанабуда ба шумор меравад. Яъне, ҷиноят ҳангоми қатъ шудан ва ё хотимаёфтани кирдори ҷиноятӣ, хотимаёфта эътироф мешавад.

**Шаклҳои амали қонуни ҷиноятӣ дар замон.** Амали қонуни ҷиноятӣ дар замон дар асоси се принсип амалӣ карда мешавад: принсипи амали фавран; принсипи ултрафаъол ва принсипи ретрофаъол (қувваи бозгашт).

Принсипи амали фаврӣ маънои онро дорад, ки баъди эътибори қонунӣ пайдо кардан, қонунӣ ҷиноятӣ нисбати он муносибатҳое татбиқ карда мешавад, ки баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани он ба вуҷуд омадаанд. Мисол, ҳамаи ҷиноятҳое, ки баъд аз 1 сентябри соли 1998 содир шудаанд, дар асоси КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Принсипи ултрофаъол дар қисми 1 моддаи 12 КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудааст, ки тибқи талаботи он ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор бо қонуне, ки дар вақти содир намудани он кирдор амал мекунад, муайян карда мешавад. Агар ҷиноят ҳангоми амали

КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 содир шуда бошад, пас шахси онро содиркарда новобаста аз оқибатҳои фарорасии он ва айби эълонкардашуда бо қонуни ҷиноятии қаблан амалкунанда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Яъне, гарчанде қонуни қаблан амалкунанда эътибори қонунии худро гум карда бошад ҳам, аммо дар муносибатҳои дар вақти амали он ба вуҷуд омада, татбиқ карда мешавад. Ҳолати истисноии амали принсипи мазкур дар моддаи 13 КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудааст.

Принсипи ретрофаъолӣ ба таври муфассал дар зербоби 5 ифода гардидааст.

## § 6. Қувваи бозгашти қонуни ҷиноятӣ

Принсипи ретрофаъолӣ ё қувваи бозгашти қонуни ҷиноятӣ маънои онро дорад, ки қонуни ҷиноятии нав ба муносибатҳое, ки то эътибори қонунӣ пайдо кардани он ба вуҷуд омадаанд, татбиқ шуданаш мумкин аст. Шартҳо ва асосҳои принипи мазкур дар моддаҳои 20 Конститутсияи ҶТ ва 13 КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудаанд, ки мутобиқи талаботи он қонуни ҷиноятие, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад, ҷазоро сабук ё ба тариқи дигар вазъи шахси ҷиноят содиркардаро беҳтар мекунад, қувваи бозгашт дорад, яъне ба шахсоне татбиқ мегардад, ки то эътибор пайдо кардани чунин қонун кирдор содир кардаанд, аз ҷумла ба шахсоне, ки муҳлати ҷазоро адо мекунанд ё кардаанд, вале доғи судӣ доранд. Аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани қонуне, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад, кирдори то эътибор пайдо кардани қонун содиршуда ҷиноят ҳисоб намешавад. Агар қонуни нави ҷиноятӣ ҷазои кирдореро, ки шахс барои содир кардани он муҳлати ҷазоро адо мекунад, сабук созад, ҷазои таъйиншуда бояд мутобиқи ҳадди болоии ҷазое, ки қонуни ҷиноятии нав муайян кардааст, ихтисор карда шавад.

Қонуни ҷиноятие, ки ҷиноят будани кирдорро муқаррар менамояд, ҷазоро пурзӯр мекунад ё ба тариқи дигар вазъи шахсеро, ки ин кирдорро содир намудааст, бадтар месозад, қувваи бозгашт надорад.

Дар назария ва амалияи татбиқи қонуни ҷиноятӣ ду намуди қувваи бозгашти он фарқ карда мешавад:

а) қувваи бозгашти оддӣ;

б) қувваи бозгашти тафтишӣ.

Қувваи бозгашти оддӣ ин паҳн гардидани қонуни нави нисбатан сабуки ҷиноятӣ ба он ҷиноятҳое, ки нисбати онҳо ҳоло

ҳукми суд эътибори қонунӣ пайдо накардааст. Агар дар ин ҳолат ҷиноят будани кирдор бартараф карда шавад, пас парвандаи ҷиноятии оғозгардида қатъ карда мешавад. Агар дар ин ҳолат вазъияти шахс сабук шавад, пас мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд ба он баҳои ҳуқуқӣ дода, бо дарназардошти қонуни нави ҷиноятӣ, ба шахс ҷазо таъйин мекунад.

Қувваи бозгашти тафтишӣ ин паҳн гардидани қонуни нави нисбатан сабуки ҷиноятӣ ба он ҷиноятҳое, ки нисбати онҳо ҳукми суд эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, фаҳмида мешавад. Агар ҳукми суд мавриди иҷро қарор дошта бошад, шахс ҷазоро адо намуда истода бошад ё доғи судии барҳамнахурда ва ё набардошта дошта бошад, пас парвандаҳои ҷиноятӣ аз нав мавриди тафтиши судӣ ва баҳодиҳии кирдор қарор дода мешавад ва кирдори онҳо ба қонуни наве, ки нисбатан сабуктар мебошад ё вазъи онҳоро сабуктар мегардонад ё доғи судиашонро бартараф мекунад, мутобиқ карда мешавад.

Ҳангоми эътибори қонунӣ пайдо кардани қонуне, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад, шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуда, он ҷиноятсодирнакарда эътироф карда мешавад. Агар қонуни нави ҷиноятӣ ҷазоро сабук кунад, он бояд нисбати ҳамаи шахсоне, ки ҷазоро адо мекунанд, татбиқ карда шавад.

## § 7. Амали қонуни ҷиноятӣ дар макон

Амали қонуни ҷиноятӣ дар макон маънои воқеан татбиқ шудани он аз ҷониби мақомоти адолати судӣ дар ҳудуди давлати мушаххас ба шумор меравад. Амали қонуни ҷиноятӣ дар макон бо принсипҳои зерин муайян карда мешавад:

1. Принсипи ҳудудӣ;
2. Принсипи шаҳрвандӣ;
3. Принсипи универсалӣ (умумӣ);
4. Принсипи воқеӣ.

Принсипи ҳудудӣ ин принсипи асосии амали қонуни ҷиноятӣ дар макон мебошад. Моҳияти принсипи мазкур дар қисми 1 моддаи 14 КҶ ҶТ дарҷ карда шудааст, ки тибқи он шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудааст, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Аз ин рӯ, муайян намудани ҳудуди амали қонуни ҷиноятӣ бо мафҳуми ҳудуди давлатӣ вобаста мебошад. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ зери мафҳуми ҳудуди давлатӣ қисми курраи замин фаҳмида

мешавад, ки ба давлати мушаххас вобаста аст ва дар ҳудуди он давлат ҳокимияти худро амалӣ мекунад.

Ба ҳудуди Тоҷикистон дохил мешаванд: марзи хушкӣ; марзи таги замин; ҳудуди обӣ; фазои ҳавоӣ; киштии обӣ ё ҳавопаймои қонунан тахти парчам ё аломатҳои шиносоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар обҳои кушод ё фазои ҳавои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракаткунанда; киштии ҳарбии обӣ ё ҳавопаймои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз маҳалли воқеъбудаи онҳо (Қонуни ҶТ "Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон").

**Ҳудуди хушкӣ** – ин қисми қитъавии давлат ва ҷазираҳои дар ҳудуди давлат мавҷудбуда ба шумор меравад. Аммо ба ҳудуди хушкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон ҷазираи дар ҳудуди ӯ ҷойдошта вуҷуд надорад.

**Ҳудуди обӣ** – ҳудуде мебошад, ки обҳои дохилидавлатӣ ва обҳои ҳудудиро дар бар мегирад. Ба ғайр аз ҳудуди обӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ боз мафҳуми обҳои кушод истифода мешавад, ки зери мафҳуми он ҳудуди обиеро мефаҳманд, ки дар он ягон давлат соҳибихтиёрии худро паҳн карда наметавонад ва ин ҳудуд баъди 12 мили баҳрие, ки аз нуқтаи охирини соҳили ин ё он давлат оғоз мегардад, сар мешавад (баҳрҳо ва уқёнусҳо).

**Фазои ҳавоӣ** – ин шартан сатҳи хаттии амудие мебошад, ки аз сарҳади давлатӣ мегузарад ва дар болои қаламрави хушкӣ, обӣ ва баҳрии давлат ҷойгир аст. Ҳудуди баландии сарҳади ҳавоӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар карда нашудааст. Дар амалияи байналмилалӣ одатан сарҳади ҳавоиро дар баландии аз 100-110 км., аз уқёнуси ҷаҳонӣ медонанд[4].

Ғайр аз инҳо, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ боз дигар объектҳое мавҷуданд, ки ба сарҳади давлатӣ баробар карда шудаанд. Мисол, амали қонуни ҷиноятӣ мумкин аст ба шелфҳои континенталӣ, минтақаҳои истисноии иқтисодӣ, киштиҳои баҳрӣ ва ҳавоӣ паҳн гардад. Киштии обӣ ё ҳавопаймои қонунан тахти парчам ё аломатҳои шиносоии ҶТ дар обҳои кушод ё фазои ҳавои берун аз ҳудуди ҶТ ҳаракаткунанда ҳудуди ҶТ ба шумор меравад. Киштии ҳарбии обӣ ё ҳавопаймои ҳарбии ҶТ новобаста аз маҳалли воқеъбудаи онҳо низ ҳудуди ҶТ мебошад.

Моҳияти принсипи ҳудудӣ дар он ифода меёбад, ки қонуни ҷиноятӣ вобаста ба ҷойи содиршавии ҷиноят татбиқ карда мешавад. Қонуни ҷиноятӣ ҷойи содиршавии ҷиноятро муайян намекунад, гарчанде масъалаи мазкур то ҳол баҳсӣ боқӣ мондааст. Муа-

[4] Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ // Зери таҳрири Маҳмудов М.А. Душанбе: "ЭР-граф", 2009. С. 418-419.

йян намудани ҷойи аниқи содиршавии ҷиноят на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти муҳими амалӣ низ дорад. Чунки, аз он интихоби қонуни ин ё он давлат вобастагӣ дорад ва дар охир ҳалли тақдири ҳуқуқии шахси ҷиноят содиркарда аз он вобаста аст. Вобаста аз аломатҳои объективӣ ва субъективии ҳамаи ҷиноятҳо ба якчанд категорияҳо тақсим мешаванд. Аз хусусияти кадоме, ки ҳалли масъалаи ҷойи содиршавии ҷиноят вобастагӣ дорад.

Ҷиноят бо таркиби расмӣ. Ҷойи содиршавии он ҳудуди ҳамон давлате ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо кирдори барои ҷамъият хавфнок (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содир шудааст.

Ҷиноятҳо бо таркиби моддӣ, масъала оид ба ҷойи содиршавии онҳо баҳснок мебошад. Қисми зиёди аз олимон чунин ақида доранд, ки ҷойи содир шудани ҷиноят ҳудуди ҳамон давлате ба ҳисоб меравад, ки дар он ҷо оқибатҳои кирдори барои ҷамъият хавфноки дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда, фаро расидааст. Дигар олимон дар он ақидаанд, ки ҷойи содиршавии ҷиноят бояд бо ҷойи иҷрои кирдори ба ҷамъият хавфноки қонун муқарраркарда аломақаманд мебошад ва аз ҷойи фаро расидани оқибати ҷиноятӣ вобастагӣ надорад. Аз ин рӯ, дар ҷиноятҳои бо таркиби моддӣ ҷойи содиршавии ҷиноят ҳудуди ҳамон давлате ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо кирдори ба ҷамъият хавфнок (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содир шудааст, новобаста аз ҷойи фаророрасии оқибати ҷиноятӣ.

Дар ҷиноятҳои бо таркиби кутоҳкардашуда ҷойи содиршавии ҷиноят ҳудуди давлате эътироф мешавад, ки дар ҳудуди он давраи муайяни ҷиноят, ки қонунгузор хотима ёфтани ҷиноятро пешбинӣ кардааст, ба амал омада бошад (тайёрӣ ба ҷиноят ва суиқасд ба ҷиноят).

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нуқтаи назари паҳнгашта вуҷуд дорад, ки тибқи он ҷойи содир шудани ҷиноят бо ҷиноятҳои дарозмуддат ҷойи ба охир расидан ва ё аз байн бурдани кирдори ҷиноятӣ ба шумор меравад. Нуқтаи назари мазкур аз ҷониби олимон баҳсҳоро ба вуҷуд овардааст. Мисол, агар шахс аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷойи адои ҷазо гурехта бошад ва он дар ҳудуди давлати дигар дастгир карда шуда бошад ва ё ба гуноҳаш иқрор шуда бошад, дар ҳудуди давлате, ки дастгир карда шудааст, барои гурехтан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ, мумкин ба ҷавобгарӣ кашида нашавад. Бинобар ин, ба ақидаи мо ҷойи содир шудани ҷиноятҳои дарозмуддат ҳудуди давлате ба шумор меравад, ки дар он ҷо кирдори ҷиноятӣ оғоз шуда буд.

Ҷойи содиршавии ҷиноят барои ҷиноятҳои давомдор ҳудуди давлате эътироф мешавад, ки дар он ҷо ҳодисаи охири ҷиноят, аз

шумораи ҷиноятҳои якчанд ҷиноятҳои ҳаммонанд содир карда шудааст.

Ҷойи содиршавии ҷиноятҳои нотамом ҷое эътироф карда мешавад, ки дар он фаъолияти ҷиноятӣ қатъ ва ё аз байн бурда шудааст. Мисол, агар ҷиноят дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуда бошаду он дар ҳудуди дигар давлат дар давраи тайёрӣ ба ҷиноят ва суиқасди ҷиноят қатъ ва ё аз байн бурда бошад, ҷойи содиршавии он ҳудуди ҳамон давлат эътироф мешавад. Ҷойи содиршавии ҷиняотҳои нотамом танҳо дар он сурат ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мешаванд, ки агар он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ ва ё аз байн бурда шуда бошад.

Ҷойи содиршавии ҷиноятҳо дар шарикӣ ҷое эътироф мегардад, ки дар он фаъолияти ҷиноятии иҷрокунанда ба анҷом расидааст ва ё қатъ карда шудааст.

Бинобар ин, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷойи содиршавии ҷиноят бо ин ё он роҳ бо ҷойи хотимаёбии ҷиноят ва ё ҷойи қатъ карданифаъолияти ҷиноятӣ алоқамандӣ дорад.

Принсипи ҳудудии амали қонуни ҷиноятӣ дар макон маънои онро дорад, ки тамоми шахсоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир кардаанд, новобаста аз вазъи ҳуқуқӣ – давлатӣ бояд тибқи талаботи КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Ба ин категорияи шахсон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахосони бешаҳрванд дохил мешаванд. Вазъи давлатӣ – ҳуқуқӣ дар ин ҳолат аҳаммияти ҳалкунанда надорад.

Истиснои принсипи ҳудудии амали қонуни ҷиноятӣ дар макон ин принсипи экстраҳудудӣ ба шумор меравад, ки дар қисми 4 моддаи 14 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудааст, ки тибқи он масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии намояндагони дипломатии давлатҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони дигари дорои масуният, дар ҳолати аз ҷониби ин шахсон содир шудани ҷиноят дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳал мешавад.

Номгӯйи шахсоне, ки аз масунияти дипломатӣ истифода мебаранд дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мустаҳкам карда шудаанд. Пеш аз ҳама сухан дар бораи Конвенсияи Вена оид ба робитаҳои дипломатӣ аз соли 1961, Конвенсияи Вена оид ба робитаҳои консулӣ аз соли 1963, Конвенсияи Вена оид ба намояндаҳои давлатҳо дар муносибатҳои онҳо бо ташкилотҳои универсалии ҷаҳонӣ аз соли 1975 меравад.

Масунияти дипломатӣ маънои онро дорад, ки шахсе, ки чунин масуниятро соҳиб мебошад, дар асоси қонуни ҷиноятии давлате, ки

дар ҳудуди он ҷиноят содир намудааст, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад. Одатан, ҳангоми аз ҷониби онҳо содир карда шудани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, нисбати онҳо персона нон гранд (шахси нохоҳам) эълон карда шуда, аз ҳудуди давлати ҷойгиршуда хориҷ карда мешавад. Аммо шахсе, ки дорои масунияти дипломатӣ буда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон агар ҷиноят содир карда бошад, он мумкин аст дар асоси қонуни ҳамон давлате, ки онро намояндагӣ мекунад, ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Ғайр аз ин, тибқи талаботи моддаи 32 Конвенсияи Вена давлате, ки намояндаро ирсол намудааст, ҳуқуқ дорад, ки аз масунияти дипломатӣ даст кашад. Дар ин ҳолат шахси дорои масунияти дипломатидошта тибқи қонунгузории давлате ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ки дар ҳудуди он ҷиноят содир кардааст.

Принсипи ҳудудии амали қонуни ҷиноятӣ дар макон принсипи асосии амали қонунӣ ҷиноятӣ ба шумор меравад, вале он принсипи ягона нест. Яъне, дар баробари амали принсипи ҳудудӣ, боз принипи шаҳрвандӣ амал мекунад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ принсипи мазкур ҳамчун принсипи тобеияти шахсӣ ном гирифтааст ва моҳияти он дар он ифода мегардад, ки шахсе, ки дар кадом ҳудуде ҷиноят содир кардааст бояд тибқи талаботи қонунгузории давлати худ барои кирдораш ҷавоб диҳад. Принсипи шаҳрвандӣ дар қонуни ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 1 моддаи 15 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудааст, ки тибқи талаботи он шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахси бешаҳрванди доимо дар он истиқоматкунанда барои ҷинояти дар ҳудуди давлати хориҷӣ содиркардааш мутобиқи КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар кирдори содиркардаи ӯ дар давлате, ки дар ҳудуди он ин кирдорро содир кардааст, ҷиноят эътироф карда шавад ва агар ӯ барои ин ҷиноят дар давлати хориҷӣ маҳкум нашуда бошад. Ҳангоми маҳкум кардани шахсони мазкур ҷазо набояд аз ҳадди болои санксияи пешбининамудаи қонуни давлати хориҷие, ки дар ҳудуди он ҷиноят содир шуда буд, зиёд бошад.

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахси бешаҳрванди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо истиқоматкунанда барои ҷинояти дар ҳудуди давлати хориҷӣ содиркардааш мутобиқи КҶ ҶТ дар ҳолате низ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ки мутобиқи моддаҳои мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳз барои дар ҳудуди давлати хориҷӣ содир намудани ҷиноят пешбинӣ гардида бошад. Дар ин маврид ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи 15 КҶ ҶТ (ба истисноӣ маҳкум шудан) пешбинигардида ба инобат гирифта намешаванд. Мисол, ҷалб ва иштироки ғай-

риқонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо – моддаи 401[1] КҶ ҶТ.

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахси бешаҳрванди доимо дар он истиқоматкунанда вазифадоранд, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд. Шаҳрвандоне, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, таҳти ҳимояи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, ҳангоми содир кардани ҷиноят берун аз ҳудуди он бо қонунгузории давлати худ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Дар баробари ин давлате, ки дар ҳудуди он ҷиноят содир шудааст, ҳуқуқ дорад, ки шахси мазкурро тибқи қонунҳои худ ба ҷавобгарӣ кашад. Аз ин рӯ, принсипи шаҳрвандӣ ҳангоме татбиқ карда мешавад, ки шахс вобаста ба ин ё он сабаб дар ҳудуди давлате, ки дар он ҷиноят содир намудааст ба ҷавобгарӣ кашида нашудааст. Зеро, дар қонуни ҷиноят шарти истифодаи принсипи мазкур чунин ифода карда шудааст "агар ӯ барои ин ҷиноят дар давлати хориҷӣ маҳкум нашуда бошад".

Зарурати воқеии истифодаи принсипи шаҳрвандӣ дар мавридҳои зерин пайдо мешавад:

1. Ҷиноят берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудааст, аммо ҳангоми ошкор кардани он аз ҷониби мақомоти давлати хориҷӣ шахси онро содиркарда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад;

2. Шахс берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудааст, аммо бо талаби Ҷумҳурии Тоҷикистон он супорида шудааст.

Шарти дуюми он ҳангоме татбиқ карда мешавад, ки кирдоре, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудааст, дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонуни давлате, ки дар ҳудуди он содир шудааст, ҷиноят эътироф шавад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти дushaҳрвандӣ (бипатризм)-ро пешбинӣ намудааст. Дар асоси талаботи моддаи 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шаҳрвандӣ" шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шаҳрвандии дигар давлатро низ доранд, танҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мешаванд, ба истисноИ ҳолатҳое, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муқаррароти дигаре пешбинӣ накарда бошанд.

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ масъалаи мазкур аз рӯйи принсипи "шаҳрвандии бартаридошта" истифода карда мешавад, ки дар асоси он шахс тибқи қонуни ҳамон давлате ба ҷавобгарӣ кашида ме-

шавад, ки агар дар ҳудуди он ӯ, оилаи ӯ ба таври доимӣ зиндагонӣ намуда, дар он ҷо кору фаъолият кунанд.

Принсипи универсалии амали қонуни ҷинояти дар макон аз уҳдадориҳои байналмилаии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бар зидди ҷинояткорӣ бар меояд, ки моҳияти он дар қисми 2 моддаи 15 КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудааст, ки тибқи талаботи он шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо истиқоматнакунанда барои ҷинояти берун аз ҳудуди Тоҷикистон содир кардааш бо КҶ ҶТ дар ҳолатҳои зерин ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агар ӯ:

а) ҷиноятe содир карда бошад, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда ё меъёрҳои муқаррарнамудаи қарордод ё созишномаҳои байнидавлатӣ пешбинӣ намудаанд;

б) бар зидди шаҳрвандони Тоҷикистон ё манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти вазнин ё ҷинояти махсусан вазнин содир карда бошад.

Принсипи мазкур ҳамчун истисно аз принсипи ҳудудии амали қонуни ҷиноятӣ дар макон ба шумор меравад. Моҳияти принсипи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки шахс новобаста аз ҷойи содиршавии ҷиноят ва шаҳрвандиаш тибқи талаботи қонунгузории миллӣ аз ҷониби тамоми давлатҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Принсипи воқеии қонуни ҷиноятӣ дар макон маънои онро дорад, ки давлат амали қонуни ҷиноятии худро нисбати шаҳрвандони хориҷие, ки берун аз ҳудуди он ҷиноят содир кардаанд, паҳн мекунад, агар онҳо ба манфиатҳои он таҳдид кунанд. Қонунгузории шуравии ҷиноятӣ принсипи мазкурро манъ мекард, аммо КҶ ҶТ соли 1998 амали онро иҷозат дод. Шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо истиқоматнакунанда барои ҷинояти берун аз ҳудуди он содиркардааш мутобиқи КҶ ҶТ дар ҳолате, ки бар зидди шаҳрвандони Тоҷикистон ё манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти вазнин ё ҷинояти махсусан вазнин содир карда бошанд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (сархати 2 қисми 2 моддаи 15 КҶ ҶТ).

## § 8. Амали қонуни ҷиноятӣ дар доираи шахсон

Субъекти ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо шахсони воқеӣ шуда метавонанд. Шахсони ҳуқуқӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва тамоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ субъекти ҷиноят эътироф намешаванд. Бинобар ин, амали қонуни ҷиноятӣ нисбати

гурӯҳи шахсон аз вазъи давлатӣ – ҳуқуқии онҳо вобаста мебошад. Аз ин рӯ, тамоми субъектони ҳуқуқи ҷиноятиро ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд.

Шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон – робитаи устувори сиёсию ҳуқуқии шахс бо Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маҷмӯи ҳуқуқ ва ухдадориҳои мутақобилаи тарафҳоро дар бар мегирад. Масъалаи шаҳрвандиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии ҶТ "Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[5] ба танзим медорорад. Дар асоси талаботи моддаи 1 Қонуни конститутсионии зикргардида – шахсе, ки дар рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб шуда бошад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст ҳам дар асоси принсипи ҳудудии амали қонуни ҷинояти дар макон (яъне ҳангоми содир кардани ҷиноят дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ҳам дар асоси принсипи шаҳрвандии амали қонуни ҷиноятии Ҷумҳури Тоҷикистон дар макон (яъне ҳангоми содир намудани ҷиноят берун аз ҳудуди он) ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Шахси бешаҳрванд – шахсе эътироф мегардад, ки тибқи қонунгузории ягон давлат шаҳрванди он ҳисобида намешавад. Аз нуқтаи назари қонуни ҷиноятӣ ҳамаи шахсони бешаҳрванд ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд: доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматкунанда ва доимо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқоматнакунанда. Ба гурӯҳи якум он шахсони бешаҳрванде дохил мешаванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз 183 рӯзи тақвимӣ истиқомат намуда бошанд. Нисбати ин гурӯҳи шахсон ҳам принсипи ҳудудии амали қонуни ҷиноятӣ дар макон (агар дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир карда бошанд) ва ҳам принсипи шаҳрвандии амали қонуни ҷиноятӣ дар макон (агар берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир карда бошанд), татбиқ карда мешавад. Шахсони бешаҳрванде, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат намекунанд, аз рӯйи вазъи худ ба шаҳрвандони хориҷӣ баробар карда шудаанд, ки нисбати онҳо се принсипи амали қонуни ҷиноятӣ дар макон татбиқ карда мешавад: ҳудудӣ, универсалӣ ва воқеӣ.

[5] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2015. № 7-9. Мод. 696.

Шаҳрванди хориҷӣ – шахсе, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро надошта, шаҳрванди давлати хориҷӣ мебошад. Амали қонуни ҷиноятӣ нисбати категорияи мазкури шахсон ҳангоме татбиқ карда мешавад, ки агар онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир карда бошанд (принсипи ҳудудии амали қонуни ҷиноятӣ) ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир карда бошанду ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шуда бошад (принсипи воқеии амали қонуни ҷиноятӣ), агар ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият, ки хусусияти байналмилалӣ дошта бошанд, содир карда бошанд.

Барои шаҳрвандони хориҷие, ки дорои масунияти дипломатӣ мебошанд, КҶ ҶТ истисноро оид ба амали принсипи ҳудудӣ пешбинӣ мекунад.

## § 9. Супоридани шахсе, ки ҷиноят содир кардааст

Мутобиқи муқаррароти моддаи 16 Конститутсияи ҶТ ҳеҷ як шаҳрванди Тоҷикистонро ба давлати хориҷӣ супурдан мумкин нест. Супурдани ҷинояткор ба давлати хориҷӣ дар асоси шартномаи тарафайн ҳал мешавад.

Масъалаи супоридани шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, ба масъалаи қонуни ҷиноятӣ ва амали қонуни ҷиноятӣ дар макон ва замон ягон робита надорад. Аммо, бинобар сабабе, ки қонунгузорӣ масъалаи мазкурро дар боби 2 КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, аз ин рӯ зарурати таҳлили он ба вуҷуд омадааст. Агар ба тарзи дигар гӯем, масъалаи супоридани шахсе, ки ҷиноят содир кардааст (экстрадитсия) ба ҳуқуқи байналмилалӣ тааллуқ дорад, на ба ҳуқуқи миллӣ. Маҳз дар ҳуқуқи байналмилалӣ масъалаҳои асосии он таҳлил шудаанд.

Таҳти мафҳуми супоридани шахс (экстрадитсия) аз тарафи як давлат, ки дар ҳудуди он шахси ҷиноятсодиркарда қарор дорад ба дигар давлат, ки дар ҳудуди он ҷиноят содир карда шудааст ва ё шахси ҷиноятсодиркарда шаҳрвандони он ба шумор меравад додани шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, фаҳмида мешавад.

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ ду намуди супоридани шахси ҷиноятсодиркарда мавҷуд аст:

1. барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан;
2. барои иҷро кардани ҳукм.

Ҳамзамон, боби 49 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) супоридани шахс

(экстрадитсия) барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё барои иҷрои ҳукм ном дошта, дар он масъалаҳои равон кардани талабнома дар хусуси додани шахсе, ки дар ҳудуди давлати хориҷӣ мебошад, ҳадди ҷавобгарии ҷиноятии шахси ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридашуда, иҷрои талабномаи супоридани шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, рад кардани супоридани шахс, супоридани ашё, супоридани шахсони дорои душаҳрвандӣ ва шахсони бешаҳрванд, ба ҳабс гирифтан барои супоридан муқаррар шудаанд.

Равон кардани талабнома ҷиҳати супоридани шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудааст тавассути Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Талабнома ба шарте равон карда мешавад, ки оид ба ин шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукми айбдоркунанда ё қарори ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда қабул шуда бошад.

Талабнома оид ба супоридани шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудааст, бояд маълумоти зеринро дар бар гирад:

– насаб, ном ва номи падари маҳкумшуда (айбдоршаванда), соли таваллуд, маълумот дар бораи шаҳрвандӣ, тасвири зоҳирӣ, аксҳо;

– баёни ҳолатҳои воқеии ҷинояти содиршуда бо зикри матни қонуне, ки барои ин ҷиноят ҷавобгариро пешбинӣ мекунад ва зикри ҳатмии ҷазо;

– маълумот дар бораи ҷой ва вақти баровардани ҳукме, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст ё қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардан бо замимаи нусхаҳои тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои дахлдор.

Ба талабнома оид ба супоридани шахс ҷиҳати таъқиби ҷиноятии минбаъдаи он нусхаи таъйиноти суд оид ба татбиқ намудани чораи маҷбуркунии мурофиавӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, ки аз тарафи мақомоти дахлдор тасдиқ карда шудааст, замима карда мешавад. Ба талабнома оид ба супоридани шахс ҷиҳати иҷрои ҳукм бошад, нусхаи тасдиқшудаи ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаи суд ва маълумотнома оид ба иҷро накардани муҳлати ҷазо замима мегарданд.

Шахсе, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешавад, ҷавобгарии ҷиноятии он дар доираи ҳадде, ки КМҶ ҶТ дар моддаи 477 пешбинӣ намудааст, сурат мегирад. Шахсро бе розигии давлати супоранда барои ҷинояти дигаре, ки бо супоридани ӯ

вобаста нест, ба ҳабс гирифтан, ба сифати айбдоршаванда ҷалб намудан, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ҷазо додан мумкин нест. Ҳамчунин супоридани ӯ ба давлати сеюм манъ аст.

Тартиби мурофиавии иҷрои талабномаи супоридани шахсе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад дар моддаи 478 КМҶ ҶТ ҳалли худро ёфтааст. Баррасии талабномаи супоридани шаҳрванди давлати хориҷӣ, ки дар содир намудани ҷиноят айбдор карда мешавад ё дар ҳудуди давлати хориҷӣ маҳкум шудааст, аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ амалӣ мегардад. Агар нисбати шахс талабномаи якчанд давлат оид ба супоридани он мавҷуд бошад, ба кадом давлат супоридани ӯро Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал мекунад.

Бояд қайд намуд, ки дар сурати мавҷуд будани баъзе ҳолатҳо супоридани шахс рад карда мешавад. Ба монандӣ:

– аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахс паноҳгоҳи сиёсӣ дода шуда бошад;

– кирдоре, ки асоси талабнома доир ба супоридан қарор дода шудааст, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷиноят эътироф нагардад;

– нисбат ба шахс барои ҳамон ҷиноят ҳукме бароварда шуда бошад, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст ё тафтиши парванда қатъ карда шудааст;

– мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби гузаштани муҳлат ё аз рӯйи асоси дигари қонунӣ парвандаи ҷиноятӣ наметавонад оғоз ё ҳукм иҷро карда шавад.

Дар Конвенсияи Минск оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ доир ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ муқаррар шудааст, ки шахс ба давлати дигар супорида намешавад, агар:

**а)** нисбати шахсе, ки супоридани ӯ талаб карда шудааст, шаҳрванди давлати дархостшаванда бошад;

**б)** дар вақти гирифтани талабнома оид ба супоридан мувофиқи қонунгузории давлати дархостшаванда бо сабаби гузаштани муҳлат ё асоси дигари қонунӣ таъқиби ҷиноятӣ оғоз карда намешавад ё ҳукм наметавонад ба иҷро расонида шавад;

**в)** нисбати шахсе, ки дар ҳудуди давлати дархостшаванда барои ҳамон як ҷиноят ҳукм ё қарор дар бораи қатъи парвандаи ҷиноятӣ бароварда шудааст;

**г)** таъқиби ҷиноят мувофиқи қонунгузории давлати дархосткунанда ва дархостшаванда бо тартиби айбдоркунии хусусӣ, яъне бо аризаи ҷабрдида сурат гирад.

Ҳамчунин, супоридани шахс рад карда мешавад, агар ҷиноятe, ки вобаста ба он супоридани шахс талаб карда шудааст, дар ҳудуди давлати дархостшаванда содир шуда бошад (қисми 2 моддаи 57 Конвенсия).

Баъзе масъалаҳои рад кардани талабнома оид ба супоридани шахс дар Конвенсияҳои алоҳида муқаррар шудаанд ва онҳо дар КМҶ ҶТ дида намешаванд. Мисол, мувофиқи Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазодиҳии бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунанда аз 10 декабри 1984 дар сурате, ки шахси супоридашаванда дар давлати дигар мавриди шиканҷа қарор мегирад, давлати дархостшаванда метавонад ӯро ба он давлат насупорад[6].

## § 10. Тафсири қонуни ҷиноятӣ

Мувофиқи моддаи 40 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" меъёрҳои санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд мушаххас ва дар замони ҳозира ифода шуда, бештар дар шакли тасдиқӣ баён карда шавад.

Чи хеле ки таҷрибаи судӣ ва тафтишотӣ нишон медиҳад, дар амалия татбиқи қонуни ҷиноятӣ ба баъзе душвориҳо дучор мегардад. Чунки меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ аз сабаби духӯра ифода ёфтанашон, боиси ҳархела маънидод кардани онҳо мегарданд. Дар ҳақиқат, аз ҷониби кормандони тафтишот, прокуратура ва суд ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, қонуни ҷиноятӣ ҳархела маънидод карда шуда, нодуруст татбиқ карда мешавад. Далели ин он аст, ки қисми зиёди чунин парвандаҳо аз ҷониби судҳои болоӣ бекор ё тағйир дода мешаванд, ки яке аз сабабҳои он нодуруст татбиқ кардани қонуни ҷиноятӣ аст. Мисол, таҳрири қаблии қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ муайян мекард, ки шахсе, ки аз ҷазо озод карда шудааст, доғи судӣ надорад. Аз нигоҳи аввал, матни он гӯё ба таври содда ва оммафаҳм тартиб дода шуда буд, аммо вобаста ба ин меъёр, байни кормандони мақомоти судӣ ва прокуратураи ҷумҳурӣ баҳсҳои тӯлонӣ ҷой доштанд. Аз ҷумла, ин баҳс нисбат ба маҳкумшудагоне, ки мувофиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи авфи умумӣ" (аз 29

---

[6] Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ / Зери таҳрири муовини якуми Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия Аламшозода А.А. Душанбе, 2018. С. 470-474.

августи соли 2001) аз ҷазо озод карда шуда буданд, тааллуқ дошт. Мақомоти прокуратура чунин меҳисобид, ки ин категорияи шахсон аз ҷазо озод шуда бошанд ҳам, доғи судии онҳо нигоҳ дошта мешавад, зеро дар матни худи Қонуни ҶТ "Дар бораи авфи умумӣ" бардоштани доғи судӣ пешбинӣ нашудааст, бинобар ин бардоштани доғи судии мазкур бо тартиби муайянкардашудаи қисми 3 моддаи 84 КҶ ҶТ бояд ба амал бароварда шавад. Аммо, мақомоти судии ҷумҳурӣ матни қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ дастрас намуда, чунин меҳисобид, ки доғи судии шахси аз ҷазо озодкардашуда, новобаста аз он ки чунин талабот дар матни Қонуни ҶТ "Дар бораи авфи умумӣ" пешбинӣ шудааст ё не, бардошта мешавад. Бинобар ин, татбиқи қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ (дар таҳрири то 17.05.2004) масоили ҳуқуқиро ба миён оварда буд.

Чи хеле ки маълум аст, доштан ё надоштани доғи судӣ дорои оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад ва он ба бандубасти ҷиноят ва таъйин намудани ҷазо таъсири аввалиндараҷа мерасонад. Ин вазъият албатта, аз духӯрагии меъёри қонуни ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад, ки боиси гуногун маънидод кардан ва татбиқ намудани он гардидааст. Аз ин рӯ, бо мақсади бартараф намуданн гуногунфаҳмии маъёри қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ, матни он ба таври куллӣ тағйир дода шудааст. Бояд гуфт, ки чунин ислоҳоти КҶ ҶТ на танҳо меъёри номбаршударо, балки бисёрии онҳоро дар бар гирифтааст.

Бинобар ин, санаи 17 майи соли 2004 таҳти рақами 35 Қонуни ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба КҶ ҶТ" қабул гардида ва тибқи Қонуни мазкур ба КҶ ҶТ моддаи $11^1$ ворид карда шуд. Мақсади ворид намудани меъёри мазкур аз он иборат буд, ки дар ҳолати ба миён омадани масъалаҳои баҳснок оид ба татбиқ намудани қонуни ҷиноятӣ, он бояд ба манфиати шахси айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда маънидод карда шавад, гарчанде истилоҳҳои "айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда" ба қонуни ҷиноятӣ ягон иртиботе надоранд.

Бесабаб нест, ки санадҳои меъёрии байналмилалӣ талаб менамоянд, ки мафҳуми ҷиноят аниқ маънидод карда шуда, татбиқи қонунҳои ҷиноятӣ аз рӯйи қиёс манъ карда шаванд (чунин талабот дар қисми 3 моддаи 4 КҶ ҶТ низ пешбинӣ шудааст). Бинобар ин, ҳангоми гуногун маънидод карда шудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, он бояд ба манфиати айбдоршаванда тафсир карда шавад. Мисол, чунин талабот аз қисми 2 моддаи 22 Статути Римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ, ки 17 июли соли 1998 кабул карда шудааст (Палермо, Италия) ва онро Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 декабри

соли 1999 тасдик (ратификатсия) кардааст, бар меояд. Дар он гуфта шудааст, ки "Ҳангоми духӯрагии мафҳум, он бояд ба фоидаи шахсе, ки дар зери тафтиш қарор дорад ё нисбати ӯ тафтиши судӣ бурда мешавад ва ё гунаҳгор эътироф шудааст, тафсир карда мешавад".

Бояд қайд кард, ки мувофиқи идеяи давлати ҳуқуқбунёд волояти қонун яке аз аломатҳои асосии он ба ҳисоб рафта, мазмунан талаб менамояд, ки худи қонунҳо ба талаботи ҳуқуқ мувофиқат кунанд ва аз он бар оянд. Мувофиқи ин принсип, дар сурати нофаҳмо баён карда шудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, масъулият пеш аз ҳама, ба мақомоти қонунгузор вогузошта мешавад, ки ба чунин духӯрагии меъёрҳо роҳ додааст. Дар акси ҳол, аз эҳтимол дур нест, ки дар чунин маврид шахси бегуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Бинобар ин, дар чунин ҳолатҳо камбудии қонунро, ки ба он давлат роҳ додааст, аз ҳисоби шаҳрвандон рӯйпӯш кардан мумкин нест. Яъне, агар давлат қонунҳои худро ба таври аниқ иншо карда натавонад, ки боиси духӯра маънидод кардани онҳо ва поймол кардани ҳуқуқи шаҳрвандон мешаванд, он гоҳ масъулият бар дӯши худи давлат вогузошта мешавад. Ин муқаррарот на танҳо ба принсипи волояти қонун, балки ба принсипи адолат низ мувофиқат мекунад, ки аз назарияи ҳуқуқи фитрии инсон бар меояд.

Яке аз сабабҳои дигари ҷой доштани духӯрагии меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки боиси ҳархела маънидод кардани он мегардад, ин мунтазам инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдо шудани намудҳои нави он, ки дар доираи мафҳумҳои қаблӣ намеғунҷанд, ба шумор меравнд. Дар чунин ҳолат, қонунҳо ва амалияи татбиқи онҳо аз ҳаёт дур монда, боиси халалдор гардидани инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ мегарданд. Ин тақозо мекунад, ки мақомоти қонунгузор чунин вазъиятро ба назар гирифта меъёрҳои ҳуқуқиро ба шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятию сиёсии кишвар мутобиқ гардонад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 82 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” Дар сурати ошкор намудани носаҳеҳӣ ва гуногунфаҳмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, амалияи ихтилофноки истифодаи он, мақомоти (шахси мансабдори) санади меъёрии ҳуқуқии дахлдорро қабулнамуда дар санади тафсир, ки хусусияти расмӣ ва ҳатмӣ дорад, тафсири меъёри онро пешниҳод менамояд.

Тибқи қисми 2 моддаи 11[1] КҶ ҶТ ибораҳо ва (ё) мафҳумҳое, ки дар КҶ ҶТ истифода бурда мешаванд, ҳамон маъноеро доро-

янд, ки дар қонунҳои дахлдор оварда шудаанд, агар дар Кодекси ҷиноятӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Мазмуни қисми 2 моддаи 11[1] КҶ ҶТ аз он иборат аст, ки бо сабаби дар КҶ ҶТ ҷой доштани бисёр диспозитсияҳои бланкетӣ, зарурати таъмини татбиқи якхелаи қонунҳо бар меояд, зеро қонуни ҷиноятӣ, чи хеле ки маълум аст, асосан барои ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятие, ки объекти дигар соҳаҳои ҳуқуқ мебошанд, равона карда шудааст. Мисол, ваколат оид ба ҳуқуқи моликиятӣ аз тарафи Кодекси мадании ҶТ ба танзим даровarда мешавад, лекин муҳофизати он аз таҷовузи ҷинояткорӣ аз тарафи қонуни ҷиноятӣ таъмин карда мешавад ва аз ин сабаб, мафҳуми моликият аз тарафи КҶ ҶТ бояд чуноне, ки онро Кодекси мадании ҶТ таъриф менамояд, ҳамон тавр фаҳмида шавад. Бинобар он ки, қонуни ҷиноятӣ муносибатҳои ҳуқуқии дигар соҳаҳои ҳуқуқро муҳофизат менамояд, аз ин лиҳоз, ибораҳо ва (ё) мафҳумҳое, ки дар КҶ ҶТ истифода бурда мешаванд, ҳамон маъноеро доронд, ки дар қонунҳои дахлдор оварда шудаанд, ба истисноии он ки, агар дар Кодекси ҷиноятӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Дар акси ҳол, функсияи муҳофизатии қонуни ҷиноятӣ маънои худро гум мекунад. Қисми 3 моддаи 11[1] КҶ ҶТ низомнокии қонуни ҷиноятиро таъмин намуда, муқаррар менамояд, ки агар дар моддаҳои гуногуни КҶ ҶТ мафҳумҳои якхела истифода шуда бошанд, он гоҳ онҳо бояд якхела фаҳмида шуда, якхела татбиқ карда шаванд. Ба онҳо маъноҳои гуногун додан манъ аст, ғайр аз ҳолатҳое, ки агар дар худи Кодекси ҷиноятӣ оид ба он нишондоди махсус мавҷуд набошад. Мисол, моддаи 202 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои **тасарруфи** воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ пешбинӣ менамояд. Дар ҳолати татбиқ кардани ин модда ва муайян намудани ҷой доштан ё надоштани тасарруф дар кирдори шахс, муфаттиш, прокурор ва суд ҳатман бояд, ки мафҳуми **тасарруфро,** ки дар эзоҳи қисми 1 моддаи 244 КҶ ҶТ шарҳ дода шудааст, дар назар дошта бошанд. Ё дар моддаҳои 104 (одамкушӣ) ва 138 (таҷовуз ба номус) КҶ ҶТ мафҳумҳои **«ҳолати оҷизӣ»** ва **«вазъияти оҷизона»**-и ҷабрдидагон пешбинӣ шудааст. Дар сурати татбиқи ин меъёрҳо, шахси ҳуқуқтатбиққунанда бояд ба онҳо маънои ягонаро диҳад[7].

---

[7] Солиев К.Ҳ. Тафсири КҶ ҶТ / Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе, 2006. С. 28-30.

# БОБИ III
# МАФҲУМИ ҶИНОЯТ ВА АЛОМАТҲОИ ОН

**§ 1. Мафҳум ва аломатҳои ҷиноят**
**§ 2. Категория ва намудҳои ҷиноят**
**§ 3. Тафовути ҷиноят аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо**

## § 1. Мафҳум ва аломатҳои ҷиноят

Мафҳум ва аломатҳои ҷиноятро қонунгузорӣ дар моддаи 17 КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки тибқи он ҷиноят кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфноке, ки КҶ ҶТ бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст, ҷиноят эътироф мешавад.

Аз мафҳуми ҷиноят бар меояд, ки кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахс дар чунин маврид ҷиноят эътироф мешавад:

1. Кирдор бояд ба ҷамъият хавфнок бошад;
2. Кидор бояд зиддиҳуқуқӣ бошад;
3. Кирдор бояд гунаҳгорона содир шуда бошад;
4. Кирдор бояд сазовори ҷазо бошад.

Хавфнокии ҷамъиятии кирдор – ин аломати моддии ҷиноят буда, моҳияти иҷтимоии онро нишон медиҳад. Моҳияти ҷиноят бошад, дар он ифода мегардад, ки дар натиҷаи содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок ба шахсият, ҷамъият ва давлат зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба миён меорад.

Ҷиноят – рафтори зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳгоронаест, ки барои ҷамъият хавфнок аст. Хавфнокии ҷиноят маънои онро дорад, ки ин кирдор ба арзишҳои дар моддаи 2 қисми 1 КҶ ҶТ номбар шудаанд, зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба миён меорад. Дараҷаи хавфнокии ҷиноятҳо гуногун буда, аз арзишҳои бо КҶ ҶТ ҳифзшаванда вобаста мебошад. Мисол, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, ҷиноятҳои муқобили шахсият низ дорои дараҷаи баланди хавфнокианд. Кирдор хавфнок эътироф мешавад на бо сабаби он ки онро касе ин тавр муайян кардааст, балки он моҳиятан ба манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва давлат

зид мебарояд ва хусусияти зарароварро доро мебошад. Бо вуҷуди ин, мансуб донистани ин ё он кирдори мушаххас ба категорияи ҷиноят танҳо аз қонунгузор вобаста аст, яъне танҳо қонунгузор метавонад муайян кунад, ки кадом кирдори барои ҷамъият хавфнок ҷиноят аст ва кадоми он ҷиноят нест. Доираи кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок доимӣ намебошанд ва вобаста ба инкишофу тағйирёбии вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ тағйир меёбанд. Яъне, дар як даври муайян кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ҷиноят эътироф карда мешаванд – криминализатсия (Мисол, ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ, савдои одамон ва ғайраҳо), дигар кирдорҳо бошанд – ба ҷамъият хавфнокии худро гум карда, ҷиноят эътироф намешаванд - декриминализатсия (Мисол, тӯҳмат, таҳқир ва ғайраҳо).

Барои он ки ҳаракат ё беҳаракатии барои ҷамъият хавфнок ҳамчун ҷиноят эътироф карда шавад, он бояд ҳатман бошуурона ва иродавӣ содир карда шавад. Агар шахс моҳияти кирдори содиркардаистодаи худро дарк накунад, он гоҳ чунин кирдор ҷиноят эътироф карда намешавад (Мисол, ҳаракатҳои номукаллафӣ). Инчунин, агар кирдори содиршуда ифодаи иродаи шахс набошад, он гоҳ чунин кирдор низ ҷиноят эътироф карда намешавад (Мисол, ҳаракатҳое, ки зери таъсири маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ё дар ҳолати қувваи муқовиматнопазир содир шуда бошанд).

Агар кирдор зоҳиран аломатҳои ҷиноятро дошта бошаду вале бо сабаби камаҳаммиятӣ барои ҷамъият хавфнок набошад, пас он ҷиноят ҳисоб намешавад. Ин намуди кирдор ба арзишҳои бо КҶ ҶТ ҳифзшаванда зарари ҷиддӣ намерасонад ва хавфнок нест.

Набудани хавфнокии ҷамъиятӣ дар чунин мавридҳо ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад:

1) аломатҳои таркиби ҷиноят зоҳиран вуҷуд доранд (яъне, ба назар менамояд, ки онҳо ҳастанд);

2) яке аз аломатҳои асосии ҷиноят – хавфнокии ҷамъиятӣ ҷой надорад (онро камаҳаммиятии кирдор истисно мекунад);

3) принсипи адолат ва башардӯстӣ ба назар гирифта шудааст.

Аз ин рӯ, барои ҷамъият хавфнок набудани чунин кирдор маънои онро надорад, ки он умуман хусусияти хавфнокиро доро нест. Баръакс, чунин кирдорҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарари муайяне мерасонанд, ки ин маънои дорои дараҷаи муайяни хавфнокии ҷамъиятӣ будани онҳо мебошад. Аммо, онҳо ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятие, ки ба ҷиноят хос аст, расида наметавонанд, чунки ба арзишҳои ҳифзшаванда зарари кам мерасонанд. Барои он ки кирдор камаҳаммият эътироф шавад, он

бояд аломатҳои объективӣ ва субъективиро доро бошад. Яъне, кирдори содиршуда воқеан ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарари кам расонад (аломати объективӣ) ва хоҳиши шахс барои расонидани чунин зарари кам равона карда шуда бошад (аломати субъективӣ).

Зиддиҳуқуқӣ будани кирдор чунин маъно дорад, ки кирдори мушаххас аз тарафи қонуни ҷиноятӣ манъ карда шудааст, яъне он ҳамчун ҷиноят эътироф шудааст. Азбаски, ҷиноят дар ҷомеа вуҷуд дорад ва ба арзишҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ зарар мерасонад, давлат тавассути қонуни ҷиноятӣ онро манъ кардааст. Аҳамияти аломати зиддиҳуқуқӣ будани кирдор дар он ифода меёбад, ки аз риоя кардани он татбиқи пурраи принсипи қонуният вобастагӣ дорад (моддаи 4 КҶ ҶТ). Маҳз ҳамин аломати ҷиноят, татбиқи қонуни ҷиноятиро аз рӯйи қиёс манъ мекунад. Бинобар ин, талабот дар бораи манъи қиёс яке аз принсипи қонуни ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Зиддиҳуқуқӣ будани кирдор бо хавфнокии ҷамъиятӣ доштани кирдор дар мутаносибии шакл ва мазмун буда, ифодаи ҳуқуқии хавфнокии ҷамъиятии кирдор мебошанд.

Гунаҳгорона будани кирдор ҳамчун аломати ҷиноят аввалин бор дар КҶ ҶТ соли 1998 пешбинӣ карда шудааст ва муносибати рӯҳии шахсро нисбат ба кирдори содиркардааш ва оқибати он муайян мекунад. Он далелӣ дар мавқеи принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ ҷой гирифтани қонунгузории Тоҷикистонро дорад. Маънои ин дар он аст, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок он гоҳ ҷиноят эътироф мешавад, ки агар шахс чунин кирдорро танҳо қасдона ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад (моддаҳои 27-30 КҶ ҶТ). Бинобар ин, КҶ ҶТ гунаҳгоркунии объективиро манъ кардааст (қисми 3 моддаи 7 КҶ ҶТ), яъне зарари бегуноҳона расонидашуда ҷиноят эътироф намешавад (моддаи 31 КҶ ҶТ).

Сазовори ҷазо будани кирдор чунин маъно дорад, ки кирдор он гоҳ ҷиноят эътироф карда мешавад, ки агар барои он дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ҷазо пешбинӣ шуда бошад. Санксия унсури ҳатмии меъёрҳои манъкунандаи ҳуқуқии ҷиноятӣ эътироф шудааст.

## § 2. Категория ва намудҳои ҷиноят

Дар моддаи 18 КҶ ҶТ вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон категорияҳои ҷиноят муайян карда шудаанд. Тибқи ин меъёр намудҳои гуногуни категорияҳои ҷиноят ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо муайян карда шудаанд.

Категорияҳои ҷиноят, ки дар қонун пешбинӣ карда шудаанд, вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфнокии кирдор ҷойгир карда шудаанд.

Тибқи муқррароти қисми 1 моддаи 18 КҶ ҶТ кирдорҳои дар КҶ ҶТ пешбинигардида вобаста ба хусусият ва дараҷаи хавфи барои ҷамъият доштаашон ба чунин категорияҳо ҷудо карда шудаанд:

1. Категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин;
2. Категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна;
3. Категорияи ҷиноятҳои вазнин;
4. Категорияи ҷиноятҳои махсусан вазнин.

Хусусияти хавфнокии ҷиноят пеш аз ҳама аз аҳаммиятнокии объекти ҳифзшаванда вобаста буда, маънидодкунии сифатии ҷиноятро ифода мекунад. Мисол, қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ (моддаи 112 КҶ ҶТ) нисбат ба қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (моддаи 111 КҶ ҶТ) ё қасдан расонидани зараи вазнин ба саломатӣ (моддаи 110 КҶ ҶТ) хавфнокиаш камтар мебошад.

Дараҷаи хавфнокии ҷиноят бошад, аз бисёр омилҳо вобаста буда, маънидодкунии шуморавии ҷиноятро ташкил медиҳад. Мисол, андозаи зарари расонидашуда, вазнинии оқибатҳои пайдошуда, шакли гуноҳ (қасд ё беэҳтиётӣ), тарзи содир кардани ҷиноят, давраи содир кардани ҷиноят ва ғайра ба он таъсир мерасонанд.

Қонунгузор ҳангоми ба категорияҳо ҷудо кардани ҷиноятҳо шакли гуноҳ, намуд ва андозаи ҷазоро ба инобат гирифтааст. Бояд қайд кард, ки қонунгузор дар мавриди ба категорияҳо ҷудо кардани ҷиноятҳо танҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро ба назар гирифтааст. Намудҳои дигари ҷазоҳои ҷиноятӣ, ғайр аз ҷазои қатл, барои таснифи категорияҳои ҷиноятҳо ба инобат гирифта нашудаанд.

Вобаста ба шаклҳои гуноҳ, яъне қасд ва беэҳтиётӣ, ба категорияҳо ҷудо шудаанд. Вобаста ба гуноҳ дар шакли қасд ҷиноятҳо ба чор категорияҳо ҷудо карда мешаванд:

1. Категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин. Мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 18 КҶ ҶТ кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди болоии онҳо то ду соли маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудаанд, ҷиноятҳои начандон вазнин эътироф мешаванд.

2. Категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна. Мутобиқи муқарраротри қисми 3 моддаи 18 КҶ ҶТ кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди болоии онҳо аз ду то панҷ соли маҳрум сохтан аз озо-

дӣ пешбинӣ шудаанд, ҷиноятҳои дараҷаи миёна эътироф мешаванд.

3. Категорияи ҷиноятҳои вазнин. Мутобиқи муқаррароти қисми 4 моддаи 18 КҶ ҶТ кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар КҶ ҶТ пешбинигардида аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест, ҷиноятҳои вазнин эътироф мешаванд.

4. Категорияи ҷиноятҳои махсусан вазнин. Мутобиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 18 КҶ ҶТ кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар КҶ ҶТ зиёда аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷазои қатл пешбинӣ гардидааст, ҷиноятҳои махсусан вазнин эътироф мешаванд.

Вобаста ба гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ чунин категорияҳои ҷиноят ҷудо карда мешаванд:

1. Категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин. Мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 18 КҶ ҶТ кирдорҳои аз беэҳтиётӣ содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар КҶ ҶТ пешбинигардида аз панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест, ҷиноятҳои начандон вазнин эътироф мешаванд.

2. Категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна. Мутобиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 18 КҶ ҶТ кирдорҳои аз беэҳтиётӣ содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо дар КҶ ҶТ пешбинигардида аз панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд мебошанд, ҷиноятҳои дараҷаи миёна эътироф мешаванд.

Аз таснифи категорияҳои ҷиноятҳо бар меояд, ки новобаста аз муҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда ба дараҷаи вазнин ва махсусан вазнин мансуб дониста намешаванд. Мисол, мутобиқи қисми 3 моддаи 212 КҶ ҶТ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракатӣ роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, агар он аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ё бештар шахсон гашта бошад, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол, пешбинӣ гардидааст. Гарчанде муҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ зиёда аз панҷ сол буда, ба муҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодии категорияи вазнини ҷиноят мансуб бошад ҳам, аммо бинобар аз беэҳтиётӣ содир шудани он, қонунгузор онро ба категорияи дараҷаи миёна мансуб донистааст, яъне дараҷаи хавфнокии ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда нисбат ба ҷиноятҳои қасдан содиршаванда хавфнокиашон пасттар мебошанд. Ба ин ё он категория мансуб донистани ҷиноятҳо оқибатҳои муайяни ҳуқуқиро ба

миён меоранд. Мисол, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида, мумкин аст танҳо агар шахс ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир карда бошад (моддаи 72 КҶ ҶТ) ё ин ки, агар шахс бо мақсади содир кардани ҷинояти мушаххас ҳаракатҳои тайёриро анҷом дода бошад (моддаи 32 КҶ ҶТ), он гоҳ ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои тайёрӣ ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин муқаррар карда шудааст ва ғайра.

Дар баъзе ҳолатҳо, содир кардани ин ё он категорияи ҷиноят аломати асосии таркиби ҷиноят ба ҳисоб рафта, ба бандубасти ҷиноят таъсир мерасонад. Мисол, хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он (моддаи 347 КҶ ҶТ) он вақт ҷиноят эътироф мешавад, ки агар чунин кирдорҳо нисбат ба ҷиноятҳои вазнин ва ҷиноятҳои махсусан вазнин ҷой дошта бошанд[8].

Ба ақидаи мо, ҳангоми ҷудо намудани ҷиноятҳо ба намудҳо, дигар аломатҳо ва хусусиятҳои ҷиноят низ аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятӣ доранд, бинобар ин дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҷриба дигар намудҳои ҷиноят тафовут карда мешаванд:

1. Вобаста ба шакли гуноҳ ҷиноятҳо ба ҷиноятҳои қасдона ва аз беэҳтиётӣ содиршаванда ҷудо мешаванд.

2. Вобаста ба синну соли шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, ҷиноятҳо ба ҷиноятҳои аз тарафи ноболиғон содиршаванда ва ҷиноятҳои аз тарафи шахсони аз синни ҳаждаҳсола боло содиршаванда, ҷудо карда мешаванд.

3. Аз рӯйи аломати субъекти ҷиноят, ҷиноятҳо ба гурӯҳҳои ҷиноятҳои мансабӣ ва дигар ҷиноятҳо тақсим мешавад.

4. Вобаста ба хусусияти объекти ҷиноят, ҷиноятҳо ба ҷиноятҳо ба муқобили шахсият, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, амнияти экологӣ ва муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, иқтисодиёт, амнияти иттилоотӣ, ҳокимияти давлатӣ, хизмати ҳарбӣ, сулҳу амнияти инсоният ҷудо мешаванд.

### § 3. Тафовути ҷиноят аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо

Аз ҷиноят бояд кирдорҳое, ки ба он намуди зоҳириашон монанд мебошанд, тавофут кард. Дигар ҳуқуқвайронкуниҳо аз рӯйи моҳияти худ ба ҷамъият хавфнокиашон нисбатан камтар мебошанд (камаҳаммият). Агар хавфнок бошанд ҳам, дигар аломатҳои ҷиноятро дар бар намегиранд (кирдори ба ҷамъият хавфнок, зиддиҳуқуқӣ, гунаҳгорӣ ва сазовори ҷазо).

---

[8] Сотиволдиев Р.Ш. Тафсири КҶ ҶТ / Зери таҳрири Ҳ.Ҳ.Шарипов. Душанбе, 2006. С. 44-45.

Табиати ҳуқуқии кирдорҳои камаҳаммият дар адабиёти ҳуқуқӣ якзайл баҳо дода намешавад. Дар иртибот ба он ду намуди мавқеъро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Як қисми олимон кирдорҳои камаҳаммиятро ҳамчун рафторе мефаҳманд, ки дорои аломатҳои ҷиноят намебошанд, аз ҷумла ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқии кирдор. Дар чунин маврид онҳо ба қисми 2 моддаи 17 КҶ ҶТ ҳавола мекунанд. В.С. Прохоров ва Н.И. Маснев чунин менависанд: «Кирдори камаҳаммият чунин маъно дорад, ки на танҳо ба таври объективӣ дорои дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҳадди ақал барои ҷинояти дахлдорро намебошад, балки барои шахсе, ки онро содир мекунад, камаҳаммият мебошад»[9].

Дар ҳақиқат, олимоне, ки дар тадқиқоти худ ба масъалаи дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва зиддиҳуқуқӣ будани он диққат дода, дар таносуб бо он камаҳаммиятии кирдорро муайян мекунанд, ҷолиби диққат мебошанд. Вале, ҳангоми баҳодиҳии кирдори камаҳаммият муайян намудани аломатҳои объективӣ ва субъективии рафтори баррасишаванда аҳаммияти калонро дорад, зеро он имкон медиҳад, ки ҳангоми бандубасти кирдор дар амалия ба иштибоҳ роҳ дода нашавад.

2. Моҳияти мавқеи дуюм дар он ифода меёбад, ки кирдорҳои камаҳаммият бояд бандубаст карда шаванд. Масалан, Н.Ф. Кузнетсова чунин қоидаҳои бандубасти кирдорҳои камаҳаммиятро пешниҳод мекунад:

1) кирдор бояд расман, яъне сатҳан аломатҳои ягон кирдори пешбиникардаи КҶ дошта бошад;

2) кирдори шахс зарари андак расонида бошад, он набояд хавфнок бошад ва ё чунин таҳдидро дошта бошад;

3) кирдори шахс дар сурате ҳамчун кирдори камаҳаммият дониста мешавад, ки тарафи субъективии он бо қасди бевоситаи мушаххас содир шуда бошад;

4) дар ҷиноятҳои дорои тарафи субъективии қасди бевоситаи мушаххас мазмун бояд бо тарафи объективии кирдор мувофиқ бошад;

5) баҳодиҳии андозаи зарари расонидашуда бо маҳакҳои объективӣ сурат мегирад[10].

Кирдорҳои камаҳаммият ин ҳаракате (беҳаракатие) мебошанд, ки расман аломатҳои ягон кирдори пешбиникардаи КҶ дорад, яъне зоҳиран ба ҷиноят монанд аст, вале бо аломатҳои объек-

---

[9] Уголовное право России. Общая часть: учебник / Под ред. Н.М. Кропачева, Б.В. Волженкина, В.В. Орехова. СПб., 2006. С. 361.

[10] Кузнецова Н.Ф. Проблемы квалификации преступлений. М., 2007. С. 199-200.

тивӣ ва субъективӣ, ки ба онҳо хос аст, ба ҷамъият хавфнок нестанд (дар он ҳадде, ки дар ҷиноят ба ҷамъият хавфнокӣ ҷой дорад), бинобар ин, аломати зиддиҳуқуқии ҷиноятиро надоранд.

Кирдорҳои камаҳаммият зоҳиран аломатҳои кирдорҳои пешбиникардаи КҶ ҶТ доранд, аз ин рӯ, чунин кирдорҳо ба муносибатҳои ҷамъиятие, ки қонунгузории ҷиноятӣ зери ҳифз гирифтааст, дахл мекунанд, бо ин нишона онҳо бинобар аломати зиддиҳуқуқии расмӣ мумкин аст ҳамчун ҷиноят бандубаст карда шаванд. Ҳамзамон кирдорҳои мазкур ба ҷамъият хавфнок нестанд (дар тафовут аз ҷиноят). Ин аломат ҳаргиз маънои онро надорад, ки ба ҷамъият хавфнокии кирдорҳои мазкур умуман ҷой надорад. Онҳо ҷой доранд, вале дар сатҳи дигар, масалан, дар сатҳи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ. Вобаста ба ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мекунанд, ки кирдорҳои камаҳаммияти дар қисми 2 моддаи 17 КҶ ҶТ пешбинишуда аз рӯйи табиати ҳуқуқиашон ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, маданӣ ва интизомӣ дохил мешаванд[11]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи муқобил низ мавҷуд аст[12].

Дар байни маҳакҳои объективие, ки бояд аз лиҳози ҳуқуқии ҷиноятӣ баҳогузорӣ шавад, бояд тарафи объективии кирдорҳои камаҳаммият ҷудо карда шавад. Пеш аз ҳама, бояд ба он зарарҳои камаҳаммият диққат дод, ки қонунгузории ҷиноятӣ онро ҳифз мекунад.

Нақши муайянро ҳамчунин гуноҳи қасдона дар баҳодиҳии кирдори камаҳаммият иҷро мекунад. Барои чунин кирдор маҳз гуноҳи қасдона дар намуди қасди бевосита хос аст.

Ҳамин тавр, ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

– кирдорҳои камаҳаммият расман дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят мебошанд, вале бинобар надоштани аломати ба ҷамъият хавфнокӣ ҷиноят дониста намешаванд;

– кирдорҳои камаҳаммият танҳо дар ҳолате таҷовузи ҷиноятӣ дониста намешаванд, ки камаҳаммиятии он дар аломатҳои субъективӣ ва объективӣ таҷассум ёфта бошад;

– тафовутгузории кирдорҳои камаҳаммият аз ҷиноятҳои начандон вазнин муҳим аст. Асоси онро мазмуни объекти таҷовуз (камаҳаммият будани зарар ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда), инчунин мавҷуд будан ё набудани қасди бевосита ба расонидани зарар ба андозаи кам ташкил медиҳад.

[11] Ниг.: Колосовский В.В. Теоретические проблемы квалификации уголовно-правовых деяний: монография. М., 2011. С. 28.

[12] Ниг.: Багиров Ч.М. Малозначительные деяние и ее уголовно-правовое значение: автореф.дис. … канд. юрид. наук. Тюмень, 2005. С. 10.

# БОБИ IV
# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ ВА АСОСҲОИ ОН

**§ 1. Мафҳум ва асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ**
**§ 2. Пайдоиш, шаклҳои амалишавӣ ва қатъ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ**

## § 1. Мафҳум ва асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ

Ҷавобгарии ҷиноятӣ – ин чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад, ки аз ҷониби давлат нисбати шахси ҷиноятсодирнамуда татбиқ карда шуда, аз маҳдуд кардани вазъи ҳуқуқии он иборат мебошад.

Истилоҳи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар қонунгузорӣ бисёр истифода шудааст, масалан, дар КҶ ҶТ, КМҶ ҶТ, КИҶҶ ҶТ, аммо дар ягон меъёрҳои онҳо мафҳуми расмии ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст. Бинобар ин, барои муайян намудани моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд пеш аз ҳама мафҳуми ҷавобгарӣ муайян карда шавад.

Ҷавобгарӣ – ин зарурат, уҳдадории ҳисобот додан барои кирдори худ эътироф мешавад. Ба ҷавобгарӣ кашидан маънои маҷбур кардан барои кирдорҳои худ зери маҷбурсозии давлатӣ фаҳмида мешавад. Ба ин маъно, ҷавобгарӣ танзимкунандаи рафтори инсон дар ҷамъият ба шумор рафта, барои мавҷудият ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ замина мегузорад. Зеро бе мавҷудияти ҷавобгарии иҷтимоӣ пайдоиш ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ имконнопазир аст.

Яке аз намудҳои ҷавобгарии иҷтимоӣ ин ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба шумор меравад, ки вобаста ба хусусиятҳояшон ба ҷавобгарии маданӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва ғайраҳо тақсим мешавад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин уҳдадориҳои дар қонун муайяншудаи шахс бобати сабр кардан ба оқибатҳои ногувори кирдори содирнамудааш ба шумор меравад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои аломатҳои зерин мебошад:

1) ҳангоми содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ ба вуҷуд меоянд;

2) бо татбиқи чораҳои маҷбурии давлатӣ алоқаманд мебошанд;

3) тавассути меъёрҳои ҳуқуқ ба танзим даровардa мешаванд;

4) дар маҳдуд кардани вазъи ҳуқуқии субъекти ҳуқуқвайронкунӣ зоҳир мегарданд.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ дорои ҳамаи аломатҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, вале дорои хсусиятҳои хоси худ мебошад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ дар натиҷаи содир кардани ҷиноят ба вуҷуд меояд, ки мафҳуми он дар моддаи 11 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудааст. Номгӯйи кирдорҳои мазкур қатъӣ буда, дар Қисми махсуси КҶ ҶТ номбар гардидаанд, аммо вобаста ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунгузор метавонад онҳоро тағйир диҳад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун чораи маҷбурии таъсиррасонии ҳуқуқии ҷиноятӣ буда, аз тарафи давлат нисбати вайронкунандаи қонуни ҷиноятӣ татбиқ карда мешавад, ки ба риояи муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзкунандаи қонуни ҷиноятӣ ва зарурати иҷрои ҳатмии он аз тарафи ҳамаи шаҳрвандон, мусоидат мекунад.

Танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ тавассути меъёрҳои КҶ ҶТ амалӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат бояд ба назар гирифт, ки амалӣ шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ инчунин тавассути меъёрҳои дигар соҳаи ҳуқуқ (масалан, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ғайраҳо) иҷозат дода шудааст. Дар асоси қисми 1 моддаи 2 КҶ ҶТ вазифаҳои он ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо иборат аст. Барои татбиқи ин вазифаҳо асосу принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар менамояд.

Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудан шаҳодати он аст, ки давлат кирдори содирнамудаи шахсро маҳкум мекунад. Дар баробари ин ба субъекти ҷиноят таъсире менамояд, ки бо маҳдуд кардани вазъи ҳуқуқии ӯ дар соҳаҳои гуногун, алоқаманд мебошад. Ба таври асосӣ он дар татбиқи чораи хусусияти ҳуқуқии ҷиноятидошта инъикос мегардад (ҷазо додан, чораҳои маҷбурии таъсиррасонии тарбиявӣ, мусодираи молу мулк ва ғайраҳо.).

Аммо маҳдуднамоӣ метавонад дигар ҳуқуқ ва озодиҳоро низ маҳдуд намояд. Масалан, мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон шахсоне, ки бо ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ адои ҷазо менамоянд, ҳуқуқи дар интихобот ва райъпурсӣ иштирок карданро надоранд.

Аломатҳои зикршудаи ҷавобгарии ҷиноятӣ имконият медиҳанд, ки онро аз дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ фарқ намоем. Масалан, ҷавобгарии ҷиноятӣ аз таъқиби ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ фарқ менамояд.

Таъқиби ҷиноятӣ – ин фаъолияти мурофиавие мебошад, ки аз ҷониби айбдоркунанда бо мақсади муайян намудани гумонбаршаванда, айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноят амалӣ карда мешавад.

Мафҳуми ҷазо дар қисми 1 моддаи 46 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Ҷазо дар доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз чораҳое мебошад, ки ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ бисёр истифода мешавад. Аммо, чи тавре ки дар боло қайд карда будем, амалӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳдуд карда намешавад.

Мутобиқи моддаи 11 КҶ ҶТ асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар КҶ ҶТ пешбинигардида аст.

Аз ҳамин ҷо бар меояд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдори (ҳаракат ва беҳаракатӣ) содиршуда ба вуҷуд омада, онро асосӣ воқеӣ ҳисобидан қобили қабул аст. Аммо на ҳамаи кирдорҳо оқибати ҷавобгарии ҷиноятиро доро мебошанд ва танҳо чунин кирдорҳо барои ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ асос мешаванд, ки бо КҶ ҶТ манъ гардида бошанд. Бандубасти ҷиноят ҷараёни муқаррарнамоии дақиқи мувофиқати байни аломатҳои кирдори содирнамудани шахс мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят мебошад. Бинобар ин, асоси ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ кирдоре ба ҳисоб меравад, ки дорои ҳамаи аломатҳои таркиби ҷиноят аст.

Ҳангоми набудани таркиби ҷиноят дар кирдор парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда намешавад ва агар оғоз гардида бошад қатъ карда мешавад. Чунин ҳолатҳо дар сурате имконпазир аст, ки кирдори шахс объективона ба ҷамъият хавнок мебошад ва дар асоси талаботи он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, аммо дар КҶ ҶТ таркиби ҷинояти мувофиқ мавҷуд нест (холигӣ дар қонун).

## § 2. Пайдоиш, шаклҳои амалишавӣ ва қатъ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ

Вобаста ба масъалаи пайдоиши ҷавобгарии ҷиноятӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Ин ҳолатҳо ба содир шудани ҷиноят, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда, қабул кардани ҳукми айбдоркунӣ, эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ ва ғайраҳо ба шумор меравaнд.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳолати содир намудани ҷиноят ба вуҷуд меояд. Вобаста ба ин, лаҳзаи ба вуҷуд омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ аз лаҳзаи содир намудани ҷиноят эътироф мешавад.

Амали шудани (иҷро кардани) ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шаклҳои зерин ифода меёбад:

1) ҷавобгарии ҷиноятӣ бо татбиқи ҷазо ва

2) ҷавобгарии ҷиноятӣ бе татбиқи ҷазо.

Дар ин ҳолат ҳар як шаклҳои номбаргардида дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд.

Ҷазои ҷиноятӣ танҳо бо ҳукми айбдоркунии суд татбиқ карда мешавад ва яке аз шаклҳои асосии амалишавии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба шумор меравад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки яке аз аломатҳои ҷиноят – ин сазовори ҷазо будани он мебошад. Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 338 КМҶ ҶТ ҳукми айбдоркунӣ метавонад бароварда шавад: бо таъйини ҷазои ҷиноятӣ, ки маҳкумшуда бояд онро адо кунад; бо таъйини ҷазои ҷиноятӣ ва озод кардан аз адои он; бе таъйини ҷазои ҷиноятӣ. Суд ҳукми айбдоркунандаро бо таъйини ҷазо, ки судшаванда онро бояд адо кунад, бароварда, бояд намуд, андоза ва оғози баҳисобгирии мӯҳлати адои ҷазоро дақиқ муайян кунад. Суд ҳукми айбдоркунандаро бо таъйини ҷазо ва озод кардан аз адои он дар ҳолатҳое мебарорад, ки то лаҳзаи баровардани ҳукм: санади авф қабул гардад, ки он маҳкумшударо аз татбиқи ҷазои бо ин ҳукм таъйингардида озод мекунад; мӯҳлати оид ба ҳамин парванда тахти ҳабс қарор доштани судшаванда мутобиқи қоидаҳои баҳисобгирии ҳабси пешакӣ, ки моддаи 70 КҶ ҶТ муқаррар кардааст, ҷазои таъйиннамудаи судро дар бар гирад.

Дуюм шакли амалишавии ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқи ҷазоро истисно мекунад. Имконияти қабули ҳукми айбдоркунӣ бе таъйини ҷазо дар қисми 4 моддаи 339 КМҶ ҶТ ба танзим дароварда шудааст, ки тибқи талаботи он суд ҳукми айбдоркунандаро бе таъйини ҷазо дар ҳолатҳое мебарорад, ки дар лаҳзаи қабули он: мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс барои ҳамин

ҷиноят гузашта бошад ё судшаванда фавтида бошад. Дар ин ҳолат шахс дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф карда мешавад, вале бо сабабҳои ба ӯ вобастанабуда, он маҳдудияте, ки дар татбиқи ҷазо мавҷуд аст, ба ӯ татбиқ намегардад.

Амалӣ шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ инчунин бе қабули ҳукми айбдоркунии суд низ мумкин аст. Масалан, дар моддаҳои 72-75 КҶ ҶТ асосҳои озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, ки дар ин ҳолатҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ бе қабули ҳукми айбдоркунӣ ва татбиқи ҷазо амалӣ карда мешавад. Ба ғайр аз ин, асосҳои мазкур ҳамчун ҳолатҳои сафедкунанда баромад намекунанд ва аз содир шудани ҷиноят шаҳодат медиҳанд, аммо вобаста ба ҳолатҳои мавҷуда (пушаймонӣ аз кирдор, оштӣ шудан бо ҷабрдида ва ғайраҳо) зарурати татбиқи ҷазоро истисно мекунад. Дар ҳолатҳои зерин таъсиррасониҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар намуди маҳдуд кардани вазъи ҳуқуқии шахси ҷиноятсодиркарда амалӣ карда мешавад. Маҳз бинобар ҳамин шахс ҳуқуқи соҳиб шудан ба мақоми адвокат ва машғул шудан ба фаъолияти адвокатиро надорад, агар дар асоси сархати чоруми қисми 1 моддаи 27, моддаҳои 29-32 КМҶ ҶТ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад (қисми 2 моддаи 12 Қонуни ҶТ "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ").

Муайян намудани вақти қатъ шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ аз шаклҳои он вобаста мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ бо татбиқи ҷазо чун қоида баъди барҳам хурдан ва ё бардоштани доғи судӣ ба анҷом мерасад. Шахс доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад, аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъйин карда шудааст ва то рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ (қисми 1 моддаи 84 КҶ ҶТ). Тибқи талаботи қисми 7 моддаи 84 КҶ ҶТ барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ оқибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятиро беэътибор мегардонад. Аммо бояд ба назар гирифт, ки доғи судӣ на танҳо ҳангоми муайян намудани ретсидиви ҷиноят, балки дигар оқибатҳои ҳуқуқии худро низ дорад, ки дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст. Аз ин рӯ, барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ танҳо оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии онро аз байн мебарад, аммо имконияти татбиқ шудани дигар ҳуқуқмаҳдудкуниҳое, ки дар боло номбар гардиданд, истисно намекунад.

Ҷавобгарии ҷиноятиро бояд аз муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ тафовут кард. Зеро муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки байни давлат ва шахси ҷи-

ноятсодирнамуда пайдо мешавад ва бо меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ мавриди танзим қарор дода мешаванд.

Содир шудани ҷиноят ягона ҳолати пайдо шудани муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Таркиби ҳар як муносибатҳои ҷамъиятиро аломатҳои он: субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳад.

Объекти муносибатҳои ҳуқуқиро муносибатҳои ҷамъиятӣ (масалан, моликият), ки таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор дорад, ташкил медиҳад.

Субъекти муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ аз як тараф шахси ҷиноятсодиркарда ва аз тарафи дигар давлат дар симои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баромад мекунанд.

Ҳар як субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба худ хос мебошанд, ки хусусияти робитаи байниҳамдигарии онҳоро мушаххас мекунад (мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ).

# БОБИ V
# ТАРКИБИ ҶИНОЯТ

**§ 1. Мафҳуми таркиби ҷиноят**
**§ 2. Унсурҳо ва нишонаҳои таркиби ҷиноят**
**§ 3. Намудҳои таркиби ҷиноят**

## § 1. Мафҳуми таркиби ҷиноят

Ҷавобгарии ҷиноятӣ яке аз мафҳуми бунёдии ҳуқуқ маҳсуб меёбад. Мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ на дар Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 пешбинӣ шуда буд ва на дар Кодекси ҷиноятии кунунӣ пешбинӣ шудааст. Истилоҳи «ҷавобгарии ҷиноятӣ» фақат дар баъзе моддаҳои Қисми умумӣ ва Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаасту халос. Мисол, дар моддаи 1 – қонуне, ки ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар мекунад, дар қисми 2 моддаи 2 – асос ва принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, дар моддаи 5 – дар вақти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳама дар назди қонун баробаранд, дар моддаи 11 – асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ, дар моддаи 348 – дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ, дар моддаи 360 – ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ғайра.

Дар адабиёти таълимӣ ва илмӣ мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ гуногун шарҳ дода шудааст.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ – ин таъсиррасонии маҷбурии давлатӣ мебошад, ки дар асоси қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ ин уҳдадории шахси дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор доир ба адо намудани ҷазо ё дигар чораҳои ҳуқуқии ҷиноятидошта барои ҷинояти содирнамудааш мебошад, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ муносибати ҳуқуқии ду тараф маҳсуб меёбад. Аз як тараф, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз номи давлат баромад менамояд, аз тарафи дигар шахси ҷинояткор ҳамчун ҷавобгар.

Дар мавриди шахсро барои содир намудани ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ҳатман санади ҳуқуқӣ мавқеи муҳимро

ишғол менамояд. Ба сифати чунин санади ҳуқуқӣ, танҳо ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаи суд, баромад карда метавонад. Чунончи, дар моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад».

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳоеро муқаррар кардааст, ки шахс гарчанде ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ҳам, нисбати ӯ ҷазои ҷиноятӣ таъйин нашуданаш мумкин аст. Мисол, мутобиқи моддаи 90 КҶ ҶТ ноболиғе, ки барои содир намудани ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна маҳкум шудааст, мумкин аст аз ҷониби суд бо татбиқи чораи маҷбурии хусусияти тарбиявидошта, ки дар қисми 2 моддаи 89 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, аз ҷазо озод карда шавад. Дар ин ҷо, сухан танҳо оид ба аз ҷазо озод намудани ноболиғ ҷой дорад. Дар чунин ҳолат, суд ҳукми айбдоркунанда мебарорад, вале ҷазо таъйин намекунад. Ба ҷойи ҷазо, чораҳои маҷбурии хусусияти тарбиявидошта таъйин карда мешавад. Ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаи суд оид ба таъйини чораҳои маҷбурии хусусияти тарбиявидошта ҷой дошта бошад, пас ноболиғ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида маҳсуб меёбад, гарчанде нисбати он ҷазои ҷиноятӣ таъйин нагардида бошад ҳам. Чунин маҳкумкунӣ, доғи судиро низ ба миён намеорад, зеро дар банди «г», қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ омадааст, ки дар сурати аз ҷазо озод кардани ноболиғон мувофиқи моддаи 90 ҳамин Кодекс аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи аз ҷазо озод кардани ноболиғ, ӯ низ доғи судӣ надошта ҳисоб мешавад.

Аз гуфтаи боло бар меояд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ мафҳумоти ягона намебошанд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ бе ҷазои ҷиноятӣ ҷой дошта метавонад, вале ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун чораи маҷбурии давлатӣ, бе ҷавобгарии ҷиноятӣ ғайриимкон мебошад, зеро он як намуди ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбат ба ҷазои ҷиноятӣ васеътар мебошад.

Оид ба оғози ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз ҷониби олимон – ҳуқуқшиносон таълифоти гуногун ҷой дорад. Ҳамин тавр, А.А. Пионтовский дар он ақида аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ аз лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба миён меояд[13]. Ба ақидаи Я.М. Брайнин бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ аз лаҳзаи ҳамчун айбдоршаванда эътироф гардидани шахс, яъне аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ му-

[13] Курс советского уголовного право. Т. 3. М., 1970. С. 8-9.

айян намудани шахсеро, ки дар содир намудани ҷиноят айбдор мебошад, эътироф мешавад[14], ки боиси мақбул аст.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар он сурат ҷой дошта метавонад, ки агар он асоси дар моддаи 11 КҶ ҶТ пешбинишударо доро бошад: «асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст».

Қонунгузории ҷиноятӣ асоси ҷавобгарии ҷиноятиро чунин эътироф менамояд, ки дар кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахс мавҷуд будани аломатҳои таркиби ҷиноятe, ки дар меъёри мушаххаси ҳуқуқии ҷиноятӣ пешбинӣ шуда бошад. Дар меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки ҷиноят мебошанд, бо роҳи шарҳ додани аломатҳои мушаххаси он, нишон дода шудаанд. Шахс дар он сурат барои содир намудани кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) гунаҳгор (айбдор) эътироф шуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки агар аломатҳои кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) содиршудааш ба меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мувофиқат дошта бошанд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ мафҳуми ҷиноят якҷоя бо мафҳуми таркиби ҷиноят мавқеи асосиро ишғол менамояд. Лекин, ба муҳиммияти он нигоҳ накарда дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми таркиби ҷиноят дода нашудааст. Истилоҳи таркиби ҷиноят танҳо дар баъзе моддаҳои Қисми умумии КҶ ҶТ (моддаҳои 11, 19, 33, 34, 39) пешбинӣ гардидааcту халос.

Таркиби ҷиноят – ин маҷмӯи унсурҳои ҳатмии объективӣ ва субъективии бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраршудае мебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро ҳамчун ҷиноят тавсиф медиҳад.

Таркиби ҷинояти мушаххас – ин маҷмӯи унсурҳо ва нишонаҳои ҳатмие мебошанд, ки бо ёрии онҳо қонунгузор дар меъёри мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ на фақат ҷиноят будани кирдор, балки сазовори ҷазо будани онро муайян мекунад.

Яке аз масъалаҳое, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷой дорад, ин муттаносибии мафҳуми таркиби ҷиноят ва мафҳуми ҷиноят ба ҳисоб меравад. Мафҳуми ҷиноят дар қисми 1 моддаи 17 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки мутобиқи он «кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфноке, ки ҳамин Кодекс бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кар-

---

[14] Брайнин Я.М. Уголовная ответственность и ее основание в советском уголовном праве. М., 1963. С. 27.

дааст, ҷиноят эътироф мешавад». Мафҳуми ҷиноят бо мафҳуми таркиби ҷиноят алоқамандии зич доранд, зеро онҳо як зуҳуротро тавсиф медиҳанд, – ин ҳам бошад ҷиноят. Бо ҳамдигар алоқамандии зич доштани онҳо маънои як чиз будани онҳоро надорад.

Аз мафҳуми ҷиноят бар меояд, ки он дорои чор нишона мебошад:

Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) содирнамудаи шахс бояд ба ҷамъият хавфнок бошад, яъне ба муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба миён меорад: шахсият, ҷамъият ва ё давлат;

Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) содирнамудаи шахс бояд заддиҳуқуқӣ (зиддиқонунӣ) бошад. Қисми махсуси КҶ ҶТ чунин кирдорҳоро манъ кардааст;

Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахс бояд гунаҳгорона содир шуда бошад, яъне қасдан ва ё аз беэҳтиётӣ;

Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) содирнамудаи шахс бояд сазовори ҷазо бошад, яъне барои содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок, ҷазои ҷиноятӣ ё дигар чораҳои таъсиррасонии ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳамин тавр, аз мафҳуми ҷиноят ва таркиби ҷиноят бар меояд, ки таркиби ҷиноят (бо нишонаҳо ва унсурҳои худ) воситаи ёрирасон барои муайян намудани ҷиноят ба ҳисоб меравад. Таркиби ҷиноят дорои нишона ва унсурҳои (объективӣ ва субъективии) бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраршудае мебошад, ки бо ёрии онҳо аломатҳо ва нишонаҳои кирдори мушаххаси шахсро бо моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ муқоиса мекунонад ва ин раванд дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бандубасти ҷиноят номида мешавад. Агар ин бандубаст мувофиқат кунад, пас кирдори шахс ҷиноят эътироф карда мешавад. Бандубасти ҷиноят – ин муқаррар кардани мувофиқати аломатҳои кирдори содиршудаи барои ҷамъият хавфнок бо аломатҳои таркиби мушаххаси бо Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинишуда, ба ҳисоб меравад.

Бандубасти дуруст, шарти зарурии риояи принсипи қонуният дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад. Бандубасти нодуруcти ҷиноят ба он оварда мерасонад, ки шахси бегуноҳ (беайб) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ҷазои сазовор таъйин карда намешавад, ё шахс беасос аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод карда мешавад. Бинобар ин, ҳукме, ки бандубасти нодурустро дар бар мегирад, ё тағйир дода мешавад ё аз ҷониби суди болоӣ бекор карда мешавад (моддаи 345 КМҶ ҶТ). Барои он ки ҷиноят дуруст бан-

дубаст карда шавад, зарур аст, ки: дуруст ва пурра муқаррар кардани ҳолатҳое, ки ҷинояти содиршударо тасвир мекунанд (моддаи 85 КМҶ ҶТ); дуруст дарк кардани он, ки таркиби дахлдори ҷиноят аз кадом аломатҳо иборат аст.

Танҳо дар ин ҳолат муқоисаи аломатҳои ҷинояти мушаххас ва таркиби ҷиноят ба бандубасти дуруст оварда мерасонад.

Аҳаммияти таркиби ҷиноят:

- асоси ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад;
- барои бандубасти дурусти ҷиноят асос мегардад;
- асоси аз ҷониби суд дуруст муайян кардани намуд ва андозаи ҷазо ё дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятидошта ба ҳисоб меравад;
- кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

## § 2. Унсурҳо ва нишонаҳои таркиби ҷиноят

Чи тавре, ки дар боло зикр карда шуд, таркиби ҷиноят – ин маҷмӯи унсурҳои ҳатмии объективӣ ва субъективии бо қонун муқарраршудае мебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро ҳамчун ҷиноят тавсиф медиҳад. Аз мафҳуми таркиби ҷиноят бар меояд, ки ҳамаи унсурҳои таркиби ҷиноят ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд:

Унсурҳои объективии таркиби ҷиноят;

Унсурҳои субъективии таркиби ҷиноят.

**Ба унсурҳои объективии таркиби ҷиноят дохил мешаванд:**

Объекти ҷиноят;

Тарафи объективии ҷиноят.

**Ба унсурҳои субъективии ҷиноят дохил мешаванд**:

Субъекти ҷиноят;

Тарафи субъективии ҷиноят.

Ҳамин тавр, ҳар як кирдори барои ҷамъият хавфнок (ҷиноят) бояд чор унсури таркиби ҷиноятро доро бошад: объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят, субъекти ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят.

**Объекти ҷиноят** – ин муносибатҳои муҳими ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ба

онҳо зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меоранд[15].

Ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки кирдори мушаххаси шахс ба онҳо зарар мерасонад, объекти ҷиноят шуда наметавонанд. Танҳо он муносибатҳои ҷамъиятие ба сифати объекти ҷиноят баромад карда метавонанд, ки дар қисми 1 моддаи 2 КҶ ҶТ номбар гардидаанд: «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сулҳ ва амнияти башарият».

**Тарафи объективии ҷиноят** – дорои он нишонаҳое мебошад, ки ҳолати берунии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфноки шахсро тавсиф менамоянд. Ба онҳо дохил мешаванд:

кирдори барои ҷамъият хавфнок;

оқибати барои ҷамъият хавфнок (оқибати ҷиноят);

робитаи сабабии байни кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок;

тарзи содир намудани ҷиноят, олоту воситаи содир намудани ҷиноят, ҷойи содир намудани ҷиноят, вақти содир намудани ҷиноят, шароити (вазъияти) содир намудани ҷиноят.

**Субъекти ҷиноят** – ин шахси воқеии (шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд) мукаллафе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синну соли муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ (мувофиқи қисми 1 моддаи 23 – ба 16 солагӣ ва мутобиқи қисми 2 ҳамин модда ба 14 – солагӣ) расидааст. Субъекти ҷиноят дорои чунин нишонаҳо мебошад:

Шахси воқеӣ будан;

Мукаллаф будани шахс;

Ба синну соли муқарраркардаи КҶ ҶТ расидани шахс;

**Тарафи субъективии ҷиноят** – ин тарафи дохилии рӯҳии ҷиноят мебошад, ки муносибатҳои рӯҳии шахсро нисбат ба кирдори содирнамудааш муайян мекунад. Агар тарафи объективии ҷиноят ҳолати берунии кирдори шахсро тавсиф диҳад, пас тарафи субъективии ҷиноят ҳолати дохилӣ – рӯҳии шахси ҷиноятсодиркардаро тавсиф медиҳад. Тарафи субъективии ҷиноят аз чунин нишонаҳо иборат мебошад:

– гуноҳ дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ;

---

[15] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 107; Российское уголовное право. Часть общая. Том 1 / Под. ред. проф. А.И. Рарога. М.: Профобразование. 2001. С. 103.; Агаев Г.А., Сафин Ф.Ю. Уголовное право: учебно-методическое пособие. СПб. ,2006. С. 11.

– ангеза;

– мақсад;

– ҷунун (аффект, эҳсосот).

Ҳамаи нишонаҳое, ки унсурҳои таркиби ҷиноятро тавсиф медиҳанд, ба нишонаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ (факултативӣ) ҷудо карда мешаванд.

Унсурҳои таркиби ҷиноят дорои чунин нишонаҳои ҳатмӣ мебошанд:

**Нишонаи ҳатмии объекти ҷиноят** – ин он муносибатҳои муҳими ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ба онҳо зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зараро ба вуҷуд меояд, ба ҳисоб мераванд;

**Нишонаҳои ҳатмии тарафи объективии ҷиноят:** дар таркибҳои моддӣ (материалӣ) – кирдори барои ҷамъият хавфнок, оқибати ҷиноятӣ, робитаи сабабии байни кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати ҷиноятӣ; дар таркибҳои расмии ҷиноят бошад – кирдори барои ҷамъият хавфнок;

**Нишонаҳои ҳатмии субъекти ҷиноят:**

шахси воқеӣ будан;

мукаллаф будани шахс;

ба синну соли муқарраркардаи КҶ ҶТ расидани шахс.

**Нишонаҳои ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят** – ин гуноҳ дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ба ҳисоб меравад.

Унсурҳои таркиби ҷиноят дорои чунин нишонаҳои иловагӣ мебошанд:

**Нишонаи иловагии объекти ҷиноят** – ин предмети ҷиноят ба ҳисоб меравад;

**Нишонаи иловагии тарафи объективии ҷиноят** – ин тарзи содир намудани ҷиноят, олоту воситаи содир намудани ҷиноят, ҷойи содир намудани ҷиноят, вақти содир намудани ҷиноят, шароити (вазъияти) содир намудани ҷиноят ба ҳисоб меравад;

**Намуди субъекти ҷиноят** – ин субъекти махсуси ҷиноят ба ҳисоб меравад;

**Нишонаи иловагии тарафи субъективии ҷиноят** – ин ангеза, мақсад, ҷунун (аффект) ба ҳисоб меравад.

Чунин ҷудокунии нишонаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ ба таркиби умумии ҷиноят тааллуқ дорад. Дар таркибҳои мушаххаси ҷиноятҳо, ба нишонаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ ҷудо намудан ҷой надорад ва ҳамаи нишонаҳо ҳатмӣ ба ҳисоб мераванд, зеро онҳо дар диспозит-

сияи моддаи мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд.

Нишонаҳои иловагии таркиби ҷиноят чунин аҳаммият доранд:

Дар баъзе моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ нишонаҳои иловагии таркиби ҷиноят пешбинӣ гардидаанд. Дар чунин ҳолат, онҳо ба сифати нишонаҳои ҳатмии чунин таркиби ҷиноят баромад мекунанд. Мисол, тарзи содир намудани ҷиноят нишонаи иловагии тарафи объективии таркиби умумии ҷиноят ба ҳисоб меравад, вале он дар дуздӣ (моддаи 244 КҶ ҶТ) нишонаи ҳатмии тарафи объективии ҷиноят ба ҳисоб меравад, яъне бо тарзи ниҳонӣ тасарруф кардани молу мулки ғайр;

Дар баъзе ҳолатҳо нишонаҳои иловагии таркиби ҷиноят, ба сифати ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноят баромад мекунанд. Мисол, куштани одам бо мақсади истифодаи аъзои бадан ё бофтаҳои ҷабрдида – банди "о" қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ. Мақсади ҷиноят нишонаи иловагии тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат нишонаи ҳатмӣ барои бо ҳолатҳои вазнинкунанда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс баромад карда истодааст;

Агар нишонаи иловагии таркиби ҷиноят на ҳамчун нишонаи ҳатмии таркиби ҷиноят ва на ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят баромад кунад, пас ҳамчун ҳолати сабуккунанда (моддаи 61 КҶ ҶТ) ва ё вазнинкунандаи ҷазо (моддаи 62 КҶ ҶТ) баромад мекунанд. Мисол, содир намудани ҷинояти дилхоҳ бо тарзи (нишонаи иловагии тарафи объективии ҷиноят) бераҳмии махсус, садизм, шиканҷа ё азобу уқубат дар дилхоҳ таркибҳои ҷиноятҳо ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷазо баромад мекунанд (банди "к" қисми 1 моддаи 62 КҶ ҶТ).

## § 3. Намудҳои таркиби ҷиноят

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таркиби ҷиноят аз рӯйи якчанд критерияҳо ба намудҳо ҷудо карда мешаванд:

Аз рӯйи дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ;

Аз рӯйи сохти таркиб;

Аз рӯйи конструксияи (сохти) тарафи объективии ҷиноят.

Аз рӯйи **дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ** чор намуди таркиби ҷиноят фарқ карда мешавад:

Таркиби асосӣ;

Таркиб бо ҳолатҳои сабуккунанда;

Таркиб бо ҳолатҳои вазнинкунанда;

Таркиб бо ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда.

**Таркиби асосии ҷиноят** – ин маҷмӯи унсурҳои объективӣ ва субъективие мебошад, ки дар ҳамаи ҳолатҳои содир намудани ҷиноят ҷой дорад, вале нишонаҳои иловагиро ба монанди ҳолатҳои вазнинкунанда ва ё сабуккунанда, доро намебошад. Дар баъзе адабиёти ҳуқуқӣ таркиби асосии ҷиноятро – таркиби оддии ҷиноят низ меноманд[16]. Ба таркиби оддии ҷиноят мисол шуда метавонад, қисми 1 моддаи 104 КҶ ҶТ – одамкушӣ.

**Таркиб бо ҳолатҳои сабуккунанда** – ин чунин таркибҳое ба ҳисоб меравнд, ки ғайр аз нишонаҳои таркиби асосии ҷиноят, дорои нишонаҳои иловагие мебошанд, ки қонунгузор вобавста ба ин, ба ҷамъият хавфнокии кирдорро камтар эътироф карда, ба он ҷазои нисбатан сабукро пешбинӣ менамояд. Мисол, агар қисми 1 моддаи 104 таркиби асосии одамкушӣ эътироф карда шавад, пас моддаҳои 105 КҶ ҶТ – кӯдаки навзоди худро куштани модар, 106 КҶ ҶТ – одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ, 107 КҶ ҶТ - одамкушӣ дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ баромадан ё дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир намудани шахси ҷиноят содир карда заруранд, - таркибҳо бо ҳолатҳои сабуккунанда эътироф карда мешаванд.

Дар **таркиб бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда**, таркиби асосии ҷиноят, инчунин дорои аломатҳои иловагӣ, яъне ҳолатҳои вазнинкунанда ё махсусан вазнинкунанда мебошанд ва бо ин дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ин таркиби ҷиноят баландтар мегардад. Мисол, қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ – 15 ҳолати вазнинкунандаи одамкушӣ, қисми 3 ё 4 моддаи 244 КҶ ҶТ – дуздӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда.

Критерияи дигари ба намудҳо ҷудо кардани таркиби ҷиноят – ин **сохти таркиби** ҷиноят мебошад, яъне тарзи баёнкунии қонунгузор. Вобаста ба ин, таркиби ҷиноят ба се намуд ҷудо карда мешавад:

1) таркиби содда;
2) таркиби мураккаб;
3) таркиби алтернативӣ[17].

**Таркиби соддаи ҷиноят**, чунин таркиби ҷиноятe эътироф карда мешавад, ки дорои як объект, як кирдор, як оқибат ва бо як шакли гуноҳ содир карда мешавад. Мисол, қисми 1 моддаи 244 КҶ ҶТ -

---

[16] Советское уголовное право. Общая часть. М., 1981. С. 108.

[17] Хусейнов С.Х., Хомидова М.Ф. Уголовное право Республики Таджикистан (Общая часть). Конспект лекций. Худжанд: «Ношир», 2010. С. 64.

дуздӣ: объект – моликият, тарафи объективӣ – ҳаракати фаъол, тарафи субъективӣ – гуноҳ дар шакли қасд.

**Таркиби мураккаби ҷиноят**, чунин таркибе мебошад, ки ё ба ду объект таҷовуз мекунад (роҳзанӣ – моддаи 249 КҶ ҶТ), ё бо якчанд кирдор содир карда мешавад (бетартибиҳои оммавӣ – моддаи 188 КҶ ҶТ), ё якчанд оқибат фаро мерасад (ғасби гаравгон, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад – банди "б" қисми 3 моддаи 181 КҶ ҶТ), ё бо ду шакли гуноҳ содир шуда бошад (қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардида бошад – банди "в" қисми 3 моддаи 110 КҶ ҶТ).

**Таркиби алтернативии ҷиноят**, яке аз намудҳои таркиби мураккаби ҷиноят буда, дар диспозитсияи моддаи мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ якчанд ҳаракатҳои алтернативиро баён мекунад ва содир намудани яке аз чунин ҳаракатҳо, таркиби ҷиноятро ташкил медиҳад. Мисол, дар диспозитсияи қисми 1 моддаи 200 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст: "ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр кардан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ё ҳаммонанди онҳо ба миқдори кам". Содир намудани яке аз чунин ҳаракатҳо ҷавобгарии ҷиноятиро мутобиқи қисми 1 моддаи 200 КҶ ҶТ ба миён меорад.

Аз рӯйи **конструксияи (сохти) тарафи объективии ҷиноят**, яъне аз рӯйи тарзи баёни тарафи объективии ҷиноят, се намуди таркиби ҷиноят фарқ карда мешавад:

1) таркиби моддӣ (материалӣ);
2) таркиби расмӣ;
3) таркиби хатарнок.

**Таркиби моддӣ** – ин чунин таркибе мебошад, ки дар он қонунгузор ба тарафи объективии ҷиноят на фақат нишонаи кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), балки нишонаи оқибати ҷиноятӣ, робитаи сабабии байни кирдор ва оқибати ҷиноятиро низ дохил менамояд. Мисол, моддаҳои 104 КҶ ҶТ – одамкушӣ, 244 КҶ ҶТ – дуздӣ.

**Таркиби расмӣ** – ин чунин таркибе мебошад, ки ба тарафи объективии ҷиноят ба сифати нишонаи ҳатмӣ фақат кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок дохил мешавад. Мисол, моддаҳои 196 КҶ ҶТ – ғайриқонунӣ сохтани силоҳ, 277 КҶ ҶТ – ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ.

**Таркиби хатарнок** (кӯтоҳкардашуда) – чунин таркибе ба ҳисоб меравад, ки қонунгузор лаҳзаи хотимаёфта ҳисобидани ҷиноятро ба давраи тайёрӣ ё сӯиқасд ба ҷиноят вобаста медонад. Мисол, моддаи 186 КҶ ҶТ – ҷинояти бандитизм аз лаҳзаи ташкили гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор бо мақсади ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилот, ҳамчунин роҳбарӣ ба чунин гурӯҳ (даста), хотимаёфта эътироф мешавад, новобаста аз он, ки гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор ба шаҳрвандон ё ташкилот ҳуҷум намуд ё не.

Ҳамин тавр, дар таркиби моддӣ қонунгузор лаҳзаи хотимаёфта ҳисобидани ҷиноятро ба фаро расидани оқибати ҷинояти дар диспозитсияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинишуда, алоқаманд мекунад. Дар таркиби расмӣ, қонунгузор лаҳзаи хотимаёфта ҳисобидани ҷиноятро бо содир намудани худи кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок алоқаманд мекунад. Дар таркиби хатарнок бошад, қонунгузор лаҳзаи хотимаёфта ҳисобидани ҷиноятро бо ҳаракатҳои тайёрӣ ё сӯиқасд ба ҷиноят алоқаманд мекунад.

# БОБИ VI
# ОБЪЕКТИ ҶИНОЯТ

**§ 1. Мафҳум ва аҳаммияти объекти ҷиноят**
**§ 2. Таснифи (классификатсияи) объекти ҷиноят**
**§ 3. Предмети ҷиноят**

## § 1. Мафҳум ва аҳаммияти объекти ҷиноят

Моддаи 2 КҶ ҶТ вазифаҳои Кодекси ҷиноятиро муайян мекунад: «Вазифаҳои ҳамин Кодекс аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо иборат аст». Аз муқаррароти ин меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ бар меояд, ки дар моддаи зикргардида муносибатҳои муҳими ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ҷиноятӣ ҳифзшаванда номбар шудаанд. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, муносибатҳои муҳими ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ба онҳо зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани зарар ба вуҷуд меояд, ҳамчун объекти ҷиноят ҳисобида мешаванд[18].

Ҳамчунин, моддаи 2 КҶ ҶТ муносибатҳои муҳими ҷамъиятии ҳифзшавандаро вобаста ба аҳаммиятнокиашон ҷудо намудааст ва дар ин номгӯйи муносибатҳои ҷамъиятӣ, қонунгузор афзалиятро оид ба муҳиммият ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд нисбат ба давлат ва моликият додааст, яъне: «Вазифаҳои КҶ ҶТ аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд … иборат аст». Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1961-

[18] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслова. М.: Юристъ, 1996. С. 106.

ум аз рӯйи муҳиммият, ҷиноятҳои муқобили амнияти давлатӣ дар мадди аввал қарор доштанд.

Муносибатҳои муҳими ҷамъиятие, ки дар моддаи 2 КҶ ҶТ зикр гардидаанд, баъди содир шудани ҷиноят, объекти ҷиноят эътироф мешаванд.

Вале, на ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда ба ҳисоб мераванд. Аксарияти муносибатҳои ҷамъиятӣ ба воситаи дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ таъмин ва ҳифз мегарданд. Мисол, муносибатҳои байни кредиторон ва қарздоронро меъёрҳои Кодекси мадании ҶТ, муносибатҳои байни андозсупорандагон ва давлатро – Кодекси андози ҶТ ба танзим медарорад ва ғайраҳо.

Аз доираи ин муносибатҳои ҷамъиятӣ, қонунгузор як гурӯҳи онро ба КҶ ҶТ мутааллиқ кардааст.

Дар қисми 1-уми моддаи 2 КҶ ҶТ муносибатҳои муҳими ҷамъиятии ҳифзшаванда нишон дода шудаанд: ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ; муҳити зист; тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ; моликият; ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ; таъмини сулҳ ва амнияти башарият.

Барои он, ки ин муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда шаванд, ҳатман бояд Қисми махсуси КҶ ҶТ аз назар гузаронида шавад. Ин барои муайян кардани гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки объекти ҳифзшавандаи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ мебошанд, кӯмак мекунад. Вале, муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамон вақт объекти ҷиноят ҳисобида мешаванд, ки агар кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) мушаххаси содиршуда ба он зарар расонад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд орад.

Ҳамин тавр, объекти ҷиноят – ин муносибатҳои муҳими ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ба онҳо зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд[19].

Доираи муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда вобаста ба муносибатҳои нави ҷамъиятӣ (сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ) ивазшаванда мебошанд. Ва дар ин ҷо муайян кардани объекти ҷиноят, аз он во-

---

[19] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 107; Российское уголовное право. Часть общая. Том 1 / Под. ред. проф. А.И. Рарога. М.: Профобразование, 2001. С. 103; Агаев Г.А., Сафин Ф.Ю. Уголовное право: учебно-методическое пособие. СПб., 2006. С. 11.

баста аст, ки кадом муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ҳимояи худро ба воситаи қонунгузории ҷиноятӣ зарур медонад. Агар қонунгузор ҳифзи ин муносибатҳои нави ҷамъиятиро муҳим ҳисобад, онро ба меъёрҳои вобастабудаи КҶ ҶТ ворид мекунад. Ин раванд, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ криминализатсия номида мешавад.

Агар қонунгузор зарур донад, ки муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда дигар ба ҷамъият хавфнок намебошанд, онро аз меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ (қисман ё пурра) хориҷ менамояд. Ин бошад дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ декриминализатсияи кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) номида мешавад[20].

Ҷиноят барои зарар расонидан ба муносибатҳои ҷамъиятии алоҳида равона карда шудааст. Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахс ҷиноят ҳисобида намешавад, агар вай муносибатҳои ҷамъиятиро вайрон накунад, ба онҳо зарар нарасонад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд наорад.

Профессор А.И. Рарог муносибатҳои ҷамъиятиро чунин шарҳ додаст: «муносибатҳои ҷамъиятӣ аз муносибатҳои байни инсонҳо бар меоянд. Мавҷуд будани худи инсон ҳамчун шахсият танҳо дар доираи системаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ имконпазир аст. Муносибатҳои ҷамъиятӣ аз як қатор унсурҳо иборат мебошанд:

дар аввал, субъектҳо (иштироккунандагони муносибатҳо) – давлат, мақомоти вай, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ, шахсият;

дуввум, робитаи байни субъектҳо, фаъолияти онҳо ё муносибат нисбат ба якдигар, ҳуқуқ ва озодиҳои муайян;

севвум, арзишҳои иҷтимоӣ, ки вобаста ба онҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ ба миён меоянд»[21].

Объекти ҷиноятро набояд бо предмети ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ омехта сохт. Предмети ҳуқуқи ҷиноятӣ низ муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Вале, онҳо вобаста ба содир шудани ҷиноят, байни давлат ва шахси ҷиноят содирнамуда, ба миён меоянд. Инҳо – муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятие мебошанд, ки предмети танзими ҳуқуқи ҷиноятиро ташкил медиҳанд[22].

---

[20] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 107.; Российское уголовное право. Часть общая. Том 1 / Под. ред. проф. А.И. Рарога. М.: Профобразование, 2001. С. 104.

[21] Российское уголовное право. Часть общая. Том 1 / Под. ред. проф. А.И. Рарога. М.: Профобразование, 2001. С. 104.

[22] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 107.

Ҳамчунин, объекти ҷиноятро бо меъёри ҳуқуқ омехта кардан мумкин нест. Агар мо, шахси мушаххасро дар вайрон кардани қонун гунаҳгор кунем, он гоҳ дар ин ҳолат он дар назар дошта мешавад, ки кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) содиршудаи ин шахс зидди қонуни мушаххас мебошад. Дар ин ҳол, ба худи меъёрҳои ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ зарар расонида намешавад. Вале, ба объекти ҷиноят бошад, доимо зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд[23]. Дар моддаи 17 КҶ ҶТ ин ҳолат ҳамчун асоси фарқкунандаи ҷиноят аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо муайян шудааст. Ҳамин тавр, мувофиқи қисми 2 моддаи 17 КҶ ҶТ «кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки зоҳиран аломатҳои яке аз кирдорҳои дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардидаро дошта бошад ҳам, вале бо сабаби камаҳаммиятӣ барои ҷамъият хавфнок нестанд, ҷиноят намебошад». Яъне, дар ин ҳолат бинобар камаҳаммиятӣ ба манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва давлат зарар расонида намешавад ё таҳдиди расонидани зарар ба вуҷуд намеояд.

Аҳаммияти объекти ҷиноят пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки вай яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят ва ҳамчунин асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ин мазмуни онро дорад, ки барои шахсро мувофиқи моддаи мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашидан, бояд муқаррар кард, ки ба кадом объект ҷиноят равона карда шуда буд, ба кадом объект шахси мушаххас бо ҳаракатҳои (беҳаракатии) худ хоҳиши зарар расониданро дошт ва хусусан, ба кадом объект ин зарар расонида шуд ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба миён меомад.

Дуруст муайян кардани объекти ҷиноят, барои муайян кардани ҷинояти мушаххас имконият медиҳад. Агар гунаҳгор ба одам ҳамла карда, хоҳиши аз ҳаёт маҳрум кардани ӯро дошта бошад, он гоҳ ин ҷинояти муқобили шахсият равонашуда ба ҳисоб меравад ва агар ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бошад, он гоҳ аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ, ин ҷиноят ба муқобили моликият равонашуда ба ҳисоб меравад.

Дуруст муайян кардани объекти ҷиноят, дар баъзе ҳолатҳо барои фарқ кунонидани ҷиноятҳои ба ҳам монанд ва бехато бандубаст кардани онҳо аҳаммияти калон дорад. Мисол, ҷинояткор ҷабрдидаро лату кӯби бераҳмона мекунад. Баъди чанд рӯзи воқеа ҷабрдида вафот мекунад. Барои дуруст бандубаст кардани ин кирдор, муайян кардан зарур аст, ки қасди шахси гунаҳгор ба кадом

[23] Ҳамон ҷо.

объекти бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда равона шуда буд – ҳаёт ё саломатӣ. Вобаста ба дуруст ҳал шудани масъала, ҷиноят ҳамчун одамкушӣ ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст, бандубаст карда мешавад.

Инчунин, аҳаммияти объекти ҷиноят дар он ифода мегардад, ки вай яке аз асосҳои фарқ кунонидани ҷиноят аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад. Барои ин, бояд муқаррар карда шавад, ки муносибати ҷамъиятии мушаххас бо меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад ё не. Агар мо дар КҶ ҶТ меъёри мушаххасеро, ки муносибати ҷамъиятии кирдор ба он таҷовузкунандаро ҳифз мекунад, дарёфт накунем, он гоҳ ин таҷовузро ҷиноят эътироф намудан мумкин нест. Дар чунин ҳолатҳо, масъалаи дигар намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: маданӣ – ҳуқуқӣ, маъмурӣ, интизомӣ ҷой дорад.

Ҳамин тавр, профессор Б.В. Здравомыслов оид ба объекти ҷиноят чунин мафҳумро пешбарӣ менамояд: «объекти ҷиноят – ин муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки ба онҳо ҷиноят таҷовуз мекунад ва ҷиноят ба онҳо зарар мерасонад ё таҳдиди воқеии расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад»[24].

## § 2. Таснифи (классификатсияи) объекти ҷиноят

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятҳо аз рӯйи амудӣ (вертикалӣ) ва уфуқӣ (горизонталӣ) тасниф (классификатсия) карда мешаванд.

Аз рӯйи амудӣ (вертикалӣ), қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ се намуди объекти ҷиноятро ҷудо мекард:

– умумӣ;
– гурӯҳӣ;
– бевосита.

Ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудани объекти ҷиноят ба талаботи Қисми махсуси ҳамон Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгӯй буд. Аз рӯйи объекти гурӯҳӣ Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон ба бобҳо ҷудо карда мешуд ва аз рӯйи объекти бевосита – бобҳои Қисми махсус ба моддаҳо тақсим мешуданд.

Системаи КҶ ҶТ соли 1998 аз системаи Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 фарқият дорад. Қисми махсуси КҶ ҶТ соли 1998 ба фасл ва боб ҷудо карда шудааст. Дар асоси ин сохтор объекти намудии ҷиноят ҳамчун қисми таркибии объекти гурӯҳӣ

[24] Ҳамон ҷо. С. 112.

ҷудо карда шудааст. Ҳамин тавр, аз рӯйи амудӣ (вертикалӣ) чунин намуди объектҳо ҷудо карда шудаанд:

1) объекти умумӣ;
2) объекти гурӯҳӣ (хелӣ);
3) объекти намудӣ;
4) объекти бевосита.

Таснифи объект аз рӯйи уфуқӣ (горизонталӣ) дар сатҳи объекти бевосита ба амал бароварда мешавад. Аз рӯйи уфуқӣ (горизонталӣ) объекти бевоситаи ҷиноят ба се намуд ҷудо карда мешаванд:

1) объекти бевоситаи асосӣ;
2) объекти бевоситаи иловагӣ;
3) объекти бевоситаи факултативӣ.

Объекти умумии ҷиноят – ин маҷмӯи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ аз таҷовузи ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд. Агар ҳамаи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро таҳлил карда бароем, пас маҷмӯи муносибатҳое муайян мешаванд, ки онҳо объекти умумӣ ба ҳисоб рафта, бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд. Мисол, бо моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ чунин муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳифз карда мешаванд:

– ҳаёт;
– саломатӣ;
– обрӯ ва эътибор;
– озодии ҷинсӣ вадахлнопазирии ҷинсӣ;
– ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд;
– оила ва ноболиғон;
– амниятӣ ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ;
– бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт;
– амнияти экологӣ ва муҳити зист;
– тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ;
– моликият;
– фаъолияти иқтисодӣ;
– амнияти иттилоотӣ;
– асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатӣ;
– ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ;
– тартиби идоракунӣ;
– адолати судӣ;
– хизмати ҳарбӣ;
– сулҳу амнияти инсоният.

Объекти умумии ҷиноят барои ҳамаи ҷиноятҳо ягона мебошад, зеро кирдори барои ҷамъият хавфноки дилхоҳ, ба ин ё он

гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар расонида, дар баробари ин ба тамоми маҷмӯи ҷиноятҳо, ки предмети ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятиро ташкил медиҳанд, зарар мерасонад.

Ҳамин тавр, объекти умумии ҷиноят – ин маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир шудани ҷиноят ба онҳо (шахсият, ҷамъият ва давлат) зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд.

Объекти гурӯҳии (хелии) ҷиноят – ин гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандаи бо ҳам монанд ва бо ҳам алоқаманд, ки аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ гурӯҳи якхеларо ташкил медиҳанд. Гурӯҳи якхелаи ба ҳам монанди муносибатҳои ҷамъиятӣ аз рӯйи субъект ва предмети муносибат ва ё моҳиятан ҷудо карда мешаванд. Мисол, ба шахсият (фасли 7 – уми КҶ ҶТ) – ҳаёт ва саломатии шахс, обрӯю эътибори шахс, озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахс, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои оилавии шахс ва манфиатҳои ноболиғон мансуб мебошанд. Ҳамаи ин ҷиноятҳо дар асл ба шахсият равона карда шудаанд.

Аз муқаррароти дар боло зикргардида муайян мешавад, ки дар асоси нишонаи объекти гурӯҳӣ Қисми махсуси КҶ ҶТ ба нӯҳ фасл ҷудо карда шудааст:

Фасли VII – Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият. Моддаҳои 104 – 178 КҶ ҶТ;

Фасли VIII – Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ. Моддаҳои 179 – 219 КҶ ҶТ;

Фасли IX – Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист. Моддаҳои 220 – 236 КҶ ҶТ;

Фасли X – Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ. Моддаҳои 237 – 243 КҶ ҶТ;

Фасли XI – Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт. Моддаҳои 244 – 297 КҶ ҶТ;

Фасли XII – Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ. Моддаҳои 298 – 304 КҶ ҶТ;

Фасли XIII – Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ. Моддаҳои 305 – 365 КҶ ҶТ;

Фасли XIV – Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ. Моддаҳои 366 – 394 КҶ ҶТ;

Фасли XV – Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният. Моддаҳои 395 – 405 КҶ ҶТ.

Инчунин, дар қисми 1 моддаи 2 КҶ ҶТ объектҳои гурӯҳӣ – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ҳифзшаванда номбар шудаанд: ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ; муҳити зист; тартибоит ҷамъиятӣ ва ахлоқ; моликият; сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон; сулҳ ва амнияти башарият. Қонунгузор дар ин номгӯ муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандаро аз рӯйи муҳиммияташон ҷойгир намудааст.

Объекти гурӯҳии ҷиноят вобаста ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда фарқ карда мешаванд. Вобаста ба ин, хусусияти ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят муайян карда мешавад. Ҳамчунин, дуруст муайян кардани объекти гурӯҳии ҷиноят дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунандагон аҳаммияти принсипиалӣ дорад. Дар вақти бандубасти кирдори ҷиноятӣ, объекти гурӯҳии ҷиноят барои ҷудо кардани ҷиноятҳои ба ҳам монанд мусоидат менамояд. Мисол, чи тавре, ки дар Фасли XI (ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт) меъёрҳо оид ба тасарруф мавҷуданд, ҳамин тавр дар Фасли VIII – (ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ) ҷой дорад (моддаҳои 244 то 251, 257, 194, 199, 202 КҶ ҶТ). Фарқияти байни онҳо аз рӯйи объекти гурӯҳии ҷиноят муайян шудааст: дар ҳолати аввал (агар предмети ҷиноят моликият бошад), фаъолияти муътадили иқтисодии мамлакат ва дар ҳолати дуюм бошад (агар ба сифати предмети ҷиноят воситаҳои нашъадор ё силоҳ баромад кунанд), амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ. Аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси дигар низ вобаста ба объекти гурӯҳии ҷиноят ба фаслҳои алоҳидаи КҶ ҶТ тааллуқ дорад. Ҳамин тавр, ҷавобгарӣ барои одамкушӣ дар моддаи 104 – 107 Фасли VII – (ҷиноятҳо ба муқобили шахсият) КҶ ҶТ, моддаи 310 Фасли XIII – (ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ) КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудааст. Дар ин ҷо фарқият аз рӯйи объекти гурӯҳӣ зоҳир мегардад, ки объекти гурӯҳии одамкушӣ ҳам шахсият ва ҳамчунин, таъмини муътадили фаъолияти ҳокимияти давлатӣ баромад карда метавонад.

Объекти намудии ҷиноят – ин ҷузъи объекти гурӯҳии ҷиноят ба ҳисоб рафта, гурӯҳи муайяни як намуд ҷиноятҳоро ҷамъ меоварад[25]. Ҳамин тавр, объекти намудии ҷиноят гурӯҳи ҷиноятҳои як

---

[25] Российское уголовное право. Часть общая. Том 1 / Под. ред. проф. А.И. Рарога. М.: Профобразование, 2001. С. 109.

намудро[26] гирд меоварад, ки ҳар яки онҳо дар вақти содир намудани ҷиноят ба сифати объекти бевосита баромад менамоянд. Вобаста ба ин, аз рӯйи объекти намудии ҷиноят, фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба бобҳо ҷудо карда мешаванд.

Вобаста ба объекти намудии ҷиноят, фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ чунин тақсим карда мешаванд:

Фасли VII – Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият аз рӯйи объекти намудӣ ба 5 гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1) Боби 16 – ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ моддаҳои 104 то 129 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки амнияти ҳаёт ва саломатии шахсро таъмин мекунанд;

2) Боби 17 – ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият моддаҳои 130 то 137 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсро таъмин мекунанд;

3) Боби 18 – ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ моддаҳои 138 то 142 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсро таъмин мекунанд;

4) Боби 19 – ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд моддаҳои 143 то 164 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунанд;

5) Боби 20 – ҷиноятҳо ба муқобили оила ва ноболиғон моддаҳои 165 то 178 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки манфиатҳои оила ва ноболиғонро таъмин мекунанд.

Фасли VIII – Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ аз рӯйи объекти намудӣ ба 3 гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1) Боби 21 – ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ моддаҳои 179 то 199 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки амнияти ҷамъиятиро таъмин мекунанд;

[26] Ғаффорова Н.А. Ҳусейнов С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми умумӣ): мафҳумҳо дар нақшаҳо. Хуҷанд, 2011. С. 21.

2) Боби 22 – ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ моддаҳои 200 то 210 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки саломатии аҳолиро таъмин мекунанд;

3) Боби 23 – ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт моддаҳои 211 то 219 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиётро таъмин мекунанд.

Фасли IX – Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист аз боби 24 иборат буда, моддаҳои 220 то 236 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки амнияти экологӣ ва муҳити зистро таъмин мекунанд.

Фасли X – Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ аз боби 25 иборат буда, моддаҳои 237 то 243 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқро таъмин мекунанд.

Фасли XI – Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт аз рӯйи объекти намудӣ ба 2 гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1) Боби 26 – ҷиноятҳо ба муқобили моликият моддаҳои 244 то 257 КҶ ҶТ-ро дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки ҳимояи моликиятро таъмин мекунанд;

2) Боби 27 – ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ моддаҳои 258 то 297 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки ҳимояи фаъолияти иқтисодиро таъмин мекунанд.

Фасли XII – Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ аз боби 28 иборат буда моддаҳои 298 то 304 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки амнияти иттилоотиро таъмин мекунанд.

Фасли XIII – Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ аз рӯйи объекти намудӣ ба 4 гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1) Боби 29 – ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат моддаҳои 305 то 313 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлатро таъмин мекунанд;

2) Боби 30 – ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ моддаҳои 314 то 327 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки ҳимояи ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатро таъмин мекунанд;

3) Боби 31 – ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи идоракунӣ моддаҳои 328 то 344 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки тартиботи идоракуниро таъмин мекунанд;

4) Боби 32 – ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ моддаҳои 345 то 365 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки адолати судиро таъмин мекунанд.

Фасли XIV – Ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ аз боби 33 иборат буда, моддаҳои 366 то 394 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки ҳимояи хизмати ҳарбиро таъмин мекунанд.

Фасли XV – Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният аз боби 34 иборат буда, моддаҳои 395 то 405 КҶ ҶТ дар бар мегирад. Объекти намудии ин ҷиноятҳо – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки сулҳу амнияти инсониятро таъмин мекунанд.

Чи тавре, ки маълум гардид, дар баъзе ҳолатҳо аз рӯйи объекти намудӣ баъзе фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ аз як боб иборат мебошанд. Мисол, Фасли IX – Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист ва ё Фасли X – Ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ.

Дар баробари муайян кардани объекти намудии ҷиноят, аз дохили гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии бо ҳам монанд ва бо ҳам алоқаманд ҷудо намудани гурӯҳе, ки ҷинояти намуди мушаххас доимо зарар мерасонад ё таҳдиди воқеии расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад, зарур аст. Ҳамин тавр, қонунгузор дар боби 16 КҶ ҶТ ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва ҷиноятҳо ба муқобили саломатиро муттаҳид сохтааст. Таҷрибаи ҷиноятҳои номбаргардида нишон медиҳанд, ки чун қоида, кирдори ба муқобили саломатии шахс равонашуда, таҳдиди расонидани зарар ба ҳаётро низ ба вуҷуд меорад, ё ин ки ба таври дигар, таҷовуз ба як объекти бевосита, дар як вақт ба дигар объекти

бевосита зарар расониданаш мумкин аст[27]. Аз ин лиҳоз, мантиқ тақозо менамояд, ки онҳо дар намуд муттаҳид сохта шаванд.

Дар боби 17 КҶ ҶТ ҷиноятҳо муқобили озодии шахс, обрӯйи шахс ва эътибори шахс муттаҳид сохта шудаанд. Ҳамин тавр, ин объекти намудии ҷиноят аз маҷмӯи се объекти бевосита иборат мебошад. Таҳлили таркибҳои алоҳидаи ҷиноятҳо нишон медиҳанд, ки агар таҳқири оммавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тӯҳмат кардан ба ӯ (моддаи 137 КҶ ҶТ) ба муқобили обрӯ ва эътибори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шуда бошад, пас ҷиноятҳои муқобили озодии шахс таҳдиди воқеии паст задани обрӯ ва эътибори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун шахсият ба миён меорад. Ана барои ҳамин қонунгузор якчанд объекти бевоситаро дар як намуд муттаҳид ва ё гирд овардааст. Ҳамаи бобҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳамин тавр якчанд объектҳои бевоситаро дар худ гирд овардааст.

Ҳамин тавр, объекти намудии ҷиноят аз маҷмӯи объектҳои бевосита ё объекти бевоситаи алоҳида иборат буда, қисми таркибии объекти гурӯҳӣ ба ҳисоб меравад.

Қисми махсуси КҶ ҶТ ба фаслҳо ва фаслҳо ба бобҳо ҷудо шудаанд ва онҳо объекти гурӯҳӣ (фаслҳо) ва объекти намудии (бобҳо) ҷиноят эътироф мешаванд ва ин барои муайян кардани табиати ҳуқуқии ҷиноят ва бандубасти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Объекти бевоситаи ҷиноят – ин муносибати мушаххаси ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае мебошад, ки ба он кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ҷиноятӣ равона шуда зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад. Аз рӯйи нишонаи объекти бевосита бобҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба моддаҳо ҷудо карда мешаванд. Ҳамин тавр, одамкушӣ (моддаи 104 КҶ ҶТ) ба муқобили ҳаёт равона карда шудааст; одамрабоӣ (моддаи 130[1] КҶ ҶТ) ба муқобили озодии шахс равона шудааст; дуздӣ (моддаи 244 КҶ ҶТ) ба муқобили моликият равона карда шудааст ва ғайра.

Чи тавре маълум гардид, аз рӯйи объекти бевосита бобҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба моддаҳо ҷудо карда мешаванд. Мисол, аз рӯйи нишонаи объекти бевоситаи ҷиноят, ҷиноятҳо ба

---

[27] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 114.; Российское уголовное право. Часть общая. Том 1 / Под. ред. проф. А.И. Рарога. М.: Профобразование, 2001. С. 109.

муқобили ҳаёт ва саломатӣ (боби 16 КҶ ҶТ) ба ду зергурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1) Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёти шахс, ки моддаҳои 104 то 109 КҶ ҶТ-ро дар бар мегиранд;

2) Ҷиноятҳо ба муқобили саломатии шахс, ки моддаҳои 110 то 129 КҶ ҶТ-ро дар бар мегиранд.

Мисоли дигар, аз рӯйи нишонаи объекти бевоситаи ҷиноят, боби 24 КҶ ҶТ (ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист) ба се зерзурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1) Ҷиноятҳои экологие, ки умуман ба муҳити зист (табиати зинда ва ғайризинда) таҷовуз мекунанд ва онҳо бо вайрон намудани қоидаҳои экологӣ ҳангоми иҷрои корҳои махсус вобаста мебошанд. Ба ин гурӯҳи ҷиноятҳои экологӣ ва муҳити зист дохил мешаванд: вайрон кардани қоидаҳои бехатарии экологӣ ҳангоми иҷрои кор (моддаи 220 КҶ ҶТ); қасдан ниҳон доштан ё таҳриф кардани маълумот оид ба олудагии муҳити зист (моддаи 221 КҶ ҶТ); наандешидани тадбир ҷиҳати рафъи оқибати олудагии экологӣ (моддаи 222 КҶ ҶТ); вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо моддаҳо ва партовҳои аз нигоҳи экологӣ хавфнок (моддаи 223 КҶ ҶТ); вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо омилҳои микробиологӣ ё дигар омилҳои биологӣ ё токсинҳо (моддаи 224 КҶ ҶТ); вайрон кардани қоидаҳои байторӣ (ветеринарӣ) ва қоидаҳои барои мубориза ба муқобили касалӣ ва ҳашароти зараррасони растанӣ муқарраршуда (моддаи 225 КҶ ҶТ);

2) Ҷиноятҳои экологие, ки ба табиати ғайризинда таҷовуз мекунанд: об, фазо, замин, сарватҳои зеризаминӣ - ифлос кардани об (моддаи 226 КҶ ҶТ); олуда сохтани фазо (моддаи 227 КҶ ҶТ); хароб кардани замин (моддаи 228 КҶ ҶТ); вайрон кардани қоидаҳои ҳифз ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ (моддаи 229 КҶ ҶТ);

3) Ҷиноятҳои экологие, ки ба табиати зинда (ҳайвоноту наботот) таҷовуз мекунанд: сайди ғайриқонунии ҳайвоноти обӣ (моддаи 230 КҶ ҶТ); вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи захираҳои моҳӣ (моддаи 231 КҶ ҶТ); шикори ғайриқонунӣ (моддаи 232 КҶ ҶТ); нобуд кардани макони дар вазъияти басо хатарнок қарордоштаи зисти организмҳо, ки ба китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд (моддаи 233 КҶ ҶТ); ғайриқонунӣ буридани дарахт ва буттаҳо (моддаи 234 КҶ ҶТ); несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба ҷангал (моддаи 235 КҶ

ҶТ); вайрон кардани низоми ҳудудҳо ва объектҳои табиии махсус ҳифзшаванда (моддаи 236 КҶ ҶТ)[28].

Моҳияти ҳар як ҷинояти содиршуда аз рӯйи объекти бевоситаи ҷиноят муайян карда мешавад[29]. Ҳамин тавр, аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан оқибати ҷиноятҳои гуногун шуда метавонад. Мисол, дар натиҷаи вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ё истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ аз ҷониби шахсе, ки вобаста ба корҳои иҷронамуда ё вазифаҳои ишғолнамудааш уҳдадор шудааст ин қоидаҳоро риоя кунад, агар боиси марги инсон гашта бошад, танҳо мутобиқи қисми 2 моддаи 211 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад, на дигар моддаҳо.

Объекти бевоситаи ҷиноят ҷузъи ҷудонашавандаи объекти умумии ҷиноят, объекти гурӯҳии ҷиноят ва объекти намудии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Вале, бояд дар назар дошт, ки объекти бевоситаи ҷиноят ҳамон нишонаҳои дигар объектҳоро доро мебошад.

Объекти бевоситаи ҷиноят чунин аҳаммият дорад:

1) объекти бевоситаи ҷиноят имконият медиҳад, ки хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор муқаррар карда шавад;

2) объекти бевоситаи ҷиноят заминаи зарурии дуруст бандубаст кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок мебошад;

3) объекти бевоситаи ҷиноят барои фарқ кунонидани ҷинояти содиршуда аз дигар кирдорҳои ба он монанд мусоидат мекунад;

4) аз рӯйи нишонаи объекти бевосита меъёрҳо дар доираи бобҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба низом даровварда шудаанд.

Чи тавре, ки дар боло зикр намуда будем, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ се намуди объекти бевоситаи ҷиноят ҷудо карда мешавад (тасниф аз рӯйи горизонталӣ (уфуқӣ)):

1) объекти бевоситаи асосии ҷиноят;

2) объекти бевоситаи иловагии ҷиноят;

3) объекти бевоситаи факултативии ҷиноят.

Зарурати ба миён омадани чунин таснифот дар он аст, ки ҳамон як кирдори (ҳаракат ё беҳаракати) ҷиноятӣ дар як вақт ба ду ва ё зиёда аз он муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории

---

[28] Ҳусейнов С.Ҳ. Маълумоти умумӣ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист // Муаммоҳои замонавии илми ҳуқуқшиносӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. Хуҷанд: Ношир, 2008. С. 197-198.

[29] Российское уголовное право. Часть общая. Том 1 / Под. ред. проф. А.И. Рарога. М.: Профобразование, 2001. С. 110.

ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад. Мисол, дар вақти роҳзанӣ (моддаи 249 КҶ ҶТ) бо баробари расонидани зарар ба моликият, ҳамчунин ба саломатии шахс низ зарар расонида мешавад; дар ҷинояти ғасби гаравгон (моддаи 181 КҶ ҶТ) низ кирдори ҷинояткор дорои ду объекти бевосита мебошад: амнияти ҷамъиятӣ ва озодии шахс; дар вақти истифодаи зӯроварӣ ба муқобили намояндаи ҳокимият – ба фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва саломатӣ, дахлнопазирии ҷисмонӣ ва амнияти намояндаи ҳокимият ва наздикони ӯ таҷовуз карда мешавад ва ғайра. Ҳамин тавр, ҷиноятҳои нишондодашуда дорои якчанд объекти бевосита мебошанд. Яке аз онҳо объекти бевоситаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Объекти бевоситаи асосӣ – бо объекти гурӯҳӣ, намудӣ дар як сатҳ меистад. Аз рӯйи нишонаҳои объекти бевоситаи асосӣ меъёрҳои ҷиноятӣ ба ин ё он боби Қисми махсуси КҶ ҶТ тааллуқ доранд. Вобаста ба ин, мисол, роҳзанӣ ба ҷиноятҳои муқобили моликият дохил мешавад, на ба ҷиноятҳои муқобили ҳаёт ва саломатӣ. Объекти бевоситаи асосӣ муносибати ҷамъиятиеро тасниф мекунад, ки маҳз пеш аз ҳама барои ҳифзи он меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ қабул шудааст.

Объекти бевоситаи иловагӣ. Ба сифати объекти бевоситаи иловагӣ муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани ҷиноят бо баробари зарар расонидан ба объекти бевоситаи асосӣ, ба он низ зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд. Объекти бевоситаи иловагӣ ҳамеша дар меъёрҳои мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои дуобъекта ё бисёробъекта муқаррар мекунанд, нишон дода мешавад. Мисол, агар баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он (банди «а» қисми 3 моддаи 316 КҶ ҶТ) анҷом дода шуда бошад, дар ин ҷо объекти бевоситаи асосӣ – фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатӣ ё худидоракунии маҳаллӣ, объекти бевоситаи иловагӣ бошад, саломатии шахс баромад мекунад. Объекти бевоситаи иловагӣ дар чунин таркибҳои ҷиноятҳо ҳатмӣ ба ҳисоб меравад, мавҷудияти он хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдорро баландтар мекунад ва бояд дар назар дошт, ки объекти бевоситаи иловагӣ бо объекти гурӯҳӣ дар як сатҳ намеистад. Ҳамин тариқ, объекти бевоситаи асосии ҷиноят ва объекти бевоситаи иловагии ҷиноят на аз рӯйи муҳиммияти муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзшаванда,

балки вобаста ба мансубияти онҳо ба объекти гурӯҳӣ муайян карда мешаванд[30].

Дар ҳамаи таркибҳои ҷиноятҳое, ки дорои объекти бевоситаи иловагӣ мебошанд, муайян шудани объекти бевоситаи иловагии кирдори барои ҷамъият хавфнок масъалаи ҳалкунандаро дорад. Мисол, агар дар ҷинояти роҳзанӣ (моддаи 249 КҶ ҶТ) истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди чунин зӯроварӣ набошад, пас кирдори шахс мутобиқи моддаи 249 КҶ ҶТ бандубаст карда намешавад. Дар ин ҷо, кирдори шахс мутобиқи моддаи 244 КҶ ҶТ (дуздӣ) банду буст карда мешавад.

Ба ҷиноятҳои дуобъекта инчунин мисол шуда метавонанд: одамрабоӣ бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (банди «в» қисми 2 моддаи 130 КҶ ҶТ); вайрон намудани дахлнопазирии манзил бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он (банди «а» қисми 2 моддаи 147 КҶ ҶТ); терроризм, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад (банди «г» қисми 3 моддаи 179 КҶ ҶТ); вайрон кардани қоидаҳои бехатарии экологӣ ҳангоми иҷрои кор (моддаи 220 КҶ ҶТ); тахрибкорӣ (моддаи 309 КҶ ҶТ); таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 310 КҶ ҶТ) ва ғайра.

Объекти бевоситаи факултативӣ – ин муносибатҳои ҷамъиятии мушаххасе, ки дар вақти содир намудани ҷинояти мушаххас ба ӯ зарар расонида мешавад. Вале, дар сохтори ин таркиби ҷиноят (объекти бевосита) ин объект (объекти бевоситаи факултативии ҷиноят) пешбинӣ карда нашудааст. Мисол, таҳқири хизматчии ҳарбӣ мунтазам ба он оварда расониданаш мумкин аст, ки ҷабрдида худкушӣ кунад. Моддаи 372 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо барои таҳқири хизматчии ҳарбӣ пешбинӣ менамояд, на барои бевосита расонидани зарар ба дигар объектро. Дар ин ҷо, таҳдид ба ҳаёт ҳамчун объекти ҷиноят дар вақти сӯиқасд ба худкушӣ ҳамчун объекти бевоситаи факултативӣ баромад менамояд. Дар вақти зарар расонидан ба ин объект, баҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ доданро талаб менамояд. Ин маънои онро дорад, ки бояд КҶ ҶТ-ро аз назар гузаронид ва оё дар он ягон меъёри махсусе ҷой дорад, ки ин муносибати ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда (ба худкушӣ расонидан)

[30] Ҳамон ҷо. С. 112.

объекти бевоситаи асосӣ бошад. Дар ҳолати таҳқири хизматчии ҳарбӣ, ки дар натиҷа ба сӯиқасд ба худкушӣ оварда мерасонад, дар КҶ ҶТ меъёри махсус ҷой дорад, ки ин моддаи 109 – ба худкушӣ расонидан мебошад. Чунин ҳолат маҷмӯи ҷиноят – таҳқири хизматчии ҳарбӣ ва ба худкушӣ расонидан – эътироф мешавад.[31]

А.И. Рарог оид ба объекти бевоситаи факултативии ҷиноят чунин зикр менамояд, ки объекти бевоситаи факултативӣ ба сохти (конструксияи) таркиби ҷиноят дохил намешавад. Вале, ин маънои инро надорад, ки объекти бевоситаи факултативӣ ягон хел аҳаммияти ҳуқуқии ҷиноятӣ надорад. Расонидани зарар ба объекти бевоситаи факултативии ҷиноят аз дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда шаҳодат медиҳад ва бояд ҳангоми фардикунонии ҷазо ба эътибор гирифта шавад. Ӯ объекти бевоситаи факултативии ҷиноятро чунин шарҳ медиҳад: муносибати ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки на дар ҳамаи ҳолатҳои содир намудани ҷинояти ин намуд ба вай зарар расонида мешавад. Мисол, ғайриқонунӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудан ҳама вақт ба фаъолияти муътадили мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва прокуратура зарар мерасонад. Дар баробари ин, ҷиноят принсипи ногузирии ҷавобгариро вайрон намуда, манфиатҳои ҷабрдидаро поймол менамояд. Дар ин ҷо манфиатҳои ҷабрдида (ғайриимкон будани барқароркунии зарар) ҳамчун объекти бевоситаи факултативӣ баромад карда метавонад[32].

Ҳамин тавр, таснифи (классификатсияи) объекти ҷиноят хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор, табиати ҳуқуқии онро муайян менамояд ва ҳамчунин барои дуруст бандубаст кардани ҷиноят мусоидат менамояд.

## § 3. Предмети ҷиноят

Премети ҷиноят – ин он ашёи олами моддие фаҳмида мешавад, ки доир ба онҳо ва вобаста ба онҳо ҷиноят содир карда мешавад[33] ва ҷинояткор ба ин ашёҳо таъсир расонида, муноси-

---

[31] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 118.

[32] Российское уголовное право. Часть общая. Том 1 / Под. ред. проф. А.И. Рарога. М.: Профобразование, 2001. С. 113.

[33] Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. М., 1960. С. 122; Трайнин А.Н. Общее учение о составе преступления. М., 1957. С. 178-179.

батҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандаро вайрон менамоянд.

Предмети ҷиноят нишонаи факултативии объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Кирдори барои ҷамъият хавфноки дилхоҳ ба муносибатҳои алоҳидаи бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад. Ин кирдори ҷиноятӣ ба муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ, ки зарар мебинанд ва ё қатъ мегарданд, равона карда шудаанд. Бо баробари ин, кирдори ҷиноятӣ ба ашё ва олами моддӣ равона карда шудааст. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ин ҳама предмети ҷиноят номида мешавад. Вобаста ба ин предметҳо ва ё доир ба ин предметҳо кирдори барои ҷамъият хавфнок содир карда мешавад, ки ҳамаи онҳо ба манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда дохил мешаванд. Предмети ҷиноят – ин чизҳои олами моддӣ (материалӣ), ашё, қиматдор ва хосияти дидашавандаро доранд, ки вобаста ба онҳо ва доир ба онҳо ҷиноят содир карда мешавад[34]. Предмети ҷиноят ин ифодаи моддии объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки предмети ҷиноят на дар ҳама таркибҳо ҷой дошта метавонад. Танҳо дар он ҷиноятҳое ҷой дошта метавонад, ки объекти он дорои олами моддӣ бошад. Мисол, дар ҳамаи шаклҳои тасарруф – молу мулки ғайр ситонида мешавад. Дар ин ҷо ба сифати молу мулки ғайр пул, радио, тилло ва дигар чизҳои олами моддӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳамаи онҳо предмети ҷиноят эътироф мешаванд. Вале, баъзе ҷиноятҳое мавҷуданд, ки бо таъсиррасонии ҷисмонӣ ба ашёҳои олами моддӣ алоқаманд нестанд. Ба ин мисол шуда метавонанд, вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон; дахолат ба ба амал баровардани ҳуқуқ ва озодиҳои виҷдон ва эътиқоди динӣ; сӯиистифодаи ваколати мансабӣ ва ғайра. Ба таркиби ин ҷиноятҳо предмети ҷиноят дохил намешавад.

Дар КҶ ҶТ бисёр ҷиноятҳое пешбинӣ шудаанд, ки ба сифати нишонаи ҳатмии онҳо предмети ҷиноят баромад менамояд, вале онҳо гуногун ҳастанд. Дар баъзе ҳолатҳо, танҳо нишонаҳои хелии предмети ҷиноят нишон дода мешавад. Мисол, дар аксарияти шаклҳои тасарруф предмети ҷиноят – молу мулки ғайр ба ҳисоб меравад. Дар баъзе ҳолатҳо бошад, нишонаҳои намудии предмети ҷиноят номида мешаванд, ки онҳоро аз дигар предметҳо фарқ мекунонад. Ҳамин тавр, дар тасарруфи предметҳое,

[34] Уголовное право России. Общая и Особенная части: учебник для вузов / под общ. ред. д.ю.н. профессора Н.Г. Кадникова. М.: Книжный мир, 2007. С. 102.

ки арзиши махсус доранд, предметҳое дар назар дошта мешаванд, ки онҳо дорои арзиши махсуси таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ё фарҳангӣ мебошанд.

Предмети ҷиноят дар баъзе ҳолатҳо таркиби асосии ҷиноятро тағйир медиҳад. Мисол, моддаи 289 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои қочоқ, яъне аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани мол ё предметҳо ба миқдори калон (панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо) – ро пешбинӣ менамояд. Дар ин ҷо қонунгузор нишонаҳои хелӣ ва намудии онро нишон додааст. Вале, аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани воситаҳои нашъаовар, прекурсорҳои онҳо, моддаҳои сахттаъсир, заҳролуд, заҳролудкунанда, радиоактивӣ, тарканда, аслиҳа, воситаҳои таркиш, силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ё муҳимоти ҳарбӣ, силоҳи зарравӣ, химиявӣ, биологӣ ё дигар намуди силоҳи қатли ом, мавод ва таҷҳизоте, ки барои сохтани силоҳи қатли ом истифода шуданашон мумкин аст, ҳамчунин маводи ашёи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, осори бадеӣ, таърихӣ, бостоншиносӣ ё арзишҳои дигари фарҳангӣ, ки ҳамаи онҳо дорои нишонаи хелӣ ва намудӣ мебошанд, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазои ҷиноятӣ дар қисми 3 моддаи 289 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Предмети ҷиноят барои банду бусти кирдор ва хусусан ҳангоми баҳодиҳӣ ба оқитбати ҷиноят аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамин тавр, дар тасарруф арзиши предмети ҷиноят дар ифодаи пулӣ ба асос гирифта мешавад ва аз рӯйи ин нишона намудҳои тасарруф ҷудо карда мешаванд.

Дар баъзе ҳолатҳо дуруст муайян кардани предмети ҷиноят имконият медиҳад, ки ҷиноятҳои аз рӯйи дигар таркиби ҷиноят ба ҳам монандро аз ҳамдигар фарқ кунонад. Мисол, кирдори дар моддаи 194 КҶ ҶТ пешбинишуда, ки барои тасарруфи маводи радиоактивӣ ҷавобгариро пешбинӣ мекунад, аз дуздӣ, ки дар моддаи 244 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, аз рӯйи хусусият ва сифати предмети тасарруф фарқ мекунад. Дар ҳолати якум сухан оид ба маводи радиоактивӣ ва дар ҳолати дуюм дар бораи моликият, яъне молу мулки ғайр меравад.

Як гурӯҳ меъёрҳои КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои расонидани зарар ба саломатии шахс пешбинӣ менамоянд. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистн чунин шахсони зарардида ҷабрдида номида мешаванд. Бояд дар назар дошт, ки ҳеҷ гоҳ мо набояд ҷабрдидаро бо предмети ҷиноят алоқаманд намоем. Ин ақидаро Б.В. Здравомыслов, А.И. Рарог

ва дигар олимони соҳаи ҳуқуқ ҷонибдоранд. Баъзе олимоне ҳастанд, ки ин ду мафҳумро ба ҳам омехта менамоянд. Зикр менамоянд, ки дар вақти сӯиқасд ба шахсият «инсон ҳамчун ҳастии биологии зинда» ба сифати предмети ҷиноят баромад карда метавонад.[35] Ин ақидаро Б.В. Зравомыслов зид баромада зикр менамояд, ки дар ин ҳолат ду унсури муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳам пайваст мешаванд:

1) инсон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ;

2) предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ.

Ҳамчунин, Б.В. Здравомыслов зикр менамояд, ки омезиши ин ду мафҳум ғайриимкон аст[36], яъне инсон предмети муносибатҳои ҷамъиятӣ шуда наметавонад.

Бояд дар назар дошт, ки ҷасади инсони фавтида (мурда) ҳамчун предмети ҷиноят баромад карда метавонад[37]. Ҳамин тавр, моддаи 243 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо пешбинӣ намудааст. Мисол, С. ном мард Д. ном занеро ба анбор даровардa буғӣ карда мекушад. Баъди ин ҳодиса, барои рӯйпӯш намудани ҷинояти содирнамудааш, ҷасади фавтидаи С.-ро дар ҷойи ҳодиса месӯзонад. Доир ба ин ҳодиса, мақомоти тафтишотӣ мутобиқи қисми 1 моддаи 104 ва моддаи 243 КҶ ҶТ парвандаи ҷиноятӣ оғоз менамояд.[38]

Предмети ҷиноят, инчунин аз олоту воситаи содир намудани ҷиноят низ фарқ карда мешавад. Агар ашёҳои олами моддӣ дар содир кардани ҷиноят истифода карда шаванд, пас онҳо – олоту воситаи содир намудани ҷиноят номида мешаванд, мисол, истифодаи силоҳ дар роҳзанӣ (банди «в» қисми 2 моддаи 249 КҶ ҶТ). Агар тасарруфи силоҳ (моддаи 199 КҶ ҶТ) ба вуқӯъ ояд, пас он ба сифати предмети ҷиноят баромад менамояд.

Дар ҳолатҳое, ки предмети ҷиноят ба сифати нишонаи ҳатмии таркиби ҷиноят баромад мекунад, он ба асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ дохил карда мешавад. Дар ин ҳолат барои шахсро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ҳатман бояд предмети ҷиноят муайян карда шавад.

---

[35] Коржанский Н.И. Предмет преступления. Волгоград, 1988. С. 133.

[36] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 122.

[37] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 500.

[38] Қонун ва ҷомеа. № 16 (271). 18.04.2013. С. 13.

Предмети ҷиноят нишонаи факултативии (иловагии) объекти ҷиноят бошад ҳам, вале набояд бо он омехта карда шавад. Предмети ҷиноят ва объекти ҷиноят аз ҳамдигарашон пеш аз ҳама бо моҳияташон фарқ мекунанд: объекти ҷиноят ин муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад[39], - предмети ҷиноят бошад, ин ашёи олами моддӣ мебошад. Дар содир кардани ҷиноят объект ҳамеша зарар мебинад, предмет бошад, фақат дар ҳолатҳое, ки кирдори барои ҷамъият хавфнок дар несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк ё дигар ашёҳои олами моддӣ ифода мегардад, зарар мебинад. Объекти ҷиноят ифодаи бевоситаи худро дар предмети ҷиноят меёбад[40]. М. Брайнин зикр менамояд, ки криминалистони тоинқилобӣ объекти ҷиноятро бо предмети ҷиноят омехта мекарданд[41]. Дар ҷавоб ба онҳо Н.И. Загородников зикр менамояд, ки «фарқи объекти ҷиноят аз предмети ҷиноят ба мисли он аст, ки таҷриба аз назария чӣ фарқ дорад»[42].

Ҳамин тавр, предмети ҷиноят объекти ҷиноятро тавсиф медиҳад, вай бо он муносибатҳои ҷамъиятие алоқаманд аст, ки кирдор ба онҳо равона шуда зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад.

---

[39] Герцензон А.А. Уголовное право. Общая часть. М., 1948. С. 288.

[40] Ҳамон ҷо. С. 291

[41] Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. М., 1960. С. 123.

[42] Ниг.: Загородников Н.И. Понятие объекта преступления в советском уголовном праве // Труды Военно-юридической академии. Вып. XIII, 1951. С. 44.

# БОБИ VII
# ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТ

**§ 1. Мафҳуми умумӣ оид ба нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят**

**§ 2. Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок. Шакл ва нишонаҳои он**

**§ 3. Оқибати барои ҷамъият хавфнок. Мафҳум ва намудҳо**

**§ 4. Робитаи сабабӣ байни кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок**

**§ 5. Нишонаҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят**

## § 1. Мафҳуми умумӣ оид ба нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят

Тарафи объективии ҷиноят дорои он нишонаҳое мебошад, ки ҳолати берунии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфноки шахсро тавсиф менамоянд. Ба онҳо дохил мешаванд:

кирдори барои ҷамъият хавфнок дар шакли ҳаракат ва беҳаракатӣ;

– оқибати барои ҷамъият хавфнок (оқибати ҷиноят);

– робитаи сабабии байни кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок;

– тарзи содир намудани ҷиноят, олоту воситаи содир намудани ҷиноят, ҷойи содир намудани ҷиноят, вақти содир намудани ҷиноят, шароити (вазъияти) содир намудани ҷиноят.

Тарафи объективии ҷиноят замина ё шарти асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятро на хулоса ё ақидаи худ аз худ пайдошаванда, балки кирдори барои шахсият, ҷамъият ва давлат хавфноке, ки меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятиро вайрон менамоянд, эътироф мекунад.

Тарафи объективии ҷиноят дар ҷавобгарии ҷиноятӣ мавқеи ба худ хосро дорад, ки бе он умуман мавҷуд будани ҷиноятро ҳатто тасаввур кардан ҳам ғайриимкон аст. Ба ибораи дигар, ки доктори

илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Н.Г. Кадникова зикр намудааст, «умуман» нест ва шуда ҳам наметавонад[43].

Тарафи объективии ҷиноят критерияи (маҳаки, меъёри) асосӣ барои баҳо додан ва муайян кардани мақсади ҷиноятkор ва омӯхтани тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар рафти тафтишот ё баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ, дар аввал тарафи объективии ҷиноят муайян карда мешавад ва баъд хулоса оид ба шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир намудааст.

Бе нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят, масъалаи тарафи субъективии ҷиноят ба миён омаданаш номумкин аст ва ё ба ибораи Н.Г. Кадникова шуда ҳам наметавонад.

Муайян кардани тарафи объективии ҷиноят, риояи қонуниятро дар ба амал баровардани адолати судӣ, кафолат медиҳад.

Муҳиммияти тарафи объективии ҷиноят дар ҷавобгарии ҷиноятӣ, оид ба он, ки ин таркиби ҷиноят таҳкурсии дигар унсурҳои таркиби ҷиноят ба ҳисоб меравад ва далели ин он аст, ки дар диспозитсияи ҳамаи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ аломатҳои тарафи объективии ҷиноят нишон дода шудаанд. Мисол, дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳама вақт аломатҳои ба ҷамъият хавфнокии кирдор нишон дода шудаанд, ки бе онҳо диспозитсияи ягон моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ тасаввур кардан номумкин аст. Зикр намудан бамаврид аст, ки ҳамаи нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят барои ҳамаи ҷиноятҳо ҳатмӣ намебошанд ва ягона нишонаи тарафи объективии ҷиноят, ки барои ҳамаи таркибҳои ҷиноятҳо ҳатмӣ мебошад, ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад.

Тарафи объективии ҷиноят – ин ҳолати берунии кирдори барои ҷамъият хавфноки шахс ба ҳисоб меравад. Тарафи объективии ҷиноятро кирдори барои ҷамъият хавфноке, ки дар вақт ва ҷою тарзи муайян ва дар баъзе ҳолатҳо бо ёрии олоту восита, ё ин ки вазъияти муайян содир карда мешавад, ташкил медиҳад. Ҳамаи ин ҳолатҳо дар тафтишот ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятии мушаххас муайян карда мешаванд. Инчунин, тарафи объективии ҷиноят, - оқибати кирдори ба ҷамъият хавфнокро низ доро мебошад, ки он хотимаёфта ба ҳисоб меравад ё дар вақти содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок мебоист хотима ёбад.

Нишонаҳое, ки ҳолати берунии рафтори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсро муайян месозанд, тарафи объективии ҷиноятро таш-

[43] Уголовное право России. Общая и Особенная части. Учебник для вузов. / под общ. ред. д.ю.н. профессора Н.Г. Кадникова – М.: Книжный мир. 2007. С.105.

кил медиҳанд. Ин рафторҳо пеш аз ҳама бояд ба ҷамъият хавфнок бошанд.

Қонунгузор дар моддаи 17 КҶ ҶТ кирдори барои ҷамъият хавфнокро муайян кардааст, ки ҳамин Кодекс онро бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст.

Кирдори муайяни шахс дар вақт ва макони муайян сурат мегирад. Барои ҳамин, ба гурӯҳи нишонаҳое, ки мазмуни тарафи объективии ҷиноятро равшан мекунанд, ҷой ва вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок низ дохил карда шудаанд. Дар баъзе мавридҳо барои муайян намудани ҷиноят, нишонаи ҳатмии кирдори барои ҷамъият хавфнок, вазъияти содир намудани ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Баъзан, барои муайян кардани нишонаҳои ҷиноятҳои алоҳида, қонунгузор кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнокро дар танҳоӣ нокифоя (ноқис) меҳисобад. Дар ин ҳолатҳо, қонунгузор тарзе, ки ба воситаи он ин кирдори ба ҷамъият хавфнок содир карда мешавад, муайян месозад. Мисол, қонунгузор мафҳуми тасарруфи молу мулки ғайрро дар эзоҳи 1 ба моддаи 244 КҶ ҶТ нишон дода муайян мекунад, ки «тасарруф дар моддаҳои Кодекси мазкур ғайриқонунӣ, беғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гуноҳкор ё дигар шахсон дар назар дошта шудааст». Дар вақти муайян кардани намуди тасарруф, қонунгузор ба тарзи содиршавии он, ки молу мулк мусодира карда мешавад, ишора менамояд. Ҳамин тавр:

дуздӣ – пинҳонӣ содир карда мешавад;

қаллобӣ – бо роҳи фиреб, сӯиистифодаи боварӣ содир карда мешавад;

ғоратгарӣ – ошкоро содир карда мешавад;

роҳзанӣ – бо истифодаи зӯрӣ, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зурӣ содир карда мешавад ва ғайра.

Тарзи содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок, ҳамин тавр, ба нишонаҳое, ки мазмуну мӯҳтавои тарафи объективии ҷиноятро ошкор ё муайян месозанд, дохил мешавад.

Кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба чамъият хавфнок эътироф карда мешавад, агар он ба муносибатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар расонад, ё ин ки таҳдиди воқеии расонидани зарарро ба вуҷуд орад. Оид ба расонидани зарар, дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми зеринро ба монанди «оқибати барои ҷамъият хавфнок» ис-

тифода мебарад. Барои муайян кардани кирдори содиршуда ва зарари расонидашуда, ҳуқуқи ҷиноятӣ истилоҳи «робитаи сababӣ» - ро истифода мебарад. Ҳардуи ин нишонаҳо – оқибат ва робитаи сababӣ – ҳамчунин ба тарафи объективии ҷиноят дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, тарафи объективии ҷиноят дорои гурӯҳи нишонаҳои ба худ хос мебошад, ки ҳолати берунии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфноки шахсро тасдиқ менамояд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок; оқибати барои ҷамъият хавфнок – зарар, ки дар вақти содир гаштани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок, ба вуқӯъ омадааст; робитаи сababӣ байни кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ва оқибати он; ҷойи содиршавии ҷиноят, вақти содиршавии ҷиноят, вазъияти содиршавии ҷиноят, тарзи содиршавии ҷиноят, олоту воситаи содиршавии ҷиноят.

Тарафи объективии ҷиноят яке аз чор унсурҳои таркиби ҷиноят ба ҳисоб меравад. Аз таҳлили Қисми махсуси КҶ ҶТ бар меояд, ки танҳо як нишонаи тарафи объективии ҷиноят, ки дар боло зикр гардид, дар ҳамаи ҷиноятҳои мушаххас зоҳир мегардад. Ин ҳам бошад, кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад. Боқимонда нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят дар баъзе таркибҳои мушаххас ҷой дода шудаанд.

Оқибати барои ҷамъият хавфнок ва робитаи сababӣ нисбат ба ҷой, вақт, вазъият, тарзи содир намудани ҷиноят бисёртар ба назар мерасад. Бо ин сабаб дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамаи нишонаҳои номбаршуда ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1) ҳатмӣ;

2) факултативӣ.

Мазмуни тарафи объективии ҷиноят, моҳияти таркиби ҷиноятро муайян месозад. Мутобиқи моддаи 11 КҶ ҶТ, асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аст. Барои он ки шахс барои кирдори муайяни ба ҷамъият хавфнок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, бояд ҳатман нишонаҳои асосии тарафи объективии таркиби ҷиноят муайян карда шаванд.

Дар баъзе ҳолатҳо нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят, ҷинояти мушаххасро аз дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо фарқ мекунонад. Мисол, моддаи 316 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои баромадан аз ҳадди ваколати мансабӣ пешбинӣ менамояд, ки аз ҷониби шахси мансабдор анҷом додани ҳаракате, ки аз ҳадди ваколати ӯ баръало берун мебарояд ва боиси ба таври ҷиддӣ поймол гардидани ҳуқуқ

ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд ё ташкилот ё манфиатҳои қонунии ҳифзшудаи ҷамъият ё давлат гаштааст. Қонунгузор дар диспозитсияи моддаи 316 КҶ ҶТ оқибати ба ҷамъият хавфнокии кирдорро, яъне «боиси ба таври ҷиддӣ поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд ё ташкилот ё манфиатҳои қонунан ҳифзшудаи ҷамъият ё давлат гаштааст» пешбинӣ кардааст. Агар оқибати барои ҷамъият хавфноки кирдор ҷой надошта бошад, он гоҳ шахс барои аз ҳадди ваколати мансабӣ баромадан, ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шуданаш мумкин аст.

Ҳамин тавр, моҳияти тарафи объективии ҷиноят дар он ифода меёбад, ки аввалан, ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят ба асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ дохил мешавад; дуюм, асоси ҳуқуқии бандубасти ҷиноят ба ҳисоб меравад; сеюм, ҷиноятро аз дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо фарқ мекунонад.

## § 2. Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок. Шакл ва нишонаҳои он

Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок яке аз нишонаҳои асосии тарафи объективӣ ба ҳисоб меравад, ки бе он умуман худи ҷиноят мавҷуд буданаш ғайриимкон аст. Кирдори барои ҷамъият хавфнок дар шакли ҳаракат ва беҳаракатӣ содир шуда метавонад (моддаи 17 КҶ ҶТ).

Аз ҷиҳати ҷисмонӣ, кирдор ин ҳаракати фаъолонаи шахс ба ҳисоб меравад. Кирдор доимо аз ҳаракатҳои (беҳаракатии) гуногуни ҷисми инсон бар меояд. Аммо, ҳамчун кирдори ҷиноятӣ, ба ҷамъият хавфнокии он мавқеи муҳимро дорад. Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ба ҷамъият хавфнок ба объекти бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд меорад. Кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) агар ба ҷамъият хавфнок набошад, он ҷиноят этироф карда намешавад ва шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 17 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки зоҳиран аломатҳои яке аз кирдорҳои дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардидаро дошта бошад ҳам, вале бо сабаби камаҳаммиятӣ барои ҷамъият хавфнок нестанд, ҷиноят намебошанд». Бояд қайд намуд, ки барои ҷамъият хавфнок набудани чунин кирдор маънои онро надорад, ки он умуман хусусияти хавфнокиро доро нест. Баръакс, чунин кирдорҳо ба ҷамъият зарари муайяне мерасонанд, ки ин да-

лели дорои дараҷаи муайяни хавфнокии ҷамъиятӣ доштани онҳо мебошад. Лекин, онҳо ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятие, ки ба ҷиноят хос аст, расида наметавонанд, чунки ба арзишҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарари кам мерасонанд. Барои он, ки кирдор камаҳаммият этироф карда шавад, он бояд аломатҳои объективӣ ва субъективиро дошта бошад, яъне, кирдори содиршуда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарари кам расонад (аломати объективӣ) ва нияту мақсади шахсро барои расонидани чунин зарари кам равона карда бошад (аломати субъективӣ). Мисол, дуздии куттии гӯгирд, яхмос ва амсоли инҳо[44].

Кирдор дар таркиби ҷиноят нишонаи ҳатмии тарафи объективии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Кирдор бояд ба ҷамъият хавфнок бошад, зиддиҳуқуқӣ бошад, гунаҳгорона содир шуда бошад ва сазовори ҷазо бошад.

Ду нишонаи кирдор – ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будан – бевосита дар қонун пешбинӣ карда шудаанд. Моддаи 17 КҶ ҶТ ҷиноятро ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфнок этироф намудааст, ки онро ҳамин Кодекс бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст ва бевосита дар моддаи 2 КҶ ҶТ нишон додаст, ки ҳамин Кодекс муайян мекунад, ки кадом кирдорҳои барои шахсият, ҷамъият ё давлат хавфнок ҷиноят этироф мегарданд.

Ба ҷамъият хавфнокӣ дар он ифода мегардад, ки кирдор ба муносибатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад.

Зиддиҳуқуқӣ будани кирдор чунин маъно дорад, ки ҳаракат ё беҳаракатии муайянро қонун бо татбиқи ҷазо манъ кардааст ва содир намудани чунин кирдор доимо меъёри КҶ ҶТ-ро вайрон месозад.

Азбаски, ҷиноят дар ҷомеа вуҷуд дорад ва ба арзишҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ зарари ҷиддӣ мерасонад, давлат тавассути қонунгузории ҷиноятӣ онро манъ кардааст. Аҳаммияти аломати зиддиҳуқуқӣ будан дар он ифода мегардад, ки аз риоя кардани он татбиқи пурраи принсипи қонуният (моддаи 4 КҶ ҶТ) вобастагӣ дорад. Маҳз ҳамин аломати кирдори барои ҷамъият хавфнок, татбиқи қонуни ҷиноятиро аз рӯйи қиёс манъ менамояд (яъне татбиқи моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ нисбати он кирдорҳое, ки аз тарафи қонун бевосита пешбинӣ нашудаанд, мумкин нест)[45].

---

[44] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 44.

[45] Ҳамон ҷо. С. 42.

Кирдори ба ҷамъият хавфнок ҳамчун нишонаи тарафи объективии ҷиноят ҳамон вақт ҳисобида мешавад, ки агар он дидаю дониста содир шуда бошад ё он аз иродаи шахс вобаста бошад. Ин маънои онро дорад, ки дидаю дониста содир намудани кирдори алоҳида, бояд кирдори ба ҷамъият хавфнокро доро бошад. Шахс бояд донад, ки кирдори ӯ ба муқобили кадом муносибатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда равона карда шудаанд ва аз оқибати он чӣ зарар ба вуқуъ меояд. Агар шахси содирнамудаи кирдор хавфнокии ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк накарда бошад ва вобаста ба ҳолатҳои кор, намебоист ва (ё) наметавонист онро дарк кунад ё имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ накарда бошад ва вобаста ба ҳолатҳои кор намебоист ё наметавонист онро пешбинӣ кунад, бегуноҳ расонидани зарар (тасодуф) эътироф мешавад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дошта наметавонад. Ин ҳолат дар моддаи 31 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Дар баробари муайян кардани ҳамаи он нишонаҳо, ки мазмуну муҳтавои кирдори барои ҷамъият хавфнокро зоҳир мекунанд, бояд ҳатман шаклҳои он низ омӯхта ва муайян карда шаванд. Моддаи 17 КҶ ҶТ ду шакли кирдори барои ҷамъият хавфнокро муайян намудааст:

1) ҳаракат;

2) беҳаракатӣ.

Аксарияти ҷиноятҳо дар шакли ҳаракат содир карда мешаванд. Як гурӯҳи ҷиноятҳое хастанд, ки ҳам дар шакли ҳаракат ва ҳам дар шакли беҳаракатӣ содир карда мешаванд ва баъзе ҷиноятҳое ҳастанд, ки дар шакли беҳаракатӣ содир карда мешаванд.

Кирдорҳои ҷиноятӣ дар бисёр ҳолатҳо дар шакли ҳаракатҳои ҷисмонӣ нисбат ба одамон, ҳайвонот ва предметҳои олами моддӣ зоҳир мегарданд. Мисол, одамкушӣ (моддаи 104 то 109 КҶ ҶТ); тасарруфи молу мулки ғайр (моддаҳои 244 – 255 ва 257 КҶ ҶТ); ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаи 139 КҶ ҶТ) ва ғайраҳо.

Беҳаракатӣ – шакли ғайрифаъоли рафтори шахсро иникос мекунад. Беҳаракатӣ бояд ба ҷамъият хавфнок бошад, зиддиҳуқуқӣ бошад ва аз иродаи ӯ вобаста бошад. Вале ин, барои муайян кардани беҳаракатӣ ҳамчун нишонаи тарафи объективии ҷиноят, нокифоя аст. Барои эътироф кардани беҳаракатӣ ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок бояд:

1) муайян карда шавад, ки беҳаракатӣ ба чӣ равона карда шуд ва кадом ҳаракатҳои мушаххасро бояд ба амал мебаровард;

2) муайян карда шавад, ки кадом ҳаракати мушаххас содир нашудааст, ҳол он ки онро бояд ба амал барорад;

3) муайян карда шавад, ки шароити ба амал баровардани ҳаракатҳои мушаххас буд ё не?

Уҳдадориҳое, ки бояд бо чунин тарз иҷро карда шаванд:

1) муқаррароти қонун ва санадҳои зерқонунӣ, мисол, аъзоёни комиссияи интихоботӣ уҳдадоранд дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои конститутсионӣ оид ба интихобот, иҷроиши ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандонро таъмин намоянд ё шахсе, ки воситаҳои нақлиётро идора мекунад, бояд Қоидаҳои ҳаракати роҳро риоя намояд;

2) уҳдадориҳое, ки дар шартнома муқаррар шудаанд;

3) вазъи шахси мансабдор, ё ин ки ба амал баровардани фаъолияти касбӣ. Ҳамин тавр, духтур уҳдадор аст дар доираи дониши касбии худ ва салоҳияташ ба бемор кӯмак расонад ва иҷро накардани чунин уҳдадорӣ ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меорад;

4) муносибатҳои хешутаборӣ (оилавӣ). Волидайн уҳдадоранд кӯдакони ноболиғи худро таъмин намоянд ва фарзандон уҳдадоранд волидайни ғайри қобили меҳнати худро таъмин намоянд. Саркашии падару модар аз таъминоти фарзандони ноболиғ, ё ин ки саркашии фарзандон аз таъмини волидайн, ҷиноятҳое ҳисобида мешаванд, ки аз беҳаракатӣ содир шудаанд;

5) меъёрҳои ахлоқ ва қоидаҳои рафтор. Бо риояи чунин қоида ва меъёр, шахс уҳдадор аст, шахсеро, ки дар хатари муқобили ҳаёт дучор аст, кӯмак кунад ё барои кӯмак шахсони ба ин вазъият уҳдадорро даъват намояд. Иҷро накардани чунин ҳаракатҳо ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд;

6) уҳдадории иҷро кардани ягон ҳаракат ё амал, ки аз натиҷаи кирдори худи ӯ ба миён омадааст. Мисол, марди калон шахси наврасро бо мақсади омӯзонидани шиноварӣ ба дарё мебарад. Дар вақти омӯзонидан, наврасро то миёни дарё мебарад ва дар он ҷо ӯро танҳо гузошта бармегардад, ки дар натиҷа наврас барои кӯмак фарёд мезад[46].

Аввал, муайян сохтан лозим аст, ки ӯ дар шакли муайянгардида уҳдадор буд иҷро кунад ва баъд бояд муайян карда шавад, ки ӯ вазъияти чунин кирдори мушаххаси алоҳидаро дошт ё не.

Кирдори барои ҷамъият хавфнок, ҳамон вақт беҳаракатии барои ҷамъият хавфнок шуда метавонад, агар он аз иродаи шахс вобаста бошад. Рафтори ғайрифаъоли шахс агар аз иродаи ӯ вобаста

[46] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 137.

набошад, дар ин ҷо ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой надорад. Барои ҳамин ҳам, барои беҳаракатӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой надорад, агар он дар зери маҷбурияти (зарурати) рафънопазири (муқовиматнопазири) ҷисмонӣ содир шуда бошад. Мисол, посбон барои муқовимат накардан ба тасарруфкунандагони моликияти ба ӯ вобасташуда ҷавобгӯ нест, агар ҷинояткорон (тасарруфчиён) дасту пой ва даҳони ӯро баста бошанд, то ки муқовимат нишон надиҳад.

Рафтори ғайрифаъоли шахс, ҳамчунин кирдори ҷиноятӣ эътироф карда намешавад, агар он дар ҳолати рафънопазирии қувваи (зӯрии) табиӣ ба вуқӯъ омада бошад. Дар зери мафҳуми рафънопазирии қувваи табиӣ (ба вуқӯъ омадани офати табиии табиат, ҳайвонот, беморӣ), ки шахс ҷисман (табиатан) ба он омода нест. Қувваи муқовиматнопазир барои он ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад, ки шахс барои иҷрои уҳдадориҳои бар дӯши ӯ гузошташуда муқовимат карда наметавонад. Мисол, кирдори духтур ҷиноят эътироф карда намешавад, дар ҳолате, ки агар худи духтур ба бемории вазнин гирифтор бошад ё байни бемор ва духтур дарёе мавҷуд аст, ки духтур он ҷойро гузашта наметавонад.

Бояд маълум намуд, ки қувваи муқовиматнопазир мутлақо ивазнашаванда ба ҳисоб намеравад. Хулосаи аниқи ин дар муайян сохтани уҳдадории гурӯҳи алоҳидае ба ҳисоб меравад, ки иҷрои ҳолатҳои махсус ба онҳо вобаста мебошад. Мисол, сӯхтор, офати муқовиматнопазир барои шаҳрвандони оддӣ ба ҳисоб меравад, ки барои наҷот надодани шахсони дар дохили объекти сӯхтор ба марг расидаистода ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Аммо, барои сӯхторхомӯшкунандагон ҳамчун касб, чавобгарии ҷиноятӣ истисно карда намешавад. Аллакай, ҳолати дар боло зикршуда, ки миёни духтуру бемор дарё ҳамчун ҳолати муқовиматнопазир муайян карда шудааст, дар ин ҷо ҷой надорад. Хизматчиёни ҳарбӣ уҳдадоранд, вобаста ба фармони ҳарбӣ дар роҳ ҳамаи муқовиматҳоро рафъ намоянд (ҳатто ба ҳаёти худашон ҳам хатар оранд).

Ҳамин тариқ, кирдор ҳамчун нишонаи тарафи объективии ҷиноят этироф карда мешавад, агар он ба ҷамъият хавфнок бошад, зиддиҳуқуқӣ бошад ва аз иродаи шахс вобаста бошад, ҳамчунин дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ содир шуда бошад.

## § 3. Оқибати барои ҷамъият хавфнок. Мафҳум ва намудҳо

Яке аз ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро муайян месозад, ин оқибати барои ҷамъият хавфноки кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба ҳисоб меравад.

Оқибати ҷиноятро бо чунин тарз муайян сохтан мумкин аст: молумулкӣ, рӯҳӣ, ҷисмонӣ ва дигар зарарҳое[47], ки аз ҷиноят ба ҷамъият расонида мешаванд ва ҳамчунин, кӯшишу харҷи ҷомеа бар зидди ин зуҳуроти манфии ҷомеа.

Дар асл ду гурӯҳи оқибати ҷиноятӣ мавҷуд аст:

– моддӣ;

– ғайримоддӣ.

Дар навбати худ, оқибати моддии ҷиноятӣ ба оқибати хусусияти молумулкидошта ва ба ҳаёт ва саломатии шахс зарар расонанда ҷудо карда мешавад.

Оқибатҳои ғайримоддии ҷиноятӣ бошанд, ба оқибатҳое, ки бо вайрон намудани тартиботи ҷамъиятӣ ё фаъолияти корхона ва ташкилот ва зарар ба обрӯ ва эътибори инсон ва шаҳрванд ва ҳуқуқҳои молумулкии шахсии онҳо вобастаанд, ҷудо мешаванд.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷиноят аз рӯйи таркиб ҷудо мешавад ба ҷиноят бо:

– таркиби моддӣ (материалӣ);

– таркиби расимӣ.

Ҷиноят дар ҳолате таркибаш моддӣ ҳисобида мешавад, ки агар он дорои ҳамаи нишонаҳои ҳатмии тарафи объективии ҷиноят бошад, яъне:

– кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок;

– оқибати барои ҷамъият хавфнок;

– робитаи сабабӣ байни кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок.

Мисол, мутобиқи моддаи 104 КҶ ҶТ тарафи объективии одамкушӣ аз чунин нишонаҳои ҳатмӣ иборат аст:

– кирдор ҳам дар шакли ҳаракат ва ҳам дар шакли беҳаракатӣ. Мисол, ҳаракат – бо корд захмӣ карда куштан, буғи карда куштан, ғарқ кардан, заҳр дода куштан ва ғайраҳо, беҳаракатӣ бошад, дар ҳамон сурат мешавад, ки ҷинояткор уҳдадор буд ҷабр-

---

[47] Уголовное право. Обшая часть: учебник для вузов / отв. ред. д.ю.н. профессор И.Я. Козаченко, д.ю.н. профессор З.А. Незнамова. М.: НОРМА – ИНФО, 1998. С. 153.

дидаро нигоҳубин кунад, ё ин ки метавонист (имконият дошт) онро пешгирӣ кунад, вале намекунад;

– оқибати ҷиноят – марги инсон;

– робитаи сабабии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҳаёти инсон хавфнок ва оқибати ҷиноят дар намуди марги инсон[48].

Кирдори ҷиноятӣ дар чунин ҳолат таркибаш расмӣ ба ҳисоб меравад: ҷиноят аз лаҳзаи содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, новобаста аз фаро расидани он, хотимаёфта ҳисобида мешавад. Аз ин бар меояд, ки нишонаи ҳатмии таркиби расмии ҷиноят – ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад.

Дар вақти содир намудани ҷинояти муайяни муқобили шахсият мумкин аст оқибат дар намуди марги шахс фаро расад, мумкин аст зарар ба саломатии шахс расонида шавад, мумкин аст сирри ҳаёти шахсӣ, оилавӣ зарар бинад ва ба инҳо монанд. Дар ҷиноятҳо муқобили моликият бошад, оқибат дар намуди зарари молиявӣ фаро мерасад ва ғайраҳо.

Қонунгузор дар диспозитсияҳои моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси КҶ ҶТ бо мафҳумҳо ва истилоҳот чӣ тавр фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокро нишон медиҳад. Дар диспозитсияи як гурӯҳ ҷиноятҳо бо баробари муайян кардани нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят, қонунгузор оқибатҳои мушаххаси барои ҷамъият хавфноки кирдорро нишон додааст. Мисол, дар диспозитсияи моддаи 190 КҶ ҶТ муқаррар шудааст: «вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми корҳои кӯҳӣ, сохтмон ва дигар корҳо, агар ин аз беэҳтиётӣ боиси ба саломатии инсон расонидани зарари вазнин ва ё миёна гардида бошад».

Баъзан қонунгузор оқибатҳои алтернативии фаро расидани ҷиноятро бо истилоҳи «оқибати вазнин» нишон додааст. Мисол, дар банди «д» қисми 3 моддаи 130 КҶ ҶТ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои одамрабоӣ пешбинӣ мекунад, чунин омадааст: «аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё дигар оқибатҳои вазнин гашта бошад». Дар ин ҷо ҳамчун алтернатива чунин оқибатҳо фаро расиданашон мумкин аст:

худкушии ҷабрдида;
марги наздикони ӯ;
ба касалии вазнин гирифтор гаштани ӯ;
расонидани зарари калони моддӣ;
вайрон намудани аҳди калони тиҷоратӣ[49].

---

[48] Уголовное право России. Общая и Особенная части: учебник для вузов / под. общ. ред. д.ю.н. профессора Н.Г. Кадникова. М.: Книжный мир, 2007. С. 333.

Дар як қатор диспозитсияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, оқибати барои ҷамъият хавфноки кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) муайян карда шуда, қонунгузор ба зарари ба ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии шаҳрвандон расонидашуда ишора менамояд. Мисол, вайрон намудани баробарҳуқуқии шаҳрвандон – моддаи 143 КҶ ҶТ; ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот оид ба ҳаёти шахсӣ – моддаи 144 КҶ ҶТ, радди додани маълумот ба шаҳрванд – моддаи 148 КҶ ҶТ.

Дар баъзе диспозитсияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, қонунгузор оқибати барои ҷамъият хавфнокро муайян намуда, ҷабрдидае, ки зарар дидааст, нишон додааст. Баъзан қонунгузор бо мафҳумоти ба монанди «зарари расонидашуда» оқибати барои ҷамъият хавфнокро майян месозад. Масалан, миқдори калон – қисми 3 моддаи 244 КҶ ҶТ, ё ин ки диспозитсияи моддаи 256 КҶ ҶТ.

Ҳамин тавр, барои дуруст муайян намудани оқибати барои ҷамъият хавфнок, қонунгузор дар диспозитсияҳо мафҳумҳо ва истилоҳоти баҳодиҳандаро истифода бурдааст.

Агар оқибати барои ҷамъият хавфнок натиҷаи таъсиррасонии ҷисмонӣ ба инсон, ё ин ки чизҳои моддии олами беруна бошад, пас онҳо хислати моддиро доро мебошанд. Мисол, оқибати одамкушӣ марги инсон ба ҳисоб меравад. Агар ҷиноят ба муқобили моликият равона шуда бошад, он гоҳ оқибати ҷиноят зарари молумулкӣ ба ҳисоб меравад.

Оқибатҳое, ки аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ба вуҷуд меоянд, мумкин аст ба моддӣ ва ғайримоддӣ ҷудо карда шаванд.

Ҳамин тавр, оқибатҳои моддии аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок бамиёномада ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

1) хусусияти молу мулкидошта;

2) хусусияти шахсидошта.

Он муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок, ки оқибаташ хусусияти моддии олами берунаро надорад, оқибати ғайримоддӣ ба ҳисоб меравад. Оқибати ғайримоддӣ дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳое, ки ба муқобили муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷино-

[49] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 272.

ятӣ ҳифзшавандае, ки фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсиро таъмин мекунанд, равона карда шудаанд, ба вуҷуд меоянд.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин қабул шудааст, ки таркиби ҷиноятҳо ба материалӣ (моддӣ) ва расмӣ ҷудо карда шудаанд[50]. Ин аз он вобаста аст, ки тарафи объективии таркиби ҷиноятҳои алоҳидаро қонунгузор дар моддаҳои КҶ ҶТ чӣ тавр муайян кардааст. Дар таркиби ҷиноят агар нишонаи ҳатмии тарафи объективии ҷиноят кирдори (ҳаракат ё беҳаракати) барои ҷамъият хавфнок бошад, он гоҳ расмӣ номида мешавад. Агар дар таркиби ҷиноят нишонаи ҳатмии тарафи объективӣ оқибати барои ҷамъият хавфнок ҳисобида шавад, он гоҳ таркиби моддӣ (материалӣ) номида мешавад.

Дар баъзе ҳолатҳо аз кирдори барои ҷамъият хавфнок оқибатҳои вазнини барои ҷамъият хавфнок фаро расиданаш мумкин бошад ҳам, қонунгузор онро ҳамчун таркиби расмӣ нишон додааст, зеро ин ҷиноят аллакай аз лаҳзаи содир намудани худи кирдори барои ҷамъият хавфнок, дорои хавфи баланди ҷамъиятӣ мебошад. Ҳамин тариқ, оқибат фаро расиданаш мумкин аст, аз таркиби чунин ҷиноятҳо, ба монанди роҳзанӣ (моддаи 249 КҶ ҶТ). Дар диспозитсияи ин модда чунин омадааст: «роҳзанӣ, яъне ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодабарии зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ содир шудааст». Агар дар ин ҷо, таркиби ҷиноятро моддӣ ҳисоб кунем, пас ҷиноят аз лаҳзаи фаро расидани оқибат, соҳибият ба моликият, хотимаёфта ҳисобида мешуд ва қонунгузор нисбати ҳуқуқу озодиҳои инсон бетарафу мубориза бар зидди ин гуна ҷиноятҳо мушкил мешуд.

Дар КҶ ҶТ ҷиноятҳое, ки таркибашон расмӣ аст, зиёданд. Ба ҷиноятҳое, ки таркибашон расмӣ мебошанд, инҳо дохил мешаванд: қочоқ (моддаи 289 КҶ ҶТ); роҳзанӣ (моддаи 249 КҶ ҶТ); таҷовуз ба номус (моддаи 138 КҶ ҶТ) ва ғайраҳо.

Вобаста ба таркиби расмии ҷиноят, таркиби хатарнок (кӯтоҳкардашуда) низ ҷой дошта метавонад. Агар таркиби расмии ҷиноят аз лаҳзаи содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок хотимаёфта ҳисобида шавад, пас таркиби хатарнок аз лаҳзаи тайёрӣ ба ҷиноят хотимаёфта эътироф карда мешавад. Мисол, моддаи 186 КҶ ҶТ – бандитизм аз лаҳзаи ташкили гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор бо мақсади ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилот, ҳамчунин роҳбарӣ ба чунин гурӯҳ (даста), ҷиноят хотимаёфта

[50] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 137.

эътироф мешавад, новобаста аз он, ки гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор ба шаҳрвандон ё ташкилот ҳуҷум намуд ё не.

Дар таркибҳои моддии (материалии) ҷиноят, қонунгузор ҳамчун нишонаи ҳатмӣ, - оқибати барои ҷамъият хавфнокро муайян кардааст.

Ба расмӣ ва моддӣ (материалӣ) ҷудо кардани таркиби ҷиноят, имкон медиҳад, ки вақти фаро расидани ҷинояти мушаххас муайян карда шавад. Мисол, одамкушӣ ҳамон вақт ҳамчун ҷинояти хотимаёфта бандубаст карда мешавад, ки агар марги шахси ҷабрдида фаро расида бошад. Ва агар марги шахси ҷабрдида фаро нарасида бошад, пас кирдори шахс, ки ба аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси дигар (моддаи 104 КҶ ҶТ) равона шуда буд, ҳамчун ҷинояти нотамом – сӯиқасд ба ҷиноят – бандубаст карда мешавад.

Ба таркибҳои расамӣ ҳамчунин, таркибҳое дохил мешаванд, ки қонунгузор имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ менамояд.

Ба таркибҳои алтернативӣ, расмӣ – материалӣ чунин таркибҳои ҷиноятиеро мансуб донистан мумкин аст, ки тарафи объективии ҷиноят аз ду қисми мустақил иборат мебошад: дар як қисмаш танҳо кирдори барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ менамояд ва дар қисми дуюмаш бошад, дар баробари кирдори барои ҷамъият хавфнок, оқибати барои ҷамъият хавфнок низ пешбинӣ карда шудааст. Мисол, моддаи 275 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои истифодаи ғайриқонунии нишонаи моли ғайр, нишонаи хизматрасонӣ, номи фирма, номи ҷойи истеҳсоли мол ё нишонагузории ба он монанд ба маҳсулот ва хизматрасонии шабеҳ, агар ин кирдорҳо такроран баъд аз додани ҷазои маъмурӣ содир гардида ё ба миқдори калон зарар расонида бошад. Чи тавре, ки маълум аст, нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят дар ин ҷо такроран баъд аз додани ҷазои маъмурӣ содир гардидани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар намуди миқдори калон муайян гардидааст.

Ҳамин тавр, зери мафҳуми оқибати барои ҷамъият хавфнок ҳамчун нишонаи тарафи объективии ҷиноят, зараре фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ба вуҷуд меояд.

## § 4. Робитаи сабабӣ байни кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок

Робитаи сабабӣ яке аз нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят ба ҳисоб рафта, танҳо дар таркибҳои моддӣ (материалӣ) ҳамчун нишонаи ҳатмӣ ҷой дошта метавонад. Сухан оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои оқибати барои ҷамъият хавфноки фарорасида, ҳамон вақт ҷой дорад, ки агар робитаи сабабии байни он ва кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок мавҷуд бошад. Дар ҳолати мавҷуд набудани робитаи сабабии байни кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои оқибати зарарнок ҷой надорад[51].

Робитаи сабабии ҷиноят ҳамчун нишонаи ҳатмии тарафи объективии ҷиноят дар ҷиноятҳое, ки таркибашон моддӣ (материалӣ) ба ҳисоб меравад, дар қатори сеюм баъд аз оқибати барои ҷамъият хавфнок, ҷой дода шудааст[52].

**Робитаи сабабӣ** – ин раванде ба шумор меравад, ки дар як вақти муайян мегузарад. Барои ҳамин, яке аз нишонаҳои робитаи сабабӣ – ин вақт мебошад. Яъне, дар бисёр ҳолатҳо байни кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок фосилаи калони вақт ё фазо ҷой дорад, ки дар натиҷа робитаи сабабӣ аниқ аён нест. Мисол, А. дар рафти тафтишот (инвентаризатсия) камбудиҳое, ки аз тасарруф ба миқдори калон ба миён омадааст, рӯйпӯш менамояд (зеро пора гирифта буд). Суд кирдори А. – ро ҳамчун ҳамиштирокии тасарруф бандубаст кард. Суди Олӣ парвандаи ҷиноятии А. – ро омӯхта, ба хулосае омад, ки бандубаст оид ба ҳамиштирокии А. дар тасарруф ба миқдори калон нодуруст мебошад, зеро камбудиҳо то тафтиш намудан аз тарафи А., мавҷуд буданд. Рӯйпӯш намудани камбудиҳои ҷойдошта дар тафтишот, ҳамчун сӯистифода аз ваколати мансабии А. ба ҳисоб меравад, аммо ин кирдорҳо барои содир намудани тасарруф ва ба миён омадани зарари

[51] Уголовная право России. Общая и Особенная части. Учебник для вузов / под общ. ред. д.ю.н., профессора Н.Г. Кадникова. М.: Книжный мир, 2007 С. 142.
[52] Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: учебник / Под ред. профессора Б.В. Здравомыслова. М.: Юристъ, 1999. С. 142.

моддӣ, робитаи сабабӣ ҳисобида намешаванд, зеро рӯйпӯш намудани камбудиҳои ҷойдошта дар вақти тасарруф ҷой надошт[53].

Дигар нишонаи робитаи сабабӣ – ин имконияти воқеии фаро расидани оқибат аз кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад.

Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахс ҳамон вақт робитаи сабабӣ шуда метавонад, ки агар «кирдор имконияти воқеии фаро расидани оқибати ҷиноятро дошта бошад»[54]. А.А. Пионтовский зикр менамояд, ки «барои муайян кардани робитаи сабабӣ, ҳатман бояд имконияти воқеии фаро расидани оқибат аз содир намудани кирдор мавҷуд бошад»[55] Мисол, З. аз М. маблағи муайяне қарз гирифт. Дар муҳлати муайяни баргардонидани маблағ З. аз он саркашӣ кард, ки ин сабаб шуд байни З. ва М. ҷангҷол ба миён омад, ки дар натиҷа М. ба чеҳраи З. зад. Аз зарбаи расонидашуда З. ба зарари сабук ба саломатӣ гирифтор шуд. Баъд аз ин, З. ба ҳавлӣ даромада дар даст оҳанеро гирифта интизори М. буд, то ки қасди худро гирад. Вақте, ки М. аз назди З. мегузашт, З. бо олоти дар дасташ буда ба сари М. зада ба ӯ зарари вазнин ба саломатӣ мерасонад, ки дар натиҷа ӯ аз ҳаёт маҳрум мешавад [56]. Дар чунин ҳолат, суд бояд З – ро барои қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси дигар гуноҳкор эътироф намояд. Имконияти воқеии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок дар ин ҷо маълум аст, зеро бо оҳан ба аъзои бадани барои ҳаёт муҳими инсон – сар – зада шудааст ва оқибати он маргро ба миён оварданаш мумкин аст.

Дар вақти содир намудани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок бояд имконияти воқеии фаро расидани он оқибатҳоеро доро бошад, ки он дар диспозитсияи моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси КҶ ҶТ нишон дода шуда бошанд. Мисол, банди «ж» қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои куштани одам бо тарзи ба ҳаёти мардуми зиёд хавфнок, пешбинӣ менамояд. Чӣ тавре аз ин муқаррарот бар меояд, қонунгузор муайян месозад, ки содир намудани ин кирдор имконияти фаро расидани марги одамони зиёдро доро мебошад. Дар ин ҷо, таҳдиди воқеӣ ба ҳаёти одамони зиёд равона карда шудааст, на ба саломатии онон расонидани зарар. Танҳо дар ҳамин ҳолат кирдори шахс аз рӯйи банди

---

[53] Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: учебник / Под ред. профессора Б.В. Здравомыслова. М.: Юристъ, 1999. С. 143.

[54] Курс советского уголовного права. М., 1970. Том 2. С. 187-189.

[55] Ҳамон ҷо.

[56] Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: учебник / Под ред. профессора Б.В. Здравомыслова. М.: Юристъ, 1999. С. 144.

«ж» қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Мисол, бо мақсади куштани як нафар, шахс дар ҷойҳои ҷамъиятӣ воситаҳои таркишро истифода мебарад, ки ин имконияти воқеии фаро расидани марги одамони зиёдро доро мебошад. Агар кирдор ба ҳаёти дигар одамон таҳдид накунад, кирдори шахс ҳамчун куштани одам ба тарзи ба ҳаёти мардуми зиёд хавфнок бандубаст карда намешавад. Оид ба ин ҳолат мисолеро овардан бамаврид аст: Д. завҷаашро нисбати П. рашк мекард ва бо ин сабаб дар қасди куштани ӯ шуд. Саҳарӣ ӯ ба идораи колхоз омад, ки дар он ҷо П. бо дигар аъзоёни колхоз кор мекарданд. Д. аз оина дар масофаи наздик ба ҷониби П. тир холӣ менамояд, ки дар натиҷа ӯ аз ҳаёт маҳрум карда мешавад. Суд кирдори Д – ро ҳамчун қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани одами дигар бо тарзи ба ҳаёти мардуми зиёд хавфнок, бандубаст намуд. Вале, Пленуми Суди Олии ИҶШС ин бандубастро хато ҳисобид, зеро Д. аз масофаи наздик нишон гирифт, ки ин ба ҳаёти мардуми дигари дар идора буда ҳеҷ хавфе надошт.[57]

Барои он, ки кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) сабаби фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок эътироф карда шавад, ҳатман бояд муайян карда шавад, ки оқибати барои ҷамъият хавфнок маҳз дар натиҷаи ҳамон кирдор фаро расидааст, на ин, ки дар натиҷаи кирдори дигар. На ҳамаи кирдорҳо сабаби оқибати барои ҷамъият хавфнок шуда метавонанд.

Сеюм нишонаи робитаи сababӣ – ин меъёри (критерияи) ногузирӣ мебошад ва он вақт ҷой дорад, ки натиҷаи ҷинояти содиршуда ҳатмӣ мебошад. Суд кирдори шахсро ҳамон вақт сабаби рух додани оқибати барои ҷамъият хавфнок меҳисобад, ки агар аз кирдори гунаҳгоронаи ӯ сар зада бошад.[58] Мисол, К. дар роҳи пиёдагард бо Б., ки дар ҳолати мастӣ хобида буд, дучор гардид. К. ба назди Б. рафта ӯро ба пой хезонда роҳашро давом медиҳад. Баъд аз ин Б. якчанд қадам зада аз роҳи пиёдагард ба роҳи кӯпрук баромада дар он ҷой меафтад, ки дар натиҷа мошине аз болои ӯ мегузарад. Суд парвандаи ҷиноятиро омӯхта ба хулосае омад, ки сабаби марги Б. ин кирдори К. мебошад. Вале, Коллегияи Судии Суди Олии ИҶШС ин бандубастро хато донист, зеро марги Б. на аз натиҷаи кирдори К. фаро расидааст, балки дар натиҷаи дигар сабабҳо фаро расидааст[59].

[57] Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: учебник / Под ред. профессора Б.В. Здравомыслова. М.: Юристъ, 1999. С. 145.
[58] Курс советского уголовного права. М., 1970. Том 2. С. 187-189.
[59] Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: учебник / Под ред. профессора Б.В. Здравомыслова. М.: Юристъ, 1999. С. 144.

Аз мисоли овардашуда муайян гардид, ки кирдори К. натиҷаи ногузири (ҳатмии) фаро расидани марги Б. ба ҳисоб намеравад. Вале, агар К. Б. – ро ба пой намехезонд, шояд ин оқибат фаро намерасиду Б. хобро дар ҷояш давом медод. Аз ин ҷост, ки бояд робитаи сабабии ногузир аз робитаи сабабии тасодуф фарқ карда шавад.

Нишонаи тарафи объективии ҷиноят дар таркибҳои материалӣ танҳо робитаи сабабии ногузир вуҷуд дошта метавонаду халос. Мисол, Д. бо ду духтар дар завраќи (катери) варзишӣ дар лаби баҳр сайр мекард. Оқибат Д. суръати завракро тезонида ба сӯи одамон омад ва завракро идора карда натавониста ба завраки дигар мезанад, ки дар натиҷа он ду духтар афтида аз чархи мотори заврақ зарари вазнин ба саломатӣ мегиранд. Д. барои расонидани зарари вазнин ба саломатӣ маҳкум гардид[60]. Дар ҳақиқат кирдори Д. воқеан фаро расидани ин оқибатро ба миён овард. Ва оқибати кирдори ӯ ногузир ҳисобида мешавад.

Баъзан қонунгузор нишонаҳои тарафи объективии ҷиноятро муайян сохта, имконияти воқеии фаро расидани оқибатҳоеро пешбинӣ менамояд, ки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон фарқ мекунанд. Мисол, моддаи 110 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ пешбинӣ менамояд. Мутобиқи диспозитсияи ин модда, қасдан ба саломатӣ расонидани зарари вазнине, ки барои ҳаёти инсон хавфнок бошад ё дигар оқибатҳо фаро расида бошанд, ки онҳо дар диспозитсия нишон дода шудаанд. Дар банди «в» қисми 3 ҳамин модда оқибати фарорасида дар намуди марги ҷабрдида пешбинӣ шудааст. Аммо, барои он, ки кирдори шахс ҳамчун қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардидааст, бандубаст карда шавад, - дар аввал, бояд зарари вазнин ба саломатӣ расонида шавад, дуввум бошад, бояд кирдор ба ҳаёт хавфнок бошад. Мисол, дар вақти истеъмоли нӯшокии спиртӣ байни Ш. ва Л. баҳсе ба миён омад, ки сабаби ҷанҷоли ҳардуяшон гашт. Дар вақти ҷанҷол Ш. бо корд ба бадани Л. зад, ки раги хунгардаш кафид ва дар натиҷа аз ӯ хуни бисёре рехт. То омадани ёрии таъҷилӣ, аз бисёр рафтани хуни баданаш, Л. ба марг расид. Суд кирдори Ш – ро ҳамчун қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардидааст, бандудаст намуд[61].

---

[60] Бюллетень Верховного Суда РСФСР. 1974. № 8.

[61] Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: учебник / Под ред. профессора Б.В. Здравомыслова. М.: Юристъ, 1999. С. 145.

Дар мисоли овардашуда, кирдори гунаҳгор на фақат ба расонидани зарари вазнин ба саломатӣ равона шуда буд, балки таҳдиди фаро расидани маргро дошт.

Бо дида баромадани якчанд масъалаҳо, ба хулосае омадан мумкин аст, ки критерияи имконияти воқеӣ ва ногузирӣ бо ҳам дар алоқамандианд. Аввал, ҳатман боядмуайян кард, ки дар содир намудани кирдор, таҳдиди (имконияти) воқеии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокро доро бошад ва баъд аз ин мумкин аст, ногузирии оқибат аз содир намудани кирдор бар меояд, муайян карда шавад.

Дар баъзе ҳолатҳо сабаби ногаҳонӣ ба сабаби ногузирӣ оварда мерасонад. Мисол, дар вақти ҷанҷоли ду нафар мард имконияти воқеии фаро расидани оқибат дар намуди марг ё зарар ба саломатӣ ҷой дорад. Аммо, ин имконият дар раванди давомнокии ҳолат фаро мерасад, яъне, вақте ки яке аз ҷангкунандагон аз кӯпрук афтида сараш захм мебардорад. Дар ҳамин ҷо ногузирии фаро расидани марг аз кирдор сарчашма мегирад ва шахси гунаҳгор барои аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Аммо, бо дигар тарз агар ба яке аз ҷангкунандагон зарари сабук ба саломатӣ расонида шавад ва ӯ аз ёрии тиббии мутахассис истифода набурда бо матои ғайритиббӣ худро баста бо сабаби вайроншавии таркиби хун ба марг расад, дар ин ҷо сабаби ногаҳонӣ байни кирдори шахси ҷангкунанда ва оқибат дар натиҷаи фаро расидани марг ҷой дорад. Кирдори ӯ танҳо имконияти воқеии фаророрасии зарари сабук ба саломатиро дошт.

Ҳамин тавр, дар зери мафҳуми робитаи сабабӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ – яке аз нишонаҳои тарафи объективӣ ва робитаи байни кирдор ва оқибати барои ҷамъият хавфнок фаҳмида мешавад.

## § 5. Нишонаҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят

Ба ғайр аз кирдори барои ҷамъият хавфнок, оқибати ҷиноятӣ ва робитаи сабабӣ, боқимонда ҳама нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят, факултативӣ ҳисобида мешаванд.

Пеш аз муайян кардани асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва бандубасти ҷинояти содиршуда, мақомоти тафтишотӣ ва судӣ доимо вақт ва ҷойи муайяни ҷинояти содиршуда, олоту воситаи содир намудани ҷиноят, вазъияти содир намудани ҷиноят ва тарзи содир намудани ҷиноятро муайян мекунанд.

Ҳамин тавр, ба нишонаҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят инҳо дохил мешаванд:

– ҷой;
– вақт;
– вазъият;
– олоту воситаи содир намудани ҷиноят;
– тарзи содир намудани ҷиноят.

Нишонаҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят дар баъзе таркибҳо ҳамчун нишонаи тарафи объективӣ дар диспозитсияи моддаҳо нишон дода шудаанд ва дар баъзеи дигарашон нишон дода нашудаанд. Мисол, дар ҷиноятҳои расонидани зарар ба саломатӣ (моддаи 110 – 118 КҶ ҶТ) ҷойи содир намудани ҷиноят фарқият надорад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ новобаста аз он, ки кирдор дар куҷо содир шудааст, ҷой дорад.

Бояд зикр намуд, ки агар аломатҳои факултативӣ дар таркибҳои дахлдори ҷиноятҳо ҳамчун аломати ҳатмӣ баромад накунанд ҳам, вале ҳангоми таъйин ва фардикунонии ҷазо ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ё сабуккунанда ба назар гирифта шуданаш мумкин аст (моддаҳои 61 ва 62 КҶ ҶТ).

Агар нишонаҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят дар диспозитсияҳои моддаҳои алоҳидаи Қисми махсуси КҶ ҶТ нишон дода шуда бошанд, пас онҳо ҳатмӣ ҳисобида мешаванд. Дар ҳамин мазмуни аввалини тарафи объективии ҷиноят ошкор мегарданд[62].

**Тарзи содир намудани ҷиноят** – ин маҷмӯи усул ва тариқе, ки гунаҳгор дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок истифода мебарад. Дар вақти содир намудани ҷиноят мумкин аст аз тарафи гунаҳгор олоту восита истифода бурда шавад.

Аз муқаррароти КҶ ҶТ бар меояд, ки тарафи объективии ҷиноят тарзи содир намудани ҷиноятро дар меъёрҳо бисёртар нишон додааст. Дар диспозитсияи меъёрҳои КҶ ҶТ одатан чунин ибораҳо ба монанди «бо роҳи фиреб», «бо истифодаи зурӣ» ва ғайраҳо истифода бурда мешаванд, онҳо ҳамчун тарзи содир намудани ҷиноят эътироф карда мешаванд. Мисол, диспозитсияи моддаи 138 КҶ ҶТ пешбинӣ менамояд, ки таҷовуз ба номус, яъне бо истифодаи зурӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати зан ё нисбати дигар шахсони ба ӯ наздик ё бо истифода аз вазъияти оҷизонаи зан.

[62] Уголовное право. Общая часть: учебник для вузов / отв. ред. д.ю.н., профессор И.Я. Козаченко. М.: «НОРМА – ИНФРА», 1998. С. 146.

Аслан, И.Я. Козаченко ду намуди тарзи содир намудани ҷиноятро баён кардааст, ки ин:

фиреб (рӯҳӣ);

зӯроварӣ (ҷисмонӣ)[63].

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки барои баъзе таркибҳои ҷиноятҳо тарзи содир намудани ҷиноят аломати ҳатмӣ ба ҳисоб рафта барои баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан ба кирдорҳои ҷиноятии алоҳида мусоидат менамояд.

Тарзи содир намудани ҷиноят бо худи кирдори барои ҷамъият хавфнок зич алоқаманд буда, қисми таркибии онро ташкил медиҳад ва ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор таъсир мерасонад, бинобар ин дар бисёр таркибҳо ҳамчун аломати ҳатмии таркиби асосӣ ё таркиб бо ҳолатҳои вазнинкунанда баромад мекунад. Мисол, тарзи истифодаи зӯрӣ дар бисёр ҷиноятҳо моҳияти ҷиноятро муайян мекунад, хавфнокии онро нишон медиҳад (одамкушӣ, таҷовуз ба номус, роҳзанӣ ва ғайраҳо).

Бисёр таркибҳои ҷиноятҳо аз рӯйи тарзи содир карда шуданашон фарқ мекунанд[64]. Мисол, дуздӣ (моддаи 244 КҶ ҶТ) ҳамчун тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр муайян карда шудааст; ғоратгарӣ (моддаи 248 КҶ ҶТ) бо роҳи ошкоро тасарруф кардани молу мулки ғайр; қаллобӣ (моддаи 247 КҶ ҶТ) тасарруфи молу мулки ғайр ё ба даст овардани ҳуқуқ ба молу мулки ғайр бо роҳи фиреб ё истифодаи боварӣ.

Бисёри ҷиноятҳо бо усули барои мардуми зиёд хатарнок содир мешаванд ва аз рӯйи ин аломат таркиб бо ҳолатҳои вазнинкунанда ҳисобида мешаванд. Мисол, куштани одам бо тарзи ба ҳаёти мардуми зиёд хавфнок (банди «ж» қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ); қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр бо роҳи оташ задан, таркиш ё дигар усули хавфи умумидошта (банди «а» қисми 2 моддаи 255 КҶ ҶТ).

Содир кардани ҷиноят бо бераҳмии махсус ё азобдиҳии ҷабрдида (банди «к» қисми 1 моддаи 62 КҶ ҶТ) ҳолати вазнинкунандаи ҷазо эътироф мешавад. Дар баъзе ҷиноятҳо ин тарз ҳамчун ҳолати вазнинкунанда нишон дода шудааст. Мисол, банди «е» қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ (куштани одам бо бераҳмии махсус).

Ба худкушӣ расонидан ҷой дорад, агар он бо рохи таҳдид, муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида содир шуда бошад (моддаи 109 КҶ ҶТ).

---

[63] Ҳамон ҷо. С. 165.

[64] Уголовная право России. Общая и Особенная части: учебник для вузов / под общ. ред. д.ю.н. профессора Н.Г. Кадникова. М.: Книжный мир, 2007. С. 116.

Ҳамин тавр, тарзи содир намудани ҷиноят дар меъёрҳо чунин нишон дода шудаанд: зӯроварӣ ба шахсият; фиреб ё суиистифодаи боварӣ; суиистифода аз мансаби хизматӣ ва амсоли инҳо.

**Олоту воситаи содир намудани ҷиноят** – ин предметҳои моддии олами беруна, ки ба воситаи онҳо ҷиноят содир карда мешавад.

Ба олоту воситаи содир намудани ҷиноят, мисол овардан мумкин аст:

силоҳ ва дигар предметҳое, ки ба сифати силоҳ баромад менамоянд (мисол, банди «г» қисми 2 моддаи 130 КҶ ҶТ);

воситаҳо (мисол, моддаҳои 200, 201 ва ғайраҳои КҶ ҶТ);

ҳуҷҷатҳо (мисол, моддаҳои 262, 283, 340, 373 КҶ ҶТ);

воситаҳои нақлиёт (мисол, моддаи 223 КҶ ҶТ).

Ғайр аз ин, бояд қайд кард, ки ба сифати воситаи содир намудани ҷиноят мумкин аст ҳайвонот, шахсони номукаллаф ва ё ноболиғон истифода бурда шаванд.

Олоту воситаи содир намудани ҷиноят ба дараҷаи хавфнокии кирдори барои ҷамъият хавфнок таъсир мерасонад. Агар, олоту воситаи содир намудани ҷиноят хавфнокии кирдори зиддиҷамъиятиро баланд кунад, он ба аломатҳои тарафи объективии ҷиноят дохил карда мешавад. Олоту воситаи содир намудани ҷиноят ба ҳамаи таркибҳо алоқаманд намебошанд ё ҳама вақт истифода бурда намешавад[65].

Олоту воситаи содир намудани ҷиноят дар баъзе диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ нишон дода шудаанд. Моҳияти олоту воситаи содир намудани ҷиноят дар он ифода мегардад, ки ба воситаи он содир намудани ҷиноят осон мегардад, ё ин ки таҳдиди воқеии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокро дорад.

Олоту воситаи содир намудани ҷиноят яке аз воқеияте мебошад, ки дар асоси он шакли гуноҳ муайян карда мешавад.

Барои қасдан содир намудани ҷиноят, шахс (барои ба мақсади ҷиноятӣ расидан) олоту воситаи содир намудани ҷиноятро истифода карда, кирдори барои ҷамъият хавфнокашро пешбинӣ мекунад, оқибати фаро расидани кирдори барои ҷамъият хавфнокашро пешбинӣ мекунад ва дидаю дониста ба ин оқибатҳо роҳ медиҳад.

Ҳамин тавр, олоту воситаи содир намудани ҷиноят барои муайян кардани тарафи субъективии ҷиноят, шаклҳои гуноҳ, қасд ва мақсади ҷиноят аҳаммияти муҳимро доро мебошад.

---

[65] Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. М., 1972. С. 130.

Олоту воситаи содир намудани ҷиноят дар вақти фардикунонии ҷазо ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ва ё баръакс ҳолати вазнинкунандаи ҷазо баромад менамоянд.

Баъзан қонунгузор олоту воситаи содир намудани ҷиноятро ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи кирдори барои ҷамъият хавфнок муайян намудааст. Мисол, қисми 2 моддаи 181 КҶ ҶТ ғасби гаравгонро бо ҳолатҳои вазнинкунанда пешбинӣ намудааст, ки дар банди «г»-и он чунин омадааст: «бо истифодаи силоҳ ё предмете, ки ба сифати силоҳ баромад мекунад».

**Ҷойи содир намудани ҷиноят** – ин минтақаи ё маҳалли содир намудани ҷиноят ба ҳисоб меравад, ки дар он ҷо кирдори барои ҷамъият хавфнок содир шудааст. Ҳамчунин, ҷойи содир шудани ҷиноят муайян мекунад, ки дар асоси кадом қонунгузории ҷиноятӣ шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Агар, кирдори барои ҷамъият хавфноки шахс дар ҳудуди як давлат содир шавад ва оқибати барои ҷамъият хавфнок дар ҳудуди давлати дигар фаро расида бошад, пас саволе ба миён меояд: қонунгузории ҷиноятии кадом давлат дар ин ҳолат ба инобат гирифта мешавад?

Ҳамин тавр, ҷойи содир намудани ҷиноят масъалаи амали қонуни ҷиноятиро низ ҳал менамояд, ки ҳамаи ин дар моддаҳои 14, 15 ва 16 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Мисол, дар моддаи 14 КҶ ҶТ муайян шудааст: «шахсе, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят содир намудааст, мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агар тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигар муқаррар нашуда бошад». Ҳамчунин дар қисми 2 ҳамин модда чунин омадааст: «чунин кирдор дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содиршуда эътироф карда мешавад, агар:

а) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ шудааст ё идома ёфтааст ва ё ба итмом расида шудааст;

б) берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудааст, вале оқибати ҷиноят дар ҳудуди он фаро расидааст;

в) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шудааст, вале оқибати он берун аз ҳудуди он фаро расидааст;

г) дар шарикӣ бо шахсоне содир шудааст, ки фаъолияти ҷинояткоронаи худро дар ҳудуди давлати дигар ба амал баровардаанд».

Дар баъзе ҳолатҳо ҷойи содир намудани ҷиноят нишонаи ҳатмии тарафи объективии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Мисол, банди «в» қисми 1 моддаи 230 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои сайди ғайриқонунии моҳӣ ё дигар намуди ҳайвоноти обӣ, агар ин кирдор дар ҷойҳои тухмигузорӣ ё роҳҳои хатар ба он ҷойҳо содир шуда

бошад, пешбинӣ менамояд. Агар ҷойи сайди моҳӣ ҷойҳои тухмгузории моҳӣ набошад, пас ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи банди зикргардида ҷой надорад.

Ҳамин тавр, ҷойи содир намудани ҷиноят – ин маҳал, ҳудуд ва минтақае ба ҳисоб меравад, ки дар он ҷиноят содир шудааст ва он дар баъзе ҳолатҳо кирдори ҷиноятии шахсро ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо эътироф мекунад. Мисол, дар банди «в» қисми 2 моддаи 232 КҶ ҶТ муқаррар шудааст: «шикори ғайриқонунӣ агар дар ҳудуди мамнӯъгоҳ, парваришгоҳ ё дар минтақаи вазъияти фавқулодаи экологӣ содир шуда бошад». Дар ин ҷо, ҷойи содир шудани кирдори зикргардида ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо баромад карда истодааст.

**Вақти содиркунии ҷиноят** – ҳамчун нишонаи факултативии тарафи объективии ҷиноят – муҳлати муайяни вақт мебошад, ки дар он ҷиноят содир карда шуданаш мумкин аст. Мисол, чунин ҷиноятҳо ба монанди монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ (моддаи 150 КҶ ҶТ) ва сохтакории ҳуҷҷатҳои интихоботӣ, ҳуҷҷатҳои райъпурсӣ ё ҳисоби нодурусти овоз (моддаи 151 КҶ ҶТ) дар муҳлати муайяни вақт – интихобот – содир карда мешаванд. Дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ё деҳот, ё ин ки райъпурсӣ ва ҳамчунин вақти ҷамъбаст кардани онҳо.

Дар мавриди зикргардида, ҳам ҷойи содир намудани ҷиноят ва ҳам вақти содир намудани ҷиноят ҳамчун нишонаҳои тарафи объективии таркиби ҷиноят муайян шудааст, ки бе он худи таркибҳои дахлдори ҷиноят низ ҷой надорад.

Барои тавсиф кардани вақти содир намудани ҷиноят дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ қонунгузор якчанд намуд истилоҳотро истифода бурдааст: «вақти манъкардашуда», «замони ҷанг», «муҳлати манъкардашуда», «муҳлати муайян», «ҳангоми иҷрои вазифа» ва ғайраҳо.

Бисёри ҷиноятҳое, ки вобаста ба вақти содир намудани ҷиноят дараҷаи хавфнокиашон гуногун аст, инҳо ҷиноятҳои муқобили хизмати ҳарбӣ ба ҳисоб мераванд.

Баъзан, вақти содир намудани ҷиноят ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи кирдори барои ҷамъият хавфнок баромад менамояд. Дар ин ҷо, вақти содир намудани ҷиноят, ба ҷамъият хавфнокии кирдорро муайян месозад. Чун қоида, ба сифати нишонаи барои бандубаст аҳаммиятдошта, ин ҳолати замони ҷанг дар ҷиноятҳои муқобили хизмати ҳарбӣ ба ҳисоб меравад. Мисол, ҷиноятҳои муқобили хизмати ҳарбӣ, агар дар вазъияти ҷангӣ ё дар замони

ҷанг содир шуда бошанд, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо баромад мекунанд (қисми 2 моддаи 368 иҷро накардани фармон; қисми 3 моддаи 369 муқобилият ба сардор ё маҷбур кардани ӯ ба вайрон кардани вазифаҳои хизматӣ; қисми 3 моддаи 370 истифодаи зӯроварӣ дар ҳаққи сардор ва ғайраҳои КҶ ҶТ). Аз ин бар меояд, ки содир намудани ҷиноятҳо дар замони ҷанг нисбат ба содир шудани онҳо дар замони осоишта хавфноктар мебошанд ва таркиб бо ҳолатҳои вазнинкунандаро ташкил медиҳанд. Маҳз чунин аломат ба мисли вақти содир намудани ҷиноят дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ин таркибҳоро муайян мекунад.

Қисми 2 моддаи 12 КҶ ҶТ муқаррар мекунад, ки «вақти содир намудани ҷиноят, вақти содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, сарфи назар аз вақти фаро расидани оқибатҳои он эътироф карда мешавад». Ин мафҳум ҳам ба сифати вақти содир намудани ҷиноят чун тарафи объективии ҷиноят баромад мекунад ва ҳам амали Қонуни ҷиноятиро дар замон муайян месозад.

Баъзан КҶ ҶТ вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнокро ҳамчун нишонаи ҳатмии тарафи объективии ҷиноят муайян мекунад. Мисол, қонунгузор ҷавобгариро барои худсарона тарк кардани хизмати ҳарбӣ ё маҳалли хизмат (моддаи 374 КҶ ҶТ) муайян карда вақти гузаштани мӯҳлатро низ нишон додааст – зиёда аз 3 – шабонарӯз, вале на зиёда аз 10 – шабонарӯзро дар бар мегирад. Баъзан бошад, мафҳуми «мӯҳлати муқарраршуда» - ро истифода бурда, қонунгузор вақтро муайян месозад. Мисол, дар мӯҳлати муқарраршуда ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барнагардонидани сарватҳои бадеӣ, таърихӣ ё бостоншиносии халқҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мамлакатҳои хориҷӣ (моддаи 290 КҶ ҶТ).

**Вазъияти (ҳолати) содир намудани ҷиноят** – ин маҷмӯи аломатҳои хусусияти объективидошта мебошанд, ки хавфнокии ҷиноятро ё баланд ва ё паст мкунанд. Барои ҳамин, қонунгузор дар баробари муайян кардани тарафи объективии ҷиноят, ба ӯ вазъияти содир намудани ҷиноятро ҳамроҳ намудааст ва дар ин ҷо вазъияти содир намудани ҷиноят нишонаи таркиби ҷиноят ҳисобида мешавад. Мисол, қисми 1 моддаи 401 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷамъ, таълим, маблағгузорӣ ё таъминоти дигари моддии зархаридон, инчунин истифодаи онҳо дар задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ, пешбинӣ мекунад. Кирдорҳои номбаршуда дар он ҳолат нишонаи ҳатмии тарафи объективии ин ҷиноят эътироф карда мешаванд, ки агар он дар вазъияти задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ содир шуда бошанд.

Қонунгузор муайян кардааст, ки вазъияти (ҳолати) содир намудани ҷиноят, ба ҷамъият хавфнокии кирдорро ё баланд мекунад ва ё баръакс паст менамояд.[66] Дар бисёр моддаҳои КҶ ҶТ, вазъияти содир намудани ҷиноят, ба ҷамъият хавфнокии кирдорро паст менамояд. Мисол, КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ (моддаи 106); одамкушӣ дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ баромадан ё дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир намудани шахси ҷиноят содиркарда заруранд (моддаи 107); инчунин дар ҳамин ҳолатҳо расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ (моддаҳои 113 ва 114), ҳамчун ҳолати сабуккунанда пешбинӣ намудааст, зеро онҳо нисбат ба моддаи 104 КҶ ҶТ (одамкушӣ) ва моддаи 110 КҶ ҶТ (қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ), моддаи 111 КҶ ҶТ (қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ) хавфнокиашон барои ҷамъият камтар аст ва сабаби сар задани ин аз худи ҷабрдида вобаста аст.

Аз муқаррароти бандҳои моддаҳои 61 (ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук мекунанд) ва 62 (ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнин мекунанд) КҶ ҶТ бар меояд, ки вазъияти содир намудани ҷиноят ҳамчун ҳолати сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо баромад карда метавонистааст. Мисол, мувофиқи банди «д» қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ: «бо сабаби вазнинии шароити зиндагӣ ва ё аз рӯйи дилсузӣ содир намудани ҷиноят»; - ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф мешавад ва банди «м» қисми 1 моддаи 62 КҶ ҶТ: «содир намудани ҷиноят бо истифода аз шароити вазъияти фавқулода, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ» - ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо эътироф карда мешавад.

Умуман, вазъияти содир намудани ҷиноят ҳамчун нишонаи факултативии тарафи объективии ҷиноят барои дуруст бандубаст кардани ҷиноят аҳаммияти калон дорад.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло муайян гардид, ки нишонаҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят қисми ҷудонашавандаи аксарияти кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок эътироф карда мешаванд.

Агар, нишонаҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят ҳамчун нишонаи ҳатмии таркиби ҷиноят баромад кунанд, пас дар маҷмӯъ бо дигар аломатҳои таркиби ҷиноят, ҳамчун асоси ҳуқуқии бандубасти кирдори содиршуда баромад менамоянд.

---

[66] Уголовная право России. Общая и Особенная части: учебник для вузов / под общ. ред. д.ю.н. профессора Н.Г. Кадникова. М.: Книжный мир, 2007. С. 118.

Агар, нишонаҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят, ҳамчун нишонаи ҳатмии таркиби ҷиноят баромад накунанд, пас онҳо ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ва ё вазнинкунандаи ҷазо баромад менамоянд[67].

Моддаи 61 КҶ ҶТ ҳолатҳоеро пешбинӣ намудааст, ки онҳо ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ва дорои нишонаҳое мебошанд, ки вазъияти содир намудани ҷиноятро муқаррар мекунанд: содир намудани ҷиноят бо сабаби вазнинии шароити зиндагӣ; таҳти таъсири маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ва ё вобастагии моддӣ, хизматӣ ё вобастагии дигар; дар ҳолати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ гузаштан, дастгир намудани шахси ҷиноят содирнамуда, зарурати ниҳоӣ, таваккали асоснок, иҷрои фармон ё амр; дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳие, ки сабаби он зуроварӣ, таҳқири сахт ё амалҳои дигари ғайриқонунии ҷабрдида мебошад.

Моддаи 62 КҶ ҶТ ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазоро пешбинӣ мекунад. Аз ҷумлаи онҳо, инҳо ба нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят мансуб мебошанд: оқибати вазнин доштани ҷиноят; содир намудани ҷиноят бо бераҳмии махсус, садизм, шиканҷа ё қасами касбии ёдкардашударо вайрон кардан; содир намудани ҷиноят бо истифодаи силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, техникаи ҳарбӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш ё воситаҳои ба он монанд, воситаҳои техникии махсус тайёркардашуда, моддаҳои заҳрнок ва радиоактивӣ, доруворӣ ва воситаҳои химиявии дорусозӣ ё бо усули барои ҷомеа хавфнок; содир намудани ҷиноят бо истифода аз шароити вазъияти фавқулода, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ.

Ҳамин тавр, нишонаҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят чунин аҳаммият доранд:

1) ҳамчун нишонаи ҳатмии тарафи объективии ҷиноят баромад мекунанд, агар дар диспозитсияи моддаи мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ гардида бошанд;

2) асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошанд, агар дар диспозитсияи моддаи мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ гардида бошанд ва ба бандубасти ҷиноят таъсир расонида метавонанд;

3) дар ҳолати ба бандубасти ҷиноят таъсир нарасониданашон, ҳангоми фардикунонии ҷазо ҳамчун ҳолати сабуккунанда ё вазнинкунанда ба инобат гирифта шуданашон мумкин аст.

---

[67] Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: учебник / Под ред. профессора Б.В. Здравомыслова. М.: Юристъ, 1999. С. 153.

# БОБИ VIII
# ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТ


**§ 1. Тавсифи умумии тарафи субъективии ҷиноят ва мафҳуми гуноҳ**
**§ 2. Қасд ҳамчун шакли гуноҳ ва намудҳои он**
**§ 3. Беэҳтиётӣ ҳамчун шакли гуноҳ ва намудҳои он**
**§ 4. Бегуноҳ расонидани зарар (тасодуф) ва бо ду шакли гуноҳ содир намудани ҷиноят**
**§ 5. Нишонаҳои факултативии (иловагии) тарафи субъективии ҷиноят**
**§ 6. Саҳв (тасаввуроти нодуруст) дар ҳуқуқи ҷиноятӣ**


## § 1. Тавсифи умумии тарафи субъективии ҷиноят ва мафҳуми гуноҳ

Ҷиноят ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок аз маҷмӯи аломатҳои объективӣ ва субъективӣ иборат мебошад. Чун қоида, гурӯҳи якумро объекти ҷиноят ва тарафи объективии ҷиноят тавсиф медиҳанд. Гурӯҳи дуюмро бошад, субъекти ҷиноят ва тарафи субъективии ҷиноят тавсиф медиҳанд. Умуман ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ ҷиноят будани кирдорро муқаррар мекунанд. Тарафи объективии ҷиноят аз тарафи субъективии ҷиноят дар он фарқ дорад, ки агар тарафи объективии ҷиноят ҳолати берунии кирдори шахсро тавсиф диҳад, пас тарафи субъективии ҷиноят ҳолати дохилӣ – рӯҳии шахси ҷиноят содиркардаро тавсиф медиҳад. Умуман, ҳардуи онҳо аз ҳамдигар ҷудонашаванда буда, дар як вақт ва дар як ҷой аз ҷониби ҳамон як шахс ба вуқӯъ меоянд. Вале, дар таҳлили назариявӣ мо оид ба ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ баҳо медиҳем, зеро нишонаҳо ва аломатҳои дохилии онҳо барои таҳлили ҷиноят тавсифи алоҳидаро талаб менамоянд.

Тарафи субъективии ҷиноят тасаввурот ва хоҳиши субъектро вобаста ба содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, тавсиф медиҳад. Тарафи субъективии ҷиноят – ин тарафи дохилии

ҷиноят мебошад, ки муносибатҳои психики шахсро нисбат ба кирдори содирнамудааш муайян мекунад»[68].

Ҳамин тавр, мазмуни тарафи субъективии ҷиноят аз чунин нишонаҳо иборат мебошад:

1) гуноҳ (дар шакли қасд ва беэҳтиётӣ);

2) ангеза;

3) мақсад;

4) ҷунун (аффект).

Ҳамаи ин нишонаҳо дар якҷоягӣ ҳолати дохилӣ – рӯҳии шахсе, ки ҷиноятро содир мекунад, тавсиф медиҳанд. Аҳаммиятнокии ин нишонаҳои тарафи субъективии ҷиноят якхела нестанд. Гуноҳ ҳамчун нишонаи ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят барои ҳамаи таркибҳои ҷиноятҳо ҳатмӣ мебошад. Бе гуноҳ таркиби ҷиноят ва худи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дошта наметавонад. Нишонаҳои факултативии тарафи субъективии ҷиноят – ангеза ва мақсад бошанд, танҳо дар ҳамон вақт нишонаи ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят шуда метавонанд, ки агар ҷиноят қасдона содир шуда бошад ва онҳоро КҶ ҶТ ҳамчун нишонаҳои ҳатмии таркиби ҷиноят тавсиф карда бошад. Мисол, дар як қатор моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ нишон дода шудааст, ки ангеза ва мақсади ҷиноят нишонаи ҳатмии таркиби ҷиноят ба ҳисоб меравaнд, ба монанди бандитизм (моддаи 186 КҶ ҶТ), яъне ташкили гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор бо мақсади ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилот, ҳамчунин роҳбарӣ ба чунин гурӯҳ (даста). Дар дигар ҳолатҳо бошад, онҳо ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад ва дар вақти таъйини ҷазо ва фардикунонии ҷазо ба инобат гирифта мешаванд.

Дигар нишонаи факултативии тарафи субъективии ҷиноят – ҷунун (аффект) ба ҳисоб меравад. Ҷунун – ин ҳолати муваққатии ҳаяҷони сахти рӯҳие мебошад, ки ногаҳон сар зада, шахсро барои содир намудани ҷиноят водор месозад.

Ҳамин тавр, тарафи субъективии ҷиноят – ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, ҳолати рӯҳии шахсро, ки гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҷунунро тавсиф медиҳанд, муайян мекунад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки тарафи субъективии ҷиноят вобаста ба сохти (конструксияи) таркиби ҷиноят дорои нишонаҳои ҳатмӣ ва факултативӣ (иловагӣ) мебошад. Ба нишонаи ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят гуноҳ ва ба нишонаҳои иловагии он ангеза, мақсад ва ҷунун дохил мешаванд.

---

[68] Ғаффорова Н.А. Ҳусейнов С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми умумӣ): мафҳумҳо дар нақшаҳо. Хуҷанд: Ношир, 2011. С. 28.

Аҳаммияти ҳуқуқии тарафи субъективии ҷиноят дар он ифода мегардад, ки он:

1) асоси ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил медиҳад;

2) дурустии бандубасти ҷиноятро таъмин мекунад;

3) барои аз ҳам ҷудо (фарқ) кардани ҷиноятҳое, ки аз рӯйи объекти ҷиноят ва тарафи объективии ҷиноят ба ҳам монанд ҳастанд, имконият медиҳад;

4) барои муайян кардани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва фардикунонии ҷазо мусоидат мекунад[69].

Ҳамаи ин кафили иҷроиши принсипҳои қонуният, адолат, инсондустӣ ва гуноҳ, ки бевосита дар КҶ ҶТ муқаррар шудаанд, ба ҳисоб мераванд.

Дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 7 КҶ ҶТ принсипи гуноҳ муқаррар шудааст ва мутобиқи он шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқӯъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Гунаҳгоркунии объективӣ, яъне барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест.

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ гунаҳгории субъективиро эътироф мекунад. Гунаҳгоркунии объективӣ, яъне барои бегуноҳона расонидани зарар, ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой надорад.

Шахс ҳамон вақт ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро қасдан ва ё аз беэҳтиётӣ содир намуда бошад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипе мустаҳкам карда шудааст, ки шахс ҳамон вақт ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки гуноҳи ӯ дар содир кардани ҷиноят муайян карда шудааст. Мутобиқи моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

Гуноҳ – ин муносибати рӯҳии (психикии) шахс нисбат ба кирдори барои ҷамъият хавфноки содирнамудааш ва оқибати он, ки дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ баромад менамояд. Дар моддаи 27 КҶ ҶТ шаклҳои гуноҳ пешбинӣ шудааст ва мутобиқи он танҳо шахсе дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдан ва ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад.

---

[69] Козаченко И.Я., Незнамова З.А. Уголовное право. Общая часть: учебник для вузов. М.: «НОРМА – ИНФРА», 2001. С. 183.

Олимон маънои гуноҳро бо якчанд ҷанбаҳо (аспект) маънидод намудаанд, аз ҷумла:

ҷанбаи психологӣ. Моҳияти гуноҳро шарҳ дода, қасд ва беэҳтиётиро бо мафҳумҳои психологӣ ба монанди зеҳнӣ ва иродавӣ маънидод мекунанд – дарк кардан, пешбинӣ намудан, хостан ва ғайра;

ҷанбаи ҳуқуқии ҷиноятӣ онро дар назар дорад, ки мафҳуми қасд ва беэҳтиётӣ танҳо дар ҷиноятҳо истифода бурда мешаванд[70].

Қасд ва беэҳтиётӣ ба ҳамаи кирдорҳои шахс тааллуқ дорад. Вале, ҷанбаи ҳуқуқии ҷиноятӣ онҳоро танҳо дар он ҳолатҳое истифода мебарад, ки агар кирдори барои ҷамъият хавфнок ҷиноят эътироф шуда бошад.

Шаклҳои гуноҳ барои дуруст бандубаст кардани ҷиноят аҳаммияти муҳим доранд. Шаклҳои гуноҳ барои баҳо додани ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳои якхела имконият медиҳанд. Мисол, барои одамкушии қасдона бо ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ), бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз понздаҳ то биступанҷ сол ё ҷазои қатл ё якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ҷазо дода мешавад; барои аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, бе ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми 1 моддаи 108 КҶ ҶТ) бошад, бо маҳдуд кардани озодӣ то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 27 КҶ ҶТ кирдори танҳо аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шуда бошад. Аз ин бар меояд, ки он моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, ки дар онҳо бевосита ба гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ ишора нашудааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои қасдан содир намудани ҷиноят ҷой дораду халос. Ин қоида ба он таркибҳои ҷиноят, ки бо ду шакли гуноҳ содир карда мешаванд низ хос мебошад. Дар вақти содир намудани ҷинояти қасдона аз беэҳтиётӣ дигар оқибатҳои вазнин ба вуқӯъ омаданаш мумкин аст. Мисол, дар моддаи 110 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ пешбинӣ карда шудааст, вале бади «в» қисми 3-и он ҷавобгарии ҷиноятиро барои қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст, пешбинӣ менамояд. Дар ин ҷо ду шакли гуноҳ пешбинӣ шудааст: якум, қасд нисбат ба

---

[70] Ҳамон ҷо.

расонидани зарари вазнин ба саломатӣ; дуюм бошад, беэҳтиётӣ нисбат ба марги ҷабрдида.

Кирдори барои ҷамъият хавфнок, ки ҷинояткор содир мекунад, ҳама вақт аз хоҳишу иродаи ӯ иборат аст ва вобаста ба ин зарурати гуноҳро аз рӯйи нишонаҳои зеҳнӣ (ителлектуалӣ) ва иродавӣ дида баромадан ба миён меояд.

Нишонаи зеҳнӣ – ба ҷамъият хавфнок будани кирдори (ҳаракати ва беҳаракатии) худро дарк кардан; имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ намудан (дар таркибҳои материалӣ).

Нишонаи иродавӣ – муносибати субъекти ҷиноятро вобаста ба кирдори содирнамудааш ва оқибати он муайян месозад. Вай дар хоҳиш ё дидаву дониста роҳ додан ба оқибатҳо ва ё бепарвоёна ё худбоварона муносибат кардан ба ин оқибатҳо, зоҳир мегардад[71].

Ин ду нишона дар якҷоягӣ асоси ба ду шакл ҷудо намудани гуноҳро ба миён меоранд: гуноҳ дар шакли қасд ва гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ.

Шакли гуноҳ дар ҷиноятҳои мушаххас бевосита дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ зоҳиранд ва ё дар вақти таҳлили сохти модда муайян мегарданд. Ҳамин тавр, агар дар Қисми махсуси КҶ ҶТ бевосита мақсади ҷиноят нишон дода шуда бошад, пас вай танҳо бо қасди бевосита содиршуда эътироф карда мешавад. Мисол, гузоштани мақсад ва ба он ноил гаштан аз хоҳиши шахс вобаста аст, ки ин танҳо ба қасди бевосита вобаста аст.

Аҳаммияти ҳуқуқии шаклҳои гуноҳ аз инҳо иборат аст:

– барои ҷиноятро аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо фарқ кунонидан мусоидат мекунанд;

– ҷиноятҳои аз рӯйи объекти ҷиноят ва тарафи объективии ҷиноят ба ҳам монандро аз ҳам фарқ мекунонанд;

– дар вақти фардикунонии ҷазо ба эътибор гирифта мешаванд;

– дар вақти ҷудо кардани категорияҳои ҷиноят ба инобат гирифта мешаванд (мисол, мутобиқи қисмҳои 4 ва 5 моддаи 18 КҶ ҶТ ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, танҳо қасдан содир карда мешаванд);

– ҳангоми интихоби муассисаҳои ислоҳӣ ба эътибор гирифта мешавад (қисми 5 моддаи 58 КҶ ҶТ);

– қасдан содир намудани ҷиноят ҳангоми муайян кардани ретсидиви ҷиноят ба инобат гирифта мешавад (моддаи 21 КҶ ҶТ);

---

[71] Ҳамон ҷо. С. 186.

– ҳангоми шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ба эътибор гирифта мешавад (моддаи 76 КҶ ҶТ).

## § 2. Қасд ҳамчун шакли гуноҳ ва намудҳои он

Мутобиқи моддаи 28 КҶ ҶТ ҷинояти қасдан содиршуда кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие) эътироф мешавад, ки бо қасди бевосита ё қасди бавосита содир шудааст.

Дар моддаи 8 Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 мафҳуми қасдан содир намудани ҷиноят пешбинӣ гардида буд ва мутобиқи он ҷиноят дар он сурат қасдан содиршуда эътироф карда мешавад, ки агар шахси ҷиноят содиркарда хусусияти ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат ё беҳаракатии худро фаҳмида бошад, оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ карда бошад ва рӯй додани он оқибатҳоро хоста бошад ё ба рӯй додани он оқибатҳо дидаву дониста роҳ дода бошад. Чӣ тавре мушоҳида шуд, Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 ба мисли КҶ ҶТ соли 1998 қасдро ба қасди бевосита ва қасди бавосита ҷудо накардааст ва он бори нахуст дар КҶ ҶТ соли 1998 нишон дода шудааст.

Аз муқаррароти Қисми махсуси КҶ ҶТ маълум аст, ки аксарияти моддаҳои он ҷавобгарии ҷиноятиро барои қасдан вайрон кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ менамоянд.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 28 КҶ ҶТ ҷиноят бо қасди бевосита содиршуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияти ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он бошад.

Дарк кардани хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) содиршаванда ва пешбинӣ намудани оқибатҳои ба ҷамъият хавфноки он ба нишонаи зеҳнии қасди бевосита мансуб аст.

Дарк кардани хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) содиршаванда маънои дарки моҳияти воқеии муносибати ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандаро дорад. Ба он дохил мешаванд, он неъматҳое, ки ба онҳо таҷовуз карда мешавад, яъне оид ба объекти ҷиноят, оид ба моҳияти ҳаракат (беҳаракатӣ), ки ба воситаи онҳо ҷиноят содир карда мешавад ва ҳамчунин, оид ба он шароити воқеие (ҷой, вақт, тарз), ки ҷиноят содир мешавад. Ҳамаи инҳо дар якҷоягӣ ба гунаҳгор

имконият медиҳад, ки ба ҷамъият хавфнокии кирдорашро дарк намояд.

Дар ҳамаи ҷиноятҳои қасдан содиршаванда шахс ба ҷамъият хавфнокии кирдорашро дарк мекунад (мефаҳмад, медонад, тасаввурот дорад).

Мафҳуми қасди бевосита, ки КҶ ҶТ муайян кардааст, дар таркибҳои материалии ҷиноят ҷой дошта метавонад, ки дар он на фақат кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок, балки оқибати барои ҷамъият хавфнок ҳамчун нишонаи ҳатмӣ дар диспозитсияи моддаи махсус нишон дода бошад. Барои ҳамин, дар вақти таҳлили қасди бевосита пешбинӣ намудан ва хоҳиши фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок ҷой дода шудааст.

Ҷиноятҳое, ки таркибашон расмӣ аст, дар онҳо қасди бевосита ҷой дошта метавонад, агар шахс кирдори ба ҷамъият хвфноки худро дарк карда бошад ва хоҳони содир намудани онро дошта бошад. Пешбинӣ намудани оқибати ҷиноят дар ин ҷо нишонаи ҳатмии қасд ба ҳисоб намеравад.

Пешбинӣ намудан – ин дар тасаввуроти шахс пайдо шудани ҳодисаҳое, ки ба вуқӯъ меоянд ва ё дар оянда бояд ва ё ҳатман ба вуқӯъ оянд, ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 28 КҶ ҶТ пешбинӣ дар қасди бевосита аз имконият ё ногузирии (ҳатмии) фаро расидани оқибат иборат мебошад. Он аз вазъияти ҷинояти содиршаванда, тарз ва дараҷаи омодагии шахс барои содир намудани он вобаста аст. Мисол, барои шахси дигарро аз ҳаёт маҳрум сохтан субъекти ҷиноят аз масофаи наздик аз силоҳи оташфишоне, ки қаблан омода сохта буд, истифода мебарад. Дар ин ҷо, ногузирии (ҳатмӣ) фаро расидани марги ҷабрдида ба миён меояд. Агар ҳамин кирдор аз масофаи дур содир карда шавад, пас имконияти фаро расидани марги ҷабрдида ба миён меояду халос.

Мисоли дигар, агар шахс бо мақсади аз ҳаёт маҳрум сохтан, кӯдаки навзодро ба дарё партояд, пас дар ин ҷо ногузирии марги кӯдак ба миён меояд. Агар ба ҷойи кӯдак ягон марди тақрибан аз 20 – 25 сола боло ба дарё партофта шавад, имконияти фаро расидани марги ҷабрдида ба миён меояд.

Нишонаи иродавӣ дар қасди бевосита – ин хоҳони фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок мебошад.

Хоҳиш ба иродаи шахс вобаста буда, барои ба мақсадҳои худ ноил гаштан равона карда мешавад. Ҳамчун нишонаи қасди бевосита – хоҳиш – дар кӯшиши шахс оид ба ноил гаштан ба оқибатҳои дилхоҳ ифода мегардад, ки метавонад ба мақсадҳои ниҳоии худ (аз

ҳаёт маҳрум сохтани шахси дигар аз ҳиссиёти рашк, қасос), бо мақсади ғаразнок (қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси дигар бо мақсади соҳиб шудан ба мерос) ва ғайра ифода гардад.

Қасд муносибати муайяни шахсро нисбат ба имконияти фаросии оқибатҳои ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд ва аз ин рӯ доираи содир намудани ҷиноят бо ин шакли гуноҳ танҳо аз нигоҳи ҷиноятҳои ба ном моддӣ маҳдуд аст (тарафи объективии онҳо оқибатҳоро ба сифати аломати ҳатмӣ дар бар мегиранд). Дар ҷиноятҳое, ки таркибашон расмӣ мебошанд, оқибатҳо ба аломатҳои ҳатмии тарафи объективӣ дохил намешаванд ва барои бандубасти ҷиноят ҳеҷ гуна аҳаммият надоранд. Аз ин рӯ, нисбат ба онҳо муқаррар намудани муносибати психикӣ тақозо намегардад, зеро иродаи шахс дар ин ҳолатҳо ба содир намудани кирдор нигаронида шудааст. Дар ин ҳолатҳо шахс мехоҳад чунин кирдорро анҷом диҳад[72].

Яъне, КҶ ҶТ нишонаҳои қасди бевоситаро барои ҷиноятҳое, ки таркибашон моддӣ аст, ишора намудааст. Вале, ин гуфтаҳо маънои онро надорад, ки ҷиноятҳое, ки таркибашон расмӣ аст, бо қасди бевосита содир намешаванд. Дар чунин таркибҳо – хоҳиш – дар худи кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) инъикос меёбад. Мисол, субъекти таҳқири оммавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тӯҳмат кардан ба ӯ (моддаи 137 КҶ ҶТ) дидаю дониста маълумоти бардурӯғе, ки обрӯву эътибори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро паст мезанад ё ба номи некаш нанг меоварад, паҳн мекунад ва хоҳони паҳн кардани маълумоте мебошад, ки эътибори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро паст мезанад ё ба номи некаш нанг меоварад. Ҳамчунин, субъекти авбошӣ (моддаи 237 КҶ ҶТ) медонад, ки кирдорҳои вай тартиботи ҷамъиятиро дағалона вайрон намуда истодааст, ки дар беэҳтиромӣ нисбат ба ҷамъият зоҳир мегардад ва хоҳони содир намудани чунин кирдор мебошад.

Ҷудо кардани қасди бевосита аҳаммияти амалӣ дорад, чунки як қатор ҷиноятҳо танҳо бо қасди бевосита содир карда мешаванд, ки аломати ҳатмии онҳо мақсади содир намудани ҷиноят аст. Дар ин ҳолат, мавҷуд набудани аломатҳои қасди бевосита имкон намедиҳанд, ки шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Мисол, тайёрӣ ба ҷиноят ва сӯиқасд ба ҷиноят танҳо ҳангоми мавҷудияти қасди бевосита имконпазир аст[73].

---

[72] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 67-68.

[73] Ҳамон ҷо.

Қасди бавосита дар қисми 3 моддаи 28 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва мутобиқи он ҷиноят бо қасди бевосита содир шуда эътироф мешавад, агар шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намуда, фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ дода бошад, ё ба онҳо беэътиноёна муносибат карда бошад.

Дарк намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар қасди бавосита, моҳиятан аз ин нишонаи қасди бевосита фарқ надорад. Вале, пешбинӣ намудани оқибати барои ҷамъият хавфнок дар қасди бавосита аз пешбинӣ намудани оқибати барои ҷамъият хавфнок дар қасди бевосита фарқ дорад.

Пешбинӣ намудани ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок на ба қасди бавосита, балки танҳо ба қасди бевосита тааллуқ дорад. Дар ин ҳолат, шахс оқибатҳои аз кирдораш бавуқӯъояндаро мехоҳад. Ҳамин тавр, дар як таҷрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ маълум гардид, ки судшаванда ҳаракатҳои худро барои аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси дигар равона карда буд, ки дар натиҷа шахс (ҷабрдида) аз ҳаёт маҳрум карда шуд. Ин оқибат аз ҷониби ӯ пешбинӣ шуда буд ва ӯ хоҳони марги ҷабрдида буд. Кирдори ӯ ҳамчун қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси дигар бандубаст карда шуд, яъне бо қасди бевосита[74].

Агар дар қасди бевосита пешбинӣ намудани ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок ва имконпазирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок мавҷуд бошад, пас дар қасди бавосита бошад, танҳо пешбинӣ намудани имконпазирии оқибати барои ҷамъият хавфнок ҷой дораду халос. Бо ҳамин маънӣ, ҳангоми тавсияи умумии нишонаи ҳарду намуди қасд вобаста ба нишонаи зеҳнӣ фарқ мекунанд. Ҳангоми қасди бевосита, субъекти ҷиноят чун қоида, имконияти воқеӣ ё ногузирии фаророасии оқибатҳои ҷиноятиро ва ҳангоми қасди бавосита бошад, имконияти фарорасии чунин оқибатҳоро пешбинӣ менамояд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки нишонаҳои зеҳнии қасди бавосита – ин дарк намудани ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршаванда ва пешбинӣ намудани имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок, ба ҳисоб меравад.

---

[74] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 171.

Фарқи асосии байни қасди бевосита ва қасди бавосита бо нишонаҳои иродавӣ муайян карда мешаванд. Дар КҶ ҶТ нишонаи иродавии қасди бавосита дар нахостани фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок инъикос мегардад, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ медиҳад ё ба онҳо бепарвоёна муносибат мекунад. Дар қасди бевосита бошад, хоҳони фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок мебошад.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 28 КҶ ҶТ фаро расидани оқибатҳоро нахостан маънои онро надорад, ки субъекти ҷиноят барои фаро нарасидани чунин оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок кӯшиш кардааст, балки дидаву дониста ба фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок роҳ додааст ё ба онҳо беэътиноёна муносибат кардааст. Дар асл дидаву дониста ба оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок роҳ додан чунин маъно дорад, ки гунаҳгор дар ҳаракатҳои пайдарпай инкишофёбии оқибатҳои вазнинтари барои ҷамъият хавфноки кирдорашро дидаву дониста роҳ медиҳад.

Нишонаи иродавии қасди бавосита, инчунин дар беэътиноёна муносибат кардан ба фаророрасии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок низ ифода мегардад. Дар ин маврид, субъекти ҷиноят ба муносибатҳои ҷамъиятии бо КҶ ҶТ ҳифзшаванда зарар мерасонад, ки ин “фикр накардан” нисбати оқибатҳои аз кирдораш сарзананда номида мешавад[75], ҳол он, ки фаро расидани чунин оқибат назаррас (аниқ) аст. Ҷиноятҳои қасдан содиршавандае, ки дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, аксарияташон ба қасди бевосита хос мебошанд. Яъне, ҷиноятҳои бо қасди бевосита содиршаванда нисбат ба ҷиноятҳои бо қасди бавосита содиршаванда бисёртар ба чашм мерасанд. Ҷой доштани қасди бавосита дар ҷиноятҳое, ки бо мақсади махсус содир карда мешаванд, ғайриимкон мебошад.

Қасди бевосита ва қасди бавосита ҳамон яке аз шаклҳои гуноҳ ба ҳисоб мераванд, яъне гуноҳ дар шакли қасд.

Ба намудҳо ҷудо кардани қасд аз моҳияти психологии он вобаста аст. Назария ва таҷрибаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дигар намудҳои қасдро низ муайян мекунад. Ҳамин тавр, аз рӯйи лаҳзаи пайдошавӣ, қасди пешакӣ андешидашуда ва қасди ногаҳон сарзада фарқ карда мешаванд. Инчунин, вобаста аз дараҷаи пешбинии оқибатҳои

[75] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 168.

хавфноки ҷамъиятӣ қасдро ба қасди муайян, номуайян ва алтернативӣ ҷудо кардаанд[76].

Қасди пешакӣ андешидашуда – дар он ифода мегардад, ки қасди содир намудани ҷиноят баъд аз фосилаи муайяни сар задани он амалӣ гардонида мешавад. Дар ин ҳолатҳо ба миён омадани қасд аз содир намудани ҷиноят ҷудо карда мешавад, ки дар ҷараёни он субъекти ҷиноят нияташро барои содир намудани ҷиноят таҳким мебахшад. Аз моҳияти қасди пешакӣ андешидашуда бар меояд, ки он аз қасди ногаҳон сарзада хавфноктар ба ҳисоб меравад, зеро оқибатҳоеро, ки шахс дар қасди пешакӣ андешидааст, кирдори муайянеро талаб менамояд.

Қасди ногаҳон сарзада – чунин қасде ба ҳисоб меравад, ки нияти содир намудани ҷиноят дар гунаҳгор ҳамон лаҳза ба миён меояд ва ҳамон лаҳза амалӣ гардонида мешавад. Қасди ногаҳон сарзада оддӣ ва аффективӣ шуда метавонад[77].

Қасди ногаҳон сарзадаи оддӣ чунин қасде ба ҳисоб меравад, ки қасди содир намудани ҷиноят дар шахс дар ҳолати оромии асаб (руҳӣ) ба миён омада, ҳамон лаҳза амалӣ гардонида мешавад.

Қасди ногаҳон сарзадаи оддӣ аз қасди ногаҳон сарзадаи аффективӣ аз ҳолати рӯҳияшон фарқ мекунанд. Қасди ногаҳон сарзадаи аффективӣ аз сабаби кирдори зиддиҳуқуқии худи ҷабрдида ба миён омадааст. Кирдори зиддиҳуқуқии ҷабрдида нисбати гунаҳгор ва ё наздикони ӯ равона шудааст. Дар ин ҳолат, дар субъекти ҷиноят ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳие, ки сабаби он зӯроварӣ, таҳқир ё амалҳои дигари ғайриқонунии ҷабрдида мебошанд, ба миён меояд ва он ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф карда мешавад (банди "е" қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ).

Аз рӯйи моҳияти психологии худ, ҳам қасди пешакӣ андешидашуда ва ҳам қасди ногаҳон сарзада, ҳам қасди бавосита ва ҳам қасди бевосита шуда метавонанд.

---

[76] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 168; Российское уголовное право. Часть общая. Том 1 / Под. ред. проф. А.И. Рарога. М.: Профобразование, 2001. С. 175; Ғаффорова Н.А. Ҳусейнов С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми умумӣ): мафҳумҳо дар нақшаҳо. Хуҷанд, 2011. С. 3; Рарог А.И. Настольная книга судьи по квалификации преступлений: практическое пособие. М., 2008. С. 79.

[77] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 169; Российское уголовное право. Часть общая. Том 1 / Под. ред. проф. А.И. Рарога. М.: Профобразование, 2001. С. 176; Рарог А.И. Настольная книга судьи по квалификации преступлений: практическое пособие. М., 2008. С. 80.

Қасди муайян (мушаххасшуда) – чунин қасд ҳисобида мешавад, ки гунаҳгор барои ба даст даровардани натиҷаи аниқ, муайян кӯшиш мекунад[78]. Мисол, ба узвҳои ҳаётан муҳими ҷабрдида сахт зада, гунаҳгор имконпазирӣ ё ногузирии фавти ӯро пешбинӣ менамояд, вазнинии ин зарарро дарк мекунад ва чунин рафтор гувоҳӣ медиҳад, ки қасди ҷинояткор ба аз ҳаёт маҳрум сохтани ҷабрдида нигаронида шудааст.

Қасди номуайян дар он ифода мегардад, ки гунаҳгор оқибати ҷиноятии дилхоҳи ҳаракатҳояшро роҳ медиҳад ва аниқ дар чӣ ифода ёфтани онҳоро таҷассум намекунад. Мисол, дар лату кӯби мунтазами ҷабрдида, гунаҳгор пешбинӣ менамояд, ки дар натиҷа ба ҷабрдида зарар ба саломатӣ расонида мешавад, вале ӯ намедонад, ки вазнинии ин зарар чӣ андоза аст (сабук, миёна ва ё вазнин).

Бояд зикр намуд, ки ҷиноятe, ки бо қасди номуайян содир шудааст, бояд вобаста ба оқибатҳои воқеии фаворасида бандубаст карда шавад.

Чунин қасд алтернативӣ ҳисоб карда мешавад, ки гунаҳгор имконияти дар натиҷаи кирдораш фаро расидани яке аз оқибатҳои муайяни пешбининамудаашро роҳ медиҳад ва хоҳони фаро расидани ҳар кадоми онҳо мебошад. Мисол: гунаҳгор пешбинӣ мекунад, ки дар натиҷаи кирдори ӯ ё фавти ҷабрдида фаро мерасад ва ё ба саломатии ӯ зарари вазнин расонида мешавад.

## § 3. Беэҳтиётӣ ҳамчун шакли гуноҳ ва намудҳои он

Аз муқаррароти моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ бар меояд, ки ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда нисбати ҷиноятҳои қасдан содиршаванда камтар мебошанд.

Чи тавре, ки дар санксияҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ҷазо барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда нисбат ба ҷазо барои ҷинояти қасдона содиршуда сабуктар (камтар) мебошад. Мисол, агар аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси дигар қасдан содир шуда бошад, мутобиқи моддаи 104 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки аз 8 соли маҳрум сохтан аз озодӣ (қисми 1) то ҷазои ниҳоӣ – қатл ё якумра маҳрум сохтан аз озодӣ (қисми 2) пешбинӣ менамояд. Агар, аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси дигар аз беэҳтиётӣ содир шуда бошад, пас мутобиқи моддаи 108 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки

---

[78] Ғаффорова Н.А. Ҳусейнов С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми умумӣ): мафҳумҳо дар нақшаҳо. Хуҷанд, 2011. С. 31.

барои он ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то ду сол (қисми 1) ва маҳрум сохтан аз озодӣ аз ду то панҷ сол (қисми 2) ҷазо пешбинӣ шудааст.

Аз муқаррароти моддаи 18 КҶ ҶТ, яъне категорияҳои ҷиноят низ бар меояд, ки гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ аз гуноҳ дар шакли қасд хавфнокиаш камтар мебошад ва ҷиноятҳое, ки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон вазнин ва махсусан вазнин мебошанд, аз беэҳтиётӣ содир намешаванд, яъне ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон начандон вазнин ва ё миёна шуда метавонанд.

КҶ ҶТ соли 1998 бори нахуст гуноҳ дар шакли беэҳтиётиро ба ду намуд ҷудо кард, ки он дар моддаи 29 ин Кодекси мазкур муайян шудааст ва мутобиқи қисми 1 он ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда кирдори барои ҷамъият хавфноке эътироф мешавад, ки аз худбоварӣ ё бепарвоӣ содир шудааст. Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 беэҳтиётиро ба намудҳо (худбоварӣ ва бепарвоӣ) ҷудо накарда буд. Дар Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 мафҳуми гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ бе ҷудокунӣ ба намудҳо дар моддаи 9 пешбинӣ шуда буд ва мутобиқи он ҷиноят дар он сурат аз беэҳтиётӣ содиршуда эътироф мешуд, ки агар шахси ҷиноят содиркарда имконияти рӯй додани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракат ё беҳаракатии худро пешбинӣ карда, вале дар натиҷаи кӯтоҳандешӣ ба пешгирӣ намудани он оқибатҳо умед баста бошад ё имконияти рӯй додани чунин оқибатҳоро пешбинӣ накарда бошад, вале мебоист ва метавонист онро пешбинӣ кунад.

Бояд дар анзар дошт, ки ҷиноятҳои аз беҳтиётӣ содиршаванда дар баробари пешравии илму техника, зиёд мешаванд. Мисол, муҳофизати муҳити зист, бехатарии ҳаракат ва истифодаи ҳама намуди нақлиёт, бехатарии шароити меҳнатӣ, истифодаи манбаъҳои нави пуриқтидори энергетикӣ ва ба инҳо монанд. Оид ба хавфнокии ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ вобаста ба пешравии илму техника садамаи СЭА Чернобил мисол шуда метавонад.

Ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда аз беинтизомӣ (бетартибӣ), бепарвоӣ, бесарусомонии баъзе шахсон, муносибати бепарвоёнаи онҳо дар иҷрои уҳдадориҳои касбӣ ва дигар уҳдадориҳо, бепарвоёна муносибат кардан ба ҳаёт ва саломатии атрофиён ва ғайра далолат мекунанд[79].

---

[79] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 172.

Ҳамин тавр, дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи 29 КҶ ҶТ намудҳои беэҳтиётӣ (худбоварӣ ва бепарвоӣ) пешбинӣ шудаанд. Ҷиноят ҳангоме аз худбоварӣ содиршуда ҳисобида мешавад, ки агар шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ карда, вале бе асосҳои ба он кофӣ худбоварона ҳисоб карда бошад, ки он оқибатҳоро бартараф мекунад. Дар ин ҷо "имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ кардани шахс" ҳамчун нишонаи зеҳнии худбоварӣ ба ҳисоб рафта, нишонаи иродавии он "худбоварона ҳисоб кардан, ки ин оқибатҳо ба миён намеоянд", эътироф карда мешаванд.

Р.Д. Ғоибов низ нишонаҳои зеҳнии худбовариро дуруст шарҳ додааст, ки мутобиқи он нишонаҳои зеҳнии худбоварии ҷинояткорона чунинанд:

– аз ҷониби гунаҳгор дарк намудани содиркунии ҳаракати (беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок;

– пешбинӣ намудани имкониятҳои абстрактии бавуҷудойии оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок. Дар пешбинии абстрактӣ шахс ғайриқонунӣ будани ҳаракатҳои худро дарк мекунад, пешбинӣ менамояд, ки умуман ин ҳаракатҳо мумкин аст, ки оқибатҳои ба ҷамъият ҳавфнокро ба вуҷуд оранд, лекин худбоварона ҳисоб мекунад, ки он оқибатҳо дар ин ҳолат ба миён намеоянд[80].

Ба ақидаи В.В. Свечков худбоварӣ – ин додани баҳои аз ҳад зиёд ба тавоноӣ ва имкониятҳои худ ба ҳисоб меравад[81].

Аз рӯйи нишонаи зеҳнӣ худбоварӣ ба қасди бавосита як қатор монандӣ дорад. Агар дар қасди бавосита гунаҳгор имконияти воқеии фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ намуда бошад, дар худбоварӣ бошад, пешбинӣ мекунад, ки чунин намуди ҳаракат умуман оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро ба бор оварданаш мумкин аст, вале умед мебандад, ки дар айни ҳол чунин оқибатҳо фаро намерасанд.

Фарқи асосии байни қасди бавосита дар нишонаи иродавӣ инъикос мегардад. Агар дар қасди бавосита гунаҳгор дидаву дониста ба фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок роҳ дода бошад ва ё ба онҳо бепарвоёна муносибат карда бошад, пас

---

[80] Ғоибов Р.Д. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): дастури таълимӣ. Хуҷанд, 2007. С. 79.

[81] Свечков В.В. Уголовное право. Общая и Особенная части: учебное пособие. М.: Высшее образование, 2009. С. 124-125.

дар худбоварӣ дидаву дониста роҳ додан ба оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ҷой надорад. Баръакс субъект кӯшиши фаро нарасидани чунин оқибатҳоро дорад, ба онҳо аз ҷиҳати манфӣ муносибат мекунад[82]. Оид ба чунин ҳолат аз таҷрибаи Федератсия Россия мисол овардан ба мақсад мувофиқ аст, зеро муқаррароти КҶ ҶТ асосан ба он мувофиқат мекунад. Ҳамин тавр, бо маслиҳати пешакӣ С. ва И. бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр ба хонаи мӯйсафеди 76 - сола А. даромада, ба ӯ зарари вазнин ба саломатӣ расониданд, аз ҷумла, шикастани устухонҳои биннӣ, устухонҳои сар ва инчунин, ӯро дасту побанд карда, даҳонашро бо даҳонбанд бастанд. Бо гузашти вақт А. дар ҷойи ҳодиса вафот мекунад.

Суди инстансияи якум кирдори онҳоро оид ба аз ҳаёт маҳрум сохтани А. ҳамчун аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан бандубаст намуд, зеро аз гуфти худи судшавандагон онҳо А – ро бо мақсади аз ҳаёт маҳрум кардан неву балки, бо мақсади зарар ба саломатӣ расонидан лату кӯб намудаанд, то ки ба онҳо муқобилият нишон надиҳад. Илова бар ин, онҳо фикр мекардаанд, ки фардо яке аз наздиконаш омада ӯро наҷод медиҳад. Вале, Коллегияи ҳарбии Суди Олии Федератсияи Россия ҳукми суди инстансияи якумро бекор намуд ва онро барои аз нав баррасӣ намудан ирсол намуда, аз ҷумла чунин ишора намуд: "судшавандагон оид ба синну соли (нотавонии) А. огоҳ буданд, нисбати ӯ зӯроварии ҷисмонӣ, ки барои ҳаёт хавфнок мебошанд, раво дидаанд, дасту пойи ӯро дар ҳолати даҳону бинние шикаста ва олудаи хун бастанд, даҳонашро, ки ягона роҳи нафаскашӣ буд, бастанд, бар замми ин аз болояш кӯрпаву болин партофтанд. Барои С. ва И. нотавонии А. аён буд ва онҳо ба ин беэътиноёна муносибат намуданд".

Иштибоҳи суди инстансияи якум дар он буд, ки он ба муносибати рӯҳии судшавандагон баҳои нодуруст додааст ва гуноҳи онҳоро дар шакли беэҳтиётӣ баҳо додааст, ҳол он ки қасди бавосита ҷой дорад[83].

Худбоварона ва бе асосҳои кофӣ ҳисобидан оид ба бартараф намудани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, нишонаи иродавии беэҳтиётӣ дар шакли худбоварӣ мебошад. Минбаъда ҳаракатҳои худбоворонаи шахс аз иродаи ӯ вобастааст. Агар шахс асосҳои

---

[82] Уголовное право России. Общая часть / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. М.: Юристъ, 1996. С. 174.

[83] Настольная книга судьи по квалификации преступлений: практическое пособие. М., 2008. С. 91; Бюллетень Верховного Суда РФ. 1997. № 3. С. 8, 9.

кофӣ барои бартараф кардани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро дошта бошаду, вале онҳо барои бартараф кардани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок нокифоя буданд, ки оид ба он шахс намедонист дар ин ҳолат гуноҳ ҷой надорад ва шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад (бегуноҳ расонидани зарар).

КҶ ҶТ нишонаи иродавии худбовариро на ҳамчун чораи ниҳоӣ, балки ҳисоб кардан оид ба бартарафкунии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок меҳисобад, ҳол он, ки асосҳои ба он кофӣ надошт. Дар ин ҷо гунаҳгор меҳисобад, ки ин оқибатҳоро бартараф мекунад ва ба он қодир аст: ба қобилияти шахсии худ (боқувват, чаққон, маҳорат, таҷриба), ба қобилияти дигар шахс ё механизмҳо ва дигар ҳолатҳо, ки нодуруст ва беасос мебошанд. Мисол, Ш. барои аз ҳаёт маҳрум сохтани ноболиғ О. маҳкум шуда буд. Ш. барои ҳимояи моҳиҳояш аз дузд дар назди ҳавзаш қувваи баркро (220 в.) пайваст мекунад, ки касе ба онҷо расад, дар хонааш зангӯла садо медиҳад. Бо мақсади дуздии моҳӣ ноболиғ О. мехост симҳои зангӯлаи садодиҳандаро ҷудо кунад, вале аз таъсири қувваи барқ аз ҳаёт маҳрум карда мешавад. Ш. оқибати вазнин ба миён овардани ин корашро пешбинӣ намуд ва бо мақсади пешгирии он ба ҳамаи ҳамсоягонаш маълумот дода буд, инчунин ҳамаи чораҳои техникиро оид ба ҳодисаи ногаҳонӣ истифода бурда буд ва онро танҳо шабона, ки дар хонааш мебуд, пайваст менамуд. Барои ҳамин, Пленуми Суди Олии ИҶШС ба чунин хулоса омад: "дар чунин ҳолат Ш. ҷинояти худбоварона содир намудааст ва ӯ медонист, ки 220 в. қувваи барқ ба ҳаёти инсон хатарнок аст, вале худбоварона ҳисоб кард, ки ин оқибатҳо фаро намерасанд. Инчунин, ӯ ногаҳон сар задани воқеаро ба инобат нагирифта, ба чунин воқеаҳои объективие такя карда буд, ки ба фикри ӯ оқибати барои ҷамъият хавфнок ба вуқӯъ омаданаш номумкин буд"[84]. Дар чунин ҳолат кирдори Ш. на таркиби ҷинояти одамкушӣ, балки аз беэҳтиётӣ ба марг расониданро доро мебошад[85].

Мутобиқи қисми 3 моддаи 29 КҶ ҶТ ҷиноят ҳангоме аз бепарвоӣ содиршуда эътироф мешавад, ки агар шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракатҳои (беҳаракатии) худро пешбинӣ накарда бошад, ҳол он, ки дар сурати бодиққатӣ ва дурандешии зарурӣ мебоист ва метавонист он оқибатҳоро пешбинӣ кунад.

---

[84] Бюллетень Верховного Суда СССР. 1961. № 1. С. 24.

[85] Российское уголовное право. Общая часть / Под. ред. проф. А.И. Рарога. 4 – е изд., перераб. и доп. М.: Эксмо, 2010. С. 140.

Аз муқаррароти КҶ ҶТ бар меояд, ки нишонаи зеҳнии бепарвоӣ дар пешбинӣ накардани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки аз ҳаракати (беҳаракатии) худ фарорасанда, зоҳир мегардад.

Моҳияти ин намуди беэҳтиётии гуноҳ дар он ифода мегардад, ки шахс имконияти воқеии пешбинӣ намудани оқибатҳои ба ҷамъият хавфноки кирдори худро дошт.

Нишонаи зеҳнии бепарвоӣ бо ду нишона ифода карда мешавад: манфӣ ва мусбӣ[86].

Нишонаи манфии бепарвоӣ – пешбинӣ накардани имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок – ба он дохил мешавад, дар аввал, набудани тасаввурот оид ба ба ҷамъият хавфнокии ҳаракат ё беҳаракатии содиршуда ва дуввум бошад, мавҷуд набудани пешбинии оқибати ҷиноятӣ.

Нишонаи мусбии бепарвоӣ дар он зоҳир мегардад, ки гунаҳгор мебоист ва метавонист дар ҳолати дурандешӣ ва бодиққатӣ оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ кунад ва танҳо ана ҳамин нишона бепарвоиро ба яке аз шаклҳои гуноҳ муаррифӣ мекунад. Он аз рӯйи ду омил (критерия) муайян карда мешавад: омили объективӣ ва омили субъективӣ.

Омили объективии бепарвоӣ – ин уҳдадории шахс оид ба пешгирӣ намудани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар сурати бодиққатӣ ва дурандешӣ мебошад. Дар ҳолати набудани "бояд пешбинӣ намудани оқибат", гуноҳ ҷой дошта наметавонад.

Омили субъективии бепарвоӣ – ин қодир будани шахс оид ба пешбинӣ намудани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок мебошад.

Нишонаи иродавии бепарвоӣ – шахс мебоист ва метавонист дар сурати бодиққатӣ ва дурандешии зарурӣ ин оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ кунад.

Пешбинӣ кардани оқибатҳои аз кирдори худ сарзананда, нишонаи солимақлии ҳар як инсон ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, худбоварӣ ва бепарвоӣ ҳамчун намудҳои беэҳтиётӣ аз ҳамдигар бо нишонаҳои зеҳнӣ ва иродавӣ фарқ мекунанд:

1) Аз рӯйи нишонаи зеҳнӣ:

- дар худбоварӣ шахс оид ба ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ тасаввурот пайдо мекунад, дар бепарвоӣ бошад, онро надорад;

- дар худбоварӣ шахс имконияти фаро расидани оқибати ба ҷамъият хавфноки кирдори худро пешбинӣ мекунад, дар бепарвоӣ оқибати ба ҷамъият хавфноки кирдори худро пешбинӣ намекунад.

2) Аз рӯйи нишонаи иродавӣ:

---

[86] Настольная книга судьи по квалификации преступлений: практическое пособие. М., 2008. С. 93.

дар худбоварӣ – худбоварона ва бе асосҳои ба он кофӣ ҳисоб кардан оид ба бартараф кардани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, дар бепарвоӣ бошад, - дар сурати бодиққатӣ ва дурандешии зарурӣ мебоист ва метавонист оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ кунад.

## § 4. Бегуноҳ расонидани зарар (тасодуф) ва бо ду шакли гуноҳ содир намудани ҷиноят

Мутобиқи қисми 2 моддаи 7 КҶ ҶТ шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқӯъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, яъне шахс нисбати кирдор ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок муносибати қасдона ва беэҳтиётӣ зоҳир намояд ва мутобиқи қисми 3 моддаи 7 КҶ ҶТ гунаҳгоркунии объективӣ, яъне барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест. КҶ ҶТ соли 1998 бори нахуст моддаеро бо номи бегуноҳ расонидани зарар (тасодуф) пешбинӣ намудааст, яъне дар Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон чунин модда мавҷуд набуд.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 31 КҶ ҶТ кирдор бегуноҳ содиршуда (тасодуф) эътироф мешавад, агар шахси содирнамудаи он хавфнокии ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк накарда бошад ва вобаста ба ҳолатҳои кор намебоист ё наметавонист онро дарк кунад ё имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ накарда бошад ва вобаста ба ҳолатҳои кор намебоист ё наметавонист онро пешбинӣ кунад. Мавҷуд набудани уҳдадорӣ ва имконияти пешбинии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок аз ҷониби шахс ҳолате мебошад, ки гуноҳи ин шахсро истисно менамояд ва аз ин рӯ, сарфи назар аз фарорасии оқибати барои ҷамъият хавфнок, шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Мисол, К. дар роҳ баъди истифодаи гӯгирд барои кашидани сигор, онро ба оқиб ҳавола мекунад, ки дар он ҷой бензине, ки аз таги бочка ҷорӣ шудааст, паҳн шуда буд. Аз оташи чӯби гӯгирд, оташ сар зада бочкаро ба ҳаво мебардорад ва ба сари С. мезанад. Дар натиҷа С. ба ҳалокат мерасад. Чунин ҳолатро омӯхта, Коллегияӣ судӣ оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии РСФСР ба чунин хулоса омад, ки марги С. дар ҳолати тасодуф ба марг расид, зеро К. хусусияти кирдори ба ҷамъият хавфноки худро дарк накардааст ва вобаста ба ҳолатҳои кор намебоист ва

наметавонист онро пешбинӣ намояд ва ин кирдорро бегуноҳона содир намудааст[87].

Қисми 2 моддаи 31 КҶ ҶТ ҳолати махсуси бегуноҳ расонидани зарарро муқаррар мекунад, ки мувофиқи он агар шахси содирнамудаи кирдори барои ҷамъият хавфнок, гарчанд имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки ҳаракати (беҳаракатии) худро пешбинӣ карда бошад ҳам, аммо ин оқибатҳоро бо сабаби номувофиқии сифатҳои психофизиологии худ ба талаботи шароити фавқулода ё аз ҳад зиёд мондашавии асабу рӯҳ пешгирӣ карда натавониста бошад. Ин чунин маъно дорад, ки шахсро гунаҳгор ҳисобидан мумкин нест, агар ӯ дар ҳолати ҷой доштани шароитҳои фавқулода, ҳолати махсуси ботинӣ, ҳолати ногаҳон ба миён омадани вазъияти хатарнок ва аз ҳад зиёд мондашавии асабу рӯҳ қарор дошта, бинобар ин, имконияти воқеии пешгирӣ кардани чунин оқибатҳоро надошта бошад. Мисол, духтуре, ки ба садамаи нақлиётӣ дучор мешаваду худаш дар ҳолати оҷизона қарор мегирад, ӯро барои ёрӣ нарасонидан ба бемор (моддаи 128 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест, ё ин ки ронандае, ки ба ҷойи 8 соат 12 – 15 соат кор мекунад ва ӯро роҳбараш ба хастагиаш нигоҳ накарда, боз маҷбуран ба рейс сафарбар мекунад, ки он боиси ҳолати мондашавии сахти рӯҳии ӯ (стресс) мегардад ва вобаста ба ҳамин ҳолат хобаш бурда, садама дучор мегардаду дар натиҷа ба касе зарар мерасад, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад[88].

Дар баробари ин, бояд зикр намуд, ки чунин шароитҳои фавқулода ва аз ҳад зиёд мондашавии асабу рӯҳ ба инобат гирифта намешаванд, агар шахс чунин ҳолатҳоро худаш ба миён оварда бошад.

Ҳамаи ҷиноятҳое, ки содир карда мешаванд, дорои яке аз шаклҳои гуноҳ мебошад. Аммо, КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои қасдона пурзӯр мекунад, агар онҳо аз беэҳтиётӣ дигар оқибатҳои вазнинро ба миён оварда бошанд, он гоҳ онҳо ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо эътироф мешаванд. Дар чунин ҳолат, аз як таркиби ҷиноят ду шакли гуноҳро дар бар мегирад. Ду шакли гуноҳ якбора, дар таркибҳо бо ҳолатҳои вазнинкунанда ба назар расиданаш мумкин аст: қасд ҳамчун шакли асосии гуноҳ дар таркиби ҷиноят ва беэҳтиётӣ ҳамчун оқибати вазнинкунанда.

---

[87] Сборник постановлений Президиума и определений Судебной коллегии по уголовным делам Верховного Суда РСФСР. 1957-1959 гг. М., 1960. С. 19.
[88] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 76.

Ҷавобгарӣ барои ҷинояте, ки бо ду шакли гуноҳ содир карда мешавад, дар моддаи 30 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки мутобиқи он агар шахс дар натиҷаи қасдан содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ дигар оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро расонад, ки мувофиқи ҳамин Кодекс боиси таъйини ҷазои сахттар мегардад, чунин ҷиноят қасдан содиршуда эътироф мешавад.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷинояте, ки бо ду шакли гуноҳ содир карда мешавад, ҷинояти бо гуноҳи мураккаб ва ё гуноҳи омехта номида мешавад.

Дар Қисми махсуси КҶ ҶТ якчанд моддаҳое мавҷуданд, ки дорои гуноҳи омехта мебошанд. Мисол, банди "в" қисми 3 моддаи 110 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гаштааст, муқаррар мекунад, ё ин ки қисми 3 моддаи 123 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои исқоти ғайриқонунии ҳамл (аборт) муқаррар мекунад, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё расонидани зарари вазнин ба саломатии ӯ гардидааст.

## § 5. Нишонаҳои факултативии (иловагии) тарафи субъективии ҷиноят

Дилхоҳ кирдори шахси солим (мукаллаф), аз ҷумла ҷинояткор аз мақсадҳои муайян сар мезанад. Илова бар ин, ҳар як кирдори шахс аз ҳолати рӯҳии ӯ иборат мебошад. Бинобар ин, дар рафти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва ё баррасии он дар суд, муфаттиш ва судя ҳатман бояд мақсад, ғараз ва ҳолати рӯҳии субъекти ҷиноятро ҳамчун нишонаҳои факулативии тарафи субъективии ҷиноят муайян кунанд. Ин нишонаҳо ба сифати нишонаҳои ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят баромад карда метавонанд, агар онҳо дар моддаҳои мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ гардида бошанд. Мисол, барои сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (моддаи 314 КҶ ҶТ) дар он ҳолат ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дорад, ки агар ин кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда бошад. Дар ҳолати ҷой надоштани ин нишона, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ истисно мешавад, агарчи дигар унсурҳои таркиби ҷиноят мавҷуд бошанд ҳам. Дар дигар ҳолатҳо бошад, дар вақти фардикунонии ҷазо ба инобат гирифта мешаванд.

Дар муқарраротоид ба шаклҳои гуноҳ (моддаҳои 28, 29 КҶ ҶТ) қонунгузор ангеза ва мақсади ҷиноятро пешбинӣ накардааст.

Аммо, ин маънои онро надорад, ки ин нишонаҳо ба гуноҳ тааллуқ надоранд. Ин нишонаҳои рӯҳӣ ба ҳама гуна рафтори инсон хос мебошанд ва ҳолати рӯҳии гунаҳгорро вобаста ба содир намудани ҷиноят тавсиф медиҳанд.

**Ангезаи ҷиноят** – ин вобастагии талаботи муайян бо ғаразҳои дохилӣ, ки дар шахс хулосаи содир намудани ҷиноятро тавлид менамояд.

**Мақсади ҷино**ят – ин тасаввуроти пешакӣ андешидашудае мебошад, ки барои ноил гаштан ба он шахс кӯшиш менамояд.

Бе омӯхтани ангеза ва мақсади ҷиноят, ба ягон кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок баҳои дуруст додан ғайриимкон аст. Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарорҳои худ "Дар бораи ҳукми суд" № 1 аз 4 – уми июни соли 1992 ва "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ" № 22 аз 26 – уми июни соли 2009 махсус қайд карда аст, ки ангеза ва мақсади ҷиноят бо баробари дигар ҳолатҳои содир намудани ҷиноят, муайян карда шаванд[89].

Ангеза ва мақсади ҷиноят ҳамчун ҳолати рӯҳии шахс бо якдигар алоқамандии зич доранд. Кору фаъолияти ҳаррӯзаи инсонҳо аз ангеза ва мақсади муайян сар мезананд. Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) ҷиноятӣ чун фаъолияти дилхоҳ инсон, дорои ангезаи муайян мебошад ва он барои ноил гаштан ба мақсадҳои муайян равона карда мешавад[90]. Натиҷаи ангеза ба мақсад оварда мерасонад.

Дар асоси таснифи ангеза, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор муайян карда мешавад, ки он дар содир кардани ҷинояти қасдона ифода мегардад. Вобаста ба ин, ангезаи ҷиноятро ба чунин намудҳо тақсим намудан мумкин аст:

1) инсонбадбинӣ;

2) ғараз;

3) шахсӣ (рашк, бахилӣ, бадбинӣ, ҳасад, мансабпарастӣ ва ба монанди инҳо)[91].

Ангезаи инсонбадбинӣ ба ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният (Фасли 15 КҶ ҶТ) мансуб аст. Дигар намудҳои ангеза

---

[89] Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2009). Душанбе, 2009; Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2009. Душанбе, 2009. С. 47.

[90] Российское уголовное право. Общая часть / Под. ред. проф. А.И. Рарога. 4 – е изд., перераб. и доп. М.: Эксмо, 2010. С. 149.

[91] Козаченко И.Я., Незнамова З.А. Уголовное право. Общая часть: учебник для вузов. М., 2001. С. 205.

бошанд, ба ҷиноятҳои дилхоҳи пешбининамудаи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ мансуб буда метавонанд.

Вобаста ба тавсифи қонунгузории ин ё он таркиби ҷиноят, ангеза ва мақсади ҷиноят низ, гуногун маънидод шуданашон мумкин аст. Чун дигар нишонаҳои факултативии таркиби ҷиноят, ангеза ва мақсади ҷиноят дорои аҳаммияти сеҷабҳавӣ мебошанд:

Онҳо ҳамчун нишонаи ҳатмии таркиби ҷиноят баромад карда метавонанд, агар қонунгузор онҳоро дар ҷинояти мушаххас ҳамчун нишонаи ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ тавсиф карда бошад. Ҳамин тавр, агар ғаразона ё дигар манфиатҳои шахсӣ ҳамчун ангеза нишонаи ҳатмии сӯиистифода аз ваколати мансабӣ (моддаи 314 КҶ ҶТ) бошад, пас мақсади исёни мусаллаҳона, (моддаи 313 КҶ ҶТ) ин аз байн бурдан ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё вайрон намудани тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ангеза ва мақсади ҷиноят метавонанд бандубасти ҷиноятро тағйир диҳанд, яъне ҳамон таркиби ҷиноятро ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ тавсиф медиҳанд. Дар ин ҷо, қонунгузор онҳоро дар таркибҳои асосӣ тавсиф намедиҳад, вале дар ҳолати ҷой доштанашон бандубаст тағйир дода шуда, ҷавобгарӣ вазнинтар мешавад. Мисол, агар одамрабоӣ бо ғарази шахсӣ содир карда шавад, пас аз ба ҷамъият хавфнокии баланди кирдор далолат медиҳад ва қонунгузор онро ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ эътироф менамояд (банди “з” қисми 2 моддаи 130 КҶ ҶТ). Одамрабоӣ бо мақсади гирифтани аъзои бадан ё бофтаҳои ҷабрдида барои пайвандсозӣ бошад, ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ баромад намуда, мутобиқи банди “в” қисми 3 моддаи 130 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад;

Ангеза ва мақсади ҷиноят барои ҷинояти мушаххасро бе тағйир додани бандубаст ба сифати ҳолати сабуккунанда ва ё баръакс вазнинкунандаи ҷазо хизмат мекунанд, агар дар таркиби асосӣ ва таркиб бо ҳолатҳои вазнинкунанда пешбинӣ нагардида бошанд. Ҳамин тавр, содир намудани ҷиноят бо сабаби адовати маҳалгароӣ, миллӣ, нажодӣ ё динӣ, таассуби динӣ, қасосгирӣ барои амалҳои қонунии шахсони дигар, инчунин бо мақсади рӯйпӯш намудани ҷинояти дигар ё сабук кардани содиршавии он ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо баромад мекунад (банди “е” моддаи 62 КҶ ҶТ). Ҳамчунин, аз рӯйи дилсӯзӣ содир намудани ҷиноят (банди “д” моддаи 61 КҶ ҶТ), ё ин ки бо мақсади дастгир намудани шахси ҷиноят содирнамуда (банди “ҷ” моддаи 61 КҶ ҶТ) ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо баромад мекунанд.

Дигар нишонаи факултативии тарафи субъективии ҷиноят **аффект (ҷунун)**, яъне ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ, ба ҳисоб меравад. Қисми махсуси КҶ ҶТ 2 таркиби ҷиноятро муайян менамоянд, ки дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ содир карда мешаванд: яке одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ (моддаи 106 КҶ ҶТ) ва дигараш қасдан расонидани зарар ба саломатӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ (моддаи 113 КҶ ҶТ).

**Ҷунун** – ин чунин ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳие мебошад, ки сабаби он зӯроварӣ, таҳқири сахт ё амалҳои дигари ғайриқонунии ҷабрдида ба ҳисоб меравад. Дар чунин маврид, шахси ба ҳолати ҷунун гирифторшуда қобилияти пурра идора намудани ҳолати рӯҳии худро аз даст медиҳад, ки ин дар муддати кӯтоҳ аз байн меравад, яъне ҷунун баъди ба вуқӯъ омаданаш, муддати кӯтоҳ гузашта аз байн меравад ва шахс ба ҳолати муқаррарӣ бармегардад.

Ҷунун ба ду намуд ҷудо карда мешавад:

1) ҷунуни патологӣ;

2) ҷунуни физиологӣ.

Дар ҳолати ҷой доштани **ҷунуни патологӣ** шахс номукаллаф эътироф карда мешавад ва нисбати ӯ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта таъйин карда мешавад.

Дар ҳолати **ҷунуни физиологӣ** содир намудани ҷиноят шахс мукаллаф эътироф карда мешавад ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, вале кирдори ӯ ҳамчун ҳолати сабуккунанда баҳо дода мешавад. Ҳолати сабуккунандагии ҷунуни физиологӣ дар он аст, ки ба ҷамъият хавфнокиаш камтар аст ва шахс дар ҳолати муқаррарии рӯҳӣ ин кирдорро содир намекунад. Дар банди "е" моддаи 61 КҶ ҶТ ҷунун ҳамчун ҳолати сабуккунанда нишон дода шудааст, ки мутобиқи он "ҳолати сабуккунандаи ҷазо – содир намудани ҷиноят дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳие, ки сабаби он зӯроварӣ, таҳқири сахт ё амалҳои дигари ғайриқонунии ҷабрдида мебошад".

Чи тавре, ки муқаррар гардид, ҷунуни патологӣ ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад, зеро шахс хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист ва ба онҳо ҷавоб ҳам гуфта наметавонад. Ҷунуни патологӣ мумкин аст аз маҷбуркунии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ба вуқӯъ ояд.

Дар ҷунуни физиологӣ шахс мукаллаф эътироф мешавад. Дар фарқ аз ҷунуни патологӣ, дар ҷунуни физиологӣ шахс хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк

мекунад ё имконияти онро идора карданро доро буд. Ана барои ҳамин, кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати ҷунуни физиологӣ ҷиноят эътироф мешавад.

Нишонаи ҳатмие, ки шахсро ба ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ оварда мерасонад, ин кирдори ғайриқонунии ҷабрдида ба ҳисоб меравад. Қонунгузор онро ҳамчун "амалҳои дигари ғайриқонунии ҷабрдида" муқаррар мекунад. Ба ин мисол шуда метавонад, ғоратгарӣ (моддаи 248 КҶ ҶТ) ва ғайра. Мисол, А. аз ҳиссиёти ҳасаду бахилӣ хонаи Б. – ро оташ мезанад. Агар кирдори А. дар Б. ҷунуни физиологиро пайдо намояду Б. ба А. зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ расонад, суд метавонад кирдори Б. – ро мутобиқи моддаи 113 КҶ ҶТ бандубаст намояд.

Ҷунун метавонад дар ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда низ ба вуқӯъ ояд. Мисол, Д. қоидаи ҳаракати роҳро вайрон намуда кӯдакеро бо автомашинааш пахш мекунад. Падари кӯдак ин ҳолро дида ба ҷунуни физиологӣ гирифтор мешавад ва ба саломатии ронанда Д. зарари вазнин мерасонад. Дар чунин ҳолат, суд бояд кирдори падари кӯдакро мутобиқи моддаи 113 КҶ ҶТ бандубаст намояд.

Қонунгузор муқаррар накардааст, ки кирдори ҷабрдида зидди кадом қонун равона карда шудааст ва бинобар ин, ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои вайрон кардани қонунгузории маъмурӣ (майдаавбошӣ), қонунгузории маданӣ (қасдан саркашӣ намудан аз пардохти қарз) ва ғайра ҷунун ба миён омаданаш мумкин аст.

Қонунгузор сабаби одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ (моддаи 106 КҶ ҶТ) ва қасдан расонидани зарар ба саломатӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳиро (моддаи 113 КҶ ҶТ) муқаррар кардааст, ки мутобиқи он, ҷунун ногаҳон бо сабаби зӯроварӣ, таҳқир ё дашноми қабеҳ ё рафтори дигари зиддиҳуқуқӣ ё бадахлоқонаи ҷабрдида, инчунин дар ҳолати давомдори харобкунандаи асаб бо сабаби рафтори мунтазами ғайриқонунӣ ё рафтори бадахлоқонаи ҷабрдида ба вуҷуд омадааст.

Ҳамин тавр, аз муқаррароти моддаи 106 ва моддаи 113 КҶ ҶТ бар меояд, ки ҷунун хусусияти ҷаҳл, ғазаб ва бадбиниро доро мебошад, на тарсро вагарна роҳи ҳимоя ва ё гурезро пеша мекард.

## § 6. Саҳв (тасаввуроти нодуруст) дар ҳуқуқи ҷиноятӣ

Зери мафҳуми саҳв маънои хатогӣ, иштибоҳ ва тасаввуроти нодуруст фаҳмида мешавад. Олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии Ватанӣ саҳв дар ҳуқуқи ҷиноятиро гуногун маънидод менамоянд.

Ҳамин тавр, саҳв дар ҳуқуқи ҷиноятӣ – ин тасаввуроти нодурусти шахс оид ба хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва воқеии кирдори содиршуда ва оқибатҳои ҷиноятии он мебошанд[92]. Т.Ш. Шарипов, Н.Б. Азимов, З.А. Камолов, М.Н. Насриддинов чунин шарҳ медиҳанд: зери мафҳуми саҳв дар ҳуқуқи ҷиноятӣ гумроҳ шудани шахсро нисбати ҳолатҳои воқеӣ ё баҳои ҳуқуқии кирдорашро мефаҳманд[93]. Р. Ғоибов мафҳуми саҳв дар ҳуқуқи ҷиноятиро чунин шарҳ медиҳад: ин тасаввури нодурусти шахс оид ба ҳуқуқи воқеӣ ва ҳолатҳои воқеии кирдори содиршаванда мебошад[94].

Олимони зикргардида мафҳуми саҳвро ба тарзи гуногун дуруст шарҳ додаанд.

Мафҳуми саҳв дар КҶ ҶТ нишон дода нашудааст. Мафҳуми саҳв дар қонунгузории ҷиноятии якчанд давлатҳои хориҷӣ пешбинӣ гардидааст. Мисол, моддаи 15. 20 Кодекси ҷиноятии штати Ню – Йорк, моддаҳои 16, 17 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон, моддаи 14 – уми Кодекси ҷиноятии Испания ва моддаҳои 15, 16 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Корея[95].

Вобаста ба хусусияти саҳв саҳви ҳуқуқӣ ва саҳви воқеӣ фарқ карда мешавад[96].

**Саҳви ҳуқуқӣ** – ин тасаввуроти нодурусти шахс оид ба моҳияти ҳуқуқии кирдори содиршуда ва оқибатҳои ҳуқуқии он мебошад. Чунин намудҳои саҳви ҳуқуқиро шарҳ додан мумкин аст:

**Саҳв дар манъи ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ.** Ин тасаввуроти нодурусти шахс оид ба ҷиноят ва сазовори ҷазо набудани кирдори ӯ, дар ҳолате, ки аз рӯйи қонун вай ҷиноят аст ва сазовори ҷазо

---

[92] Ғаффорова Н.А. Ҳусейнов С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми умумӣ): мафҳумҳо дар нақшаҳо. Хуҷанд, 2011. С. 36.

[93] Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. Душанбе, 2010. С. 119.

[94] Ғоибов Р. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): дастури таълимӣ. Хуҷанд, 2007. С. 89.

[95] Уголовный кодекс Республики Корея / Науч. редактирование и предисловие докт. юрид. наук, проф. А.И. Коробеева. СПб.: Изд-во "Юридический центр Пресс", 2003. С. 24.

[96] Ғаффорова Н.А. Ҳусейнов С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми умумӣ): мафҳумҳо дар нақшаҳо. Хуҷанд, 2011. С. 36-37; Козаченко И.Я., Незнамова З.А. Уголовное право. Общая часть: учебник для вузов. М., 2001. С. 208; Ғоибов Р.Д. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): дастури таълимӣ. Хуҷанд, 2007. С. 89; Российское уголовное право. Общая часть / Под. ред. проф. А.И. Рарога. 4-е изд., перераб. и доп. М.: Эксмо, 2010. С. 153; Хусейнов С.Х., Хомидова М.Ф. Уголовное право Республики Таджикистан (Общая часть). Конспект лекции. Худжанд, 2010. С. 107.

аст. Чунин намуди саҳви ҳуқуқӣ ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намекунад.

**Ҷинояти фаразӣ (хаёлӣ).** Ин тасаввуроти нодурусти шахс оид ба ҷиноят будани кирдори ӯ, дар ҳолате, ки аз рӯйи қонун вай ҷиноят нест. Чунин намуди саҳви ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад. Моддаи 4 КҶ ҶТ (принсипи қонуният) муқаррар менамояд, ки ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо КҶ ҶТ муайян менамояд. Агар кирдор дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ нашуда бошад, вай ҷиноят нест, гарчанде мо фарз кунем, ки ин кирдор ҷиноят аст. Дар чунин ҳолат, кирдор ба ҷамъият хавфнок намебошад ва хавфнок ҳам шуда наметавонад ва ба объектҳои бо КҶ ҶТ ҳифзшаванда зарар расонида ҳам наметавонанд. Мисол, тасарруфи лавозимоти фарсудашудаи автомобил, ки партофта шудааст, ҷиноят эътироф карда намешавад, зеро худи объекти бо КҶ ҶТ ҳифзшаванда (моликият) ҷой надорад ва барои ҳамин гуноҳ ҳам ҷой надорад, ҳол он ки шахс худро гунаҳгор меҳисобад.

**Саҳв дар бандубасти ҷиноят.** Ин тасаввуроти нодурусти шахс оид ба бандубасти кирдори содирнамудааш ба ҳисоб меравад. Чунин намуди саҳви ҳуқуқӣ ба шакли гуноҳ ягон хел таъсир намерасонад ва ҷавобгарии ҷиноятиро истисно намекунад. Мисол, шахсе, ки ба номуси духтари баръало ба синни чордаҳсолагӣ нарасида таҷовуз мекунад, мутобиқи банди "а" қисми 3 моддаи 138 КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агарчи ӯ тасаввур дошт, ки кирдори ӯ мутобиқи қисми 1 моддаи 138 (таҷовуз ба номус бе ҳолатҳои вазнинкунанда) КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Хусусияти саҳви ҳуқуқӣ дар он ифода мегардад, ки дар вақти бандубасти кирдори шахс муқаррароти КҶ ҶТ ба инобат гирифта мешавад, на тасаввуроти шахс.

**Саҳви воқеӣ** – ин тасаввуроти нодурусти шахс оид ба ҳолатҳои объективӣ ва тарафи объективии кирдори содиршуда ба ҳисоб меравад. Чунин намудҳои саҳви воқеиро шарҳ додан мумкин аст:

**Саҳв дар объекти ҷиноят.** Субъект саҳван гумон мекунад, ки ба объекти лозима таҷовуз карда истодааст, вале воқеан зарар ба объекте, ки тамоман дигар аст ва ба қасди шахс дохил намешуд, расонида мешавад. Ин кирдор бояд ҳамчун сӯиқасд ба объекти дахлдор бандубаст карда шавад. Мисол, шахс бо корд ба шахси фавтида зарба зада гумон мекунад, ки ӯ зинда аст. Дар

чунин ҳолат кирдори шахс ҳамчун сӯиқасд ба одамкушӣ бандубаст карда мешавад, яъне қисми 3 моддаи 32 ва моддаи 104 КҶ ҶТ.

**Саҳв дар предмети ҷиноят.** Дар чунин ҳолат, шахс ба объекти мушаххас зарар мерасонад, вале кирдори барои ҷамъият хавфнок ба ҷойи предмети интихобгардида ба дигар предмет равона карда мешавад. Мисол, ба А. маълум мегардад, ки дар хонаи Б. ҳеҷ кас истиқомат намекунад ва дар он ҷо предметҳои қиматбаҳо мавҷуд аст. Бо мақсади тасарруфи молу мулки Б., А. аз рӯйи хатогӣ ба хонаи ҳамсояи Б., В. даромада предметҳои қиматбаҳоро тасарруф мекунад. Чунин намуди саҳв на ба шакли гуноҳ, на ба бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад.

**Саҳв доир ба шахсияти ҷабрдида** – дар он ифода мегардад, ки ҷинояткор кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнокашро ба шахси мушаххас равона карданӣ мешавад, вале саҳван ба дигар шахс равона мекунад. Мисол, куштани як шахс ба ҷойи шахси дигар. Чунин намуди саҳв ба мисли саҳв дар предмети ҷиноят, на ба шакли гуноҳ, на ба бандубасти ҷиноят, на ба ҷавобгарии ҷиноятӣ таъсир намерасонад. Бояд дарназар дошт, ки шахс дигар бошад мумкин, вале агар объекти дигар (ба ҳам монанд) зарар бинад, пас кирдор хусусияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии худро иваз мекунад ва он аз рӯйи қасди равонашудааш бандубаст карда мешавад. Мисол, субъекти ҷиноят гумон мекунад, ки ба ҳаёти арбоби давлатӣ таҷовуз карда истодааст, вале шахси оддӣ аз ҳаёт маҳрум карда мешавад ва кирдори ӯ мутобиқи қисми 3 моддаи 32 ва моддаи 310 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Дар ин ҷо объекти одамкушии оддӣ (қисми 1 моддаи 104 КҶ ҶТ) – ҳаёти шахс бошад, объекти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 310 КҶ ҶТ) бошад, - ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

**Саҳв дар воситаҳои содир намудани ҷиноят** – ин маънои онро дорад, ки шахс дар содир намудани ҷиноят саҳван воситаи тамоман дигарро истифода мебарад, на онро, ки ба нақша гирифта буд[97]. Чун қоида барои ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳв дар интихоби восита ба бандубасти кирдори содиршуда таъсир намерасонад (тавассути чӣ ҷабрдида кушта шуд, - ба воситаи корди ошхона ё ханҷар ва ғайра). Агар шахс саҳван, масалан, намаки ошро ба сифати заҳр истифода барад ва чунин пиндорад, ки миқдори зиёди он марговар аст, пас дар чунин ҳолат шахс бояд барои ҷино-

[97] Ғаффорова Н.А. Ҳусейнов С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми умумӣ): мафҳумҳо дар нақшаҳо. Хуҷанд, 2011. С. 37.

яти нотамом ҷавобгар бошад (тайёрӣ ё сӯиқасд ба куштор). Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин кирдорро маъмулан сӯиқасд бо воситаҳои нобоб ҳисоб мекунанд.

**Саҳв дар робитаи сабабӣ.** Ин тасаввуроти нодурусти шахс оид ба робитаи байни кирдори содирнамудааш ва оқибатҳои ҷиноятии фаворасида ба ҳисоб меравад. Чунин саҳв ба шакли гуноҳ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ таъсир мерасонад. Мисол, субъекти ҷиноят ба сари ҷабрдида зарба зада, ӯро аз ҳаёт маҳрумшуда шуморида, ба об мепартояд. Аммо, баъдан маълум мешавад, ки марги ҷабрдида на дар натиҷаи зарба задан, балки дар натиҷаи ғарқшавӣ ба вуҷуд омадааст. Дар чунин ҳолат сӯиқасд ба одамкушӣ (қисми 3 моддаи 32 ва моддаи 104 КҶ ҶТ) ва аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан (моддаи 108 КҶ ҶТ) ҷой дорад[98].

**Саҳв дар ҳолатҳои вазнинкунанда.** Ин тасаввуроти нодурусти шахс оид ба набудани чунин ҳолатҳо, вақте ки онҳо ҷой доранд ё оид ба мавҷуд будани ҳолатҳо вақте, ки онҷо ҷой надоранд. Дар ин ҳолатҳо ҷавобгарӣ аз рӯйи мазмун ва хусусияти қасд муайян карда мешавад[99].

---

[98] Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. Душанбе, 2010. С. 121.

[99] Ғаффорова Н.А. Ҳусейнов С.Ҳ. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми умумӣ): мафҳумҳо дар нақшаҳо. Хуҷанд, 2011. С. 37.

# БОБИ IX
# СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ

**§ 1. Мафҳум ва нишонаҳои субъекти ҷиноят**
**§ 2. Синну сол ҳамчун нишонаи субъекти ҷиноят**
**§ 3. Мукаллаф будани шахс ҳамчун нишонаи субъекти ҷиноят**
**§ 4. Субъекти махсуси ҷиноят**

## § 1. Мафҳум ва нишонаҳои субъекти ҷиноят

Яке аз унсурҳои асосии таркиби ҷиноят, ки бе вай умуман худи таркиби ҷиноятро тасаввур кардан номумкин аст, ин субъекти ҷиноят ба ҳисоб меравад, зеро объекти ҷиноят аз ҷониби субъекти ҷиноят зарар мебинад, тарафи объективии ҷиноят, кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) субъекти ҷиноятро тавсиф медиҳад ва тарафи субъективии ҷиноят бошад, ҳолати рӯҳии субъекти ҷиноятро тавсиф медиҳад.

КҶ ҶТ истилоҳи «субъекти ҷиноят»-ро истифода набурдааст. Дар ин ҷо ба ҷойи истилоҳи «субъекти ҷиноят», дигар истилоҳҳо истифода шудаанд, ба монанди «гунаҳгор», «маҳкумшуда», «шахсе, ки ҷиноят содир намудааст», «шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст» ва ғайра.

Дар моддаи 22 КҶ ҶТ (шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ) мафҳуми субъекти умумии ҷиноят муайян карда шудааст, ки мутобиқи он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо шахси воқеии мукаллафе кашида мешавад, ки ба синну соли муқарраркардаи ҳамин Кодекс расида аст. Аз муқаррароти ин меъёри КҶ ҶТ бар меояд, ки шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, танҳо дар он сурат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки чунин нишонаҳоро доро бошад:

1) шахси воқеӣ (ҷисмонӣ) будан;
2) мукаллаф будани шахс;
3) ба синну соли муқарраркардаи КҶ ҶТ расидани шахс.

Дар сурати ҷой надоштани яке аз ин аломатҳо шахс барои содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Шахси воқеӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои дигар, инчунин шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад.

Аз муқаррароти моддаи 22 КҶ ҶТ бар меояд, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо инсон кашида мешавад, ки агар ӯ ба муносибатҳои ҷамъиятии бо КҶ ҶТ ҳифзшаванда зарар расонад ва ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд оварда бошад. Яъне, шахсони ҳуқуқӣ (ташкилот, корхона, муассиса) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Шахсони ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Мутобиқи Кодекси ҷиноятии якчанд давлатҳои хориҷӣ, ба сифати субъекти ҷиноят шахсони ҳуқуқӣ низ баромад карда метавонанд, аз ҷумла Англия, Нидерландия, Канада, ШМА, Франсия, Италия ва ғайра[100].

Дар Кодекси ҷиноятии якчанд кишварҳои замони муосир ҷазои ҷиноятӣ нисбати ҳайвонот низ, ҷой дорад. Мисол, соли 1990 дар штати Техаси Америка ҳукми қатл нисбати саге бо номи Маркус бароварда шуда буд, ки ин саг якчанд маротиба ба одамон ҳамла оварда буд[101].

Дар КҶ ҶТ ҳайвонот ба сифати субъекти ҷиноят баромад карда наметавонанд. Агар саг девона бошаду ба мардум ҳамла кунад, пас нобуд карда мешавад ва ин маънои ҷазои ҷиноятиро надорад. Ҳайвонот дар содир кардани ҷиноят ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят баромад карда метавонанд. Мисол, фармон додани саг барои ҳамла ба шахси мушаххас бо мақсади расонидани зарар ба саломатӣ, ё ин ки партофтани мори заҳрнок ба ҷойи хоб ё автомашина бо мақсади аз ҳаёт маҳрум сохтани шахси мушаххас ва ғайра.

Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ҳолати табаияти вай аҳаммият надорад, хоҳ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, хоҳ шаҳрванди хориҷӣ бошад ва хоҳ шаҳрвандии ягон давлатро доро набошад. На ҳамаи шахсони воқеӣ субъекти ҷиноят шуда метавонанд. КҶ ҶТ дар вақти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ҳолати рӯҳии ӯро ба эътибор мегирад, ки оё шахси ҷиноят содирнамуда кирдори ба ҷамъият хавфнокашро дарк карда ба онҳо ҷавоб гуфта метавонад. Чунин сифат танҳо ба шахси мукаллафе хос мебошад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба син-

---

[100] Павлов В.Г. Субъект преступления в уголовном праве. М., СПб., 1999. С. 78-81.

[101] Козаченко И.Я., Незнамова З.А. Уголовное право. Общая часть: учебник для вузов. М., 2001. С. 169.

ну соли муқарраркардаи КҶ ҶТ расидааст. Шахси номукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, зеро ӯ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонад. Мукаллафӣ низ яке аз асосҳои ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ аст.

Дигар нишонаи субъекти ҷиноят, ин ба синну соли муқарраркардаи КҶ ҶТ расидан ба ҳисоб меравад. Барои содир кардани ҷиноят танҳо шахси воқеии мукаллафе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки мутобиқи қисми 1 моддаи 23 КҶ ҶТ ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст ва ё барои содир намудани ҷиноятҳои пешбининамудаи қисми 2 ҳамин модда ҷавогарии ҷиноятӣ аз синни аз чордаҳсолагӣ фаро мерасад.

Ҳамин тавр, шахси воқеие барои зарар расонидан ба муносибатҳои ҷамъиятии бо КҶ ҶТ ҳифзшаванда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, ки хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда метавонад ва ба синни шонздаҳсолагӣ (чордаҳсолагӣ) расидааст.

Субъекти ҷиноят мисли дигар унсурҳои таркиби ҷиноят, дорои нишонаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебошад.

Ба сифати нишонаҳои ҳатмии субъекти ҷиноят агар шахси воқеӣ будан, мукаллаф будан ва ба синну соли муқарраркардаи КҶ ҶТ расидан бошад, пас ба сифати нишонаи иловагии субъекти ҷиноят, - субъекти махсуси ҷиноят баромад мекунад, ки ғайр аз нишонаҳои умумии субъекти ҷиноят, дорои нишонаҳои иловагӣ мебошад.

## § 2. Синну сол ҳамчун нишонаи субъекти ҷиноят

Нишонаи ҳатмӣ ва ҷудонашавандаи субъекти ҷиноят ин ба синну соли муайян расидани шахси воқеии мукаллафе ба ҳисоб меравад, ки ба муносибатҳоии муҳими бо КҶ ҶТ ҳифзшаванда зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад. Ҳам дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам дар КҶ ҶТ синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Ҳамин тавр, мутобиқи моддаи 23 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Дар қисми 2 моддаи зикргардида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсе пешбинӣ карда шудааст, ки дар вақти содир намудани ҷиноят, 22 ҷиноятҳои пешбининамудаи КҶ ҶТ ба синни чордаҳсолагӣ расидааст:

1) одамкушӣ (моддаи 104);

2) қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (моддаи 110);

3) қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (моддаи 111);

4) одамрабоӣ (моддаи 130);

5) таҷовуз ба номус (моддаи 138);

6) кирдори зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (моддаи 139),

7) терроризм (моддаи 179);

8) ғасби гаравгон (моддаи 181);

9) тасарруфи силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (моддаи 199);

10) муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (моддаи 200);

11) муносибатҳи ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (моддаи 201);

12) тасарруфи воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ (моддаи 202);

13) парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъаовари кишташон манъшуда (моддаи 204);

14) муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан (моддаи 206);

15) корношоям сохтани воситаҳои нақлиёт ё роҳҳо (моддаи 214);

16) авбошӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда (қисмҳои дуюм ва сеюми моддаи 237);

17) дуздӣ (моддаи 244);

18) ғоратгарӣ (моддаи 248);

19) роҳзанӣ (моддаи 249);

20) тамаъҷӯӣ (моддаи 250);

21) ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (моддаи 252);

22) қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк бо ҳолатҳои вазнинкунанда (қисми дуюми моддаи 255).

Аз муқаррароти моддаи 23 КҶ ҶТ бар меояд, ки агар шахс ба синни шонздаҳсолагӣ (чордаҳсолагӣ) нарасида ҷиноят содир кунад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, яъне ба сифати субъекти ҷиноят баромад карда наметавонад.

Синни шонздаҳсолагӣ ин синни умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Барои он шахсони чордаҳсола барои як қатор ҷиноятҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки оид ба ҷамъият хавфнокии оқибатҳои ин кирдорҳо тасаввурот доранд, инкишофи рӯҳии онҳо ба

талаботи ба таври пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк кардан қодиранд.

Синну соле, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, дар қонунгузории дигар мамлакатҳои ҷаҳон ба тарзи гуногун пешбинӣ шудааст. Дар Миср, Ироқ, Лубнон[102], Яман[103], Ирландия[104] ва як қатор давлатҳои дигар синне, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, ҳафтсолагӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд зикр намуд, ки синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон соли 1961 аз шонздаҳсолагӣ (қисми 1 моддаи 10) ва барои гурӯҳи ҷиноятҳо аз чордаҳсолагӣ (қисми 2 моддаи 10 – барои 24 таркиби ҷиноят) фаро мерасид[105].

Олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ва психология ба чунин хулоса омаданд, ки аз давраи чордаҳсолагӣ то шонздаҳсолагӣ физиологияи инсон зина ба зина ба балоғатрасии комил омада мерасад[106] ва дар синни чордаҳсолагӣ шахс қодир аст хулосабарорӣ намояд ва ҳамчунин метавонад кирдори худро идора намояд[107].

Аниқ кардани синну соли шахси гунаҳгор яке аз аломатҳои асосии субъекти ҷиноят мебошад. Одатан синни ҷавобгарӣ аз рӯйи ҳуҷҷат (шаҳодатномаи таваллуд, шиноснома, китоби қайди асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ ва ғайра) муайян карда мешавад. Вале, дар баъзе мавридҳо зарурати боз ҳам аниқ кардани синну соли шахс ба миён меояд. Мувофиқи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми декабри соли 2002 № 6 «Дар бораи тартиби судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» аниқ муайян кардани синну соли ноболиғ, ба гурӯҳи ҳолатҳое дохил мешавад, ки доир ба парвандаҳои ноболиғон муайян карданашон ҳатмӣ аст. Дар вақти муайян намудани синну соли ноболиғ, дар назар доштан зарур аст, ки шахс ба синну соле, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯзи таваллудаш, балки аз соати сифри шабонарӯзи дигар мерасад, яъне шахс ба синни

[102] Пионтковский А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву. М., 1961. С. 298.

[103] Народная Демократическая Республика Йемен. Конституция и законодательные акты. М., 1985. С. 42.

[104] Решетников Ф.М. Правовые системы стран мира: справочник. М., 1993. С. 82.

[105] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон. Душанбе, 1989.

[106] Карпец И.И. Уголовное право и этика. М., 1985. С. 147.

[107] Павлов В.Г. Субъект преступления. СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2001. С. 90; Рубинштейн С.Л. Основы психологии. М., 1935. С. 362-368.

муайянрасида аз соати $24^{00}$ баъди рӯзи таваллуд ҳисоб мешавад[108]. Мисол, шахс санаи 1 – уми январи соли 2013 зодрӯз дорад ва ба синни чордаҳсолагӣ мерасад. Агар ҳамин шахс то соати $24^{00}$ санаи 1 – уми январи соли 2013 яке аз ҷиноятҳое, ки дар қисми 2 моддаи 23 КҶ ҶТ пешбинигардидаро содир кунад, субъекти ҷиноят эътироф намешавад, гарчанде оқибати кирдори барои ҷамъият хавфнок соати 00:01 санаи 2 – уми январи соли 2013 фаро расида бошад, чунки дар қисми 2 моддаи 12 КҶ ҶТ омадааст: «вақти содир намудани ҷиноят, вақти содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, сарфи назар аз вақти фаро расидани оқибатҳои он, эътироф карда мешавад».

Дар сурати мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои расмӣ дар хусуси синну соли шахс, бо мақсади аниқ намудани он экспертизаи судӣ – тиббӣ таъйин карда мешавад. Ҳангоми тавассути экспертизаи судӣ – тиббӣ аниқ намудани синну соли судшаванда, рӯзи таваллуди ӯ рӯзи охирони ҳамон соле, ки аз тарафи экспертҳо муайян шудааст, ҳисобида мешавад ва дар вақти муайян намудани синну сол бо адади ҳадди ақал ва ҳадди аксар, суд бояд, синни ҳадди ақали пешниҳодкардаи экспертҳоро ба инобат гирад[109].

КҶ ҶТ синнеро, ки аз он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад пешбинӣ намудааст, на синни ниҳоиро. Аз ин бар меояд, ки агар шахс ба синни садсолагӣ ҳам расад ва ҷиноят содир кунад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Шахсони мукаллафе, ки дар синни 14 то 18 – солагӣ ҷиноят содир мекунанд, тибқи қисми 1 моддаи 86 КҶ ҶТ ноболиғ эътироф карда мешаванд: «шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд». Нисбати ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон фасл (5) ва боби (14) алоҳида бахшида шудааст, ки он моддаҳои 86 то 95 КҶ ҶТ-ро дар бар мегирад.

Чӣ тавре зикр карда шуд, шахсони ноболиғ кирдори ба ҷамъият хавфноки худро дарк мекунанд ва ба онҳо ҷавобгӯянд. Вале, ҳолатҳое ҷой доранд, ки шахс ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ расида бошад ҳам, аммо бо баъзе сабабҳо ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуданаш ҳам мумкин аст. Ҳамин тавр, мутобиқи қисми 4 моддаи 23 КҶ ҶТ агар ноболиғ дар вақти содир

---

[108] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 55; Российское уголовное право. Общая часть / Под. ред. проф. А.И. Рарога. 4-е изд., перераб. и доп. М.: Эксмо, 2010. С. 166.

[109] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 55.

намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ба синни шонздаҳсолагӣ ва ё чордаҳсолагӣ расида бошад, аммо дар натиҷаи ақиб мондан дар инкишофи рӯҳӣ, ки бо парешонҳолии рӯҳӣ алоқаманд намебошад, наметавонист ба таври пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онҳоро идора намояд, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Мисол, агар шахс дар синни понздаҳсолагӣ ҷинояти дуздиро (моддаии 244 КҶ ҶТ) содир намуда бошад, вале экспертизаи судӣ – тиббӣ муайян карда бошад, ки дар инкишофи рӯҳии ӯ оқибмонии ҷиддӣ мушоҳида мешавад ва он, мисол, натиҷаи гирифтани ҷароҳати майнаи сар ҳангоми таваллуд (асфиксия) ва норасо таваллуд шудан аст, ва ҳангоми ташхис маълум мешавад, ки аз рӯйи дараҷаи инкишофи рӯҳӣ, вай бо синну соли дар ҳуҷҷат нишон додашуда мувофиқат намекунад ва бо сабаби камтаҷрибагиву норасогии зеҳнӣ, нокифоягии қобилияти охирбинӣ, ӯ дар вақти содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок аҳаммияти кирдорашро пурра дарк ва идора карда наметавонад, он гоҳ ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад[110].

Ҳамин тавр, синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ на фақат қисми ҷудонашавандаи субъекти ҷиноят мебошад, балки бевосита барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсе, ки ба муносибатҳои ҷамъиятии бо КҶ ҶТ ҳифзшаванда зарар мерасонад, дахолат мекунад.

## § 3. Мукаллаф будани шахс ҳамчун нишонаи субъекти ҷиноят

Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва КҶ ҶТ муқаррар мекунад, ки субъекти ҷиноят танҳо шахси мукаллаф шуда метавонад. Мукаллафӣ ҳамчун ҳолати рӯҳии шахс, дар хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда тавонистан ифода мегардад.

КҶ ҶТ мафҳуми номукаллафиро дар моддаи 24 нишон додааст ва мутобиқи он шахсе, ки ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буд, яъне бар асари бемории рӯҳии доимӣ, парешонии муваққатии рӯҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории рӯҳӣ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

[110] Ҳамон ҷо. С. 57.

Аз мафҳуми номукаллафӣ, мафҳуми мукаллафӣ ифодаи худро меёбад ва бинобар ин дар КҶ ҶТ мафҳуми мукаллафӣ дода нашудааст.

Шахси номукаллаф субъекти ҷиноят эътироф намешавад ва нисбати чунин шахс чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббии дар КҶ ҶТ пешбинигардидаро таъйин кардан мумкин аст. Мақсад аз татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ – ин муолиҷа ё беҳбудии ҳолати рӯҳии онҳо, инчунин пешгирии кирдорҳои наве, ки метавонанд аз ҷониби онҳо содир шаванд ва дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, иборат мебошад.

Мукаллафӣ аз рӯйи ду омил (критерия) муқаррар карда мешавад:

1) омили ҳуқуқӣ (психологӣ);

2) омили тиббӣ (биологӣ).

Омили ҳуқуқӣ дар он ифода мегардад, ки шахс хусусияти воқеии кирдори ба ҷамъият хавфнокашро (дарк намудани ҳаракат ва беҳаракатӣ, робитаи сабабӣ ва оқибати ба ҷамъият хавфнок) дарк мекунад ва онҳоро идора карда метавонад. Дар ин ҷо ду нишонаи омили ҳуқуқии мукаллафӣ дар назар дошта шудааст:

1) нишонаи зеҳнӣ, яъне ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк карда тавонистани шахс;

2) нишонаи иродавӣ, яъне кирдори ба ҷамъият хавфноки худро идора карда тавонистани шахс.

Омили тиббии мукаллафӣ – ҳолати рӯҳии субъекти ҷиноятро дар вақти содир намудани ҷиноят муайян мекунад: набудани бемории давомдори рӯҳӣ, парешонии муваққатии рӯҳӣ, заъфи ақл, дигар ҳолатҳои бемории рӯҳӣ.

Баръакси омилҳои тиббӣ ва ҳуқуқии мукаллафӣ, омилҳои тиббӣ ва ҳуқуқии номукаллафӣ омӯхта мешавад.

Бемории давомдори рӯҳӣ чунун бемории мебошад, ки равоншиносии (психиатрияи) судӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ онро табобатнашаванда ва ё мушкилтабобатшаванда эътироф намудаанд[111]. Ба ин намуди бемориҳо дохил мешаванд: шизофрения, эпилепсия, фалаҷи прогрессивӣ, сифлиси майна ва ғайра. Чунин бемориҳо муддати дароз давом кунанд ҳам, лекин мумкин аст дар баъзе ҳолатҳо шифо ёбанд (муваққатан). Дар чунин ҳолати муваққатии шифоёбӣ ҷиноят содир кунад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Парешонии муваққатии рӯҳӣ чунин бемории рӯҳие мебошад, ки кӯтоҳмуддат ва гузаранда (худ аз худ аз миён раванда) мебошад.

---

[111] Павлов В.Г. Субъект преступления. СПб.: Изд-во «Юридический центр Пресс», 2001. С. 126.

Ба бемории парешонии муваққатии рӯҳӣ ҷунуни патологӣ, варақаи сафед ва ғайра дохил мешаванд.

Заъфи ақл – ҳолати носолимии зеҳнии шахс буда, аз норасоии рӯҳияи ӯ шаҳодат медиҳад. Он дар натиҷаи аз ҷиҳати зеҳнӣ (ақлӣ) инкишоф наёфтани инсон сар мезанад. Камақлӣ вобаста ба сатҳи қафомонии ақлӣ нишонаи номукаллафӣ мегардад. Мисол, олигрофенияи модарзодӣ мебошад, ки аз якчанд сатҳ иборат мебошад: дебилнокӣ, эмбисилнокӣ, идиотизм (ноқисулақлӣ).

Дигар ҳолати бемории рӯҳӣ дар шакли парешонҳолии доимӣ ё муваққатии рӯҳӣ ифода мегардад[112]. Мисол, сафсатагӯӣ, таваҳҳум (галютсинатсия), ки дар натиҷаи бемории вазнини сироятӣ (инфексионӣ) пайдо мешавад, ҳамчунин баъзе шаклҳои девонагӣ (психопатия) ва ғайра.

Агар шахс дар вақти содир намудани ҷиноят мукаллаф бошаду баъди содир намудани он номукаллаф шуда бошад, нисбати онҳо чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта таъйин карда мешавад. Ҳамин тавр, мутобиқи банди «б» қисми 1 моддаи 97 КҶ ҶТ чораи маҷбурии хусусияти тиббиро суд метавонад ба шахсоне, ки пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемориҳои рӯҳие гардидаанд, ки таъйин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд, таъйин намояд. Дар назар бояд дошт, ки мукаллафӣ аз мукаллафии маҳдуд бояд фарқ карда шавад.

Мафҳуми шахсоне, ки дар ҳолати мукаллафии маҳдуд ҷиноят содир намудаанд, дар моддаи 25 КҶ ҶТ нишон дода шудааст, ки мутобиқи он шахси мукаллафе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят бар асари парешонҳолии рӯҳӣ наметавонист пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Оид ба мукаллафии маҳдуд дар адабиёти ҳуқуқӣ шарҳҳои гуногун дода шудааст. Баъзе аз муаллифон мухолифи мукаллафии маҳдуд баромад карда зикр намудаанд, ки ҷиноят ё дар ҳолати мукаллафӣ содир карда мешавад ва ё дар ҳолати номукаллафӣ. Мавқеи миёнаро ишғол намудан ғайриимкон мебошад (В.Х. Кандинский, В.П. Сербский)[113].

Мукаллафии маҳдуд қисми таркибии мукаллафӣ буда, бо номукаллафӣ алоқае надорад.

---

[112] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 58.

[113] Козаченко И.Я., Незнамова З.А. Уголовное право. Общая часть: учебник для вузов. М., 2001. С. 179.

Мукаллафии маҳдуд низ дорои омилҳои тиббӣ ва ҳуқуқӣ мебошад.

Омили тиббии мукаллафии маҳдуд, ин парешонҳолии рӯҳии шахс ба ҳисоб меравад. Ба парешонҳолии рӯҳие, ки мукаллафиро истисно намекунад, парешонҳолии рӯҳиву асаб, пеш аз ҳама шаклҳои гуногуни ҷунун, ҳолатҳои ба девонагӣ монанд ва дараҷаҳои нисбатан пасти камақлӣ инчунин дигар ҳолатҳои нодурустии инкишофи рӯҳиро дохил менамоянд[114].

Омилҳои ҳуқуқии мукаллафии маҳдуд аз рӯйи чунин ҳолатҳо муайян карда мешаванд:

1) зеҳнӣ, яъне пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда натавонистани шахс;

2) иродавӣ, яъне пурра ҳаракати (беҳаракатии) худро идора карда натавонистани шахс.

Ҳангоми содир намудани ҷиноят дар ҳолати мукаллафии маҳдуд, суд онро бояд ҳамчун ҳолати сабуккунанда дар вақти таъйини ҷазо ба эътибор гирад. Нисбати шахсоне, ки дар ҳолати мукаллафии маҳдуд ҷиноят содир намудаанд, чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ таъйин карда мешавад (қисми 2 моддаи 25 КҶ ҶТ).

Ҳамин тавр, аз рӯйи муқаррароти моддаи 25 КҶ ҶТ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

шахсе, ки дар ҳолати парешонии рӯҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, ҷиноят содир намудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;

дар ҳолати мукаллафии маҳдуд содир намудани ҷиноят, ҳангоми аз тарафи суд таъйин намудани ҷазо, ҳамчун ҳолати сабуккунанда ба эътибор гирифта мешавад;

парешонҳолии рӯҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, мумкин аст ҳамчун асос барои таъйин намудани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ баромад намояд[115].

Дигар ҳолати рӯҳии шахс, ин ҳолати мастӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми дар ҳолати мастӣ содир намудани ҷиноят, шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад. Дар қисми 1 моддаи 26 КҶ ҶТ муқаррар шудааст: шахсе, ки дар ҳолати мастӣ дар асари истеъмоли машруботи алкоголӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои

---

[114] Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. Душанбе, 2010. С. 102.

[115] Хусейнов С.Х., Хомидова М.Ф. Уголовное право Республики Таджикистан (Общая часть). Конспект лекций. Худжанд, 2010. С. 91.

психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҷиноят содир кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад.

Мутобиқи нишондоди банди «н» қисми 2 моддаи 62 КҶ ҶТ содир намудани ҷиноят дар ҳолати мастии майзадагӣ, мадҳушӣ аз маводи нашъаовар ё таҳти таъсири моддаҳои психотропӣ ва дигар моддаҳои мадҳушкунанда, ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ба инобат гирифта мешавад.

КҶ ҶТ барои он дар ҳолати мастӣ содир намудани ҷиноятро ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба эътибор мегирад, ки аксарияти ҷиноятҳо дар ҳолати мастӣ содир карда мешаванд, алалхусус ба муқобили шахсият[116].

Дар ҳолати мастӣ содир намудани ҷиноят, ҳам ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷазо баромад мекунад, ҳам ба сифати ҳолати истиснокунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ, яъне бояд ду ҳолати мастӣ муайян карда шавад:

Мастии физиологӣ (ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо баромад мекунад);

Мастии патологӣ (асоси истисно кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ).

Мастии физиологӣ чунин мастие ба ҳисоб меравад, ки онро КҶ ҶТ дар назар дорад (моддаи 26).

Мастии патологӣ дар фарқ аз мастии физиологӣ парешонҳолии муваққатии рӯҳиро ифода мекунад, ки ҳангоми он шахс пурра имконияти дарк ё идора кардани кирдори худро аз даст медиҳад. Шахсе, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро дар чунин ҳолат содир намудааст, номукаллаф эътироф гашта ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад[117].

Мутобиқи қисми 2 моддаи 26 КҶ ҶТ дар сурати ҷиноятро содир намудани майзада, нашъаманд ё токсикоман суд дар баробари муқаррар намудани ҷазо бо назардошти банди «г» қисми 1 моддаи 97 КҶ ҶТ метавонад чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро таъйин намояд. Суд чунин чораҳоро дар баробари муқаррар намудани ҷазо таъйин мекунад.

---

[116] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 60.

[117] Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. Душанбе, 2010. С. 104.

## § 4. Субъекти махсуси ҷиноят

Ғайр аз нишонаҳои ҳатмии субъекти ҷиноят дар Қисми махсуси КҶ ҶТ моддаҳое пешбинӣ карда шудаанд, таркибҳоро бо нишонаҳои факултативии субъекти ҷиноят пешбинӣ мекунанд. Нишонаи факултативии субъекти ҷиноят, ин субъекти махсуси ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Субъекти махсуси ҷиноят – ин шахсе ба ҳисоб меравад, ки ба ғайр аз нишонаҳои умумии субъекти ҷиноят, дорои нишонаҳои иловагие мебошад, ки дар диспозитсияи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ баён карда шудаанд. Бо ҳамин мазмун, дар қисми 3 моддаи 23 КҶ ҶТ мафҳуме нишон дода шудааст, ки он ба субъекти махсус ишора мекунад: «дар ҳолатҳои алоҳидаи дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида танҳо он шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки аз синни шонздаҳсола болотар аст».

Нишонаҳое, ки субъекти махсуси ҷиноятро ифода мекунанд дар диспозитсияи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудаанд. Дар Қисми махсуси КҶ ҶТ бобҳои алоҳидае ҷудо карда шудаанд, ки субъекти моддаҳои он махсус мебошанд (ду чунин боб муқаррар карда шудааст):

1) Боби 30 – ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ;

2) Боби 33 – ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 366 КҶ ҶТ субъекти ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ – танҳо хизматчии ҳарбӣ, ки дар асоси даъват ё ба тартиби ихтиёрӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмат мекунанд, ҳамчунин шаҳрвандони дар эҳтиётбуда (ҳангоми гузаштани ҷамъомадҳои ҳарбӣ) ё шахсоне, ки мутобиқи қонунҳои ҷорӣ мақоми хизматии ҳарбӣ доранд, ба ҳисоб мераванд. Шахсоне, ки чунин ҳолатҳоро доро намебошанд, субъекти ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ шуда наметавонанд.

Чунин муқаррарот дар диспозитсияи дигар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба чашм мерасанд, аз ҷумла дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ (моддаи 348) – субъекташ махсус, яъне танҳо шахси таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурорҳо шуда метавонанд.

Аз рӯйи қоидаҳои умумӣ субъекти ҷиноят дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд шуда метавонад. Дар Қисми махсуси КҶ ҶТ ду модда пешбинӣ карда шудааст, ки субъекти онҳо

махсус эътироф карда мешавад (аз рӯйи табиаят). Ҳамин тавр, ба сифати субъекти моддаи 305 КҶ ҶТ – хиёнат ба давлат – танҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад карда метавонад, ки дар додани сирри давлатӣ ё расонидани дигар хел ёрӣ ба давлати хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ ё ба намояндагони онҳо дар фаъолияти душманонаашон ба зарари истиқлолият, дахлнопазирии арзӣ, иқтидори мудофиавӣ ва ё амнияти берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифода мегардад. Дар моддаи 308 КҶ ҶТ бошад ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷосусӣ пешбинӣ карда шудааст, яъне супоридани маълумоти дорои сирри давлатӣ ба давлати хориҷӣ, ташкилотҳои хориҷӣ ё намояндагони онҳо, инчунин ҷамъоварӣ, тасарруф кардан ё нигаҳдоштани чунин маълумот бо мақсади супоридан ба онҳо ҳамчунин супоридан ё ҷамъоварии дигар маълумот мутобиқи супориши кашфи (разведкаи) хориҷӣ барои истифода бурдани онҳо бар зарари истиқлолият, дахлнопазирии арзӣ, иқтидори мудофиавӣ ё амнияти берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар ин кирдор аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд содир шуда бошад. Аз ин бар меояд, ки субъекти ҷосусӣ на ҳама, балки танҳо шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ шуда метавонад.

Дар асоси таҳлили моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ, субъекти махсуси ҷиноятро аз рӯйи чунин нишонаҳо тасниф намудан ба мақсад мувофиқ аст:

аз рӯйи ҳолати давлатӣ – ҳуқуқӣ: шаҳрванди ҷумҳурии Тоҷикистон – моддаи 305 КҶ ҶТ (хиёнат ба давлат); шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд – моддаи 308 КҶ ҶТ (ҷосусӣ);

аз рӯйи нишонаҳои демографӣ: ҷинс – мард – моддаи 138 КҶ ҶТ (таҷовуз ба номус); синну сол – ба синни ҳаждаҳсолагӣ расидан – моддаи 165 КҶ ҶТ (ҷалби ноболиғ ба содир намудани ҷиноят);

аз рӯйи муносибатҳои оилавӣ, хешутаборӣ – моддаи 174 КҶ ҶТ (иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба тарбияи ноболиғ); моддаи 176 КҶ ҶТ (сӯиистифода аз ҳуқуқи васӣ ё парастор); моддаи 178 КҶ ҶТ (бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти падару модари ғайри қобили меҳнат) ва ғайра;

аз рӯйи мақоми мансабӣ – қисми 2 моддаи 144 КҶ ҶТ (ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн кардани маълумот); моддаи 163 КҶ ҶТ (вайрон намудани қонунҳо оид ба мурочиати шаҳрвандон) ва ғайра;

аз рӯйи муносибат ба уҳдадории ҳарбӣ – моддаи 343 КҶ ҶТ (саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ ва алтернативӣ); моддаҳои 366 то 394 КҶ ҶТ (ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ);

аз рӯйи вазифаи касбӣ – моддаи 123 КҶ ҶТ (исқоти ғайриқонунии ҳамл); моддаи 128 КҶ ҶТ (ёрӣ нарасонидан ба бемор);

аз рӯйи хусусияти кори иҷро мекардагӣ – моддаи 211 КҶ ҶТ (вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ё обӣ); моддаи 212 КҶ ҶТ (вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт) ва ғайра;

аз рӯйи мансаби ишғолнамуда – моддаи 213 КҶ ҶТ (таъмири бадсифати роҳҳо, воситаҳои нақлиёт ва ба истифода баровардани онҳо бо норасоиҳои техникӣ); моддаи 217 КҶ ҶТ (вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми сохтмон, истифодабарӣ ва таъмири хатҳои қубури магистралӣ) ва ғайра;

аз рӯйи уҳдадориҳо нисбат ба давлат – моддаи 351 КҶ ҶТ (гувоҳии бардурӯғ); моддаи 352 КҶ ҶТ (саркашӣ аз ҳозир шудан ё нахостани додани нишондод, хулоса ё тарҷума кардан);

аз рӯйи вазъияти махсуси ҷабрдида – моддаи 127 КҶ ҶТ (дар хатар монондан), моддаи 134 КҶ ҶТ (маҷбуркунӣ);

аз рӯйи вазъияти махсусе, ки ба содир намудани ҷиноят алоқаманд аст – моддаи 364 КҶ ҶТ (саркашӣ аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ), моддаи 365 КҶ ҶТ (гурехтан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё аз ҳабси пешакӣ) ва ғайра.

Ҳамин тавр, субъекти махсуси ҷиноят чунин аҳаммият дорад:

1) агар субъекти махсуси ҷиноят дар диспозитсияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ махсус муайян шуда бошад, пас ҳамчун нишонаи ҳатмии ҳамин таркиби ҷиноят баромад мекунад;

2) нишонаҳои субъекти махсуси ҷиноят дар қисм ё банди моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда пешбинӣ шуданашон мумкин аст. Мисол, агар қочоқ аз ҷониби шахси мансабдор бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шуда бошад, кирдори ӯ ҳамчун таркиб бо ҳолати вазнинкунанда мутобиқи банди «б» қисми 4 моддаи 289 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

# БОБИ X
# ДАВРАҲОИ СОДИРКУНИИ ҶИНОЯТ

§ 1. Мафҳум, намудҳо ва аҳаммияти давраҳои содиркунии ҷиноят
§ 2. Тайёрӣ ба ҷиноят
§ 3. Суиқасди ҷиноят
§ 4. Ҷинояти хотимаёфта
§ 5. Ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят

## § 1. Мафҳум, намудҳо ва аҳаммияти давраҳои содиркунии ҷиноят

Давраҳои содир кардани ҷиноят – ин давраҳои инкишофи кирдори ба ҷамъият хавфнок, ки вобаста ба хусусиятҳои ҳаракати (беҳаракатии) содиршаванда аз ҳам фарқ мекунад, давраи амалӣ намудани қасди ба ҷамъият хавфнок, давраи ба итмом расидан ва бандубасти кирдор ва ҷавобгарӣ мебошад.

Ҳамчун дигар намудани рафтор, кирдори ҷиноятӣ аз давраҳои муайяни нисбатан мустақили инкишофи худ иборат мебошад, ки аз пайдоиши нақшаи содиршавии он то давраи амалишавии онро дар бар мегирад. Фанҳое, ки рафтори инсонро меомӯзад (фалсафа, психология, фарҳангшиносӣ, криминология) якчанд ҳолатҳои инкишофи шахси ҷинояткорро ҷудо менамояд. Дар аввал талаботи ба ин ё он пайдо мешавад (масалан, воситаҳои ҳаракат). Вақте, ки талабот дарк карда мешавад, он ба манфиат табдил меёбад. Манфиат хоҳишро ба вуҷуд меорад (масалан гирифтани воситаи нақлиёт). Сипас масъалаҳои бо кадом роҳ амалӣ кардани хоҳиш баррасӣ мешавад, ки онро мумкин аст пайдоиши қасд номид. Баъдан масъалаи "ҷонибдорӣ кардан" ё "мухолиф" будани ин ё он варианти рафтор муайян карда мешавад. Ин давраро ангезанокӣ меноманд. Тасаввур кардем, ки шахс варианти амалӣ шудани кирдори ҷиноятиро интихоб мекунад. Баъдан вай барои ба даст овардани воситаи нақлиёт нақша мекашад, ҳолатҳоро месанҷад, воситаҳои техникӣ ва моддиро дастрас мекунад ва

ғайра. Баъде, ки давраи тайёрӣ ба охир мерасад, шахс ба амалӣ намудани нақшаи худ оғоз мекунад, ки онро давраи иҷрои қасд номидан мумкин аст. Давраи охирон инкишофи шахс ин расидан ба мақсадҳои худ мебошад. Сипас амали содиршуда ҳамчун кирдор эътироф мешавад.

Хусусияти кирдори ҳуқуқии ҷиноятӣ дар он зоҳир мегардад, ки он аз даврае, ки андеша пайдо мешавад, амалӣ карда мешавад. Ин ҳолат аз саршавии тайёрии кирдор, ки аз асоси қонуни ҷиноятӣ ҷиноят аст, оғоз мегардад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ он ҳамчун давраи тайёрӣ ба ҷиноят ном дорад. Он чизе, ки пеш аз ин давра пайдо мешавад (яъне масалан, дар фикри шахс) аз доираи танзимнамоии қонуни ҷиноятӣ берун аст. Бояд қайд кард, ки байни фаъолияти равонӣ ва тайёрӣ ба ҷиноят мумкин аст, фикри содир кардани ҷиноят пайдо шавад. Ин давраро дар илм зоҳир шудани қасд меноманд. Ин ҳолат давраи саршавии кирдори ҷиноятӣ эътироф намешавад, агар шахс мақсади содир кардани ҷиноятро дар набудани дигар шахсон баён карда бошад.

Баъди тайёрӣ давраи иҷро кардани мақсад оғоз мегардад, ки он дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ду давраи муҳими ҳуқуқӣ тақсим мешавад: 1) сӯиқасд ҳамчун фосилаи қатъгаштаи оғози иҷрои ҷиноят ва 2) ҷинояти хотимаёфта, вақте, ки кирдори ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад.

Аз ин рӯ, мафҳуми ҳуқуқии ҷиноятии давраҳои содир кардани ҷиноят аз ду давра иборат аст, ки он барои тамоми кирдорҳои инсон хос мебошад. Тайёрӣ ба содир кардани он, ки тайёрӣ ба ҷиноятро ташкил медиҳад ва иҷро, ки бо мақсадҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳамчун сӯиқасд (ҳамчун фосилаи қатъгаштаи оғози иҷрои ҷиноят) ва ҷинояти хотимаёфта (яъне ба анҷом расидани кирдори ҷиноятӣ).

Се аломатҳои муайяншуда ба ҷиноятҳои таркиби моддидошта хос мебошад, ки аз кирдори ба ҷамъият хавфнок дар ҳар як давраҳои он фарқ карда мешавад.

Дар ҷараёни тайёрӣ ба ҷиноят шароитҳое, ки барои содир кардани ҷиноят заруранд, омода карда мешаванд. Тайёрӣ ба ҷиноят содиршавии ҷиноятро дар вақт ва макон фарқ мекунад. Дар ин давра мумкин аст аз давом додани ҷиноят даст кашида шавад. Воқеан хатарнокии тайёрӣ ба ҷиноят камтар мебошад. Иҷро кардани ҷиноят таҳдиди бевоситаро ба арзишҳои ҳифзшаванда дар назар дорад, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор дар иҷрои ҷиноят баландтар аст. Он ба қуллае мерасад, ки шахс аллакай ният ва нақшаи ҷиноятиашро иҷро кардааст (дар доираи таркиби дахлдори ҷиноят).

## § 2. Тайёрӣ ба ҷиноят

Моҳияти тайёрӣ ба ҷиноят дар тайёр намудани шароит барои содир кардани ҷиноят, яъне муҳайё сохтани ҳолатҳои мусоид, ки содир шудани ҷиноятро осон мегардонад, зоҳир мегардад.

Дар қисми 1 моддаи 32 КҶ ҶТ тайёрӣ ба ҷиноят ин аз тарафи шахс қасдан ҷустуҷӯ, тайёр ё мувофиқ кардани восита ё олоти содир намудани ҷиноят, ёфтани шарикони ҷиноят, забоняккунӣ барои содир кардани ҷиноят ё қасдан фароҳам овардани шароити дигар барои содир кардани ҷиноят мебошад, агар зимнан ҷиноят бо сабабҳои аз ин шахс вобастанабуда то ба охир расонида нашуда бошад.

Қонуни ҷиноятӣ шаш шакли тайёрӣ ба ҷиноятро пешбинӣ намудааст:

1) тайёр кардани олот ва воситаҳои содир кардани ҷиноят;

2) ҷустуҷӯи олот ва воситаҳои содир кардани ҷиноят;

3) тайёр кардани олот ва воситаҳои содир кардани ҷиноят;

4) ҷустуҷӯи шарикони ҷиноят;

5) маслиҳат дар бораи содир кардани ҷиноят;

6) фароҳам овардани шароити дигар барои содир кардани ҷиноят.

Се шакли аввали тайёрӣ ба ҷиноят ба олот ва воситаҳои содир кардани ҷиноят алоқаманд мебошад. Маҳз олот ва воситаҳои содир кардани ҷиноят ба таъсирбахшии ҷиноят имконият медиҳад, ки хусусиятҳои онҳо дар қонун пурра дарҷ карда шудааст.

Олоти ҷиноят ин ашёе эътироф карда мешавад, ки тавассути он бевосита ҷиноят содир карда мешавад (силоҳ, корд ва ғайра).

Воситаҳои содир шудани ҷиноят ин предмет, механизм, таҷҳизоте мебошад, ки содир кардани ҷиноятро осонтар мегардонад.

Фарқияти байни олот ва воситаи ҷиноят нисбӣ мебошад. Як предмет вобаста ба оне, ки ба сифати чӣ истифода мешавад, метавонад ҳам олот ва ҳам воситаи содир шудани ҷиноят гардад. Масалан, милтиқ (туфанг) аз тарафи шахси ҷиноятсодиркарда барои куштани саг, монеа шудан барои ба манзил даромадан ва ҳам барои куштани посбон истифода карда мешавад. Дар ҳолати якум милтиқ ҳамчун воситаи содир шудани ҷиноят ва дар ҳолати дуюм олоти ҷиноят баромад мекунад.

Тайёр кардан ин сохтан, истеҳсол кардани олот ва воситаи пеш мавҷуднабудаи ҷиноят мебошад.

Мувофиқ кардани олот ва воситаҳои ҷиноят ин аз як шакл ба дигар шакл табдил додани олот ва воситаҳои қаблан мавҷудбудаи

ҷиноят мебошад. Масалан, бурида кӯтоҳ кардани милтиқ. Ҷустуҷӯ тамоми (чун қонунӣ ва ғайриқонунӣ) воситаҳои гирифтани олот ва воситаҳои содир кардани ҷиноят. Онҳо мумкин аст харидани силоҳ аз мағоза, тасарруфи силоҳ аз анбор, ҷустуҷӯи силоҳи гумшуда, аз дигар шахс гирифтан ва ғайра.

Ҷустуҷӯи шарикони ҷиноят ин интихоби шарикон, гирифтани маълумот дар бораи онҳо, вохурӣ, шиносоӣ бо иштирокчиёни эҳтимолӣ.

Маслиҳат дар бораи содир кардани ҷиноят ин муҳокимаронии ду ва зиёда шахсон дар бораи ҳолатҳои содиршавии ҷиноят мебошад.

Фароҳам овардани шароити дигар барои содир кардани ҷиноят. Ин шакли тайёрӣ ба ҷиноят ба таври васеъ зикр карда шудааст. Ин моҳияти ҳар як тайёриро ифода мекунад. Фароҳам овардани шароити дигар мумкин аст дар инҳо зоҳир шавад, омухтани ҳолат ва ҷойи содиршавии ҷиноят, ҷамъ овардани маълумот, банақшагирӣ ва ғайраҳо.

Тайёрӣ мумкин аст бо беҳаракатӣ содир карда шавад. Масалан, посбон дари анборро бо мақсади тасарруф махкам намекунад.

Аз рӯйи аломатҳои субъективӣ тайёрӣ фақат бо роҳи қасдона содир карда мешавад. Аломати ҳатмии тайёрӣ ба ҷиноят ин фосилаи қатъшуда дар ин давра мебошад. Инчунин сабабҳои фосилаи қатъшавии кирдор аҳаммияти муҳим дорад – кирдор бояд бо ҳолатҳои аз иродаи ӯ вобастанабуда қатъ гардад, яъне на иродаи гунаҳгор, балки новобаста аз иродаи ӯ.

Тайёрӣ ба ҷиноят бо аломатҳои ҳуқуқиаш маҳдуд карда шудааст ва танҳо нисбат ба ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин татбиқ мегардад.

Тайёрӣ ба ҷиноят бо ишора ба қисми 2 моддаи 32 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Масалан, тайёрӣ ба куштор бояд бо қисми 2 моддаи 32-104 (қисми 1 ё 2) КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Муҳлат ё андозаи ҷазо барои тайёрӣ ба ҷиноят аз нисфи муҳлати ҳадди аксар ё андозаи болотарини намуди ҷазои сахте, ки дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ барои ҷинояти тамомшуда пешбинӣ гардидааст, зиёд буда наметавонад (қисми 2 моддаи 64 КҶ ҶТ).

## § 3. Суиқасди ҷиноят

Тибқи қисми 3 моддаи 32 КҶ ҶТ сӯиқасди ҷиноят ҳаракати (беҳаракатии) қасдонаи шахс мебошад, ки бевосита ба содир кар-

дани ҷиноят равона гардидааст, агар зимнан ҷиноят бо сабабҳои аз ин шахс вобастанабуда то ба охир расонида нашуда бошад.

Аломатҳои объективии сӯиқасд ба ҷиноят:

1) бевосита ба содир кардани ҷиноят нигаронида шудааст;

2) ба охир нарасонидани ҷиноят;

3) ба охир нарасидани ҷиноят, аз иродаи он шахс новобаста.

Аломати субъективии сӯиқасд ба ҷиноят ин қасд мебошад.

Бевосита будани сӯиқасд ба ҷиноят маънои онро дорад, ки:

1) шахс он кирдореро содир мекунад, ки он дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст;

2) шахс он ҳаракатҳоеро содир мекунад, ки бевосита бо моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ робита дорад.

Масалан, ҳангоми тасарруф кардан шахс молу мулкро аз худ мекунад ё ба даст меорад ва ё ҳолатҳое, ки барои содир намудани ин ҳаракатҳо монеа мешаванд, бартараф мекунад (масалан, ҳангоми ба анбор ворид шудан қулфи дарро мешиканад ва ғайра ва ё ҳангшоми одамкушӣ ба ҷабрдида таъсиррасонии ҷисмонӣ содир мекунад).

Ба охир нарасонидани ҷиноят инҳоро дар бар мегирад:

1) содир накардани ҳамаи ҳаракатҳо (беҳаракатӣ);

2) содир кардани ҳамаи ҳаракатҳо, вале ба вуҷуд наомадани оқибати он, ки тибқи қонун фаро расидани он барои ин таркиби ҷиноятҳо ҳатмӣ аст. Масалан, ба ҷабрдида расонидани зарари ҷисмонӣ, ҳангоми мавҷуд будани қасд барои куштори он.

Илми ҳуқуқи ҷиноятӣ якчанд намудҳои сӯиқасд ба ҷиноятро ҷудо мекунад. Вобаста ба лаҳзаи ба охир расидани кирдор:

1) сӯиқасди хотимаёфта;

2) сӯиқасди хотиманаёфта.

Маънои гурӯҳбандии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии сӯиқасд ҷудо карда мешавад. Ҳангоми сӯиқасди хотимаёфта шахс тамоми он ҳаракатҳоеро, ки барои ба охир расидани ҷиноят заруранд, содир мекунад, аммо натиҷаи он фаро намерасад. Масалан, бо мақсади аз ҳаёт маҳрум кардан ба ҷабрдида тавассути силоҳ оташ кушода мешавад, аммо шахс ба хатогӣ роҳ медиҳад. Сӯиқасди хотимаёфта ба дараҷаи зиёдтари хавфнокӣ ноил мегардад. Ҳангоми сӯиқасди хотиманаёфта баръакс шахс тамоми ҳаракатҳоеро, ки барои ба охир расидани ҷиноят заруранд, иҷро намекунад. Масалан, бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр ба манзил ворид мегардад, аммо бинобар пайдо шудани соҳибхона манзилро тарк мекунад.

Вобаста ба имкониятҳои воқеии ба охир расонидани кирдори ҷиноятӣ, сӯиқасди ҷиноят ба объекти ношоям ва ҷиноят бо предмети ношоям тақсим мешавад. Дар ин намудҳои сӯиқасд мо бо саҳви ҷисмонӣ кор мегирем. Масалан ҳангоми роҳзанӣ ба шахси аллакай вафоткарда тир парронда мешавад. Ё бо чунин шахс аз патрони холӣ истифода мебарад. Дар намуди якуми сӯиқасд объекти ҷиноят мавҷуд нест, аммо шахс саҳван онро вуҷуддошта мешуморад. Дар намуди дуюми сӯиқасд бошад шахс аз воситаҳое, ки имконияти бавуҷуд овардани натиҷаро надорад.

Объекти ношоям ва воситаи ношоям мавҷудияити сӯиқасдро истисно намекунад, зеро аломатҳои он нигоҳ дошта мешавад (ҳаракат, самти он ва ғайра).

Сӯиқасд ба ҷиноят бо ишора бо қисми 3 моддаи 32 ва моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Масалан ҳангоми сӯиқасди куштор ҳаракатҳои шахс бо қисми 3 моддаи 32-104 (қисмҳои 1 ё 2) КҶ ҶТ банду даст карда мешавад.

Муҳлат ё андозаи ҷазо барои сӯиқасди ҷиноят аз чор се ҳиссаи муҳлати ҳадди аксар ё андозаи болотарини намуди ҷазои сахте, ки дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ барои ҷинояти тамомшуда пешбинӣ гардидааст, зиёд буда наметавонад (қисми 3 моддаи 64 КҶ ҶТ).

## § 4. Ҷинояти хотимаёфта

Ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад, агар кирдори содирнамудаи шахс тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар КҶ ҶТ пешбинигардидаро дошта бошад (моддаи 33 КҶ ҶТ).

Бинобар сабаби зиёд будани аломатҳои ҷинояти хотимаёфта, қонунгузорӣ онҳоро пешбинӣ накардааст. Вақти хотимаёфтани ҷиноят мумкин аст, аз хусусиятҳои дар қонун пешбинӣ шудаи он ва ё аз кирдори шахси гунаҳгор вобаста бошад. Масалан, дар ҷиноятҳои бо таркиби кӯтоҳкардашуда, лаҳзаи хотима ёфтани ҷиноят аз вақти содир кардани ҳаракати аввал, бо мсақсади содир кардани он хотимаёфта эътироф мешавад. Чунончи, роҳзанӣ, ки дар қонун ҳамчун ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст, пешбинӣ намудааст.

Ҷиноят бо таркиби расмӣ аз вақти содир кардани он хотимаёфта эътироф мешавад, масалан, моддаи 307 КҶ ҶТ (Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Таркиби расмии ҷиноят лаҳзаи хотимаёфтани онро бо фаро расидани оқибати он, ки ҳамчун аломати ҳатмии он дар қонун пешбинӣ шудааст, алоқаманд мекунад. Масалан, вафот кардан ҳангоми куштор (моддаи 104 КҶ ҶТ) ва ғайра.

Агар таркиби асосии ҷиноятро қонунгузор ҳамчун иҷро накардани ин ё он уҳдадорӣ муайян карда бошад (масалан, моддаи 343 КҶ ҶТ – саркашӣ аз хизмати ҳарбӣ ва алтернативӣ) ё кирдор мунтазам иҷро намудани онро пешбинӣ мекунад (масалан, моддаи 195 КҶ ҶТ ғайриқонуни нигоҳ дошгтани силоҳ) вақти хотима ёфтани онҳо яклаҳзаина набуда, аз давраи содир кардани он то вақти қатъ шудани он бо ихтиёри худи шахси гунаҳгор ва ё бо дахолати шахсони дигар аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ давом меёбад. Дар ин ҳолат ҷиноятҳои дарозмуддат вуҷуд дорад, ки дар ҳар лаҳзаи қатъшавиаш (чун дар давраи аввал ва чун минбаъда, ки солҳо давом ёфтанаш мумкин аст) хотимаёфта эътироф мешавад.

Лаҳзаи хотима ёфтани ҷиноят инчунин аз рафтори шахси гунаҳгор вобастагӣ дошта метавонад. Агар он ҷиноятро дар якчанд ҳолатҳо содир кунад, масалан автомашинаро аз коргоҳи истеҳсоли қисм қисм тасарруф намояд, ҷиноят он гоҳ хотимаёфта ҳисоб карда мешавад, ки агар шахс автомашинаро пурра ба истифода омода созад. Тасарруфи қисмҳои алоҳидаи он ҷинояти хотиманаёфта (сӯиқасд)-ро ташкил медиҳад. Ҷиноятe, ки бо қисмҳо содир мешавад, ҷиноятҳои давомдор номида мешавад.

Давраи ҷинояти хотимаёфта ва шахси онро содиркарда ба ҷамъият хавфнокии зиёдтар, нисбат ба дигар давраҳои ҷиноятро дорад. Ҷазо барои ҷинояти хотимаёфта дар доираи санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинишуда, ҳатто ҳадди аксари онҳо таъйин шуданаш мумкин аст.

Бандубасти ҷинояти хотимаёфта бо ишора ба моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ сурат мегирад. Ҳангоми бандубасти кирдор дар ҷиноятҳои хотимаёфта ишора ба моддаи 33 КҶ ҶТ карда намешавад, чунки моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ аломатҳои пурраи таркиби ҷинояти хотимаёфтаро дар бар мегиранд. Масалан, ҳангоми одамкушии хотимаёфта кирдор бо моддаи 104 (қисмҳои 1 ё 2) ё моддаҳои 105, 106, 107 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда шавад.

### § 5. Ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят

Мувофиқи моддаи 34 КҶ ҶТ бо ихтиёри худ даст кашидан аз ҷиноят он аст, ки агар шахс имконияти то охир расонидани ҷино-

ятро дарк карда, ихтиёран ва ба таври қатъӣ ҳаракатҳои тайёрӣ ё ҳаракати (беҳаракатии) бевосита ба содир намудани ҷиноят равонашударо қатъ кунад.

Аз рӯйи мазмуни моддаи 34 КҶ ҶТ моҳияти ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят дар он ифода меёбад, ки шахс ихтиёран ва қатъиян тайёрӣ ба ҷиноят ё ҳаракати (беҳаракатии) худро, ки бевосита ба содир намудани ҷиноят равона шудааст, қатъ мегардонад. Чунин иродаи шахс бояд қатъӣ бошад, вале агар он муваққатӣ бошад, масалан, бо мақсади фаро расидани шароити беҳтар, пас кирдори шахс боиси бандубасти ҳуқуқии ҷиноятии дахлдор мегардад.

Аз ин рӯ, қонуни ҷиноятӣ ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноятро на ҳамчун ҳолате, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад, балки чун асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашидани шахс пешбинӣ кардааст.

Қобили зикр аст, ки ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят дар сурате ҷавобгарии ҷиноятиро истисно менамояд, ки кирдор дар шакли тайёрӣ ё сӯиқасд бошад. Аз мазмуни қонун чунин бар меояд, ки ҷавобгарӣ дар сурате ба вуҷуд намеояд, ки дар кирдорҳои шахс дигар таркиби ҷиноят мавҷуд набошад.

Танҳо ҳамон ҳаракате ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят эътироф мешавад, ки агар шахс бо иродаи худ онро амалӣ намояд ва ҳамзамон дарк намояд, ки имконияти то ба охир расонидани ҷиноятро дорад. Агар ҷиноят хотима ёфта бошад, пас ҳолати ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ҷой дошта наметавонад. Дар чунин ҳолатҳо амали шахс на ҳамчун ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят, балки чун пушаймонӣ аз кирдор дониста шуда, ҳамчун яке аз ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ва ё яке аз асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун шуда метавонад.

Дар ҳолате, ки сӯиқасд ба ҷиноят низ ба анҷом расад, кирдори шахсро ҳамчун ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят донистан мумкин нест. Масалан, бо мақсади одамкушӣ тир холӣ карда, хато кардан сӯиқасди хотимаёфта дониста мешавад. Дар чунин ҳолатҳо аз кирдори содиршуда даст кашидан аллакай имконнопазир аст. Ваҷҳ оид ба он ки шахс метавонист тири дуюмро холӣ намояд, ҳамчун ихтиёрӣ даст кашидан аз содир намудани ҷиноят баррасӣ намешавад.

Ихтиёрӣ даст кашидан ҳангоми сӯиқасди хотимаёфта танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар байни кирдори содиршуда, ки бевосита ба содир намудани ҷиноят равона шудааст ва оқибати ҷиноятӣ фосила дар инкишофи робитаи сабабӣ мавҷуд бошад ва

шахс имкон дорад фарорасиии оқибатро пешгирӣ намояд ва агар ба он кӯшиш намуда бошад.

Даст кашидан аз ҷиноят то ба охир расонидани он дар сурате ихтиёрӣ дониста шуда, кирдори шахс боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардад, ки агар шахс дарк намояд, ки ҷиноятро то ба охир расонида метавонад, вале бо иродаи худ аз он даст кашад. Маҷбуран даст кашидан боиси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашидани шахс намегардад.

Шарти дигари даст кашидан аз то ба охир расонидани ҷиноят аз он иборат аст, ки шахс ҳаракатҳои ибтидоии барои содир кардани ҷиноят равонакардаашро қатъиян қатъ намояд. Ихтиёрӣ даст кашидан ин қатъиян қатъ намудани фаъолияти ибтидоии барои содир намудани ҷиноят равонашуда бо шарти дарки имконияти воқеъан то ба охир расонидани ҷиноят мебошад.

Ангезаи ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят тарси ошкор гардидани ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ, раҳмдилӣ, ислоҳ шудан ва ғайра буда метавонад.

Аз рӯйи қоидаи умумӣ ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят аз тарафи як субъекти алоҳида сурат мегирад, вале дар таҷриба бисёр ҳолатҳое шудааст, ки шарикон аз содир намудани ҷиноят даст кашидаанд.

Мавҷудияти ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноятро аз рӯйи маҷмӯи ҳолатҳои (шартҳои) зерин муайян намудан мумкин аст:

– то ба охир нарасидани ҷиноят;

– аз ҷониби шахс дарк шудани имконияти то ба охир расонидани ҷиноят;

– ихтиёрӣ даст кашидан;

– қатъиян даст кашидан аз идомаи ҳаракатҳо ё худдорӣ кардан аз онҳо ва ё баръакс зоҳир намудани ҳаракат (масалан, агар дузд аз ҷиноят бо он сабаб даст кашад, ки қулфро кушода натавонист ва бо мақсади дарёфти воситаи дахлдор аз идомаи ҳаракатҳо даст кашад, онро наметавон чун ихтиёрӣ даст кашидан баҳо дод).

Аз рӯйи шартҳои мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят омили замон нақши муҳим доштааст. Яъне, ихтиёрӣ даст кашидан бояд саривақтӣ бошад. Мазмуни меъёри қонун ба он далолат мекунад, ки ихтиёрӣ даст кашидан танҳо дар марҳилаи ҷинояти нотамом (дар марҳилаи тайёрӣ ё сӯиқасд ба ҷиноят) имконпазир аст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаи устувор ҳамон аст, ки ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят дар марҳилаи тайёрӣ ба ҷиноят ва

сӯиқасди хотиманаёфта имконпазир аст. Мувофиқан, агар шахс ҳаракатеро содир кунад, ки барои фарорасии оқибати ҷиноятӣ зарур ва кофӣ аст, вале бо сабабҳои ба иродаи ӯ вобастанабуда онҳо ба вуҷуд наоянду ин шахс низ аз идомаи ҳаракатҳо худдорӣ намояд (мисоли болоӣ вобаста ба хато хӯрдани тир), пас онро чун ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят арзёбӣ намудан нашояд.

Лаҳзае, ки баъд аз он дигар даст кашидан аз ҷиноят имконнопазир аст, одатан бо лаҳзаи аз даст додани назорат аз болои инкишофи робитаи сабабӣ аст. Дар амал муайян намудани ин лаҳза бисёр душвор аст. Дар сарчашмаҳо вобаста ба ин чунин мисол оварда шудааст: пешхизмат бо мақсади заҳролуд карда куштани яке аз мизоҷони ошхона ба қаҳваи ӯ захр ҳамроҳ кардааст. Баъд аз чанде ба назди мизи мизоҷ омада мебинад, ки ҳанӯз ӯ қаҳваро нанӯшидааст. Дар ҳамин лаҳза дар ботинаш ҳисси раҳм пайдо шуда, пиёлаи қаҳваро холӣ мекунад.

Зоҳиран дар ин мисол ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ҷой дорад. Вале масъала чандон сода нест. Азбаски пешхизмат дар як муддати муайян назоратро аз болои инкишофи вазъият аз даст дода буд (дар ин муддат мумкин буд мизоҷ қаҳваро истеъмол намояд), ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки сӯиқасд хислати хотимаёфта дорад. Аз ин нуқтаи назар ҳолати ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ҷой надорад. Оқибати ҷиноятӣ вобаста ба ҳолатҳое, ки аз иродаи пешхизмат вобаста набуд, ба вуҷуд наомад.

Ҳолат ранги дигар мегирифт, агар пешхизмат ҳама амалҳоро таҳти назорат мегирифт. Масалан, баъд аз овардани қаҳва ба мизоҷ амалҳои ӯро мушоҳида карда, ҳамин ки мизоҷ майли нӯшидани қаҳваро мекард, аз дасташ қаҳваро мегирифт ё ӯро огоҳ мекард. Дар чунин ҳолат ихтиёрӣ даст кашидан аз ҳолати одамкушӣ ҷой дорад, зеро вазъият таҳти назорати доимӣ қарор дошта, инкишофи онро ба самти дахлдор равона кардан имконпазир аст.

Қобили зикр аст, ки аз даст додани назорати инкишофи робитаи сабабӣ ҳамеша якранг муайян карда намешавад. Тарзи содир намудани ҷиноят ба он таъсири калон расонида метавонад. Масалан, буғӣ кардан, ғарқ кардан ва ғайра вобаста ба замон давомнок мебошанд, бинобар ин, дарҳол назоратро аз болои инкишофи муносибатҳо аз байн намебарад. Вале аз таппонча тир холӣ кардан ё бо корд зарба задан дарҳол оқибатро ба вуҷуд меоранд, мувофиқан даст кашидан аз чунин амалҳо имконнопазир аст.

Ҳаракатҳое, ки барои қатъи инкишофи натиҷаи ҷиноятӣ баъд аз сӯиқасди хотимаёфта равона шудаанд, ҳангоми таъйини ҷазо ё

озод кардан аз ҷавобгарӣ ба инобат гирифта мешаванд, вале чун ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят бандубаст намегарданд.

Дар таҷриба баъзан мушкилот вобаста ба ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷинояти таҷовуз ба номус ба миён меоянд, вақте ҷинояткор аз тарси он ки шахсони бегона метавонанд ӯро мушоҳида намоянд, истифодаи зӯровариро ҷиҳати алоқаи ҷинсӣ қатъ менамоянд. Агар монеаи воқеӣ ҷой надошта бошад, пас ҳолати ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ҷой дорад. Лекин агар шахс ҳаракатҳои худро бо он асос қатъ намояд, ки шахсони бегона кӯшиши пешгирӣ намудани ҳолати таҷовуз ба номусро намуданианд, пас ҳолати ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ҷой надорад.

Ба эътироф намудани рафтори шахс ҳамчун ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ангезаи он таъсир расонида наметавонад.

Агар шахс бо нияти куштан ба ягон шахс ҷиҳати бартараф намудани муқобилат зарари ҷисмонӣ расонида, вале аз куштор худдорӣ намояд, кирдори ӯ ҳамчун сӯиқасд ба одамкушӣ дониста нашуда, дар қисмати ҷинояти одамкушӣ ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят эътироф карда шуда, барои зарари воқеан расонидааш бо моддаи дахлдор ҷавоб медиҳад. Яъне, ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷинояти вазнин ҷавобгарии ҷиноятиро барои зарари расонида истисно намекунад.

Ҳолати махсуси ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят нисбат ба шарикони ҷиноят ҷой дорад. Мувофиқи қисми 4 моддаи 34 КҶ ҶТ агар ташкилкунандаи ҷиноят ва таҳриккунандаи ҷиноят бо роҳи саривақт хабар додан ба мақомоти ҳокимият ё чораҳои дигари андешидаашон аз ҷониби иҷрокунанда ба охир расонидани ҷиноятро пешгирӣ карда бошанд, онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Агар ёрдамчӣ барои пешгирии содиршавии ҷиноят ҳамаи чораҳои аз ӯ вобастабударо андешида бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад

Агар ҳаракатҳои зикршудаи ба нияти пешгирии ҷиноят равонакардаи ташкилкунанда ва таҳриккунанда аз ҷониби иҷрокунанда содир кардани ҷиноятро пешгирӣ карда натавонанд, чораҳои андешидаи онҳоро ҳангоми таъйин намудани ҷазо ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ҳисоб кардан мумкин аст. Ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноятро бояд аз ҳолати пушаймонӣ аз кирдор фарқ кард.

Пеш аз ҳама умумияти онҳоро нишон медиҳем:

– дар байни асосҳои гуногуни қатъ намудани таъқиби ҷиноятӣ ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ва пушаймонӣ аз кирдор хислати равшани рафторӣ дорад;

– ба сифати субъектони ҳар ду падидаи мазкур шахсоне баромад мекунанд, ки ба синни муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расидаанд ва аллакай хатти муайяннамудаи қонуни ҷиноятиро вайрон кардаанд (гузаштаанд);

– дар тафовут аз дигар падидаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ падидаҳои ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ва пушаймонӣ аз кирдор на танҳо хислати танзимӣ, балки ҳавасмандгардонии рафтори мусбати баъд аз ҷиноятиро доранд.

– ангезаҳои ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ва пушаймонӣ аз кирдор аҳаммияти ҳуқуқӣ надоранд.

Тафовути байни падидаҳои ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ва пушаймонӣ аз кирдор:

– соҳаи фаъолияти падидаи ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят фаъолияти ҷиноятии оғозшуда, вале хотиманаёфта дониста мешавад, падидаи пушаймонӣ аз кирдор бошад, муносибатҳои баъд аз содир кардани ҷиноят ва то маҳкумнамоии он мавриди танзим қарор мегиранд;

– тафовути дуюми падидаҳои ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ва пушаймонӣ аз кирдор дар оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятии онҳо аст. Ҳам дар мавриди ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ва ҳам пушаймонӣ аз кирдор чунин оқибатҳо дар намуди озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва сабук кардани ҷазо баромад карда метавонанд. Вале ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят бо ҳама категорияҳои ҷиноят алоқаманд аст, вале пушаймонӣ аз кирдор аз дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор вобастагии зич дорад. Мувофиқи моддаи 72 КҶ ҶТ шахсе, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна содир кардааст, агар пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шавад ё ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ё зарари расонидаашро талофӣ намояд ё ин ки ба тариқи дигар зиёни расонидаашро рафъ кунад, мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад.

Шахсе, ки категорияи дигари ҷиноятро содир намудааст, дар ҳолати мавҷуд будани шартҳои мазкур танҳо дар ҳолатҳое, ки махсус дар моддаи Қисми махсуси КҶ пешбинӣ гардидаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Масалан, мувофиқи эзоҳи моддаи 130 КҶ ҶТ («Одамрабоӣ») шахсе, ки одами рабудаашро ё ғайриқонунӣ аз озодӣ маҳрум кардаашро ихтиёрӣ озод кунад, агар дар кирдори ӯ таркиби ҷиноятҳои дигар мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои болоӣ ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

– ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят аз озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ аст, на ҳолате, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад;

– ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят низ маврди бандубасти ҳуқуқии ҷиноятӣ мегардад;

– ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят танҳо дар мавриди тайёрӣ ба ҷиноят ва сӯиқасди хотиманаёфта ба ҷиноят имконпазир аст;

– ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷинояти вазнин боиси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарари расонидашуда озод гардидани шахс намегардад;

– падидаҳои ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят ва пушаймонӣ аз кирдор сарфи назар аз умумият аз якдигар тафовут доранд[118].

---

[118] Муфассалтар ниг.: Бобоҷонов И.Ҳ.Масоили мубрами бандубасти ҷиноятҳо (дар назария ва амалия): васоити таълимию амалӣ. Дар се қисм. Қисми 2. Душанбе: «ЭР-граф», 2012. С. 208-215.

# БОБИ XI
# ШАРИКӢ ДАР ҶИНОЯТ

**§ 1. Мафҳум, аломатҳо ва аҳаммияти шарикӣ дар ҷиноят**
**§ 2. Намудҳои шарикӣ дар ҷиноят**
**§ 3. Шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят**
**§ 4. Ҷавобгарии ҷиноятии шарикон. Эксесси иҷрокунанда**

## § 1. Мафҳум, аломатҳо ва аҳаммияти шарикӣ дар ҷиноят

Дар асоси талаботи моддаи 35 КҶ ҶТ иштироки якҷояи қасдонаи ду ё зиёда шахсон дар содир намудани ҷинояти қасдона шарикӣ дар ҷиноят эътироф мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аломатҳои шарикӣ дар ҷиноят ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

1) аломатҳои объективӣ;

2) аломатҳои субъективӣ.

Ба гурӯҳи аломатҳои объективии шарикӣ дар ҷиноят, иштироки ду ё зиёда шахсон ва амали якҷоя дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи аломатҳои субъективии шарикӣ дар ҷиноят, хусусиятҳои қасдонаи он дохил мешавад:

1. Иштироки якҷояи қасдонаи ду ё зиёда шахсон;
2. Якҷоя содир намудани ҷинояти қасдона.

Бисёрии субъектон ҳангоми содир кардани як ҷиноят муқаррар кардани хусусиятҳои ҳуқуқии онро талаб мекунанд: синну сол, шахси воқеӣ, мукаллафӣ. Мавҷуд набудани аломати бисёрӣ дар мазмуни ҳуқуқии ҷиноятӣ шарикиро истисно мекунанд. Инчунин, агар ҳангоми содир кардани ҷиноят як шахси мукаллаф ва як шахси номукаллаф иштирок карда бошанд, ё ҳангоми содир кардани ҷиноят як шарик ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ расида бошаду шарики дигар субъекти ҷиноят набошад, дар ин ҳолат низ шарикӣ вуҷуд надорад.

Якҷоягӣ ҳангоми содир кардани ҷиноят аз чор аломатҳои зерин иборат аст:

1) ҷиноят тавассути кӯшиши якҷояи якчанд шахс содир мешавад;

2) натиҷаи ҷиноят барои ҳамаи шарикон умумӣ ва ягона мебошад;

3) ҳаракати ҳар як шарик дар ҳолатҳои мушаххас ҷинояти умумии онҳо мебошад ва шартҳои зарурии содир шудани ҷиноят аз тарафи дигар шарик ба шумор меравад;

4) натиҷаи ҷиноят ё ҳолати содир шудани ҷиноят дар алоқамандӣ бо робитаи сабабӣ барои ҳар як ҳаракати шарик қарор дорад.

Якҷоягӣ ҷараёни объективии берунаи фаъолияти якчанд шахс ҳангоми содир намудани ҷиноят, мебошад.

Хусусиятҳои мувофиқашуда дар муттаҳид кардани кӯшиши ҳар як шарик ифода мегардад, ки ҳангоми он рафтори шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят иштирок кардааст, имконияти содир шудани ҷиноятро аз тарафи дигар шарик фароҳам меоварад. Ҳаракатҳои мувофиқашудаи шарикон чун қоида бо роҳи маслиҳати шифоҳӣ (созиш) ба роҳ монда мешавад, гарчанде дигар тарзҳои мувофиқоӣ истисно намегарданд (хаттӣ, бо роҳи ҳаракатҳои ишоравӣ ва ғайра).

Шарикӣ танҳо дар ҷиноятҳои қасдона ҷой дошта метавонад. Моҳияти қасд ҳангоми содир кардани ҷиноят дар шарикӣ аз қасди шахсе, ки дар танҳоӣ ҷиноят содир кардааст, фарқ мекунад.

Аломатҳои зеҳнии шарикӣ дар ҷиноят инҳоро дар бар мегиранд:

а) дарки кирдори ба ҷамъият хавфноки худ;

б) дарки кирдори ба ҷамъият хавфноки дигар шарикон.

Ин аломатҳо барои ҷиноятҳои таркиби расмидошта кифоя мебошанд. Дар ҷиноятҳо бо таркиби моддӣ ҳолати зеҳнии қасд бояд оқибати фарорасии кирдори ҷиноятиро низ пешбинӣ намоянд.

Ҳолати иродавии қасд инҳоро дар бар мегирад:

– ҳангоми содир кардани ҷиноят бо таркиби расмӣ хоҳиши содир кардани худи кирдори ҷиноятӣ дар якҷоягӣ;

– ҳангоми содир кардани ҷиноят бо таркиби моддӣ хоҳиши фаро расидани натиҷаи кирдори ҷиноятӣ.

Аз ин рӯ, алоқаи субъективии шарикон бо дарки ҳамаи шарикон дар бораи фаъолияти дигар шахсон ва ҳаракати муттаҳид кардани кӯшишҳои худ барои содир кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок, инчунин хоҳиши фаро расидани натиҷаи он, муайян карда мешавад.

Дар назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ робитаи яктарафа ва дутарафаи шарикон дар содир намудани ҷиноят мавҷуд аст.

Таҳти мафҳуми робитаи дутарафа он робитае фаҳмида мешавад, ки барои фаҳмиши на танҳо ташкилкунанда, балки таҳриккунанда ва ёрдамчӣ дар бораи фаъолияти ҷиноятии иҷрокунанда ва хоҳиши фаъолияти якҷоя бо он, инчунин фаҳмиши иҷрокунанда дар бораи фаъолияти ҷиноятии ҳар яки онҳо ва ҳаракати онҳо барои расидан ба натиҷаи он мебошад.

Робитаи субъективии яктарафа фаъолияти якҷояи шариконро таъмин намекунад ва дар бораи фаъолияти якҷояи онҳо шаҳодат дода наметавонад. Воқеан ҳангоми робитаи субъективии яктарафа шарикӣ дар ҷиноят вуҷуд надорад.

Чун қоида, ба ҷамъият хавфнокии ҷинояте, ки дар шарикӣ содир шудааст, нисбат ба ҷинояте, ки дар алоҳидагӣ содир мешавад, зиёд мебошад. Аз ҷониби якчанд шахс содир кардани ҷиноят, чун қоида, ба фаро расидани натиҷаи ҷиноят суръат бахшида, барои пинҳон кардани осори ҷиноят мусоидат мекунад.

Ҳаракати муттаҳид намудани кӯшиши якҷоя содир кардан ба ноболиғон таъсири сахт мерасонад. Зеро ангезаи содир кардани ҷиноят аз тарафи ноболиғон ин талабот ва ё хоҳиши инфиродӣ набуда, ақидаи гурӯҳ, инчунин гурӯҳи шахсони ба синни ҳаждаҳсолагӣ расида мебошад.

Мазмуни ҳуқуқии ҷиноятии институти шарикӣ дар ҷиноят дар инҳо ифода меёбад:

1. Асосҳои ҷавобгарӣ ва доираи амали якҷояи якчанд шахсон ҳангоми содир кардани ҷиноят, муқаррар карда шудааст;

2. Дар КҶ ҶТ намудҳои шарикӣ муайян карда шудааст: ташкилкунанда, таҳрикунанда, ёрдамчӣ ва иҷрокунанда;

3. Хусусияти шаклҳои шарикӣ, ки зарурати гурӯҳбандии ҷавобгарии ҷиноятии шарикони ҷиноятро вобаста ба дараҷа ва хусусиятҳои кирдораш муайян менамояд;

4. Дар меъёрҳои институти шарикӣ дар ҷиноят ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятии шарикони ҷиноят ба танзим даровaрда шудааст.

Шарикӣ дар ҷиноятро аз дахлдорӣ ба ҷиноят ва кирдори беэҳтиётии якчанд шахс тафовут дорад.

Дахолатпазирӣ ба ҷиноят ин ҳаракати қасдона вобаста ба аз ҷониби шахси дигар содир кардани ҷиноят, аммо ба он мусоидат накардан мебошад. Ба дахолатпазирӣ инҳо дохил мешаванд: пинҳон намудани ҷинояткор, хабар надодан дар бораи ҷиноят ва шахси онро содирнамуда, ба шарте, ки иҷро намудани онҳо пеша-

кӣ ваъда надода шуда бошад. Масалан, шахс баъди содир намудани тасарруф ба рафиқи худ муроҷиат мекунад, ки барои нигоҳ доштани предмети тасарруфкарда ба ӯ кӯмак намояд ва он шахс ба шахси ҷинояткор анборашро барои нигоҳ доштани предмети тасарруфшуда медиҳад, ки дар ин ҳолат шарикӣ вуҷуд надорад, зеро ёрӣ ҳангоме расонида шудааст, ки ҷиноят аллакай ба анҷом расидааст.

Дахлдорӣ ба ҷиноят дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун ҷинояти мустақил баромад мекунад (масалан, хабар надодан дар бораи ҷинояти вазнин ва ё махсусан вазнин (моддаи 347 КҶ ҶТ), ки ҳамсар ва хешовандони наздики шахси содирнамудаи ҷиноят намебошанд; мусолиҳакории шахсе, ки барои пешгирӣ ва роҳ надодан ба ҷиноят вазифадор мебошад, ҳамчун сӯиистифодаи ваколати мансабӣ эътироф мешавад).

Агар шахс пешакӣ (яъне то содир кардани ҷиноят) ба иҷрокунанда дахолатнамоӣ ва мусолиҳакориро ваъда дода бошад, пас дар ин сурат шарикӣ дар ҷиноят вуҷуд дорад, зеро дар ин ҳолат вай мусоидаткунанда ба иҷрокунанда мебошад ва мутобиқан, он шарик эътироф мешавад. Ғайр аз ин, агар шахс пешакӣ пинҳон намудани ҷиноятро ба иҷрокунандаи он ваъда дода бошад ва дар асоси қонун шахси ваъдакарда вазифадор бошад, ки ҷиноятро пешгирӣ (ошкор ва тафтиш) намояд, дар ин ҳолат маҷмӯи ҷиноятҳо мавҷуд аст (ҳам шарикӣ дар ҷиноят ва ҳам ҷиноятҳои мансабӣ).

Тафриқагузории шарикӣ дар ҷиноят ва дахолат намудан ба ҷиноят моҳияти ҳуқуқӣ дорад, зеро шарик дар ҳама ҳолат ҷавобгар аст, аммо шахсе, ки ба ҷиноят дахолат намудааст, танҳо барои он кирдораш ҷавобгар мебошад, ки онро содир намудааст ва ин ҳолатҳо хусусияти маҳдуд доранд.

Шарикӣ дар ҷиноятро, инчунин аз кирдори беэҳтиётии якчанд шахс, ки натиҷаи умумӣ доранд, бояд фарқ кард. Шарикӣ танҳо кирдори қасдона мебошад. Кирдори беэҳтиётӣ шарикиро ташкил карда наметавонад. Масалан, агар ду ронанда аз беэҳтиётӣ ба ҳодисаи садамаи нақлиётӣ бо фаро расидани оқибати вазнин содир карда бошанд, пас онҳо барои кирдори худ мустақилона ҷавобгар мебошанд.

## § 2. Намудҳои шарикӣ дар ҷиноят

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 36 КҶ ҶТ ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ дар баробари иҷрокунанда шарикони ҷиноят эътироф мешаванд.

Асос барои чунин гурӯҳбандии шарикони ҷиноят аз нақши воқеии онҳо, хусусиятҳои ҳаракати содирнамудаи онҳо, инчунин дараҷаи шарикии онҳо дар содир кардани ҷиноят вобаста мебошад. Мақсади чунин баҳодиҳӣ аз он иборат аст, ки ба ҳаракати ҳар як шарик баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода, саҳми иштироки онҳо дар содир кардани ҷиноят муайян карда шуда, дар асоси хусусият ва дараҷаи кирдорашон ҷазои одилона таъйин карда шавад.

Фаъолияти якҷояи ҷиноятӣ ҳангоми шарикӣ маънои онро дорад, ки ҳар як шарик дар содир кардани ҷиноят ва расидан ба натиҷаи ҷинояти умумӣ саҳми худро мегузорад. Аммо, дар ин ҳолат саҳми ҳар як шарик дар содир кардани ҷиноят, якхел нест. Нақши шарикон вобаста ба кирдоре, ки онҳо содир мекунанд, фарқ карда мешавад ва дар ин ҳолат, агар нақшҳо монанд бошанд, яъне хусусиятҳои содиршудаи ҳамон як ҳаракат бошанд, пас саҳми ҳар як шарик ба ҷинояти умумӣ бо сатҳи иштироки онҳо муайян карда мешавад.

Аз ин рӯ, асоси гурӯҳбандии шарикони ҷиноят ин аломатҳои объективии он мебошанд. Фақат онҳо имконият медиҳанд, ки хусусият ва дараҷаи робитаи байниҳамдигарии шарикон ҳангоми содир кардани як ҷиноят муайян карда шавад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба масъалаи мазкур ақидаи дигаре вуҷуд дорад. Дар асоси ақидаи мазкур, тамоми шарикони ҷиноят вобаста ба нақш ва дараҷаи хавфнокии кирдори онҳо ба шарикони асосӣ ва дуюмдараҷа тақсим мешаванд. Шарики асосӣ ин ташкилкунанда ва роҳбари гурӯҳи ҷиноятӣ мебошанд ва шарикони дуюмдараҷа бошанд, боқимонда дигар шарикон ба ҳисоб мераванд.

**Иҷрокунанда** шахсе эътироф мешавад, ки бевосита ҷиноятро содир намудааст ё якҷоя бо шахсони дигар (ҳамиҷрокунандагон) бевосита дар содир намудани он иштирок кардааст, инчунин шахсе, ки бо роҳи истифодаи шахсони дигаре, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд, ҷиноят содир кардааст (қисми 2 моддаи 36 КҶ ҶТ).

Иҷрокунанда кирдореро, ки Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ мекунад, бевосита иҷро мекунад. Тарафи объективии ҷиноят мумкин аст пурра аз тарафи иҷрокунанда ва ё бо иштироки дигар шахсон содир карда шавад. Иҷрокунанда намуди асосии шарикони ҷиноят ба шумор меравад. Маҳз ӯ қувваи дигар шарикони ҷиноятро истифода намуда, мақсади ҷиноятии шариконро амалӣ мекунад. Баҳои ҳуқуқӣ додан ба кирдорҳои дигар шарикони ҷиноят аз ҳаракатҳои содирнамудаи иҷрокунанда вобастагӣ дорад.

**Ташкилкунанда** шахсе эътироф мешавад, ки ҷиноятро ташкил ё ба иҷрои он роҳбарӣ карда бошад, инчунин шахсе, ки гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятиро (ташкилоти ҷиноятӣ) таъсис дода ё ба он роҳбарӣ кардааст (қисми 3 моддаи 36 КҶ ҶТ).

Ташкилкунанда шарики хавфноки шарикони ҷиноят ба шумор меравад. Ташкили ҷиноят – фаъолияти гуногунҷабҳа мебошад. Қонун чор шакли фаъолияти ҷиноятии ташкилкунандаро пешбинӣ мекунад:

1. Ташкили содир шудани ҷиноят;
2. Роҳбарӣ кардан барои содир шудани ҷиноят;
3. Ташкили гурӯҳи мутташаккил ва иттиҳоди ҷиноятӣ;
4. Роҳбарӣ кардан ба гурӯҳи мутташаккил ва иттиҳоди ҷиноятӣ.

Хавфноктарини шаклҳои фаъолияти ҷиноятии ташкилкунанда ин шакли сеюми фаъолияти он, яъне ҳангоме, ки вай гурӯҳи мутташаккил ва иттиҳодӣ ҷиноятиро ташкил мекунад. Гурӯҳи мутташаккил ва иттиҳоди ҷиноятӣ барои содир кардани ҷинояти вазнин ва ё махсусан вазнин ташкил карда мешавад. Ба ҷамъият хавфнокии ташкилкунандаи ҷиноят барои он зиёд мебошад, ки ӯ барои муттаҳид намудани дигар аъзоёни гурӯҳи ҷиноятӣ, нигоҳ доштани интизоми онҳо ва нигоҳ доштани пинҳонкорӣ чораҳои дахлдорро меандешад. Ташкилкунанда мумкин аст, ҳаракатҳои номбаргардидаро шахсан иҷро накарда, иҷрои баъзе онҳоро ба дигар шахс вогузор намояд.

**Таҳриккунанда** шахсе эътироф мешавад, ки шахси дигарро бо роҳи багапдарорӣ, порадиҳӣ (харидан), таҳдид ё ба тариқи дигар ба содир кардани ҷиноят моил кардааст (қисми 4 моддаи 36 КҶ ҶТ).

Моил кардани шахси дигар барои содир кардани ҷиноят маънои онро дорад, ки дар вуҷуди шахси моилгардида қасди содир кардани ҷиноят пайдо мешавад. Таҳриккунанда ба шуур ва хоҳиши шахси таҳриккардашуда таъсир мерасонад, ки ба ӯ мақсади содир кардани ҷиноят пайдо мешавад. Тарзҳое, ки онҳоро таҳриккунанда истифода мебарад, гуногун мебошанд. Қонун якчанд тарзҳои паҳнгардидаи онро номбар намудааст: боварикунонӣ, харидан ва таҳдид. Дар баробари ин, қонун истифодаи тарзҳои дигари моил кардани шахс ба содир кардани ҷиноятро пешбинӣ мекунад.

Тарзҳои моил кардани шахс ба содир кардани ҷиноят ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад:

1. Боварикунонӣ;
2. Маҷбуркунанда.

Ба боварикунонӣ – багапдарорӣ ва порадиҳӣ (харидан) дохил мешавад. Ба гурӯҳи тарзҳои маҷбуркунанда таҳдид ва дигар воситаҳо, масалан, таъсиррасонии ҷисмонӣ, зӯроварӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Боварӣ кунонидан ин ҳаракатҳои таҳриккунанда мебошад, ки ба шахси моилшаванда зарурати содир кардани ҷиноятро боварӣ мекунонад. Таҳти мафҳуми харидан (порадиҳӣ), ин ё он шакли моддии ҳавасмандгардонии шахс барои содир кардани ҷиноят ва ё иштирок дар содир кардани он, фаҳмида мешавад. Таҳдид, ин таъсиррасонии рӯҳӣ ба шахси моилшаванда бо нишон додани оқибатҳои ногувор нисбати шахси моилшаванда барои содир накардани ҷиноят ба шумор меравад.

Таҳриккунӣ дар кадом шакле содир шуда бошад ҳам, он нисбати шахси мушаххас ва барои содир кардани ҷинояти мушаххас равона карда шудааст.

**Ёрдамчӣ** шахсе эътироф мешавад, ки бо маслиҳату дастур, додани маълумот, восита ё олоти содир кардани ҷиноят ё рафъи монеаҳо ба содир намудани ҷиноят мусоидат кардааст, инчунин шахсе, ки пинҳон кардани ҷинояткор, восита ё олоти содир намудани ҷиноят, осори ҷиноят ё ашёи бо роҳи ҷиноят ба даст омадаро пешакӣ ваъда додааст, ҳамчунин шахсе, ки дар хусуси соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани чунин ашёро пешакӣ ваъда додааст (қисми 5 моддаи 36 КҶ ҶТ).

Аз хусусиятҳои ёрдамчӣ маълум мегардад, ки ҳаракатҳои ӯ (дар баъзе ҳолатҳо беҳаракатии ӯ) аз доираи ҷинояти содиркардаи иҷрокунанда берун мебошад. Ёрдамчӣ шахсан дар содир кардани ҷиноят иштирок намекунад, танҳо шароити заруриро барои содир кардани ҷиноят муҳайё месозад. Хавфнокии ҷамъиятии ёрдамчӣ нисбат ба ташкилкунанда ва иҷрокунандаи ҷиноят камтар мебошад, зеро ташаббуси содир кардани ҷиноят аз ҷониби ӯ набуда, вай дар гурӯҳи ҷиноятӣ ё иттиҳоди ҷиноятӣ роҳбарӣ намекунад ва бевосита дар содир намудани ҷиноят иштирок намекунад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ёрдамчии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ мавҷуд аст.

Ба ёрдамчии рӯҳӣ дохил мешаванд: додани маслиҳатҳо; пешниҳод намудани маълумот, пешакӣ ваъда кардани пинҳон кардани ҷиноят, олот ва воситаи содир кардани ҷиноят, изи ҷиноят, ашёҳое, ки бо роҳи ҷиноятӣ ба даст оварда шудааст ва ғайраҳо дохил мешавад.

Ҳаракатҳои ёрдамчии ҷисмонӣ дар пешниҳод намудани воситаҳо ва олоти содир намудани ҷиноят ва бартараф намудани монеаҳо ифода мегарданд.

## § 3. Шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳти мафҳуми шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят робитаи байниҳамдигарии шарикон ҳангоми содир кардани ҷиноят, ки хусусиятҳои зоҳирӣ ва ботинии онро, инчунин дараҷаи хавфнокии муттаҳидии ҷинояткоронро муайян мекунад, фаҳмида мешавад.

Шаклҳои шарикӣ имконият медиҳанд, ки хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содирнамудаи шарикон баҳои дурусти ҳуқуқӣ дода шуда, дуруст бандубаст карда шавад.

Шаклҳои зерини шарикӣ дар ҷиноят мавҷуд мебошанд:

1) шарикии оддӣ (яъне бо ҳам иҷро кардан);

2) шарикӣ бо иҷрои нақшҳои гуногун (шарикии мураккаб);

3) шарикии омехта (гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ).

Ҳангоми шарикии оддӣ ҳамаи шарикон ба пуррагӣ ё қисман аломатҳои тарафи объективии ҷиноят, ки дар моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, содир мекунанд. Масалан, ҳаракатҳои якчанд шахсон ҳангоми аз ҳаёт маҳрум кардани ҷабрдида, ки аломати банди "з" қисми 2 моддаи 104 КҶ ҶТ-ро дар бар мегиранд. Бандубаст намудани ҳаракатҳои шарикони ҷиноят бо як банд ва як қисми моддаи дахлдори КҶ ҶТ маънои ягонагии кирдори шарикон ва ҳаммонандии ҳуқуқии онҳоро дорад. Истилоҳи "оддӣ" маънои хавфи ҷамъиятии кам доштани онро надошта, балки вазифаҳои ба ҳам монанди шариконро ифода мекунад. Хавфнокии шакли шарикии мазкур аз рӯйи қоидаҳои умумӣ баланд мебошад, зеро иҷро кардани он - амалишавии воқеии он мебошад.

Ҳангоми шарикӣ бо иҷрои нақшҳои гуногун, шарикон кирдорҳои ҳархеларо иҷро мекунанд. Ҳангоми ин шакли шарикӣ дар ҷиноят, дар содир кардани ҷиноят ба ғайр аз иҷрокунанда (ҳамиҷрокунанда) дигар шахсон - ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ё ёрдамчӣ иштирок мекунанд.

Шарикӣ бо иҷрои нақшҳои гуногун устувории робитаи байниҳамдигарии онҳоро нисбат ба дигар шаклҳои шарикӣ камтар менамояд, зеро ҳангоми мавҷудияти ин шакли шарикӣ, робитаи зичи шарикон ҷой надорад. Робитаи иҷрокунанда бо дигар шарикон кам буда, чун қоида бо содир шудани як ҷиноят маҳдуд мешавад. Хусусияти аломатҳои тарафи объективии ҷиноят ҳангоми чунин шакли шарикӣ дар он зоҳир мегардад, ки фақат иҷрокунанда ҳаракатҳои (беҳаракатиҳои) тарафи объективии моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ содир мекунад. Дигар шарикон (ташкилкунанда,

таҳриккунанда ва ёрдамчӣ) танҳо барои содир кардани ҷиноят шароит муҳайё месозанд.

Дар асоси талаботи қисми 3 моддаи 37 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятии ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ бо ишора ба моддаи 36 КҶ ҶТ мутобиқи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ муқаррар мегардад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар онҳо дар як вақт ҳамиҷрокунандагони ҷиноят бошанд. Масалан, ҳаракатҳои таҳриккунанда барои содир намудани одамкушӣ бо қисми 3 моддаи 36 ва 104 (қисми 1 ё 2) КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ҷавобгарии шарикон дар шаклҳои оддӣ ва мураккаби шарикӣ аз ҳам фарқ мекунанд.

Шакли омехтаи шарикӣ маънои ҳам ҳаракатҳои монанд ва ҳам ҳаракатҳои гуногуни шариконро дар бар мегирад. Чун қоида шакли омехтаи шарикӣ хусусиятҳои ҳамоҳангии баланди ҳаракатҳои шариконро доро аст (ки вобаста ба тақсими нақшҳо ва вазифаҳои гуногунии онҳо муайян карда мешавад). Бинобар ин, дорои дараҷаи баланди хавфнокӣ низ мебошад. Дар қонунгузорӣ вобаста ба дараҷаи хавфнокӣ якчанд шаклҳои шарикии омехта пешбинӣ шудаанд, ки аз инҳо иборатанд:

1) гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

2) гурӯҳи муташаккил;

3) иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ).

**Гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ.** Ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд (қисми 2 моддаи 39 КҶ ҶТ).

Маслиҳати пешакӣ мумкин аст барои ҳалли масъалаҳои зерин гузаронида шавад:

– тақсими нақшҳо байни шарикон;

– интихоб намудани объекти ҷиноят;

– воситаҳои содир шудани ҷиноят ва дигар ҳолатҳо.

Маслиҳатнокӣ ва ягонагии ҳаракатҳои шарикони ҷиноят хавфнокии ҷамъиятии шакли мазкури шарикиро зиёд мегардонад.

Ҷиноят аз ҷониби **гурӯҳи муташаккил** содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад (қисми 3 моддаи 39 КҶ ҶТ).

Хусусиятҳои асосии шакли мазкури шарикӣ дар устуворӣ ва мақсаднокии он ифода меёбад, ки асосан барои содир кардани якчанд ҷиноятҳо равона карда шудааст. Аммо, содир намудани як

ҷиноят аз тарафи гурӯҳи муташаккил истисно карда нашудааст. Вале, вобаста ба оне, ки аломати ҳатмии ин шакли шарикӣ устувории он ба шумор меравад, содир кардани дигар ҷиноятҳо аз эҳтимол дур нест. Устуворӣ дар муддати тулонӣ мавҷуд будани гурӯҳ, робитаи зиёди байниҳамдигарии аъзоёни гурӯҳ ва нақши онҳо ифода мегардад. Гурӯҳи муташаккил дорои механизмҳои худ мебошад, ки онро шарикони ҷиноят барои самаранокии кирдори ҷиноятии худ таъсис додаанд. Бинобар ин, худи ташкили гурӯҳи ҷиноятӣ (гурӯҳи муташаккил), новобаста аз содир кардан ва ё накардани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳ, ҷинояти мустақил эътироф мешавад. Масалан, ташкил кардани гурӯҳи (дастаи) мусаллаҳи устувор ё иштирок дар он бо мақсади ҳуҷум ба шаҳрвандон ё ташкилот, ҳамчунин роҳбарӣ ба чунин гурӯҳ (даста) (моддаи 186 КҶ ҶТ – бандитизм), ҷинояти хотимаёфта эътироф мешавад.

Хавфноктарин шакли шарикӣ ин муттаҳид шудани шахсон дар **иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ)** ба шумор меравад.

Иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) муттаҳидшавии ду ё якчанд гурӯҳи мутташаккил эътироф мешавад, ки барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин ба ташкилоти устувор таъсис ёфта, фаъолияти он ба тақсимоти вазифаи идоракунӣ, таъмин ва иҷрои мақсадҳои ҷинояткоронаи иттиҳод дар байни аъзои иттиҳод ва сохторҳои он асос меёбад (қисми 4 моддаи 39 КҶ ҶТ).

Аломатҳои иттиҳоди ҷиноятӣ аз инҳо иборат аст:

1) сохтори он (ё иттиҳоди гурӯҳи ҷиноятӣ);

2) роҳбарии ягона;

3) содир кардани як ё янчанд ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин;

Сохтори гурӯҳ маънои онро дорад, ки дар он зинаҳое, ки вазифаҳои махсуси худро иҷро мекунанд, мавҷуд мебошад:

– маркази идоракунӣ;

– шахсе, ки ҷиноятро бевосита содир мекунад;

– шахсе, ки барои таъминоти моддӣ машғул аст;

– шахсе, ки ба пинҳон кардан ва бехатарӣ машғул аст ва ғайра.

Вазифаҳои номбаргардида ва дигар вазифаҳоро гурӯҳи шахсоне, ки ба ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ дохил мешаванд, иҷро мекунанд. Миқёси иттиҳоди ҷиноятӣ маънои онро дорад, ки он барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ё махсусан вазнин (терроризм, экстремизм, одамкушӣ, тасарруф ба миқдори махсусан калон, ғасби гаравгон, одамрабоӣ ва ғайраҳо) муттаҳид карда мешавад.

Фаъолияти чунин иттиҳодияҳои (ташкилотҳои) ҷиноятӣ мумкин аст барои ба таври бевосита ва ё бавосита ба даст овардани фоидаи моддӣ равона шуда бошанд - ғасби корхона, муассиса ва ё биноҳо, бозорҳо, сехҳои истеҳсолӣ, маҳсулотҳо, борҳо, бонкҳо ва ғайра.

Вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шакли мазкури шарикӣ ҳолати ташкили чунин иттиҳод, аллакай ҷиноят мебошад, зеро моддаи 187 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ё ҷиноятҳои махсусан вазнин, ҳамчунин роҳбарӣ ба чунин иттиҳод (ташкилот) ё ба ҷузъу томи таркибии онҳо, инчунин ташкили иттиҳоди ташкилотчиён, роҳбарон ё дигар намояндагони гурӯҳҳои муташаккил бо мақсади таҳияи нақша ва фароҳамоварии шароит барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин пешбинӣ мекунад. Агар шахсе, ки ба ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ дохилшаванда барои содир кардани дигар ҷиноятҳо иштирок кунад, ҳаракатҳои он ҳамчун маҷмӯи ҷиноятҳо бо моддаи 187 ва моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

### § 4. Ҷавобгарии ҷиноятии шарикон. Эксесси иҷрокунандаи ҷиноят

Шарикӣ дар ҷиноят ҳамчун муттаҳидии қувваҳо ҳангоми содир кардани ҷиноят назар ба ҷиноят, ки аз тарафи шахси танҳо содир карда мешавад, ба ҷамъият хавфноктар мебошад. Дар ин ҳолат, ҷавобгарии ҷиноятии шарикони ҷиноят дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд. Хусусиятҳои ҷавобгарии шарикони ҷиноят дар Қисмҳои умумӣ ва махсуси КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудаанд.

Дар асоси муқаррароти қисми 1 моддаи 37 КҶ ҶТ ҷавобгарии шарикони ҷиноят вобаста ба хусусият ва дараҷаи иштироки воқеии ҳар яки онҳо дар содир намудани ҷиноят муайян карда мешавад.

Хусусияти иштироки шарикон дар содир кардани ҷиноят аз рӯйи нақше, ки онҳо ҳангоми содир кардани ҷиноят иҷро мекунанд, муайян карда мешавад. Дараҷаи иштирок аз ҳаҷми амали воқеии иштирокчиён, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят иҷро кардаанд, муайян карда мешавад. Ҳаракатҳои ташкилкунандаи ҷиноят нисбат ба дигар шарикони ҷиноят хавфноктар мебошад, зеро маҳз ташкилкунанда ҷинояти содиршударо ташкил кардааст, барои содир намудани ҷиноят шариконро ҷалб намудааст, барои содир шудани ҷиноят роҳбарӣ намудааст ва ғайра.

Ба дараҷаи хавфнокии иштирок дар содир кардани ҷиноят шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят таъсир мерасонад.

Яке аз масъалаҳои баҳсӣ дар назария вобаста ба шарикӣ дар ҷиноят, ин масъала вобаста ба он ки ҷавобгарии ҷиноятии шарикони ҷиноят аксессорӣ мебошад ва ё мустақил. Назарияи аксессории ҷавобгарии шарикони ҷиноят асоси худро аз инқилоби французии асри XVIII ва яке аз назарияҳои паҳнгашта дар Фаронса, Англия, Германия ва ИМА меёбад. Аз моҳияти принсипи ҷавобгарии аксессории шарикони ҷиноят бар меояд, ки шарикон ҷиноятеро содир мекунанд, ки онро иҷрокунанда амалӣ кардааст ва ҷавобгарии онҳо вобаста ба ҳаракатҳои иҷрокунанда муайян карда мешавад. Агар иҷрокунанда ҷиноятро ба итмом расонида бошад, пас шарикони ҷиноят барои ҷинояти хотимаёфта ҷавобгар мебошанд. Агар иҷрокунанда ҷиноятро ба охир нарасонида бошад, пас шарикони ҷиноят низ барои ҷинояти хотимаёфта ҷавобгар мебошанд. Агар кирдори содирнамудаи иҷрокунанда ҳамчун ҷиноят бандубаст карда нашавад, пас шахсе, ки барои иҷрокунанда кӯмак намуда буд, ҳамчун шарики ҷиноят эътироф намешавад. Аз ин бар меояд, ки агар иҷрокунанда аз содир кардани ҷиноят ихтиёран даст кашида бошад, пас шарикони ҷиноят низ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд ва эксесси (ифроти) иҷрокунанда ба гуноҳи дигар шарикон дохил карда мешавад.

Ҳолатҳои алоҳидаи назарияи аксессории ҷавобгарии шарикони ҷиноят ба баъзе меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ мухолифат мекунанд. Масалан, ба принсипи гунаҳгорӣ (моддаи 7 КҶ ҶТ), адолат (моддаи 8 КҶ ҶТ) ва принсипи ҷавобгарии мустақили шарикони ҷиноят (моддаи 37 КҶ ҶТ). Зеро ҳаракатҳои иҷрокунанда ва дигар шарикони ҷиноят мумкин аст на танҳо бо бандҳо ва ё қисмҳои гуногуни як модда, балки бо моддаҳои гуногуни Қисми махсуси КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд. Ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят аз ҷониби иҷрокунанда, ҷавобгарии ҷиноятии дигар шарикони ҷиноятро истисно намекунад (моддаи 32 КҶ ҶТ) ва дар охир дар асоси талаботи моддаи 38 КҶ ҶТ барои эксесси (ифроти) иҷрокунанда дигар шарикони ҷиноят ҷавобгар нестанд. Ҳолатҳои зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷавобгарии ҷиноятии шарикони ҷиноят вобаста ба хусусият ва дараҷаи иштироки воқеии ҳар яки онҳо дар содир намудани ҷиноят муайян карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як шарик барои кирдори худ ҷавобгар мебошад на барои кирдори иҷрокунанда. Аммо таъсири назарияи акссесории ҷавобгарии ҷиноятиро ба қонунгузории муосири ҷиноятӣ ва дар назария ва амалияи татбиқи он, пурра инкор кардан ғайриимкон

аст. Он бо ягонагии шарикӣ ва ҳаракатҳои шарикон пешакӣ муайян карда шудааст. Масалан, агар иҷрокунанда тайёрӣ ё сӯиқасдро хотима дода бошад, пас дигар шарикони ҷиноят низ бояд барои тайёрӣ ва ё барои сӯиқасд ҷавоб диҳанд. Маҳал ва вақти ҳаракати шарикони ҷиноят маҳал ва вақти ҳаракати иҷрокунанда мебошад. Аломатҳои бандубасткунандаи кирдор, ки ба шахсияти иҷрокунанда тааллуқ надорад, бояд дар ҳаракатҳои дигар шарикони ҷиноят пешбинӣ карда шавад.

**Ифроти (эксесси) иҷрокунандаи ҷиноят.** Ифроти иҷрокунанда ин маънои содир кардани ҷиноят аз тарафи иҷрокунанда, ки шарикони дигар қасди онро надоштанд, эътироф мешавад. Барои ифроти иҷрокунанда дигар шарикони ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд.

Ду намуди ифроти иҷрокунанда мавҷуд аст:

1. Ифроти шумиравӣ;
2. Ифроти сифатӣ.

Ҳангоми ифроти шумиравӣ иҷрокунанда он ҳаркатҳоеро содир мекунад, ки шарикон дар хусуси он маслиҳат намуда буданд, аммо бо ҳолатҳои вазнинкунандаи он. Масалан, шарикони ҷиноят барои содир кардани дуздӣ (яъне тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр) ба миқдори калон маслиҳат намуда буданд, аммо иҷрокунанда дуздиро дар ҳаҷми махсусан калон содир намудааст. Дар ин ҳолат иҷрокунандаи ҷиноят барои дуздӣ ба андозаи махсусан калон (қисми 4 моддаи 244 КҶ ҶТ), дигар шарикони ҷиноят бошанд, барои дуздӣ дар ҳаҷми калон (қисми 3 моддаи 244 КҶ ҶТ) ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ҳангоми ифроти сифатӣ бошад, иҷрокунанда дигар кирдореро, ки бо дигар моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад, содир мекунад. Масалан, шарикон барои содир кардани дуздӣ (моддаи 244 КҶ ҶТ) маслиҳат намуда буданд, аммо иҷрокунанда бо роҳи ғоратгарӣ (моддаи 248 КҶ ҶТ) молу мулкро тасарруф намудааст.

Моҳияти ҳуқуқии ифроти иҷрокунанда дар он ифода меёбад, ки кирдори содирнамудаи иҷрокунанда ҳангоми мавҷудияти ифрот аз доираи маслиҳати гурӯҳ берун содир шудааст ва иҷрокунанда вобаста ба ифроти худ мустақилона ҷавобгар мебошад.

# БОБИ XII
# СЕРШУМОРИИ ҶИНОЯТ

**§ 1. Мафҳум, аломат ва шаклҳои сершумории ҷиноят**
**§ 2. Мафҳум ва намудҳои ҷинояти ягона**
**§ 3. Такрори ҷиноят**
**§ 4. Маҷмӯи ҷиноятҳо**
**§ 5. Ретсидиви ҷиноят**

## § 1. Мафҳум, аломат ва шаклҳои сершумории ҷиноят

Таҳти мафҳуми сершумории ҷиноят аз ҷониби шахс содир намудани ду ё зиёда ҷиноятҳо, новобаста аз мавҷуд будани доғи судӣ барои онҳо, агар аққалан дутои онҳо аҳаммияти ҳуқуқии худро нигоҳ дошта бошанд, фаҳмида мешавад.

Сершумории ҷиноят ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дорои аломатҳои зерин мебошад:

1) содир намудани ду ё зиёда кирдорҳои ҷиноятӣ аз тарафи шахс;

2) ҳар як кирдор таркиби мустақили ҷиноятро ташкил медиҳад (ҷиноятҳо мумкин аст якхела, монанд, ҳархела бошанд);

3) ҳар як ҷинояти содиршуда аҳаммияти ҳуқуқии худро нигоҳ дошта, ба сифати асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ба сифати ҳолати вазнинкунанда баромад мекунад, мисол такрори ҷиноят ё мавҷуд будани доғи судӣ;

4) барои ҷиноятҳои содиршуда монеаҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ҷой надоранд (муҳлати даъво нагузаштааст, санади авф қабул нашудааст).

Вобаста ба монандии ҷиноятҳои содиршуда аз рӯйи хусусияташон, яъне якхела, монанд ё ҳархела будан, инчунин вобаста ба мавҷуд будан ё набудани доғи судӣ барои ҷиноятҳои содиршуда, қонунгузор се шакли сершумории ҷиноятро пешбинӣ мекунад:

а) такрори ҷиноят;

б) маҷмӯи ҷиноят;

в) ретсидиви ҷиноят.

Сершумории ҷиноят оқибатҳои гуногуни ҳуқуқии ҷиноятиро ба вуҷуд меорад. Содир намудани ду ё зиёда ҷиноятҳо, ки барои ягонтоаш шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашудааст, барои таъйини ҷазо мутобиқи моддаи 67 КҶ ҶТ барои маҷмӯи ҷиноятҳо асос мегардад. Агар ҷинояти нав дар вақти аз ҷониби шахс адо намудани ҷазо барои ҷинояти қаблан содирнамудааш содир шавад, чунин маҷмӯи ҷиноятҳо барои таъйини ҷазо мутобиқи моддаи 68 КҶ ҶТ аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо асос мегардад.

Ретсидиви ҷиноят ҳамчун ҳолати вазнинкунанда (банди "а" қисими 1 моддаи 62 КҶ), ки суд бояд ҳангоми таъйини ҷазо ба инобат гирад, пешбинӣ шудааст. Муқаррар кардани ретсидиви ҷиноят бо дарназардошти шартҳои дар моддаи 66 КҶ ҶТ зикргардида, судро уҳдадор мекунад, ки барои ретсидиви ҷиноят вобаста ба намудаш ҷазо таъйин кунад, аз ҷумла муҳлати ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо на камтар аз нисфи муҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо - на камтар аз се ду ҳисса ва дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо - на камтар аз чор се ҳиссаи муҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, буда наметавонад.

Сершумории ҷиноят барои шахси ҷиноят содирнамуда имконияти татбиқи баъзе намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад, зеро чунин озод кардан ҳангоми бори аввал содир намудани ҷиноят имконпазир аст.

Муқаррар кардани шакли сершумории ҷиноят ба бандубасти ҷиноятҳо ва қоидаҳои таъйини ҷазо таъсир мерасонад ва оқибатҳои мухталифи ҳуқуқии ҷиноятиро ба вуҷуд меорад.

Сершумории ҷиноят бояд аз ҷиноятҳои ягона фарқ карда шавад. Зоҳиран аз рӯйи аломатҳои объективӣ сершумории ҷиноят ва ҷинояти ягона метавонанд монанд бошанд ва ҳатто мувофиқат кунанд, лекин бо назардошти дигар аломатҳо, дар як ҳолат сершумории ҷиноят дар ҳолати дигар ҷинояти ягона ҷой дорад.

## § 2. Мафҳум ва намудҳои ҷинояти ягона

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзе ҷиноятҳои ягона ҳастанд, ки сохти дохилиашон мураккаб буда, ба сершумории ҷиноят монанд мебошанд.

Фарқи сершумории ҷиноят аз ҷиноятҳои ягона ифода мегардад дар он, ки:

1) дар ҷинояти ягонаи мураккаб кирдорҳои содиршуда як таркиби ҷиноятро ташкил медиҳанд, дар сершумории ҷиноят бошад, ҳар як кирдори содирнамудаи шахс таркиби мустақили ҷиноятҳоро ташкил медиҳад;

2) дар ҷинояти ягона ҳамаи кирдорҳои содиршуда аз рӯйи як моддаи КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд, дар сершумории ҷиноят бошад, ҳар як кирдори содирнамудаи шахс аз рӯйи моддаи мустақили (ё қисми моддаи) КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷиноятҳои ягона ба ҷиноятҳои ягонаи оддӣ ва мураккаб ҷудо мешаванд.

Ҷинояти ягонаи оддӣ ҷинояте мебошад, ки ба як объект таҷовуз мекунад, аз як ҳаракат (беҳаракатӣ) иборат аст, ки як оқибати ҷиноятиро ба вуҷуд меорад, бо як шакли гуноҳ содир мешавад. Ҷинояти ягонаи оддӣ аломатҳои як таркиби ҷиноятро фаро мегирад ва аз рӯйи як модда ё қисми моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Ҷинояти ягонаи мураккаб бо гуногунии шакл ва хусусиятҳои сохти дохилӣ фарқ карда мешавад. Дар амалияи судӣ-тафтишотӣ масъалаи фарқ кардани ҷинояти ягонаи мураккаб аз сершумории ҷиноят душвориҳоро ба миён меорад. Ҷинояти мураккаб бо аломатҳои як таркиби ҷиноят фаро гирифта шуда, аз рӯйи як моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ намудҳои зерини ҷинояти ягонаи мураккаб ҷудо карда мешавад: дарозмуддат, давомдор, таркибӣ, бо якчанд ҳаракатҳои алтернативӣ, бо ду ҳаракатҳои ҳатмӣ, дуобъекта, бисёробъекта, бо ду шакли гуноҳ.

Ҷинояти дарозмуддат – ин ҳаракат ё беҳаракатие, ки бо муддати дароз иҷро накардани уҳдадориҳои ба гунаҳгор вогузоршуда алоқаманд аст ва таркиби ҷиноят беист идома меёбад. Ҷинояти дарозмуддат аз лаҳзаи содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок хотимаёфта ҳисобида мешавад, лекин дар баробари ин ҷиноят давом дорад ва танҳо аз лаҳзаи дастгир намудани гунаҳгор ё омада ба гуноҳи худ иқрор шудан ҳолати ҷиноятӣ ба итмом мерасад. Мисол, дар ҷинояти гурехтан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё аз ҳабси пешакӣ (моддаи 365 КҶ) ҷиноят аз лаҳзаи гурехтан хотимаёфта ҳисобида мешавад, лекин мумкин аст чанд рӯз, моҳ, сол идома ёбад то ҳозир шудани гунаҳгор ё дастгир кардани гунаҳгор.

Ҷинояти давомдор – ин ҷинояте, ки аз як қатор ҳаракатҳои барои ҷамъият хавфноки баҳаммонанд иборат буда, бо қасди умумӣ содир мешавад ва ба мақсади ягона равона шудааст. Мисол, бо мақсади дуздидани телевизор ҷиноятгкор ҳар рӯз қисмҳои онро

аз корхона мебарорад. Ҷинояти давомдор хотимаёфта ҳисобида мешавад аз лаҳзаи содир намудани охирин ҳаракати (беҳаракатии) ҷиноятӣ.

Ҷинояти таркибӣ – ин ҷиноятҳое, ки аз ду ё зиёда кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок иборат буда, ба объектҳои гуногун зарар мерасонанд ва бо қасди ягона содир мешаванд, мисол, бетартибиҳои оммавӣ (моддаи 188 КҶ). Бетартибиҳои оммавӣ ҷиноятҳои дар ҷараёни бетартибиҳо содиршавандаро фаро мегиранд, аз ҷумла қасдан расонидани зарари вазнин, миёна, сабук ба саломатӣ (моддаҳои 110, 111, 112 КҶ), дуздӣ (моддаи 244 КҶ), ғоратгарӣ (моддаи 248 КҶ), қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (моддаи 255 КҶ), истифодаи зӯроварӣ ба муқобили намояндаи ҳокимият (моддаи 328 КҶ). Қонунгузор дар ҷинояти ягонаи таркибӣ якчанд ҷиноятҳоро пешбинӣ мекунад ва он бояд аз рӯйи як моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ, ки ҷинояти ягонаи таркибиро пешбинӣ мекунад, бандубаст карда шавад. Ҷинояти ягонаи таркибӣ бояд аз маҷмӯи идеалии ҷиноятҳо ҳамчун шакли сершумории ҷиноят фарқ карда шавад.

Ҷиноят бо ҳаракатҳои алтернативӣ кирдори мураккаб мебошад, ки тарафи объективиаш якчанд ҳаракатҳои барои ҷамъият хавфнокро дар бар мегирад ва содир кардани як ё якчанд аз ин ҳаракатҳо таркиби ҷинояти хотимаёфтаро ташкил медиҳад. Агар шахс ғайриқонунӣ силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ё воситаҳои таркишро ғайриқонунӣ соҳиб шавад, ба дигарон диҳад, ба соҳибияти каси дигар диҳад, нигоҳ дорад, интиқол диҳад ё бо худ гирифта гардад, ҷавобгарии ӯ аз рӯйи моддаи 195 КҶ ҶТ фаро мерасад. Ҳар яке аз ин ҳаракатҳо дар алоҳидагӣ ва ё дар якҷоягӣ тарафи объективии як таркиби ҷиноятро ташкил медиҳад. Чунин ҷинояти ягонае, ки бо якчанд ҳаракатҳои алтернативӣ содир мешаванд, бояд аз маҷмӯи ҷиноятҳо ҳамчун шакли сершумории ҷиноят фарқ карда шавад.

Ҷиноят бо ду ҳаракатҳои ҳатмӣ кирдори мураккаб аст, ки тарафи объективиаш аз ду ҳаракатҳои зарурӣ иборат аст. Мавҷуд набудани яке аз ин ҳаракатҳо ё сӯиқасд ба ҷиноятро ташкил медиҳад ё аз ҷой надоштани асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ шаҳодат медиҳад. Ба чунин ҷиноятҳо авбошӣ, тамаъҷӯӣ ва дигар ҷиноятҳо дохил мешаванд.

Ҷиноятҳои дуобъекта ва бисёробъекта ин ҷиноятҳое мебошанд, ки ба ду ё зиёда объектҳои бевосита таҷовуз мекунанд. Мисол, дар ҷинояти монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ, ки аз ҷониби шахси мансабдор содир мешавад (моддаи 258 КҶ),

объекти бевоситаи асосӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияти муътадили соҳибкориро таъмин мекунанд, объекти бевоситаи иловагӣ – фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Ҷиноят бо ду шакли гуноҳ чунин ҷиноятe мебошад, ки дар он шахс дар натиҷаи қасдан содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ дигар оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро мерасонад, ки мувофиқи КҶ ҶТ боиси таъйини ҷазои сахттар мегардад. Тибқи моддаи 30 КҶ ҶТ чунин ҷиноят қасдан содиршуда эътироф мешавад. Мисол, ҷинояти терроризм, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё дигар оқибатҳои вазнин гардидааст (банди "г" қисми 3 моддаи 179 КҶ), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардидааст (банди "в" қисми 3 моддаи 110 КҶ), одамрабоӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё дигар оқибатҳои вазнин гардидааст (банди "д" қисми 3 моддаи 130 КҶ) ва дигарон.

## § 3. Такрори ҷиноят

Такрори ҷиноят яке аз шаклҳои сершумории ҷиноят мебошад. Такрори ҷиноятро ду аломат тавсиф менамоянд:

1) аломати миқдорӣ, яъне дар ҳолати такрори ҷиноят ду ё зиёда ҷиноят содир шудааст;

2) аломати сифатӣ, яъне ҷиноятҳои содиршуда ба ҳам монанд ё якгурӯҳа мебошанд.

Тибқи қисми 1 моддаи 19 КҶ ҶТ такрори ҷиноят кирдоре эътироф мешавад, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми моддаи КҶ ҶТ пешбинишударо содир намудааст. Аз рӯйи қоидаи умумӣ дар вақти гуногун паи ҳам содир намудани ду ё зиёда ҷиноятҳои баҳаммонанд, яъне ҷиноятҳое, ки таркиби ҳамон як ҷиноятро дар бар мегиранд, такрори ҷиноятро ташкил медиҳад. Мисол, баҳаммонанд эътироф мешаванд содир намудани ду ғоратгарӣ (ду ғоратгарии оддӣ ё якумаш ғоратгарии оддӣ, дуюмаш ғоратгарӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда).

Аз ин қоидаи умумӣ истисно ҷой дорад: мувофиқи қисми 2 моддаи 19 КҶ ҶТ содир кардани ду ва ё зиёда аз он ҷинояти дар моддаҳои мухталифи КҶ ҶТ пешбинигардидаро танҳо дар ҳолатҳое такрори ҷиноят ҳисобидан мумкин аст, ки агар он дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ зикр гардида бошад. Яъне, ҷиноятҳои якгурӯҳа низ метавонанд такрори ҷиноятро ташкил

диҳанд, агар дар моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шуда бошанд.

Ҷиноятҳои якгурӯҳа ба объектҳои якхела ё баҳаммонанд бо як шакли гуноҳ таҷовуз мекунанд, аз рӯйи аломатҳои тарафи объективӣ фарқ мекунанд ва аз рӯйи моддаҳои мухталиф бандубаст мешаванд. Мисол, мувофиқи эзоҳи 3 ба моддаи 244 КҶ ҶТ (дуздӣ) таҳти мафҳуми такроран (такрорӣ) дар моддаҳои 244-251, 254 ва 257 КҶ ҶТ ҷиноятe дар назар дошта шудааст, ки агар қабл аз он як ё якчанд ҷинояти пешбининамудаи ҳамин моддаҳо, ҳамчунин дар моддаҳои 186, 194, 199, 202 КҶ ҶТ пешбинишуда, содир шуда бошад. Мисол, пеш аз содир намудани ҷинояти дуздӣ (моддаи 244 КҶ), шахси гунаҳгор ҷинояти бандитизмро (моддаи 186 КҶ) содир карда бошад, кирдори ӯ бояд бо нишонаи такрори ҷиноят аз рӯйи банди "а" қисми 2 моддаи 244 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бандубаст карда шавад. Ҳамин тавр, мувофиқи эзоҳи 2 ба моддаи 319 КҶ ҶТ (гирифтани пора) таҳти мафҳуми такроран (такрорӣ) дар моддаҳои 319, 320, 324 ва 325 КҶ ҶТ ҷиноятe дар назар дошта шудааст, ки агар қаблан як ё якчанд ҷиноятҳои пешбининамудаи ҳамин моддаҳо содир шуда бошад.

Мувофиқи қисми 3 моддаи 19 КҶ ҶТ ҷиноят такрорӣ эътироф намешавад, агар шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда буд ё доғи судӣ барои ин ҷиноятҳо барҳам хӯрда ё бардошта шудааст.

Агар дар моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ аломати такроран содир намудани ҷиноят ҳамчун ҳолати вазнинкунанда пешбинӣ шуда бошад, он барои бандубасти ҷиноят аҳаммият дорад. Агар дар моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ такрори ҷиноят ҳамчун ҳолати вазнинкунанда пешбинӣ нашуда бошад, он гоҳ мувофиқи банди "а" қисми 1 моддаи 62 КҶ ҶТ он ҳангоми таъйини ҷазо ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба инобат гирифта мешавад.

## § 4. Маҷмӯи ҷиноятҳо

Мувофиқи қисми 1 моддаи 20 КҶ ҶТ содир кардани ду ё зиёда аз он кирдори ҷиноятии дар моддаҳои гуногун ё қисмҳои мухталифи ҳамон моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинигардида, ки шахс барои ҳеҷ кадоми он маҳкум нашудааст, маҷмӯи ҷиноят эътироф мешавад. Ҳамзамон, ҷиноятҳое, ки шахс барои содир кардани яке аз онҳо ва ё қаблан тибқи асосҳои муқар-

рарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудааст, ба назар гирифта намешаванд, яъне маҷмӯи ҷиноятҳоро ташкил намедиҳад.

Маҷмӯи ҷиноятҳо аз такрори ҷиноят бо он фарқ мекунад, ки:

1) маҷмӯи ҷиноятҳо фақат аз ҷиноятҳои гуногун ва якгурӯҳа, на аз ҷиноятҳои баҳаммонанд (якхела) иборат аст, барои ҳамин ҳангоми ҷой доштани маҷмӯи ҷиноятҳо ҳар як ҷиноят алоҳида бандубаст карда мешавад;

2) дар маҷмӯи ҷиноятҳо шахс барои ягонто ҷинояти содирнамудааш ҳоло маҳкум нашудааст, барои ҳамин суд бояд барои ҳар як ҷиноят дар алоҳидагӣ ҷазо таъйин кунад.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ду намуди маҷмӯи ҷиноятҳо фарқ карда мешавад:

1) маҷмӯи реалӣ;

2) маҷмӯи идеалӣ.

Дар маҷмӯи реалии ҷиноятҳо ду ё зиёда кирдорҳо паиҳам содир мешаванд, ки ҳар яке аз онҳо таркиби мустақили ҷиноятро ташкил медиҳанд. Ба маҷмӯи реалии ҷиноятҳо аломатҳои зерин мансубанд:

1) мавҷуд будани ду ё зиёда ҷиноятҳои ягона;

2) содир намудани ҷиноятҳо бо ду ё зиёда ҳаракатҳои мустақил;

3) ҳамаи ҷиноятҳо аз рӯйи моддаҳои гуногуни КҶ ҶТ ё аз рӯйи қисмҳои мухташифи ҳамон як моддаи КҶ ҶТ бандубаст карда мешаванд.

Аломати фарқкунандаи маҷмӯи реалии ҷиноятҳо ин аз ҷониби шахс содир намудани ҷиноятҳо бо ҳаракатҳои (беҳаракатии) гуногун мебошад. Ҳаракатҳои мустақили гуногун метавонанд дар вақти гуногун содир шаванд. Мисол, аввал шахс ҷинояти дуздӣ ва пас аз чанд рӯзи дигар ҷинояти авбошӣ содир мекунад. Мумкин аст маҷмӯи реалии ҷиноятҳо ҷой дошта бошад, инчунин дар ҳолатҳое, ки агар ин ҷиноятҳо бо ҳаракатҳои (беҳаракатии) гуногун дар як вақт содир шуда бошанд. Мисол, зимни ғайриқонунӣ нигоҳ доштани силоҳи оташфишон (моддаи 195 КҶ), шахс истифодаи зӯроварӣ ба муқобили намояндаи ҳокимиятро (моддаи 328 КҶ) содир мекунад, ё мисол дар як вақт содир намудани саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андозҳо ва (ё) пардохтҳо (моддаи 293 КҶ) ва иҷро накардани ҳукми суд, ҳалномаи суд ё санади дигари судӣ (моддаи 363 КҶ).

Маҷмӯи реалии ҷиноятҳо мумкин аст аз ҷиноятҳои гуногун ва якгурӯҳа иборат бошад. Ҷиноятҳои гуногун ба объектҳои гуногун зарар мерасонанд, бо шакли гуногуни гуноҳ ва бо тарзи гуногун

содир мешаванд. Мисол, содир намудани ҷинояти дуздӣ (моддаи 244 КҶ) ва гувоҳии бардурӯғ (моддаи 351 КҶ) маҷмӯи реалии ҷиноятҳоро ташкил медиҳад. Ҷиноятҳои якгурӯҳа ҷиноятҳое мебошанд, ки ба ҳамон як объект ё объекти ба он наздик таҷовуз намуда, бо як шакли гуноҳ, тарзҳои ба ҳам монанд содир мешаванд, мисол, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (қисми 1 моддаи 110 КҶ) ва одамкушӣ (қисми 1 моддаи 104 КҶ).

Дар маҷмӯи идеалии ҷиноятҳо як кирдор содир мешавад, ки таркиби ду ё зиёда ҷиноятҳоро дар бар мегирад (қисми 2 моддаи 20 КҶ). Ба маҷмӯи идеалии ҷиноятҳо аломатҳои зерин мансубанд:

1) мавҷуд будани фақат як кирдор;

2) оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо моддаҳои гуногун ё қисмҳои моддаи КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Ҳангоми маҷмӯи идеалии ҷиноятҳо ҳаракате, ки тавассути он субъект ду ё зиёда ҷиноятро содир мекунад, баъзан хусусияти як ҳаракати ягонаро дорад. Мисол, ҷинояткор хонаро оташ мезанад ва шахси дигарро аз ҳаёт маҳрум месозад. Ҳамин тавр, ҷинояткор ба ҳавлии истиқоматии ҷабрдида даромада, мебинад, ки ҷабрдида хоб аст, аз ангезаи қасосгирӣ ба дари хона бензин пошида, оташ мезанад. Дар натиҷаи сӯхтор манзили истиқоматӣ ва тамоми molу мулки дар манзили истиқоматӣ мавҷудбуда несту нобуд мешаванд, ҷабрдида бошад, аз захмҳои сӯхтаи сахт баъд аз ду рӯз дар беморхона вафот мекунад. Ҷинояткор дар ин ҳолат бо як ҳаракати ҷиноятӣ, яъне оташ задани манзили истиқоматии ҷабрдида ду ҷиноятро содир мекунад: 1) қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк бо роҳи оташ задан (банди “а” қисми 2 моддаи 255 КҶ); 2) одамкушӣ бо бераҳмии махсус (банди “е” қисми 2 моддаи 104 КҶ).

Маҷмӯи идеалии ҷиноятҳо бо расонидани зарар ба як объекти бевосита имконпазир аст. Мисол, ҷинояткор дар рафти занозанӣ бо ҳамсояаш ба ӯ аз силоҳи оташфишон тир холӣ кард, лекин тираш хато хӯрда, ба шахси дигар, ки ногаҳон дар ҷойи ҳодиса пайдо шуд ва гунаҳгор ӯро надида буд, расид, ки дар натиҷа марги ин шахс фаро мерасад. Дар ин ҳолат маҷмӯи идеалии ҷиноятҳо ҷой дорад ва ҳаракатҳои шахси гунаҳгор бояд аз рӯйи қисми 3 моддаи 32, қисми 1 моддаи 104 Кодекси ҷиноятӣ ва қисми 1 моддаи 108 КҶ ҶТ ҳамчун сӯиқасд ба ҳаёти як шахс ва аз беэҳтиётӣ ба марг расонидани шахси дигар бандубаст карда шавад.

Маҷмӯи идеалии ҷиноятҳо ҷой дорад, инчунин дар ҳолатҳое, ки ҷинояткор бо як ҳаракат ба ягон объекти ҷиноят таҷовуз мекунаду дар як вақт таркиби дигар ҷинояти хотимаёфтаро иҷро мекунад. Мисол, ҷинояткор бо мақсади содир намудани одамкушӣ ба

сӯи шахси дигар аз силоҳи оташфишон тир холӣ мекунад, лекин тираш хато мехӯрад ва ба систернаи сӯзишворӣ мерасад, ки дар натиҷа сӯхтор бо таркиш рух медиҳад. Дар ин мисол ҷинояткор бо як ҳаракат, яъне ба ҷабрдида аз силоҳи оташфишон тир паронидан ду ҷиноят содир мекунад: сӯиқасд ба одамкушӣ (қисми 3 моддаи 32, қисми 1 моддаи 104 КҶ) ва аз беэҳтиётӣ несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (моддаи 256 КҶ).

Аз маҷмӯи идеалии ҷиноятҳо бояд рақобати меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ фарқ карда шавад. Дар рақобати меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳамон як кирдор таҳти амали ду меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ қарор дорад, ки яке аз онҳо меъёри умумӣ буда, дигараш меъёри махсус аст, яъне ин меъёр яке аз намудҳои кирдори дар меъёри умумӣ баёншударо пешбинӣ мекунад. Мутобиқи қисми 4 моддаи 20 КҶ ҶТ агар ҷиноят аз ҷониби меъёрҳои умумӣ ва махсус пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ маҷмӯи ҷиноят ҷой надорад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси меъёри махсус ба миён меояд. Мисол, ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ бо тарзҳои гуногун содир шуданаш мумкин аст, аз ҷумла бо роҳи ғайриқонунӣ ҷойгир намудан дар шифохонаи бемориҳои руҳӣ. Ин кирдор дар як вақт таҳти амали ҳам моддаи 131 КҶ ҶТ - ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ, ҳам моддаи 133 КҶ ҶТ - ғайриқонунӣ ҷойгир намудан дар шифохонаи бемориҳои руҳӣ қарор мегирад. Аз ин ду меъёр моддаи 133 КҶ ҶТ меъёри махсус аст ва ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯйи он ба миён меояд.

## § 5. Ретсидиви ҷиноят

Ретсидиви ҷиноят яке аз шаклҳои сершумории ҷиноят мебошад ва дар моддаи 21 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи қисми 1 моддаи 21 КҶ ҶТ содир намудани ҷинояти қасдона аз тарафи шахсе, ки қаблан барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад, ретсидиви ҷиноят  эътироф мешавад. Аз ин муқаррарот бар меояд, ки ретсидиви ҷиноят ҷой дорад, агар:

1) ҳар як ҷинояти ретсидивро ташкилкунанда қасдона бошад;

2) барои ҷинояти қаблан содиршуда доғи судӣ барҳам нахӯрда ё бардошта нашуда бошад.

Аз рӯйи дараҷаи хавфнокӣ се намуди ретсидиви ҷиноят фарқ карда мешавад:

1) ретсидиви оддӣ;

2) ретсидиви хавфнок;

3) ретсидиви махсусан хавфнок.

Ретсидиви оддӣ ин содир намудани ҷинояти қасдона аз ҷониби шахсе мебошад, ки барои ҷинояти қасдонаи қаблан содиркарда доғи судӣ дорад.

Ретсидиви хавфноки ҷиноят дар ҳолатҳои зерин ҷой дорад:

а) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан на камтар аз ду маротиба барои қасдан содир намудани ҷиноятҳои дараҷаи миёна ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;

б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан барои содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;

в) дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин, агар ин шахс қаблан барои содир намудани ҷинояти вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад (қисми 2 моддаи 21 КҶ).

Ретсидиви махсусан хавфнок дар ҳолатҳои зерин ҷой дорад:

а) дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин, агар ин шахс қаблан ду маротиба барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад;

б) дар ҳолати содир намудани ҷинояти махсусан вазнин, агар ин шахс қаблан ду маротиба барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин маҳкум шудааст, ё ин ки қаблан барои содир намудани ҷинояти махсусан вазнин маҳкум шуда бошад (қисми 3 моддаи 21 КҶ).

Мутобиқи қисми 4 моддаи 21 КҶ ҶТ ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят ба назар гирифта намешавад:

а) доғи судӣ барои ҷиноятe, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст;

б) доғи судӣ барои ҷиноятe, ки нисбати он шартан татбиқ накардани ҷазо ё ин ки аз рӯйи он мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм татбиқ гардидааст, агар шартан татбиқ накардани ҷазо ё мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм бекор карда нашуда бошад ва шахс барои адо намудани ҷазо ба ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ фиристода нашудааст, инчунин доғи судие, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 84 КҶ ҶТ барҳам хӯрдааст ё бардошта шудааст.

Дар банди 6 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2002, № 7 “Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ нмудани қонунгузорӣ оиди ретсидиви ҷиноят” (бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 июни соли 2010, №19 ва аз 25 майи соли 2017, №17 воридгардида) зикр гардидааст, ки: “Судҳоро лозим аст ба инобат гиранд, ки доғи судӣ мумкин аст на танҳо бо тартибе, ки дар моддаи 84 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, балки боз бо қабули санади авф ва бахшиши ҷазо, ки дар ин бора во-

зеҳан дар моддаҳои 82 ва 83 КҶ ҶТ гуфта шудааст, бардошта шавад”.

Ретсидиви ҷиноят мутобиқи банди “а” қисми 1 моддаи 62 КҶ ҶТ ҳолати вазнинкунандаи ҷазо мебошад. Агар ретсидиви ҷиноят бо моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷиноят пешбинӣ шуда бошад, суд онро такроран ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба инобат гирифта наметавонад. Хусусиятҳои таъйини ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо дар моддаи 66 КҶ ҶТ муқаррар шудаанд.

Ретсидиви ҷиноятҳо барои таъйин намудани намуди муассисаи ислоҳӣ таъсир мерасонад: вобаста ба шартҳои пешбининамудаи қонун колонияи ислоҳии дорои низоми сахт, колонияи ислоҳии дорои низоми махсус ё маҳбас муайян карда мешавад (моддаи 58 КҶ).

Ҳамин тариқ, ретсидиви ҷиноят оқибатҳои ҳуқуқии зеринро ба вуҷуд меорад:

1) ҳолати вазнинкунандаи ҷазо эътироф намудани ретсидиви ҷиноят;

2) вазнинкунии ҳатмии таъйини ҷазо;

3) таъин кардани намуди муайяни муассисаи ислоҳӣ.

# БОБИ XIII
# ҲОЛАТҲОЕ, КИ ҶИНОЯТ БУДАНИ КИРДОРРО ИСТИСНО МЕКУНАНД

**§ 1. Мафҳум ва намуди ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд**
**§ 2. Мудофиаи зарурӣ**
**§ 3. Расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст**
**§ 4. Зарурати ниҳоӣ**
**§ 5. Маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ**
**§ 6. Таваккали асоснок**
**§ 7. Иҷрои фармон ё амр**

## § 1. Мафҳум ва намудҳои ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд

Ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд – ин ҳолатҳое мебошанд, ки ҳангоми ҷой доштани онҳо кирдорҳои шахс гарчанде зоҳиран дорои аломатҳои таркиби ҷинояти бо моддаи дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда бошанд ҳам, вале барои ҳимояи манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсият, ҷамъият ва давлат содир шудаанд ва вобаста ба ин кирдори ҷиноятӣ эътироф намешаванд. Асоси ҳолатҳоеро, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, муносибатҳои ҳуқуқии ваколатдоркунанда ташкил медиҳанд. Ҷиноят будани кирдорро истисно кардан, ин яъне истиснои аломатҳои ҷиноят – барои ҷамъият хавфнокӣ, зиддиҳуқуқӣ будан, гунаҳгорона содир шудан ва сазовори ҷазо будани он мебошад.

Дар боби 8 КҶ ҶТ шаш ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, пешбинӣ шудаанд:

1) мудофиаи зарурӣ;

2) расонидани зарар ҳангоми дастгир кардани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст;

3) зарурати ниҳоӣ;

4) маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ;

5) таваккали асоснок;

6) иҷрои фармон ё амр.

Ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, дорои аломатҳои зерин мебошанд:

1) онҳо ба кирдорҳое, ки зоҳиран ба ҷиноятҳое, ки ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда зарари ҷиддӣ мерасонанд, монанданд, алоқаманд мебошанд;

2) онҳо мақсадҳои барои ҷамъият фоиданок доранд, яъне ҳимояи манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда;

3) онҳо бояд ба шартҳои қонунӣ будани онҳо, ки дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, ҷавобгӯ бошанд;

4) риоя нашудани шартҳои қонунӣ будани ин ҳолатҳо табиати ҳуқуқии ин ҳолатҳоро тағйир медиҳад ва дар он сурат онҳо ба сифати ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо баромад мекунанд.

Ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, бояд аз дигар меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, мисол аз қувваи бозгашт доштани қонуни нави ҷиноятӣ (моддаи 13 КҶ), камаҳаммиятии ҷиноят (қисми 2 моддаи 17 КҶ), содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ нарасидааст (моддаи 23 КҶ), содир намудани ҷиноят дар ҳолати номукаллафӣ (моддаи 24 КҶ), бегуноҳ расонидани зарар (моддаи 31 КҶ), ки ҷиноят будани кирдорро на бинобар қонунӣ будани ҳаракатҳои зоҳиран ба ҷиноят монанд, балки бинобар набудани ягон аломати таркиби ҷиноят, истисно мекунанд, фарқ карда шаванд.

## § 2. Мудофиаи зарурӣ

Мудофиаи зарурӣ яке аз ҳолатҳое мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад. Мудофиаи зарурӣ дар моддаи 40 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Мутобиқи қисми 1 моддаи 40 КҶ ҶТ ҳаракате, ки дар ҳолати мудофиаи зарурӣ, яъне ҳангоми ҳимояи шахсият ва ҳуқуқҳои мудофиакунанда ё шахси дигар, манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи ҷомеа ё давлат аз таҷовузи барои ҷамъият хавфнок бо роҳи расонидани зарар ба таҷовузкунанда содир шудааст, агар ин таҷовуз бо зӯроварии барои ҳаёти мудофиакунанда ё шахси дигар хавфнок ё ин ки бо таҳдиди бевоситаи истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд бошад, ҷиноят ҳисобида намешавад.

Мақсади мудофиаи зарурӣ дар амалӣ намудани ҳимояи шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ифода мегардад.

Мутобиқи қисми 4 моддаи 40 КҶ ҶТ шахс, сарфи назар аз имконияти халос шудан аз таҷовуз, новобаста аз тайёрии касбӣ ё ди-

гар тайёрии махсус ё мақоми хизматиаш ё имконияти ба шахсони дигар ё мақомоти ҳокимият барои кӯмак муроҷиат карданаш, ба мудофиаи зарурӣ ҳуқуқ дорад.

Ҳуқуқ ба мудофиа ҳуқуқи табиии ҳар як инсон ба ҳисоб меравад, новобаста аз тайёрии касбӣ ё дигар намуди тайёрии махсуси ӯ. Шаҳрванди дилхоҳ метавонад аз ҳуқуқ ба мудофиаи зарурӣ истифода барад ва  тибқи қонун ӯ уҳдадор нест, ки ин ҳуқуқи худро татбиқ намояд, ба истиснои шахсоне, ки ҳимояи манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва давлат уҳдадории вазифавии онҳо мебошад, мисол, кормандони милитсия. Ҳуқуқ ба мудофиаи заруриро шахс метавонад новобаста аз он, ки метавонист аз таҷовуз халос шавад, мисол бо роҳи гурехтан аз авбош ё метавонист барои кӯмак ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ муроҷиат намояд, мисол ба намояндаи ҳокимияти давлатӣ, ки дар наздикӣ қарор дошт, амалӣ намояд.

Мудофиаи зарурӣ дар он маврид ҳолате, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад эътироф мешавад, агар он қонунӣ бошад. Аломатҳое, ки қонунӣ будани мудофиаи заруриро муайян мекунанд, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) аломатҳое, ки ба таҷовуз дахл доранд;

2) аломатҳое, ки ба ҳимоя дахл доранд.

Ба аломатҳое, ки ба таҷовуз дахл доранд аломатҳои зерин мансубанд:

1. Таҷовуз бояд барои ҷамъият хавфнок бошад, яъне кирдоре бошад, ки дар Кодекси ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят пешбинӣ шудааст ва бо зӯроварии барои ҳаёти мудофиакунанда ё шахси дигар хавфнок ё ин ки бо таҳдиди бевоситаи истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд бошад.

2. Таҷовуз бояд ҳақиқӣ бошад, яъне дар амал ҷой дошта бошад, на дар хаёли шахси мудофиакунанда. Дар акси ҳол вазъияти мудофиаи фарзӣ (хаёлӣ), яъне мудофиа аз таҷовузи фаразӣ (хаёлӣ) ба миён меояд. Ҳақиқӣ будани таҷовуз барои фарқ кардани мудофиаи зарурӣ аз мудофиаи фаразӣ (хаёлӣ) имконият медиҳад. Дар мудофиаи фаразӣ (хаёлӣ) саҳви воқеӣ ҷой дорад ва шахс саҳван ба вазъияти ҷойдошта нодуруст баҳо дода, хаёл мекунад, ки пеши роҳи таҷовузи барои ҷамъият хавфнокро гирифта истодааст ва ба шахси дигар зарар мерасонад. Дар мудофиаи фаразӣ (хаёлӣ) саҳв мумкин аст бо баҳои нодуруст додан ба кирдори шахси дигар ҳамчун таҷовузи барои ҷамъият хавфнок алоқаманд бошад. Мумкин аст саҳв дар шахсияти таҷовузи ҷиноятиро содиркунанда ҷой

дошта бошад, яъне зарар ба шахсе расонида мешавад, ки саҳван ҳамчун таҷовузкунанда ҳисоб карда мешавад.

Барои мудофиаи фаразӣ (хаёлӣ) ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолатҳое истисно мегардад, ки агар вазъияти таҷовуз барои ҳисобидани он, ки дар ҳақиқат таҷовузи ҷиноятӣ ҷой дошт асосҳои кофиро ба вуҷуд орад ва шахс саҳви худро дарк намекунад ва дарк карда ҳам наметавонист, яъне сухан дар бораи бегуноҳ расонидани зарар меравад.

Дар ҳолате, ки агар шахс дар ҳақиқат ҷой надоштани таҷовузи барои ҷамъият хавфнокро дарк накунад, вале бояд ё метавонист онро дарк кунад, ӯ барои содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Таҷовузи барои ҷамъият хавфноки ҳақиқӣ дар ҳолати иғвои мудофиа, яъне қасдан барангехтани вазъияте, ки шахс ҳамчун асос барои расонидани зарар ба шахси дигар истифода мебарад, ҳамчунин ҷой надорад.

3) Таҷовуз бояд дар воқеъ мавҷуд бошад, яъне таҷовуз бояд оғоз шуда бошад ё таҳдиди бевоситаи дар ҳақиқат содир шудани он аён бошад ва ҳоло ба итмом нарасида бошад, ё ба итмом расида бошаду, лекин барои мудофиакунанда лаҳзаи ба итмом расидани таҷовуз ноаён бошад.

Ба аломатҳое, ки ба ҳимоя дахл доранд аломатҳои зерин мансубанд:

1) ҳимоя бояд барои ҳимояи манфиатҳои шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои мудофиакунанда ё шахси дигар, манфиатҳои ҷамъият ва давлат равона шуда бошад;

2) ҳангоми ҳимоя зарар бояд фақат ба таҷовузкунанда расонида шавад, мисол ба саломатӣ зарар расонидан, расонидани зарари молумулкӣ ва дигар зарар;

3) ҳимоя бояд аз ҳадди мудофиаи зарурӣ набаромада бошад.

Баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ ҳаракатҳои қасдона содиршавандае мебошанд, ки баръало ба хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии таҷовуз мувофиқ нестанд. Дар ҳолати баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ ба таҷовузкунанда зарари хеле вазнин расонида мешавад, ки баръало зарурат надошт.

Баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ танҳо дар ҳолати содир намудани таҷовузе, ки бо зӯроварии барои ҳаёти шахси мудофиакунанда ё шахси дигар хавфнок ё таҳдиди бевоситаи татбиқи чунин зӯроварӣ алоқаманд нест, ҷой дошта метавонад.

Дар ҳолатҳои ҳаяҷони сахти руҳӣ, тарс, ки дар натиҷаи таҷовузи нобаҳангом, хусусан ҳуҷум ба вуҷуд меоянд, мудофиаку-

нанда на дар ҳамаи ҳолатҳо қодир аст, ки ба хусусияти хавфнокии таҷовуз ба таври объективӣ баҳо диҳад ва воситаи мувофиқи мудофиаро интихоб намояд. Бинобар ин тибқи қисми 3 моддаи 40 КҶ ҶТ дар чунин ҳолатҳо ҳаракатҳои шахси мудофиакунанда баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ ҳисобида намешаванд.

Қасдан баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ барои ҷамъият хавфнок аст, бинобар ин дар ҳолати одамкушӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ (қисми 1 моддаи 107 КҶ ва моддаи 114 КҶ ) шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

### § 3. Расонидани зарар ҳангоми дастгир намудани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст

Расонидани зарар ҳангоми дастгир намудани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст дар моддаи 41 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва яке аз ҳолатҳое мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад. Ҳангоми дастгир намудани шахси ҷинояткор бо мақсади ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ супоридани ӯ ё пешгирии имконияти аз ҷониби ӯ содир намудани ҷиноятҳои нав, маҷбуран зарар расонидан ба ҷинояткор рафтори барои ҷамъият фоиданоки шахси дастгиркунанда мебошад, ки бо ин рафтори худ дар ҷодаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ саҳми босазо мегузорад.

Ҳуқуқи дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамударо на фақат кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки инчунин ҷабрдидагон ва шаҳрвандони дигар низ доранд.

Ҳамчун асос барои расонидани зарар ба ҷинояткор ҳангоми дастгир намудани ӯ содир намудани ҷиноят аз ҷониби ҷинояткор ва саркашӣ намудани ӯ аз ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ супоридани ӯ баромад мекунад. Бояд маълумоти дақиқ дар бораи ҷиноят содир намудани шахс ҷой дошта бошад. Дар хусуси содир намудани ҷиноят метавонанд шаҳодат диҳанд мисол, изи ҷиноят дар либос, маълумот ва хабари расонидаи ҷабрдида ё шоҳидон, дар ҷинояткор пайдо намудани олоту воситаи содир намудани ҷиноят ё ашёи бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда ва дигар ҳолатҳо. Дар асоси акси ҷинояткор ё акси тартибдодаи (фотороботи) ӯ, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ паҳн намудаанд, боварии қатъӣ ҳосил кардан мумкин аст, ки маҳз шахси ҷиноятсодирнамуда дастгир шуда истодааст. Аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ паҳн кардани акс ва акси тартибдодаи (фотороботи) ҷинояткор ҳангоми содир шудани

ҷиноятҳои хавфнок ҷой дорад, мисол, ҳангоми содир шудани силсилаи одамкушӣ ва таҷовуз ба номусҳо, роҳзанӣ, гурехтан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ.

Кӯшиши аз дастгир шудан саркашӣ намудани ҷинояткор маънои онро дорад, ки ҷинояткор кӯшиш мекунад, ки пинҳон шавад. Агар ҷинояткор зимни дастгир кардан муқобилияти фаъолона нишон диҳад, зӯриро истифода барад ва бо ин таҷовузи нав содир кунад, шахси дастгиркунанда ҳуқуқ ба мудофиаи заруриро пайдо мекунад. Ҳаракатҳои ҳамчун дастгир кардани ҷинояткор оғозгардида дар ҳолати муқобилияти мусаллаҳона нишон додани ҷинояткор ба мудофиаи зарурӣ аз таҷовузи хавфнок сабзида мерасад.

Ҳаракатҳо оид ба расонидани зарар ба ҷинояткор ҳангоми дастгир намудани ӯ бояд ба шартҳои зерин мувофиқат кунанд:

1) зарар танҳо ба ҷинояткор расонида мешавад;

2) зарар танҳо бо роҳи содир намудани ҳаракатҳо расонида мешавад;

3) зарар дар давоми давраи маҳдуди вақт расонида мешавад;

4) зарар расонидан чораи маҷбурӣ мебошад;

5) зарарро шахсони дилхоҳ расонида метавонанд;

6) зарар бо мақсади муайян, ки дар моддаи 41 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, яъне ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ супоридани ҷинояткор ё пешгирии имконияти аз ҷониби ӯ содир намудани ҷиноятҳои нав расонида мешавад;

7) бояд баромадан аз ҳадди чораҳои зарурӣ барои дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамуда ҷой надошта бошад.

Талабот оид ба расонидани зарар фақат ба шахси ҷиноятсодирнамуда на ба шахсони дигар, маънои онро дорад, ки зарари расонидашуда ба шахси ҷиноятсодирнамуда, ки бинобар номукаллафӣ ё ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ нарасидан таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор дода намешавад, бо падидаи дастгир намудани ҷинояткор (дар фарқ аз мудофиаи зарурӣ) фаро гирифта намешавад. Қоидаҳои расонидани зарар ҳангоми дастгир намудан нисбат ба шахсони бо содир кардани ҷиноят алоқаманднабуда, вале дар наздикии шахси ҷиноятсодирнамуда қарордошта низ, паҳн намешаванд. Зараре, ки ба чунин шахсон расонида мешавад, мисол ҳангоми истифодаи силоҳи оташфишон барои дастгир намудани ҷинояткор, мумкин аст вобаста ба ҳолатҳои воқеии кор аз рӯи қоидаҳои зарурати ниҳоӣ ё таваккали асоснок, ё ҳамчун ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда баррасӣ гардад.

Ҳуқуқ ба расонидани зарар ҳангоми дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамуда аз лаҳзаи аз ҷониби ӯ содир намудани ҷиноят

ва саркашӣ намудан зимни дастгир кардан ба миён меояд, на аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукми суд, бинобар ин ҷиноят ҳисобидани кирдори содиршуда шартан аст, зеро ҷиноят будани кирдорро суд муайян мекунад. Муҳим аст, ки шахси дастгиркунанда комилан боварӣ дошта бошад, ки зарар маҳз ба ҷинояткор расонида шуда истодааст.

Ҳангоми дастгир намудани ҷинояткор ҳамеша ҳаракатҳое содир мешаванд, ки ба ҷинояткор зарари гуногун мерасонанд. Ин зарар зоҳиран ба ҷиноятҳое, ки дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, монанд аст, мисол, расонидани зарар ба саломатӣ, одамрабоӣ, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк.

Ҳуқуқ ба расонидани зарар ҳангоми дастгир намудани ҷинояткор фақат дар давоми давраи маҳдуди вақт буда метавонад. Бо назардошти он, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои содир намудани ҷиноят бо мухлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан маҳдуд мегардад, ҳуқуқи расонидани зарар ба ҷинояткор ҳангоми дастгир намудани ӯ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар доираи мухлатҳои даъвои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан амалӣ мегардад. Шаҳрвандон бошад, одатан чораҳо оид ба дастгир намудани ҷинояткорро ҳамонзамон пас аз ҷиноятро содир намудани ӯ меандешанд.

Шарти дигар чораи маҷбурӣ будани расонидани зарар мебошад. Расонидани зарар чораи ниҳоӣ мебошад ва расонидани он имконпазир аст, агар бо воситаҳои дигар, ки бо расонидани зарар алоқаманд нест, дастгир намудани ҷинояткор ғайриимкон бошад. Зарари бе зарурат расонидашуда, яъне дар ҳолате, ки шахси ҷиноятсодирнамударо бо воситаҳои дигар дастгир кардан мумкин буд, мисол ҷинояткорро ба мошина савор карда, ба шуъбаи корҳои дохилӣ расонидан, ғайриқонунӣ мебошад. Чораи маҷбурӣ будани расонидани зарар ҳангоми дастгир намудани ҷинояткор онро аз мудофиаи зарурӣ фарқ мекунонад.

Зарари расонидашуда қонунӣ ҳисобида мешавад танҳо дар ҳолатҳое, ки агар шахс онро бо мақсади махсус расонида бошад, яъне ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ супоридани ҷинояткор ё пешгирии имконияти аз ҷониби ӯ содир намудани ҷиноятҳои нав. Агар зарар бо мақсади ҷинояткорро худсарона ҷазо додан расонида шуда бошад, зарари расонидашуда ҷинояти қасдонаро ташкил медиҳад ва шахс аз рӯи асосҳои умумӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Ҳуқуқ ба дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамударо шахсони дилхоҳ, бе ягон хел маҳдудият доранд. Бинобар ин расонида-

ни зарар ҳангоми дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамуда аз ҷониби кормандони милитсия ҳамчунин бояд дар асоси қоидаҳои муқаррарнамудаи моддаи 41 КҶ ҶТ баррасӣ шавад. Агар корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамуда заруранд, барояд, ӯ аз рӯи қисми 2 моддаи 107 (одамкушӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамуда заруранд) ё моддаи 115 КҶ ҶТ (қасдан расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ ҳангоми баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамуда заруранд) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯи моддаи 316 КҶ ҶТ (баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ).

Чораҳое, ки ҳангоми дастгир намудани ҷинояткор андешида мешаванд бояд ба хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ҷиноят ва ҳолатҳои дастгир намудан мувофиқат кунанд. Вале мутобиқати пурра байни вазнинии ҷинояти содиршуда ва зарари ҳангоми дастгир кардан расонидашуда талаб карда намешавад. Ин зарар метавонад андаке камтар бошад, метавонад зиёдтар бошад.

Зарари имконпазире, ки ба шахси ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёнаи бо зӯроварӣ алоқаманднабударо содирнамуда расонида шудааст, мисол дуздӣ хеле камтар аст нисбат ба зараре, ки ба ҷинояткори ҷинояти вазнини бо зӯроварӣ алоқамандро содирнамуда расонида мешавад. Вазъияти дастгир намудан низ аҳамият дорад, мисол вақти шабонарӯз, ҷойи дастгиркунӣ, мавҷуд будани дигар одамон метавонанд вазъиятро ба таври ҷиддӣ тағйир дода, зарар ба ҷинояткорро зиёдтар кунанд. Мутобиқи қисми 4 моддаи 41 КҶ ҶТ ҳангоми арзёбии қонунӣ будани зарари дар вақти дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда расонидашуда ҳаракати ӯ дар мавриди аз дастгиршавӣ халос хӯрдан, қувваю имконияти дастгиршаванда, ҳолати руҳии ӯ ва ҳолатҳои дигари вобаста бо амали дасггир кардан ба назар гирифта мешаванд.

Баромадан аз ҳадди чораҳои зарурӣ, ки барои дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамуда заруранд ин истифодаи чунин чораҳо, воситаю усулҳои дастгир кардан, ки ба хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии кирдор ва хавфнокии шахси ҷиноятро содирнамуда ошкоро мутобиқат намекунанд. Дар натиҷа ба шахси дастгиршаванда зараре расонида мешавад, ки зарурати дастгир кардан онро талаб намекард. Чунин расонидани зарар танҳо дар сурати қасдона содир шудан боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад.

Дар КҶ ҶТ таркибҳои махсуси қасдан расонидани зарар ҳангоми баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир намудани

шахси ҷиноятсодирнамуда заруранд пешбинӣ шудаанд. Ин одамкушӣ дар ҳолати баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамуда заруранд (қисми 2 моддаи 107 КҶ) ва қасдан расонидани зарари вазнин ва миёна ба саломатӣ ҳангоми баромадан аз ҳадди чораҳое, ки барои дастгир намудани шахси ҷиноятсодирнамуда заруранд (моддаи 115 КҶ). Қонунгузор ин ҷиноятҳоро ҳамчун ҷиноятҳо бо ҳолатҳои сабуккунанда муайян кардааст.

Қасдан расонидани дигар намуди зарар ҳангоми дастгир намудани шахс, аз ҳадди зарурӣ баромада бошад ҳам, ҷиноят эътироф намешавад.

### § 4. Зарурати ниҳоӣ

Зарурати ниҳоӣ дар моддаи 42 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда, яке аз ҳолатҳое мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад. Мутобиқи қисми 1 моддаи 42 КҶ ҶТ дар ҳолати зарурати ниҳоӣ, яъне барои рафъи хавфи бевосита ба ҳаёт, саломатӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ин шахс ё шахсони дигар, манфиатҳои ҷомеа ё давлат таҳдидкунанда расонидани зарар ба манфиатҳое, Кодекси ҷиноятӣ муҳофизат мекунад, агар рафъи ин хавф бо воситаҳои дигар номумкин бошад ҷиноят ҳисоб намешавад, агар зимнан зарурати ниҳоӣ аз ҳад нагузашта бошад.

Моҳияти падидаи зарурати ниҳоӣ дар ба шахсони дилхоҳ пешниҳод намудани ҳуқуқи расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда бо мақсади пешгирии хавфи расонидани зарари зиёдтар ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи дигар ифода мегардад. Аз ҳамин лиҳоз, ҳимояи як неъматҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби расонидани зарар ба дигар неъматҳои иҷтимоӣ чораи зарурӣ, маҷбурӣ ва ғайриҷиноятӣ аст. Расонидани зарар дар чунин ҳолат ин воситаи ягона ва ниҳоии рафъи хавфи фаро расидани оқибатҳои нисбатан вазнинтар мебошад.

Асоси ба миён омадани ҳолати зарурати ниҳоӣ ин мавҷуд будани хавфи расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда мебошад, ки дар қисми 1 моддаи 42 КҶ ҶТ муайян шудааст. Дар фарқ аз мудофиаи зарурӣ, ки танҳо дар натиҷаи кирдори барои ҷамъият хавфноки инсон фаро мерасад, ҳолати зарурати ниҳоӣ дар натиҷаи офати табиӣ (обхезӣ, тарма фаромадан, заминҷунбӣ, сӯхтор ва ғайра), рафтори ҳайвонот (ба истисное ҳолатҳое, ки онҳо ба сифати олоти содир намудани ҷиноят истифода мешаванд ва ҳолати мудофиаи заруриро ба вуҷуд меоранд), истифодаи ман-

баъҳои хавфи баланддошта (мисол, воситаҳои нақлиёт), мухолифати (коллизияи) уҳдадориҳо (мисол, даъвати духтур дар як вақт ба назди ду бемор) ба миён меояд.

Қонунӣ будани зарурати ниҳоиро як қатор аломатҳо муайян мекунанд, ки онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) аломатҳое, ки ба хавф дахл доранд;

2) аломатҳое, ки ба ҳаракатҳои вобаста ба бартараф намудани хавф дахл доранд.

Ба аломатҳое, ки ба хавф дахл доранд мансуб мешаванд:

1) ҳақиқӣ будан, яъне дар амал, на дар хаёли шахси бартарафкунандаи хавф ҷой доштани хавф. Сарчашмаи хавф гуногун буда метавонад – офати табиӣ, садамаи техногенӣ, амали инсон, рафтори ҳайвонот ва ғайра;

2) хавф бояд дар воқеъ мавҷуд бошад, яъне таҳдид ба манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда аллакай ба миён омада, ягон хел шубҳаро пайдо намекунад ва аз байн нарафтааст, бевосита ҷой дорад, баръало ҳоло нагузаштааст ва ҳаракатҳо барои бартараф кардани онро талаб мекунад;

3) рафънашаванда будани хавф, яъне бартараф намудани хавф бо дигар тарзу воситаҳо, ба истиснои расонидани зарар ба дигар манфиатҳои бо қонун ҳифзшаванда ғайриимкон аст.

Ба аломатҳое, ки ба ҳаракатҳои вобаста ба бартараф намудани хавф дахл доранд мансубанд:

1) фақат манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсият, ҷамъият ва давлат ҳимоя карда мешаванд;

2) зарар одатан ба шахсони сеюм расонида мешавад;

3) зарари пешгиришуда аз зарари расонидашуда бояд камтар бошад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 42 КҶ ҶТ расонидани зараре, ки ба хусусияту дараҷаи хавфи таҳдидкунанда ва ҳолатҳои рафъи хавф баръало мувофиқ набуда, дар натиҷа ба манфиатҳои қонунан муҳофизатшаванда баробари зарари пешгиришуда ё аз он бештар зиён оварда шуда бошад, он аз ҳад гузаронидани зарурати ниҳоӣ эътироф мешавад. Чунин азҳадгузаронӣ танҳо дар ҳолати қасдан расонидани зарар боиси ҷавобгарӣ мегардад.

Риоя нашудани шартҳои қонунӣ будани ҳолати зарурати ниҳоӣ ба гузаштан аз ҳадди зарурати ниҳоӣ оварда мерасонад, яъне агар:

1) зарари баробар ба зарари пешгиришуда ё зарари зиёдтар расонида шуда бошад (ин мафҳуми арзёбишаванда аст доир ба ҳар як парвандаи мушаххас);

2) зарар қасдона расонида шуда бошад, яъне барои аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ҳангоми гузаштан аз ҳадди зарурати ниҳоӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно мешавад.

Ҳангоми арзёбии қонунӣ будани кирдори дар ҳолати зарурати ниҳоӣ содиршуда хусусияту дараҷаи хавфи рафъшаванда, воқеият ва наздикии фаро расидани он, имконияти воқеии шахс дар мавриди пешгирӣ намудани он, вазъи руҳии ӯ дар ҳолати бамиёномада ва ҳолатҳои дигар ба назар гирифта мешаванд.

Зарурати ниҳоӣ аз мудофиаи зарурӣ аз рӯи ҳолатҳои зерин фарқ мекунад:

1) аз рӯйм сарчашмаи хавф – дар мудофиаи зарурӣ ҳамчун сарчашмаи хавф кирдори барои ҷамъият хавфноки инсон баромад мекунад, дар зарурати ниҳоӣ бошад хавфро ҳаракатҳои инсон, офати табиӣ, техника, ҳайвонот ва ғайра ба вуҷуд меоранд;

2) аз рӯйи тарзи расонидани зарар – дар мудофиаи зарурӣ расонидани зарар новобаста аз аз он ки шахс метавонист аз таҷовуз халос шавад, мисол бо роҳи гурехтан аз авбош ё метавонист барои кӯмак ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ муроҷиат намояд, мисол ба намояндаи ҳокимияти давлатӣ, ки дар наздикӣ қарор дошт, роҳ дода мешавад; дар зарурати ниҳоӣ расонидани зарар воситаи ягонаи бартараф намудани хавфи ба манфиатҳои шахсият, ҷамъият ва давлат таҳдидкунанда мебошад;

3) аз рӯйи самти зарари расонидашаванда – дар ҳолати мудофиаи зарурӣ зарар фақат ба шахси таҷовузкунанда расонида мешавад, дар ҳолати зарурати ниҳоӣ бошад, зарар ба шахсони сеюм расонида мешавад;

4) аз рӯйи мутобиқатии зарари пешгиришаванда ва зарари расонидашуда – дар ҳолати мудофиаи зарурӣ зарари ба таҷовузкунанда расонидашуда мумкин аст нисбат ба зарари пешгиришуда баробар ё зиёд бошад, дар ҳолати зарурати ниҳоӣ бошад, зарари расонидашуда нисбат ба зарари пешгиришуда бояд камтар бошад.

## § 5. Маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ

Маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ дар моддаи 43 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва яке аз ҳолатҳое мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад. Мутобиқи қисми 1 моддаи 43 КҶ ҶТ расонидани зарар ба манфиатҳои бо Кодекси ҷиноятӣ муҳофизатшаванда дар натиҷаи маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, агар дар натиҷаи чунин маҷбуркунӣ шахс ҳаракати (беҳаракатии) худро идора карда натавонад, ҷиноят ҳисоб намешавад.

Масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда дар натиҷаи маҷбуркунии руҳӣ, ҳамчунин дар натиҷаи маҷбуркунии ҷисмонӣ, ки дар ин ҳолат шахс имконияти идора кардани ҳаракатҳои худро нигоҳ доштааст, бо назардошти қоидаҳои зарурати ниҳоӣ ҳал мешавад.

Дар моддаи 43 КҶ ҶТ ду намуди маҷбуркунӣ пешбинӣ шудааст – маҷбуркунии ҷисмонӣ ва маҷбуркунии руҳӣ.

Маҷбуркунии ҷисмонӣ - ин таъсиррасонии берунаи дарднок ба инсон бо мақсади маҷбур намудани ӯ ба иҷро намудани ягон амал бархилофи хоҳишу иродааш мебошад. Ин таъсиррасонӣ мумкин аст ба ягон узви бадани одам бо истифодаи ашё, олот, барқ ва ғайра амалӣ шавад. Мисол, зарар ба саломатии инсон мумкин аст бо роҳи латукӯб кардан бо дасту по, бо ашёи гуногун, бо истифодаи таҷҳизоти барқӣ, маводи химиявӣ, бо ёрии ҳайвонот, истифодаи техника, бо роҳи маҳрум кардани шахс аз озодии ҳаракат ва ҳамзамон аз қисматҳои ҳаётан муҳим (об, хӯрок, ҳаво, гармӣ ва ғайра) расонида шавад. Мувофиқи қонун маҷбуркунии ҷисмонӣ дар он сурат ҳолате, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад эътироф мешавад, агар дар натиҷаи чунин маҷбуркунӣ шахс ҳаракати (беҳаракатии) худро идора карда натавонад, яъне ӯ бархилофи шуур ва иродаи худ амал мекунад. Мисол, вақте ки ҷинояткорон посбонро латукӯб намуда, дасту пои ӯро мебанданд, ӯ уҳдадориашро марбут ба ҳифзи неъматҳои моддӣ иҷро карда наметавонад. Чунин маҷбуркунии ҷисмонӣ муқовиматнопазир ҳисобида мешавад ва ҳангоми чунин маҷбуркунии ҷисмонӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно мегардад. Агар шахс новобаста аз он, ки нисбати ӯ маҷбуркунии ҷисмонӣ истифода шудааст, имконияти идора кардани ҳаракатҳои худро нигоҳ дорад, масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан дар асоси қоидаҳои марбут ба зарурати ниҳоӣ ҳалл мешавад. Чунин маҷбуркунии ҷисмониро муқовиматпазир меноманд. Мисол, ҷинояткорон посбонро латукӯб намуда, ба ӯ зарари сабук ба саломатӣ мерасонанд ва ӯ ба дуздӣ монеъгӣ намекунад, иҷрои уҳдадориашро марбут ба ҳифзи неъматҳои моддӣ қатъ мекунад, гарчанде ӯ имконият дошт, ки бе ягон хавф ба мақомоти милитсия занги телефонӣ намояд. Дар чунин ҳолат ҷавобгарии посбон истисно намешавад, зеро ӯ гарчанде аз имконияти озодона амал кардан пурра маҳрум нашуда буд, вале уҳдадориҳои худро иҷро намекунад.

Маҷбуркунии руҳӣ ин таъсиррасонӣ ба иродаи шахс мебошад, ки метавонад бо тарзҳои гуногун ифода гардад:

- шифоҳӣ, мисол, таҳдиди куштан, маъюб кардан;
- ҳаракатҳо, мисол, бо мақсади таҳдид намоишдиҳии силоҳ, корд ва дигар олоти ба сифати силоҳ истифодашаванда;
- бо роҳи имою ишора ва ғайра.

Маҷбуркунии руҳӣ мумкин аст ҳам нисбати шахсе, ки аз ӯ содир кардани ҳаракатҳои ғайриқонуниро талаб мекунанд, ҳам нисбати хешовандон, наздикон ва шиносони ӯ татбиқ шавад. Таҳти таъсири маҷбуркунии руҳӣ шахс метавонад ҷинояти муайянро содир намояд, мисол, дуздии молу мулкро содир намуда, молумулки тасарруфшударо ба шахси ӯро барои содир кардани ин кирдор маҷбурнамуда диҳад. Ҳангоми таъсиррасонии маҷбуркунии руҳӣ дар шахс ҳамеша озодии интихоб нигоҳ дошта мешавад, бинобар ин дар чунин ҳолатҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно намегардад ва дар асоси қоидаҳои марбут ба зарурати ниҳоӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, агар зарари пешгиришуда нисбат ба зарари расонидашуда зиёдтар бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно мегардад, мисол, зери таҳдиди истифодаи корд шахс телефони ё палтои роҳгузарро тасарруф менамояд. Агар зарари пешгиришуда нисбат ба зарари расонидашуда камтар бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯи асосҳои умумӣ фаро мерасад, лекин ҳолати маҷбуркунӣ мумкин аст ба сифати ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба эътибор гирифта шавад. Мисол, шахс барои он, ки шарикон маълумот дар бораи рафтори ношоями ӯро, ки метавонад барои аз вазифа озод шуданаш асос шавад, фош накунанд, ба содир кардани ҷиноят мусоидат мекунад. Дар ин ҳолат озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси қоидаҳои зарурати ниҳоӣ номумкин аст. Агар шахс кирдори барои ҷамъият хавфнокро таҳти таъсири гипноз содир намояд, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, чунки ҳангоми гипноз чун маҷбуркуниии руҳӣ шахс ҳаракатҳои худро идора карда наметавонад ва ҳаракатҳоеро содир мекунад, ки гипнозкунанда ба ӯ талқин мекунад.

## § 6. Таваккали асоснок

Таваккали асоснок дар моддаи 44 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва яке аз ҳолатҳое мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад.

Рафтори инсон, ки бо расонидани зарар ҳангоми таваккали асоснок ҷиҳати ноил шудан ба мақсади фоиданоки ҷамъиятӣ алоқаманд аст, агар бе таваккал ноил шудан ба ин мақсад ғайриимкон бошад, барои ҷамъият фоиданок эътироф мешавад. Мутобиқи қисми 1 моддаи 44 КҶ ҶТ расонидани зарар ба манфиатҳои бо Кодекси ҷиноятӣ муҳофизатшаванда ҳангоми таваккали асоснок ҷиҳати ноил шудан ба мақсади барои ҷомеа фоиданок ҷиноят ҳисоб намешавад. Таваккал асоснок эътироф мешавад, агар ноил шудан ба мақсади барои ҷамъият фоиданок бе ҳаракати (беҳаракатии) бо таваккал алоқаманднабуда имконнопазир бошад ва шахсе, ки ба таваккал роҳ додааст, чораҳои кофиро ҷиҳати пешгирӣ намудани зарар ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда андешида бошад. Агар таваккал баръало бо таҳдиди ҳалокати одамон, фалокати экологӣ ё офати ҷамъиятӣ алоқаманд бошад, он асоснок эътироф карда намешавад.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои муайяни барои ҷамъият фоиданок, такмили натиҷаҳо дар истеҳсолот, илм, соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсон баъзан зарурати гузаронидани озмоишҳои гуногун, вайрон кардани қоидаҳои пешбинишудаи бехатарӣ, татбиқи методҳои санҷиш ва роҳ додан ба таваккал пеш меояд. Ҳаракатҳои ба таваккал асосёфта, ки ҳангоми онҳо боварии комил оид ба он, ки зарар расонида намешавад мавҷуд нест, метавонанд ноил шудан ба муваффақияти заруриро таъмин намоянд, метавонанд ба содир намудани чунин кирдорҳое оварда расонанд, ки ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандаи шахсият, ҷамъият ва давлат зарар мерасонанд. Мумкин аст зарар ба ҳаёт ва саломатии як шахс ё одамони зиёд, зарари моддӣ, зарар ба экология ва муҳити зист ва дигар намуди зарар расонида шавад.

Барои он, ки таваккал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарари ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда расонидашударо истисно намояд, он бояд асоснок бошад ва ба шартҳои қонунӣ будан, ки қонуни ҷиноятӣ муқаррар намудааст, ҷавобгӯ бошад. Ба шартҳои қонунӣ будани таваккали асоснок шартҳои зерин мансубанд:

1) мавҷуд будани мақсади барои ҷамъият фоиданок;

2) имконнопазир будани ноил шудан ба ин мақсад бе таваккал;

3) аз ҷониби шахси ба таваккал роҳдода андешидани чораҳои кофӣ ва зарурӣ барои пешгирӣ намудани зарар.

Таваккал дар сурати мавҷуд будани мақсади барои ҷамъият фоиданок асоснок ҳисобида мешавад. Ҳамин тавр, гузаронидани

озмоиш дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ метавонад натиҷаи мусбиро ба бор орад, лекин хароҷоти ҷиддии моддиро ба миён орад. Озмоиши намудҳои нави техника, воситаҳои нақлиёт метавонад ба садамае, ки боиси ҳалокати одамон мегардад, оварда расонад. Ҳамин тавр, мисол, ҳангоми озмоиши намудҳои нави ҳавопаймоҳо лётчикҳои озмоянда, аз ҷумла ҳавонаварди достонзеб В.П.Чкалов ба ҳалокат расидаанд. Кайҳоннавардони советӣ ва америкоӣ ҳангоми парвозҳои кайҳонӣ ба ҳалокат мерасиданд. Ҳангоми азхудкунии методҳои нави табобат (пайвандсозии узвҳои бадан, коркарди маводи нави доруворӣ барои табобати бемориҳои сироятӣ ва дигар бемориҳои вазнин ва ғайра) мумкин аст нокомӣ, расонидани зарар ба саломатӣ ва баъзан оқибати марговар фаро расад. Вале саъю кӯшиши рушд додани имкониятҳои соҳаи тиб табибонро дар ҳолате, ки онҳо муваффақияти комилро кафолат дода наметавонанд, ба таваккал маҷбур месозад. Бисёр вақт табибон маводи нави доруворириро нисбат ба худ озмоиш намуда, таваккали нокомиро нисбат ба беморон нею нисбати худ раво мебинанд.

Имконнопазир будани ноил шудан ба мақсади барои ҷамъият фоиданок бе таваккал маънои онро дорад, ки барои ноил шудан ба мақсади барои ҷамъият фоиданок (мисол, халос намудани одамон, коркарди маводи дорувории нав, коркарди технологияҳои нав ва ғайра) дигар хел амал кардан имконнопазир буд ва шахс маҷбур буд, ки ба таваккал роҳ диҳад. Шахс бояд дарк намояд, ки ноил шудан ба мақсади муайяни барои ҷамъият фоиданок бо дигар роҳ ғайриимкон аст. Агар шахс дарк намояд, ки ин мақсад бо дигар роҳи ба таваккал асоснаёфта имконпазир аст, ҳангоми фаро расидани зарар ин шахс аз рӯи асосҳои умумӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Шарти сеюми қонунӣ будани таваккали асоснок, яъне аз ҷониби шахси ба таваккал роҳдода андешидани чораҳои кофӣ ва зарурӣ барои пешгирӣ намудани зарар ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда дар он ифода мегардад, ки:

1) шахс бояд чораҳои зарурӣ андешад;

2) чораҳои андешидашуда бояд кофӣ бошанд.

Мисол, ҳангоми шурӯъ намудан ба озмоиши илмӣ шахс бояд риоя шудани тамоми қоидаҳои техникаи бехатарӣ, дастурамалҳои мухталифи идоравиро таъмин намояд, иҷозати дахлдор гирад, дар хусуси эҳтимолияти расонидани зарар ҳангоми кӯшиши номуваффақонаи гузаронидани озмоиш огоҳии зарурӣ намояд ва ғайра.

Кифоя будан ё нокифоя будани чораҳои андешидашуда мафҳуми арзёбишаванда аст ва дар ҳар як ҳолати мушаххас бояд аз

ҷониби тафтишот ва суд арзёбӣ шавад. Тамоми ҳолатҳо бояд ба эътибор гирифта шаванд, аз ҷумла вазъияти гузаронидани озмоиш, муҳиммияти мақсад. Таваккал бояд ба тахмини воқеъбинона, таҷрибаи пешина, дониш, эҳтимолияти реалии он, ки зарар фаро намерасад асос ёфта бошад. Агар аз ҷониби шахс шартҳои зикргардидаи таваккали асоснок риоя шуда бошанд, он гоҳ ҳангоми расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда, ин шахс новобаста аз он, ки мақсади барои ҷамъият фоиданок вобаста ба таваккал ба даст дароварда шудааст ё не, барои ин зарар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Дар қисми 3 моддаи 44 КҶ ҶТ шартҳое, ки ҳангоми онҳо таваккал асоснок ҳисобида намешавад, муқаррар шудааст. Таваккал асоснок эътироф намешавад, агар он баръало:

1) бо таҳдиди ҳалокати одамон алоқаманд бошад;
2) бо таҳдиди фалокати экологӣ алоқаманд бошад;
3) бо таҳдиди офати ҷамъиятӣ алоқаманд бошад.

Дар ин ҳолат шахс баръало таҳдиди фаро расидани оқибатҳои зикргардидаро пешбинӣ намуда, худбоварона барои пешгирии онҳо умед мебандад.

Таҳти фалокати экологӣ ҳангоми таваккали асоснок расонидани зарар ба табиат дар ҳудуди калон вақте, ки ин зарар барои аз ҷиҳати биологӣ вуҷуд доштани инсон таҳдид мекунад, фаҳмида мешавад. Мисол, таркиш дар стансияи атомию барқии Чернобил ба ҳалокати одамони зиёд ва фалокати экологӣ боис гардид, ки дар натиҷа заҳролудшавии радиоактивии ҳудуди хеле васеъ ба миён омад.

Таҳти офати ҷамъиятӣ ҳангоми таваккали асоснок чунин оқибатҳо фаҳмида мешаванд, ки боиси маҳрумият, вазнинӣ, азоб барои одамони зиёд мегарданд. Мисол, бе манзил мондани одамони зиёд дар натиҷаи таркише, ки ҳангоми гузаронидани корҳои илмию таҳқиқотӣ рух медиҳад, бе гармидиҳӣ мондани шаҳр дар вақти зимистон дар натиҷаи аз кор бозмондани стансияи гармию барқтаъминкунӣ ва ғайра.

Таваккали асоснок бояд аз зарурати ниҳоӣ фарқ карда шавад. Дар таваккали асоснок ҳаракатҳои қувваи сеюм, чунин хавфи таҳдидкунандае, ки ҳангоми зарурати ниҳоӣ ҷой дорад, мавҷуд нест. Шахс метавонад ба таваккал роҳ надиҳад ва барои ба мақсади фоиданок ноил шудан он ҳаракатҳои таваккалиро, ки ба қоидаҳои қабулшудаи бехатарӣ дар ҷамъият мувофиқат намекунанд, содир накунад, андозаи зарар аҳаммияти муайянкунанда надорад. Дар зарурати ниҳоӣ бошад ҳама вақт сарчашмаи хатар ҷой дорад,

хатар дар ҳақиқат мавҷуд аст, барои рафъи он зарар расонида мешавад ва ин зарар бояд аз зарари пешгиришаванда камтар бошад. Ҳуқуқ ба таваккали асоснокро фақат шахс ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои касбӣ дорад, дар ҳолати зарурати ниҳоӣ бошад, шахси дилхоҳ метавонад хатари таҳдидкунандаро рафъ намояд.

## § 7. Иҷрои фармон ё амр

Иҷрои фармон ё амр дар моддаи 45 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва яке аз ҳолатҳое мебошад, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад. Мутобиқи қисми 1 моддаи 45 КҶ ҶТ расонидани зарар ба манфиатҳои бо Кодекси ҷиноятӣ муҳофизатшаванда аз ҷониби шахсе, ки бо мақсади иҷрои ҳатмии фармон ё амри мувофиқи тартиби муқарраргардида ба ӯ додашуда амал кардааст, ҷиноят намебошад. Барои расонидани чунин зарар шахсе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки фармон ё амри ғайриқонунӣ додааст.

Шартҳои қонунӣ будани иҷрои фармон ё амр ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад:

1) шартҳои қонунӣ будани фармон ё амр;

2) шартҳои қонунӣ будани иҷрои фармон ё амр.

Ба шартҳои қонунӣ будани фармон ё амр инҳо мансубанд:

1. Асос барои содир намудани ҳаракате (беҳаракатие), ки ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар мерасонад, ин фармон ё амр мебошад, ки дар ҳар сурат ғайриқонунӣ аст. Фармон ин талаби, супориши расмӣ, омирона (босалобат) ва ҳатмӣ ба зердастон дар хусуси иҷро кардан ё накардани ягон амал мебошад, ки дар шакли зарурӣ аз ҷониби шахси мансабдор дар доираи салоҳияти худ бароварда шудааст. Фармони сардор барои зердаст ҳатмӣ мебошад ва бояд иҷро шавад. Мисол, дар моддаи 368 КҶ ҶТ барои аз ҷониби зердаст иҷро накардани фармони мутобиқи тартиби муқарраршуда додаи сардор ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст. Мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” ба иҷрои уҳдадории хизмати ҳарбӣ дохил мешавад, аз ҷумла иҷрои фармон, амр ё супоришҳое, ки командир (сардор) додааст. Уҳдадории иҷрои фармон метавонад аз қонун, санади зерқонунӣ, шартнома, дастурамал, қарордод ва ғайра барояд.

2. Фармон бояд аз ҷониби сардор, роҳбар дар доираи салоҳияташ, яъне он ҳуқуқу уҳдадориҳояш, ки аз мақоми мансабӣ, хизматиаш бармеоянд, бароварда шавад.

3. Фармон бояд дар шакли зарурӣ ва муқарраргардида баровварда шавад, метавонад шифоҳӣ ё хаттӣ бошад, аз ҷониби як роҳбар ё аз ҷониби якчанд шахсон, мисол роҳбар ва сармуҳосиб ба имзо расида бошад, вале ҳатман бо он шакл ва тартибе, ки барои ҳар ҳолати мушаххас муқаррар гардидааст.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 45 КҶ ҶТ шахсе, ки бо мақсади иҷрои фармон ё амри ғайриқонунӣ қасдан ҷиноят содир кардааст, бо асосҳои умумӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Ба шартҳои қонунӣ будани иҷрои фармон ё амр инҳо мансубанд:

1. Иҷрокунандаи фармон фақат шахсе буда метавонад, ки зердасти шахси фармонро баровварда мебошад.

2. Фармони дар шакли муқарраргардида ва аз ҷониби шахси дахлдор баровардашуда барои иҷрокунанда ҳатмӣ буда, ӯ уҳдадор буд, ки фармонро иҷро намояд.

3. Иҷрои фармон ё амр боиси расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандаи шахсият, ҷамъият ва давлат мегардад. Ҳамзамон иҷрокунанда фақат дар доираи фармон амал мекард ва зарар низ дар доираи иҷрои фармон расонида шудааст. Агар иҷрокунанда аз доираи фармон барояд, барои оқибатҳои фаророрасида ӯ шахсан ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

4. Фармон бояд барои иҷрокунанда баръало ғайриқонунӣ набошад. Агар иҷрокунанда ғайриқонунӣ ё ҷиноятӣ будани фармонро донад, мисол донад, ки фармонро шахси бесалоҳият баровардааст ё фармон бархилофи қонун аст ва ихтиёрӣ аз иҷрои фармон даст намекашад, он гоҳ барои зарари расонида ҳангоми иҷрои фармон ҳам сардор, ҳам зердаст аз рӯи асосҳои умумӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Агар шахс ҷиноятӣ будани фармонро донад, вале таҳти маҷбуркунӣ онро иҷро намояд, ҷавобгарии ин шахс бояд аз рӯи қоидаҳои маҷбуркунии ҷисмонӣ ё руҳӣ тибқи моддаи 43 КҶ ҶТ муайян карда шавад.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 45 КҶ ҶТ иҷро накардани фармон ё амри бараъло ғайриқонунӣ ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад.

# БОБИ XIV
# МАФҲУМ, АЛОМАТҲО ВА МАҚСАДИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

**§ 1. Мафҳум ва аломатҳои ҷазои ҷиноятӣ**
**§ 2. Мақсади ҷазо**

## § 1. Мафҳум ва аломатҳои ҷазои ҷиноятӣ

Дар асоси талаботи қисми 1 моддаи 46 КҶ ҶТ ҷазо чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд таъйин карда мешавад. Он нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст, татбиқ гардида, аз маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки дар КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, иборат мебошад.

Моҳияти ҷазо аз маҳрум кардан ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои муайяни маҳкумшуда иборат мебошад, ки маънои расонидани маҳдудяти хусусияти ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва молумулкидоштаро дорад. Ин ба муқаррароти қисми 2 моддаи 29 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мухолифат намекунад, ки тибқи он: "Ҳар як инсон дар бобати татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худ бояд танҳо ба дараҷае маҳдуд карда шавад, ки аз тарафи қонун фақат бо мақсади таъмини эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар шароити ҷомеаи демократӣ муқаррар карда шудааст". Инчунин, мутобиқи қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи ҶТ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Ҷазо бо ҷавобгарии ҷиноятӣ алоқаи ногусастанӣ дорад: он як шакли амалишавии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо бо ҷазо маҳдуд карда нашудааст, балки инчунин дигар чораҳои маҷбурии дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятиро (маса-

лан, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро) низ дар бар мегирад ва бинобар ин, мафҳуми он васеътар мебошад.

Шаш аломатҳои ҷазои ҷиноятӣ вуҷуд дорад:

1. Ҷазо – ин чораи маҷбуркунии давлатӣ. Ин аломат маънои онро дорад, ки:

1.1. Ҷазоро танҳо қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ карда метавонад. Тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 1 КҶ ҶТ қонуни ҷиноятӣ аз КҶ ҶТ иборат аст.

1.2. Дигар ягон намуди чораҳои таъсиррасонии маҷбурӣ, ки КҶ ҶТ пешбинӣ накардааст, наметавонад ба сифати ҷазо татбиқ карда шавад. Бо ин аломаташ ҷазои ҷиноятӣ аз дигар чораҳое, ки барои содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, интизомӣ, маданӣ татбиқ карда мешавад, фарқ мекунад.

1.3. КҶ ҶТ номгӯйи мушаххаси намудҳои ҷазои ҷиноятиро, ки низоми ҷазо ном дорад, муайян кардааст. Суд ҳуқуқ надорад ҷазое, ки дар моддаи 47 КҶ ҶТ пешбинӣ нашудааст, нисбати шахс татбиқ намояд, яъне номгӯйи ҷазоҳо қатъӣ мебошанд. Дар номгӯйи мазкур ҷазоҳо вобаста ба дараҷаи вазнинии худ ҷойгир карда шудаанд: аз ҷазои сабуктар ба ҷазоҳои вазнинтар. Бинобар ин, суд ҳангоми таъйини ҷазо хусусияти ҷинояти содиршударо бо вазнинии ҷазои татбиқшаванда муқоиса мекунад. Ҷазо ҳудуди миқдорӣ дорад (муҳлат ва ё андоза). Суд ҳуқуқ надорад ҳадди аксари муҳлат ва андозае, ки барои ҳар як намуди ҷазо қонуни ҷиноятӣ муайян кардааст, вайрон кунад. Аз дигар чораҳое, ки масалан, барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ татбиқ карда мешавад, ҷазои ҷиноятӣ бо хусусиятҳои шуморӣ (маҳдудияти зиёдтарро дар бар мегирад) ва сифатӣ (танҳо барои содир кардани ҷиноят татбиқ карда мешавад ва татбиқи он боиси оқибат дар намуди доғи судӣ мегардад) фарқ мекунад.

1.4. Асоси татбиқи ҷазо нисбати шахс танҳо ҷинояти содирнамудаи ӯ шуда метавонад. Ҷазои ҷиноятӣ барои содир намудани дигар ҳуқуқвайронкунӣ (ҳуқуқвайронкунии маданӣ, интизомӣ, маъмурӣ), ки ҷиноят ба шумор намераванд, татбиқ карда намешавад. Ҷазои ҷиноятӣ оқибати ҳуқуқии кирдори ҷиноятии содиршуда ба шумор меравад ва бояд ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят мутобиқ бошад. Истисноии қоидаи мазкур ин баровардани ҳукми айбдоркунӣ бидуни татбиқи ҷазо ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҷазо ҳамчун ҷавоби давлат ба ҷинояти содиршуда эътироф мегардад.

1.5. Хусусияти маҷбурии ҷазои ҷиноятӣ дар он зоҳир мегардад, ки он берун аз иродаи шахси ҷиноятсодиркарда татбиқ карда

мешавад. Шахсони мансабдори давлатӣ вазифадоранд, ки тобеияти шахси ҷиноятсодирнамударо ба манъкуниҳои дар ҳукм мавҷудбуда таъмин намоянд. Хоҳиши судшаванда ҷиҳати ба ҷавобгарӣ кашида нашудан ва ё татбиқи ҷазои сабуктар ҳангоми интихоби ҷазо, муҳлат ва андозаи он ба суд таъсир расонида наметавонад. Саркашӣ кардани маҳкумшуда аз адои ҷазои таъйингардида ҳамчун асос барои иваз намудани ҷазо ба ҷазои нисбатан вазнинтар шуда метавонад. Ҳангоми шикоятҳои кассатсионӣ ва ё назоратӣ мумкин аст муҳлат ё андозаи ҷазои таъйингардида кам карда шавад, вале ин маънои аз байн рафтани хусусияти маҷбурии ҷазоро надорад. Саркашӣ аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ (моддаи 364 КҶ ҶТ) ва ё гурехтан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё аз ҳабси пешакӣ (моддаи 365 КҶ ҶТ) таркиби ҷинояти мустақилро ташкил мекунад.

2. Ҷазо аз номи давлат дар шакли мурофиавӣ ва танҳо бо ҳукми айбдоркунии суд татбиқ карда мешавад (нишонаи оммавӣ будани ҷазо). Ин аломат маънои онро дорад, ки:

2.1. Танҳо суд ҳуқуқи интихоби намуд ва андозаи ҷазоро дорад (қисми 1 моддаи 7 КМҶ ҶТ). Дигар мақомоти давлатӣ дорои чунин ҳуқуқ нестанд. Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 20 Конститутсияи ҶТ ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад ва тибқи талаботи қисми 1 моддаи 7 КМҶ ҶТ дар Тоҷикистон адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо аз ҷониби суд ба амал бароварда мешавад. Аз ин рӯ, ҷазо танҳо тибқи тартиби муайяннамудаи қонун татбиқ карда мешавад. Фақат суд (ба истиснои қабули санади авф ва бахшиши ҷазо) ҳуқуқ дорад, ки масъалаҳо вобаста ба озод намудани шахс аз ҷазо, иваз намудани ҷазои таъйиншуда ба ҷазои сабуктар ва ё вазнинтарро ҳал намояд.

2.2. Ҳукми айбдоркунии суд ягона шакли мурофиавии татбиқи ҷазо мебошад. Ҳукм аз номи ҶТ бароварда мешавад (моддаи 332 КМҶ ҶТ). Ҳукми айбдоркунии суд маънои баҳои расмии манфии давлат ба кирдори содирнамудаи шахс мебошад. Дар қисми хулосавии ҳукми айбдоркунанда бояд намуд ва андозаи ҷазои нисбат ба судшаванда таъйиншуда барои ҳар як ҷинояте, ки дар содир намудани он ӯ гунаҳгор эътироф шудааст, чораи ниҳоии ҷазо, ки дар асоси моддаҳои 67, 68 КҶ ҶТ бояд адо карда шавад, намуд ва низоми муассисаи ислоҳӣ, ки дар он бояд маҳкумшуда ҷазоро адо кунад, нишон дода шавад (қисми 1 моддаи 334 КМҶ ҶТ). Ҳукми айборкунанда, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, бояд дар ҳудуди ҶТ адо карда шавад.

3. Ҷазо танҳо нисбати шахсе таъйин карда мешавад, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф карда шудааст. Ҷазоро танҳо шахсе адо мекунад, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст ва ба аломатҳои субъекти ҷиноят ҷавобгӯ мебошад (мукаллафӣ, ба синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ расидан). Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ин дар кирдори шахс мавҷуд будани тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят мебошад. Дар асоси принсипи ҷавобгарии гунаҳгорӣ (моддаи 7 КҶ ҶТ) ва мафҳуми ҷиноят (қисми 1 моддаи 17 КҶ ҶТ), кирдор бояд гунаҳгорона содир шавад. Гунаҳгории шахс дар содир намудани ҷиноят бояд бо тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ исбот карда шавад. Агар суд ба хулоса ояд, ки шахс ҷиноятро содир накардааст ва ё бегуноҳона зарар расонидааст (тасодуф), пас ҷавобгарии ҷиноятӣ дар умум вуҷуд надорад ва ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун қисми ҷавобгарии ҷиноятӣ таъйин карда намешавад.

4. Ҷавобгарӣ дорои хусусияти фардӣ мебошад. Ин аломат маънои онро дорад, ки ҷазо бояд ба ҳуқуқ ва манфиатҳои дигар шахс, ки дар содир намудани ҷиноят иштирок надорад, халал нарасонад. Он бо аломатҳои гунаҳгории шахс асоснок карда мешавад, яъне дар асоси принсипи ҷавобгарии фардӣ (моддаи 7 КҶ ҶТ). Масалан, қисми 1 моддаи 65 КҶ ҶТ уҳдадор мекунад, ки ҳангоми таъйин намудани ҷазо барои ҷинояти дар шарикӣ содиршуда, хусусият ва дараҷаи иштироки воқеии шахс дар содир намудани он, аҳаммияти ин иштирок дар муваффақ шудан ба мақсади ҷиноят, таъсири ӯ ба хусусият ва андозаи зарари расонидашуда ё зарари имконпазир ба назар гирифта мешавад. Ҷавобгарӣ ва ҷазои дастаҷамъӣ дар қонунгузории муосири ҶТ пешбинӣ нашудааст.

5. Моҳияти ҷазоро маҳрум кардан ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо ташкил медиҳад. Аломати мазкур моҳияти ҳуқуқии ҷазоро ифода мекунад. Тамоми он маҳдудкунӣ ва маҳрумкуние, ки нисбати шахс вобаста ба содир кардани ҷиноят татбиқ карда мешавад, бояд асоси ҳуқуқӣ дошта бошад ва ба талаботи қонун ҷавобгӯ бошад.

Маҳрум кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар чунин намудҳои ҷазо вуҷуд дошта метавонад, ки дар асоси онҳо шахс якумра ва ё муваққатан аз озодӣ маҳрум карда мешавад. Инчунин, ҳангоми ба ҳабс гирифтан, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон марҳум кардан аз ҳуқуқ ва озодӣ, вуҷуд дорад.

Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои меҳнатии маҳкумшуда ҳангоми таъйини корҳои ислоҳӣ, корҳои ҳатмӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ пайдо мешаванд. Масалан, ҳангоми адои корҳои ислоҳӣ аз музди меҳнати маҳкумшуда ба андозае, ки суд муқаррар кардааст, маблағ нигоҳ дошта мешавад. Маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо чунин намуди ҷазо таъйин карда шудааст, маҷбуран ба кор таъмин карда мешаванд ва онҳо ҳуқуқи рад кардан аз кори ба онҳо пешниҳодшударо надоранд. Инчунин, ҳангоми таъйини ҷазои корҳои ҳатмӣ маҳкумшуда ба объектҳое, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян кардааст, ба кор ҷалб карда мешаванд ва чун қоида меҳнати онҳо ройгон мебошад, ки ба ҳуқуқҳои молумулкии онҳо таъсир мерасонад.

Маҳдудияти ҳуқуқҳои молумулкӣ ҳангоми татбиқи ҷазо дар намуди ҷарима ва мусодираи молу мулк вуҷуд дорад.

Ҷазо имконияти ба маҳкумшуда расонидани зарари ахлоқӣ ва паст намудани вазъи иҷтимоии онро дорад. Бинобар ин, ҷазо вобаста ба аломатҳои объективиаш ҳамеша сазо мебошад, яъне сазои давлат ба ҷинояти содиркарда.

6. Ҷазо боиси доғи судӣ мегардад. Мафҳуми ҷазо, ки дар моддаи 46 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, доғи судиро ҳамчун аломати он муайян накардааст, аммо мавҷудияти чунин аломат танҳо хоси ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Ҷавобгарӣ ва ҷазоҳои маъмурӣ, интизомӣ ва маданӣ боиси доғи судӣ намегарданд. Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 84 КҶ ҶТ шахс доғи судидошта эътироф карда мешавад аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъйин карда шудааст ва то рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ.

Доғи судӣ – ин вазъи махсуси ҳуқуқии шахс мебошад. Моҳияти доғи судӣ дар он зоҳир мегардад, ки он барои шахси маҳкумшуда ҳуқуқмаҳдудкуниҳои муайянро ба вуҷуд меорад. Вазъи ҳуқуқии зикргардида ба шахс баъди адо намудани ҷазо низ дар муҳлати муайян нигоҳ дошта мешавад. Масалан, доғи судӣ нисбати шахсоне, ки аз маҳдуд кардани озодӣ дида ба ҷазои сабуктар маҳкум шудаанд бо гузаштани як сол пас аз тамом кардани муҳлати таъйиншудаи ҷазо барҳам мехурад (қисми 3 моддаи 84 КҶ ҶТ).

## § 2. Мақсади ҷазо

Бе дарназардошти мақсади ҷазо, аҳаммияти иҷтимоии ҷазои ҷиноятӣ ва баҳо додани самаранокии онро фаҳмидан ғайриимкон мебошад. Мақсади ҷазоро ҳамчун натиҷаи ниҳоие, ки давлат ба

муқаррар кардани ҷазо ва маҳкум намудани шахс дар содир кардани ҷиноят кӯшиш мекунад, фаҳмида мешавад.

Дар қисми 2 моддаи 9 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки ҷазо ё чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда истифода мешавад, мақсади озори ҷисмонӣ, таҳқири шаъну эътибори инсонро надорад. Ин муқаррарот ба Конститутсияи ҶТ ва принсипу меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст. Тибқи талаботи моддаи 18 Конститутсияи ҶТ дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Муқаррароти мазкури Конститутсияи ҶТ ба талаботи моддаи 10 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 мутобиқ мебошад, ки тибқи он "ҳамаи шахсоне, ки аз озодӣ маҳрум карда шудаанд, ба муомилаи инсондӯстона ва эҳтироми шарафе, ки хоси шахсияти инсони мебошад, ҳақ доранд". Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ, таҳқиркунандаи шаъну шараф аз 10 декабри соли 1984 муқаррар мекунад, ки ҷазо набояд мақсади расонидани ранҷ ва паст задани шаъну шарафро дошта бошад.

Ҷазо мақсади расонидани ранҷро надорад. Сазо мақсади ҷазо набуда, моҳияти он ва хусусияти намудҳои он мебошад. Он чизе, ки хусусияти сазоро надорад, ҷазо шуда наметавонад.

Қисми 2 моддаи 46 КҶ ҶТ се мақсади ҷазоро муайян мекунад:

1) барқарор намудани адолати иҷтимоӣ;

2) ислоҳи маҳкумшуда;

3) пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав.

1. Барқарор намудани адолати иҷтимоӣ. Содир шудани тамоми ҷиноятҳо ба низоми ҷамъият, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тавозуни онҳо таъсир мерасонад. Барои он, ки мувозинати аз байнрафта барқарор карда шавад, бояд тавассути давлат ҳуқуқҳои муайяни шахси ҷиноятсодиркарда маҳдуд (ва ё дар ҳолатҳои мушаххас маҳрум) карда шавад. Маҳдуд кардан ва ё маҳрум кардани ҳуқуқҳои шахси ҷиноятсодирнамуда маҳз хусусияти сазоии ҷазоро ташкил медиҳад. Аз як тараф шахси ҷиноятсодиркарда бояд ногузирии ҷавобгарӣ ва ҷазоро вобаста ба кирдори худ дарк кунад ва аз тарафи дигар ҷабрдида аз ҷазои таъйиншуда ба шахсе, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯро поймол кардааст, қаноатманд бошад. Ҷиноят ҳамчун ифодаи ноадолатӣ мебошад, зеро бо содир шудани он ҳуқуқҳои шахсият поймол карда мешавад, инчунин ба ҷамъият ва давлат зарари моддӣ ва маънавӣ расонида ме-

шавад. Бинобар ин, ҷазое, ки аз ҷониби суд таъйин карда мешавад, дар мафкураи ҷамъиятӣ ҳамчун воситаи барқарор намудани адолати иҷтимоӣ баромад мекунад. Аммо танҳо дар он вақт адолати иҷтимоӣ барқарор карда мешавад, ки агар худи ҷазо одилона бошад.

Аз ин рӯ, барқарор намудани муносибатҳои ҷамъиятии вайронгардида тавассути ҷазое, ки ба шахси ҷиноятсодирнамуда татбиқ мешавад, амалӣ карда мешавад, ки ҳангоми таъйини он суд бояд хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷазо, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо ва шахсияти гунаҳгорро ба назар гирад. Чи қадаре, ки хусусияти ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда зиёд бошад, ҳамон қадар маҳдудкунӣ ва маҳрумкунии ҳуқуқу озодиҳо нисбати шахс зиёдтар паҳн мегардад.

2. Ислоҳи маҳкумшуда. КҶ ҶТ мафҳуми "ислоҳи маҳкумшударо" шарҳ надодааст. Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 14 КИҶҶ ҶТ ислоҳи маҳкумшудагон ин дар онҳо ташаккул додани муносибати эҳтиромона ба одам, ҷамъият, меҳнат, меъёрҳо, қоидаҳо ва анъанаҳои ҳаёти умумии инсон ва ҳавасманд гардондани рафтори ҳуқуқӣ мебошад. Тибқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 14 КИҶҶ ҶТ воситаҳои асосии ислоҳи маҳкумшудагон аз тартиби муқарраршудаи иҷро ва адои ҷазо (низом), корҳои тарбиявӣ, меҳнат, соҳиб шудан ба таҳсилоти умумии асосӣ, омодагии касбӣ ва таъсиррасонии ҷамъиятӣ иборатанд. Воситаҳои ислоҳи маҳкумшудагон бо назардошти намуди ҷазо, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти маҳкумшуда ва рафтори онҳо истифода бурда мешаванд.

Ислоҳ кардан, яъне ба ҳудуди муайяни қонун мутобиқат намудани кирдор мебошад.

3. Пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав. Дар қисми 1 моддаи 2 КҶ ҶТ яке аз вазифаҳои КҶ ҶТ ин тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо иборат аст. Қонуни ҷиноятии амалкунанда мазмуни мақсади мазкурро шарҳ надодааст. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав аз тарафи маҳкумшудагонро пешгирии махсус меноманд. Мақсади пешгирии содир нагардидани ҷиноят аз ҷониби ҳамаи дигар шахсон бошад, пешгирии умумӣ ном дорад.

Пешгирии махсус ин пешгирӣ намудани содир гардидани ҷиноят аз тарафи маҳкумшуда мебошад. Мақсад дар он вақт амаликардашуда эътироф мегардад, ки агар дар оянда шахси гунаҳгор аққалан аз таҳдиди таъйини ҷазо ҷинояти нав содир накунад. Дар

тавофут аз пешгирии умумӣ пешгирии махсус нисбати шахсоне паҳн мегардад, ки онҳо ҷазои ҷиноятиро адо намуда истодаанд ва ё адо кардаанд.

Пешгирии умумӣ хусусияти фардӣ надорад ва ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа равона карда шудааст. Ин пешгирии содир гардидани ҷиноятҳо аз ҷониби шахсони инфиродан номуайян, тавассути таъсир ба шуури онҳо бо таҳдиди татбиқи ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Мақсади пешгирии умумӣ бо роҳҳои зерин ба даст оварда мешавад:

1. Мавҷудияти қонуни ҷиноятӣ, ки барои содир кардани ҷиноят ҷазо пешбинӣ кардааст;

2. Татбиқи воқеии ҷазо барои содир кардани кирдори ҷиноятӣ.

# БОБИ XV
# НИЗОМ ВА НАМУДҲОИ ҶАЗО

**§ 1. Низом ва намудҳои ҷазо**
**§ 2. Ҷарима**
**§ 3. Маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян**
**§ 4. Якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян**
**§ 5. Маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон**
**§ 6. Корҳои ҳатмӣ**
**§ 7. Корҳои ислоҳӣ**
**§ 8. Маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ**
**§ 9. Маҳдуд кардани озодӣ**
**§ 10. Нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ**
**§ 11. Мусодираи молумулк**
**§ 12. Маҳрум сохтан аз озодӣ**
**§ 13. Якумра аз озодӣ маҳрум сохтан**
**§ 14. Ҷазои қатл**

### § 1. Низом ва намудҳои ҷазо

Низоми ҷазоҳо – ин номгӯйи пурраи намудҳои ҷазо мебошад, ки бо қонуни ҷиноятӣ муқаррар гардида, дар он ҷазоҳо бо тартиби махсус, яъне аз намуди сабуктари ҷазо оғоз шуда, то ба ҷазои вазнинтар ҷойгир шудаанд.

Номгӯйи ҷазоҳо, ки 13 намуди ҷазоро дар бар гирифтааст, бо низоми муайян дар моддаи 47 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст:

а) ҷарима;

б) маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян;

в) якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян;

г) маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон;

д) корҳои ҳатмӣ;

е) корҳои ислоҳӣ;

ж) маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;

з) маҳдуд кардани озодӣ;

и) нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ;

к) мусодираи молу мулк;

л) маҳрум сохтан аз озодӣ;

м) якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ;

н) ҷазои қатл.

Ба низоми ҷазоҳо бо Қонуни ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ" аз 17 майи соли 2004 тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, яъне ҳабс аз низоми ҷазоҳо хориҷ карда шуда, корҳои ҳатмӣ ба низоми ҷазоҳо дохил карда шудааст. Бо Қонуни ҶТ «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл» аз 15 июли соли 2004 татбиқи ҷазо дар намуди ҷазои қатл барои содир намудани ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 104 қисми 2, 138 қисми 3, 179 қисми 3, 398, 399 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, боздошта шудааст. Дар давраи боздоштани татбиқи ҷазои қатл ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 25 сол ё якумра маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ мешавад. Бо Қонуни ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ" аз 1-уми марти соли 2005 ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ба низоми ҷазоҳо ворид карда шуд. Бо Қонуни ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ" аз 19-уми июли соли 2022 ба низоми ҷазоҳо ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ворид карда шуд.

Дар моддаи 48 КҶ ҶТ ҷазоҳо ба се гурӯҳ тасниф шудаанд: ҷазоҳои асосӣ, ҷазоҳои иловагӣ ва ҷазоҳои омехта, яъне ҳам асосӣ ҳам иловагӣ.

Ҷазоҳои асосӣ он ҷазоҳое мебошанд, ки танҳо ба сифати ҷазои мустақил таъйин карда мешаванд. Ба ҷазоҳои асосӣ 8 намуди ҷазоҳо дохил мешаванд: корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ, якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, ҷазои қатл.

Ин намуди ҷазоҳо танҳо дар мавриде таъйин карда мешаванд, ки дар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шуда бошанд. Истисно аз ин қоида танҳо дар ҳолатҳои зерин ҷой дошта

метавонад: агар суд ба ҷинояткор ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазои барои ин ҷиноят муқарраршударо таъйин кунад ва ё қисми боқимондаи ҷазоро бо намуди сабуктари ҷазо иваз кунад (моддаи 63 КҶ).

Ҳангоми содир намудани якчанд ҷиноят, ҳар як намуди ҷазои асосӣ, ки барои ин ҷиноятҳо пешбинӣ шудаанд, дорои хусусияти мустақил мебошанд. Ҷазоҳои асосӣ дар санксияи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба таври комил номбар шудаанд. Истифодаи якчанд ҷазои асосӣ нисбат ба як нафар ба мақсад мувофиқ нест, бинобар ин, ҳангоми содир шудани якчанд ҷиноят танҳо як ҷазои асосиро якҷоя бо ҷазоҳои иловагӣ таъйин намудан мумкин аст.

Барои як ҷиноят танҳо як ҷазои асосӣ таъйин намудан мумкин аст. Дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи КҶ ҶТ бо ҷазои асосӣ таъйин кардани як ё якчанд ҷазои иловагӣ мумкин аст.

Ҷазоҳои иловагӣ ҷазоҳое мебошанд, ки ба сифати ҷазоҳои мустақил таъйин карда намешаванд ва ҳамчун ҷазои иловагӣ якҷоя бо ҷазои асосӣ татбиқ карда мешаванд. Ба ҷазоҳои иловагӣ 2 намуди ҷазо - маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон ва мусодираи молу мулк дохил мешаванд. таъйини ин ҷазоҳои иловагӣ ба ихтиёри суд вогузор шудааст, яъне, таъйин намудани ҷазои иловагӣ ҳуқуқи суд буда, судя уҳдадор нест, ки онро истифода намояд, агар таъйини онҳо дар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ ба сифати ҷазои иловагии ҳатмӣ пешбинӣ нашуда бошад. Дар сурате, ки таъйин намудани ҷазои иловагӣ дар санксияи модда ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ суд ҳуқуқ дорад танҳо дар асоси моддаи 63 КҶ ҶТ чунин ҷазоро таъйин накунад.

Ҷазоҳои омехта ҷазоҳое мебошанд, ки ҳам ба сифати ҷазоҳои асосӣ ва ҳам ба сифати ҷазоҳои иловагӣ татбиқ карда мешаванд. Онҳо метавонанд ҳам ба сифати ҷазоҳои мустақил (асосӣ) ва ҳам дар якҷоягӣ бо ҷазоҳои асосӣ, яъне ба сифати ҷазоҳои иловагӣ таъйин карда шаванд. Тибқи моддаи 48 КҶ ҶТ ба ин гурӯҳи ҷазоҳо ҷазоҳои зерин дохил мешаванд: ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян.

Ҷаримаро ҳамчун ҷазои иловагӣ танҳо дар ҳолатҳое, ки бевосита дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, таъйин намудан мумкин аст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷазоҳо инчунин ба намудҳои зерин тасниф мешаванд:

1) ҷазоҳое, ки бо маҳдуд кардан ё маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд (ҷарима, корҳои ҳатмӣ, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, мусодираи молу мулк);

2) ҷазоҳое, ки бо маҳдуд кардан ё маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманданд (маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ, якумра аз озодӣ маҳрум сохтан);

3) ҷазои қатл.

## § 2. Ҷарима

Ҷазои ҷарима дар низоми ҷазоҳо (моддаи 47 КҶ) дар ҷойи якум пешбинӣ шудааст ва  аз ҳама намудҳои ҷазо ҷазои сабуктар ҳисобида мешавад. Қонун татбиқи ҷаримаро ҳам ба сифати ҷазои асосӣ ҳам ба сифати ҷазои иловагӣ муқаррар намудааст. Ҷаримаро ба сифати намуди ҷазои иловагӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ таъйин кардан мумкин аст.

Ҷазои ҷарима дар моддаи 49 КҶ ҶТ муқаррар шудааст. Мутобиқи қисми 1 моддаи 49 КҶ ҶТ ҷарима - ситонидани маблағе мебошад, ки дар доираи пешбининамудаи КҶ ҶТ таъйин шудааст.

Андозаи ҷарима бо назардошти вазнинии ҷинояти содиргардида ва вазъи молумулкии маҳкумшуда дар доираи муқаррарнамудаи КҶ ҶТ муайян карда мешавад. Он аз ҷониби суд ба маблағи аз сад то бисту як ҳазору нӯҳсад андозаи муқарраршудаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар вақти содир шудани ҷиноят амал менамояд, таъйин карда мешавад.

Мутобиқи моддаи 23 Қонуни ҶТ “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023” аз 7-уми декабри соли 2022 нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз 1-уми январи соли 2023

ҷиҳати ҳисобкунии андоз, боҷ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории ҶТ татбиқ карда мешаванд, дар ҳаҷми 68 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Пас аз эълон кардани ҳукм оид ба таъйини ҷазои ҷарима, суд ҳукмро бароварда, маҳкумшударо оид ба уҳдадории ӯ дар хусуси дар давоми сӣ рӯз бо ихтиёри худ маблағи ҷаримаро пардохт кардан фаҳмонида, ӯро огоҳ менамояд, ки дар сурати напардохтани ҷарима, он ба тариқи маҷбурӣ рӯёнида мешавад.

Бо мақсади таъмини руёнидани ҷарима иҷрочии суд ҳуқуқ дорад молу мулкро ба руйхат гирифта, ба онҳо ҳабс гузорад. Руйхати молу мулкро суд тасдиқ мекунад. Руёнидани ҷарима метавонад ба молу мулки маҳкумшуда бо роҳи ҳабс гузоштан ва фурӯхтани молу мулк, музди меҳнат, нафақа, стипендия ва дигар даромадҳои маҳкумшуда, воситаҳои пулӣ ва молу мулки маҳкумшуда, ки дар дасти шахси дигар мебошад, равона карда шавад. Мутобиқи қисми 5 моддаи 49 КҶ ҶТ дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима суд онро бо ҷазоҳои корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ мутобиқан ба андозаи ҷаримаи таъйингардида, дар доираи ин намудҳои ҷазо, ки бо КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, иваз менамояд. Дар сурати иваз кардани ҷарима бо ҷазои корҳои ислоҳӣ он бо назардошти андозаи ҷаримаи таъйиншуда бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол иваз гардида, аз даҳ то сӣ фоизи музди меҳнат ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад. Дар сурати иваз кардани ҷарима бо ҷазои маҳдуд кардани озодӣ он бо назардошти андозаи ҷаримаи таъйиншуда бо маҳдуд кардани озодӣ, яъне нигоҳ доштани маҳкумшуда дар муассисаҳои махсус бидуни ҷудо кардан аз ҷамъият дар шароити татбиқи назорат аз болои он ба муҳлати аз як то панҷ сол иваз карда мешавад.

Таҳти мафҳуми ашаддӣ саркашӣ намудан аз пардохти ҷарима ҳолате фаҳмида мешавад, ки маҳкумшуда имконияти пардохти ҷаримаро дорад, вале ба огоҳкунии иҷрочии суд нигоҳ накарда, онро намепардозад. Масалан, аз кор озод шудан, даромад ва молу мулкашро аз ба қайд гирифтан ё молу мулки бақайдгирифтае, ки метавонад барои ситонидани ҷарима қарор дода шудааст, пинҳон намояд.

Дар қисми 6 моддаи 49 КҶ ҶТ номгӯйи ҷиноятҳое муқаррар шудаанд, ки дар ҳолати содир шудани онҳо ва аз ҷониби гунаҳгор то баровардани ҳукми суд пурра талофӣ намудани зарари моддӣ,

нисбати гунаҳгор ҷазои ҷарима ва ё дигар ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабудаи дар санксияҳои моддаҳои номбаршуда пешбинигардида таъйин карда мешавад.

Ба ин ҷиноятҳо 33 номгӯйи ҷиноятҳо дохил мешаванд: бадқасдона саркашӣ намудани падару модар аз таъминоти фарзандон (моддаи 177 КҶ); бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти волидайни ғайри қобили меҳнат (моддаи 178 КҶ); азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (моддаи 245 КҶ, ба истисноии банди "а" қисми 4); тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда (моддаи 246 КҶ , ба истисноии банди "а" қисми 3); қаллобӣ (моддаи 247 КҶ, ба истисноии банди "в" қисми 3 ва банди "а" қисми 4); тасарруфи ашё ё асноди дорои арзиши махсус (моддаи 251 КҶ); расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ (моддаи 253 КҶ); қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (моддаи 255 КҶ, ба истисноии бандҳои "а" ва "б" қисми 2); аз беэҳтиётӣ несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (моддаи 256 КҶ, ба истисноии ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошад); тасарруфи воситаи фондҳои кӯмаки хориҷӣ (моддаи 257 КҶ, ба истисноии банди "г" қисми 2 ва банди "б" қисми 3); монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (моддаи 258 КҶ); соҳибкории ғайриқонунӣ (моддаи 259 КҶ); истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғаношуда (моддаи 259[1] КҶ); ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ (моддаи 260 КҶ); фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ (моддаи 263 КҶ); ғайриқонунӣ гирифтани кредит (моддаи 264 КҶ); ғайриқонунӣ додани кредит (моддаи 265 КҶ); саркашии бадқасдона аз адои қарзи кредиторӣ (моддаи 266 КҶ); ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ (моддаи 268 КҶ); муфлисии бадқасдона (моддаи 270 КҶ); муфлисии сохта (моддаи 271 КҶ); кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат (моддаи 273 КҶ, ба истисноии бандҳои "а" ва "б" қисми 3); бадқасдона вайрон кардани қоидаҳои баргузории савдои оммавӣ ё тендер ё музоядаҳо (аукцион) (моддаи 274 КҶ); дидаю дониста додани рекламаи бардурӯғ (моддаи 276 КҶ); ғайриқонунӣ ба даст овардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ (моддаи 277 КҶ); ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ (моддаи 278 КҶ); вайрон кардани қоидаҳои ба давлат супоридани фулузот ва сангҳои қиматбаҳо (моддаи 285 КҶ); муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ (моддаи 286 КҶ); аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо ба асъори хориҷӣ

(моддаи 287 КҶ); қочоқ (қисмҳои 1 ва 2 моддаи 289 КҶ); сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо (моддаи 295 КҶ); сохтакорона тайёр кардан, ба муомилот баровардани маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқат ва ё истифодаи онҳо (моддаи $340^1$ КҶ); барбод додан ё гум кардани молу мулки ҳарбӣ (қисмҳои 1 ва 2 моддаи 388 КҶ).

Мутобиқи қисми 7 модаи 49 КҶ ҶТ агар ҷиноятҳои зерин (8 номгӯйи ҷиноятҳо) дар алоқамандӣ бо ҷиноятҳои пешбининамудаи қисми 6 моддаи мазкур содир шуда бошанд (33 номгӯйи ҷиноятҳо), ҷазо барои онҳо бо тартиби муайяннамудаи қисми 6 ҳамин модда таъйин карда мешавад, яъне  дар ҳолати содир шудани онҳо ва аз ҷониби гунаҳгор то баровардани ҳукми суд пурра талофӣ намудани зарари моддӣ, нисбати гунаҳгор ҷазои ҷарима ва ё дигар ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабудаи дар санксияҳои моддаҳои номбаршуда пешбинигардида таъйин карда мешавад: сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (моддаи 314 КҶ, ба истиснои ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошанд); беамалӣ дар иҷрои вазифа (моддаи 315 КҶ); баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ (моддаи 316 КҶ, ба истисноии бандҳои "а" ва "б" қисми 3 ва ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошанд); иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ (моддаи 318 КҶ); хунукназарӣ (моддаи 322 КҶ, ба истиснои ҳолатҳое, ки боиси марг ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гардида бошанд); сохтакории хизматӣ (моддаи 323 КҶ); сохтакорӣ, тайёр кардан ё ба соҳибияти каси дигар додани ҳуҷҷат, мукофоти давлатӣ, штамп, мӯҳр ва бланкаҳои қалбакӣ (қисмҳои 1 ва 2 моддаи 340 КҶ); сӯиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият (қисми 1 моддаи 391 КҶ).

Агар шахс ҷиноятҳои дар қисмҳои  6 ва ё 7 моддаи 49 КҶ ҶТ пешбинишударо содир намуда, ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад ва пас аз баровардани ҳукм зарари моддиро пурра талофӣ намояд, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст ё суди маҳалли иҷрои ҷазо ё суди болоӣ ба ҷазои ҷарима иваз карда мешавад.

Мутобиқи қисми 9 моддаи 49 КҶ ҶТ дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан ва ё имконнопазирии пардохти ҷарима, ки бо тартиби пешбининамудаи қисмҳои 6, 7 ва ё 8 моддаи мазкур ба сифати

ҷазои асосӣ таъйин ё иваз карда шудааст, суд ҷазои ҷаримаро (ё қисми напардохтаи онро) ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз менамояд. Ҳангоми иваз намудани ҷазои ҷарима ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои ҷарима, муҳлат ва андозаи ин намуди ҷазоҳо набояд аз ҳадди поёнӣ ва болоии муқаррарнамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ бо дарназардошти қисми адокардаи ҷазо кам ва ё зиёд бошанд.

Дар ҳолати иваз намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои ҷарима ва ё ҷазои ҷарима ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ як шабонарӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба 50 фоизи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст, ба истисноӣ ҷиноятҳои дар қисми 11 моддаи 49 КҶ ҶТ пешбинишуда, яъне гирифтани пора (моддаи 319 КҶ), додани пора (моддаи 320 КҶ) ва иғвои порадиҳӣ (моддаи 321 КҶ).

Дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудан ва ё имконнопазирии пардохти ҷарима, ки барои содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 319-321 КҶ ҶТ пешбинигардида таъйин карда шудааст, суд ҷазои ҷаримаро (ё қисми напардохтаи онро) ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз менамояд. Ин масъала аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст, ё суди маҳалли иҷрои ҷазо ва ё суди болоӣ ҳал карда мешавад.

Ҳангоми иваз намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои ҷарима ё ҷазои ҷарима ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 319-321 КҶ ҶТ пешбинигардида як шабонарӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст.

## § 3. Маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян

Ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян дар моддаи 50 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 50 КҶ ҶТ маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян аз манъ кардани ишғоли мансаб дар хизмати давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё машғул шудан бо фаъолияти муайяни касбӣ ё фаъолияти дигар иборат аст.

Ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ду намуди мустақили ҷазоро дар бар мегирад :

1) манъи ишғол кардани мансаб дар хизмати давлатӣ ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ё деҳот;

2) манъи машғул шудан бо фаъолияти касбӣ ё дигар навъи фаъолият.

Манъи ишғоли мансабҳои муайян дар хизмати давлатӣ ё мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ё деҳот ин маҳрум кардан аз ишғоли мансабҳое мебошад, ки мутобиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 27-уми декабри соли 2016 муқаррар шудаанд.

Мувофиқи Феҳристи мансабҳои давлатӣ мансабҳо тасниф мешаванд ба:

1. Мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ (30 мансаб):

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Комиссияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини якуми раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини якуми раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муовини Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- судяи суди ҳарбӣ;

- судяи суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоят, суди шаҳри Душанбе;

- судяи суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди иқтисодии вилоят, суди иқтисодии шаҳри Душанбе;

- судяи суди шаҳр, ноҳия.

2. Мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ:

1) Мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ (32 мансаб):

- Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ;

- Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовини ӯ;

- ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- вазири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини ӯ;

- раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид;

- роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- раиси кумитаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- сардори хадамоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- директори агентии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- сардори саридораи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
- раиси вилоят;
- раиси шаҳри Душанбе;
- раиси шаҳр, ноҳия.

2) Мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ:

Барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ категорияи мансабҳои давлатии зерин муқаррар карда мешавад:

-категорияи олӣ;
-категорияи якум;
-категорияи дуюм;
-категорияи сеюм;
-категорияи чорум;
-категорияи панҷум;
-категорияи шашум;
-категорияи ҳафтум.

Маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян ин маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти касбӣ ё дигар фаъолият мебошад. Таҳти фаъолияти касбӣ иҷрои доимии кор, ки донишҳои махсус ё тайёрии махсусро талаб мекунад, яъне касб фаҳмида мешавад. Мисол, корманди тиб, омӯзгор, муҳосиб,

адвокат ва ғайра. Фаъолияти дигар – ин фаъолияти дигари нисбатан доимии дилхоҳ ба ғайр аз фаъолияти касбӣ мебошад, ки мисол бо шикорчигӣ, моҳидорӣ, ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш ва ғайра алоқаманд аст.

Ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян аз як то бист сол муқаррар карда мешавад.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 50 КҶ ҶТ маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян дар ҳолате ба сифати ҷазои иловагӣ низ бо ишора ба ҳамин модда таъйин карда шуда метавонад, ки ин намуди ҷазо дар моддаи дахлдори Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ нагардида бошад ҳам, агар суд, бо дарназардошти хусусият ва дараҷаи ҷинояти содиршуда ва шахсияти гунаҳгор, имконнопазирии нигоҳ доштани ҳуқуқи ӯро барои ишғол намудани мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян эътироф намояд.

Ҳангоми ба сифати ҷазои иловагӣ ба нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, маҳдуд кардани озодӣ ё аз озодӣ маҳрум сохтан таъйин гардидани ин ҷазо, он дар тамоми вақти адои ҷазои асосӣ ва зиёда аз он пас аз адои ҷазои асосӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи ҳукм низ татбиқ мегардад. Дар ҳолатҳои дигар муҳлати он аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм ҳисоб карда мешавад.

## § 4. Якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян

Ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян бо Қонуни ҶТ “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ ” аз 19-уми июли соли 2022 ба низоми ҷазоҳо, ки дар моддаи 47 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ворид карда шуд. Бо Қонуни мазкур ба КҶ ҶТ моддаи $50^{1}$ бо номи “якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян” ворид карда шуд. Тибқи моддаи $50^{1}$ КҶ ҶТ якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қисми махсуси Кодекси мазкур татбиқ карда мешавад. Қонунгузор ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайянро дар Қисми махсуси КҶ ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳои таҷовуз ба номус (қисмҳои 2 ва 3 мод-

даи 138 КҶ), ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (қисмҳои 2, 3, 4 моддаи 139 КҶ), алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст (қисмҳои 1, 2, 3 моддаи 141 КҶ), ҳаракати бадахлоқона (қисмҳои 1, 2 моддаи 142 КҶ), алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона бо сӯиистифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ (шонздаҳсолагӣ нарасидааст (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 142[1] КҶ) муқаррар намудааст.

Дар моддаи 142[1] КҶ ҶТ эзоҳ бо мазмуни зайл муқаррар шудааст: "Ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба шахсе татбиқ карда мешавад, ки ҷиноятро нисбат ба ноболиғ содир кардааст ва он дар санксияи моддаҳои боби мазкур пешбинӣ шудааст – аз манъ кардани ишғоли мансаб ва ё фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии соҳаҳои маориф, тарбия, инкишофи ноболиғон, ташкил намудани истироҳат ва солимгардонӣ, таъминоти тиббӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ, дар соҳаи варзиши кӯдакону наврасон, фарҳанг ва санъат бо иштироки ноболиғон, инчунин, машғул шудан ба чунин фаъолият дар асоси инфиродӣ ё фаъолияти дигаре, ки кор бо ноболиғонро дар бар гирифтааст, иборат аст».

## § 5. Маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон

Маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон ҷазои иловагӣ мебошад ва дар моддаи 51 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Ин ҷазоро суд метавонад дар ҳолати содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин аз ҷониби шахсе, ки рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистонро дорад, бо дарназардошти шахсияти маҳкумшаванда ва кирдори содирнамудаи ӯ бар замми ҷазои асосӣ таъйин намояд ва ӯро аз чунин рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон маҳрум намояд.

Азбаски таъйин намудани ҷазои маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон ҳуқуқи суд аст, на уҳдадориаш, суд бояд дар хусуси имконият, зарурат ва мувофиқи мақсад бу-

дани татбиқи ин намуди ҷазо ба хулосаи асоснок ояд, яъне чунин хулоса барорад, ки шахси гунаҳгор сазовори доштани ин ё он унвон, мукофоти давлатӣ ё рутба нест.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рутбаҳои дахлдор вуҷуд доранд, аз ҷумла рутбаҳои ҳарбӣ (лейтенант, капитан, майор ва ғайра), рутбаҳои дипломатӣ (сафири фавқулода ва мухтор, атташе, мушовири дараҷаи 1, 2, 3 ва ғайра), рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатӣ (мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии дараҷаи 1, 2, 3, мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1, 2, 3, референти хизмати давлатии дараҷаи 1, 2, 3). Унвонҳои махсус ин унвонҳое мебошанд, ки аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатии дахлдор дода мешавад, мисол ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти андоз, мақомоти гумрук, нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ ва дигар мақомот.

Мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои фахрӣ бо Қонуни ҶТ “Дар бораи мукофотҳои давлатӣ” аз 24 феврали соли 2017 муқаррар шудаанд. Мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли олии ҳавасмандгардонии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва эътирофи хизматҳояшон дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба низоми мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд: мукофоти олӣ – унвони Қаҳрамони Тоҷикистон; орденҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; медалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотҳои давлатии зерин муқаррар гардидаанд: мукофоти олӣ – унвони Қаҳрамони Тоҷикистон; ордени Ситораи Президенти Тоҷикистон дараҷаи I, дараҷаи II, дараҷаи III; ордени Зарринтоҷ дараҷаи I, дараҷаи II, дараҷаи III; ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи I, дараҷаи II, дараҷаи III; ордени «Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон»; ордени Дӯстӣ; ордени Спитамен дараҷаи I, дараҷаи II; ордени Шараф дараҷаи I, дараҷаи II; медали Ҷасорат; медали Хизмати шоиста; медали Шафқат; медали Марзбони шуҷои Тоҷикистон; медалҳои ҷашнӣ; унвони фахрии Нависандаи (Шоири) халқии Тоҷикистон; унвони фахрии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон; унвони фахрии Ҳофизи халқии Тоҷикистон; унвони фахрии Рассоми халқии Тоҷикистон; унвони фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон; унвони фахрии Арбоби ҳунари Тоҷикистон; унвони фахрии Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон; унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон; унвони фахрии Донори ифтихории Тоҷикистон; Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мутобиқи моддаи 36 Қонуни ҶТ “Дар бораи мукофотҳои давлатӣ” маҳрум намудани шахс аз мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби пешбининамудаи КҶ ҶТ аз ҷониби суд амалӣ карда мешавад. Мукофотҳои давлатӣ ва ҳуҷҷатҳои онҳо баъд аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд ба Комиссияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мукофотҳои давлатӣ баргардонида мешаванд.

Мутобиқи моддаи 197 КИҶҶ ҶТ суде, ки дар мавриди маҳрум кардани шахси маҳкумшуда аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукм баровардааст, пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани он нусхаи ҳукмро ба мақом ё шахси мансабдоре, ки ба маҳкумшуда рутбаи ҳарбӣ ё дипломатӣ ё унвонҳои махсус ё ӯро бо мукофоти давлатӣ сарфароз гардонидааст, мефиристад. Бо гирифтани нусхаи ҳукми суд шахси мансабдор тибқи тартиби муқарраршуда ба асноди дахлдор дар мавриди маҳрум кардани маҳкумшуда аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, унвонҳои махсус ё мукофотҳои давлатӣ сабт ворид намуда, инчунин, оид ба маҳрум кардани ӯ аз ҳуқуқ ва имтиёзе, ки барои шахсони дорои чунин рутба, унвон ё мукофоти давлатӣ пешбинӣ шудааст, чораҳо меандешад. Шахси мансабдор судеро, ки ҳукм баровардааст, дар давоми як моҳ баъди гирифтани нусхаи ҳукм дар мавриди иҷрои ҷазо огоҳ месозад.

## § 6. Корҳои ҳатмӣ

Ҷазои корҳои ҳатмӣ дар моддаи 48[1] Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ» аз 17-уми майи соли 2004 ба низоми ҷазоҳо ворид карда шуд.

Мафҳуми ҷазои корҳои ҳатмӣ дар қисми 1 моддаи 48[1] КҶ ҶТ муқаррар шудааст: “корҳои ҳатмӣ аз ҷониби маҳкумшуда берун аз вақти корҳои асосӣ ё аз таълим ба таври бемузд иҷро намудани корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ки намудҳои онҳоро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот муайян менамоянд”.

Чун қоида корҳои ҳатмӣ малакаи махсуси касбиро талаб намекунанд. Ба корҳои ҳатмӣ мисол шуда метавонанд – ободонӣ, кабудизор кардани ҳудуди муайян, тоза намудани бино, корҳои борбардорӣ, борфарорӣ ва ғайра. Барои маҳкумшудагони ноболиғ муҳим он аст, ки иҷрои кори ҳатмии таъйин

мешудагӣ ба қадри қуввати онҳо мувофиқ бошад. Маҳкумшудагон ҳуқуқи рад намудани кори ба онҳо пешниҳодшударо надоранд.

Корҳои ҳатмӣ бояд дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда адо карда шавад, яъне дар объектҳое, ки дар ҳудуди нуқтаи аҳолинишине, ки маҳкумшуда дар он ҷо иқомат дорад ё маҳалле, ки ӯ метавонад ҳар рӯз ба ҷойи истиқомати доимиаш баргардад. Дар баробари ин бояд натанҳо иҷрои корҳои ҳатмӣ, инчунин, кори асосӣ, хизмат ва таҳсил низ ба инобат гирифта шаванд.

Дар зери мафҳуми корҳои ҷамъиятӣ маҷмӯи корҳое фаҳмида мешавад, ки бояд маҳкумшуда иҷро намояд.

Шакли ташкилию ҳуқуқии корхона (давлатӣ, ҷамъиятӣ, хусусӣ), ки ба онҷо бояд маҳкумшуда фиристода шавад, гуногун шуда метавонад. Муҳим он аст, ки мазмуни фаъолиятро корҳои ҷамъиятӣ ташкил диҳанд. Ҳамзамон, ҳангоми муайян намудани ҷойи мушаххаси адои ин намуди ҷазо бартарият ба он корхонаҳое дода мешавад, ки тобеи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бошанд.

Корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз шаст то дусаду чил соат муқаррар карда мешаванд ва на зиёда аз чор соат дар як рӯз адо карда мешавад (аз 2 то 4 соат дар як рӯз ва на камтар аз 12 соат дар як ҳафта).

Дар қисми 3 моддаи 48[1] КҶ ҶТ 5 категорияи шахсоне муқаррар шудаанд, ки нисбати онҳо таъйини ҷазои корҳои ҳатмӣ манъ аст:

1) хизматчиёни ҳарбӣ;

2) шахсоне, ки ба синну соли нафақа расидаанд;

3) занони ҳомила;

4) шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд;

5) маъюбони гурӯҳҳои I ва II.

Агар дар давраи адо намудани ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ бо маҳкумшуда яке аз ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 3 моддаи 48[1] КҶ ҶТ ба миён ояд, яъне ба хизмати ҳарбӣ даъват шудан, ба синну соли нафақа расидан, ҳомиладор шудани зан, ба рухсатӣ оид ба нигоҳубини кӯдак баромадан, маъюби гурӯҳи I ё II эътироф гардидани маҳкумшуда, суд бо пешниҳоди мақоме, ки бар зиммаи он иҷрои ҳукм вогузор шудааст, яъне Нозироти корҳои ислоҳӣ шахси маҳкумшударо аз адои минбаъдаи ҷазо озод менамояд.

Мутобиқи қисми 5 моддаи 48[1] КҶ ҶТ дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ кардани маҳкумшуда аз адои корҳои ҳатмӣ, суд бо пешниҳоди нозироти корҳои ислоҳӣ онро ба ҷазои корҳои ис-

лоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ дар доираи ин намудҳои ҷазо, ки бо КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, иваз менамояд. Дар сурати иваз намудани қисми адонашудаи ҷазои корҳои ҳатмӣ ба корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ як рӯзи ин ҷазоҳо ба ҳашт соати корҳои ҳатмӣ баробар аст.

Саркашӣ кардан аз адои ҷазои корҳои ҳатмӣ ҳамон вақт ашаддӣ ҳисобида мешавад, ки агар маҳкумшуда:

а) зиёда аз ду маротиба дар давоми як моҳ барои адои ҷазои корҳои ҳатмӣ бе сабабҳои узрнок набаромада бошад;

б) зиёда аз ду маротиба дар давоми як ҳафта интизоми меҳнатро вайрон карда бошад;

в) бо мақсади саркашӣ намудан аз адои ҷазо пинҳон шавад.

## § 7. Корҳои ислоҳӣ

Ҷазои корҳои ислоҳӣ дар моддаи 52 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳия ё шаҳри истиқомати маҳкумшуда ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол таъйин гардида, аз даҳ то сӣ фоизи музди меҳнат ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад.

Корҳои ислоҳӣ мутобиқи ҳукми суд дар:

- ҷойи кори асосии маҳкумшуда;

- дигар ҷойҳое, ки нозироти корҳои ислоҳӣ муайян намудааст, вале дар ноҳияи истиқоматии маҳкумшуда, бо назардошти қобилияти кории ӯ ва аз рӯйи имконият тибқи ихтисоси ӯ адо карда мешаванд.

Шахсоне, ки ба ҷазои корҳои ислоҳӣ дар ҷойи корашон маҳкум шудаанд, дар ҳамон корхона, муассиса, ташкилот, ки онҳо то маҳкумшавӣ кор мекарданд, дар ҳамон вазифа ва коре, ки қаблан ба ҷо меоварданд, корро идома медиҳанд, ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба дигар мансаб ё кори дигар гузаронидани шахсони ба корҳои ислоҳӣ дар ҷойи корашон маҳкумшуда дар асосҳои умумии пешбининамудаи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Шахсоне, ки ба ҷазои корҳои ислоҳӣ дар дигар ҷойҳо маҳкум шудаанд, метавонанд ба хадамоти шуғли аҳолӣ фиристода шуда, аз ҷониби он ба таври имтиёзнок бо кор таъмин карда шаванд. Шахсони ба корҳои ислоҳӣ дар дигар ҷойҳо маҳкумшуда ҳуқуқ надо-

ранд, ки кори ба онҳо пешниҳодшударо рад намоянд, сарфи назар аз он, ки ин кор ба ихтисоси онҳо мутобиқат мекунад ё не.

Дар қисми 4 моддаи 52 КҶ ҶТ 6 категорияи шахсоне муқаррар шудаанд, ки нисбати онҳо таъйини ҷазои корҳои ислоҳӣ манъ аст:

1) хизматчиёни ҳарбӣ;

2) шахсони ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида;

3) шахсоне, ки ба синну соли нафақа расидаанд;

4) занони ҳомиладор;

5) шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд;

6) маъюбони гурӯҳҳои I ва II.

Агар дар давраи адо намудани ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ бо маҳкумшуда яке аз ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 4 моддаи 52 КҶ ҶТ ба миён ояд, яъне ба хизмати ҳарбӣ даъват шудан, ба синни шонздаҳсолагӣ расидан, ба синну соли нафақа расидан, ҳомиладор шудани зан, ба рухсатӣ оид ба нигоҳубини кӯдак баромадан, маъюби гурӯҳи I ё II эътироф гардидани маҳкумшуда, суд бо пешниҳоди мақоме, ки бар зиммаи он иҷрои ҳукм вогузор шудааст, яъне нозироти корҳои ислоҳӣ шахси маҳкумшударо аз адои минбаъдаи ҷазо озод менамояд ё қисми адонакардаи ҷазоро бо ҷазои сабуктар иваз менамояд.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 52 КҶ ҶТ дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ кардани шахси ба корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда аз адои муҳлати ҷазо, суд метавонад бо пешниҳоди нозироти корҳои ислоҳӣ қисми боқимондаи ҷазоро бо ҷазои маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳисоби як рӯзи маҳдуд кардани озодӣ ба ҷойи як рӯзи корҳои ислоҳӣ, як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷойи се рӯзи корҳои ислоҳӣ иваз намояд.

### § 8. Маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ

Ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ дар моддаи 53 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Ин намуди ҷазо нисбати категорияи зерини шахсони ҷиноятсодирнамуда татбиқ мешавад:

- хизматчиёни ҳарбии маҳкумшудаи ҳайати афсарон;
- хизматчиёни ҳарбии бо тартиби ихтиёрӣ хизматкунанда.

Ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ дар ҳолатҳои зерин таъйин карда мешавад:

- агар дар санксияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ пешбинӣ шуда бошад;

- бар ивази корҳои ислоҳи меҳнатии барои ҷиноятҳои дигар пешбинигардида нисбати хизматчиёни ҳарбии маҳкумшудаи ҳайати афсарон, инчунин хизматчиёни ҳарбии бо тартиби ихтиёрӣ хизматкунанда.

Ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол татбиқ мешавад ва дар ин давра аз таъминоти пулии шахси ба маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ маҳкумшуда ба фоидаи давлат ба андозаи муқаррарнамудаи ҳукми суд аз даҳ то сӣ фоизи маблағи таъминоти пулӣ ситонида мешавад.

Нисбати шахси ба ин намуди ҷазо маҳкумшуда дар давраи адои ҷазо манъ карда мешавад:

- ба мансаби баланд таъйин кардан;
- додани рутбаи ҳарбии баландтар ба ӯ.

Муҳлати ҷазо ба собиқаи хизматии хизматчиёни ҳарбии маҳкумшудаи ҳайати афсарон, инчунин хизматчиёни ҳарбии бо тартиби ихтиёрӣ хизматкунанда барои додани рутбаи навбатии ҳарбӣ ҳисоб карда намешавад.

## § 9. Маҳдуд кардани озодӣ

Ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар моддаи 54 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Моҳияти ҷазои маҳдуд кардани озодӣ аз он иборат аст, ки шахси ба ҷазои мазкур маҳкумшуда дар муассисаҳои махсус – марказҳои ислоҳӣ (табъидгоҳҳо), бидуни ҷудо кардан аз ҷамъият дар шароити татбиқи назорат аз болои он адои ҷазо менамоянд.

Маҳдуд кардани озодӣ барои ҷиноятҳои қасдан ё ин ки аз беэҳтиётӣ содиршуда ба муҳлати аз як то панҷ сол таъйин карда мешавад.

Дар ҳолати иваз кардани корҳои ислоҳӣ бо маҳдуд кардани озодӣ он метавонад ба муҳлати камтар аз як сол таъйин гардад.

Шахси ба ҷазои маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшуда, ба корҳои доимӣ, муваққатӣ ё мавсимӣ ё ҷалби ин гуна шахсон ба корҳои сохтмонӣ ё истеҳсолии миқёсан калоне, ки ба миқдори зиёди қувваи кории беихтисос ниёз дорад, ҷалб карда мешаванд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо вазифадоранд ба мақомоти иҷрокунандаи ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ барои бо кор

таъмин намудан ва беҳбуди вазъи маишии шахсони барои адои ҷазо фиристодашуда мусоидат намоянд.

Ҳарчанд аз қабули КҶ ҶТ соли 1998, ки ҷазои мазкурро аввалин бор муқаррар намудааст, зиёда аз ду даҳсола гузашта бошад, ҳам, вале бо сабабҳои объективӣ ҷазои маҳдуд кардани озодӣ дар амалия таъйин ва татбиқ намегардад.

Бояд қайд намуд, ки маҳдуд кардани озодӣ аз ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ бо он фарқ мекунад, ки дар маҳдуд кардани озодӣ шахси маҳкумшуда аз ҷамъият ҷудо накарда, нисбат ба вай назорат татбиқ карда мешавад.

Дар ҳолати аз адои ҷазо ашаддӣ саркашӣ намудани шахси ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкумшуда, он ба муҳлате, ки дар ҳукми суд барои маҳдуд кардани озодӣ таъйин шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда мешавад. Дар айни замон вақти адои маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ дохил гардида, як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ баробари як рӯзи маҳдуд кардани озодӣ ҳисоб карда мешавад.

Таъйин намудани ҷазои маҳдуд кардани озодӣ нисбат ба шахсони зерин манъ аст:

а) хизматчиёни ҳарбӣ;

б) шахсоне, ки ба синну соли нафақа расидаанд;

в) занони ҳомиладор;

г) шахсоне, ки бо сабаби нигоҳубини кӯдак дар рухсатӣ мебошанд;

д) маъюбони гурӯҳҳои I ва II.

## § 10. Нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ

Ҷазои нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ дар моддаи 56 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.Ҷазои нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ нисбати категорияҳои зерини хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукми суд муҳлати бо қонун муқаррапгардидаи хизматро тибқи даъват адо накардаанд, татбиқ мешавад:

- хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро аз рӯйи даъвати хизмати муҳлатнок адо мекунанд;

- хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро бо тартиби ихтиёрӣ дар вазифаи аскари қаторӣ ва ҳайати сержантҳо адо мекунанд.

Ҷазои нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ба муҳлати аз се моҳ то ду сол таъйин карда мешавад. Ҷазои мазкур дар ҳолатҳои зерин таъйин карда мешавад:

- дар ҳолатҳое, ки барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили хизмати ҳарбӣ моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ пешбинӣ намудаанд;

- дар ҳолатҳои содир намудани ҷиноятҳои дигар, агар хусусияти ҷиноят ва шахсияти гунаҳгор дар бораи имконияти иваз намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на бештар аз ду сол бо нигоҳ доштани маҳкумшуда дар қисми ҳарбии интизомӣ ба ҳамин муҳлат далолат диҳанд.

Нисбати хизматчиёни ҳарбии маҳкумшудае, ки бо сабаби вазъи саломатиашон барои хизмати ҳарбӣ ношоям дониста шудаанд ё нисбати онҳо ҳолатҳои дигаре муқаррар шудаанд, ки онҳоро аз хизмати ҳарбӣ озод мекунанд, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ татбиқ карда намешавад.

Ҳангоми нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ бар ивази маҳрум сохтан аз озодӣ муҳлати нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ба ҳисоби як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ баробари як рӯзи нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ муайян карда мешавад.

Иваз кардани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ бо нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ нисбат ба шахсе, ки қаблан ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ адо намудааст, манъ аст.

## § 11. Мусодираи молумулк

Мусодираи молу мулк ҷазои иловагӣ мебошад ва дар моддаи 57 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Мусодираи молу мулк ин дар асоси ҳукми айбдоркунанда маҷбуран ба таври ройгон гирифтан ва ба моликияти давлат гузаронидани молу мулки муайяни маҳкумшуда мебошад. Ба молу мулки мусодирашаванда молу мулки зерини маҳкумшуда дохил мешавад:

1) маблағҳои пулӣ, арзишҳо ва дигар молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои дар қисми 2 моддаи 104, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 110, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 130, моддаи $130^1$, моддаи $130^2$, қисми 3 моддаи 131, моддаи 132, қисми 2 моддаи 150, моддаи $153^1$ (агар ҷиноят бо ғараз содир шуда бошад), моддаҳои 156, $156^1$, 167, қисми 2 моддаи 171 (агар ҷиноят бо мақсади ғаразнок содир шуда бошад), моддаи 172 (агар ҷиноят бо мақсади ғаразнок содир шуда бошад), моддаи 173 (агар ҷиноят бо ғараз содир шуда бошад), моддаҳои 179, $179^1$, $179^2$, $179^3$, 181, 183, 184, $184^2$, $184^4$, 185, 186, 187, 188, 193, 194, $194^1$, $194^2$, $194^3$, $194^4$, $194^5$, 195, 200,

201, 202, $202^{1}$, $202^{2}$, 204, 205, 206, 221, 230, 232, 238, 239, 240, 241, 244-250, 254, 257, 259, $259^{1}$, 262, 273, 274, 275, 277, 278, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 279, қисми 3 моддаи 280, моддаҳои 281, 282, 284, 286, 291-293, 305, 306, 307, $307^{1}$, $307^{2}$, $307^{3}$, 308, 309, 310, 313, 314, 319, 320, қисми 2 моддаи 324, $335^{1}$, $335^{2}$, қисми 2 моддаи $338^{1}$, 340, $340^{1}$, 351, 352, 353, 356, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 391, 397, қисми 3 моддаи 401, моддаи $401^{1}$ ва моддаи 402 КҶ пешбинишуда ба даст оварда шудаанд ё мол ва (ё) ашёи дигари қочоқ мебошанд, ки барои он моддаи 289 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ муқаррар намудааст ва ҳама гуна даромадҳо аз ин молу мулк, ба истиснои молу мулк ва даромадҳо аз он, ки бояд ба соҳиби қонунӣ баргардонида шаванд;

2) маблағҳои пулӣ, арзишҳо ва дигар молу мулке, ки ба онҳо молу мулки дар натиҷаи содир намудани ақаллан як ҷинояти бо моддаҳои дар банди а) қисми 1 моддаи 57 КҶ пешбинишуда бадастовардашуда ва даромадҳо аз ин молу мулк қисман ё пурра табдил дода ё ба шакли дигар гардонида шудаанд;

3) маблағҳои пулӣ, арзишҳо ва дигар молу мулке, ки барои маблағгузории терроризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом, гурӯҳи муташаккил, воҳиди мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) истифода мешаванд ё пешбинӣ шудаанд;

4) олот ва (ё) воситаҳои содир намудани ҷиноят, ки ба шахси гунаҳгор тааллуқ доранд.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 57 КҶ ҶТ агар молу мулки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят бадастовардашуда ва (ё) даромадҳо аз ин молу мулк ба молу мулки ба таври қонунӣ бадастомада ҳамроҳ карда шуда бошанд, он қисмати ин молу мулк мусодира мегардад, ки ба арзиши молу мулки ҳамроҳкардашуда ва даромадҳо аз он мувофиқ мебошад.

Дар сурати аз ҷониби гунаҳгор ба шахси дигар додани молу мулки бо роҳи ҷиноят бадастомада мутобиқи қисми 3 моддаи 57 КҶ ҶТ молу мулки мазкур дар он ҳолат мусодира мегардад, ки агар шахси ин молу мулкро қабулнамуда медонист ё бояд медонист, ки он дар натиҷаи ҳаракатҳои ҷиноятӣ ба даст оварда шудааст.

Агар дар лаҳзаи қабули қарори суд дар бораи мусодираи молу мулк мусодираи ашёи муайян бинобар истифодаи он, фурӯш ё бо сабаби дигар ғайриимкон бошад, суд дар бораи мусодираи маблағи пулие, ки ба арзиши ашёи мазкур мувофиқ аст, қарор қабул менамояд.

Ҳангоми мусодираи молу мулк суд бояд нишон диҳад, ки кадом қисми молу мулк мусодира карда мешавад ва ашёи мусоди-

рашавандаро номбар намояд. Молу мулки маҳкумшуда, аз ҷумла ҳиссаи ӯ дар моликияти умумӣ, сармояи оинномавии (шариконаи) ташкилотҳои тиҷоратӣ, пул, коғазҳои қиматнок, дигар арзишҳо, аз ҷумла оне, ки дар ҳисобномаҳо, амонат ё барои нигаҳдошт дар ташкилотҳои молиявию қарзӣ ва бонкҳо гузошта шудааст, инчунин, молу мулке, ки маҳкумшуда барои идораи ба боварӣ асосёфта супурдааст, мусодира карда мешавад. Ҳангоми баррасии масъалаи мусодираи молу мулк бояд дар навбати аввал масъалаи талофӣ гардидани зарари ба соҳиби қонунӣ расонидашуда, ҳалл карда шавад.

Барои содир намудани ҷиноятҳои дар банди “а” қисми 1 моддаи 57 КҶ ҶТ пешбинишуда суд метавонад мусодираи пурраи молу мулкро ҳамчун ҷазои иловагӣ таъйин намояд.

Дар КИҶҶ ҶТ номгӯйи молу мулке, ки бо ҳукми суд мусодира намешавад замима гардидааст. Молу мулке, ки мусодира намешаванд ин молу мулк ва чизу чорае мебошанд, ки ба маҳкумшуда вобаста ба ҳуқуқи моликияти шахсӣ тааллуқ доранд ё ҳиссаи ӯ дар моликияти умумӣ мебошанд ва барои маҳкумшуда ва шахсони таҳти сарпарастиаш қарордошта зарур мебошанд. Ба молу мулке, ки мусодира намешаванд инҳо дохил мешаванд:

1) бинои истиқоматӣ бо иншооти хоҷагӣ ё қисмҳои алоҳидаи он, агар маҳкумшуда ва оилаи ӯ доимӣ дар он зиндагӣ кунанд (вале на бештар аз як хона барои оила);

2) хона ё қисми алоҳидаи он, агар маҳкумшуда ва оилаи ӯ доимӣ дар он зиндагӣ кунанд (вале на бештар аз як хона барои оила);

3) қитъаҳои замин, ки дар онҳо хона ва иншооти хоҷагии мусодиранашаванда воқеанд, инчунин, қитъаҳои замине, ки барои пешбурди корҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ёрирасон зарур мебошанд;

4) ягона гов ва дар сурати надоштани гов - ягона гӯсола; дар хоҷагиҳое, ки гову гӯсола надоранд - ягона буз, гӯсфанд ё хук; аз шахсоне, ки дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунанд - иншооти хоҷагӣ ва ҳайвоноти хонагӣ дар шуморае, ки барои қонеъ намудани талаботи ҳадди ақали аъзои оилаи ӯ заруранд, инчунин, паррандаҳои хонагӣ;

5) хӯрокаи чорво, ки то ҷамъоварии хӯрокаи нав ё то ба чарогоҳ баровардани мол зарур аст;

6) тухмие, ки барои кишту кори навбатии зироатҳои кишоварзӣ заруранд;

7) чизу чораи зарурии хона, асбобу анҷоми рӯзғор, сару либосе, ки барои маҳкумшуда ва аъзои таҳти парастории (таъминоти) ӯ қарордошта, заруранд:

а) яхдон, телевизор, радио, дигар асбобу таҷҳизоти барқии маишӣ;

б) сару либос, пойафзол, либоси таг, сомони хоб, мебел, асбобу анҷоми рӯзгор ва ошпазхона, ки истифода мешаванд (ба истисної ашёе, ки аз металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо тайёр карда шудаанд, ба истиснои нигинҳои ақди никоҳ ва ашёе, ки ёдгории оилавӣ мебошанд, инчунин ашёи дорои арзиши таърихию бадеӣ);

в) ҳама гуна асбобу анҷоми кӯдакон (ба ғайр аз техникаҳои компютерӣ, аудио ва видео).

8) озуқаворӣ дар ҳаҷме, ки барои маҳкумшуда ва аъзои оилаи ӯ то ҳосили нав зарур мебошанд, агар шуғли асосии маҳкумшуда соҳаи кишоварзӣ бошад, дар ҳолатҳои дигар озуқаворӣ ва пул ба маблағи умумие, ки ба андозаи садкаратаи маоши ҳадди ақал (дар рӯзи мусодира) барои маҳкумшуда ва шахсоне, ки ӯ вазифадор аст таъмин кунад, баробар бошад;

9) сӯзишворӣ, ки барои пухтани озуқаворӣ ва гарм кардани бинои истиқоматии оила дар давоми мавсими гармидиҳӣ заруранд;

10) чизу чора (асбобу анҷом), васоити таълимӣ ва китоб, ки барои машғулияти касбии маҳкумшуда заруранд (ба истиснои оне, ки аз маводи қиматбаҳо сохта шудаанд, инчунин, дорои арзиши таърихӣ ва бадеӣ мебошанд, инчунин, дар ҳолатҳое, ки агар маҳкумшуда бо ҳукми суд аз машғул шудан ба фаъолияти муайян маҳрум карда шуда бошад ё ҳангоме, ки ашё (асбобу анҷом) аз ҷониби маҳкумшуда барои содир намудани ҷиноят истифода гардида бошад;

11) воситаҳои нақлиёт, ки махсус барои ҳаракати маъюбон пешбинӣ гардидааст;

12) мукофотҳои байналмилалӣ ва дигар мукофотҳое, ки маҳкумшуда сарфароз гардидааст.

Дар сурати мусодираи молу мулке, ки ҳиссаи маҳкумшуда дар моликияти умумӣ мебошад, ҳаҷми ҳисса пас аз берун намудани чизу чора ва асбобу анҷоми дар Рӯйхати мазкур зикргардида муайян карда мешавад.

## § 12. Маҳрум сохтан аз озодӣ

Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар моддаи 58 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда, ҷазои асосӣ мебошад ва дар низоми ҷазоҳо дар ҷойи даҳум қарор дорад.

Маҳрум сохтан аз озодӣ яке аз ҷазоҳои ниҳоят қатъӣ ва аз ҳама бештар татбиқшаванда мебошад. Шахсоне, ки ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, ҷазоро дар маҳалли ҷойгиршавии муассисаҳои дахлдори ислоҳӣ адо мекунанд.

Шахсе, ки ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, аз ҷамъият ҷудо карда шуда, ба муассисаи ислоҳӣ ҷойгир карда мешавад. Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ду намуди мустақил ҷудо мешавад: ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян ва ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан.

Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз шаш моҳ то бисту панҷ сол таъйин карда мешавад. Ҳангоми таъйин намудани ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо ё таъйин намудани ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо ва дар сурати қисман ё пурра ҷамъ кардани муҳлатҳои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, муҳлати ҳадди аксари маҳрум сохтан аз озодӣ набояд аз сӣ сол зиёд бошад.

Дар сурати иваз кардани ҷазоҳои ҷарима, корҳои ислоҳӣ ё маҳдуд кардани озодӣ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ он метавонад мутобиқан бо дарназардошти андоза ва муҳлати адонагардидаи ин намуди ҷазоҳо ба муҳлати камтар аз шаш моҳ таъйин гардад.

Ҷиҳати татбиқи дурусти муқаррароти моддаи 58 КҶ ҶТ ва дуруст таъйин намудани намуди муассисаи ислоҳӣ барои адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷониби маҳкумшудагон дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2014, № 2 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ марбут ба таъйини намуди муассисаҳои ислоҳӣ нисбати шахсони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумгардида” тавзеҳоти мушаххас баён шудаанд ва дар амалия бояд аз ҷониби судҳо ба роҳбарӣ гирифта шаванд[119].

Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаҳои ислоҳии зерин адо карда мешавад:

1) колонияи ислоҳи сукунат;
2) колонияи ислоҳии низомаш умумӣ;
3) колонияи ислоҳии низомаш пурзӯр;
4) колонияи ислоҳии низомаш сахт;
5) колонияи ислоҳии низомаш махсус;
6) маҳбас;
7) колонияи тарбиявии дорои низоми умумӣ;
8) колонияи тарбиявии дорои низоми пурзӯр.

---

[119] Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе, 2019. С. 245-250.

Дар колонияи ислоҳи сукунат шахсоне, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир намуда, ба муҳлати на зиёдтар аз панҷ сол ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, ҷазо адо мекунанд.

Дар колонияи ислоҳии низомаш умумӣ маҳкумшудагони зерин ҷазо адо мекунанд:

1) шахсоне, ки бори аввал ба маҳрум сохтан аз озодӣ барои қасдан содир намудани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна маҳкум шудаанд;

2) шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз панҷ сол маҳкум шудаанд.

Дар колонияи ислоҳии низомаш пурзӯр шахсоне, ки бори аввал ба маҳрум сохтан аз озодӣ барои қасдан содир намудани ҷиноятҳои вазнин маҳкум шудаанд, ҷазо адо мекунанд.

Дар колонияи ислоҳии низомаш сахт маҳкумшудагони зерин ҷазо адо мекунанд:

1) шахсоне, ки бори аввал ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин маҳкум шудаанд;

2) ҳангоми ретсидиви ҷиноят, агар маҳкумшуда ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо карда истода бошад ё қаблан ин намуди ҷазоро адо карда бошад.

Дар колонияи ислоҳии низомаш махсус маҳкумшудагони зерин ҷазо адо мекунанд:

1) маҳкумшудагон дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок;

2) маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъйин шудааст;

3) маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо ҷазои қатл тибқи тартиби бахшиши ҷазо ба маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст.

Дар маҳбас мумкин аст адо кардани қисми муҳлати ҷазо таъйин шавад, вале на зиёдтар аз панҷ сол ба шахсоне, ки:

1) барои ҷиноятҳои махсусан вазнин ба муҳлати зиёда аз даҳ сол маҳкум шудаанд;

2) дар ҳолатҳои ретсидиви махсусан хавфнок.

Занони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дар муассисаҳои ислоҳии зерин ҷазо адо мекунанд:

1) дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми сахт – дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок;

2) дар колонияҳои ислоҳии сукунат - занони ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содир намуда;

3) дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ – дигар заноне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд.

Шахсони ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшудае, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукм ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд, дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми умумӣ ё пурзӯр бо тартиби муқаррарнамудаи фасли панҷуми Қисми умумии КҶ ҶТ ҷой карда мешаванд.

Мутобиқи моддаи 87 КҶ ҶТ маҳрум сохтан аз озодиро ноболиғони маҳкумшуда дар ҷойҳои зерин адо мекунанд:

1) дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми умумӣ – ноболиғони ҷинси марде, ки бори аввал ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, инчунин ноболиғони ҷинси зан;

2) дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми пурзӯр – ноболиғони ҷинси марде, ки қаблан маҳрум сохтан аз озодиро адо намудаанд.

Мутобиқи қисми 7 моддаи 58 КҶ ҶТ вобаста ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳои дигар суд метавонад бо зикри далелҳои қабули қарор низоми сабуктари адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъйин намояд.

## § 13. Якумра аз озодӣ маҳрум сохтан

Ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан бо Қонуни ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ " аз 1-уми марти соли 2005 ба низоми ҷазоҳо ворид карда шуда, дар моддаи $58^1$ КҶ ҶТ муқаррар гардидааст.

Ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан танҳо ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, таъйин карда мешавад. Дар Қисми махсуси КҶ ҶТ ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнини зерин муқаррар шудааст:

1) одамкушӣ (қисми 2 моддаи 104 КҶ);

2) таҷовуз ба номус (қисми 3 моддаи 138 КҶ);

3) ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ (қисмҳои 4 моддаи 139 КҶ);

4) терроризм (қисми 3 моддаи 179 КҶ);

5) хиёнат ба давлат (қисми 2 моддаи 305 КҶ);

6) бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият (қисми 2 моддаи 306 КҶ);

7) генотсид (моддаи 398 КҶ);

8) биотсид (моддаи 399 КҶ).

Ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан нисбати шахсони зерин таъйин карда намешавад:

1) нисбати занон;

2) нисбати шахсони то синни ҳаждаҳсолагӣ ҷиноят содирнамуда;

3) нисбати мардоне, ки дар лаҳзаи баровардани ҳукм аз тарафи суд ба синни шастусесолагӣ расидаанд.

## § 14. Ҷазои қатл

Ҷазои қатл дар моддаи 59 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Вақте ки КҶ ҶТ қабул шуд (соли 1998), ҷазои қатл барои 15 ҷиноят пешбинӣ шуда буд. Бо мақсадҳои инсонпарварона қонунгузор бо Қонуни ҶТ "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КҶ ҶТ" аз 1-уми августи соли 2003 аз санксияи моддаҳои зерин ҷазои қатлро хориҷ намуд: моддаи 181 қисми 3 – ғасби гаравгон, моддаи 184 қисми 3 – ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатори роҳи оҳан, моддаи 186 қисмҳои 1 ва 3 – бандитизм, моддаи 200 қисми 3 – муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, моддаи 204 қисми 3 – парвариши ғайриқонунии зироатҳои дорои моддаҳои нашъадори кишташон манъшуда, моддаи 249 қисми 4 – роҳзанӣ, моддаи 306 – бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият ё бо зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимият, моддаи 310 – таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 395 қисми 2 – ҷанги таҷовузкорона, моддаи 403 қисми 2 – барқасдона вайрон кардани меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар, ки дар ҷараёни низои мусаллаҳона содир шудааст.

Ҷазои қатл дар шакли паррондан ҳамчун чораи истисноӣ танҳо барои 5 ҷиноятҳои махсусан вазнини зерин муқаррар карда шудааст:

1) одамкушӣ (қисми 2 моддаи 104 КҶ);

2) таҷовуз ба номус (қисми 3 моддаи 138 КҶ);

3) терроризм (қисми 3 моддаи 179 КҶ);

4) геносид (моддаи 398 КҶ);

5) биосид (моддаи 399 КҶ).

Таъйини ҷазои қатл ба сифати чораи ҷазо уҳдадории суд намебошад. Дар ҳама гуна ҳолатҳо суд ҳуқуқ дорад, аз намуди ҷазоҳои дар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинишуда ҷазои қатл ё намуди дигари ҷазоро интихоб намояд.

Дар ҳама моддаҳои дар боло зикршудаи КҶ ҶТ санксияи онҳо дар баробари ҷазои қатл, ҷазоҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтанро пешбинӣ менамоянд. Аз ин бар меояд, ки ҷазои қатл танҳо дар ҳолатҳои хеле истисноӣ таъйин карда мешавад.

Дар асоси принсипи инсондӯстӣ таъйини ҷазои қатл нисбати зан ё шахси то синни ҳаждаҳсолагӣ ҷиноят содирнамуда, манъ аст.

Бо дарназардошти он, ки инсон арзиши олӣ ва ҳаёти инсон ҳуқуқи фитрӣ ва дахлнопазир маҳсуб ёфта, давлат кафолати ҳифзи онро ба зимма гирифтааст ва Президент ҳамчун ҳомии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дониста мешавад, 15-уми июли соли 2004 Қонуни ҶТ «Дар бораи боздоштани ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд, ки мутобиқи он татбиқ ва таъйини ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боздошта шуд.

Қабули чунин як қонуни муҳимро созмонҳои бонуфузи ҷаҳон, аз қабили Шурои Аврупо, Ассамблеяи Парлумони Шурои Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) ва созмонҳои ғайриҳукуматии ҳифзи ҳуқуқ ҷонибдорӣ намудаанд.

Эълон намудани боздоштани татбиқи ҷазои қатл дар Тоҷикистон қадами нахустин дар роҳи пурра бекор намудани ҷазо дар намуди қатл мебошад. Боздоштани татбиқи ҷазои қатл маънои онро дорад, ки аввалан, ҳолати ҳуқуқии шахсе, ки ба ҷазои қатл маҳкум шудааст, тағйир меёбад ва чунин ҳолат дар навбати худ талаб менамояд, ки барои нигаҳдошти онҳо шароити муайянро мувофиқан бо меъёрҳои байналмилалӣ муҳайё созад.

Пас аз қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи боздоштани ҷазои қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ҷазо дар намуди якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ба сифати ҷазои асосӣ дар моддаи $58^1$ КҶ ҶТ муқаррар карда шуд. Ҳамин тариқ, аз 1-уми марти соли 2005 судяҳо имконият пайдо намуданд, ки ба сифати алтернативаи ҷазои қатл барои содир намудани ҷиноятҳои дар қисми 1 моддаи 59 КҶ ҶТ пешбинишуда, ҷазоро дар намуди якумра маҳрум сохтан аз озодӣ таъйин намоянд.

Ҷазои қатл мумкин аст ба тариқи бахшиши ҷазо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ё ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати бисту панҷ сол иваз карда шавад.

# БОБИ XVI
# ТАЪЙИНИ ҶАЗО


**§ 1. Асосҳои умумии таъйини ҷазо**
**§ 2. Ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд**
**§ 3. Таъйини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст**
**§ 4. Таъйини ҷазо барои ҷинояти нотамом**
**§ 5. Ҳатман пурзур намудани ҷазо**
**5.1. Таъйини ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо**
**5.2. Таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо**
**5.3. Таъйини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо**
**§ 6. Қоидаҳои махсуси таъйини ҷазо**
**6.1. Таъйини ҷазоҳои иловагӣ**
**6.2. Таъйини ҷазо барои ҷиноятҳое, ки дар шарикӣ содир шудаанд**
**6.3. Таъйини ҷазо нисбати шахсе, ки гирифтори бемории рӯҳӣ мебошад**


## § 1. Асосҳои умумии таъйини ҷазо

Асосҳои умумии таъйини ҷазо ин қоидаҳои асосие мебошанд, ки суд бояд ҳангоми интихоби намуд ва андозаи ҷазо онҳоро риоя кунад. Онҳо дар моддаи 60 КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудаанд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Ҷазо бояд одилона бошад;
2. Ҷазо дар доираи муқаррароти моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ таъйин карда мешавад;
3. Ҷазо бо дарназардошти Қисми умумии КҶ ҶТ таъйин карда мешавад;
4. Ҷазои вазнин, ки барои содир кардани ҷинояти мушаххас пешбинӣ карда шудааст, ҳангоме таъйин карда мешавад, ки агар таъйини ҷазои нисбатан сабуктар барои ноил гардидан ба мақсади ҷазо мусоидат накунад;

5. Таъин намудани ҷазои вазнинтар, ки дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудааст, танҳо ҳангоми таъйини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо иҷозат дода мешавад;

6. Таъин намудани ҷазо сабуктар нисбат ба ҷазое, ки дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, танҳо дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки агар асосҳои пешбининамудаи моддаи 63 КҶ ҶТ мавҷуд бошад;

7. Ҳангоми таъйини ҷазо ҳолатҳои зерин ба назар гирифта мешавад:

– принсипи фардикунии ҷазо;

– хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, яъне арзиши объектҳои бо қонун муҳофизатшаванда;

– сабабҳои содир намудани ҷиноят; тарзи амал; шахсияти гунаҳгор;

– хусусият ва андозаи зарари расонидашуда;

– ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд;

– фикру ақидаи ҷабрдидаро аз рӯйи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ.

Одилона будани ҷазо маънои онро дорад, ки дар асоси талаботи моддаи 8 КҶ ҶТ ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусиятӣ ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешаванд, бояд одилона бошанд, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд. Бинобар ин ҳангоми таъйини ҷазо бояд фардикунонии он ба инобат гирифта шавад.

Хусусиятҳои ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда, аз аломатҳои ҷинояти содиргардида муайян карда мешаванд. Ҳангоми муайян намудани хусусияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда бояд ба самти фаъолияти шахси ҷиноятсодиркарда, арзишҳои иҷтимоии таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарордошта ва расонидани зарар ба он муайян карда мешавад. Чунончи, маълум аст, ки ба ҷамъият хавфнокии дуздӣ нисбати расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва ё одамкушӣ сабуктар мебошад.

Дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят хусусиятҳои шуморавии хавфнокии ҷиноятро ташкил медиҳад. Он вобаста ба ҳолати мушаххаси содиршавӣ, аз ҷумла хусусият ва ҳаҷми оқибати фарорасида, воситаҳои содир кардани ҷиноят, нақши шахс дар содир кардани ҷиноятe, ки дар шарикӣ содир карда шудааст, аз намуди қасд (бевосита ва ё бавосита) ва ё беэҳтиётӣ (бепарвоӣ ва ё худбоварӣ) муайян карда мешавад. Масалан, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ва расонидани зарари миёна ба саломатӣ (моддаи 110-

111 КҶ ҶТ) ҷиноятҳои ба ҳам монанд буда, танҳо бо дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Инчунин тасарруф бо ҳамдигар ҳамшабеҳ мебошанд ва танҳо дар байни онҳо вазнинтар ин роҳзанӣ ва ғоратгарӣ ба шумор меравад, зеро тарзи содир кардани онҳо бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ, алоқаманд мебошанд. Ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятe, ки дар шарикӣ содир карда шудааст, ҳама вақт аз ҷиноятe, ки аз ҷониби як шахс содир карда шудааст, зиёдтар мебошад. Ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятe, ки қасдона содир карда мешавад, нисбат ба ҷиноятe, ки аз беэҳтиётӣ содир карда мешавад, ҳама вақт зиёдтар мебошад.

Ҳангоми муайян кардани хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, бояд онро ба асос гирифт, ки хусусияти хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда аз объектҳое, ки ба онҳо қасд равона шудааcту суд онҳоро муайян кардааст, шакли гуноҳ ва бо КҶ ҶТ ба категорияи дахлдори ҷиноят мансуб донистани кирдори ҷинояткорона (моддаи 18 КҶ ҶТ) вобаста аст. Дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда бошад, бо ҳолатҳое, ки дар мавриди онҳо кирдори ҷиноятии мушаххас содир шудааст (масалан, дараҷаи амалӣ намудани нияти ҷиноятkорона, тарзи содир гардидани ҷиноят, андозаи зарар ё вазнини оқибатҳои баамаломада, нақши судшаванда ҳангоми дар шарикӣ содир намудани ҷиноят), муайян карда мешавад (банди 2 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2005, № 1 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъйини ҷазо”)[120].

Ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд (моддаҳои 61 ва 63 КҶ ҶТ) ва ҳолатҳое, ки ба ҷинояти содиршуда тааллуқ доранд (масалан, содир кардани ҷиноят вобаста ба ҳолатҳои вазнини ҳаётӣ, нақши махсусан фаъол дар содир кардани ҷиноят) ҳангоми муайян кардани дараҷаи ба ҷамъият хавнокии ҷинояти содиршуда ба назар гирифта мешавад.

Судҳо бояд маълумотро оид ба шахсияти судшаванда, бо назардошти аҳаммияти муҳим доштани онҳо, барои муайян кардани намуд ва андозаи ҷазо ҳаматарафа, пурра ва объективона таҳқиқ намоянд. Аз он ҷумла бояд рафтори судшаванда дар истеҳсолот ва оила, қобилияти меҳнатӣ, ҳолати саломатӣ, вазъи оилавӣ, маълумоти оид ба доғи судӣ, муайян карда шаванд.

---

[120] Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе, 2019. С. 58.

Дар баробари ба инобат гирифтани хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят, маълумот дар бораи шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо инчунин ҳолатҳои таъсири ҷазои таъйиншуда баислоҳшавии он ва шароитҳои ҳаёти оилавии он (масалан, имконияти аз даст додани воситаҳои рузгузаронии аъзои оила) ва ҳолатҳои воқеии муносибатҳои оилавӣ низ ба инобат гирифта мешаванд.

Андозаи ҷазои таъйин карда мешуда дар санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудааст. Дар санксияҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ намудҳои ҷазо, инчунин ҳадди поёнӣ ва болоии он пешбинӣ карда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки суд ҳангоми таъйини ҷазо намуди ҷазо ва ҳадди болоӣ ва поёнии онро дар асоси санксияи Қисми махсуси КҶ ҶТ таъйин мекунад.

Дар аксарияти моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳадди поёнии ҷазо зикр карда нашудааст. Дар чунин ҳолатҳо ҳадди поёнии ҷазо аз рӯйи муқаррароти умумӣ ҳал карда мешавад. Масалан, дар санксияи қисми 3 моддаи 244 КҶ ҶТ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол, пешбинӣ карда шудааст. Бинобар сабаби он, ки дар санксия ҳадди поёнии ҷазо пешбинӣ карда шудааст, чун талаботи қисми 2 моддаи 58 КҶ ҶТ ба роҳбарӣ мегирад, ки тибқи он маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз шаш моҳ то бисту панҷ сол муқаррар мешавад. Агар дар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ дар баробари ҷазои асосӣ ҷазои иловагӣ пешбинӣ шуда бошад, пас дар ин ҳолат андозаи ҷазо таъйини ҷазо иловагиро низ дар бар мегирад. Масалан, санксияи қисми 1 моддаи 191 КҶ ҶТ ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни онро мешбинӣ мекунад.

Ба назар гирифтани Қисми умумии КҶ ҶТ талаб мекунад, ки меъёрҳои Қисми умумии КҶ ҶТ ҳангоми таъйини ҷазо бояд ба инобат гирифта шаванд. Масалан муҳлат ё андозаи ҷазо барои тайёрӣ ба ҷиноят аз нисфи муҳлати ҳадди аксар ё андозаи болотарини намуди ҷазои сахте, ки дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ барои ҷинояти хотимаёфта пешбинӣ гардидааст, зиёд буда наметавонад. Муҳлат ё андозаи ҷазо барои сӯиқасди ҷиноят аз чор се ҳиссаи муҳлати ҳадди аксар ё андозаи болотарини намуди ҷазои сахте, ки дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ барои ҷинояти хотимаёфта пешбинӣ гардидааст, зиёд буда наметавонад

(қисми 2 ва 3 моддаи 64 КҶ ҶТ). Қоидаҳои иловагии таъйини ҷазо ҳангоми таъйини ҷазо барои шарикони ҷиноят (моддаи 65 КҶ ҶТ) ва дигар ҳолатҳо дар Қисми умумии КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд.

## § 2. Ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд

Ҳар як ҷинояти содиршуда ба ғайр аз аломатҳои таркибӣ ҷиноят боз дигар аломатҳоеро соҳиб мебошад, ки онҳо ҳангоми муайян намудани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят ба инобат гирифта мешаванд.

Ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук мекунанд (моддаи 61 КҶ ҶТ), дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро кам мекунанд ва ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнин мекунанд (моддаи 62 КҶ ҶТ), дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро зиёд мекунанд.

Дар асоси талаботи моддаи 61 КҶ ҶТ ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо инҳо мебошанд:

а) бори аввал содир намудани ҷиноят;

б) ноболиғ будани гунаҳгор;

в) ҳомиладор будан;

г) кӯдакони хурдсол доштани гунаҳгор;

д) бо сабаби вазнинии шароити зиндагӣ ва ё аз рӯйи дилсӯзӣ содир намудани ҷиноят;

е) содир намудани ҷиноят дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳие, ки сабаби он зӯроварӣ, таҳқири сахт ё амалҳои дигари ғайриқонунии ҷабрдида мебошад;

ж) содир намудани ҷиноят дар ҳолати аз ҳадди муҳофизати зарурӣ гузаштан, дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда, зарурати ниҳоӣ, таваккали асоснок, иҷрои фармон ё амр;

з) таҳти таъсири маҷбуркунии ҷисмони ё рӯҳи вобастагии моддӣ, хизматӣ ва ё вобастагии дигар содир намудани ҷиноят;

и) ихтиёран омада ба гуноҳи худ иқрор шудан, сидқан пушаймон шудан, фаъолона мусоидат кардан дар ошкор намудани ҷиноят, фош кардани дигар иштирокчиёни ҷиноят ва дар кофтукови молу мулки дар натиҷаи ҷиноят бадастомада;

к) бевосита пас аз содир намудани ҷиноят расонидани ёрии тиббӣ ё кӯмаки дигар ба ҷабрдида, ихтиёран талофӣ кардан ё рафъ сохтани зарари моддӣ ва маънавии дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда, анҷом додани амалҳои дигаре, ки баислоҳи зарари ба ҷабрдида расонидашуда равона гардидаанд.

Ҳангоми таъйин намудани ҷазо ҳолатҳои дигари дар қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ зикрнагардида, мумкин аст, ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ба инобат гирифта шаванд.

Агар ҳолати сабуккунанда дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ ба сифати аломати ҷиноят пешбинӣ шуда бошад, онро такроран ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба инобат гирифтан мумкин нест. Аз ин рӯ, судҳо талаботи қонунро оид ба он, ки дар сурати ин ё он ҳолати дар қонун ба сифати ҳолати сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷазо пешбинишуда, дар моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ ба сифати яке аз аломати ҷиноят пешбинӣ шуда бошаду аммо онро ҳангоми таъйин намудани ҷазо барои ҳамин ҷиноят такроран ҳамчун ҳолати сабуккунанда ё вазнинкунандаи ҷазо бо назар гирифтан номумкин бошад, бояд риоя намоянд.

Қонуни ҷиноятӣ ҳолатҳои ҳатмии сабуккунандаи ҷазоро пешбинӣ намудааст. Вобаста ба ин, моддаи 61 КҶ ҶТ ҳолатҳоеро пешбинӣ намудааст, ки онҳо ба сифати ҳолати сабуккунандаи ҷазо баромад мекунанд ва ба инобат гирифтани онҳо аз ҷониби суд ҳангоми таъйин намудани ҷазо ҳатмӣ мебошанд. Аввала ҳолате, ки қонугузор онро ба сифати ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф намудааст, ин бори аввал содир намудани ҷиноят ба шумор меравад. Ба ақидаи профессор Т.Ш. Шарипов ҳолати мазкури сабуккунандаи ҷазо на бо мазмуни воқеӣ, балки бо мазмуни ҳуқуқии он фаҳмида мешавад. Масалан, агар шахс воқеан бори дуюм ҷиноят содир намояд, аммо нисбати ҷинояти аввала муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ гузашта бошад ё доғи судиаш барҳам ё бардошта шуда бошад ё умуман аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти содиркардааш озод карда шуда бошад, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳамчун шахси бори аввал ҷиноят содиркарда ба ҳисоб меравад ва суд чунин ҳолатро ҳамчунин ҳолати сабуккунандаи ҷазо эътироф менамояд[121].

Синну соли шахс на танҳо барои бандубасти кирдори содиршуда балки барои таъйини ҷазо низ таъсир расонида метавонад. Тибқи талаботи банди "б", қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ин ноболиғ будани гунаҳгор баромад мекунад. Мақсади муқаррар намудани меъёри мазкур ин ҳолати инкишофи руҳии ноболиғ ба шумор меравад. Бояд тазаккур дод, ки дар КҶ ҶТ боби алоҳида оид ба ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон бахшида шудааст (боби 14 КҶ ҶТ). Мафҳуми ноболиғ дар якчанд меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода шудааст.

[121] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 136.

Масалан, тибқи талаботи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак”[122] кӯдак – шахсе, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст.

Ҳолати дигари сабуккунандаи ҷазо ин ҳомиладор будани гунаҳгор ба шумор меравад (банди “в” қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ). Ҳолати ҳомиладорӣ дар организми занҳо баъзе таъсироти функсионалӣ ба вуҷуд оварда, ба рӯҳияи онҳо таъсир мерасонад. Бинобар ин, ҳолати номбурда дараҷаи хавфи ҷинояти аз тарафи занони ҳомиладор содиршударо паст менамояд. Аммо қонуни ҷиноят ҳолати ҳомиладориро на ҳама вақт бо содир намудани ҷиноят алоқаманд мекунад. Чунки ҳолати ҳомиладорӣ мумкин аст, ки дар лаҳзаи таъйини ҷазо муқаррар шавад. Дар ин ҷо қонуни ҷиноятӣ асосан принсипи инсондӯстиро ба асос гирифта, мақсадаш муҳофизат намудани саломатии зани ҳомиладор, инкишофи дуруст ва таваллуди кӯдакро ба инобат мегирад[123]. Ғайр аз ин, дар моддаи 34 Конститутсияи ҶТ давлат кафолат додааст, ки модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд.

Мувофиқи банди “г” қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ кӯдакони хурдсол доштани гунаҳгор яке аз ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба шумор меравад. Ҳолати мазкур идомаи ҳолати дар банди “в” қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда ба шумор меравад. Мақсади муқаррар шудани ҳолати мазкур пеш аз ҳама ин таълим ва тарбияи кӯдакон ба шумор меравад. Зеро тибқи талаботи моддаи 1 КО ҶТ қонунгузории оилавӣ аз принсипҳои афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ нисбати некӯаҳволӣ ва рушди камоли кӯдакон, таъмини бештари ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғ, сарчашма мегирад.

Вазнинии шароити зиндагӣ ҳолате мебошад, ки аз ҷиҳати рӯҳӣ шахс қодир аст, даст ба кирдорҳои ҷиноятӣ занад. Аз ин рӯ, ҳолати мазкурро қонунгузорӣ ба инобат гирифта, дар банди “д” қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ бо сабаби вазнинии шароити зиндагӣ ва ё аз рӯйи дилсӯзӣ содир намудани ҷиноятро ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба инобат гирифтааст. Профессор Т.Ш. Шарипов ҳолати мазкурро муҳокима намуда, чунин иброз намудааст, “сухан оид ба ҳолатҳое меравад, ки онҳо дар содиршавии ҷиноят таъсири ҳалкунанда доранд, яъне ҷиноят бо мақсади бартараф ё осон намудани вазъияте содир мешавад, ки дар он шахси гунаҳгор қарор дорад. Ин ҳолатҳо мумкин аст бо сабабҳои оилавӣ, шахсӣ, хизматӣ ва

[122] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2015. № 3. Мод. 218.

[123] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 136.

ғайра вобаста бошанд, марги шахси наздик, ки ҳолати моддии гунаҳгорро бад гардонидааст; бемории шахси гунаҳгор, кӯдакони ӯ, ҳамсар ё дигар шахсони ба наздик ва ғайра. Аз ин рӯ, бо дилсӯзи содир намудани ҷиноят, масалан, дар ҳолате ҷой дорад, ки шахси ҷабрдида ба бемории вазнини табобатнашаванда гирифтор аст ё азобҳои вазнини рӯҳию ҷисмонӣ мекашад ва гунаҳгор бо нияти қатъ гардонидани чунин азобҳои ҷабрдида, ӯро аз рӯйи дилсӯзӣ аз ҳаёт маҳрум мекунад"[124].

Содир намудани ҷиноят дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳие, ки сабаби он зӯроварӣ, таҳқири сахт ё амалҳои дигари ғайриқонунии ҷабрдида мебошанд, ҳолати дигари сабуккунандаи ҷазо баромад мекунад. Дар ин ҳолат рафтори шахси ҷабрдида баҳри муҳайё сохтани шароит ва ҳолатҳои сар задани ҷиноят нақши муҳим дорад. Бинобар ин, «гуноҳ»-и шахси ҷабрдида, ҳамчун асоси сабуккунандаи ҷазо нисбати шахси ҷиноят содиркарда хизмат мекунад. Дар ин ҳолат, рафтори шахси ҷабрдида, ки боиси содиршавии ҷиноят мегардад, ғариқонунӣ ё зиддиахлоқӣ буда, шахсро ба ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ мерасонад. Ҳангоми ҳаяҷони сахти рӯҳӣ (аффекти физиологӣ) зеҳни шахс суст гардида, дарк намудани рафтор маҳдуд мешавад. Сабаби ба ҳаяҷони сахти рӯҳӣ дучор шудани шахс бояд зӯроварӣ, таҳқири сахт ё амалҳои дигари ғайриқонунии ҷабрдида шуда метавонанд.

Бояд тазаккур дод, ки КҶ ҶТ институти ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад пешбинӣ намудааст ва яке аз ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо низ институти мазкур баромад мекунад. Тибқи талаботи банди "ж" қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати сабуккунадаи ҷазо ин содир намудани ҷиноят дар ҳолати аз ҳадди муҳофизати зарурӣ баромадан, дастгир кардани шахси ҷиноят содирнамуда, зарурати ниҳоӣ, таваккали асоснок, иҷрои фармон ё амр ба шумор меравaнд. Ба ақидаи профессор Т.Ш. Шарипов "ҳолатҳои номбаршуда ҳангоми риоя накардани ҳамаи шартҳои дар қонуни ҷиноятӣ муқарраргардида, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд (моддаҳои 40-45 КҶ ҶТ), ҷой доранд. Дар ҳолатҳое, ки шартҳои муқаррарнамудаи қонун риоя намешаванд, шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, аммо ин ҳолатҳо, чун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба назар гирифта меша-

---

[124] Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. Душанбе, 2010. С. 136.

ванд, чунки онҳо бо мақсади содир намудани кирдори ба ҷамъият фоиданок равона карда шуда буданд"[125].

Тибқи талаботи банди "з" қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати сабуккунадаи ҷазо ин таҳти таъсири маҷбуркунии ҷисмони ё рӯҳи вобастагии моддӣ, хизматӣ ва ё вобастагии дигар содир намудани ҷиноят ба шумор меравад. Дар зери мафҳуми маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ - ин аз ҷониби як шахс дар шаклҳои гуногун истифода бурдани зӯроварии ҷисмонӣ ё таҳдиди истифодаи он фаҳмида мешавад, ки шахси гунаҳгорро ба содир намудани ҷиноят маҷбур сохтааст. Дар зери мафҳуми вобастагии моддӣ он ҳолатҳое дар назар дониста мешаванд, ки шахси гунаҳгор дар нигоҳубини шахси ба содир намудани ҷиноят моилсозанда қарор дорад, аз ӯ ёрии моддӣ мегирад, дар манзили истиқоматии ӯ зиндагонӣ мекунад, аз ӯ қарздор аст ва ғайра, фаҳмида мешавад. Вобастагии хизматӣ – ин тобеияти шахси гунаҳгор аз шахси ӯро ба содир намудани ҷиноят моилсозанда мебошад. Вобастагии дигар - ҳама гуна ҳолатҳое мебошанд, ки ба вобастагии хизматӣ ва моддӣ дохил нестанд. Мисол, вобастагии талаба ё донишҷӯ аз муаллим, шоҳид ё айбдоршаванда аз муфаттиш ва ғайра.

Ҳолатҳои дигари сабуккунандаи ҷазо ин ихтиёран омада ба гуноҳи худ иқрор шудан, сидқан пушаймон шудан, фаъолона мусоидат кардан дар ошкор намудани ҷиноят, фош кардани дигар иштирокчиёни ҷиноят ва дар кофтукови молу мулки дар натиҷаи ҷиноят бадастомада (банди "и" қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ) ва бевосита пас аз содир намудани ҷиноят расонидани ёрии тиббӣ ё кӯмаки дигар ба ҷабрдида, ихтиёран талофӣ кардан ё рафъ сохтани зарари моддӣ ва маънавии дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда, анҷом додани амалҳои дигаре, ки ба ислоҳи зарари ба ҷабрдида расонидашуда равона гардидаанд (банди "к" қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ) ба шумор меравand, ки оид ба ҳолатҳои мазкур дар боло таҳлил шуда буданд.

Ҳолатҳое, ки дар қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, истисноӣ намебошанд. Суд ҳангоми таъйини ҷазо метавонад худиқрории шахс, мавҷуд будани кӯдакони ноболиғ ба шарте, ки агар судшаванда онҳоро нигоҳубин ва аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ кунад ва ҷиноят муқобили онҳо содир нашудааст, дар таъминоти судшаванда қарор доштани шахсони маъюб, мавҷудияти маъюбӣ нисбати шахси гунаҳгор, мукофотҳои

[125] Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. Душанбе, 2010. С.137.

давлатӣ, иштирок дар амалиётҳои ҷангӣ барои ҳифзи Ватан ва дигар ҳолатҳоро ҳамчун ҳолати сабуккунанда ба инобат гирад.

Таҳти мафҳуми худиқрории шахс, ки дар моддаи 61 КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо пешбинӣ шудааст, танҳо он худиқрорие фаҳмида мешавад, ки агар шахс ихтиёран дар бораи ҷинояти содиркардааш ва ё маълумот дар бораи дар содир кардани ҷиноят иштирок доштани худро пешниҳод намуда бошад.

Ҳолатеро шахс бинобар сабаби дастгир шуданаш иқрор шудааст, ҳамчун худиқрорӣ эътироф карда намешавад. Дар чунин ҳолат худиқрории шахс аз ҷониби суд мумкин аст, ҳамчун дигар ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба инобат гирифта шавад. Худиқрории шахс дар содир намудани ҷиноят ҳангоми дастгир карда шуданаш барои содир кардани дигар ҷиноят ҳамчун худиқрории шахс эътироф намудан мумкин аст.

Ҳангоми таъйин намудани ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳои худиқрории шахс танҳо нисбати он ҷиноятe ҳолати сабуккунанда эътироф мешавад, ки оид ба содир кардани он шахс иқрор шудааст.

Мусоидат кардан барои ошкор ва тафтиш намудани ҷиноят ҳамчун ҳолати сабуккунанда ҷазо, ки КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст ҳолате фаҳмида мешавад, ки агар шахс дар бораи ҷинояти бо иштироки он содиргардада ё дар бораи нақши худ дар содир намудани ҷиноят ба мақомоти таҳқиқ ва ё тафтиши пешакӣ маълумот дода бошад (масалан, шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноят иштирок намудаанд, номбар мекунад: дар бораи ҷойи истиқомат ва дигар маълумоти онҳоро пешниҳод мекунад, инчунин шахсеро нишон медиҳад, ки он метавонад ҳамчун шоҳид пурсида шавад, ҷойи ҷойгиршавии ашёи тасарруфшударо нишон медиҳад ва ғайра).

Таҳти мафҳуми рафъ намудани зарари ба ҷабрдида расонидашуда ин ҳаракатҳои гунҳкор дар давраи тафтиши пешакӣ ва ё муҳокимаи судии парванда оид ба барқарор намудани манфиатҳои қонунии ҷабрдида нигаронида шудаанд, фаҳмида мешавад.

Ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо инҳо мебошанд:

а) такроран содир намудани ҷиноят, ретсидив, ҳамчун касб содир намудани ҷиноят;

б) оқибати вазнин доштани ҷиноят;

в) дар ҳайати гурӯҳи шахсон, гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) содир намудани ҷиноят;

г) нақши махсусан фаъол дар содир намудани ҷиноят;

д) ба содир намудани ҷиноят дидаю дониста ҷалб кардани шахсоне, ки гирифтори бемории рӯҳӣ мебошанд, дар ҳолати мастӣ қарор доранд, инчунин шахсони хурдсол ё ноболиғ;

е) содир намудани ҷиноят бо сабаби адовати маҳалгароӣ, миллӣ, нажодӣ ё динӣ, таассуби динӣ, қассосгирӣ барои амалҳои қонунии шахсони дигар, инчунин бо мақсади рӯйпӯш намудани ҷинояти дигар ё сабук кардани содиршавии он;

ж) дидаю дониста аз тарафи гунаҳгор содир намудани ҷиноят нисбати зани ҳомиладор, инчунин нисбати кӯдаки хурдсол, ноболиғ, шахси дигари бепаноҳ ё нотавон ё шахсе, ки дар тобеияти гунаҳгор мебошад;

з) содир намудани ҷиноят нисбати шахс ё хешовандони наздики ӯ вобаста ба иҷрои фаъолияти хизматӣ ё ҷамъиятиаш;

и) ҷиноят содир намудани шахс, ки бо рафтори худ савганд ё қасами касбии ёдкардаашро вайрон намудааст;

к) содир намудани ҷиноят бо бераҳмии махсус садизм, шиканҷа ё азобу уқубат додани ҷабрдида;

л) содир намудани ҷиноят нисбати шахсон бо истифодаи силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, техникаи ҳарбӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои таркиш ё воситаҳои ба он монанд, воситаҳои техникии махсус тайёркардашуда, моддаҳои заҳрнок ва радиоактивӣ, дорувор ва дигар воситаҳои химиявии дорусозӣ ё бо усули барои ҷомеа хавфнок;

м) содир намудани ҷиноят бо истифода аз шароити вазъияти фавқулода, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ;

н) содир намудани ҷиноят дар ҳолати мастии майзадагӣ, мадҳушӣ аз маводи нашъаовар ё таҳти таъсири моддаҳои психотропӣ ва дигар моддаҳои мадҳушкунанда;

о) қасдан содир намудани ҷиноят нисбати падару модар;

п) содир намудани ҷиноят бо мақсади ғаразнок ё дигар нияти нопоку паст (қисми 1 моддаи 62 КҶ ҶТ).

Суд метавонад вобаста ба хусусияти ҷиноят ҳолатҳои такроран содир намудани ҷиноят, ретсидив, ҳамчун касб содир намудани ҷиноят, содир намудани ҷиноят дар ҳолати мастии майзадагӣ, мадҳушӣ аз маводи нашъаовар ё таҳти таъсири моддаҳои психотропӣ ва дигар моддаҳои мадҳушкунанда ва қасдан содир намудани ҷиноят нисбати падару модарро ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда эътироф накунад.

Агар ҳолатҳои дар қисми 1 модда 62 КҶ ҶТ зикргардида дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ ба сифати аломати

ҷиноят пешбинӣ шуда бошанд, онро суд такроран ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ба инобат гирифта наметавонад (қисми 3 моддаи 63 КҶ ҶТ).

Маълумоте, ки бо парванда муқаррар шудаанду судшавандаро аз ҷиҳати манфӣ тавсиф мекунанд (суиистеъмоли машруботи спиртӣ, муносибати нохуб ба оила, вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра), бояд ҳангоми таъйини ҷазо ба инобат гирифта шаванд, зеро онҳо ба шахсияти гунаҳгор мансуб буда, ба ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо, ки дар моддаи 62 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд, иртибот надоранд (Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 24.02.2005).

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки номгӯйи ҳолатҳои вазнинкунандаи дар моддаи 62 КҶ ҶТ пешбинигардида қатъӣ мебошанд ва суд ҳуқуқ надорад, ки ҳангоми асосноккунии чораи ҷазои интихобшуда ба ҳолатҳое, ки дар қонун нишон дода нашудаанд, ҳамчун ба ҳолати вазнинкунандаи ҷазо ишора намояд. Бо дарназардошти ҳолати мазкур дар ҳукми суд ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо ҳамон тавр зикр карда шаванд, ки дар қонун чунин муқаррар шуда бошанд.

Дар асоси талаботи банди 3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2005 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъйини ҷазо” мутобиқи талаботи қонун судҳо бояд ҳолатҳоеро, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, ошкор намуда, ҳангоми ба гунаҳгор таъйин намудани ҷазо онҳоро ба инобат гиранд ва дар ҳукм дарҷ намоянд.

## § 3. Таъйини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст

Тибқи талаботи моддаи 63 КҶ ҶТ дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноии вобаста бо мақсаду ниятҳо, нақши гунаҳгор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он ё ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд ва ҳамчунин дар ҳолати мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ, мумкин аст ҷазо аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардида камтар таъйин карда шавад ё суд метавонад нисбат ба ҷазои дар ин модда пешбинигардида ҷазои сабуктарро таъйин намояд ё ҷазои иловагиро, ки ба сифати ҷазои ҳатмӣ пешбинӣ шудааст, таъйин накунад.

Асоси таъйин намудани ҷазои сабук нисбат ба ҷазое, ки ин ҷиноят пешбинӣ шудааст, ин ҳолатҳои мустасноӣ вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ба шумор меравад, яъне он ҳолатҳое, ки воқеан ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршударо паст мекунад. Ҳолатҳои мустасноӣ вобаста ба ҳар як парванда дар ҳолатҳои мушаххас пайдо шуданаш мумкин аст ва пешакӣ муайян намудани онҳо имконнопазир мебошад.

Тибқи талаботи банди 9 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1 аз 24 феврали соли 2005 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъйини ҷазо” мутобиқи моддаи 63 КҶ ҶТ таъйин намудани ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазои бо қонун пешбинишуда танҳо дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ дар маҷмӯи маълумот оид ба шахсияти гунаҳгор имконпазир мебошад. Дар ин маврид ҳамчун ҳолатҳои мустасно, аз ҷумла ҳолатҳои бо қонун ба сифати сабуккунандаи ҷазо пешбининишудае, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъияти ҷиноятӣ содиршударо моҳиятан кам мекунанд, низ эътироф карда шуданашон мумкин аст. Андозаи ҷазои аз ҷониби суд бо тартиби зикргардида таъйиншуда аз ҳадди поёние, ки бо Қисми умумии КҶ ҶТ барои чунин намуди ҷазо муқаррар гардидааст, кам буданаш номумкин аст. Дар ҳар ҳолати аз ҳадди поёнии дар қонун пешбинишуда барои ҷинояти мазкур камтар таъйин намудани ҷазо ё ин ки гузаштан ба намуди ҷазои нисбатан сабуктар, суд вазифадор аст дар қисми асосноккунии ҳукм маҳз ҳамон ҳолатҳоеро, ки бо парванда муқаррар шудаанду онҳоро мустасноӣ эътироф намуда, бо назардошти маълумот оид ба шахсияти судшаванда дар татбиқ намудани моддаи 63 КҶ ҶТ ба асос мегирад, дарҷ намояд.

Дар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ мавҷуд будани якчанд ҷазоҳои алтернативӣ ин асос барои татбиқ накардани моддаи 63 КҶ ҶТ шуда наметавонад. Инчунин қонуни ҷиноятӣ татбиқи қоидаи зикргардидаро нисбат ба ҷиноятҳои вазнин низ манъ накардааст.

Ҳангоми татбиқи ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазои бо қонун пешбинишуда ба шахсе, ки дар содир намудани якчанд ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, суд метавонад чунин ҷазоро барои яке аз ин ҷиноятҳо ё ин ки дар алоҳидагӣ ба ҳар кадомаш таъйин намуда, сипас аз рӯйи қоидаҳои моддаи 67 КҶ ҶТ ҷазои ниҳоиро муайян намояд.

## § 4. Таъйини ҷазо барои ҷинояти нотамом

Ҳангоми таъйин намудани ҷазо барои ҷинояти нотамом ҳолатҳое ба назар гирифта мешаванд, ки бо сабаби онҳо ҷиноят то ба охир расонида нашудааст (қисми 1 моддаи 64 КҶ ҶТ). Нотамом мондани кирдори ҷиноятӣ бо сабабҳои ба гунаҳгор вобастанабуда то андозае хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро кам мекунад, бинобар ин татбиқи андозаи нисбатан камтари ҷавобгарии сахт имконпазир мегардад, аз ин рӯ, мутобиқи моддаи зикргардида барои тайёрӣ ба ҷиноят муҳлат ва андозаи ҷазо аз нисф, барои суиқасди ҷиноят бошад, аз чор се ҳиссаи муҳлати ҳадди аксар ё андозаи болотарини намуди ҷазои сахте, ки дар моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ барои ҷинояти тамомшуда пешбинӣ гардидааст, зиёд буда наметавонад (банди 10 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 1 аз 24 феврали соли 2005 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъйини ҷазо”).

Қонуни ҷиноятӣ барои ҳар як давраи ҷиноят тартиби муайяни таъйини ҷазоро пешбинӣ намудааст. Муҳлат ё андозаи ҷазо барои тайёрӣ ба ҷиноят аз нисфи муҳлати ҳадди аксар ё андозаи болотарини намуди ҷазои сахте, ки дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ барои ҷинояти хотимаёфта пешбинӣ гардидааст, зиёд буда наметавонад (қисми 2 моддаи 64 КҶ ҶТ). Муҳлат ё андозаи ҷазо барои сӯиқасди ҷиноят аз чор се ҳиссаи муҳлати ҳадди аксар ё андозаи болотарини намуди ҷазои сахте, ки дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ барои ҷинояти тамомшуда пешбинӣ гардидааст, зиёд буда наметавонад (қисми 3 моддаи 64 КҶ ҶТ).

Қонуни ҷиноятӣ намуди ҷазоро пешбинӣ намудааст, ки онҳо барои тайёрӣ ва сӯиқасд ба ҷиноят татбиқ карда намешавад. Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 64 КҶ ҶТ барои тайёрӣ ба ҷиноят ва сӯйқасди ҷиноят ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ва ҷазои қатл таъйин карда намешавад.

## § 5. Ҳатман пурзур намудани ҷазо

Қонуни ҷиноятӣ се ҳолатро пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо ҷазо бояд ҳатман пурзӯр карда шавад:

1) таъйин намудани ҷазо ҳангоми ретсидиви ҷиноят (моддаи 66 КҶ ҶТ);

2) таъйини ҷазо ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳо (моддаи 67 КҶ ҶТ);

3) таъйини ҷазо ҳангоми маҷмӯи ҳукмҳо (моддаи 68 КҶ ҶТ).

Аз моҳияти ҳуқуқии худ ретсидиви ҷиноят, маҷмӯи ҷиноят ва маҷмӯи ҳукмҳо ин ҷиноятҳои сершумор мебошанд.

## 5.1. Таъйини ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо

Ҳангоми таъйин намудани ҷазо дар ҳолати ретсидив, ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо шумора, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои қаблан содиршуда, ҳолатҳое, ки дар асоси онҳо таъсири ислоҳкунии ҷазои қаблӣ нокифоя буд, инчунин хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои нав содиргардида ба назар гирифта мешавад (қисми 1 моддаи 66 КҶ ҶТ).

Ретсидиви ҷиноят ҷазои нисбатан сахтро тақозо менамояд. Мутобиқи қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ муҳлати ҷазо дар холати ретсидиви ҷиноят на камтар аз нисфи муҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо на камтар аз се ду ҳисса ва дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо на камтар аз чор се ҳиссаи муҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, буда наметавонад.

Ҳангоми ҳал намудани масъалаи ҷой доштани ретсидиви ҷиноят, бояд ба назар гирифт, ки асоси эътироф намудани ретсидиви ҷиноят ин мавҷудияти доғи судӣ ба шумор меравад (моддаи 18 КҶ ҶТ). Инчунин тибқи талаботи банди 3 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 7 аз 12 декабри соли 2002 “Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ретсидиви ҷиноят” мутобиқи қисми 1 моддаи 21 КҶ ҶТ, ретсидиви ҷиноят ин ҷинояти қасдан содирнамудаи шахсе эътироф мешавад, ки барои ҷинояти қаблан қасдан содирнамудааш доғи судӣ дорад.

Барои ҷинояти содиршударо дар ҳолати ретсидив эътироф намудан, бояд ҳолатҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

– ретсидивро танҳо ҷиноятҳои қасдона ташкил мекунанд;

– аз ҷониби як шахс содир намудани на камтар аз ду ҷинояти қасдона;

– доштани доғи судӣ барои ҷинояти қаблан содирнамуда.

Агар пас аз баровардани ҳукм аз рӯйи парванда муқаррар гардад, ки маҳкумшуда дар содир намудани ҷинояти дигари то баровардани ҳукм аз рӯйи парвандаи аввал низ гунаҳгор мебошад, ҳолати ретсидиви ҷиноят ҷой надошта, ҷазо мутобиқи муқарраротӣ моддаи 67 КҶ ҶТ таъйин карда мешавад.

Мутобиқи талаботи банди 12 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 1 аз 24 феврали соли 2005 "Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъйини ҷазо") судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи қисми 3 моддаи 66 КҶ ҶТ, агар ҷиноят дар ҳолати ретсидив, ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошаду ин ҳолат аломати таснифкунандаи моддаи (қисми моддаи) Қисми махсуси КҶ ҶТ бошад, дар ин маврид ҷазо барои ҷинояти дар ҳолати ретсидив, ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфнок содирнамуда бе дарназардошти қоидаҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ таъйин карда мешавад.

Дар ҳолатҳое, ки агар барои ҳаракатҳои шахсро бо аломати такроран содир намудани ҷиноят бандубаст намудан доғи судии қаблие, ки барҳам нахӯрдааст ё бардошта нашудааст, асос шуда бошад, мутобиқи моддаи 21 КҶ ҶТ бояд масъалаи мавҷуд будан ё мавҷуд набудани ретсидив ва намудҳои он ҳал карда шавад. Дар чунин ҳолатҳо, ҳангоми таъйин намудани ҷазо бояд қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ ба роҳбарӣ гирифта шавад, агар моддаи (қисми моддаи) Қисми махсуси КҶ ҶТ ба доғи судии шахси ҷиноятсодиркарда ҳамчун аломати бандубасткунанда ишора надошта бошад ва ҳолатҳои мустасноӣ вуҷуд надошта бошанд (моддаи 63 КҶ ҶТ).

Бекор карда шудани шартан татбиқ накардани ҷазо ва аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо таъйин намудани ҷазо ҳолати ретсидиви ҷиноятро истисно мекунад. Дар ҳолати зерин ретсидиви ҷиноят ҳангоме ҷой дошта метавонад, ки бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо ва ирсоли шахс барои адои ҷазо пеш аз содир шудани ҷинояти нав ҷой дошта бошад. Дар ин ҳолат асосҳои бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо аҳаммият надорад.

Ҳангоми эътироф кардани ретсидиви ҷиноят аҳаммият надорад, ки ҷиноят ба охир расонида шудааст ё не, инчунин хусусияти иштироки шахс дар ҷиноят низ аҳаммият надорад.

Мӯҳлати ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо на камтар аз нисфи мӯҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудааст, дар ҳолати ретсидиви хавфноки ҷиноятҳо - на камтар аз се ду ҳисса ва дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфноки ҷиноятҳо – на камтар аз чор се ҳиссаи мӯҳлати ҳадди аксари намуди ҷазои сахте, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, буда наметавонад (қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ).

Аммо дар қонуни ҷиноятӣ ҳолатҳои истисноӣ қоидаи мазкур ҷой доранд. Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 66 КҶ ҶТ агар дар моддаи (қисми моддаи) Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳолат ретсидив, ретсидиви хавфнок ё ретсидиви махсусан хавфнок ҳамчун аломати таснифкунанда ишора гардида бошад, дар ин мавридҷазо барои ҷинояти содирнамуда бидуни дарназардошти қоидаҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ таъйин карда мешавад.

Мувофиқи талаботи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 1 аз 24 феврали соли 2005 "Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъйини ҷазо") ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои мустасноӣ (моддаи 63 КҶ ҶТ) суд бояд мутобиқи моддаи 318 КҶ ҶТ дар қисми асоснокунии ҳукм қарори худро оид ба татбиқ накардани қоидаҳои қисми 2 моддаи 66 КҶ ҶТ асоснок намояд. Дар ин мавридр, дар қисми хулосавии ҳукм танҳо ба моддаи 63 КҶ ҶТ бояд ишора шуда бошад.

## 5.2. Таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо

Қоидаҳои таъйини ҷазо аз рӯйи макҷмӯи ҷиноятҳо дар моддаи 67 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Асосҳои умумии таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ба ду гурӯҳ тақсим карда мешавад:

1) таъйини ҷазо барои ҷиноятҳои ягона;

2) якҷоя кардани якчанд ҷазоҳо ба як ҷазои умумӣ.

Маҷмӯи ҷиноятҳо ин содир кардани ду ё зиёда аз он кирдори ҷиноятии дар моддаҳои гуногун ё қисмҳои мухталифи ҳамон моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинигардида мебошад, ки шахс барои ҳеҷ кадоми он маҳкум нашудааст. Дар айни замон, ҷиноятҳое, ки шахс барои содир кардани онҳо тибқи асосҳои муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудааст, ба назар гирифта намешаванд.

Тибқи талаботи бандҳои 1-3 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Доир ба таҷрибаи судӣ оид ба таъйин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо» аз 13 марти соли 2003 таҳти № 5 диққати судҳо ба он нигаронида шудааст, ки аниқ иҷро кардани талаботи моддаҳои 67 ва 68 КҶ ҶТ дар мавриди риояи асосҳои умумии таъйин намудани ҷазо яке аз шартҳои муҳими муайян кардани ҷазои қонунӣ, асоснок ва одилона ба шахсоне, ки барои якчанд ҷиноят гунаҳгоранд ё то адои пурраи ҷазо бо ҳукми пештара ҷинояти нав содир кардаанд, дониста мешавад. Судҳо дар ин маврид онро бояд дар назар дошта бошанд, ки аз тарафи шахс содир гардидани якчанд ҷиноят, хусусан ҷиноятҳои қасдона, аз

хавфнокии баланди ҷамъиятӣ доштани кирдори содиркарда ва шахсияти гунаҳгор шаҳодат медиҳад. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки тарзи бо қонун пешбинишудаи таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар ҳолати бандубаст намудани кирдори содиршударо ҳам бо моддаҳои гуногун ва ҳам бо қисмҳои (бандҳои) гуногуни худи ҳамон як моддаи қонуни ҷиноятие, ки таркиби ҷинояти алоҳидаро пешбинӣ намуда, санксияи мустақилро дошта бошад, ҳамчунин дар мавриди аз ҷониби шахс содир намудани ҳаракатҳои якхелае, ки якеашон ҳамчун ҷинояти хотимёфта ва дигарашон ҳамчун тайёрӣ, сӯиқасд ё шарикӣ дар ҷиноят бандубаст мегардад, татбиқ карда мешавад. Тартиби дар моддаи 67 КҶ ҶТ ва моддаи 319 КМҶ ҶТ, муқарраргардидаи таъйини ҷазо, ки мувофиқи онҳо суд вазифадор аст барои ҳар як ҷиноят дар алоҳидагӣ ҷазо таъйин карда, онро дар ҳукм нишон дода ва пас ҷазои ниҳоиро барои маҷмӯи ҷиноятҳо муайян кунад, барои таъйин намудани ҳам ҷазоҳои асосӣ ва ҳам ҷазоҳои иловагӣ дахл дорад.

Қонуни ҷиноятӣ дар таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо пайдарҳамии муайянро муқаррар кардааст.

Якум, барои ҳар як ҷиноятe, ки ба маҷмӯи ҷиноятҳо дохил мешавад, суд дар алоҳидагӣ ҷазо таъйин карда, онро дар ҳукм нишон медиҳад. Ин қоида барои таъйин намудани ҳам ҷазои асосӣ ва ҳам ҷазои иловагӣ дахл дорад.

Дуюм, ҷазои ниҳоӣ аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо, бо риояи принсипҳои зерин муайян карда мешавад:

а) бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар;

б) бо роҳи пурра зам кардани ҷазоҳои таъйиншуда;

в) бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳои таъйиншуда.

Ҳангоми содир кардани ҷиноятҳое, ки ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дохил мешаванд, ҳар се принсип истифода бурда мешавад. Суд метавонад ҳангоми таъйини ҳам намудҳои якхела ва ҳам намудҳои гуногуни ҷазо ба ҷиноятҳои алоҳида, ки ба маҷмӯъ дохил мешаванд, ҷазои ниҳоиро бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар таъйин намояд. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки дараҷаи вазнинии намудҳои ҷазо бо пайдарҳамие, ки онҳо дар моддаи 47 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд, муайян карда мешавад. Масалан, агар барои содир намудани як ҷиноят суд ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ва барои ҷинояти дуюм - корҳои ислоҳиро таъйин намояд, он гоҳ, ҷазои ниҳоӣ, ҳангоми истифода бурдани принсипи ҷазои сабуктарро дар

бар гирифтани ҷазои вазнинтар, танҳо дар намуди ҷазои маҳрум сохтан аз озод таъйин карда мешавад.

Пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳоро ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳо дар мавриди таъйин намудани ҳам ҷазоҳои якхела ва ҳам намудҳои гуногун барои ҷиноятҳои алоҳида, татбиқ кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат бояд қоидаи иваз намудани ҷазоҳоро, ки дар моддаи 69 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ба роҳбарӣ гирифт. Ҷазои ниҳоӣ бояд аз рӯйи намуди ҷазои нисбатан вазнинтар муайян карда шавад. Дар мавриди қисман зам кардани ҷазоҳо, ҷазои ниҳоӣ дар ҳар ҳолат бояд аз рӯйи андоза аз ҳар кадом ҷазоҳои бо моддаҳои алоҳида таъйин шуда, зиёдтар бошад.

Агар, ҳангоми таъйин кардани ҷазои ниҳоӣ барои содир намудани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна, принсипҳои пурра ё қисман замкунӣ истифода бурда шавад, пас, ҷазои ниҳоии таъйиншуда, набояд аз муҳлат ё андозаи ҷазои болоие, ки барои содир намудани ҷинояти нисбатан вазнинтар, аз ҷумлаи ҷиноятҳои содиршуда пешбинӣ гардидааст, сахттар бошад. Масалан, агар шахс барои содир кардани ҳаракати бадахлоқона (қисми 2 моддаи 142 КҶ ҶТ) бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 4 сол ва барои ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят (қисми 1 моддаи 165 КҶ ҶТ) бо маҳрум сохтан аз озод ба муҳлати 2 сол маҳкум шуда бошад, дар ин ҳолат ҳангоми муайян намудани ҷазои ниҳоӣ танҳо принсипи қисман замкунии ҷазоҳои таъйиншуда истифода бурда мешавад ва ҷазои ниҳоӣ аз 5 сол зиёд муқаррар карда намешавад, (яъне, дар ҳолати мазкур, ҷазои ниҳоиро ба муҳлати 6 соли маҳрум сохтан аз озод таъйин кардан мумкин нест, яъне, принсипи пурра замкунӣ истифода бурда намешавад). Чунки муҳлати болоие, ки барои содир намудани ҷинояти нисбатан вазнинтар аз ҷумлаи ҷиноятҳои содиршуда пешбинӣ гардидааст, 5 соли маҳрум сохтан аз озодиро ташкил медиҳад (қисми 2 моддаи 142 КҶ ҶТ).

Агар яке аз ҷиноятҳои дар маҷмӯъ содиршуда ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин бошад, он гоҳ ҷазои ниҳоӣ бо роҳи қисман ё пурра зам кардани ҷазоҳои таъйиншуда таъйин карда мешавад. Дар ин ҳолат ҷазои ниҳоӣ дар намуди махрум сохтан аз озодӣ набояд аз сӣ сол зиёдтар бошад (қисми 3 моддаи 67 КҶ ҶТ). Масалан, агар шахс барои як ҷиноят 15-сол ба маҳрум сохтан аз озоди ва барои ҷинояти дигари ба маҷмӯъ дохилшуда 20-сол ба маҳрум сохтан аз озоди маҳкум шуда бошад, пас суд танҳо бо роҳи қисман зам кардани ҷазо метавонад ҷазои ниҳоиро, лекин на зиёда аз 30-сол, таъйин кунад.

Қоидаи мазкури ҳадди болоии ҷазо ҳангоми таъйини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо инчунин нисбати ҷазои ҷарима низ пешбинӣ шудааст. Ҷазои ниҳоии ҷарима аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳои дар қисмҳои 6 ва (ё) 7 моддаи 49 КҶ ҶТ пешбинишуда набояд аз панҷ ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад (қисми 3 моддаи 67 КҶ ҶТ).

Агар барои яке аз ҷиноятҳои дар маҷмӯъ содиршуда ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъйин карда шавад, он гоҳ ҷазои ниҳоӣ ба роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ махрум сохтан таъйин карда мешавад (қисми 2 моддаи 67 КҶ ҶТ). Масалан, агар шахс барои як ҷиноят ба ҷазои 14-соли маҳрум сохтан аз озодӣ ва барои ҷинояти дигари ба маҷмӯъ дохилшуда ба якумра аз озодӣ маҳрум сохтан маҳкум шуда бошад, пас суд ҷазои ниҳоиро танҳо дар намуди якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъйин менамояд (яъне, бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар).

Ба ҷазои асосии барои маҷмӯи ҷиноятҳо таъйиншуда метавонанд ҷазоҳои иловагие ҳамроҳ карда шаванд, ки барои ҷиноятҳои маҷмӯи ҷиноятҳоро ташкилкунанда таъйин шудаанд. Агар барои якчанд ҷиноятҳо як намуди ҷазои иловагӣ таъйин гардида бошад, он гоҳ муҳлат ва андозаи ҷазои ниҳоӣ мувофиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи қисмҳои 2 ва 3 мод 67 КҶ ҶТ, вале на зиёда аз муҳлат ё андозаи ҳадди аксаре, ки дар Қисми умумии КҶ ҶТ барои ҳар як намуди ҷазо пешбинӣ шудааст, муайян карда мешавад (қисми 5 моддаи 67 КҶ ҶТ). Агар барои ҳеҷ яке аз ҷиноятҳои содиршуда ҷазои иловагӣ таъйин нашуда бошад, пас, ҳангоми таъйини ҷазо низ ҷазои иловагӣ таъйин намудан мумкин нест. Агар ҷазои иловагӣ барои ҳар як ҷинояти дар маҷмӯъ содиршуда таъйин шуда бошад, ҳангоми истифодаи принсипи дарбаргирии ҷазои сабук аз ҷониби ҷазои вазнин, танҳо ҷазои вазнинтар таъйин мегардад.

Ҳангоми таъйини ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, намуди низоми муассисаи ислоҳӣ низ муайян карда мешавад. Ҳангоми таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо низоми муассисаи ислоҳӣ танҳо ҳангоми таъйини ҷазои ниҳоӣ муқаррар карда мешавад. Низоми муассисаҳои ислоҳӣ ҳангоми таъйини ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар моддаи 58 КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудааст.

Агар суд ба хулосае ояд, ки мақсади ҷазои таъйинкарда бо шартан татбиқ накардани ҷазо муяссар мешавад, пас ин ҳолат танҳо ҳангоми таъйини ҷазои ниҳоӣ татбиқ карда мешавад.

Агар пас аз баровардани ҳукм аз рӯйи парванда муқаррар гардад, ки маҳкумшуда дар содир намудани ҷинояти дигари то ба-

ровардани ҳукм аз рӯйи парвандаи аввал низ гунаҳгор мебошад, ҷазо бо қоидаҳои дар ҳамин модда зикргардида таъйин карда мешавад. Дар ин ҳолат ҷазои аз рӯйи ҳукми аввали суд адогардида ба мӯҳлати ниҳоии ҷазо ҳисоб карда мешавад (қисми 6 моддаи 67 КҶ ҶТ). Ҳангоми татбиқи қоидаи мазкур ҷазои ниҳоии барои маҷмӯи ҷиноятҳо таъйиншуда аз ҷазои бо ҳукми аввала таъйиншуда набояд камтар бошад, чунки дар ин ҳолатҳо ҳангоми истифодаи принсипи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ё зам намудани ҷазоҳо, бояд андозаи ҳамаи ҷазои бо ҳукми аввала таъйиншударо ба инобат гирифт, на ин ки қисми адонагардидаи онро. Мӯҳлати адо намудани ҷазои ниҳоии мувофиқи қисми 6 моддаи 67 КҶ ҶТ таъйинкардашуда, аз рӯзи баровардани ҳукми охирин бо ба ҳисоб гирифтани давраи то суд бо парвандаи охирин дар ҳабс ба тариқи чораи пешгирӣ ё дастгиркунӣ нигоҳ доштан, бояд ба ҳисоб гирифта шавад.

### 5.3. Таъйини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо

Маҷмӯи ҳукмҳо ин қабул намудани ҳукм барои содир намудани ҷинояти нав аз ҷониби шахсе, ки дар давраи адои ҷазо ва иҷрои ҳукми пештара ҷиноят содир кардааст.

Агар маҳкумшуда пас аз баровардани ҳукм, вале то адои пурраи ҷазо ҷинояти нав содир карда бошад, суд ҷазоеро, ки аз рӯйи ҳукми пештара то охир адо нашудааст пурра ё қисман ба ҷазои дар асоси ҳукми нав таъйиншуда зам мекунад (қисми 1 моддаи 68 КҶ ҶТ).

Дар тафовут аз қоидаҳое, ки дар моддаи 67 КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудаанд, ҳангоми таъйин намудани ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо танҳо принсипи пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳо истифода бурда мешавад. Тартиби таъйин намудани ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо, ки дар моддаи 68 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки агар маҳкумшуда пас аз эълон кардани ҳукм, вале то адои ҷазо (ҷазои асосӣ ва ҷазои иловагӣ) ҷинояти нав содир карда бошад.

КҶ ҶТ ҳангоми муайян намудани қоидаҳои таъйини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо, инчунин пайдарҳамии муайянро муқаррар кардааст. Қоидаҳои дар моддаи 68 КҶ ҶТ пешбинишуда дар ҳолатҳои зерин татбиқ карда мешаванд:

1. Шахсе, ки барои ҷинояти аввал содиркардааш маҳкум шудааст, ҷазоро пурра адо накарда, ҷинояти нав содир мекунад.

2. Барои ҷинояти наве, ки маҳкумшуда содир кардааст, суд дар асоси ҳукми нав (ҳукми дуюм) ҷазои нав таъйин менамояд.

3. Ба ҷазои дар асоси ҳукми нав таъйиншуда, суд ҷазоеро, ки аз рӯйи ҳукми пештара то охир адо нашудааст, зам мекунад.

4. Ҷазои ниҳоӣ аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо, бо риояи принсипҳои зерин муайян карда мешавад;

а) бо роҳи пурра зам кардан;

б) бо роҳи қисман зам кардан.

Ин қоида барои таъйин намудани ҳам ҷазои асосӣ ва ҳам ҷазои иловагӣ дахл дорад.

Лаҳзаи пайдоиши маҷмӯи ҳукмҳо дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба таҷрибаи судӣ оид ба таъйин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо» муайян карда шудааст, ки тибқи банди 9 Қарори зикргардида судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки азбаски баровардани ҳукм баъди ба таври ошкоро эълон намудани вай ба анҷом мерасад, тартиби таъйин намудани ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо, ки дар моддаи 68 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки агар маҳкумшуда пас аз эълон намудани ҳукми аввала, вале то адои ҷазои асосй ва ҳам ҷазои иловагӣ, ҷиноятӣ нав содир карда бошад.

Мувофиқи қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Доир ба таҷрибаи судӣ оид ба таъйин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо» аз 13-уми марти соли 2003 таҳти рақами 5, агар баъди баровардани ҳукм муайян гардад, ки маҳкумшуда барои содир кардани дигар ҷиноятҳое низ гунаҳгор мебошад, ки баъзе аз онҳо то ва дигарашон баъд аз бароварддани ҳукми аввал содир карда шудаанд, дар ин ҳолат, ҷазо бо ҳукми дуюм бо татбиқи ҳам моддаи 67 ва ҳам моддаи 68 КҶ ҶТ таъйин карда мешавад. Дар чунин ҳолат тартиби зерини таъйин кардани ҷазо пешбинӣ карда шудааст;

а) пеш аз ҳама, ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳое, ки то баровардани ҳукми аввала содир шудаанд, таъйин карда мешавад;

б) сипас, ҷазо бо тартиби бо қисми 6 моддаи 67 КҶ ҶТ муқарраршуда, таъйин карда мешавад;

в) баъд аз он, ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо, ки баъд аз баровардани ҳукми аввала содир шудаанд, таъйин карда мешавад;

г) баъд ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо таъйин карда мешавад.

Тибқи талаботи банди 11 Қарори зикргардидаи Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таъйин намудани ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо ба судҳо лозим аст, ки дар қисми муқад-

димавии ҳукм намуд ва қисми адонагардидаӣ ҷазои бо ҳукми пештара таъйиншударо, ки дар асоси моддаи 68 КҶ ҶТ бояд пурра ё қисман ба ҷазои бо ҳукми нав таъйиншуда зам карда шавад, муфассал муқаррар намуда, онҳоро аниқ нишон диҳанд. Қисми адонагардидаӣ ҷазои бо ҳукми пештара таъйиншуда инҳо написта мешаванд:

– қисми воқеии маҳрум сохтан аз озодӣ, ки барои адо кардан дар лаҳзаи дастгиркунӣ ва ба ҳабс гирифтани ӯ барои содир кардани ҷинояти нав, боқӣ мондааст;

– мухлате, ки маҳкумшуда аз адо намудани боқимондаи ҷазои бо ҳукми пештара таъйиншуда пеш аз мухлат озод карда шудааст;

– мухлати ҷазои бо ҳукми пештаро таъйиншуда. ки аз ҷониби суд шартан дониста шудааст;

– мухлати мавқуф гузоштани адои ҷазо, ки ба занҳои ҳомиладор ва занҳои кӯдаки хурдсолдошта таъйин карда шудааст.

Дар мавриди таъйин намудани ҷазо барои содир кардани ҷинояти нав нисбати шахсе, ки ба тариқи пешбининамудаи моддаҳои 77 ва 83 КҶ ҶТ қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъйиншуда ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шудааст, ба ҷазои барои ҷинояти нав таъйинкардашуда, қисми адонагардидаи ин ҷазои нисбатан сабуктар пурра ё қисман зам карда мешавад. Ҷазои ниҳоӣ аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ метавонад аз мухлати баландтарини ҷазое, ки дар санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ барои ҷинояти аз рӯйи ҳукми охир таъйиншуда пешбинӣ шудааст, баландтар бошад, вале на зиёда аз 30 сол. Аммо агар ҷазои ниҳоӣ аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо бо маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста набошад, мухлати баландтарини ҷазои таъйиншуда аз мухлат ё андозаи баландтарине, ки дар Қисми умимии КҶ ҶТ барои ин намуди ҷазо муқаррар гардидааст, зиёд буда наметавонад. Масалан, агар шахс бо ҳукми якум ба 1солу 6 моҳ корҳои ислоҳӣ бо нигоҳ доштани 30 фоизи музди меҳнат ба фоидаи давлат ва тибқи ҳукми нав боз ба ҷазои корҳои ислоҳӣ ба мухлати 2 сол бо нигоҳ доштани 15 фоизи музди меҳнат ба фоидаи давлат маҳкум шуда бошад, он гоҳ ҷазои ниҳоӣ аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо дар ҳама ҳолатҳо, аз 2 соли корҳои ислоҳӣ бо нигоҳдошти 30 фоизи музди меҳнат ба фоидаи давлат зиёд буда наметавонад.

Дар мавриди маҳкум намудани шахс барои ҷиноятҳои давомдор ё дарозмуддат, ки то баровардани ҳукм сар шуда, баъди баровардани ҳукм низ давом ёфтаанду ин шахс барои он маҳкум шуда, ҷазоро барои содир кардани дигар ҷиноят адо накардааст,

ҷазо бо ҳукми дуюм бояд аз рӯйи қоидаи дар моддаи 68 КҶ ҶТ пешбинишуда, таъйин гардад. Муҳлати адо намудани ҷазои ниҳоии мувофиқи моддаи 68 КҶ ҶТ таъйинкардашуда, аз рӯзи баровардани ҳукми охирин бо ба ҳисоб гирифтани давраи то суд бо парвандаи охирин дар ҳабс ба тариқи чораи пешгир ё дастгиркунӣ нигоҳдоштан, бояд ба ҳисоб гирифта шавад.

Дар мавриди бо яке аз ҳукмҳо таъйин намудани ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, ҷазои ниҳоиро бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар таъйин кардан лозим аст. Бояд дар назар дошт, ки ҷазои аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо таъйиншуда дар ҳар маврид (аз рӯйи андоза) чӣ аз ҷазои таъйиншуда барои ҷинояти нави содир карда ва чӣ аз қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъйиншуда, бояд зиёд бошад. Лекин он аз муҳлати баландтарини барои чунин намуди ҷазо муқарраршуда, зиёд буда наметавонад. Масалан, агар бо ҳукми аввала шахс ба 6 сол ва бо ҳукми нав ба 8 сол ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад, он гоҳ муҳлати ҷазои ниҳоӣ аз 8 сол набояд кам бошад.

Мувофиқи мазмуни қисми 1 моддаи 68 КҶ ҶТ ҷазои иловагии бо ҳукми пештара таъйиншудаи адонагардида ба ҳамин сифат ба ҷазои бо ҳукми нав таъйиншудаи ниҳоии асосӣ ҳамроҳ карда мешавад ё ин ки, он пурра ё қисман ба ҷазои иловагии бо ҳукми нав таъйиншуда, дар доираи барои ҳамон намуди ҷазои иловагии муайянкардашуда, зам карда мешавад. Ҷазоҳои иловагии намудҳои гуногун бошанд, мустақилона иҷро карда мешаванд (яъне, ҳамроҳ намудани ҷазоҳои иловагӣ аз рӯйи ҳукми пештараи иҷронашуда, мувофиқи қоидаҳои пешбининамудаи қисми 5 моддаи 67 КҶ ҶТ сурат мегирад).

## § 6. Қоидаҳои махсуси таъйини ҷазо

### 6.1. Таъйини ҷазоҳои иловагӣ

Тибқи талаботи банди Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2003 таҳти № 11 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо таъйин намудани ҷазоҳои иловагӣ” мувофиқгардонии дурусти ҷазои асосӣ ва иловагӣ ба амалисозии мураттаби принсипи фардикунонии он, комёб шудан ба ҳадафи барқарорсозии адолати иҷтимоӣ, нисбатан бомуваффақият ноил гардидан ба мақсади ислоҳи маҳкумон ва пешгирии содир гардидани ҷино-

ятҳои нав чӣ аз ҷониби маҳкумон ва чӣ аз ҷониби дигар ашхос мусоидат менамояд.

Ҳангоми интихоби намуд ва андозаи ҷазои иловагӣ барои ашхоси гунаҳгор, судҳо бояд асосҳои умумии таъйини ҷазоро, ки бо моддаи 60 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, шартҳою тартиби татбиқи ин чораҳои бо қонун пешбинишударо қатъиян риоя намоянд.

Таъини ҷазои асосӣ камтар аз ҳадди поёнӣ, ки барои ҷинояти мазкур бо қонун пешбинӣ шудааст ё гузаштан ба ҷазои дигари асосии нисбатан сабуктар, имконияти ба гунаҳгор таъйин намудани ҷазои иловагиро истисно намекунад. Ҷазоҳои иловагӣ дар доираи моддаҳои муқарраргардидаи қонуни ҷиноятие, ки бо он судшаванда гунаҳгор эътироф шудааст, таъйин карда мешаванд.

Мувофиқи банди 11 Қарори мазкур, ба шахсе, ки дар содир намудани якчанд ҷиноятҳои бо моддаҳои гуногун ё қисмҳои гуногуни худи ҳамон як моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинишуда гунаҳгор эътироф шудааст, ҷазои иловагӣ мисли ҷазои асосӣ бояд аввал барои ҳар як ҷиноят дар алоҳидагӣ, сипас барои маҷмӯи онҳо таъйин карда шавад.

Агар ҷазои иловагии худи ҳамон як намуд барои ду ва зиёда аз ҷиноятҳои ба маҷмӯъ дохилшуда таъйин шуда бошад, андозаи ниҳоии он бо роҳи андозаи камтари онро дар бар гирифтани андозаи вазнинтар (дар ҳолате, ки яке аз ҷиноятҳои ба маҷмӯъ дохилшаванда ба категорияҳои начандон вазнин мансуб бошад), ё бо роҳи пурра ё қисман зам кардани онҳо дар доираи муқаррарнамудаи моддае, ки муҳлати нисбатан дарозтари ҷазои иловагиро пешбинӣ менамояд, муайян карда мешавад, вале дар ҳолатҳое, ки агар чунин ҳудуд дар моддаи қонуни ҷиноятӣ муқаррар карда нашуда бошад, ё ин ки ҷазои иловагӣ дар асоси меъерҳои Қисми умумии КҶ ҶТ татбиқ шуда бошад, он гоҳ дар ҳудуди муҳлати ё андозаи аксаре, ки барои намуди ҷазои мазкур муқаррар шудааст, таъйин карда мешавад.

Вобаста ба намудҳо ва хусусиятҳои алоҳидаи ҷазоҳои иловагӣ дар боло таҳлилҳо гузаронида шуда буданд.

### 6.2. Таъйини ҷазо барои ҷиноятҳое, ки дар шарикӣ содир шудаанд

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 65 КҶ ҶТ ҳангоми таъйин намудани ҷазо барои ҷинояти дар шарикӣ содиршуда хусусият ва дараҷаи иштироки воқеии шахс дар содир намудани он, аҳаммияти

ин иштирок дар муваффақ шудан ба мақсади ҷиноят, таъсири ӯ ба хусусият ва андозаи зарари расонидашуда ё зарари имконпазир ба назар гирифта мешавад.

Қонуни ҷиноятӣ ягон доираи ҳатмӣ ё намуди алоҳидаи ҷазоро, ки барои содир кардани ҷиноят дар шарикӣ таъйин карда шавад, пешбинӣ карда нашудааст. Бинобар ин суд бо дарназардошти асосҳо дар қисми 1 моддаи 65 КҶ ҶТ пешбинишуда намуд ва андозаи ҷазоро интихоб карда, нисбати шахс татбиқ мекунад.

Хусусият ва дараҷаи воқеии иштироки шахс дар шарикӣ пеш аз ҳама вобаста ба нақши гунаҳгор дар содир намудани ҷиноят (ташкилкунанда, иҷрокунанда, таҳриккунада, ёрдамчӣ), инчунин дараҷаи шарикӣ ба назар гирифта мешавад.

Аҳаммияти кирдори алоҳидаи шарикон дар умум якранг намебошад. Масалан, нақши иҷрокунанда нисбат ба ёрдамчии ҷиноят хатарноктар мебошад. Ё ташкилкунандаи ҷиноят хатарноктарин намуди шарикон ба шумор меравад.

Ҳангоми таъйини ҷазо барои ҷинояти дар шарикӣ содиргардида бояд чунин ҳолатҳо ба монанди муносибати байни шарикони ҷиноят, тобеияти яке аз шарикони ҷиноят ба дигарашон ва ғайра низ ба инобат гирифта шаванд, ки ин муайян кардани шарики нисбатан хавфноки гурӯҳро имконпазир месозад (банди 11 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 1 аз 24 феврали соли 2005 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъйини ҷазо”).

## 6.3. Таъйини ҷазо нисбати шахсе, ки гирифтори бемории рӯҳӣ мебошад

Ҳангоми нисбати шахсоне, ки гирифтори бемории рӯҳӣ таъйин намудани ҷазоҳои ҷарима, маҳрум аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва машғул шудан ба фаъолияти муайян, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ ва ё маҳдуд кардан аз озодӣ суд дар як вақт метавонад, нисбати шахсони мазкур чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидоштаро таъйин намояд.

# БОБИ XVII
# ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ

**§ 1. Мафҳум ва намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ**
**§ 2. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор**
**§ 3. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида**
**§ 4. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир ёфтани вазъият**
**§ 5. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан**

## § 1. Мафҳум ва намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ

Таҳти мафҳуми озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ин даст кашидани давлат дар шахсияти мақомоти ваколатдор аз татбиқи ҷазо нисбати шахси ҷиноятсодирнамуда, вобаста ба аз байн рафтан ва кам гардидани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори сордиршуда фаҳмида мешавад.

Татбиқи институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ аз кирдори мусбии шахси ҷиноят содирнамуда вобаста мебошад.

Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар боби 11 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шудааст, аммо намудҳои мустақили озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ дар меъёрҳои дигар бобҳои КҶ ҶТ низ пешбинӣ карда шудааст, масалан, озод кардани ноболиғон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявидошта (моддаи 89 КҶ ҶТ), озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо қабули санади авф (моддаи 84 КҶ ҶТ).

Институти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро бояд аз дигар институтҳои ба он монанд, бояд тафовут кард:

– озод кардан аз ҷазои ҷиноятӣ;

– ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд;

– чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта, бе татбиқи ҷазо;

– ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят.

Вобаста ба хусусиятҳои худ озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо озод намудан аз ҷазои ҷиноятӣ умумиятҳо дорад, аммо ҳар ду ин институт дар бобҳои алоҳидаи КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудааст.

Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати озод кардан аз ҷазо мафҳуми васеътар мебошад, зеро бе ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷазои ҷиногятӣ вуҷуд дошта наметавонад. Онҳо дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Масалан, озод кардан аз ҷазо танҳо аз ҷониби суд татбиқ карда мешавад, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мумкин аст ҳам аз ҷониби суд ва ҳам аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ татбиқ карда шавад.

Дар КҶ ҶТ намудҳои алоҳидаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст, ки онҳо вобаста ба омилҳои муайян ба гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд.

Вобаста ба умумияти онҳо озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятиро ба ду гурӯҳ умумӣ ва махсус ҷудо карда мумкин аст.

Ба гурӯҳи умумии озод намуд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ меъёрҳои боби 11 КҶ ҶТ ва моддаҳои 84, 89 КҶ ҶТ дохил мешаванд. Ба гурӯҳи махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бошад он ҳолатҳое, ки дар Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ баромад мекунанд, дохил мешавад. Масалан, тибқи эзоҳи моддаи 187 КҶ ҶТ шахсе, ки ихтиёран ба мақомоти ҳокимият оид ба иштирокаш дар иттиҳодди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) иттилоъ дода ва барои пешгирии фаъолияти он мусоидат мекунад, агар дар кирдори ӯ таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

Аксарият меъёрҳое, ки озод намуд аз ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунад, хусусияти ҳатмӣ доранд. Аммо татбиқи ҳамаи меъёрҳои озодкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои суд ва мақомоти тафтиши пешакӣ ҳатмӣ мебошад.

Вобаста ба ин дар адабиёти ҳуқуқӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешавад:

1. Диспозитивӣ;

2. Императивӣ.

Татбиқи гурӯҳи диспозитивии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ аз ваколати суд ва мақомоти тафтиши пешакӣ вобаста аст. Татбиқи гурӯҳи императивии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои суд ва мақомоти тафтиши пешакӣ ҳатмӣ мебошад. Ба гурӯҳи императивии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ин озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба гузаштани мӯҳлати ба ҷавобга-

рии ҷиноятӣ кашидан (моддаи 75 КҶ ҶТ) ва ҳолатҳои ҳатмии аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудан, ки дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дохил мешаванд.

Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар ҳолати мавҷудияти асосҳои татбиқи он имконпазир аст. Асоси татбиқи институти мазкур пеш аз ҳама содир шудани кирдоре, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят мебошад, ба шумор меравад. Агар дар кирдорҳои шахс аломатҳои таркиби ҷиноят ҷой надошта бошад, пас масъалаи озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бинобар мавҷуд набудани асоси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан пайдо шуда наметавонад.

Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз ҷумла бо асосҳои пешбининамудаи эзоҳҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ маънои мавҷуд набудани аломати таркиби ҷиноятро надорад ва аз ин рӯ қатъ кардани парвандаи ҷинояти нисбати шахс бо асосҳои айбдоркунӣ сурат мегирад. Яъне дар кирдорҳои шахс аломатҳои сафедкунанда ҷой надорад.

## § 2. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор

Қонунгузор дар ҷойи аввал меъёрҳоро оид ба озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ аз кирдорро гузоштааст.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 72 КҶ ҶТ шахсе, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна содир кардааст, агар пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шавад ё ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ё зарари расонидаашро талофӣ намояд ё ин ки ба тариқи дигар зиёни расонидаашро рафъ кунад, мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад.

Аз моҳияти қисми 1 моддаи 72 КҶ ҶТ бар меояд, ки барои татбиқи он бояд шартҳои ҳатмии зерин ҷой дошта бошанд:

1. Ҷиноят бояд бори аввал аз ҷониби шахс содир карда шуда бошад. Бори аввал содир намудани ҷиноят маънои онро дорад, ки шахси ҷиноятро содирнамуда пеш аз содир кардани он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашудааст. Ба ақидаи профессор Т.Ш. Шарипов "агар шахс пештар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда бошаду, вале аз ҷавобгарии ҷиноят озод шуда бошад, ӯ қаблан ҷиноятсодиркарда эътироф намешавад. Инчунин, шахсе, ки доғи судиаш барҳам ё бардошта шудааст (мод-

даи 84 КҶ ҶТ), мухлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан гузаштааст (моддаи 75 КҶ ҶТ), бори аввал ҷиноят содиркарда эътироф мешавад"[126].

2. Ҷинояти содиршуда бояд ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна дохил шавад. Тибқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 18 КҶ ҶТ кирдорҳои қасдона содиркардае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар КҶ ҶТ пешбинигардида аз ду соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест ва кирдорҳои аз беэҳтиётӣ содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар КҶ ҶТ пешбинигардида аз панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест, ҷиноятҳои начандон вазнин эътироф мешаванд. Кирдорҳои қасдан содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар КҶ ҶТ пешбинигардида аз панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест ва кирдорҳои аз беэҳтиётӣ содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо аз панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд мебошад, ҷиноятҳои дараҷаи миёна эътироф мешаванд.

3. Шарти ҳатмии татбиқи моддаи 72 КҶ ҶТ ин иқрор шудан ба гуноҳ мебошад. Иқрор шудан ба гуноҳ ин хабар додани шахс дар бораи ҷинояти содиркарда шуда ва ё ҷинояти банақшагирифташуда мебошад. Худиқрорӣ ҳангоми дастгир кардани шахс вуҷуд дошта наметавонад. Чун қоида худиқрории шахс бояд шахсан анҷом дода шавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ масалан, ҳангоми беморӣ ва ё дар масофаи дур қарор доштани шахс мумкин аст, тариқи телефон ва ё почта хабар дода шавад.

4. Шарти дигари ҳатмии татбиқи моддаи 72 КҶ ҶТ ин мусоидат намудан барои ошкор кардани ҷиноят ба шумор меравад. Ин маънои онро дорад, ки шахс барои ошкор кардани ҳолатҳое, ки барои парванда аҳаммият доранд ба мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд фаъолона мусоидат мекунад. Ёрӣ мумкин аст бо роҳи ошкор кардани дигар шарикони ҷиноят, муайян намудани ҷойи нигоҳ доштани олот ва предмети ҷиноят ва ғайраҳо зоҳир карда шавад.

5. Шарти ҳатмии дигари озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор ин ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонида мебошад. Ҷуброни зарар бо тарзҳои гуногун содир шуданаш мумкин аст: масалан, бо роҳи барқарор намудани зарари моддӣ ва ё ғайримоддӣ, ҷубронӣ пулӣ ва ё моддӣ, ба таври оммавӣ бахшиш пурсидан аз ҷабрдида ва ғайраҳо.

---

[126] Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. Душанбе, 2010. С.164.

Бояд қайд намуд, ки ангезаи пушаймонӣ аз кирдор ҳангоми ҳалли масъалаи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад.

Шахсе, ки категорияи дигари ҷиноятро содир намудааст, танҳо дар ҳолатҳое, ки махсус дар моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад (қисми 2 моддаи 72 КҶ ҶТ). Мақсади асосии намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби пушаймонӣ барои содир намудани дигар категорияҳои ҷиноятҳо, на танҳо мусоидат намудан ба кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ошкор кардани ҷинояти содиршуда, инчунин пешгирӣ намудани имконияти фаро расидани оқибатҳои вазнинро низ дар назар дорад. Масалан, ҳангоми одамдуздӣ, терроризм, ғасби гаравгон, ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ташкили иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ) ва ғайра[127].

## § 3. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида

Агар шахси ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содирнамуда бо ҷабрдида оштӣ шуда, зарари ба ҷабрдида расонидаашро талофӣ карда бошад, мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад (моддаи 73 КҶ ҶТ).

Аз моҳияти моддаи 73 КҶ ҶТ маълум мегардад, ки бо татбиқи муқаррароти ин модда шахс бо шартҳои зерин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуданаш мумкин аст:

1. Ҷиноят бояд бори аввал содир шуда бошад;
2. Ҷинояти содиршуда бояд ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин ё дарҷаи миёна дохил шавад;
3. Шахси ҷиноятро содиркарда бояд бо ҷабрдида оштӣ шуда бошад;
4. Шахси ҷиноятсодиркарда бояд зарари ба ҷабрдида расонидаашро талофӣ намуда бошад.

Барои озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо татбиқи моддаи 73 КҶ ҶТ мавҷудияти чор шарти зикргардида ҳатмӣ мебошад. Инчунин бояд тазаккур дод, ки озод намудани шахс аз ҷавуобгарии ҷиноятӣ бо асоси зерин ин ҳуқуқи мақомоти тафтиши пешакӣ ва ё суд мебошад, на уҳдадорӣ.

---

[127] Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе, 2019. С. 58-59.

Бори аввал содир намудани ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна шарти асосии ҳамаи институти озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Шарти асосии татбиқи моддаи 73 КҶ ҶТ ин оштӣ шудан бо ҷабрдида мебошад. Оштӣ шудани ҷабрдида бо шахси ҷиноятсодирнамуда моҳиятан маънои барқарор шудани адолати иҷтимоиро дорад. Аз ин рӯ, оштишавии ҷабрдида бо шахси гунаҳгор бояд бо тартиби пешниҳоди ариза ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва ё суд расмӣ гардонида шавад. Дар ин ҳолат ангезаи оштӣ шудан гуногун буда метавонад:

– дилсӯзии ҷабрдида бо шахси ҷиноятсодирнамуда ва ё хешовандони наздикаш;

– аз гуноҳи шахси ҷиноятсодирнамуда гузаштани ҷабрдида;

– қонеъ шудани ҷабрдида аз талофӣ намудани зарар аз ҷониби шахс ва ғайраҳо.

ҳангоми татбиқи озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида, ташаббускори оштӣ шудан кӣ ба шумор меравад, аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад.

Талофӣ кардани зарари ба ҷабрдида расонидашуда ҳамчун шарти озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида ба аз байн бурдан ва ё кам намудани оқибатҳои ногувор равона карда шудааст. Тарзҳои талофӣ намудани зарари ба ҷабрдида расонидашуда бояд қонунӣ бошад ва ҳуқуқу манфиатҳои шахсони сеюмро халалдор насозад. Ҳаҷми талофнамудани зарар аз салоҳидиди ҷабрдида вобаста мебошад. Он мумкин аст бо шаклҳои гуногун вобаста ба намуди зарари расонидашуда талофӣ карда шавад: ахлоқӣ, моддӣ ё ҷисмонӣ. Масалан, узр хостан аз ҷабрдида тавассути ВАО, ҷуброни зарари моддии расонидашуда ва ғайра. Зарар мумкин аст пурра ва ё қисман ҷуброн карда шавад. Дар ин ҳолат муҳим аст, ки ҷабрдида аз талофӣ намудани шахси ҷиноятсодиркарда қонеъ бошад. Дар ҳолате, ки агар ҷабрдида талофӣ намудани зиёдро нисбат ба зарари расонидашуда талаб намояд ва шахси ҷиноятсодиркарда зарари воқеан расонидаашро талофӣ намуда бошаду ҷабрдида қаноат накунад, дар ин ҳолат аломати оштӣ шудан вуҷуд надорад. Ин ҳолат мумкин аст, ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба назар гирифта шавад. Дар навбати худ қисман барқарор намудани зарари расонидашуда, ки ба он ҷабрдида қаноат кардааст, барои озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида монеъ шуда наметавонад.

Тартиби мурофиавии озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ танзим карда шудааст.

Тибқи талаботи моддаи 30 КМҶ ҶТ суд, судя, прокурор дар асоси моддаи 73 КҶ ҶТ, инчунин муфаттиш ва таҳқиқбаранда мутобиқи ин меъёр ва бо ризои прокурор ҳуқуқ доранд:

– дар асоси аризаи ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ нисбат ба шахси ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содиркарда, ба шарте ки бо ҷабрдида оштӣ шуда, товони зарари ба ӯ расонидаашро барқарор карда бошад, оғози парвандаи ҷиноятиро рад кунанд;

– парвандаи ҷиноятиро бо озод кардани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ қатъ кунанд.

Агар ҷабрдидаи ҷиноят шахси ноболиғ бошад, пас тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар пешбурди парванда намояндаи қонунии ҷабрдида ҷалб карда мешавад. Бинобар ин, ҳангоми ҳалли масъалаи озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ фикри ҷабрдидаи ноболиғ гирифта мешавад. Агар фикри ҷабрдидаи ноболиғ бо фикри намояндаи қонуниаш дуруст нагирад ва ҷабрдидаи ноболиғ хоҳиши бо шахси ҷиноятсодирнамуда оштӣ шуданро надошта бошад, пас дар ин ҳолат шахс бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад.

Агар ҷиноят аз тарафи якчанд шахс содир шуда бошад, пас он шахсе аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад, ки бо он ҷабрдида оштӣ шудааст.

Агар дар ҷиноят якчанд ҷабрдида вуҷуд дошта бошад, барои озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида бояд бо тамоми ҷабрдидаҳо оштӣ шуда бошад. Ақалан бо яке аз ҷабрдидаҳо оштӣ намудани шахси ҷиноятсодиркарда, татбиқи моддаи 73 КҶ ҶТ истисно мекунад.

## § 4. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир ёфтани вазъият

Тибқи талаботи моддаи 74 КҶ ҶТ шахси бори аввал содиркардаи ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна мумкин аст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад, агар муқаррар гардад, ки бо сабаби тағйир ёфтани вазъият ин шахс ва ё кирдори содирнамудаи ӯ дигар барои ҷамъият хавфнок нест.

Чун меъёрҳои пештара асоси мазкури озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо мавҷудияти шартҳои ҳатмӣ вобаста мебошад, ки аз инҳо иборат аст:

1. Шахс бояд бори аввал ҷиноят содир намуда бошад;

2. Ҷинояти содиргардида ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна дохил шавад;

3. Кирдори содирнамудаи шахс агар дигар ба ҷамъият хавфнок набошад.

Яке аз хусусиятҳо фарқкунандаи озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо татбиқи моддаи 74 КҶ ҶТ ин тағйир ёфтани вазъият ба шумор меравад. Тағйир ёфтани вазъият ин вобаста ба омилҳои объективӣ ва ё суббъективӣ дигаргун шудани ҳолате мебошад, ки дар вақти содир шудани ҷиноят вуҷуд дошт. Сабабгори тағйир ёфтани вазъият омилҳои объективӣ ва субъективӣ шуда метавонанд. Омилҳои объективӣ бо рух додани ягон хели воқеаи аҳаммияти давлатӣ дошта марбут дониста мешаванд, ба намуди гузаронидани ислоҳоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишвар. Тағйир ёфтани вазъият мумкин аст, бо барҳам хӯрдани корхона (ташкилот), ки дар он ҷо сӯиистифодаи ваколат ба амал омада буд, вобастагӣ дошта бошад ва бо чунин барҳамхӯрӣ худи кирдор ба ҷамъият хавфнокии хешро аз даст додааст, дар аз байн бардоштани шартҳои ба вақт ва ҷой тааллуқдошта, ки кирдорро сазовори хусусияти ҷиноятӣ гардонидааст, зоҳир шуда метавонад. Мисол, шикори моҳӣ дар ҷойҳои манъшуда барои ҷамъият хавфнок эътироф намешавад, агар дар натиҷаи беҳад зиёд шудани шумораи онҳо дар шароити нарасидани хӯрока, нобудкунии оммавии моҳиён таҳдид кунад ва минбаъд дар он ҷой ба таври расмӣ шикор иҷозат дода шавад.

Омилҳои объективии тағйир ёфтани вазъият ба хусусияти шахси ҷиноятсодиркарда таъсире надорад, танҳо кирдор ба ҷамъият хавфнокии худро аз даст медиҳад, ки дар робита ба ин, шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Ҳолати мазкур ба ифодаи ирода алоқаманд набуда, ба тамоми шахсоне, ки дар ин давра чунин ҷиноятро содир намудаанд, баробар паҳн мегардад.

Ҳангоми барҳам хӯрдани ба ҷамъият хавфнокии шахси ҷиноят содирнамуда, тағйир ёфтани вазъият нисбатан маҳдудтар фаҳмида мешавад, он ба шароити ҳаёт ва фаъолияти шахс дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят тааллуқ дорад. Дар аксар ҳолатҳо, аз сабаби барҳам хӯрдани ба ҷамъият хавфнокии шахси ҷиноят содирнамуда на фақат шароитҳои объективии ҳаёти ӯ, балки инчунин пушаймонии шахс аз кирдори содирнамудааш, рафтори намунавӣ ва муносибати софдилонаи ӯ ба иҷрои уҳдадориҳои касбиву ҷамъиятиаш шаҳодат дода метавонанд. Хусусиятҳои тағйироти бавуҷудомада гуногун буда, бояд дар маҷмӯъ

ин тағйирот сабаб ва шароитҳое, ки бо ҷой доштани онҳо ҷиноят содир шуда буд, барҳам дода, имконияти содиршавии ҷиноятҳои навро аз тарафи шахси мазкур истисно намоянд. Чунин тағйирот мумкин аст, дар ҳолатҳои зерин ифода ёбад: Мисол, аз мансаб озод намудани шахси гунаҳгор, ки бо истифода аз он ҷиноят содир намудааст; даъват ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ ва барҳам хӯрдани робита бо муҳити криминологӣ, ки зери таъсири он шахс ҷиноят содир намудааст; дар рафтори қонунӣ ва боахлоқонаи шахс дар давоми вақти зиёд ва ғайра[128].

## § 5. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан

Тибқи талаботи моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кас баъди гузаштани муҳлати таъқиби ҷиноятӣ, инчунин барои содир кардани рафторе, ки ҳангоми воқеъ шуданаш ҷиноят ҳисоб намеёфт, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад.

Меъёри мазкури конститутсиониро қонунгузорӣ ба асос гирифта, дар моддаи 75 КҶ ҶТ яке аз асосҳои ҳатмии озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намудааст.

Дар қисми 1 моддаи 75 КҶ ҶТ мурури муҳлате пешбинӣ карда шудааст, ки ҳангоми сипарӣ шудани он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс манъ аст. Тибқи талаботи он агар аз рӯзи содир шудани ҷиноят муҳлати зерин гузашта бошад, шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад:

а) ду сол пас аз содир намудани ҷинояти начандон вазнин;

б) шаш сол пас аз содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна;

в) даҳ сол пас аз содир намудани ҷинояти вазнин;

г) понздаҳ сол пас аз содир намудани ҷинояти махсусан вазнин ба истиснои нишондоди қисми 5 моддаи 75 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Олмиони ватанӣ зери мафҳуми «гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷинояти кашидан» гузаштани муҳлатҳои дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишудае, ки пас аз содир намудани ҷиноят фаҳмидаанд, ки пас аз гузаштани он шахси ҷиноятсодирнамуда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад[129].

---

[128] Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. Душанбе, 2010. С.167-168.
[129] Ҳамон ҷо.

Ба сифати асоси моддиву ҳуқуқии татбиқ намудани институти гузаштани муҳлат ба таври назаррас кам гардидани ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда пас аз гузаштани вақти зиёд ва барҳам хӯрдани ба ҷамъият хавфнокии шахс, ки ислоҳ шудани худро исбот намудааст, баромад менамояд.

Дар тафовут аз дигар асосҳои озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ қонунгузорӣ барои татбиқи меъёри моддаи 75 КҶ ҶТ ду шарти онро пешбинӣ намудааст:

а) гузаштани муҳлати дар қонун пешбинишуда;

б) ҷой надоштани ҳолатҳое, ки ҷараёни гузаштани муҳлатро бозмедоранд ё барҳам медиҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарӣ кашидан асоси ҳатмии озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ба шумор меравад ва ҳангоми ҷой доштани чунин ҳолат мақомоти тафтиши пешакӣ ва суд уҳдадоранд, ки шахсро бо татбиқи моддаи 75 КҶ ҶТ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намуда, пешбурди парвандаи ҷиноятиро нисбати шахс қатъ кунанд.

Тартиби ба ҳисоб гирифтани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс низ дар қонунгузорӣ танзим карда шудааст. Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 75 КҶ ҶТ муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯзи содир шудани ҷиноят то рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукм ҳисоб карда мешавад.

Ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор бо қонуне, ки дар вақти содир намудани он кирдор амал мекунад, муайян карда мешавад (қисми 1 моддаи 12 КҶ ҶТ).

Мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 386 КМҶ ҶТ ҳукми суди марҳилаи якум пас аз гузаштани муҳлати овардани шикоят ё эътирози кассатсионӣ, ба шарте ки аз он шикоят ё ба он эътироз оварда нашуда бошад, эътибори қонунӣ пайдо мекунад ва бояд ба иҷро расонида шавад. Дар сурати шикоят ё эътироз овардан ба тариқи кассатсионӣ ҳукм, ба шарте ки бекор карда нашуда бошад, дар рӯзи баровардани таъйинот эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

Ҷараёни гузаштани муҳлат аз соати 00 шабонарӯзи оянда баъд аз содиршавии ҷиноят сар шуда, 00 соати шабонарӯзи охирони муҳлат ба охир мерасад.

Агар шахс аз тафтиш ё суд саркашӣ намояд, ҷараёни муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан боздошта мешавад. Дар ин ҳолат муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯзи дастгир кардани шахс ё омада, ба гуноҳи худ иқрор шудани ӯ барқарор карда мешавад (қисми 3 моддаи 75 КҶ ҶТ).

Нисбати ба ҳисоб гирифтани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои содир намудани ҷиноятҳои давомдор ва дарозмуддат низ баъзе мураккабиҳо ҷой дорад. Гузаштани муҳлат нисбати ҷиноятҳои дарозмуддат аз лаҳзаи ба таври воқеӣ қатъ гардидани ин ҷиноят бо иродаи гунаҳгор ва ҳам бо ҳолатҳои аз ӯ новобаста ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои давомдор гузаштани муҳлат аз лаҳзаи содир намудани охирин кирдори ҷиноятӣ аз ҷумлаи кирдорҳои ба ҷинояти давомдор дохилшаванда, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳамин тавр, ҳангоми содир намудани ҷиноятҳои давомдор ва дарозмуддат гузаштани муҳлат аз лаҳзаи ба таври воқеӣ, на ба таври ҳуқуқӣ ба охир расидани ҷиноят ҳисоб мегардад.

Гузаштани муҳлат ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо дар ҳолате истисно менамояд, ки агар ҷараёни гузаштани он вайрон нагардида бошад. Кодекси ҷиноятии пештара (соли 1961) ду ҳолати вайрон гардидани гузаштани муҳлатро фарқ мекард, боздоштан ва қатъ гардидан. Тибқи Кодекси ҷиноятии соли 1998 қабулгардида, ҷараёни гузаштани муҳлат мумкин аст танҳо боздошта шавад. Ба сифати асоси боздоштани муҳлат аз тафтиш ё суд саркашӣ намудани шахс пешбинӣ мегардад. Дар ин ҳолат муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯзи дастгир кардани шахс ё омада ба гуноҳи худ иқрор шудани ӯ барқарор карда мешавад (қисми 3 моддаи75 КҶ ҶТ).

Аз ҷониби шахс содир гардидани ҷинояти нав на фақат ҷараёни гузаштани муҳлатро қатъ намегардонад, чи хеле ки дар Кодекси ҷиноятии пештар амалкунанда ҷой дошт, балки инчунин гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҷиноят алоҳида ҳисоб карда мешавад (қисми 4 моддаи75 КҶ ҶТ).

Зери мафҳуми «саркашӣ намудан аз тафтиш ё суд» ҳаракатҳои дилхоҳи қасдонаи аз тарафи шахс ба мақсади озод шудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдори содирнамудааш фаҳмида мешавад, ки он мақомоти дахлдорро маҷбур месозад, ки баҳри дастгир намудани шахс дар ҳудуди давлат ё маҳалли муайян чораҳои ҷустуҷӯӣ ташкил намояд.

Боздоштани гузаштани муҳлат онро ифода мекунад, ки он дар тамоми вақте, ки шахси ҷиноятсодирнамуда аз тафтиш ё суд саркашӣ мекунад, қатъ мегардад ва пас аз дастгир шудани ин шахс ё омада ба гуноҳи худ иқрор шудани ӯ, барқарор карда мешавад. Дар ин ҳолат вақти то саркашӣ гузашта ба вақти пас аз дастгиршавӣ ё омада ба гуноҳи худ иқроршавӣ ҷамъ мегардад. Агар ин муҳлат то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм аз муҳлати дар

қонун муқарраршуда зиёд бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ ба вуҷуд намеояд.

КҶ ҶТ мӯҳлати умумиро пешбинӣ менамояд, ки мувофиқи он агар аз вақти содир намудани ҷиноят 20 сол гузашта, мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба содир намудани ҷинояти нав қатъ нагардида бошад, шахсро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест.

Агар то гузаштани мӯҳлати дар моддаи 75 КҶ ҶТ зикрёфта шахс қасдан ҷинояти нави дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин содир намояд, мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷинояти кашидан аз рӯзи содир намудани ҷиноятҳои мазкур аз нав шурӯъ гардида, мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҳар як ҷиноят алоҳида ҳисоб карда мешавад (қисми 4 моддаи75 КҶ ҶТ).

Дар ҳолати аз тарафи шахс якбора содир кардани якчанд ҷиноятҳои категорияҳои гуногун, гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нисбати ҷинояти сабуктар, баъд барои категорияи ҷинояти вазнинтар мегузарад.

Гузаштани мӯҳлат бо солҳои пурра ҳисоб карда шуда, он баъди гузаштани мӯҳлати дар моддаи 75 КҶ ҶТ пешбинишуда дар 00 соати рӯзи охирини соли муайян ба охир мерасад (Мисол, гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҷинояти начандон вазнини 3 сентябри соли 2015 содиршуда дар 00 соати 3-уми сентябри соли 2017 ба охир мерасад).

Мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан новобаста аз хоҳиши мақомоти тафтишӣ ё суд татбиқ гардида, гузаштани мӯҳлат асоси ҳатмии аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудан мебошад.

Аммо масъалаи истифодаи мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро нисбати шахси содирнамудаи ҷиноятe, ки барои он ҷазои қатл ва ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ шудааст, суд ҳал менамояд (қисми 5 моддаи 75 КҶ ҶТ), яъне, гузаштани мӯҳлат дар ин ҳолат на асоси ҳатмӣ, балки асоси иловагии озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад.

Суд дар ин ҳолат шахсияти гунаҳгор, мӯҳлатро, ки баъди содир намудани ҷиноят гузаштааст, дигар вазъияту ҳолатҳоро ба назар мегирад. Агар суд озод кардани чунин шахсро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба гузаштани мӯҳлат имконнопазир шуморад, пас, вай ба ӯ ба ҷойи ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро таъйин менамояд.

Барои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарӣ кашидан тартиби муайяни му-

рофиавӣ вуҷуд дорад. Парвандаи ҷиноятии оғозшуда дар давраи тафтишоти пешакӣ қатъ карда мешавад, аз ин хусус қарори мақоми тафтишӣ, муфаттиш ва ё прокурор қабул мегардад. Дар давраи ба суд додани парвандаи ҷиноятӣ он бо қарори судя (таъиноти суд), қатъ карда мешавад.

Қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, бинобар гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарӣ кашидан, роҳ дода намешавад, агар айбдоршаванда розӣ набошад (Мисол, худро бегуноҳ ҳисобад). Дар ин ҳолат пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби муқаррарӣ амалӣ мегардад.

Агар ҳолати гузаштани муҳлати ба ҷавобгарӣ кашидан дар давраи тафтиши судӣ муқаррар шуда, инчунин агар ин муҳлат ҳангоми аз тарафи суд таҳқиқ шудани парванда ба итмом расида бошад, мурофиа то охир бурда шуда, суд ҳукми аз ҷазо озод кардани айбдоршавандаро мебарорад[130].

Қонунгузорӣ намудҳои ҷиноятҳоеро муайян кардааст, ки нисбати онҳо муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан татбиқ карда намешавад.

Тибқи талаботи қисми 5 моддаи 75 КҶ ҶТ нисбати шахсоне, ки ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият ҷиноят содир намудаанд, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан истифода карда намешавад.

Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият дар боби 34 КҶ ҶТ пешбинӣ карда шудааст.

Қонуни ҷиноятӣ ба суд ваколат додаст, ки масъаларо оид ба татбиқи муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нисбати шахси содирнамудаи ҷиноятe, ки барои он ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешнибинӣ намудааст, ҳал намоянд.

Ҳангоми ҳал намудани масъалаи мазкур суд ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, шахсияти ҷинояткор ва рафтори шахси ҷиноятсодирнамуда дар давоми муҳлати сипаригардидаро меомӯзад. Агар суд ба хулоса ояд, ки шахсро бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кунад, пас парвандаи ҷиноятиро нисбати шахс қатъ мекунад, вале агар ба хулоса ояд, ки муқаррароти моддаи 75 КҶ ҶТ нисбати шахс татбиқ намекунад, пас дар ин ҳолат ба шахс ҷазо таъйин мекунад. Аммо қонуни ҷиноятӣ ба суд маҳдудиятро пешбинӣ намудааст, ки тибқи он «аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани шахсро имконнопазир донад, ба ӯ ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъйин

---

[130] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 171-173.

карда намешавад». Дар ин ҳолатҳо суд намуди дигари ҷазои сабуктарро нисбати шахс татбиқ мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки муқаррароти қисми 5 моддаи 75 КҶ ҶТ фақат суд татбиқ карда метавонад. Бинобар ин, мақомоти тафтиши пешакӣ ҳуқуқ надорад шахси содирнамудаи ҷиноятe, ки барои он ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинишударо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намояд. Аз ин рӯ, мақомоти тафтишоти пешакӣ баъди ба итмом расонидани тафтиши парвандаи ҷиноятӣ, парвандаро бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба суд ирсол мекунад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 6 моддаи 75 КҶ ҶТ, нисбати шахсоне, ки ҷинояти пешбининамудаи қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) то 4) моддаи 139, моддаҳои 141-142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи 142[1] Кодекси мазкур ё ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият ҷиноят содир кардаанд, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан татбиқ карда намешавад.

# БОБИ XVIII
# ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАЗО

**§ 1. Мафҳум ва намудҳои озод кардан аз ҷазо**
**§ 2. Шартан татбиқ накардани ҷазо**
**§ 3. Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан**
**§ 4. Ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо**
**§ 5. Мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд**
**§ 6. Бо сабаби бемори аз ҷазо озод кардан**
**§ 7. Озод кардан аз ҷазо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода**
**§ 8. Озод кардан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ**

## § 1. Мафҳум ва намудҳои озод кардан аз ҷазо

Дар боби 12 КҶ ҶТ масъалаи озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ба танзим дароварда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ аз озод кардан аз ҷазои ҷиноятӣ фарқ мекунад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ якчанд омилҳое вуҷуд доранд, ки ду институти зикргардидаи ҳуқуқи ҷиноятиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

1. Вобаста ба субъекти татбиқкунанда:

1.1. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳам аз ҷониби мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ ва ҳам аз ҷониби суд татбиқ шуда метавонад.

1.2. Озод кардан аз ҷазои ҷиноятӣ фақат аз ҷониби суд татбиқ шуда метавонад.

2. Вобаста аз лаҳзаи пайдоиш:

2.1. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ то баровардани ҳукми айбдоркунии суд татбиқ карда мешавад;

2.2. Озод кардан аз ҷазои ҷиноятӣ бошад танҳо пас аз баровардани ҳукм татбиқ шуда метавонад.

Аз моҳияти қонуни ҷиноятӣ бар меояд, ки ҳангоми озод кардани шахс аз ҷазои ҷиноятӣ суд ба шахс ҷазо таъйин намуда, шах-

сро аз адои ҷазои ҷиноятӣ озод мекунад, агар ба хулоса ояд, ки бе адо кардани ҷазо ба мақсади ҷазо ноил шудан мумкин аст. Дар ин маврид шахс мумкин аст пурра ва ё қисман аз адои ҷазои ҷиноятӣ ё бинобар сабаби имконнопазир будани иҷрои ҷазо аз ҷазои ҷиноятӣ озод карда шавад.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ намудҳои зерини озод кардан аз ҷазои ҷиноятӣ ҷой доранд:

1. Шартан озод намудан аз ҷазо;
2. Бе муайян намудани шарт озод намудани шахс аз ҷазо.

Ҳангоми шартан озод намудани шахс аз ҷазои ҷиноятӣ суд дар баробари озод намудани шахс аз ҷазои ҷиноятӣ нисбати маҳкумшуда талаботи муайянеро пешбинӣ мекунад. Ба ин гурӯҳи озод намудани шахс аз ҷазои ҷиноятӣ инҳо дохил мешаван:

- шартан татбиқ накардани ҷазо (моддаи 71 КҶ ҶТ);
- шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан (моддаи 76 КҶ ҶТ);
- мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд (моддаи 78 КҶ ҶТ).

Суд шахсро метавонад бе муайян намудани шарт низ аз ҷазо озод кунад. Ба ин гурӯҳ дохил мешавад:

- бо сабаби бемории аз ҷазо озод кардани шахс (моддаи 79 КҶ ҶТ);
- озод кардани шахс аз ҷазо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода (моддаи 80 КҶ ҶТ);
- озод кардани шахс аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ (моддаи 81 КҶ ҶТ).

Ғайр аз намудҳои зикргардида, инчунин шахс аз ҷазои ҷиноятӣ бо сабаби қабули санади авф ва бахшиши ҷазо низ озод шуданаш мумкин аст, аммо ин намудҳои озод намудани шахс аз ҷазои ҷиноятӣ хусусиятҳои хоси худро доранд ва аз ин рӯ дар боби алоҳидаи КҶ ҶТ ба танзим дароварда шудаанд.

## § 2. Шартан татбиқ накардани ҷазо

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 71 КҶ ҶТ агар суд ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ таъйин намуда, ба хулосае ояд, ки ислоҳ кардани маҳкумшуда бе адои ҷазо, вале дар шароити назорати рафтораш имконпазир аст, он гоҳ метавонад дар хусуси шартан татбиқ накардани ҷазо қарор қабул намояд.

Шартан татбиқ накардани ҷазо яке аз институтҳои паҳнгаштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, ки он яке аз намудҳои самараноки озод намудани шахс аз ҷазои ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Намудҳои ҷазоҳое, ки ҳангоми таъйини онҳо суд метавонад ҷазоро шартан татбиқ накунад, муайян карда шудааст, ки аз инҳо иборат аст:

- корҳои ислоҳӣ;
- маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ;
- маҳдуд кардани озодӣ;
- нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ;
- маҳрум сохтан аз озодӣ.

Ин маънои онро дорад, ки ҷазои таъйинмешуда бо муайян намудани шартҳои муайян воқеан иҷро карда намешаванд.

Бояд қайд кард, ки қонунгузорӣ татбиқ намудани намудҳои зикргардидаи озод намудани шахсро аз ҷазои ҷиноятӣ ба ваколати суд додааст. Ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо суд хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор ва ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазоро ба назар мегирад (қисми 2 моддаи 71 КҶ ҶТ).

Қонуни ҷиноятӣ доираи шахсонеро муайян намудааст, ки онҳо бо шартан татбиқ накардани ҷазо аз ҷазои ҷиноятӣ озод карда намешаванд:

1. Шахсе, ки ҷинояти махсусан вазнин содир кардааст;
2. Шахсе, ки қаблан барои ҷинояти қасдона ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, ба истисноии ноболиғон, маъюбони гурӯҳи якум ва дуюм, занон, инчунин мардоне, ки ба синни нафақа расидаанд.

Тавре дар боло қайд намудем, шартан татбиқ накардани ҷазо намуди шартии озод намудан аз ҷазо ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар ҳолати шартан татбиқ накардани ҷазо суд муҳлати санҷишӣ муқаррар менамояд, ки дар давоми он маҳкумшуда бояд бо рафтори худ ислоҳ шуданашро исбот кунад. Муҳлати санҷиш бо давомнокии аз як то панҷ сол таъйин гардида, аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукм ҳисоб карда мешавад (қисми 3 моддаи 71 КҶ ҶТ).

Аз моҳияти қонуни ҷиноятӣ маълум мегардад, ки муҳлати санҷишӣ ин давомияти вақте мебошад, ки маҳкумшуда дар давоми он ислоҳ шудани худро исбот намояд.

Ғайр аз муҳлати санҷишӣ, суд ҳангоми табиқи шартан татбиқ накардани ҷазо, метавонад иҷрои вазифаҳои муайяни зеринро ба зиммаи маҳкумшуда гузорад:

- дар муҳлати муайян зарари расонидаро барқарор намояд;
- иваз накардани истиқоматгоҳи доимӣ, ҷойи кор ё таҳсил бидуни огоҳ кардани мақомоте, ки ба рафтори маҳкумшуда назорат мекунанд;
- ба ҷойҳои муайян нарафтан, ба кор ё таҳсил дохил шудан;
- даври муолиҷаи майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикоманӣ ё касалиҳои зуҳравӣ тамом кардан;
- аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудани оила.

Вазифаҳои мазкур бо мақсади расидан ба мақсади ниҳоии ҷазо – барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва ислоҳи маҳкумшуда нигаронида шудаанд.

Тибқи талаботи қисми 4 моддаи 48 КҶ ҶТ дар ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи КҶ ҶТ бо ҷазои асосӣ таъйин кардани як ё якчанд ҷазои иловагӣ мумкин аст. Аз ин рӯ, қонуни ҷиноятӣ имконияти таъйини ҷазои иловагӣ ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазоро пешбинӣ намудааст. Дар ҳолати шартан татбиқ накардани ҷазо мумкин аст ҷазоҳои иловагӣ, ба истиснои мусодираи молу мулк, таъйин карда шаванд (қисми 4 моддаи 71 КҶ ҶТ).

Ҳангоми дар баробари шартан татбиқ накардани ҷазо, таъйин намудани ҷазои иловагӣ дар намуди мусоидараи молу мулк, ҷазои иловагӣ мустақиман иҷро карда мешавад.

Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 9 КҶ ҶТ ба шахси ҷиноят содирнамуда бояд ҷазое таъйин гардад ё чунин чораи дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ раво дида шавад, ки барои ислоҳи ӯ ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошад.

Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар худ меъёрҳои ҳавасмандгардониро низ мустаҳкам кардаанд, ки яке аз онҳо дар қисми 6 моддаи 71 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Тибқи он, агар маҳкумшуда бо гузашти на камтар аз нисфи муҳлати санҷишӣ бо рафтори худ ислоҳ шуданашро исбот кунад, суд бо пешниҳоди мақомоти ба рафтори маҳкумшуда назораткунанда метавонад дар хусуси бекор кардани маҳкумӣ ва бардоштани доғи судӣ қарор қабул намояд.

Вобаста ба оне, ки шартан татбиқ накардани ҷазо ин намуди шартии озод намудани шахс аз ҷазо мебошад, бинобар ин ҳангоми вайрон намудани шартҳое, ки суд ҳангоми баровардани ҳукм ба маҳкумшуда муайян кардааст, оқибатҳои ногувори ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд.

Маҳкумшудагони бо шартан татбиқ накардани ҷазо ва онҳое, ки нисбаташон иҷрои ҳукм мавқуф гузошта шудааст, таҳти назорати нозироти корҳои ислоҳӣ қарор доранд.

Назорат аз болои рафтори маҳкумшуда бо шартан татбиқ накардани ҷазо дар давоми муҳлати санҷишӣ аз ҷониби нозироти корҳоиислоҳии маҳалли истиқомати маҳкумшуда, назорати хизматчиёни ҳарбӣ дар давраи адои хизмати ҳарбӣ бошад, аз тарафи фармондеҳии қисмҳои ҳарбӣ ба амал бароварда мешавад (қисми 1 моддаи 223 КИҶҶ ҶТ).

Агар маҳкумшуда дар ҳолати шартан татбиқ накардани ҷазо ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ роҳ дода барои содир намудани он ба ӯ ҷазои маъмурӣ таъйин шуда бошад ё ашаддӣ аз вазифаҳое, ки суд ба зимааш гузоштааст, саркашӣ намояд, суд метавонад бо пешниҳоди мақомоти дар қисми 9 моддаи 71 КҶ ҶТ зикргардида дар бораи бекор кардани шартан маҳкумшавӣ ва барои адои ҷазои бо ҳукм таъйиншуда фиристодани маҳкумшуда, қарор қабул кунад.

Ба таври ашаддӣ саркашӣ намудан аз иҷрои вазифаҳое, ки суд муайян намудааст – ин содир кардани кирдорҳои манъшуда ё аз ҷониби шахси бо шартан татбиқ накардани ҷазо маҳкумшуда, беш аз ду маротиба дар давоми сол иҷро накардани амалҳое, ки ба зиммаи ӯ гузошта шудааст ё ба таври давомдор (беш аз 30 рӯз) иҷро накардани вазифаҳои аз ҷониби суд ба зиммааш гузошташуда ба ҳисоб меравaнд.

## § 3. Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан

Мувофиқи қисми 1 моддаи 76 КҶ ҶТ шахсе, ки ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ адо карда истодааст, агар ӯ бо рафтори намунавӣ ва муносибати софдилона ба меҳнат ислоҳ шудани худро исбот кунад, суд метавонад ӯро шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кунад. Дар айни замон ин шахсро пурра ё қисман аз адои ҷазои иловагӣ озод намудан мумкин аст.

Асоси татбиқи шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудани шахс ин боварии суд дар хусуси он, ки ҷазои таъйиншуда ба мақсади худ ноил гардидааст ва зарурати минбаъдаи адои он вуҷуд надорад ё зарари расонидашударо ҷуброн намудааст.

Шахсе, ки ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии

интизомӣ адо карда истодааст, бояд бо рафтори худ исбот намоянд, ки он барои адои минбаъдаи ҷазо зарурат надорад. Ба ин ҳолатҳо риояи талаботи қоидаҳои дохилӣ, муносибати софдилона ба меҳнат, вуҷуд надоштани чораҳои маъмурӣ нисбат ба маҳкумшуда исбот шуда тавонад. Барои татбиқи шартан пеш аз муҳлат озод намудани шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд муҳлати муайяне гузашта бошад, ки суд ба он боварӣ ҳосил намояд.

Яке аз шартҳои асосии татбиқи институти мазкур ин адо намудани қисми муайяни ҷазои таъйингардида мебошад, ки дар қонуни ҷиноятӣ мушаххасан пешбинӣ шудаанд.

Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 76 КҶ ҶТ шартан пеш аз муҳлат озод кардани маҳкумшуда аз ҷазо танҳо дар мавридҳои воқеан муҳлати зеринро адо намудани ӯ, имконпазир аст:

а) на камтар аз нисфи ҷазое, ки барои ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна таъйин гардидааст;

б) на камтар аз се ду қисми ҷазое, ки барои ҷинояти вазнин таъйин шудааст;

в) на камтар аз чор се ҳиссаи ҷазои барои ҷинояти махсусан вазнин таъйиншуда, инчунин ҷазое, ки ба шахси қаблан шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озодгардида таъйин шудааст, агар шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан тибқи асосҳои дар қисми шашуми ҳамин модда пешбигардида бекор карда шуда бошад.

Бояд тазаккур дод, ки институти мазкури ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз чораҳои ҳавасмандгардонии маҳкумшудагон мебошад.

Қонунгузор андозаи қисми ҳақиқатан адошудаи ҷазоро, ки суд таъйин кардааст, на бо навъи ҷиноят, балки бо шахсияти маҳкумшуда, танҳо дар ягона ҳолат, агар шартан пеш аз муҳлат озод кардан бо асосҳои дар қисми 6 моддаи 76 КҶ ҶТ зикршуда бекор карда шуда бошад, вобаста кардааст.

Муҳлати ҷазои воқеан адонамудаи шахс дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ аз 6 моҳ камтар буда наметавонад (қисми 4 моддаи 76 КҶ ҶТ). Ин нишондод ба навъҳои дигари ҷазо паҳн карда намешавад, аз ин рӯ масъалаи шартан пеш аз муҳлат аз адои дигар ҷазоҳо, ғайр аз маҳрум сохтан аз озодӣ, мумкин аст то гузаштани муҳлати 6 моҳа ба миён гузошта шавад.

Шахсони зайл дар ҳолатҳои зерин шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод карда намешаванд:

а) шахсе, ки нисбати ӯ ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан таъйин шудааст ё ҷазои қатл ба тариқи бахшиши ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст;

б) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок;

в) ташкилкунанда, иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил ё иттиҳоди ҷиноятӣ (ташкилоти ҷиноятӣ);

г) шахсе, ки барои ҷинояти пешбининамудаи қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) - 4) моддаи 139, моддаҳои 141-142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи $142^1$ КҶ ҶТ ё ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият маҳкум карда шудааст.

Шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз ҷониби суд бо пешниҳоди мақоми махсуси ваколатдори масъули иҷрои ҷазо дар ҷойи адои ҷазо ба амал бароварда мешавад. Агар суд эътироф кунад, ки:

– шахси ҷазоро адокунанда ҳамон қисми аз рӯйи талаботи қонун бо ҳукми суд муайяншудаи ҷазоро адо кардааст;

– ҷиҳати рафтори намунавӣ ва муносибати софдилона ба меҳнат ислоҳшавии худро исбот намуда ва ба адои пурраи ҷазои таъйиншуда эҳтиёҷ намондааст.

Дар он сурат суд оид ба шартан пеш аз муҳлат озод кардани маҳкумшуда мувофиқи муҳлати дақиқи тақвимии ҷазо таъйинот мебарорад. Дар ин маврид ба озодшаванда муҳлати санҷишӣ таъйин карда намешавад, аз он сабаб ки вазифаи онро қисми ҳанӯз адонашудаи ҷазо иҷро мекунад. Ба воситаи ҳамин таъйинот суд ҳақ дорад, ки маҳкумшударо пурра ва ё қисман аз адои намуди иловагии ҷазо озод намояд.

Муқаррароти нави КҶ ҶТ он аст, ки ба суд ҳангоми татбиқи шартан пеш аз муҳлат озод кардан маҳкумшударо бо ухдадориҳои муайян вазифадор мекунад, ки бояд аз ҷониби маҳкумшуда дар давоми қисми адонашудаи ҷазо иҷро гарданд (қисми 2 моддаи 76 КҶ ҶТ). Номгӯйи ин вазифаҳо бо рӯйхати уҳдадориҳое, ки суд ба шахси шартан татбиқ накардани ҷазо маҳкумшуда татбиқ шуданашон мумкин аст, пурра мувофиқат мекунанд (қисми 5 моддаи 71 КҶ ҶТ). Ин уҳдадориҳо чунинанд:

– дар муҳлати муайян зарари расонидаро барқарор намудан;

– иваз накардани истиқоматгоҳи доимӣ, ҷойи кор ё таҳсилро бидуни огоҳ кардани мақомоте, ки ба рафтори маҳкумшуда назорат мекунад;

– ба ҷойҳои муайян нарафтан;

– ба кор ё таҳсил дохил шудан;

– давраи муолиҷаи майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикоманӣ ё касалиҳои зӯҳравӣ тамом кардан;

– аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудани оила.

Хусусияти шартӣ доштани ин навъи озод кардан аз ҷазо дар он зоҳир мешавад, ки аз болои рафтори шахси шартан пеш аз

муҳлат озодшуда ва уҳдадориҳои ба ӯ вогузошта назорат таъйин карда мешавад ва дар сурати вайрон шудани талаботи пешниҳодгашта, ин тартиб иваз карда мешавад. Назорат аз болои рафтори шахсони шартан пеш аз муҳлат озодшуда ба уҳдаи мақоми махсуси ваколатдори давлатӣ, нисбати хизматчиёни ҳарбӣ бошад, фармондеҳии қисмҳои ҳарбӣ ва муассисаҳои он вогузор карда мешавад.

Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан аз ҷониби суди махалли ҷазоро адокунандаи шахс, татбиқ карда мешавад. Муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазо ба суди маҳалли адои ҷазо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузориҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ дар хусуси шартан пеш аз муҳлат озод кардани шахс аз адои ҷазо пешниҳод ирсол менамоянд. Дар пешниҳоди ирсолшуда бояд маълумоти тавсифкунандаи шахсияти маҳкумшуда, инчунин рафтори ӯ, муносибат ба таҳсил ва меҳнат ҳангоми адои ҷазо, муносибати маҳкумшуда ба кирдори содирнамудааш инъикос карда шавад (қисми 1 ва 4 моддаи 208 КИҶҶ ҶТ).

Пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудани маҳкумшуда дар рӯзи ворид гардидани санади дахлдор ва агар санади озод намудан пас аз хатми рӯзи корӣ расида бошад, субҳи дигари он анҷом дода мешавад (қисми 3 моддаи 206 КИҶҶ ҶТ).

Қонун ба сифати вайрон шудани талабот ба шартан пеш аз муҳлат озодшавиро аз инҳо иборат медонад:

а) вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ки натиҷааш ҷазои маъмурӣ бошад;

б) худсарона саркашӣ кардан аз иҷрои уҳдадориҳое, ки суд ҳангоми татбиқи шартан пеш аз муҳлат аз ҷазо озод намудан таъйин карда буд;

в) содир намудани ҷинояти нав дар давоми қисми адонашудаи ҷазо.

Аз қонуншиканиҳои зикршуда фақат якеаш асоси ҳатмӣ барои иваз кардани шартан пеш аз мӯхлат озод кардан ҳисоб мешавад - содир намудани ҷиноят дар давоми қисми адонашудаи ҷазои таъйиншуда. Дар ин ҳолат суд ҷазоро мувофиқи қоидаҳои дар моддаи 68 КҶ ҶТ номбаршуда аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо таъйин менамояд, яъне ба ҷазо мувофиқи ҳукми нав, пурра ё қисман қисми адонашудаи ҷазоро аз рӯйи ҳукми айбдоркунии пешина ҳамроҳ мекунад. Ғайр аз ин, ба ҷазои асосӣ, ки аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо таъйин шудааст, суд инчунин ба он чораҳои иловагии ҷазоро мувофиқи

ҳукми пешинаи айбдоркунӣ низ ҳамроҳ мекунад, агар шахс аз вай ба тариқи шартан пеш аз муҳлат озод карда шуда бошад.

Саркашӣ кардан аз иҷрои уҳдадориҳои муайяннамудаи суд ҳамон вақт ашаддӣ эътироф мешавад, ки агар мунтазам ҷараён дошта бошад ва баъди огоҳии хаттии мақоми махсуси давлатӣ, ки назоратро аз болои шахси маҳкумшуда ба уҳда дорад, идома дошта бошад. Ин асоси бекор кардани шартан пеш аз муҳлат хусусияти факултативӣ дошта, суд онро бо дарназардошти шахсият ва рафтори маҳкумшуда дар давоми қисми адонашудаи ҷазо, давомнокии саркашӣ кардан аз иҷрои уҳдадориҳо ва сабаби иҷро нашудани онҳо, татбиқ менамояд. Ҳангоми бекор кардани шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз рӯйи асоси зикршуда натанҳо қисми адонашудаи ҷазои асосӣ, инчунин ҷазои иловагӣ низ барои иҷро пешниҳод мегардад, агар шахс шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазои иловагӣ низ озод шуда бошад.

Аз ҷиҳати аҳаммияти ҳуқуқӣ ба ашаддӣ саркашӣ кардан аз иҷрои уҳдадориҳои аз ҷониби суд муайяншуда, содир намудани қонуншиканӣ зидди тартиботи ҷамъият баробар карда мешавад, ки барои ин кирдор шахси гунаҳгор ҷазои маъмурӣ гирифта буд. Қайд кардан лозим аст, ки асос барои иваз кардани шартан пеш аз муҳлат озодшавӣ на ҳама ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, балки ҳамонҳое ҳисобида мешаванд, ки ба вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ вобаста буда, дар боби 13 Кодекс оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ муқаррар карда шудаанд ва барои содир карданионҳо нисбат ба гунаҳгор чораҳои ҷазои маъмурӣ татбиқ карда шудаанд.

Бекор кардани шартан пеш аз муҳлат озод кардан дар робита бо вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, ки боиси таъйин карда шудани ҷазои маъмурӣ гаштааст ё худ, вобаста ба ашаддӣ саркашӣ кардан аз уҳдадориҳои таъйинкардаи суд аз ҷониби мақомоти суд метавонад танҳо баъди пешниҳоди мақоми махсуси ваколатдори давлатӣ, ки ба уҳдааш назорат кардан аз болои рафтори шахси маҳкумшуда вогузор шудааст, метавонад, амалӣ шавад.

Аз ин сабаб, ҳалли масъала оид ба бекор кардан ё нигоҳ доштани шартан пеш аз муҳлат озод кардан, аз бисёр ҷиҳат, аз пешниҳоди ин мақомот вобастагӣ дорад. Табиист, ки муроҷиати вай ба суд бо пешниҳод дар бораи бекор кардани шартан пеш аз муҳлат озод кардан бояд ба баҳои рафтори шахси зери назоратбуда мувофиқ бошад ва инчунин ба хулосаҳо оид ба имконнопазир буданиислоҳи ӯ бидуни пурра адо кардани ҷазои аз ҷониби суд таъйингардида мутобиқат кунад. Танҳо ҳангоми асоснок будани тавсияи

ин мақомот суд бояд дар хусуси бекор кардани шартан пеш аз муҳлат озодшавӣ таъйинот барорад. Агар суд бо хулосаи мақоми назорати оид ба ғайри имкон будани ислоҳи шахс бе адои пурраи ҷазо розӣ набошад ё худ муқаррар кунад, ки татбиқи чораҳои ҷазои маъмурӣ асоснок нест, вай бояд дар хусуси нигоҳ доштани шартан пеш аз муҳлат озод кардан таъйинот барорад[131].

## § 4. Ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо

Дар моддаи 77 КҶ ҶТ намуди дигар озод кардан аз ҷазои ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст, ки тибқи талаботи қисми 1 он ба шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо мекунад, суд бо дарназардошти рафтори ӯ дар давраи адои ҷазо, қисми адонашудаи ҷазоро бо намуди ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда метавонад.

Намуди мазкури озод намудани шахс аз ҷазои ҷиноятӣ намуди шартии озод намудан ба шумор меравад, зеро ҳангоми татбиқи он сухан дар бораи иваз намудани ҷазо ба намуди дигари ҷазои сабук меравад.

Аз рӯйи моҳияти ҳуқуқӣ, ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо ба шартан пеш аз муҳлат озод намудан аз ҷазо монандӣ дорад, аммо бо хусусиятҳои хоси худ ин ду институти озод кардан аз ҷазо аз ҳамдигар бо асосҳои зерин тафовут доранд:

1. Ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо фақат нисбат ба маҳкумшудагоне татбиқ карда мешавад, ки онҳо бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд;

2. Ҳангоми татбиқи ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо шахс аз адои ҷазо ба пуррагӣ озод карда нашуда, танҳо нисбаташ ҷазои сабуктар таъйин карда мешавад;

3. Барои татбиқи ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо, гузаштани муҳлати муайян пешбинӣ нашудааст;

4. Ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо нисбати маҳкумшудагоне, ки пас аз баровардани ҳукми суд зарари ба ҷабрдида расонидашударо талофӣ намудаанд, татбиқ карда намешавад. Зеро тибқи талаботи қисми 8 моддаи 49 КҶ ҶТ дар мавриди пас аз баровардани ҳукми суд пурра талофӣ намудани зарари моддӣ аз тарафи маҳкумшуда барои содир намудани ҷино-

[131] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 174-178.

ятҳои пешбининамудаи қисмҳои 6 ва (ё) 7 моддаи 49 КҶ ҶТ ҷазои таъйингардидаи маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст ё суди маҳалли иҷрои ҷазо ё суди болоӣ ба ҷазои ҷарима иваз карда мешавад.

5. Ҳангоми татбиқи ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо нисбати маҳкумшуда ягон намуди шарт татбиқ карда намешавад;

6. Ҳангоми содир намудани ҷиноят аз тарафи шахсе, ки нисбати ӯ ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо татбиқ шуда буд, ҷазои сабуки ба маҳкумшуда таъйингардида бекор карда намешавад. Дар ин маврид, суд ба шахс аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо ҷазо таъйин намуда, на ҷазои аввалаи ба шахс таъйингардида, балки ҷазои сабуки ивазшуда пурра ва ё қисман зам карда мешавад.

7. Шахсоне, ки қисми адонашудаи ҷазои онҳо ба намуди ҷазои сабуктар иваз карда шудааст, метавонанд тибқи талаботи моддаи 76 КҶ ҶТ шартан пеш аз мuҳлат аз адои ҷазо озод карда шаванд (қисми 5 моддаи 77 КҶ ҶТ).

Олими ватанӣ Т.Ш. Шарипов институти мазкурро таҳлил намуда, зикр намудааст, ки қонун ду шартро барои иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ ба намуди сабуктари ҷазо пешбинӣ мекунад:

1. Адо намудани ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ҳолати шартан пеш аз муҳлат озод кардан ҳангоми адои дигар ҷазоҳои асосии муҳлатнок имконпазир аст.

2. Ба андозаи ҳамон қисми ҷазо дахл дорад, ки баъди воқеан адо намудани он маҳрум сохтан аз озодӣ метавонад ба намуди ҷазои сабуктар иваз гардад[132].

Яке аз умумиятҳои шартан пеш аз муҳлат аз ҷазои ҷиноятӣ озод намудан ва ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо ин адо намудани муҳлати муайяни воқеии таъйингардида ба шумор меравад.

Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 77 КҶ ҶТ ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз кардани ҷазо пас аз воқеан муҳлати зеринро адо намудани маҳкумшуда татбиқ шуда метавонад, ба истиснои муқаррароти пешбининамудаи қисми 8 моддаи 49 КҶ ҶТ:

а) на камтар аз сеяки муҳлати ҷазое, ки суд барои ҷинояти начандон вазнин ва дараҷаи миёна таъйин кардааст;

---

132 Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 179.

б) на камтар аз нисфи ҷазое, ки суд барои ҷинояти вазнин таъйин кардааст, инчунин ба шахсе, ки қаблан барои қасдан содир намудани ҷиноят ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ адо мекунад;

в) на камтар аз се ду ҳиссаи ҷазое, ки суд барои ҷинояти махсусан вазнин таъйин кардааст, инчунин ба шахсе, ки қаблан шартан пеш аз муҳлат аз ҷазо озод кардан, ё ҷазояш ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз шуда, дар давоми қисми адонашудаи ҷазо қасдан ҷинояти нав содир кардааст.

Умумияти дигари институти шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан ва ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо ин маҳдудияти онҳо, ки нисбати шахсони муайян вуҷуд доранд, ба шумор меравад.

Қисми ҷазои адонакардаи шахсони дар қисми 7 моддаи 76 КҶ ҶТ номбаршуда бо ҷазои нисбатан сабук иваз карда намешавад (қисми5 моддаи 77 КҶ ҶТ).

Тартиби татбиқи шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан ва ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо як хел мебошад.

Тибқи талаботи қисми 1 ва 2 моддаи 208 КИҶҶ ҶТ оид ба маҳкумшудае, ки нисбаташ шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ё ивази қисми адонакардаи ҷазо ба намуди ҷазои нисбатан сабуктар истифода шуданаш мумкин аст, муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазо ба суди маҳалли адои ҷазо тибқи тартиби муқаррарнамудаи КИҶҶ ҶТ ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар хусуси шартан пеш аз муҳлат озод кардан аз адои ҷазо ё иваз намудани қисми адонакардаи ҷазо ба ҷазои нисбатан сабуктар пешниҳод мефиристад. Ҳангоми аз ҷониби маҳкумшуда адо кардани қисми муҳлати муқаррарнамудаи қонун маъмурияти муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазо вазифадоранд дар давоми як моҳ масъаларо баррасӣ намуда, дар бораи пешниҳод ё радди пешниҳоди шартан пеш аз муҳлат озод кардани маҳкумшуда аз адои ҷазо ё иваз кардани қисми адонанамудаи ҷазо ба ҷазои нисбатан сабуктар қарор бароранд.

Умумияти дигар ин ду институти баррасишуда дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми татбиқи онҳо дар айни замон ин шахсро пурра ё қисман аз адои ҷазои иловагӣ озод намудан мумкин аст.

## § 5. Мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд

Тибқи талаботи моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон модар ва кӯдак таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доранд.

Афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, ғамхорӣ нисбати некӯаҳволӣ ва рушди камоли онҳо, таъмини бештари ҳифзи ҳуқуқ манфиатҳои аъзои ноболиғ принсипҳои қонунгузории оилавии ҶТ ба шумор меравад.

Ин ҳолатҳоро ба назар гирифта, КҶ ҶТ як намуди озод намудани шахс аз адои ҷазоро дар намуди мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд, пешбинӣ намудааст.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 78 КҶ ҶТ занони ҳомилаи маҳкумшуда ё занони дорои фарзандони то синни ҳаштсоларо ба истиснои заноне, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин маҳкум гардидаанд, суд метавонад то ҳаштсола шудани кӯдак адои ҷазоро нисбати онҳо мавқуф гузорад.

Аз моҳияти ин меъёр бар меояд, ки институти мазкур дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1. Он танҳо нисбати занони ҳомиладор ва ё заноне, ки дорои фарзандони то ҳаштсола мебошанд, татбиқ карда мешавад;

2. Он танҳо нисбати заноне татбиқ карда мешавад, ки барои содир намудани категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин, дараҷаи миёна ва вазнин гунаҳгор дониста шудаанд.

3. Намуди номбаршудаи озод кардан аз адои ҷазо факултативӣ ва шартист. Хусусияти факултативӣ бо он муайян карда мешавад, ки татбиқи мавқуфгузории адои ҷазо на уҳдадорӣ, балки ҳукми суд мебошад. Масъалаи татбиқ ё рад намудани мавқуф гузоштани адои ҷазо бо ба ҳисоб гирифтани хусусият ва дараҷаи зарари расонидашуда, шахсияти гунаҳгор, хостан ва доштани имконияти бо тифл якҷоя зиндагонӣ кардан ва ба тарбияи ӯ машғул шудан, рафтори ӯ пас аз содир намудани ҷиноят ё ҳангоми қисман адо намудани ҷазои таъйиншуда ва дигар ҳолатҳо ҳал карда мешаванд. Хусусияти шартии мавқуф гузоштан бо он муайян мегардад, ки мавқуфгузорӣ бо асосҳои дар қисми 3 моддаи 78 КҶ ҶТ зикршуда бекор карда шуданаш мумкин аст, инчунин дар он зоҳир гаштанаш мумкин аст, ки бо гузаштани вақти мавқуфгузории ҷазои ба маҳкумшуда таъйингардида вобаста ба ҳолатҳои мушаххас мувофиқи ҳукми суд иҷро шавад ё бо намуди сабуктари ҷазо иваз карда шавад. Аммо дар назар доштан зарур аст, ки бекор кардани

мавқуфгузорӣ ва инчунин иҷрои ҷазо баъди хотима ёфтани он ё иваз кардани қисми боқимондаи он ба ҷазои нисбатан сабук танҳо дар доираи гузаштани муҳлати ҳукми айбдоркунӣ аз рӯйи моддаи 82 КҶ ҶТ имконпазир мешавад.

4. Нисбати зани маҳкумшуда адои ҷазо дар сурате мавқуф гузошта мешавад, ки оила ё хешовандонаш барои якҷоя бо ӯ зиндагӣ кардан розигӣ додаанд ё барои мустақилона таъмин намудани шароити лозимаи тарбияи кӯдак имконият доранд (қисми 2 моддаи 78 КҶ ҶТ).

Мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд, мумкин аст муҳлати то ба синни ҳаштсолагӣ расидани кӯдакро ҳамчун муҳлати санҷишӣ нисбати маҳкумшуда номид.

Дар давраи муҳлати санҷишӣ ба зиммаи зани маҳкумшуда шартҳои зерин гузошта мешавад:

а) нигоҳубин ва тарбия намудани кӯдак;

б) тартиботи ҷамъиятӣ ё интизоми меҳнатиро вайрон накардан".

Бояд тазаккур дод, ки мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд, ин маънои ба пуррагӣ аз адои ҷазо озод шудани маҳкумшударо надорад.

Аз ин рӯ, қонуни ҷиноятӣ муқаррар кардааст, ки пас аз ҳаштсола шудани кӯдак ё дар ҳолати вафот кардани ӯ, суд вобаста ба рафтори зани маҳкумшуда метавонад ӯро аз адои ҷазо озод кунад ё онро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намояд ва ё зани маҳкумшударо барои адо намудани ҷазои бо ҳукм таъйиншуда фиристад. Дар ин маврид суд метавонад вақтеро, ки дар давоми он зани маҳкумшуда муҳлати ҷазоро адо накардааст, пурра ё қисман ба муҳлати адои ҷазо ба ҳисоб гирад (қисми 4 моддаи 78 КҶ ҶТ). Инчунин, тибқи талаботи қисми 12 моддаи 209 КҶ ҶТ баъди ба синни ҳаштсолагӣ расидани тифл ё дар сурати фавтидани ӯ нозироти корҳои ислоҳӣ бо дарназардошти хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, рафтори зани маҳкумшуда, муносибати ӯ ба тарбияи фарзанд, муҳлати адонамуда ва адонакардаи ҷазо дар хусуси озод кардани зани маҳкумшуда аз адои қисми боқимондаи ҷазо ё дар бораи иваз кардани қисми боқимондаи ҷазо ба намуди ҷазои нисбатан сабуктар ё ба муассисаи ислоҳӣ фиристодани ӯ ба суд пешниҳод мефиристад.

Аз муқаррароти моддаҳои зикргардида маълум мегардад, ки пас аз бартараф шудани ҳолате, ки асоси мавқуфгузоштани ҷазо

шудааст, яъне ба синни ҳаштсола расидани кӯдак суд метавонад аке аз ин амалҳои зеринро татбиқ кунад:

1. Маҳкумшударо аз адои ҷазо озод кунад. Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми озод намудани зани маҳкумшуда аз адои ҷазо суд бояд масъалаҳое, ки ҳангоми татбиқи шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан ва ё ба намуди сакубтар иваз намудани қисми ҷазои адонакардаро ҳал кунад.

2. Ҷазои таъйиншударо ба намуди сабуктар иваз кунад.

3. Зани маҳкумшударо барои адо намудани ҷазои бо ҳукм таъйиншуда фиристад. Асоси барои адои ҷазои таъйингардида фиристодани зани маҳкумшуда инҳо ба шумор меравад:

3.1. Аз кӯдак даст кашидан ё кӯдакро ба ятимхона супоридан;

3.2. Аз маҳалли сукунат ғайб задан;

3.3. Аз тарбияи кӯдак ва нигоҳубини ӯ саркашӣ намудан. Ба зани маҳкумшудае, ки тартиботи ҷамъиятӣ ё интизоми меҳнатро вайрон кардааст ё аз тарбияи фарзанд ва нигоҳубини ӯ саркашӣ кардааст, нозироти корҳои ислоҳӣ огоҳӣ эълон мекунад (қисми 9 моддаи 210 КИҶҶ ҶТ). Зани маҳкумшуда ҳангоме аз тарбияи фарзанд саркашӣ намуда ҳисобида мешавад, ки агар ӯ расман аз фарзанд даст накашида, вале ӯро дар таваллудхона гузошта бошад ё ба хонаи кӯдакон супурда бошад ё тарзи ҳаёти зиддиҷамъиятӣ гузаронад ва ба тарбияву нигоҳубини фарзанд машғул нашавад ё фарзандашро дар назди хешу ақрабо ё дигар ашхос гузошта бошад ё пинҳон шуда бошад ё дигар кирдореро содир мекунад, ки дар хусуси саркашии ӯ аз тарбияи фарзанд гувоҳӣ медиҳад;

3.4. Тартиботи ҷамъиятиро вайрон кардан, ки дар ин хусус мақоми ба ӯ назораткунанда зиёда аз ду маротиба ӯро хаттӣ огоҳ карда бошад (қисми 3 моддаи 78 КҶ ҶТ).

## § 6. Бо сабаби беморӣ аз ҷазо озод кардан

Суд шахсеро, ки пас аз баромадани ҳукм ба бемории рӯҳӣ гирифтор шуда, имконияти дарки воқеии амалҳои худ ва идора кардани онҳоро аз даст додааст, аз ҷазо ё адои минбаъдаи он озод мекунад (қисми 1 моддаи 79 КҶ ҶТ).

Аз муҳтавои моддаи мазкури қонунгузорӣ маълум мегардад, ки институти мазкури озод кардан аз ҷазо дар ҳолатҳои зерин вуҷу дошта метавонад:

1. Пас аз баровардани ҳукми айбдоркунии суд;

2. Агар шахс мубталои бемории шуда бошад, ки амалҳои худро дарк ва ё онро идора карда наметавонад.

Беморие, ки дар натиҷаи пайдоиши он шахс амалҳои худро дарк ва ё онро идора карда наметавонад, ин бемории рӯҳӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми бо татбиқи моддаи 79 КҶ ҶТ озод намудани шахс аз ҷазо ҳолатҳое, ки барои озод шудани шахс ҳатмӣ мебошанд – дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор, рафтори шахс ҳангоми адои ҷазои ҷиноятӣ ва вайрон накардани тартиботи дохилии муассисаи ислоҳӣ ба назар гирифта намешавад.

Аз адои ҷазо озод намудани шахси мубталои бемории рӯҳӣ ин уҳдадории суд ба шумор меравад ва ҳангоми пайдоиши чунин ҳолат шахсро аз адои минбаъдаи ҷазо озод мекунад, зеро маҳкумшуда рафтори худро дарк намекунад ва онро идора карда наметавонад, яъне номукаллаф гаштааст.

Тибқи талаботи қисми 2 моддаи 79 КҶ ҶТ шахсеро, ки пас аз баромадани ҳукм мубталои бемории дигари вазнине гардидааст, ки монеи адои ҷазо мебошад, суд метавонад аз адо намудани ҷазо озод кунад ё ин ҷазоро бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз намояд. Зимнан вазнинии ҷинояти содиршуда, шахсияти маҳкумшуда, хусусияти беморӣ ва ҳолатҳои дигар ба назар гирифта мешаванд.

Муқаррароти қисми 2 моддаи 79 КҶ ҶТ дигар бемориҳоеро низ пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани онҳо шахс мумкин аст аз ҷазо озод карда шавад.

Бояд зикр кард, ки аз ҷазо озод намудани шахсеро, ки пас аз баромадани ҳукм мубталои бемории дигари вазнине гардидааст, ки монеи адои ҷазо мебошад, ин ҳуқукро танҳо суд дорад.

Мувофиқи қисми 1 ва 2 моддаи 24 КИҶҶ ҶТ муассисаҳои иҷрокунандаи ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ, ё маҳрум сохтан аз озодӣ иҷрои қарори судро дар мавриди истифодаи чораҳои маҷбурии муолиҷаи ашхоси мубталои бемориҳои сил, майзадагӣ, нашъамандӣ ё заҳрмандӣ, инчунин бемории рӯҳиро, ки мукаллафиро истисно намекунад, таъмин менамоянд. Агар ҳангоми адои намуди ҷазоҳои маҳдуд кардани озодӣ, ё маҳрум сохтан аз озодӣ муайян карда шавад, ки маҳкумшуда ба бемориҳои сил, майзадагӣ ё нашъамандӣ ё заҳрмандӣ мубтало мебошад, муассисаи иҷрокунандаи ҷазо нисбати чунин шахс дар бораи истифода бурдани чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ба суд пешниҳод мефиристад.

Аз муқаррароти моддаи мазкур маълум мегардад, ки бемориҳои сил, майзадагӣ, нашъамандӣ ё заҳрмандӣ, инчунин бемории рӯҳиро, ки мукаллафиро истисно намекунанд, бемориҳое мебошанд, ки адои минбаъдаи ҷазоро истисно намекунанд ва дар ба-

робари адои ҷазо нисбати чунин шахсон чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббидошта таъйин карда мешавад. Зеро тибқи талаботи қисми 2 моддаи 105 КИҶҶ ҶТ барои хизматрасонии тиббии маҳкумшудагон муассисаҳои пешгириву табобатӣ (шифохона, беморхонаҳои махсуси психиатрӣ ва сил, қисмҳои тиббӣ) ва барои таъминот ва муолиҷаи амбулатории маҳкумшудагоне, ки бемории сил, майзадагӣ, нашъамандӣ, бемороні мубталои вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният - муассисаҳоиислоҳии тиббӣ ташкил карда мешаванд.

Маҳкумшудагони мубталои касалии сил ё курси пурраи муолиҷаи касалии зӯҳравиро нагирифта, гирифтори вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, инчунин мубталои бемориҳои рӯҳӣ, ки мукаллафиро истисно намекунад, аз як ҷо ба ҷойи дигар дар алоҳидагӣ ва ҷудо - ҷудо аз маҳкумшудагони солим ва дар сурати зарурат мутобиқи хулосаи духтур таҳти ҳамроҳии кормандони тиб гузаронида мешаванд (қисми 3 моддаи 74 КИҶҶ ҶТ).

Қисми 3 моддаи 79 КҶ ҶТ категорияи дигари маҳкумшудагонро пешбинӣ намудааст, ки бинобар сабаби беморӣ аз ҷазо озод карда мешаванд. Тибқи он хизматчиёни ҳарбие, ки ба маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ё нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ маҳкум шудаанд, дар ҳолати мубталои беморие шуданашон, ки дар натиҷаи он барои хизмат ношоям эътироф мегарданд, аз ҷазо ё адои минбаъдаи он озод карда мешаванд. Ҳамчунин қисми адонашудаи ҷазо мумкин аст ба ҷазои дигари нисбатан сабуктар иваз карда шавад.

Ин муқаррарот танҳо ба он хизматчиёни ҳарбие дахл дорад, ки ҷазоро дар намуди маҳдудкардан дар хизмати ҳарбӣ ё нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ адо менамоянд. Асос барои озод кардани онҳо аз адои минбаъдаи ҷазо номумкин гардидани иҷрои ҷазо вобаста ба ҷудо нигоҳ доштан аз ҷамъият (ҷойи хизмат) ё иҷрои уҳдадориҳои ҳарбӣ дар шароити махсуси қисмҳои ҳарбии интизомист. Ин ҳолатҳо ба хусусияти беморӣ дахл доранд, яъне маҳкумшуда чунон бемори вазнин аст, ки барои хизмати ҳарбӣ корношоям эътироф мегардад. Аммо бо дарназардошти ҳолати беморӣ, вазнинии ҷинояти содиршуда, шахсияти маҳкумшуда ва ё рафтори ӯ дар вақти адои ҷазо қисми боқимонда ва адонашудаи ҷазо мумкин аст ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шавад, ба шарте суд пурра озод кардани маҳкумшударо аз идома додани адои ҷазои боқимонда мувофиқи мақсад наҳисобад.

Озод кардан аз ҷазо бо сабаби беморӣ ин ба гурӯҳи шартан озод намудан аз ҷазо дохил мешавад. Зеро шахсоне, ки бинобар бемории руҳӣ ва дигар бемориҳое, ки барои адои ҷазо монеа мегардад, танҳо дар он ҳолат мумкин пурра аз ҷазо озод карда шаванд, ки агар муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ гузашта бошад.

## § 7. Озод кардан аз ҷазо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода

Қонунгузор аввалин маротиба намуди мустақили озод кардан аз ҷазоро, ки дар натиҷаи рух додани ҳолатҳои фавқуллода ба миён меояд, пешбинӣ намудааст.

Тибқи талаботи моддаи 80 КҶ ҶТ шахсе, ки барои содир намудани ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна маҳкум шудааст, мумкин аст аз ҷазо озод карда шавад, агар ҷазоро адо намуданаш дар натиҷаи сӯхтор ё офати табиӣ, бемории вазнин ё фавти ягона узви қобили меҳнати оила ё ҳолатҳои дигари фавқулода метавонад барои маҳкумшуда ё оилаи ӯ боиси оқибатҳои вазнин гардад.

Барои озод кардан аз ҷазо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода мавҷудияти якчанд шартҳо зарур аст:

1. Агар шахс барои содир намудани ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна маҳкум шуда бошад;

2. Агар бо сабаби сар задани чунин ҳолатҳо ҷазоро адо намуданаш ғайриимкон бошад:

2.1. сӯхтор ё офати табиӣ;

2.2. бемории вазнин;

2.3. фавти ягона узви қобили меҳнати оила;

2.4. ҳолатҳои дигари фавқулода.

Намуди зикрёфтаи озод кардан аз ҷазо факултативӣ ба ҳисоб меравад. Хусусияти факултативии намуди мазкур бо он муайян карда мешавад, ки татбиқи он на уҳдадорӣ, балки ҳуқуқи суд мебошад.

Қонун озод кардан аз ҷазоро дар натиҷаи ҳолатҳои фавқуллода бо имконияти рух додани оқибатҳои хеле вазнин марбут медонад. Мафҳуми «оқибатҳои хеле вазнин» хусусияти баҳодиҳандаро соҳиб буда, муқаррар намудани он ба доираи ваколати суд шомил аст. Бо шакли умум ба ҳайси чунин оқибатҳо – оқибатҳои хусусияти моддӣ, молулумулкӣ ва ҷисмонидошта (аз даст додани воситаҳои рӯзгузаронӣ, манзил, маъюбӣ ва ғайра) маҳсуб ёфтанашон мумкин аст.

Пешниҳод оид ба озод намудан аз адои ҷазо вобаста ба ҳолатҳои фавқулода аз ҷониби муассиса ё мақоми иҷрокунандаи ҷазо ба суд манзур карда мешавад. Ҳамзамон бо пешниҳод ба суд санади мақомоти маҳаллии ҷойи истиқомати маҳкумшуда дар мавриди ҳодисаҳои бадбахтӣ ё маълумотномаи мақоми дахлдор дар мавриди бемории вазнин ё фавти ягона аъзои қобили меҳнати оила ва парвандаи шахсии маҳкумшуда фиристода мешаванд.

## § 8. Озод кардан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ

Гузаштани муҳлат ҳамчун ҳолати ҳатмии озод намудани шахс ҳам аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳам аз ҷазои ҷиноятӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, намуди мустақил ва ҳатмии озод намудани шахс аз аждои ҷазо ин бо сабаби гузаштани муҳлати ҳукми айбдорӣ ба шумор меравад.

Агар ҳукми айбдоркунӣ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо карданаш дар муҳлати зерин ба иҷро расонида нашуда бошад, шахси барои ҷиноят маҳкумшуда аз адои ҷазо озод карда мешавад (қисми 1 моддаи 81 КҶ ҶТ).

Баъзан ҳукми айбдоркунии баровардаи суд бо сабабҳои гуногун мавриди иҷроиш қарор намегирад, бемории вазнини тӯлонии маҳкумшуда, мавқуф гузоштани адои ҷазо, офати табиӣ, ҷунбишҳои иҷтимоӣ ва ғайра. Агар ҳукми баровардани суд баъди ба қувваи қонун даромаданаш муддати зиёде ба иҷро расонида нашавад, пас, ба иҷро даровардани он на ҳамеша мувофиқи мақсад мебошад, зеро боздоштани иҷрои ҷазои таъйиншуда, баъди муҳлати дуру дароз қувваи таъсиррасонии ислоҳгарӣ ва пешгирикунандагии худро аз даст медиҳад. Аз ҷониби маҳкумшуда дар ин муддат содир намудани ҷинояти нав одатан аз барҳам хӯрдани ба ҷамъият хавфнокии ӯ гувоҳӣ дода ва нисбати вай истифода бурдани чораи маҷбуркунии ислоҳӣ мувофиқи мақсад дониста намешавад.

Ҳамзамон иҷрои чунин ҷазои дершудаи таъйингардида яку якбора аҳаммияти пешгирандагии ҷазоро суст менамояд. Мувофиқи мақсад набудани иҷрои ҳукм бо гузаштани вақти зиёд баъди баровардани он асос барои озод кардан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати ҳукми айбдоркунӣ мегардад.

Зери мафҳуми «гузаштани муҳлати ҳукми айбдоркунӣ» гузаштани муҳлати бо қонуни ҷиноятӣ муқарраршудае фаҳмида мешавад, ки аз категорияи ҷинояти содиркардаи шахс вобаста буда ва аз

рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд ба ҳисоб гирифта мешавад, ки дар натиҷаи он иҷроиши (баамалбарории) ҷазои аз ҷониби суд таъйиншударо истисно месозад, агар ҳукми айбдоркунии суд сари вақт ба иҷро расонида нашуда бошад ва маҳкумшуда аз адои ҷазои нисбати ӯ таъйиншуда саркашӣ намуда бошад.

Давомнокии муҳлати гузаштани ҳукми айбдоркунӣ бевосита аз хавфнокии ҷинояти содиршуда вобастагӣ дорад. Агар дар КҶ пешина нишондиҳандаи ин хавфноки чораи ҷазои барои ҷинояти содиршуда таъйин гардида дониста мешуд, пас мувофиқи КҶ ҶТ чунин нишондиҳанда тааллуқ доштани кирдори содир гардидаро ба яке аз категорияҳои ҷиноятҳои бо қонуни ҷиноятӣ муқарраршуда, эътироф меёбад.

Шахси барои ҷинояти содиркарда маҳкумшуда аз адои ҷазо озод карда мешавад, агар ҳукми айбдоркунӣ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо карданаш дар муҳлатҳои зерин ба иҷро расонида нашуда бошад:

а) 2 сол дар ҳолати маҳкумкардан барои ҷинояти начандон вазнин;

б) 6 сол дар ҳолати маҳкум кардан барои ҷинояти дараҷаи миҳна;

в) 10 сол дар ҳолати маҳкум кардан барои ҷинояти вазнин;

г) 15 сол дар ҳолати маҳкум кардан барои ҷинояти махсусан вазнин, ба истисної нишондоди қисми 4 моддаи 81 КҶ ҶТ.

Мутобиқи қисми 4 моддаи 81 КҶ ҶТ масъалаи нисбати шахси ба ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан маҳкумшуда татбиқ намудани муҳлати иҷрои ҳукмро суд ҳал мекунад. Агар суд татбиқи муҳлати иҷрои ҳукмро имконнопазир донад, ин намуди ҷазо бо маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда мешавад.

Ҳангоми маҳкумшудан барои ду ва ё зиёда ҷиноят муҳлати гузаштани ҳукм алоҳида барои ҳар як ҷиноят ҳисоб карда мешавад.

Гузаштани муҳлатҳои нишондодашуда ба иҷро расонидани ҳукми айбдоркуниро танҳо ба шарте истисно месозанд, ки агар ҷараёни гузаштани муҳлатҳо вайрон нашуда бошанд.

Қонуни ҷиноятӣ ду тарзи вайрон намудани гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркуниро пешбинӣ менамоянд:

1) Боздоштан дар ҳолате ҷой дорад, ки агар маҳкумшуда аз адои ҷазо саркашӣ кунад;

2) Саркашӣ аз адои ҷазо.

Саркашӣ аз адои ҷазо дар он зоҳир гаштанаш мумкин аст, ки маҳкумшуда то ба амал баровардани иҷроиши ҳукм аз суд пинҳон мешавад ё худсарона маҳалли адои корҳои ислоҳиро тарк мекунад

ва ё аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҳабси пешакӣ мегурезад. Дар он ҳолат муҳлати иҷрои ҳукм аз рӯзи дастгир кардани маҳкумшуда ё омада ба гуноҳи худ иқрор шудани ӯ барқарор мешавад.

Ҳукми айбдоркуние, ки аз вақти бароварданаш 20 сол гузашта бошаду, маҳкумшуда аз адои ҷазои нисбати ӯ таъйиншуда саркашӣ карда бошад ҳам он ба иҷро расонида намешавад, агар муҳлати иҷрои ҳукм бо содир намудани ҷиноятҳои нав қатъ нашуда бошад.

Агар маҳкумшуда то гузаштани муҳлати бо қонун нишондода ҷинояти нави дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин содир кунад, муҳлати иҷрои ҳукм қатъ мегардад.

Дар ин ҳолат муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ барои ҷинояти қаблан (пештар) содиршуда бекор шуда, ҳисоби муҳлати иҷрои ҳукми айбдорӣ аз сари нав аз рӯзи содир намудани ҷинояти нави категорияҳои мушаххас шурӯъ мешавад.

Гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ асоси ҳатмӣ барои озод кардани маҳкумшуда аз адои ҷазо ба ҳисоб меравад, зеро чунин озодкунӣ на ҳуқуқ балки уҳдадории суд буда, аз салоҳияти ӯ вобастагӣ надорад.

Аз ин қоида истисное ба миён меояд, ки он нисбати шахсе мансуб дониста мешавад, ки ба ҷазои қатл маҳкум шудааст.

Мувофиқи принсипу меъёрҳои умумии эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунии нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои муқобили сулҳ ва амнияти башариятро (боби 34 КҶ ҶТ) содир кардаанд, паҳн намешавад. Ҳукми айбдоркунӣ барои кадом намуди ҷиноятҳои ин боб бароварда шуда, новобаста аз вақти дастгир кардани ҷинояткорӣ аз адои ҷазо саркашида бояд ба иҷро расонида шавад.

# БОБИ XIX
# АВФ, БАХШИШИ ҶАЗО, ДОҒИ СУДӢ, САФЕДКУНӢ

**§ 1. Авф**
**§ 2. Бахшиши ҷазо**
**§ 3. Доғи судӣ**
**§ 4. Сафедкунӣ**

## § 1. Авф

Авф дар худ хусусияти омехтагии озод шуданро доро мебошад: бо қабули санади авф мумкин аст шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ҷазои ҷиноятӣ озод карда шавад ё қисми ҷазои адонакардааш ихтисор карда шавад ва мутобиқи муқаррароти моддаи 27 КМҶ ҶТ он ба сифати яке ҳолати истиснокунандаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ баромад карда метавонад.

Дар КҶ ҶТ соли 1998 бори нахуст моддаи алоҳида оид ба тартиби эълон ва оқибатҳои ҳуқуқии авф пешбинӣ гардидааст.

Авф санади ғайрисудии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ эътироф мешавад. Авф дар асоси қонуни ҶТ қабул карда мешавад ва мутобиқи муқаррароти сархати 2 моддаи 59 Конститутсияи ҶТ лоиҳаи қонун дар бораи авф танҳо аз тарафи Президенти ҶТ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ пешниҳод мешавад. Аз ин бар меояд, ки пешниҳоди лоиҳаи қонуни авф танҳо аз тарафи Президенти ҶТ ба роҳ монда мешавад ва ин хусусияти хоси қабули ин қонун мебошад. Қонуни авф танҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ қабул карда шуда, конститутсия ҷонибдории онро аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ пешбинӣ наменамояд.

Қисми 1 моддаи 82 КҶ ҶТ муқаррар менамояд, ки авф нисбати доираи инфиродан номуайяни шахсон татбиқ карда мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки меъёрҳои санади авф ба ягон шахси воқеии инфиродан муайян нигаронида нашудаанд ва бо ин хусусияти худ аз бахшиши ҷазо фарқ мекунад. Санади авф маҳакҳои ба худ хосеро дорост, ки нисбати шахсони инфиродан номуаян, ки

ҷиноят содир намудаанд, татбиқ мегардад ва ҳолати воқеии кадом шахси ҷинояткор ба ин ё он талаботи маҳаки муқарраркардаи санади авф мувофиқат мекунад, нисбати ӯ ин санад татбиқ мегардад. Аз рӯйи чунин маҳакҳо санади авф нисбати доираи номуайяни шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, татбиқ гардиданаш мумкин аст:

- **аз рӯйи ҷинс.** Мисол, аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, новобаста ба муҳлати ҷазои таъйиншуда ва аз адои ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда озод кардани маҳкумшудаи ҷинсаш зан;
- **аз рӯйи синну сол.** Мисол, аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, новобаста ба муҳлати ҷазои таъйиншуда ва аз адои ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда озод кардани маҳкумшудагони марде, ки синни 55-ро пур кардаанд, инчунин ноболиғон;
- **аз рӯйи вазъи саломатӣ.** Мисол, аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, новобаста ба муҳлати ҷазои таъйиншуда ва аз адои ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда озод кардани маҳкумшудагон – маъюбони гурӯҳҳои I, II ва III, инчунин шахсони гирифтори бемориҳои омоси бадсифати марҳалаи 4 ва гурӯҳи клиникии 4 аз рӯйи таснифи байналмилалӣ, омоси бадсифати бофтаҳои лимфоидӣ ва хунофар, сили узвҳои нафас ва пошхӯрдаи шадиди шуш, бемории ишемиявии дил - стенокардияи фаъолияти ҷисмонии III ва IV мансуб донисташуда;
- **аз рӯйи корнамоиҳо.** Мисол, аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, новобаста ба муҳлати ҷазои таъйиншуда ва аз адои ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда озод кардани маҳкумшудагон – иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо ва иштирокчиёни муқовиматҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Тоҷикистон, инчунин шахсоне, ки бар асари фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд;
- **аз рӯйи доштани ин ё он ҷоиза.** Мисол, аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, новобаста ба муҳлати ҷазои таъйиншуда ва аз адои ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда озод кардани маҳкумшудагоне, ки бо мукофотҳои давлатии ИҶШС, ҶШС Тоҷикистон ва ҶТ сарфароз гардонида шуда буданд;
- **муҳлати муайяни ҷазоро адо намудани маҳкумшуда.** Мисол, шахсони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумкардашудае, ки

нисфи ҷазо, аз се ду ҳиссаи ҷазо ё аз чор се ҳиссаи ҷазоро дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ адо кардаанд, аз адои ҷазо озод карда мешаванд;

- **аз рӯйи гурӯҳи муайни ҷинояти содирнамуда.** Мисол, адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, новобаста ба муҳлати ҷазои таъйиншуда ва аз адои ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда озод кардани маҳкумшудагоне, ки аз даъвати навбатӣ ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ саркашӣ намудаанд, худсарона қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизматро тарк кардаанд, аз қисми ҳарбӣ ё аз ҷойи хизмат бо роҳи худсарона баромада рафтан фирор кардаанд ё шахсоне, ки аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ бо роҳи узвмаъюбкунӣ ё усули дигар саркашӣ кардаанд;

- **аз рӯйи табаъият.** Мисол, адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, новобаста ба муҳлати ҷазои таъйиншуда ва аз адои ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда озод кардани маҳкумшудагоне, ки шаҳрванди давлати хориҷӣ мебошанд.

- **аз рӯйи шакли гуноҳ.** Мисол, маҳкумшудагоне, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир намудаанд, новобаста аз намуди ҷазои таъйиншуда аз адои ҷазо озод карда шаванд;

- **аз рӯйи категорияи ҷиноят.** Мисол, маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо барои қасдан содир кардани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ва ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда таъйин карда шудаанд, аз адои ҷазо озод карда шаванд;

- **аз рӯйи оқибатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ.** Мисол, маҳкумшудагони зерин аз ҷазо ё адои ҷазо озод карда шаванд:

1) Агар нисбати онҳо иҷрои ҳукм мавқуф гузошта шуда бошад;

2) Агар нисбати онҳо ҷазо шартан татбиқ накарда шуда бошад;

3) Агар онҳо шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ озод шуда бошанд ё ҷазоро дар колонияҳои ислоҳии сукунат адо карда истода бошанд;

4) Агар онҳо шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод шуда бошанд;

5) Агар онҳо ба ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда маҳкум шуда бошанд.

Аз рӯйи дигар ҳолатҳо санади авф нисбати шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, татбиқ гардиданаш мумкин аст, агар онро Президенти ҶТ дар лоиҳаи ин санад пешниҳод намуда бошад.

Ҳамин тавр, мутобиқи қисми 2 моддаи 82 КҶ ҶТ, бо санади авф шахси содирнамудаи ҷиноят метавонад аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад ва шахси барои ҷиноят маҳкумшуда ҳам аз ҷазои асосӣ ва ҳам иловагӣ пурра ё қисман озод карда шавад ё қисми ҷазои адонакардаи ӯ ихтисор гардад ё ба намуди ҷазои сабуктар иваз карда шавад ё доғи судиаш бардошта шавад.

Аз ин бар меояд, ки оқибатҳои ҳуқуқии авф гуногун буда метавонанд ва шахси ҷиноят содирнамуда (ё маҳкумшуда) мумкин аст:

1. Аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад;
2. Аз ҷазои асосӣ пурра ё қисман озод карда шавад;
3. Аз ҷазои иловагӣ пурра ё қисман озод карда шавад;
4. Қисми ҷазои адонакардаи ӯ ихтисор гардад;
5. Қисми ҷазои адонакардаи ӯ ба намуди ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шавад;
6. Доғи судиаш бардошта шавад.

На дар ҳамаи санадҳои авф доғи судӣ барои содир намудани ҷиноят бардошта мешавад. Оид бардоштан ё набардоштани доғи судӣ дар ин ё он санади авф муқаррарот пешбинӣ мегардад. Мисол, дар қисми 2 моддаи 10 Қонуни ҶТ “Дар бораи авф” таҳти № 1130 аз 29 октябри соли 2014 муқаррар гардидааст, ки татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад.

Дар замони соҳибистиқлолии ҶТ бо дарназардошти қонунгузории ҷиноятии ҶТ 17 маротиба санади авф қабул гардидаанд, ки ҳамаи онҳо ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ, инчунин ба эътидол даровардни вазъи сиёсиву иҷтимоӣ дар кишвар ва одатан дар арафаи ин ё он ҷашнвора ё комёбиҳои таърихии кишвар ба тасвиб расидаанд. Мисол, Қонуни ҶТ “Дар бораи авф” таҳти рақами 560 аз 3 ноябри соли 2009 ба муносибати понздаҳсолагии рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли бузургдошти Имоми Аъзам қабул гардидааст.

Санадҳои авфе, ки тибқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ дар Тоҷикистон қабул гардидаанд, ба ду намуд ҷудо намудан мумкин аст:

1. Авфе, ки ба ҳаммаи ҳолатҳо ва ба ҳаммаи шахсон таъаллуқ дорад.
2. Авфе, ки нисбатан ба ҳолатҳо ва шахсон маҳдуд карда шудааст.

Ба мисоли гурӯҳи якуми санади авф Қонуни ҶТ “Дар бораи авф”, ки таҳти № 395 аз 10 – уми сентябри соли 1991 ҷиҳати эълон кардани Истиқлолияти давлатии ҶТ, Қонуни ҶТ “Дар бораи авф” таҳти № 1355 аз 24 – уми августи соли 2016 ба муносибати 25-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ё Қонуни ҶТ “Дар бораи авф” таҳти № 1803 аз 7 – уми сентябри соли 2021 ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд, дохил намудан мумкин аст.

Ба мисоли гурӯҳи дуюми санади авф Қонуни ҶТ таҳти рақами 728 аз 26 ноябри соли 1992 “Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд” бо мақсади хотима додан ба ҷанги бародаркушӣ, пешгирии фоҷиаи миллии ҷумҳурӣ ва харобшавии асосҳои иқтисодии ҷамъиятӣ ва сиёсии давлат, таҳкими сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории гурӯҳҳои гуногун, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, таъмини фаъолияти муътадили институтҳои давлатӣ, инсондӯстӣ, қабул гардидааст, дохил намудан мумкин аст. Дар моддаи 1-уми ин Қонун муқаррар гардидааст: “Шахсоне, ки аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар минтақаҳои мухолифати мусаллаҳона ҷиноят ё амалҳои ғайриқонунии зеринро содир кардаанд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, интизомӣ ва маъмурӣ кашида нашаванд:

- ғасби биноҳои мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ, корхонаҳо ва ташкилотҳо, коммуникатсия ва иншоотҳо;
- муҳосираи роҳҳои нақлиёт ва роҳи оҳан, купрӯкҳо, биноҳо, вокзалҳо, стансияҳо, аэропортҳо, биноҳои телевизион ва радио, иншооту коммуникатсияҳо, ки ба оқибатҳои сангин наанҷомида бошанд;
- ташкил ва гузаронидани гирдиҳамоиҳо, роҳпаймоиҳо ва намоишҳои ба қайд гирифтанашуда;
- вайрон кардани сарҳади давлатӣ, ки ба қочоқи маводи нашъадор вобаста нестанд”.

Одатан амали санади авф танҳо нисбати шахсоне, ки то мавриди амал қарор додани он ҷиноят содир кардаанд ё аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд ё парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо дар судҳо баррасӣ нагардидааст ё мавриди баррасӣ қарор дорад ва ё аз ҷониби судҳои Тоҷикистон маҳкум шудаанд, инчунин нисбати шахсоне, ки аз ҷониби судҳои давлатҳои хориҷӣ маҳкум шуда, барои минбаъд адо намудани ҷазо ба ҶТ оварда шудаанд, паҳн мегардад.

Татбиқи санадҳои авф барои ҳуқуқи ҷабрдида дар мавриди гирифтани товони зарари бо кирдори ҷиноятӣ расонидашуда монеъ шуда наметавонад. Дар ба баъзе санадҳои авф шарти татбиқ гардидани он товони зарари ҷабрдида ба шумор меравад. Мисол, мутобиқи банди 3 моддаи 9 Қонуни ҶТ "Дар бораи авф" таҳти рақами 1130 аз 29 октябри соли 2014 Қонуни мазкур нисбати маҳкумшудагоне, ки ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 245, 246, 247, 253 ва 257 КҶ ҶТ (таҳрири соли 1998)-ро содир карда, ҷазоро дар муассисаҳои иҷрои ҷазо адо мекунанд, ба шарте татбиқ карда мешаванд, ки агар онҳо зарари моддии расонидашударо пурра талофӣ намоянд.

Дар санади авф субъектони татбиқи он муқаррар мегардад. Одатан, ба сифати онҳо мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, фармондеҳони қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои тобеи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ, суд ва прокурори дахлдор баромад мекунанд.

Дар санади авф муҳлати гуногуни иҷрои он муқаррар мегардад, дар баъзе мавридҳо муҳлати шашмоҳа ва дар баъзе мавридҳо муҳлати семоҳа ва дигар муҳлатҳо пешбинӣ гардиданаш мумкин аст.

Баъди татбиқи санади авф мақомоти дахлдор, ки дар ин санад пешбинӣ гардидаанд, дар муҳлати муайянгардида оид ба иҷрои он ба Президенти ҶТ ҳисобот пешниҳод менамоянд.

## § 2. Бахшиши ҷазо

Бахшиши ҷазо яке аз намудҳои гуногуншаклии озод шудан аз ҷазои ҷиноятӣ эътироф мегардад. Тибқи қисми 2 моддаи 83 КҶ ҶТ бо санади бахшиши ҷазо шахси барои ҷиноят маҳкумшуда метавонад ҳам аз ҷазои асосӣ ва ҳам иловагӣ пурра ё қисман озод карда шавад ё қисми ҷазои адонакардаи ӯ ихтисор гардад ё ба ҷазои сабуктар иваз карда шавад ё доғи судиаш бардошта шавад.

Санади бахшиши ҷазо танҳо нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки аллакай онҳо маҳкумшуда эътироф гардидаанд.

Бахшиши ҷазо санади ғайрисудӣ буда, ҳуқуқи мустасной Президенти ҶТ мебошад. Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 83 КҶ ҶТ, бахшиши ҷазо аз ҷониби Президенти ҶТ нисбати шахси муайян татбиқ мегардад.

Масъалаи бахшиши ҷазои шахсони аз тарафи судҳои ҶТ, инчунин аз ҷониби судҳои давлатҳои дигар маҳкумшударо, ки дар ҶТ ҷазоро адо мекунанд, Президенти ҶТ дар асоси пешниҳоди Комис-

сияи оид ба масъалаҳои бахшиши ҷазои назди Президенти ҶТ ҳал мекунад. Президенти ҶТ метавонад масъалаи бахшиши ҷазоро мустақиман ҳал намояд.

Комиссия оид ба масъалаҳои бахшиши ҷазои назди Президенти ҶТ (минбаъд – Комиссия) мақоми машваратию маслиҳатии назди Президенти ҶТ мебошад, ки амалӣ гардонидани салоҳиятҳои конститутсионии Президенти ҶТ оид ба ҳалли масъалаҳои бахшиши ҷазоро таъмин менамояд. Фаъолияти Комиссияи мазкурро Низомномаи Комиссия оид ба масъалаҳои бахшиши ҷазои назди Президенти ҶТ, ки бо Фармони Президенти ҶТ таҳти рақами 889 аз 7 июни соли 2017 ба имзо расидааст, ба танзим медарорад.

Вазифаҳои асосии Комиссия аз инҳо иборатанд:

– баррасии пешакии дархостҳо оид ба масъалаҳои бахшиши ҷазо ва аз рӯйи онҳо омода намудани пешниҳодҳо ба Президенти ҶТ;

– таъминоти иттилоотӣ ва таҳлилии фаъолияти Президенти ҶТ оид ба амалӣ гардонидани салоҳияти тибқи Конститутсияи ҶТ ба зиммаи ӯ вогузоргардида вобаста ба ҳалли масъалаҳои бахшиши ҷазо;

– ба Президенти ҶТ омода намудани пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории ҶТ вобаста ба масъалаҳои бахшиши ҷазо, инчунин ҳалли мушкилиҳо дар ин соҳа.

Комиссия барои иҷрои вазифаҳои асосии худ ваколатҳои зеринро доро мебошад:

– аз мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, инчунин шахсони мансабдор бо тартиби муқарраргардида маводи заруриро дархост ва қабул намояд, ба онҳо дар бораи тафтиши масъалаҳои ҷудогона супориш диҳад;

– ба ҷаласаҳои худ шахсони мансабдорро барои муайян кардани ҳолатҳое, ки ба амалӣ гардонидани масъалаҳои бахшиши ҷазо алоқаманданд, даъват намояд;

– оид ба масъалаҳои бахшиши ҷазо машваратҳо, конференсияҳо ва дагар чорабиниҳоро гузаронад;

– бо мақсади амалӣ намудани ваколатҳои худ гурӯҳҳои корӣ ва коршиносӣ таъсис диҳад;

– дигар ваколатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ кардааст.

Комиссия мақоми доимоамалкунанда буда, ҷаласаҳои он аз рӯйи зарурат, вале на камтар аз як маротиба дар шаш моҳ гузаронида мешавад. Комиссия аз раис, муовини раис, котиби масъул ва дигар аъзо иборат мебошад. Дар ҷаласаҳои Комиссия бо розигии

раиси Комиссия метавонанд намояндагони мақомоти дигари давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар шахсони манфиатдор иштирок намоянд. Қарорҳои Комиссия бо протокол ба расмият дароварда мешаванд. Протоколро аъзои дар ҷаласа ҳузурдоштаи Комиссия имзо мекунанд. Дар ҳолатҳои истисноӣ бо супориши раиси Комиссия қабули қарор бо роҳи пурсиши аъзои Комиссия иҷозат дода мешавад. Протоколи ҷаласаи Комиссия ба Президенти ҶТ пешниҳод карда мешавад.

Ҳайати Комиссия оид ба масъалаҳои бахшиши ҷазои назди Президенти ҶТ аз рӯйи мансаб инҳо мебошад:

1. Сарвазири ҶТ – раиси Комиссия;
2. Сардори раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ – муовини раиси Комиссия;
3. Муовини сардори раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ – котиби масъули Комиссия;
4. Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ
5. Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;
6. Сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ;
7. Раиси Суди Олии ҶТ (дар мувофиқа);
8. Прокурори генералии ҶТ;
9. Директори Агентаи назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ;
10. Вазири адлияи ҶТ;
11. Вазири корҳои дохилии ҶТ;
12. Вазири корҳои хориҷии ҶТ;
13. Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ;
14. Декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Дархост дар бораи бахшиши ҷазо ба номи Президенти ҶТ аз ҷониби шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят маҳкум шуда, ҳукми суд нисбати ӯ эътибори қонунӣ пайдо кардааст, ба муассиса ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо пешниҳод карда мешавад. Маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё дигар мақомоти иҷрокунандаи ҷазо дар асоси дархости маҳкумшуда маводи бахшиши ҷазоро тартиб дода, онро дар муддати на дертар аз як моҳ тавассути мақоми болоии худ ба Комиссия ирсол менамояд.

Маводи бахшиши ҷазо бояд ҳуҷҷатҳои зеринро дар бар гирад:

– дархост дар бораи бахшиши ҷазо, ки аз ҷониби маҳкумшуда шахсан пешниҳод гардида, аз ҷониби маъмурияти муассисаи иҷрои

ҷазои ҷиноятӣ ё мақоми дигари иҷрокунандаи ҷазо тасдиқ шудааст;

– пешниҳод бо ақидаи маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё мақоми дигари иҷҷрокунандаи ҷазо оид ба мувофиқи мақсад будани татбиқи санади бахшиши ҷазо;

– ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти маҳкумшуда;

– нусхаи тасдиқшудаи ҳукми эътибори қонунӣ пайдокарда (нусхаи қарори суди болоӣ оид ба ҳукми мазкур), ки мувофиқи он маҳкумшуда адои ҷазо менамояд;

– маълумотнома оид ба вазъи саломатии маҳкумшуда;

– маълумотнома оид ба барқарор намудани зарари моддии дар натиҷаи содир кардани ҷиноят расонидашуда (агар бошад);

– варақаи намуди махсус бо нишон додани тарҷумаи ҳоли маҳкумшуда ва маълумот оид ба вазъи оилавии ӯ;

– маълумот оид ба натиҷаҳои баррасии дархостҳои қаблӣ дар бораи бахшиши ҷазо, агар онҳо пештар пешниҳод шуда бошанд;

– маълумотнома вобаста ба татбиқ намудани санади авф, бахшиши ҷазо ва ё пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудани маҳкумшуда;

– хислатномаи муфассали шахсияти маҳкумшуда, ки маълумот оид ба рафтор, муносибат ба меҳнат ва таҳсил дар рафти адои ҷазо, муносибати ӯ ба кирдори содирнамудааш ва дигар хизматҳои шоистааш, инчунин мавқеи маъмурияти муассисаро вобаста ба моҳияти дархост дар бораи бахшиши ҷазо дар бар мегирад.

Маводи бахшиши ҷазои маҳкумшуда аз ҷониби котиботи Комиссия мавриди омӯзиш қарор гирифта, вобаста ба ҳар як дархост маълумотнома тартиб дода мешавад, ки он дастраси ҳама аъзои Комиссия мегардад. Аъзои Комиссия метавонанд бевосита бо маводи бахшиши ҷазо дар ҷаласаҳои Комиссия шинос шаванд.

Мавод ва дархостҳои зерин дар бораи бахшиши ҷазо мавриди баррасии Комиссия қарор намегиранд:

– дархостҳое, ки дар онҳо оид ба беасосии ҳукм ё вайрон кардани қонун истинод карда шудааст ва онҳо ба санҷиш эҳтиёҷ доранд. Дархостҳои мазкур чун шикоят эътироф шуда, ба Суди Олӣ ё Прокуратураи генералии ҶТ фиристода мешаванд;

– дархостҳои такрорӣ дар бораи бахшиши ҷазо, агар аз лаҳзаи қонеъ ё рад гардидани дархости қаблӣ як сол нагузашта бошад. Дархостҳои такрорӣ ба маводи мавҷуда ҳамроҳ карда шуда, дар ин хусус ба муроҷиаткунанда хабар дода мешавад;

– мавод ва дархостҳое, ки ба талаботи қонунгузории ҶТ, аз ҷумла Низомномаи Комиссия оид ба масъалаҳои бахшиши ҷазои назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ нестанд.

Ҳангоми баррасии дархост дар бораи бахшиши ҷазо ҳолатҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

– хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда, ҳолатҳои мушаххаси содиршавии ҷиноят, шахсияти маҳкумшуда, вазъи саломатӣ, вазъи оилавӣ, интизом ва муносибати маҳкумшуда ба меҳнат ва атрофиён, иштирок дар кори ташшлотҳои худфаъолият дар маҳалли иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, муҳлати ҷазои адошуда ва дигар ҳолатҳо;

– хислатномаи маҳкумшуда.

Дар натиҷаи баррасии дархостҳо дар бораи бахшиши ҷазо Комиссия ба Президенти ҶТ таклифҳои зерин пешниҳод менамояд:

– иваз кардани ҷазои қатл ба якумра маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати бисту панҷ сол;

– иваз кардани ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян ё пурра озод кардан аз ҷазо;

– пурра ё қисман озод кардан аз адои ҷазои асосӣ ва ё иловагӣ;

– ихтисор кардани қисми ҷазои адонашуда;

– иваз кардани ҷазо ё қисми адонашудаи он бо ҷазои нисбатан сабук;

– бардоштани доғи судии шахсе, ки ҷазоро адо кардааст ё аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда шудааст.

Қарор дар бораи бахшиши ҷазои маҳкумшудагон ва рад кардани дархост дар бораи бахшиши ҷазои маҳкумшудагон аз тарафи Президенти ҶТ дар шакли фармон қабул карда мешавад.

Фармонҳои Президенти ҶТ доир ба масъалаҳои бахшиши ҷазо барои иҷро ба Вазорати адлияи ҶТ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ ё дигар мақоми иҷрои ҷазо, инчунин барои маълумот ба Суди Олии ҶТ, Прокуратураи генералии ҶТ ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ фиристода мешаванд. Ҳамзамон маводи бахшиши ҷазои баррасишуда барои нигоҳдории доимӣ ба Вазорати адлияи ҶТ ирсол карда мешавад.

Дар мавриди бекор кардан ё тағйир додани ҳукмҳо аз рӯйи ҳолатҳои навошкоргардида ё тибқи тартиби назоратӣ нисбати маҳкумшудагоне, ки аз ҷониби Президенти ҶТ нисбати онҳо пештар санади бахшиши ҷазо татбиқ гардидааст, судҳо дар бораи қарори қабулгардида ба Комиссия хабар медиҳанд. Дар ҳолатҳое,

ки моҳияти татбиқи санади бахшиши ҷазо аз байн меравад, санади бахшиши ҷазо татбиқнашуда ҳисобида мешавад.

Бахшиши ҷазо бо чунин хусусиятҳои хоси худ аз авф тафовут дорад:

1. Авф бо пешниҳоди Президенти ҶТ аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ қабул карда мешавад. Бахшиши ҷазо бошад, аз тарафи худи маҳкумшуда, волидайн ё хешу табори наздики ӯ (илтимоснома) ё маъмурияти муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (шафоатнома) пешниҳод гардида, танҳо аз тарафи Президенти ҶТ ба тасвиб мерасад.

2. Авф нисбати доираи номуайяни ашхос татбиқ мегардад. Бахшиши ҷазо бошад, нисбати шахси инфиродан муайян татбиқ мегардад.

3. Доир ба авф қонун қабул карда мешавад. Доир ба бахшиши ҷазо бошад, санади бахшиш дар шакли Фармони Президенти ҶТ ба тасвиб мерасад.

4. Ҳангоми қабули санади авф рафтори шоиста, муносибати софдилона ба меҳнат ва таълим, иштироки фаъолона дар кори ташкилотҳои худфаъолият ва чорабиниҳои тарбиявии маҳкумшуда ба инобат гирифта намешавад. Дар бахшиши ҷазо бошад, бо дарназардошти талаботи моддаи 118 КИҶҶ ҶТ рафтори шоиста, муносибати софдилона ба меҳнат ва таълим, иштироки фаъолона дар кори ташкилотҳои худфаъолият ва чорабиниҳои тарбиявӣ бо иштироки маҳкумшуда, ки дар умум рафтори мусбии ӯро арзёбӣ менамоянд, ба инобат гирифта шуда, дар баробари раҳматнома, сарфароз намудан бо туҳфа, мукофотпулӣ, додани мулоқоти иловагии кӯтоҳмуддат ё дарозмуддат ва дигар чораҳои ҳавасмандгардонӣ, инчунин маъмурияти муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ метавонанд шафоатнома оид ба бахшиши ҷазои ӯ пешниҳод намоянд.

5. Авф нисбати шахсоне, ки ҷиноятро содир намудаанд, парвандаи ҷиноятии нисбати онҳо оғозгардида дар марҳилаи тафтишот, мурофиаи судӣ, пас аз баровардани ҳукми айбдоркунанда ва то барҳам хӯрдани доғи судӣ қарор дорад, татбиқ мешавад. Бахшиши ҷазо бошад, танҳо нисбати маҳкумшудагон татбиқ гардиданаш мумкин аст.

6. Авф нисбати шахсоне, ки бо ҷазои қатл маҳкум гардидаанд, татбиқ намегардад. Бахшиши ҷазо бошад, мумкин аст нисбат ба ҷазои қатл ба тасвиб расад. Мутобиқи муқаррароти моддаи 215 КИҶҶ ҶТ пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд ашхоси ба ҷазои қатл маҳкумшуда тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуқ доранд, бо илтимоснома дар бораи бахшиши ҷазо

ба Президенти ҶТ муроҷиат намоянд. Ҷазои қатл ба тариқи бахшиши ҷазо мумкин аст ба якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати бисту панҷ сол иваз карда шавад.

Татбиқи санади бахшиши ҷазо чун авф барои ҳуқуқи ҷабрдида дар мавриди гирифтани товони зарари бо кирдори ҷиноятӣ расонидашуда монеъ шуда наметавонад.

## § 3. Доғи судӣ

Доғи судӣ ҳамчун оқибати ҳуқуқии ҷиноятӣ эътироф мегардад. Бинобар ин, то он замоне, ки шахс доғи судидошта эътироф мешавад, ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати ӯ пурра татбиқшуда эътироф намешавад. Маҳз баъди барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ низ қатъ мегардад, яъне давраи охирини ҷавобгарии ҷиноятӣ бо барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ вобастагӣ дорад.

Доғи судӣ дар шахс як қатор оқибатҳои ҳуқуқии ногуворро ба бор меорад. Оқибатҳои ногувор ҳам дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам дар дигар соҳаи ҳуқуқӣ ба миён омаданаш мумкин аст. Аз ҷумла, баъзе маҳдудиятҳо дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра. Якчанд муқарраротро аз дигар соҳаҳои ҳуқуқ мисол овардан мумкин аст:

1. Мутобиқи талаботи моддаи 16 Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” таҳти рақами 233 аз 5 марти соли 2007 шаҳрванд дар ҳолати доштани доғи судӣ наметавонад ба хизмати давлатӣ қабул гардад ва ҳамчун хизматчии давлатӣ дар хизмати давлатӣ бошад;

2. Мутобиқ ба талаботи банди 8 моддаи 35 Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ” таҳти рақами 853 аз 10 декабри соли 1999 барои бақайдгирии номзадҳо (рӯйхати номзадҳо) ба комиссияи интихобот маълумот дар бораи доғи судӣ надоштан пешниҳод карда мешавад. Аз ин бар меояд, ки дар сурати доштани доғи судӣ, шаҳрванд наметавонад ҳангоми интихобот ба Маҷлиси Олии ҶТ дар рӯйхати номзадҳо ҷой дошта бошад.

3. Мутобиқи муқаррароти моддаи 26 КМ ҶТ маълумотнома оид ба доштан ва ё надоштани доғи судӣ ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ дар корҳое, ки тибқи қонунгузории ҶТ пешниҳоди чунин маълумот зарур аст, манзур карда мешавад.

4. Тибқи моддаи 20 Қонуни ҶТ “Дар бораи силоҳ” таҳти рақами 939 аз 19 марти соли 2013 шахсоне, ки барои содир намуда-

ни ҷиноятҳои қасдона доғи судӣ доранд, барои соҳиб шудан ба силоҳ ҳуқуқ надоранд.

Доғи судӣ инчунин як қатор оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноятиро низ ба миён меорад, ки нисбат ба оқибатҳои он дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ васеътар мебошанд. Аз ҷумла:

1. Доғи судӣ пеш аз ҳама тибқи муқаррароти моддаи 21 КҶ ҶТ ҳангоми муқаррар кардани ретсидиви оддӣ, хавфнок ва махсусан хавфнок ба инобат гирифта мешавад;

2. Ба бандубасти кирдори ҷиноятӣ таъсир мерасонад;

3. Барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод намудани шахс монеагӣ эҷод карданаш мумкин аст;

4. Яке аз ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад;

5. Ҳангоми интихоб ба намуди колонияҳои ислоҳӣ таъсир мерасонад ва ғайраҳо.

Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 84 КҶ ҶТ, доғи судӣ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ оғоз гардида, ки бо он ҷазо таъйин карда шудааст ва замони хотимаёбии он – рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани он эътироф мегардад. Муҳлати доғи судӣ аз дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содирнамуда, намуди ҷазои таъйингардида ба он ва хусусияти тартиби иҷрои он вобастагӣ дорад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 84 КҶ ҶТ шахс доғи судӣ надошта ҳисоб мешавад:

а) дар сурати қабули санадҳои авф ё бахшиши ҷазо, агар дар ин санадҳо бардоштани доғи судӣ пешбинӣ шуда бошад – аз рӯзи эътибори қонуни пайдо кардани чунин санадҳо;

б) дар сурати қабули санади авф ба шарте, ки он барои кирдори содиркардашуда татбиқ намудани ҷазоро бекор кунад ва ин ҳолат дар рафти мурофиаи судӣ ошкор шавад – аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ;

в) дар сурати қабул намудани қонуни нави ҷиноятӣ, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад – аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани чунин қонун;

г) дар сурати аз ҷазо озод кардани ноболиғон мувофиқи моддаи 90 ҳамин Кодекс – аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи аз ҷазо озод кардани ноболиғ;

д) дар сурати иҷро накардани ҳукми айбдоркунӣ – аз рӯзи гузаштани муҳлатҳои иҷрои ҳукми айбдоркунӣ.

Дар қисми 3 моддаи 84 КҶ ҶТ муҳлати барҳам хӯрдани доғи судӣ муқаррар гардидааст, ки тибқи он доғи судӣ дар муҳлати зерин барҳам мехӯрад:

а) ба маҳкумшудае, ки нисбати ӯ шартан татбиқ накардани ҷазо татбиқ карда шудааст баъди тамом шудани муҳлати санҷиш;

б) нисбати шахсоне, ки аз маҳдуд кардани озодӣ дида ба ҷазои сабуктар маҳкум шудаанд бо гузаштани як сол пас аз тамом кардани муҳлати таъйиншудаи ҷазо;

в) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба маҳдуд кардани озодӣ ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – бо гузаштани се сол пас аз адои ҷазо;

г) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – бо гузаштани панҷ сол пас аз адои ҷазо;

д) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – бо гузаштани ҳашт сол пас аз адои ҷазо.

Агар шахс мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун пеш аз муҳлат аз ҷазо озод шуда ё қисми ҷазои адонакардаи ӯ бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз шуда бошад, муҳлати барҳам додани доғи судӣ аз лаҳзаи аз адои ҷазои асосӣ ва иловагӣ озод карда шуданаш ҳисоб карда мешавад.

Агар шахс то тамом шудани муҳлати барҳам додани доғи судӣ ҷинояти нав содир кунад, ҷараёни муҳлати барҳам додани доғи судӣ қатъ мегардад. Муҳлати барҳам додани доғи судӣ барои ҷинояти аввал пас аз адои воқеии ҷазо (асосӣ ва иловагӣ) барои ҷинояти охирин аз нав ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҳолат то тамом шудани муҳлати барҳам додани доғи судӣ барои ҷинояти нисбатан вазнинтар шахс дорои доғи судӣ барои ду ҷиноят ҳисоб карда мешавад.

Агар маҳкумшуда пас аз адои ҷазо рафтори бенуқсон нишон диҳад, суд дар асоси илтимосномаи ӯ метавонад доғи судиашро то тамом шудани муҳлати барҳамдиҳии доғи судӣ, вале баъди гузаштани нисфи ин муҳлат бекор кунад.

## § 4. Сафедкунӣ

Мутобиқи қисми 1 моддаи 85 КҶ ҶТ шахсе, ки ҷиноят содир накарда, беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст ё ғайриқонунӣ маҳкум гардидааст, бояд сафед карда шавад, яъне суд да-

лели беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё ғайриқонунӣ маҳкум шудани ӯро эътироф намояд.

Сафедкунӣ фаъолияти судӣ буда, ифодакунандаи беасос ва ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷинояти кашида шудани шахс мебошад.

Мақсади асосии сафедкунӣ – барқарор намудани ҳуқуқҳои шахсе, ки ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст, эътироф мешавад. Товони зараре, ки ба шахс дар натиҷаи ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан расонида шудааст, аз тарафи давлат сарфи назар аз гуноҳи таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд, пурра рӯёнида мешавад. Дар баробари ин, аз ӯ ё дар ҳолати зарурӣ аз хешовандони ӯ аз номи давлат узр хоста мешавад, ки дар ҳолати ба нашр мухолиф набудани ӯ ё хешовандонаш, дар матбуоти маҳалли зисти шахси сафедкардашуда ба табъ расонида мешавад.

Сафедкунӣ бояд аз ҳукми сафедкунанда фарқ карда шавад. Дар моддаи 340 КМҶ ҶТ асосҳои баровардани ҳукми сафедкунанда пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он ҳукми сафедкунанда дар сурате бароварда мешавад, ки:

– ҳодисаи ҷиноят вуҷуд надошта бошад;

– дар кирдори судшаванда таркиби ҷиноят мавҷуд набошад;

– иштироки судшаванда дар содир кардани ҷиноят исбот нашуда бошад.

Сафедкунӣ дар моддаи 85 КҶ ҶТ муқарраргардида дар ҳолате ҷой дошта метавонад, ки нисбати шахси бегуноҳ аллакай бо ин ё он моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳукми айбдоркунандаи суд ба қувваи қонунӣ даромада, гунаҳгор дониста шудааст ва ҷазоро адо намудааст ё адо намуда истодааст.

КМҶ ҶТ доир ба сафедкунӣ муқаррароте пешбинӣ накардааст.

Сафед кардан бо озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо алоқаманд намебошад, зеро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо шахсе озод карда шуданаш мумкин аст, ки ҷиноятро содир намудааст. Сафедкунӣ бошад, нисбати шахсе бароварда мешавад, ки умуман бегуноҳ мебошад.

# БОБИ XX
# ХУСУСИЯТҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ ВА ҶАЗОДИҲИИ НОБОЛИҒОН

**§ 1. Хусусиятҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон.**
**§ 2. Хусусиятҳои таъйини ҷазо ба ноболиғон.**
**§ 3. Хусусиятҳои озод кардани ноболиғон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо. Барҳам додани доғи судӣ.**

## § 1. Хусусиятҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон

Аксарияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар муносибат ба ноболиғон меъёри махсус муқаррар намудаанд. Аз ҷумла, КҶ ҶТ доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон меъёрҳои махсусро дар худ мустаҳкам намудааст, ки аз қоидаҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳӣ тафовут доранд. Вобаста ба ҳолати психофизиологии ноболиғон, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии онҳо нисбатан сабуктар мебошанд, ки аз татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин принсипҳои инсондӯстӣ ва адолат далолат медиҳанд. Тибқи муқаррароти дебочаи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки бо Қатъномаи 1386 (XIV) Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 ноябри соли 1989 қабул гардидааст, ноболиғ “бинобар ба камолоти ҷисмонӣ ва фикрӣ нарасиданаш, ба муҳофизату ғамхории махсус, аз ҷумла ҳифзи зарурии ҳуқуқӣ” эҳтиёҷ дорад.

Бо дарназардошти қишри осебпазири ҷомеа будани ноболиғон, давлат нисбат ба онҳо ғамхории махсус зоҳир намудааст. Дар КҶ ҶТ доир ба ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон фасл, боб ва моддаҳои алоҳида бахшида шудаанд, ки инҳо фасли V, боби 14 ва моддаҳои 86 то 95 мебошанд. Дар ин фасл, боб ва моддаҳо фақат хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ноболиғон ба танзим дароварда шуда, масъалаҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки ҳам ба ноболиғон ва ҳам ба шахсони аз ҳаждаҳсола болотар паҳн мегарданд, дар фаслҳо, бобҳо ва моддаҳои дигари Қисми умумии КҶ ҶТ ба танзим дароварда шудаанд. Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон солҳои 1935 ва 1961 дорои чунин фасл ва боб набуданд.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 86 КҶ ҶТ, шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд, вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд. Синни камтарини ноболиғ ҳамчун субъекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ – синни камтарини ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ синни камтарине, ки аз он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудан мумкин аст, тибқи муқарраротии қисми 2 моддаи 23 КҶ ҶТ аз чордаҳсолагӣ, муайян гардидааст. Хурдсолони ба синни чордаҳсолагӣ нарасида ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Агар ноболиғ дар вақти содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ба сину соли муқарраркардаи қонунгузории ҷиноятӣ пешбинишуда (14 ё 16 солагӣ) расида бошад, аммо дар натиҷаи ақиб мондан дар инкишофи рӯҳӣ, ки бо парешонҳолии рӯҳӣ алоқаманд намебошад, наметавонист ба таври пурра хусуссияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онҳоро идора намояд, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Агар шахси ноболиғи мукаллафе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят на бо сабаби ақиб мондан дар инкишофи рӯҳӣ, балки бар асари парешонҳолии рӯҳӣ наметавонист пурра хуссусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд, тибқи муқаррароти моддаи 25 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷинояти кашида мешавад. Ақиб мондан дар инкишофи рӯҳи бо гузашти солҳо ислоҳ шуданаш мумкин аст, ки он ба парешонҳолии рӯҳӣ алоқамандие надорад.

Бо баробари расидан ба синни ҳаждаҳсолагӣ, шахс дигар ноболиғ эътироф карда намешавад.

Моддаи 95 КҶ ҶТ, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ки ба хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон бахшида шудаанд, дар ҳолатҳои истисно, бо дарназардошти кирдори содиршуда ва шахсият, ба шахсоне, ки дар синни аз ҳаждаҳсолагӣ то бистсолагӣ ҷиноят содир намудаанд, таъаллуқ медонад. Ин муқарраротро суд ҳуқуқ дорад (на уҳдадор аст), ба ғайр аз дар муассисаи тарбиявӣ ё табобатию тарбиявӣ барои ноболиғон ҷойгир кардани онҳо, татбиқ намояд. Дар чунин маврид суд пеш аз ҳама табиат ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти содиршуда, маълумот оид ба шахсияти гунаҳгор, шароитҳои ҳаёти ӯро ба назар мегиртад. Дар ин маврид, хулосаи экспертизаи судӣ-психиатрӣ ва хулосаи психолог гирифта шуда, омӯзиши пурраи шахсияти гунаҳгор вобаста ба тарбия, муносибат бо волидайн, бо доираи шахсони ӯро иҳотана-

муда, муносибат бо рафиқон, шиносон, рафтор дар оила, мактаб, дар корхона ва ғайра, роҳандозӣ шуданаш муҳим аст.

Барои дуруст татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, дуруст муайян кардани синну соли шахси гунаҳгор ҳатмӣ мебошад. Одатан синни ҷавобгарӣ аз рӯйи ҳуҷҷат (шаҳодатномаи таваллуд, шиноснома, китоби қайди асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ ва ғайра) муайян карда мешавад. Вале, дар баъзе мавридҳо зарурати боз ҳам аниқ кардани синну соли шахс ба миён меояд. Мувофиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи тартиби судии баррасии парвандаҳо оиди ҷиноятҳои ноболиғон» таҳти № 6 аз 12 декабри соли 2002[133], аниқ муайян кардани синну соли ноболиғ, ба гурӯҳи ҳолатҳое дохил мешавад, ки доир ба парвандаҳои ноболиғон муайян карданашон ҳатмӣ аст. Дар вақти муайян намудани синну соли ноболиғ, дар назар доштан зарур аст, ки шахс ба синну соле, ки мувофиқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯзи таваллудаш, балки аз соати сифри шабонарӯзи дигар мерасад, яъне шахс ба синни муайянрасида аз соати $24^{00}$ баъди рӯзи таваллуд ҳисоб мешавад[134]. Мисол, шахс санаи 1-уми январи соли 2013 зодрӯз дорад ва ба синни чордаҳсолагӣ мерасад. Агар ҳамин шахс то соати $24^{00}$ санаи 1-уми январи соли 2013 яке аз ҷиноятҳое, ки дар қисми 2 моддаи 23 КҶ ҶТ пешбинигардидаро содир кунад, субъекти ҷиноят эътироф намешавад, гарчанде оқибати кирдори барои ҷамъият хавфнок соати 00:01 санаи 2 – уми январи соли 2013 фаро расида бошад, чунки дар қисми 2 моддаи 12 КҶ ҶТ омадааст: «вақти содир намудани ҷиноят, вақти содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, сарфи назар аз вақти фаро расидани оқибатҳои он, эътироф карда мешавад». Дар сурати мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои расмӣ дар хусуси синну соли шахс, пас бо мақсади аниқ намудани он экспертизаи судӣ – тиббӣ таъйин карда мешавад. Ҳангоми тавассути экспертизаи судӣ – тиббӣ аниқ намудани синну соли судшаванда, рӯзи таваллуди ӯ рӯзи охирони ҳамон соле, ки аз тарафи экспертҳо муайян шудааст, ҳисобида мешавад ва дар вақти муайян намудани синну сол бо адади камтарин (минималӣ) ва баландтарин (максималӣ), суд бояд, синни камтарини пешниҳодкардаи экспертҳоро ба инобат гирад[135].

---

[133] Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). Душанбе, 2019. С. 13-19.

[134] Тафсир ба КҶ ҶТ // Зери таҳрири Шарипов Ҳ.Ҳ. Душанбе: «ГЛОБУС», 2006. С. 55; Российское уголовное право. Общая часть / Под. ред. проф. А.И. Рарога. 4-е изд., перераб. и доп. М.: Эксмо, 2010. С. 166.

[135] Ҳусейнов С.Ҳ. Таркиби ҷиноят: дастури таълимӣ. Душанбе: ЭР-граф, 2013. С. 104.

Ҳамин тавр, тибқи қисми 2 моддаи 86 КҶ ҶТ ба ноболиғоне, ки ҷиноят содир намудаанд, мумкин аст ҷазо ё чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявӣ дошта таъйин карда шаванд.

Тарбияи солим, пурра ба ҳаёти мустақилона дар ҷомеа омода будан ва дар рӯҳияи сулҳ, шараф, таҳаммул, озодӣ, баробарӣ ва ҳамраъйӣ ба воя расонидани ноболиғон вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа ва давлат мебошад. Агар меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз назар гузаронем, маълум мегардад, ки он ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғонро ҳифз намудааст. Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ноболиғон дар чунин мавридҳо мушоҳида мегарданд:

- қонунгузории ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғонро маҳдуд намудааст. Ин маҳдудият аз рӯйи муқаррароти синнусолӣ (моддаи 23) ё мавқеи иҷтимоӣ, воқеӣ ва ҳуқуқии ноболиғ муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, ноболиғон аз рӯйи ҳолати воқеии худ субъекти ҷиноятҳои ҳарбӣ, мансабӣ ва дигар ҷиноятҳое, ки субъекташон аз ҳаждаҳсолагӣ болотар муқаррар гардидаанд, буда наметавонанд. Маҳдудияти татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба ноболиғон, инчунин дар он ифода мегардад, ки ба ноболиғон ҷазоҳои нисбатан сахттар таъйин намегарданд. Аз 12 намуди ҷазои ҷиноятие, ки дар моддаи 47 КҶ ҶТ муқаррар гардидаанд, ба ноболиғон тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 87 Кодекси зикргардида ҳамагӣ 5-тои он таъйин мегарданд;

- тибқи банди "б" қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ ноболиғ будани гунаҳгор ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо ба инобат гирифта мешавад. Ҳолати сабуккунанда будани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ, яке аз хусусиятҳои хоси ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон эътироф мешавад. Ҳолати сабуккунанда на танҳо дар муқаррароти банди "б" қисми 1 моддаи 61 КҶ ҶТ, инчунин ҳангоми таъйини ҷазо аз рӯйи синни поёнӣ ва болоии ноболиғ (моддаи 88 КҶ ҶТ), ҳангоми шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан (моддаи 91 КҶ ҶТ), ҳангоми ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз намудани ҷазо, ихтисор намудани ҷазо ё муҳлати барҳам додани доғи судӣ (моддаҳои 92, 93 ва 94 КҶ ҶТ), мушоҳида мегардад;

- хусусияти дигари ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дар он ифода мегардад, ки ҳолатҳои фардии ноболиғ, аз ҷумла шароити зиндагӣ ва тарбияи ӯ, дараҷаи инкишофи рӯҳӣ, вазъи саломатӣ, хусусиятҳои дигари шахсӣ, инчунин таъсири шахсони дигар ба назар гирифта мешавад (моддаи 88 КҶ ҶТ);

- хусусияти ба худ хоси ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дар он ифода мегардад, ки дорои татбиқи чораҳои махсуси ҳуқуқии

ҷиноятӣ мебошад – чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта (моддаҳои 89 ва 90 КҶ ҶТ). Ин чораҳо метавонанд дар мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон мавқеи муҳимро ишғол намоянд[136].

### § 2. Хусусиятҳои таъйини ҷазо ба ноболиғон

Ҳолати психофизиологӣ ва мавқеи ноболиғон дар ҷамъият талаб менамояд, ки дар содир намудани ҷиноят нисбат ба онҳо ҷазои нисбатан сабуктар таъйин карда шаванд. Албатта дар дар сурати содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин бе ҷазо мондани ин қишри ҷомеа, ба мақсадҳои ҷазо – ислоҳи маҳкумшуда, барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав, ноил гардидан ғайриимкон мешавад. Ба ноболиғон ҷазоҳои нисбатан вазнинтар муқаррар нагардидаанд. Мисол, ҷазои қатл, якумра аз озодӣ маҳрум сохтан. Инчунин, ба ноболиғон ҷазое, ки бинобар мавқеи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷойдоштааш дар ҷомеа, иҷро карданашон ғайриимкон ё ғайримақсаднок мебошанд, муқаррар нагардидаанд. Мисол, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян, мусодираи молу мулк, маҳдуд кардани озодӣ, инчунин ҷазоҳое, ки ба хизматчиёни ҳарбӣ таъйин карда мешаванд.

Намудҳои ҷазое, ки ба ноболиғон таъйин гардиданашон мумкин аст, дар қисми 1 моддаи 87 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, ки тибқи он аз инҳо иборатанд:

а) ҷарима;

б) маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян;

в) корҳои ҳатмӣ;

г) корҳои ислоҳӣ;

д) маҳрум сохтан аз озодӣ.

Корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ танҳо ҳамчун ба сифати ҷазои асосӣ татбиқ мешаванд. Ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян ҳам ба сифати ҷазоҳои асосӣ ва ҳам иловагӣ татбиқ мешаванд.

**Ҷарима** нисбати ноболиғон ба андозаи то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъйин карда мешавад. Ҷарима танҳо дар сурате таъйин карда мешавад, ки ноболиғ даромади мустақилона ё молу

---

[136] Ализода А.Ш., Ҳусейнзода С.Ҳ., Ҳасанов Ш.Қ. Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастури таълимӣ-илмӣ. Душанбе: «ЭР-граф», 2019. С. 141.

мулке дошта бошад, ки ба он ҷарима андохтан мумкин аст. Молу мулк бояд ба ноболиғ таъаллуқ дошта бошад ва он тибқи талаботи Кодекси мадании ҶТ қонунӣ соҳиб шуда бошад.

Дар моддаи 27 Кодеки мадании ҶТ қобилияти амали ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола муқаррар гардидааст, ки тибқи он ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола бо ризояти хаттии намояндагони қонунии худ - волидайн, фарзандхондагон ва парасторон, метавонанд аҳдҳоро анҷом медиҳанд. Аҳдҳои анҷомдодаи чунин ноболиғон, инчунин баъди минбаъд онро хаттӣ маъқул донистани волидайн, фарзандхондагон ва парастори ӯ боэътибор мебошанд. Ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳуқуқ доранд, ки бидуни ризоияти волидайн, фарзандхондагон ва парасторонашон:

а) музди меҳнат, стипендия ва даромади дигари қонунии худро мустақилона ихтиёрдорӣ намоянд;

б) ҳуқуқи муаллифи асари илмӣ, адабӣ ё санъат, ихтироъ ё маҳсули дигари қонунан ҳифзшавандаи натиҷаи фаъолияти зеҳнии худро татбиқ намоянд;

в) мутобиқи қонун дар муассисаҳои кредитӣ амонат гузоранд ва онро ихтиёрдорӣ намоянд;

г) аҳдҳои хурди маиширо анҷом диҳанд.

Ноболиғони ба синни шонздаҳсолагӣ расида ҳамчунин ҳуқуқ доранд, ки мутобиқи қонун дар бораи кооперативҳо узви кооператив бошанд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 28 Кодекси мадании ҶТ, агар ноболиғи ба синни шонздаҳсолагӣ расида тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла аз рӯйи қарордод кор кунад ё бо розигии волидайн, фарзандхондагон ё парастор бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ӯ метавонад дорои қобилияти пурраи амал эълон карда шавад. Дорои қобилияти пурраи амал (эмансипатсия) эълон кардани ноболиғ бо розигии ҳардуи волидайн, фарзандхондагон ё парастор бо қарори мақоми васояту парасторӣ ё дар сурати набудани чунин розигӣ бо қарори суд сурат мегирад. Волидайн, фарзандхондагон ва парастор аз рӯйи уҳдадориҳои ноболиғи дорои қобилияти пурраи амал (эмансипатсия) - шуда, аз ҷумла аз рӯйи уҳдадориҳое, ки дар натиҷаи зиёни расонидаи ӯ ба миён омадаанд, ҷавобгар нестанд.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 87 КҶ ҶТ дар ҳолати иваз намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҷазои ҷарима мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қисми 8 моддаи 49 ҳамин Кодекс барои ҷиноятҳои дар қисмҳои 6 ва (ё) 7 моддаи 49 ҳамин Кодекс пешбинигар-

дида андозаи ниҳоии ҷарима аз дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд буда наметавонад.

Дар ҳолати ашаддӣ саркашӣ намудани ноболиғ аз пардохти ҷарима ва ё имконнопазирии пардохти ҷарима суд ҷаримаро (ё қисми напардохтаи онро) мутобиқи тартиби пешбининамудаи қисми 5 моддаи 49 КҶ ҶТ ба ҷазои корҳои ислоҳӣ дар доираи ин намуди ҷазо, яъне 50% як нишодиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар як рӯзи корҳои ислоҳӣ, иваз менамояд.

Андозаи ниҳоии ҷазои ҷарима ба ноболиғон барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва ё аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо доир ба ҷиноятҳои дар қисмҳои 6 ва (ё) 7 моддаи 49 КҶ ҶТ пешбинигардида аз дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд буда наметавонад.

**Маҳрум сохтан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян** ба ноболиғон ба муҳлати аз як то ду сол таъйин карда мешавад. Аз сабаби он, ки мафҳум ва тартиби таъйини ин ҷазо муқаррар нагардидааст, бинобар ин талаботи моддаи 50 КҶ ҶТ ҳангоми татбиқи он истифода мегарданд. Ин намуди ҷазо дар ҳолате таъйин мегардад, ки агар ноболиғ бо ягон фаъолияте машғул бошад. Мисол, тақсими газетаҳо, шустушӯи автомобил ва дигар фаъолиятҳое, ки одатан ноболиғон ба он машғул шуда метавонанд.

**Корҳои ҳатмӣ** ба муҳлати аз чил то як саду шаст соат таъйин карда мешавад, ки он аз иҷрои корҳои барои ноболиғон мувофиқ берун аз вақти таҳсил ё корҳои асосӣ иборат аст. Давомнокии иҷрои чунин намуди ҷазо нисбати ноболиғони то синни шонздаҳсола аз ду соат дар як рӯз ва нисбати ноболиғони синни аз шонздаҳ то ҳаждаҳсола аз се соат дар як рӯз зиёд буда наметавонад. Ба ноболиғон корҳое, ки барои саломатии онҳо хавфе эҷод намуданашон имкон доранд, машғул намудан мумкин нест, яъне онҳо тибқи қонунгузории меҳнат ба кор ҷалб карда мешаванд.

**Корҳои ислоҳи** меҳнатӣ ба ноболиғон дар ҷойи корашон ба муҳлати аз ду моҳ то як сол таъйин карда мешаванд. Дар айни замон аз панҷ то понздаҳ фоизи музди меҳнати маҳкумшудагон ба ҳисоби даромади давлат нигоҳ дошта мешавад.

Аз ҳама ҷазои вазнинтарине, ки ба ноболиғон таъйин карда мешавад ин **маҳрум сохтан аз озодӣ** мебошад. Ба ноболиғоне, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир намудаанд, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъйин карда намешавад ва агар санксияи моддаи Қисми махсус ғайр аз ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дигар намуди ҷазоро пешбинӣ накарда бошад, он гоҳ суд ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набудаи дар Қисми умумии КҶ ҶТ пешбинишударо дар доираи ҳаҷм ва

муҳлатҳои пешбининамудаи Қисми умумии Кодекси зикргардида таъйин менамояд[137].

Мутобиқи муқаррароти банди 13 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи тартиби судии баррасии парвандаҳо оиди ҷиноятҳои ноболиғон» суд ҳамон вақт метавонад ба ноболиғ ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъйин намояд, ки агар ислоҳ шудани ӯ бе ҷудо кардан аз ҷамъият имконнопазир бошад. Дар сурати таъйин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ суд вазифадор аст, ки дар ҳукм асосҳои таъйин намудани ин ҷазоро нишон диҳад.

Маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати ноболиғоне таъйин карда мешавад, ки:

а) дар синни то шонздаҳсолагӣ ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин содир намудаанд - ба муҳлати то ҳафт сол. Ба шахсе, ки дар синни аз чордаҳсолагӣ то шонздаҳсолагӣ якчанд ҷиноят содир кардааст ва яке аз ин ҷиноятҳо вазнин ё махсусан вазнин мебошад, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо аз даҳ сол зиёд буда наметавонад.

б) дар синни аз шонздаҳсола то ҳаждаҳсолагӣ ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин содир намудаанд - ба муҳлати то даҳ сол. Ба шахсе, ки дар синни аз шонздаҳсолагӣ то ҳаждаҳсолагӣ якчанд ҷиноят содир кардааст ва яке аз ин ҷиноятҳо вазнин ё махсусан вазнин аст, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ аз рӯйи маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо аз дувоздаҳ сол зиёд буда наметавонад.

Маҳрум сохтан аз озодиро ноболиғон дар ҷойҳои зерин адо мекунанд:

а) ноболиғони ҷинси марде, ки бори аввал ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, инчунин ноболиғони ҷинси зан – дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми умумӣ;

б) ноболиғони ҷинси марде, ки қаблан маҳрум сохтан аз озодиро адо намудаанд - дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми пурзӯр.

Мутобиқи қисми 4 моддаи 71 КИҶҶ ҶТ дар колонияҳои тарбиявӣ ҷазоро ноболиғоне, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, инчунин маҳкумшудагоне, ки дар колонияҳои тарбиявӣ то расидан ба синни 20-солагӣ мононда шудаанд, адо мекунанд.

[137] Ализода А.Ш., Ҳусейнзода С.Ҳ., Ҳасанов Ш.Қ. Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастури таълимӣ-илмӣ. Душанбе: «ЭР-граф», 2019. С. 146.

Ба ноболиғе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, дар доираи муқаррарнамудаи моддаи Қисми махсус бодарназардошти муқаррароти Қисми умумии КҶ ҶТ ҷазои сазовор таъйин карда мешавад. Инчунин, ҳангоми ба ноболиғ таъйин намудани ҷазо шароити зиндагӣ ва тарбияи ӯ, дараҷаи инкишофи рӯҳӣ, вазъи саломатӣ, хусусиятҳои дигари шахсӣ, инчунин таъсири шахсони дигар ба назар гирифта мешавад.

## § 3. Хусусиятҳои озод кардани ноболиғон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо. Барҳам додани доғи судӣ

Ба ноболиғон асосҳои умумии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, инчунин асосҳои махсуси озод кардани онҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо татбиқ мешаванд.

Асосҳои умумии озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ки ба ноболиғон татбиқ мегарданд, инҳо:

- Шартан татбиқ накардани ҷазо – моддаи 71 КҶ ҶТ;
- Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор – моддаи 72 КҶ ҶТ;
- Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида – моддаи 73 КҶ ҶТ;
- Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир ёфтани вазъият – моддаи 74 КҶ ҶТ;
- Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан – моддаи 75 КҶ ҶТ;
- Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан – моддаи 76 КҶ ҶТ;
- Ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо – моддаи 77 КҶ ҶТ;
- Мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд – моддаи 78 КҶ ҶТ;
- Бо сабаби беморӣ аз ҷазо озод кардан – моддаи 79 КҶ ҶТ;
- Озод кардан аз ҷазо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода – моддаи 80 КҶ ҶТ;
- Озод кардан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ – моддаи 81 КҶ ҶТ;
- Авф – моддаи 82 КҶ ҶТ;
- Бахшиши ҷазо – моддаи 83 КҶ ҶТ.

Асосҳои махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, ки ба ноболиғон татбиқ мегарданд, инҳо:

- Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб накардани ноболиғ бинобар сабаби ақиб мондан дар инкишофи рӯҳӣ, ки бо парешонҳолии рӯҳӣ алоқаманд намебошад, наметавонист ба таври пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онҳоро идора намояд – қисми 4 моддаи 23 КҶ ҶТ;
- Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо истифодаи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта – моддаи 89 КҶ ҶТ;
- Аз ҷазо озод кардани ноболиғон – моддаи 90 КҶ ҶТ;
- Шартан пеш аз мухлат аз адои ҷазо озод намудани ноболиғон – моддаи 91 КҶ ҶТ;
- Ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз намудани ҷазо – моддаи 92 КҶ ҶТ;
- Мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва иҷрои ҳукм – моддаи 93 КҶ ҶТ.

**Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо истифодаи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта.** Мутобиқи қисми 1 моддаи 89 КҶ ҶТ агар ҳисоб карда шавад, ки ислоҳи ноболиғи бори аввал ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содирнамуда бо роҳи татбиқи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта имконпазир аст, ӯро аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан мумкин аст.

Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ, чораи махсуси маҷбуркунии давлатӣ буда, танҳо нисбати ноболиғон барои аз тарафи онҳо содир кардани ҷиноят татбиқ карда мешавад.

Ба сифати асоси татбиқи ин намуди озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, чунин ҳолатҳо баромад мекунанд:

1. нисбати шахсони то ҳаждаҳсола ва дар ҳолатҳои истисноӣ то бистсола татбиқ мешавад;

2. аз тарафи ноболиғ содир намудани ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна;

3. агар муайян карда шавад, ки ислоҳи ноболиғ бо роҳи татбиқи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта, ки дар қисми 2 моддаи 89 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, имконпазир бошад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 432 КМҶ ҶТ, агар дар ҷараёни тафтиши пешакӣ аз рӯйи парванда оид ба ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна муқаррар гардад, ки ноболиғ ин ҷиноятро бори аввал содир намудааст ва ислоҳи ӯ метавонад бе ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан имкон дошта бошад, прокурор, ҳамчунин муфаттиш бо ризои прокурор ҳуқуқ доранд, ки парвандаро дар ҳаққи ноболиғ бо татбиқи чораҳои маҷбурии

дорои хусусияти тарбиявии дар қисми 2 моддаи 89 КҶ ҶТ пешбинишуда қатъ намоянд. Ин гуна қарор танҳо дар ҳолате қабул шуда метавонад, ки ба он айбдоршавандаи ноболиғ ва намояндаи қонунии ӯ розӣ бошанд. Нусхаи қарор дар бораи қатъи парванда нисбат ба ноболиғ бо татбиқи чораҳои зикршуда ба комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак фиристода мешавад. Агар ҳангоми баррассии парванда оид ба ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна эътироф гардад, ки ноболиғи ҷинояти мазкурро содиркарда метавонад бе татбиқи чораҳои ҷазои ҷиноятӣ ислоҳ шавад, суд ҳуқуқ дорад парвандаро қатъ намуда, нисбат ба ноболиғ чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявии дар қисми 2 моддаи 89 КҶ ҶТ пешбинишударо татбиқ намояд. Нусхаи қарор ба комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва прокурор фиристода мешавад.

Ҳамин тавр, дар қисми 2 моддаи 89 КҶ ҶТ чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта, ки ба ноболиғон таъйин кардан мумкинанд, пешбинӣ гардидаанд:

а) огоҳ кардан;

б) ба назорати падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ё мақоми давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон супурдан;

в) ба зимма гузоштани уҳдадории барқарор кардани зарари расонидашуда;

г) маҳдуд кардани фароғат ва муқаррар намудани талаботи махсус ба рафтор.

**Огоҳ кардан.** Огоҳ кардан дар фаҳмонидани моҳияти ба ҷамъият хавфнокии кирдори содирнамудааш ифода мегардад. Инчунин, ноболиғ огоҳ карда мешавад, ки дар сурати такроран содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва нисбати ӯ чораҳои сахттари ҳуқуқии ҷиноятӣ дида мешавад.

**Ба назорати падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ё мақоми давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон супурдан.** Чунин чораи маҷбурии хусусияти тарбиявидошта дар назорати падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ё мақоми давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон аз болои рафтори ноболиғон, ифода мегардад. Инчунин, ин чора ҳамон вақт дида мешавад, ки агар падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ё мақоми давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон аз уҳдаи тарбияи ноболиғ баромада тавонанд ва аз болои рафтори ӯ назорат бурда тавонанд.

**Ба зимма гузоштани уҳдадории барқарор кардани зарари расонидашуда.** Чораи мазкур бо дарназардошти вазъи молиявии нобо-

лиғ ва қобилияти кории ноболиғ таъйин карда мешавад. Барқарор намудани зарари расонидашуда бо роҳи ҷуброни зарари расонидашуда ё бо роҳи дар амал истифода бурдани қобилияти кориаш, имконпазир аст.

Маҳдуд кардани фароғат ва муқаррар намудани талаботи махсус ба рафтор. Ин чора дар манъи рафтан ба ҷойи мушаххас, истифодаи шаклҳои мушаххаси фароғат ва ба инҳо монанд, ки дар умум ба ислоҳ гардидани ноболиғ мусоидат кунанд, ифода мегардад.

Мутобиқи нишондоди қисми 3 моддаи 89 КҶ ҶТ ба ноболиғ мумкин аст ҳамзамон якчанд чораи маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта таъйин карда шавад. Агар нисбати ноболиғ якчанд ин чораҳо татбиқ карда шаванд, ба ҳарчӣ зудтар ислоҳ гардидани ноболиғ мусоидат карданашон мумкин аст, зеро ин чораҳо дар якҷоягӣ тарбияи комплексии ноболиғро таъмин карда метавонанд.

Давомнокии мӯҳлати татбиқи чораҳои маҷбурии таъсиррасонии тарбиявӣ дар намуди ба назорати падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ё мақоми давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон супурдан, инчунин маҳдуд кардани фароғат ва муқаррар намудани талаботи махсус ба рафторро мақоми таъйиннамудаи ин чораҳо муқаррар менамояд.

Дар ҳолати мунтазам аз чораи маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта саркашӣ намудани ноболиғ, он бо дархости мақоми давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон бекор карда шуда, мавод барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ноболиғ мувофиқи қонун ба мақоми дахлдор фиристода мешавад.

Дар ҳолати аз тарафи ноболиғ мунтазам иҷро нагардидани талаботе, ки бо чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявии нисбат ба ӯ таъйингардида пешбинӣ шудаанд, прокурор бо пешниҳоди комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак қарорро дар бораи қатъи парванда бекор мекунад ва он баъди ба охир расидани тафтиш мувофиқи қоидаҳои умумӣ бо фикри айбдоркунӣ ба суд фиристода мешавад. Чунин қарор метавонад то гузашти як сол аз рӯзи қабули қарор дар бораи қатъи парванда бароварда шавад.

**Аз ҷазо озод кардани ноболиғон.** Мутобиқи муқаррароти моддаи 90 КҶ ҶТ ноболиғе, ки барои содир намудани ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна маҳкум шудааст, мумкин аст аз ҷониби суд бо татбиқи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта, ки дар қисми дуюми моддаи 89 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, аз ҷазо озод карда шавад.

Ноболиғе, ки барои содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна маҳкум шудааст, мумкин аст аз ҷониби суд аз ҷазо озод карда шавад, агар эътироф карда шавад, ки мақсадҳои ҷазо мумкин аст танҳо бо роҳи ҷойгир кардани ӯ дар муассисаҳои махсуси тарбиявӣ ё табобатӣ-тарбиявӣ барои ноболиғон ба даст оварда мешавад. Дар ин маврид муҳлати дар муассисаи нишондодашуда нигоҳ доштан аз муҳлати ҳадди болоии ҷазо, ки КҶ ҶТ барои ҷинояти содиркардаи ноболиғ пешбинӣ намудааст, зиёд буда наметавонад.

Нигоҳ доштани ноболиғ дар муассисаҳои махсуси тарбиявӣ ё табобатӣ-тарбиявӣ барои ноболиғон мумкин аст то ба охир расидани муҳлати чора қатъ карда шавад, агар тибқи хулосаи мақоми махсуси давлатӣ, ки ислоҳшавиро таъмин менамоянд, ноболиғ барои ислоҳшавии худ ба татбиқи минбаъдаи чораи мазкур дигар эҳтиёҷ надошта бошад. Дароз кардани муҳлати нигоҳ доштан дар муассисаи махсуси тарбиявӣ ё табобатӣ-тарбиявӣ барои ноболиғон баъди ба охир расидани муҳлати сораи зикргардида танҳо дар мавриди зарурати ба охир расидани тайёрии таҳсилоти умумӣ ё касбӣ роҳ дода мешавад.

**Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудани ноболиғон.** Дар моддаи 91 КҶ ҶТ қоидаҳои шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудани ноболиғон муқаррар гардидаанд. Шахсоне, ки дар синну соли ноболиғӣ ҷиноят содир намуда, ба корҳои ислоҳӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, пас аз воқеан адо намудани муҳлати зерин метавонанд шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод карда шаванд:

а) на камтар аз сеяки муҳлати ҷазое, ки барои ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна таъйин шудааст;

б) на камтар аз нисфи ҷазое, ки барои ҷинояти вазнин таъйин шудааст;

в) на камтар аз се ду ҳиссаи ҷазое, ки барои ҷинояти махсусан вазнин таъйин шудааст.

Қоидаҳои умумии шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан, ки дар моддаи 76 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, бо дарназардошти талаботи фасли V, боби 14 ҳамин Кодекс ба ноболиғон низ таъаллуқ доранд.

**Ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз намудани ҷазо.** Мутобиқи муқаррароти моддаи 92 КҶ ҶТ ба шахсе, ки барои ҷинояти дар синни то ҳаждаҳсолагӣ содирнамудааш бо маҳрум сохтан аз озодӣ ё бо корҳои ислоҳӣ маҳкум шудааст, қисми адонакардаи ҷазо мумкин аст бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шавад. Он дар сура-

те нисбати шахси маҳкумшуда татбиқ шуданаш мумкин аст, ки агар ӯ бо рафтори намунавӣ ва муносибати софдилона ба меҳнат ё таълим роҳиислоҳшавиро пеша карда бошад.

Ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз кардани қисми муҳлати адонашудаи ҷазо дар ҳолати воқеан адо намудани муҳлати зерин имконпазир аст, ба истисноии муқаррароти пешбининамудаи қисми 8 моддаи 49 КҶ ҶТ:

а) на камтар аз чоряки муҳлати ҷазое, ки барои ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна таъйин шудааст;

б) на камтар аз сеяки муҳлати ҷазое, ки барои ҷинояти вазнин таъйин шудааст;

в) на камтар аз нисфи муҳлати ҷазое, ки барои ҷинояти махсусан вазнин таъйин шудааст, инчунин барои ҷинояти қасдона, агар шахс қаблан барои қасдан содир намудани ҷиноят ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад.

Ҳангоми бо корҳои ислоҳӣ иваз кардани қисми адонашудаи маҳрум сохтан аз озодӣ, онҳо дар доираи муҳлатҳои барои ин намуди ҷазо муқарраргардида таъйин шуда, набояд аз муҳлати адонашудаи маҳрум сохтан аз озодӣ зиёдтар бошанд.

Нисбати шахсоне, ки ҷазояшон ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шудааст, шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан мувофиқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 91 КҶ ҶТ татбиқ карда мешавад.

Агар шахсе, ки ҷазояш ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шудааст, дар давоми қисми адонашудаи ҷазо қасдан ҷинояти нав содир кунад, суд мувофиқи қоидаҳои дар моддаҳои 68 (таъини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо) ва 88 (таъин намудани ҷазо ба ноболиғон) КҶ ҶТ пешбинигардида ба ӯ ҷазо таъйин менамояд.

Дар мавриди аз тарафи маҳкумшуда пурра талофӣ намудани зарари моддӣ, тартиби пешбининамудаи қисми 8 моддаи 49 КҶ ҶТ татбиқ карда мешавад.

**Муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан.** Мутобиқи муқаррароти моддаи 93 КҶ ҶТ муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва иҷрои ҳукми айбдоркунии дар моддаҳои 75 ва 81 ҳамин Кодекс пешбинигардида ҳангоми аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё аз адои муҳлати ҷазо озод намудани ноболиғон нисфи он ихтисор карда мешавад.

Моддаи 93 Кодекси зикргардида ҳам ба масъалаи озод кардани ноболиғ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ҳам озод кардани ноболиғ аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ таъаллуқ дорад.

Дар моддаи 75 КҶ ҶТ қоидаҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва дар моддаи 81 ҳамин Кодекс қоидаҳои озод кардан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ ифода гардидаанд.

**Озод кардани ноболиғ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан.**

Ҳамин тавр, агар аз рӯзи содир шудани ҷиноят муҳлати зерин гузашта бошад, ноболиғ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад:

а) як сол пас аз содир намудани ҷинояти начандон вазнин;

б) се сол пас аз содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна;

в) панҷ сол пас аз содир намудани ҷинояти вазнин;

г) ҳафт солу шаш моҳ пас аз содир намудани ҷинояти махсусан вазнин ба истисно содир намудаи ҷинояте, ки барои он ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ шудааст ва дар сурати содир намудани чунин ҷиноятҳо, масъалаи истифодаи муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ноболиғонро суд ҳал менамояд.

Муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯзи содир шудани ҷиноят то рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани ҳукм ҳисоб карда мешавад.

Агар ноболиғ аз тафтишот ё суд саркашӣ намояд, ҷараёни муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан боздошта мешавад. Дар ин ҳолат муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯзи дастгир кардани ноболиғ ё омада, ба гуноҳи худ иқрор шудани ӯ барқарор карда мешавад. Зимнан, агар аз вақти содир намудани ҷиноят даҳ сол гузашта, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бо содир намудани ҷинояти нав қатъ нагардида бошад, ин шахсро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест.

Агар то гузаштани муҳлати зикргардида ноболиғ қасдан ҷинояти нави дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин содир намояд, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан аз рӯзи содир намудани ҷиноятҳои мазкур аз нав шуруъ гардида, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҳар ҷиноят алоҳида ҳисоб карда мешавад.

Нисбати ноболиғоне, ки ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият ҷиноят содир намудаанд, муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан истифода карда намешавад.

**Озод кардани ноболиғ аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ.**

Агар хукми айбдоркунӣ аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо карданаш дар муҳлати зерин ба иҷро расонида нашуда бошад, ноболиғи барои ҷиноят маҳкумшуда аз адои ҷазо озод карда мешавад:

а) як сол дар ҳолати маҳкум кардан барои ҷинояти начандон вазнин;

б) се сол дар ҳолати маҳкум кардан барои ҷинояти дараҷаи миёна;

в) панҷ сол дар ҳолати маҳкум кардан барои ҷинояти вазнин;

г) ҳафт солу шаш моҳ дар ҳолати маҳкум кардан барои ҷинояти махсусан вазнин.

Агар ноболиғи маҳкумшуда аз адои ҷазо саркашӣ кунад, муҳлати иҷрои ҳукм боздошта мешавад. Дар ин ҳолат муҳлати иҷрои ҳукм аз рӯзи дастгир кардани ноболиғ ё омада ба гуноҳи худ иқрор шудани ӯ барқарор мешавад. Дар айни замон, агар аз вақти баровардани ҳукм даҳ сол гузашта, муҳлати иҷрои ҳукм қатъ нашуда бошад, ҳукми айбдоркунӣ ба иҷро расонида намешавад.

Агар то гузаштани муҳлати зикргардида ноболиғ қасдан ҷинояти нави дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин содир кунад, муҳлати иҷрои ҳукм қатъ мегардад. Дар ин ҳолат ҳисоби муҳлати иҷрои ҳукм аз сари нав аз рӯзи содир намудани ҷинояти нав шуруъ мешавад.

Нисбати шахсоне, ки ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият ҷиноят содир кардаанд, муҳлати иҷрои ҳукм татбиқ карда намешавад.

**Муҳлати барҳам додани доғи судӣ.** Муқаррарот оид ба доғи судӣ дар моддаи 84 КҶ ҶТ дода шудааст. Дар қисми 3-уми ин модда қоидаҳои умумии барҳам хӯрдани доғи судӣ пешбинӣ гардидаанд. Дар моддаи 94 Кодекси зикргардида қоидаҳои махсуси барҳам додани доғи судӣ нисбати ноболиғон муқаррар гардидаанд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 94 Кодекси ҷиноии ҶТ барои шахсоне, ки то синни ҳаждаҳсолагӣ ҷиноят содир кардаанд, муҳлати дар қисми сеюми моддаи 84 (доғи судӣ) ҳамин Кодекс пешбинигардидаи барҳам додани доғи судӣ ихтисор гардида, мутобиқан баробар аст ба:

а) як сол пас аз адо намудани муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ барои ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна;

б) се сол пас аз адо намудани муҳлати маҳрум сохтан аз озодӣ барои ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин.

Ҳамчунин, мутобиқи муқаррароти банди “а” қисми 4 моддаи 21 КҶ ҶТ, ҳангоми эътирофи ретсидиви ҷиноят, доғи судӣ ба-

рои ҷинояте, ки шахс то синни ҳаждаҳсолагӣ содир намудааст, ба назар гирифта намешавад.

Доғи судӣ доштани шахс дар синни ноболиғӣ, ретсидиврო, ҳатто дар ҳолати аз тарафи ноболиғ боз ҷинояти нави қасдона содир карданаш, ташкил намедиҳад, новобаста аз он, ки ӯ ҷинояти навро то барҳамхӯрии доғи судӣ аз рӯйи ҳукми аввала содир кардааст ва новобаста аз категорияи ҷинояти нави содиркардашуда.

# БОБИ XXI
# ЧОРАҲОИ МАҶБУРИИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ТИББӢ


**§ 1. Мафҳум, мақсади татбиқ ва асосҳо барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ**

**§ 2. Намуд, таъйин ва татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ**


## § 1. Мафҳум, мақсади татбиқ ва асосҳо барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ

Чи тавре, ки дар мавзӯи субъекти ҷиноят муайян карда шудааст, шахсе, ки ҳангоми содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буд, яъне хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Ба шахсе, ки дар ҳолати номукаллафӣ кирдори барои ҷамъият хавфноки дар қонунгузории ҷиноятӣ пешбинишударо содир намудааст, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббии дар КҶ ҶТ пешбинигардидаро таъйин кардан мумкин аст. Ҳамчунин, дар баробари шахсони номукаллаф, шахсоне, ки ҷиноятро дар ҳолати мукаллафии маҳдуд содир намудаанд, муҳтоҷи табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ё бемории сил мебошанд, нисбати онҳо низ чораҳои маҷбурии дорои хусусити тиббӣ таъйин гардиданашон мумкин аст.

Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб нарафта, ҳамчун чораҳои тиббӣ, яъне табобатианд, аммо онҳо ба шахсони кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок содиркарда таъйин гардида, хусусияти маҷбурӣ доранд, бинобар ин ба ҷазо наздик буда, ҳамчун чораи ҳуқуқии ҷиноятии хусусияти тиббидошта эътироф мешаванд.

Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ институти мустақилро ташкил медиҳанд, бинобар ин доир ба онҳо дар КҶ ҶТ фасли алоҳида бо номи «Чораҳои маҷбурии

дорои хусусияти тиббӣ» муқаррар гардидааст. Фасли мазкур боби 15 моддаҳои 96 то 103-ро дар бар мегирад.

Кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶТ доир ба чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ меъёрҳоеро муқаррар намудааст, ки дар Кодексҳои ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон солҳои 1935 ва 1961 ҷой надоштанд. Аз ҷумла, мақсади татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ (моддаи 96), назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ (психиатр) (моддаи 98), инчунин табобати маҷбурӣ якҷоя бо татбиқи ҷазо (моддаи 103).

Дар КҶ ҶТ мафҳуми чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дода нашудааст. Дар моддаҳои боби 15 ин Кодекс муқаррарот оид ба мақсад ва асосҳо татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ (моддаҳои 96, 97), намуди чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ (моддаи 98), таъйин, дароз кардани муҳлат, тағйир додан ва қатъ намудани татбиқи ин чораҳо (моддаҳои 99, 100), татбиқи ин чораҳо нисбати шахсони гирифтори майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ё бемории сил (моддаи 101), ба ҳисоб гарифтани вақти татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ (моддаи 102) ва табобати маҷбурӣ якҷоя бо татбиқи ҷазо (моддаи 103), оварда шудаанд.

**Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ** – ин чораҳои маҷбурии бо қонунгузории ҷиноятӣ муқаррарнамудаи давлатӣ буда, аз тарафи суд ба шахсоне, ки кирдорҳои дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пебинишударо дар ҳолати номукаллафӣ содир намудаанд, пас аз содир намудани онҳо мубталои бемориҳои рӯҳие гардидаанд, ки таъйин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд, дар ҳолати ҷой доштани мукаллафии маҳдуд содир намудаанд, онҳоро содир намуда, муҳтоҷи табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ё бемории сил мебошанд, эътироф мешаванд.

Дар моддаи 97 КҶ ҶТ асосҳо барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ муқаррар гардидаанд, ки тибқи қисми 1-уми он, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро суд метавонад ба шахсони зерин таъйин намояд, ки кирдорҳои дар ҳамин Кодекс пешбинигардидаро дар ҳолатҳои зерин содир намудаанд:

а) дар ҳолати номукаллафӣ;

б) пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемориҳои рӯҳие гардидаанд, ки таъйин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд;

в) дар ҳолати ҷой доштани мукаллафии маҳдуд;

г) ҷиноят содир намуда, мӯҳтоҷи табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ё бемории сил, мебошанд.

Банди "а" қисми 1 моддаи 97 КҶ ҶТ пешбинӣ менамояд, ки агар шахс дар ҳолати номукаллафӣ кирдорҳои дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардидаро дар ҳолати номукаллафӣ содир намояд, нисбати ӯ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта таъйин гардиданаш мумкин аст. Ин шахсон бинобар бемории парешонии муваққатии рӯҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории рӯҳӣ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонанд.

Дар банди "б" қисми 1 моддаи 97 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки агар шахс пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемориҳои рӯҳие гардида бошад, ки таъйин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд, нисбати ӯ чораҳои маҷбурии хусусияти тиббидошта таъйин гардиданаш мумкин аст. Ин шахсон то содир намудани ҷиноят ва ҳангоми содир намудани ҷиноят рӯҳан солим буданд ва пас аз содир намудани ҷиноят, дар рафти тафтишоти пешакӣ, мурофиаи судии ҷиноятӣ, баъд аз эълон намудани ҳукми айбдоркунанда ё ҳангоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мубталои бемории рӯҳие мегардад, ки таъйин ё иҷрои ҷазои ҷиноятиро имконнопазир месозад.

Банди "в" қисми 1 моддаи 97 КҶ ҶТ ҳолати ҷой доштани мукаллафии маҳдудро ҳамчун асоси таъйин намудани чораҳои маҷбурии дорои хусуситяи тиббӣ нисбати шахсоне, ки кирдорҳои дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пебинишудаоро содир намудаанд. Чунин шахсон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд ва нисбати онҳо ҷазои ҷиноятӣ низ таъйин карда мешавад, зеро онҳо аз рӯйи ҳолати рӯҳии худ мукаллаф эътироф мешаванд ва ба таври пурра ҳам набошад, хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда метавонанд.

Дар банди "г" қисми 1 моддаи 97 КҶ ҶТ қонунгузор шахсонеро дар назар дорад, ки пас аз содир намудани кирдорҳои дар Қисми махсуси Кодекси зикргардидаро содир намудан муҳтоҷи табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ё бемории сил мебошанд. Ин шахсон бе шакку шубҳа лоиқи ҷавобгарӣ ва ҷазои ҷиноятӣ мебошанд.

Нисбати шахсони дар қисми 1 моддаи 97 КҶ ҶТ номбаршудае, ки ҷинояти начандон вазнин содир намудаанд, инчунин шахсоне, ки аз рӯйи ҳолати рӯҳияшон хавфе надоранд, суд метавонад маводи заруриро ба мақомоти тандурустӣ барои ҳалли масъалаи табобати ин шахсон ё фиристонидани онҳо ба муасси-

саҳои бемориҳои рӯҳу асаб мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ирсол намояд.

Мақсад аз татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ – ин муолиҷаи шахсоне, ки кирдорҳои дар Қисми махсуси КҶ ҶТ пебинишударо дар ҳолати номукаллафӣ содир намудаанд, пас аз содир намудани онҳо мубталои бемориҳои рӯҳие гардидаанд, ки таъйин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд, дар ҳолати ҷой доштани мукаллафии маҳдуд содир намудаанд, онҳоро содир намуда, муҳтоҷи табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ё бемории сил мебошанд ё беҳбуди ҳолати рӯҳии онҳо, инчунин пешгирии кирдорҳои нави ҷиноятие, ки метавонад аз ҷониби онҳо содир шавад, иборат мебошад.

Аз ин ва муқаррароти қисми 1 моддаи 96 КҶ ҶТ бар меояд, ки се мақсад аз татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ, ҷой доштааст:

1. Муолиҷаи шахсоне, ки:

- номукаллаф мебошанд;
- пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемориҳои рӯҳие гардидаанд, ки таъйин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд;
- дорои бемории мукаллафии маҳдуд мебошанд;
- муҳтоҷи табобат аз майзадагӣ мебошанд;
- муҳтоҷи табобат аз нашъамандӣ мебошанд;
- муҳтоҷи табобат аз токсикомания мебошанд;
- муҳтоҷи табобат аз бемории сил мебошанд;

2. Беҳбудии ҳолати рӯҳии онҳо;

3. Пешгирии кирдорҳои нави ҷиноятие, ки метавонад аз ҷониби онҳо содир шаванд.

Ҳангоми таъйин ва татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти тиббӣ ду самти фаъолият муқаррар карда мешаванд: тиббӣ ва ҳифзи ҳуқуқ. Вобата ба ин, мақсадҳои чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ низ аз ду ҷиҳат муайян карда мешаванд: тиббӣ ва ҳуқуқӣ.

**Ҷиҳати тиббии** мақсадҳои чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ хусусияти алтернативӣ доранд ва он дар:

1) “муолиҷаи” шахсоне, ки дар ҳолати номукаллафӣ ҷиноят содир намудаанд, пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемориҳои рӯҳие гардидаанд, ки таъйин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд, дар ҳолати ҷой доштани мукаллафии маҳдуд ҷиноят содир намудаанд, ҷиноятро содир намуда, муҳтоҷи табобат аз майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ё бемории сил мебошанд, ифода мегардад;

2) “беҳбудии ҳолати рӯҳии” шахсоне, ки дар ҳолати номукаллафӣ ҷиноят содир намудаанд, пас аз содир намудани ҷиноят мубталои бемориҳои рӯҳие гардидаанд, ки таъйин ё иҷрои ҷазоро имконнопазир месозанд, дар ҳолати ҷой доштани мукаллафии маҳдуд ҷиноят содир намудаанд, ифода мегардад.

**Ҷиҳати ҳуқуқии** мақсадҳои чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар пешгирии кирдорҳои нави ҷиноятие, ки метавонад аз ҷониби номукаллафон, шахсони мубталои бемориҳои рӯҳӣ, дар ҳолати ҷой доштани мукаллафии маҳдуд содир шаванд, ифода мегардад. Бинобар ин, чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ танҳо дар ҳолате таъйин карда мешаванд, ки бемории рӯҳӣ барои худи шахс ё шахсони дигар хавф дошта бошад ва ё хавфи аз тарафи ӯ расонида шудани зарари ҷиддии дигар мавҷуд бошад.

## § 2. Намуд, таъйин ва татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ

Нисбат ба шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳии музмин (куҳнашуда), муваққатан халал ёфтани ҳолати рӯҳӣ, камақл ва дигар ҳолатҳои беморӣ, ки амалҳои тибқи қонунгузории ҷиноятӣ барои ҷамъият хавфнок содир кардаанд, номукаллаф эътироф шудаанд, истифодаи ҳам чораҳои маҷбурии тиббии таъйин кардаи суд ва ҳам дигар чораҳои тиббии амаликунандаи мақомоти тандурустӣ мувофиқи тартиботи умумӣ ва қонунгузории ҷорӣ дар бораи нигоҳдории тандурустӣ ба амал бароварда мешавад.

Чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ бо таъйиноти судҳо ва ба инобат гирифтани тавсияи комиссияи экспертизаи судӣ - равонӣ таъйин карда мешаванд. Ин чораҳо боз ҳам бо таъйиноти суд ва тавсияи комиссияи тиббии беморхонаи бемориҳои равонӣ, ки табобати маҷбуриро таъйин мекунад, иваз ва қатъ карда мешаванд. Хулосаи комиссия бояд асосҳоеро ба назар гирад, тавсияҳои додашуда барои пешгирии ҳаракатҳои нави хавфнок аз тарафи беморони равонӣ, инчунин гузаронидани чораҳои барқароркунӣ нисбати бемор басанда бошад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 98 КҶ ҶТ, суд метавонад чор намуди чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббиро нисбати шахсоне, ки кирдорҳои дар Қисми махсуси Кодекси зикргардидаро содир намудаанд ва муҳтоҷи муолиҷаи маҷбурӣ мебошанд, таъйин намояд. Тибқи муқаррароти моддаи зикргардида, ба сифати намудҳои чораҳои маҷбуркунии дорои хусуситяи тиббӣ инҳо баромад карда метавонанд:

1) назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ (психиатр) (банди “а”);

2) табобати маҷбурӣ дар шифохонаи умумии бемориҳои рӯҳӣ (банди “б”);

3) табобати маҷбурӣ дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ (банди “в”);

4) табобати маҷбурӣ дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ таҳти назорати пуршиддат (банди “г”).

Назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ (психиатр). КҶ ҶТ соли 1998 намуди нави чораи маҷбурии хусусияти тиббидоштаро пешбинӣ менамояд, ки он бе ҷойгир намудан дар ягон намуди шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ амалӣ карда мешавад, - назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ (психиатр).

КҶ ҶТ ду намуди назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳиро муқаррар намудааст:

1. Назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ, бе иҷрои ҷазо нисбати шахсони номукаллаф (қисми 1 моддаи 99);

2. Назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ дар баробари иҷрои ҷазо нисбати шахсоне, ки дар ҳолати мукаллафӣ содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи Кодекси зикргардида маҳкум шудаанд, вале ба табобати майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания, ё бемории сил ва ё бемориҳои рӯҳии мукаллафиро истиснонакунанда эҳтиёҷ доранд (қисми 2 моддаи 98).

Назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ мумкин аст дар ҳолати ҷой доштани асосҳои пешбининамудаи моддаи 97 КҶ ҶТ таъйин карда шавад, агар шахс тибқи ҳолати рӯҳии худ барои ҷойгиркунӣ дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ эҳтиёҷ надошта бошад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 98 КҶ ҶТ ба шахсоне, ки барои дар ҳолати мукаллафӣ содир намудани кирдорҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс маҳкум шудаанд, вале ба табобати майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания, ё бемории сил ва ё бемориҳои рӯҳии мукаллафиро истиснонакунанда эҳтиёҷ доранд, суд дар баробари ҷазо чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дар шакли назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобатро дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ ё сил таъйин карда метавонад.

Қонунгузории ҷиноятӣ чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дар шакли назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобатро дар

назди духтури бемориҳои рӯҳӣ чунин намуд бемориҳои рӯҳиеро дар назар дорад, ки бе ҷойгир намудан онҳо дар шифохонаҳои беморҳои рӯҳӣ, имконпазир мебошанд. Аммо, қонунгузор критерияҳои ин ҳолати рӯҳиро муқаррар накардааст. Мутобиқи нишондоди моддаи 175 КТ ҶТ, ки таҳти № 1413 аз 30 майи соли 2017 қабул гардидааст, номгӯйи бемориҳои рӯҳиро, ки монеаи амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ ва фаъолияти бо хатари зиёд алоқаманд мебошанд, Ҳукумати ҶТ муқаррар мекунад. Номгӯйи зикргардида бо дарназардошти таҷрибаи ҳосилшуда ва дастовардҳои илмӣ давра ба давра (на камтар аз як маротиба дар 5 сол) аз нав баррасӣ мегардад.

Равоншиносони судӣ эътироф менамоянд, ки назорати маҷбурии амбулаторӣ ва табобат дар назди духтури бемориҳои рӯҳӣ нисбати шахсоне таъйин карда мешаванд, ки онҳо аз рӯйи ҳолати рӯҳии худ талаботи ҳаррӯзаи худро қонеъ гардонида метавонанд ва талаботи назорати амбулаторӣ ва духтури бемориҳои рӯҳиро риоя ва иҷро карда метавонанд[138].

КТ ҶТ мафҳуми бемории рӯҳӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикомания ва силро муқаррар менамояд:

- **бемории рӯҳӣ** вайрон шудани фаъолияти муътадили рӯҳии инсон эътироф мешавад, ки дар пастшавии қобилияти ақлӣ ва тағйирёбии возеҳи тафаккур ифода меёбад;
- **майзадагӣ** бемории наркологӣ эътироф мешавад, ки хусусияти истеъмоли давомдори машруботи спиртӣ дошта, бо зуҳуроти вобастагии рӯҳӣ ва биологӣ аз машруботи спиртӣ, тағйирёбии таъсири он, пайдоиш ва инкишофи таназзули рӯҳӣ ва соматикии машруботи спиртӣ сурат мегирад;
- **токсикомания (заҳрмандӣ)** беморие эътироф мешавад, ки аз заҳролудшавии музмини организм дар натиҷаи суиистеъмоли маводи доруворӣ ва моддаҳои дигари ба воситаҳои нашъадор мансубнабуда ба вуҷуд омада, хусусияти вобастагии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ аз онҳо дорад;
- **нашъамандӣ** беморие эътироф мешавад, ки аз заҳролудшавии музмини организм дар натиҷаи суиистеъмоли воситаҳои нашъадор, ки дар конвенсияҳои байналмилалии дахлдор ва Рӯйхати миллӣ гурӯҳбандӣ шудаанд, ба вуҷуд омада, хусусияти вобастагии рӯҳӣ ва ҷисмонӣ аз онҳо дорад.

---

[138] Назаренко Г.В. Принудительные меры медицинского характера: учебное пособие. М.: Флинта: МПСИ, 2008. С. 75.

- **бемории сил** бемории сироятие эътироф мешавад, ки барангезандааш гурӯҳи микробактерияҳои сил буда, асосан бо қатраҳои оби даҳон ва нафас паҳн мешавад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 99 КҶ ҶТ дар ҳолати ҷой доштани асосҳои пешбининамудаи моддаи 97 ҳамин Кодекс, агар хусусият ва вазнинии бемории рӯҳии шахс чунин шароити табобат, нигоҳубин, нигоҳдорӣ ва назоратро талаб кунад, ки танҳо дар шароити шифохона имконпазир бошад, метавонад табобати маҷбурӣ дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ таъйин карда шавад.

Қонунгузор ду ҳолатро муқаррар намудааст, ки дар мавриди ҷой доштани онҳо, суд метавонад шахсеро, ки дорои бемории рӯҳӣ мебошад, маҷбуран дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ таъйин намояд:

1. Бемории рӯҳӣ барои худи шахс ё шахсони дигар хавф дошта бошад ва ё хавфи аз тарафи ӯ расонида шудани зарари ҷиддии дигар мавҷуд бошад;

2. Хусусият ва вазнинии бемории рӯҳии шахс чунин шароити табобат, нигоҳубин, нигоҳдорӣ ва назоратро талаб кунад, ки танҳо дар шароити шифохона имконпазир бошад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 185 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷуд будани бемории рӯҳӣ, ки муоина ё табобатро тақозо намуда, дар шароити дармонгоҳӣ (берун аз беморхона) гузаронидани онҳо имконнопазиранд, барои дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ бистарӣ намудани шахс асос шуда метавонад.

Дар қисми 2 моддаи 99 КҶ ҶТ чор шароитеро муқаррар намудааст, ки дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ ҷой доранд:

1. Табобат дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ;
2. Нигоҳубин дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ;
3. Нигоҳдорӣ дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ;
4. Назорат дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ.

Шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ муассисаи махсусгардонидашудаи табобатию беҳдоштии бемориҳои равонӣ мебошад, ки муоинаи статсионарӣ, табобат ва барқароркунии иҷтимоию меҳнатии шахсони гирифтори бемориҳои рӯҳиро амалӣ месозад, инчунин дар фаъолияти беморхона гузаронидани ташхисҳои – ҳарбӣ, судӣ, меҳнатӣ, коршоямӣ ва гузаронидани табобати маҷбурӣ, ки бо таъйиноти судҳо дар амал татбиқ карда мешавад, гузаронида мешаванд.

Дар моддаи 99 КҶ ҶТ се режими шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ муқаррар гардидаанд, ки инҳо:

1. Шифохонаи умумии бемориҳои рӯҳӣ (қисми 3 моддаи 99);

2. Шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ (қисми 4 моддаи 99);

3. Шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ таҳти назорати пуршиддат (қисми 5 моддаи 99).

Табобати маҷбурӣ дар шифохонаи умумии бемориҳои рӯҳӣ танҳо ба шахсе таъйин кардан мумкин аст, ки аз рӯйи ҳолати рӯҳии худ ба ҷой кардан дар шифохона эҳтиёҷ дорад, вале назорати пуршиддатро талаб намекунад.

Шифохонаи умумии бемориҳои рӯҳӣ ин шифохонаи муқаррарии бемориҳои рӯҳӣ (шуъба) ё дигар муассисаи табобатӣ, ки ёрии тиббӣ мерасонад, эътироф мешавад. Дар чунин шифохонаҳо назорати доимӣ ё пуршиддат ба роҳ монда намешавад[139].

Ҳамин тавр, табобати маҷбурии тиббӣ дар шифохонаи умумии бемориҳои рӯҳӣ мумкин аст, ки аз тарафи суд нисбат ба шахсоне, ки кирдори барои ҷамъияг хавфнок содир кардаанд ва ин ба ҳаёти шаҳрвандон равона нашудааст ва аз лиҳози вазъи рӯҳӣ барои атрофиён хавфнок нест, аммо барои дар беморхона нигоҳ доштан ва табобати маҷбурӣ эҳтиёҷ доранд, ба амал бароварда мешавад.

Табобати маҷбурӣ дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ ба шахсе таъйин кардан мумкин аст, ки аз рӯйи ҳолати рӯҳии худ назорати доимиро талаб мекунад.

Дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ шахсоне ҷойгир карда мешаванд, ки одатан кирдорҳо хусусияти ғаразнокӣ, зӯроварӣ ва авбоширо доро мебошанд. Ба ақидаи мутахассисон, чунин беморон дорои ба ҷамъият хавфнокии назаррас буда, одатан кирдорҳои зиддиҷамъиятиро такрор ба такрор содир мекунанд[140].

Табобати маҷбурӣ дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ таҳти назорати пуршиддат метавонад ба шахсе таъйин карда шавад, ки аз рӯйи ҳолати рӯҳиаш барои худ ва шахсони дигар махсусан хавфнок буда, назорати доимию шадидро талаб мекунад.

Суд табобати маҷбурии дорои хусусияти тиббиро дар шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ таҳти назорати пуршиддат нисбат ба шахсоне, ки аз лиҳози вазъи равонӣ ва хислати амали барои ҷамъият хавфнок содиркардааш ба ҷамъият хатари

---

[139] Назаренко Г.В. Принудительные меры медицинского характера: учебное пособие. М.: Флинта: МПСИ, 2008. С. 81.

[140] Организационные вопросы судебно-психиатрической экспертизы и принудительного лечения: сборник научных трудов. М., 1984. С. 55.

махсус дорад ва барои дар беморхона нигоҳ доштан ва дар шароити низомаш пуршиддат табобат кардан зарурат доранд, таъйин менамояд.

Тибқи дастурамали Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, дар шуъбаи шифохонаи махсусгардонидашудаи бемориҳои рӯҳӣ таҳти назорати пуршиддат ба табобати маҷбурӣ шахсони барои ҷамъият хавфнок фиристода мешаванд:

- шахсоне, ки дар ҳолати номукаллафӣ амалҳои барои ҷамъият хавфнокро содир кардаанд;

- баъди содир кардани ҷиноят, вале то баровардани ҳукми суд ба бемории равонӣ гирифтор шуда, ба онҳо имконияти ба амали содиркардаашон ҷавоб гуфта тавонистан ва онро идора карда тавонистани онро гум кардаанд ва ё муваққатан ба бемории рӯҳӣ гирифторанд ва ин боиси содир кардани амали барои ҷамъият хавфнок гаштааст ва лозим аст, ки ҳолати рӯҳии ӯ дар вақти содир кардани ҷиноят муайян карда шавад;

- шахсоне, ки ҳангоми адои мӯҳлати ҷазо ба бемории музмини рӯҳӣ гирифтор шудаанд ва минбаъд адо кардани мӯҳлати ҷазо барояшон ғайри имкон аст.

Мӯҳлате, ки дар давоми он ба шахси пас аз содир намудани ҷиноят ба бемории рӯҳӣ гирифторшуда чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ татбиқ шудаанд, дар ҳолати шифо ёфтани ӯ ва таъйин шудани ҷазо ё барқарор намудани татбиқи он, ба ҳисоби як рӯзи дар шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ баробар ба як рӯзи маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати ҷазо ҳисоб карда мешавад.

Нисбати шахсоне, ки ҳамчун чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дар шифохонаҳоибемории рӯҳӣ ҷойгир карда шудаанд, ҳар ним сол бо мақсади муайян кардани зарурати давом додани табобат дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ, азназаргузаронии комиссиявӣ ба роҳ монда мешавад. Пас аз шаш моҳи дар беморхонаи бемориҳои рӯҳӣ ҷой додани шахси бемор, хулосаи комиссия дар бораи зарурати табобати минбаъда дар беморхона бе розигии ӯ аз ҷониби роҳбари беморхона ба суд, ки бо ҳалномаи худ метавонад табобати беморхонавиро дароз намояд, фиристода мешавад. Минбаъд дароз намудани мӯҳлати табобати шифохонавӣ ҳар шаш моҳ аз ҷониби суд амалӣ карда мешавад.

Нисбати шахсоне, ки дар бандҳои “в” ва “г” моддаи 97 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, чораҳои маҷбурии дорои хусусити тиббӣ бе ҷойгир намудан дар шифохонаҳои бемориҳои рӯҳӣ, дар маҳалли адо намудани ҷазои махрум сохтан аз озодӣ таъйин карда мешаванд. Ба намудҳои дигари ҷазо маҳкумшуда бошад, дар муас-

сисаҳои мақомоти тиббие ба иҷро расонида мешаванд, ки ба беморони рӯҳӣ кӯмаки амбулатории психиатрӣ мерасонанд. Дар асоси хулосаи комиссияи духтурони бемориҳои рӯҳӣ суд метавонад чунин шахсро ҷиҳати табобат ба шифохонаи бемориҳои рӯҳӣ ё муассисаи дигари табобатӣ фиристад, агар ин ба ҳолати рӯҳии маҳкумшуда асос ёфта, ба манфиати табобат бошад. Вақти табобат дар муассисаҳои нобурда ба мӯҳлати адои ҷазо ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати аз байн рафтани зарурати табобати маҳкумшуда дар муассисаҳои номбурда, ӯ бо қарори суд мувофиқи тартиби пешбининамудаи қисми 4 моддаи 103 КҶ ҶТ, барои адои мӯҳлати боқимондаи ҷазо фиристода мешавад.

Мутобиқи қисми 4 моддаи 103 КҶ ҶТ, чораи маҷбурии дорои хусусияти тиббии якҷоя бо иҷрои ҷазо таъйингардидаро суд бо пешниҳоди мақомоти татбиқкунандаи ҷазо, дар асоси хулосаи комиссияи духтурони бемориҳои рӯҳӣ, қатъ мекунад.

## БОБИ XXII
## МАЗМУНИ АСОСИИ ҚИСМИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

**§ 1. Низомҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар замони муосир**
**§ 2. Муқаррароти асосии Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Англия**
**§ 3. Муқаррароти асосии Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии Фаронса**
**§ 4. Ҳуқуқи ҷиноятии Олмон**

### § 1. Низомҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар замони муосир

Ҳуқуқи ҷиноятии мамлакати дилхоҳ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Он пеш аз ҳама дар мазмуни падидаҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ, яъне қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят ва ҷазо, ки ба анъанаҳои таърихӣ, миллӣ, маданӣ, хусусиятҳои сохти ҷамъият, иқтисодиёти он ва бисёр омилҳои дигар асос ёфтааст, зоҳир мегардад. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ 4 низоми асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ фарқ карда мешавад:

1) романӣ-олмонӣ;
2) англосаксонӣ;
3) сотсиалистӣ;
4) мусулмонӣ.

Номи низоми якум ҳамчун ҳуқуқи романӣ-олмонӣ пайдоиши таърихӣ дорад ва бо Рими қадим ва ҳуқуқи римӣ алоқаманд аст. Сабаби пайдоиши ин низоми ҳуқуқро ресепсия, яъне эҳёи ҳуқуқи римӣ дар қитъаи европоӣ (дар ғарби Европа) дар асрҳои XI-XIII ташкил медиҳад. Хусусияти фарқкунандаи ин низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар шавқу рағбати ҳуқуқи навишташуда ва даст кашидан аз одатҳои ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи амсолӣ, эътироф кардани қонун ҳамчун ягона сарчашмаи меъёрии ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар кодификатсияи қонуни ҷиноятӣ зоҳир мегардад. Ҳуқуқи романӣ-олмонӣ ба ҳуқуқи ҷиноятии Фаронса ва Олмон асос ёфта, низоми ҳуқуқии Белгия, Люксембург, Голландия, Италия, Португалия, Австрия, Швейтса-

рия ва дигар кишварҳоро фаро мегирад. Барои ташаккул ёфтани ин низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаҳои ҳуқуқии ҷиноятии маорифпарварони франсавӣ – Волтер, Монтескё ва дигарон, маорифпарвари италиявӣ – Беккариё, намояндагони фалсафаи классикии немис – Кант, Гегел, Кодекси ҷиноятии Фаронса соли 1910 (Кодекси Наполеон) ва қонунгузории ҷиноятии Олмон - асри XIX таъсири калон расонидаанд.

Низоми ҳуқуқи англосаксонӣ номи худро аз номи қабилаҳои нормандӣ (пайдоиши олмонӣ) – англҳо, саксҳо, ки баъд аз қатъи ҳукмронии римҳо ҳудуди ҷазираҳои британиро забт намуда, аҳолинишин шудаанд, гирифтааст. Асоси ин низоми ҳуқуқиро ҳуқуқи умумӣ ташкил медиҳад, ки он таърихан дар Англия пайдо шудааст. Дар фарқ аз низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ ҳуқуқи умумӣ дар натиҷаи таҷрибаи судӣ ҳамчун ҳуқуқи амсол эҷод карда шуд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқӣ маҳсули амалияи судӣ буда, дар қарорҳои судӣ зикр гардидаанд ва мушаххас мебошанд. Ба сарчашмаҳои ҳуқуқи англисӣ ба ғайр аз амсоли судӣ, инчунин қонун ва одатҳо низ дохил мешаванд, лекин сарчашмаи асосӣ амсоли судӣ мебошад. Низоми ҳуқуқи умумӣ ба ҳуқуқи умумии англисӣ асос ёфта, ҳуқуқи ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Канада, Австралия ва давлатҳои Африка ва Осиёро, ки дар гузашта мустамликаҳои британӣ буданд, фаро мегирад.

Низоми ҳуқуқи сотсиалистӣ дар натиҷаи Инқилоби октябр дар соли 1917 ҳамчун ҳуқуқи шӯравӣ пайдо мешавад. Вай идеологияи коммунистиро ба асос гирифта, хусусияти баръало синфӣ дошт ва вазифаҳои сотсиализм ва коммунизмро ба роҳбарӣ мегирифт. Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон бисёр давлатҳои Европаи марказӣ ва Европаи Ҷанубӣ-Шарқӣ, аз ҷумла Полша, Чехословакия, Венгрия, Румыния, Болгария, Югославия, Албания, ҶДО, давлатҳои Осиё – Кореяи шимолӣ, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ветнам, ва Куба роҳи сотсиалистии рушдро интихоб намуданд. Дар низоми ҳуқуқии давлатҳои номбурда ғояҳои асосии ҳуқуқи шӯравӣ таҷассуми худро ёфтаанд. Дар охири солҳои 80 ибтидои солҳои 90-ум дар натиҷаи воқеаҳое, ки бо саршавии бозсозӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъдтар барҳам хӯрдани он алоқаманд буданд, аксарияти давлатҳои номбурда аз ғояҳо ва ҳуқуқи сотсиалистӣ даст кашиданд. Ҳоло низоми сотсиалистӣ фақат чунин давлатҳоеро фаро гирифтааст, ки дар онҳо мисли пештара ҳизбҳои коммунистӣ пешво мебошанд, аз ҷумла Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея, Ветнам ва Куба.

Ҳуқуқи мусулмонӣ қисми таркибии дини исломро таҷассум мекунад. Ҳуқуқи мусулмонӣ дар мамлакатҳои Ғарб “ҳуқуқи ислом” номида шуда, як низоми мустақили ҳуқуқи ҷаҳони имрӯза ба ҳисоб меравад. Асоси силсилаи ҳуқуқии давлатҳои исломиро меъёрҳои ислом (шариат), ки ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ ва таҷрибаи қонунгузорӣ баромад мекунанд, ташкил медиҳад. Ислом тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро мегирад ва аз меъёрҳои ҳуқуқӣ, динӣ, ахлоқӣ ва ғайра иборат аст. Сарчашмаи асосии ҳуқуқи ислом Қуръон, Сунна, Иҷма, Қиёс ва одатҳои ҳуқуқӣ мебошанд.

Қуръон китоби муқаддаси ислом буда, ҳамчун асоси ҳуқуқи мусулмонӣ ва тамоми тамаддуни исломӣ баромад мекунад. Сунна аз рӯйи қувваи ҳуқуқӣ пас аз Қуръон дар ҷойи дуюм меистад. Сунна маҷмӯи ҳадисҳо (ривоятҳо) оид ба ҳаёт ва рафтори Муҳаммад (с) Пайғамбар мебошад. Иҷма ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунад, ки дар меъёрҳои Қуръон ва ҳадис ҳалли худро наёфтаанд. Дар фарқ аз Қуръон ва Сунна Иҷма сарчашмаи тағйирёбандаи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад, зеро меъёрҳои Иҷма мумкин аст аз сари нав дида баромада шавад. Қиёс ин, яъне тафсири Қуръон ва Сунна мебошад. Он ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ баромад карда, қувваи қонуниро дар ҳолате пайдо мекунад, ки агар аз ҷониби аҳли дин эътироф шуда бошад. Ҳуқуқи тафсиру маънидод кардан ба муфтӣ тааллуқ дорад. Вазифаи асосии вай дар ин ҷода аз маънидод кардани меъёрҳои муайян нисбат ба ҳодисаи мушаххас иборат аст. Дар ҳуқуқи мусулмонӣ фақат урфу одатҳое истифода мешаванд, ки агар онҳо мухолифи ислом набошанд. Одатҳо нисбати масъалаҳои танзимнагашта истифода мешуданд.

Ҳуқуқи исломии ҷиноятӣ махсусан, дар Арабистони Саудӣ, Судан, Покистон, Тунис, Алҷазоир ва дигар давлатҳои исломӣ амал мекунад. Ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои исломӣ пурра ба ҳуқуқи ислом асос меёбад, зеро фаъолияти ин давлатҳо пурра аз шариат бар меояд. Ҳамин тавр, мисол, мувофиқи конститутсияи Эрон тамоми қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ бояд ба меъёрҳои ислом мувофиқат кунад.

Мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии мусулмонӣ татбиқи ҷазоҳои бераҳмона, аз ҷумла ҷазоҳои узвмаибкунанда имконпазир аст. Мисол, мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии Эрон барои одамкушӣ ва расонидани зарари ҷисмонӣ ҷазои қатл ё ҷазо аз рӯйи принсипи “ба кирдори бад сазои бад”, барои зино – ҷазои қатл бо роҳи сангсор кардан пешбинӣ шудааст. Мувофиқи қонуни ҷиноятии Арабистони Саудӣ барои дуздӣ ҷазои буридани даст пешбинӣ шудааст.

Низомҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ гарчанде дорои хусусиятҳои ба худ хос бошанд ҳам, вале тақрибан аз солҳои 70-уми асри гузашта наздик шудани ин низомҳо ба назар мерасад. Мисол, низомҳои романӣ-олмонӣ ва англосаксонӣ ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ назари ягона доранд, вобаста ба ин дар қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои Аврупоӣ, аз ҷумла Фаронса, Голландия ва дигар давлатҳо ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ муқаррар шудааст. Дигар нишонаи наздикшавии низомҳои ҳуқуқӣ дар тағйир ёфтани муносибат ба кодификатсияи қатъии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ мебошад, яъне дар Олмон, Фаронса ва дигар давлатҳои низоми романӣ-олмонӣ, ҳоло кодексҳои ҷиноятӣ сарчашмаи ягонаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб намераванд. Аз тарафи дигар, ҳатто дар Англия ҳоло оид ба тартиб додани лоиҳаи кодекси ҷиноятӣ кор рафта истодааст.

Ҷиҳати муҳими наздикшавии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ҳамаи низомҳои ҳуқуқии зикргардида ба имзо расонидани созишномаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба мубориза бо ҷиноятҳо ифода мегардад. Зарурати чунин созишномаҳо аз вазифаи давлатҳо дар самти мубориза бо ҷиноятҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо ғасби гаравгон, терроризми байналмилалӣ, ҷиноятҳое, ки бо муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқамананд ва дигарон бар меоянд. Дар баробари ин, давлатҳо-иштирокчиёни созишномаҳои байналмилалӣ вазифадор мешаванд, ки дар қонунгузории ҷиноятии миллии худ меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи ҷиноятиро пешбинӣ кунанд. Дар ин ҳолатҳо меъёрҳои як намуд таҷассуми худро дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ҳам низоми романӣ-олмонӣ, ҳам низоми англосаксонӣ, ҳам низоми мусулмонӣ, ҳам низоми сотсиалистии ҳуқуқи ҷиноятӣ меёбанд.

## § 2. Муқаррароти асосии Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Англия

Низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка асосан бо федерализми америкоӣ муқаррар шудааст. Дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка 53 низомҳои мустақили ҳуқуқӣ амал мекунанд (юрисдиксияи умумифедералӣ, низомҳои ҳуқуқии 50 штат, округи Колумбия ва ҳудуди Пуэрто Рико). Бинобар ин, меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мумкин аст дар тамоми Штатҳои Муттаҳидаи Америка амал кунанд, мумкин аст дар ҳудуди штати алоҳида амал кунанд.

Ба сарчашаҳои умумифедералии ҳуқуқи ҷиноятӣ дохил мешаванд: Конститутсияи Штатҳои Муттаҳидаи Америка, қонунҳои умумифедералӣ ва зерсанадҳои ҳуқуқӣ.

Конститутсияи Штатҳои Муттаҳидаи Америка (соли 1787) якчанд меъёрҳои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятро дар бар гирифтааст:

1) моддаи 2 фасли 2 ба президент ҳуқуқ медиҳад, ки иҷрои ҳукмро мавқуф гузорад, шахсони ҷинояти муқобили Штатҳои Муттаҳидаи Америка содирнамударо бахшиш кунад, ба истиснои ҳолатҳои маҳкумшавӣ ба тариқи импичмент, яъне дар ҳолатҳое, ки палатаи поёнии парламент айб эълон мекунад, палатаи болоӣ бошад, онро ҳамчун суд дида баромада, қарор қабул мекунад;

2) моддаи 4 фасли 2 муқаррар мекунад, ки агар ягон шахсе, ки дар содир намудани хиёнат, фелония ё дигар ҷиноят гунаҳгор буда, аз адолати судӣ пинҳон шаваду дар штати дигар дастгир шавад, бояд бо талаби ҳокимияти иҷроияи штате, ки гунаҳгор аз он ҷо гуреза шудааст, ба он штат супорида шавад;

3) моддаи 1 фасли 3 масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони мансабдори олиро ба танзим медарорад;

4) моддат 1 фасли 8 муқаррар намудааст, ки Конгресс ҳуқуқ дорад, ки барои сохтакории қоғазҳои қиматноки давлатӣ ё тангаҳо ҷазо муқаррар кунад, роҳзании обӣ, ҷиноятҳои вазнини дар баҳр содиршударо ошкор намуда, ҷазо диҳад.

Билл оид ба ҳуқуқҳо (соли 1791) низ якчанд муқарраротиҳуқуқии ҷиноятиро дар бар гирифтааст:

- ҳеҷ кас барои ҳамон як ҷиноят набояд ду маротиба бо дахолатнопазирии ҷисмонӣ ҷавоб диҳад;
- қонуни ҷиноятӣ бояд пешакӣ доираи амалашро муайян кунад;
- набояд ҷаримаи бениҳоят зиёд пардохта шавад ва ҷазоҳои бераҳмона татбиқ шаванд ва ғайра.

Қонунҳои федералиро, ки дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ амал мекунанд, ба ду намуд ҷудо кардан мумкин аст. Ба намуди якум қонунҳое дохил мешаванд, ки масъалаҳои умумии ҷиноят ва ҷазоро ба танзим медароранд, инчунин ҷавобгариро барои кирдорҳои мушаххас муқаррар мекунанд ва ин қонунҳо соли 1948 дар санади ягона бо номи Титули 18 – Маҷмӯи қонунҳои Штатҳои Муттаҳидаи Америка гирд оварда шудаанд. Ин Титул ба сифати Кодекси ҷиноятии умумифедералӣ баромад мекунад. Қонунҳои федералии намуди дуюм барои ба танзим даровардани ягон масъалаҳои мушаххас қабул мешаванд. Мисол, Қонуни соли 1970 “Дар бораи назорат аз болои ҷинояткории муташаккил дар Штатҳои Мут-

таҳидаи Америка”. Ба ғайр аз ин, қонунҳои ин намуд ҷавобгариро барои кирдорҳое муқаррар мекунанд, ки дар Титули 18 – Маҷмӯи қонунҳои Штатҳои Муттаҳидаи Америка пешбинӣ нашудаанд. Мисол, Қонуни соли 1986 “Дар бораи қаллобӣ ва сӯиистифодаҳое, ки бо компютерҳо алоқамананд”.

Зерсанадҳои ҳуқуқие, ки аз ҷониби президент ва ҳукумат баровардa мешаванд, инчунин сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравaнд.

Дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка амсоли судӣ (қарори намунавии мақомоти судӣ, ки барои ҳалли парвандаҳои ба ҳам монанд ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ истифода мешавад) ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дида баромада мешавад. Лекин роли амсоли судӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳдуд шудааст. Дар шароити ҳозира фақат ҳамин хел амсоли судиро татбиқ мекунанд, ки истилоҳҳои қонуниро шарҳ медиҳанд ё қоидаҳои татбиқи меъёрҳои алоҳидаро муқаррар мекунанд. Ҳамин тавр, соли 1957 Суди олии Штатҳои Муттаҳидаи Америка якчанд қарорҳои пештар қабулшударо ҷамъбаст намуда, қарор қабул кард, ки мувофиқи он трибуналҳои ҳарбӣ минбаъд наметавонанд модарон, зан ва фарзандони хизматчиёни ҳарбиро дар асоси Кодекси адлияи ҳарбӣ ба ҷавобгарӣ кашанд. Ҳаракатҳои ин категорияи шахсон дар доираи амали қонунгузории умумии ҷиноятӣ мебошанд.

Ҳуқуқи амсолӣ баъзе ҷиҳатҳои манфии худро дорад, зеро суд ҳангоми қарор баровардан ба таври истисно фақат қонунгузориро ба роҳбарӣ намегираду пеш аз ҳама, вазъияти мушаххаси таърихиро дар мамлакат ба эътибор мегирад. Ҳамин тавр, соли 1972 Суди олӣ оид ба парвандаи ҷиноятии Фурман қарор кард, ки татбиқи ҷазои қатл ҷазои бераҳмона буда, ба ислоҳҳои 8 ва 14-и Конститутсия мухолифат мекунад. Соли 1976 бошад, Суди олӣ оид ба парвандаи ҷиноятии Грегга қарор кард, ки ҷазои қатл ба Конститутсия мухолифат намекунад[141]. Новобаста аз ин, ҳуқуқи амсолӣ то ҳол сарчашмаи муҳими ҳуқуқи ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба ҳисоб меравад.

Ба сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии штатҳо Конститутсияи штатҳо ва қонунгузории ҷиноятӣ дохил мешаванд. Дар Конститутсияи штатҳо муқаррароти Конститутсияи Штатҳои Муттаҳидаи Америка мушаххастар пешбинӣ шудаанд. Мисол, Конститутсияи штати Иллинойс муқаррар мекунад, ки чораи ҷазои ҷиноятӣ бояд бо назардошти вазнинии ҷинояти содиршуда ва зарурати барга-

---

[141] Фридмен Л. Введение в американское право. М.: Прогресс – Универс, 1992. С. 176-179.

штани ҷинояткор ба ҳаёти барои ҷамъият фоиданок таъйин карда шавад. Ҳукм наметавонад маҳрум кардан аз ҳамаи ҳуқуқҳо ё мусодираи тамоми молу мулкро муайян кунад. Ягон шахс наметавонад барои ҷинояти дар штат содирнамудааш аз штат бадарға карда шавад (моддаи 1 фасли 11)[142].

Меъёрҳои Конститутсияи баъзе штатҳо ҳамон як падидаҳои (институтҳои) ҳуқуқи ҷиноятиро ҳар хел ба танзим медароранд.

Ҳамин тавр, Конститутсияи штати Флорида маҳкум кардани шахсро ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати номуайян манъ мекунад, Конститутсияи штати Мичиган бошад, барои баровардани қонунҳое, ки чунин ҷазоҳоро пешбинӣ мекунанд имконият медиҳад.

Ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин титулҳои алоҳидаи Маҷмӯи қонунҳои штат, ки масъалаҳои ҷиноят ва ҷазоро ба танзим медароранд, баромад мекунанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин титулҳоро ба сифати Кодекси ҷиноятии штат дида мебароянд. Мисол, Кодекси ҷиноятии штати Ню-Йорк аз 4 қисм иборат аст:

1. Ҳолатҳои умумӣ;
2. Ҷазоҳо;
3. Таҷовузҳои мушаххас;
4. Ҳолатҳои маъмурӣ.

Дар илми ҳуқуқи амрикоӣ назарияҳои сершуморе мавҷуданд, ки мафҳуми ҷиноятро муайян мекунанд. Аз ин таърифотҳо таърифоти аз ҳама классикӣ эътироф шудааст, таърифоти ҷиноят, ки аз ҷониби профессор П.Таппен муайян шудааст: "Ҷиноят – ин ҳаракат ё беҳаракатии бадқасдонае мебошад, ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро вайрон намуда, дар сурати ҷой надоштани ҳолатҳои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озодкунанда содир шудааст ва аз ҷониби давлат сазовори ҷазо мебошад"[143].

Мафҳуми "ҷиноят" (crime) дар меъёр – дефинисияҳои Кодекси ҷиноятии штатҳо муқаррар шудааст. Ин меъёрҳо аксар вақт рафтори ҷиноятиро (таҷовуз, кирдорро) ба воситаи маҷмӯи аломатҳои дар қонун муқарраршуда муайян мекунанд. Нишонаҳои кирдори ҷиноятӣ зиддиҳуқуқӣ ва сазовори ҷазо будани кирдор мебошад. Зиддиҳуқуқӣ будан ҳамчун вайрон кардани меъёри дилхоҳи

[142] Малиновский А.А. Уголовное право зарубежных государств. М.: Новый юрист, 1998, С. 15.
[143] Нерсесян А.А. Вопросы наказуемости в уголовном праве ФРГ и США. М.: Наука, 1992. С. 54-55.

қонунгузории амалкунанда муайян мешавад ва танҳо аз вайрон кардани ҳолатҳои Кодекси ҷиноятӣ иборат нест.

Кирдорҳои ҷиноятӣ мувофиқи қонунгузории ҷиноятии амрикоӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд: фелония, мисдиминор, вайронкунӣ ва рафтори ношоями роҳӣ.

Фелония – ин таҷовузе мебошад, ки барои содир намудани он мумкин аст ҷазои нигоҳ доштан дар маҳбас ба муҳлати зиёда аз 1 сол таъйин шавад.

Мисдиминор – ин таҷовузе мебошад, ки барои он ҷазои нигоҳ доштан дар маҳбас ба муҳлати аз 15 рӯз то 1 сол муқаррар шудааст.

Вайронкунӣ – ин таҷовузе мебошад, ки барои он ҷазои нигоҳ доштан дар маҳбас зиёда аз 15 рӯз таъйин шуданаш мумкин нест.

Рафтори ношоями роҳӣ – ин вайронкунии дилхоҳи қоидаҳои ҳаракати роҳ мебошад, ки дар Қонуни роҳӣ – нақлиётӣ пешбинӣ шудааст.

Фелонияҳо ва мисдиминорҳо ба категорияҳои гуногун ҷудо мешаванд. Мисол, Кодекси ҷиноятии штати Пенсилвания чунин таснифотро пешбинӣ мекунад: фелонияҳои дараҷаи 1, 2, 3 ва инчунин мисдиминорҳои дараҷаи 1, 2, 3, Кодекси ҷиноятии штати Ню-Йорк фелонияҳоро ба фелонияҳои класси A, B, C, D, E ва мисдиминорҳоро ба мисдиминорҳои класси A, B, C ҷудо мекунад. Асоси ба чунин категорияҳо ҷудо кардани ҷиноятҳо – ин вазнинии кирдори зиддиҳуқуқӣ мебошад. Мувофиқан, аз рӯйи дараҷаи вазнинӣ фелонияи класси A нисбатан вазнинтар мебошад, мисол, куштори корманди политсия мувофиқи банди 125.27 Кодекси ҷиноятии штати Ню-Йорк, начандон вазнин ҳисобида мешавад – мисдиминори класси B, мисол, ба соҳибияти каси дигар додани марихуана ба андозаи камтар аз 2 грамм.

Субъекти ҷиноят мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ (корпоратсияҳо) шуда метавонанд. Синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ дар Кодекси ҷиноятии баъзе штатҳо умуман муқаррар нашудааст, ҳадди ақали (минималии) синну соли ҷавобгарии ҷиноятиро дар ҳар як ҳолати мушаххас суд муайян мекунад. Кодекси ҷиноятии штати Ню-Йорк қоидаи умумиро муқаррар кардааст, ки мувофиқи он шахсе, ки ба синни 16-солагӣ нарасидааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Лекин барои содир намудани ҷинояти одамкушӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда аз синни 13-солагӣ, барои одамкушии оддӣ, таҷовуз ба номус,

берглерӣ, ғоратгарӣ аз синни 14-солагӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст (банди 30.00)[144].

Шахси воқеӣ субъекти ҷиноят эътироф мешавад, агар дар вақти содир намудани ҷиноят мукаллаф бошад.

Шахсони ҳуқуқӣ низ субъекти ҷиноят эътироф мешаванд. Ин корпоратсияҳо мебошанд. Корпоратсия гуфта, шахси ҳуқуқии дилхоҳ фаҳмида мешавад, ба истиснои он муассисаҳое, ки аз ҷониби мақомоти ҳукумат барои иҷрои барномаи ҳукуматӣ ташкил шудаанд.

Илми ҳуқуқи ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ҷазоро ҳамчун намуди дилхоҳи азобу уқубат, сазо, маҳдудкунӣ муайян мекунад, ки нисбат ба шахс мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқ ва ҳукми суд барои содир намудани ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ё иҷро накардани уҳдадорӣ татбиқ мешавад.

Мувофиқи ақидаи Д.Холл ба нишонаҳои ҷазо шаш нишона мансубанд:

1) ҷазо – ин маҳрумкунӣ, азоб мебошад;

2) маҷбурӣ мебошад;

3) аз номи давлат татбиқ мешавад;

4) дар ҳалномаи суд муқаррар мешавад;

5) нисбат ба шахсе татбиқ мешавад, ки ба ҷамъият зарар расонидааст;

6) андоза ва намуди ҷазо бо андозаи зарари расонидашуда вобастагӣ дорад ва бо назардошти шахсияти гунаҳгор ва ангезаи ҷиноят вазнинтар ё сабуктар мегардад[145].

Мувофиқи қонунгузории ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ба намудҳои асосии ҷазо дохил мешаванд: ҷазои қатл, дар маҳбас нигоҳ доштан, пробатсия (вазифадор намудан), ҷарима, ҳабси хонагӣ.

Ҷазои қатл ҳамчун намуди ҷазо дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар сатҳи федералӣ ва инчунин дар сатҳи штатҳо муқаррар шудааст (Кодекси ҷиноятии зиёда аз 30 штатҳо ҷазои қатлро пешбинӣ мекунанд, аз ҷумла штатҳои Джорджия, Калифорния, Техас ва дигарон). Ҷазои қатл асосан нисбат ба ҷинояткороне, ки одамкушӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда, хиёнат ба давлат, таҷовуз ба номус ва лату кӯби ҷабрдидаи ҷинси занро содир кардаанд, татбиқ мешавад.

---

[144] Преступление и наказание в Англии, США, Франции, ФРГ, Японии. Общая часть уголовного права. М.:Юрид. лит., 1991. С. 147-150.

[145] Нерсесян А.А. Вопросы наказуемости в уголовном праве ФРГ и США. М.: Наука, 1992. С. 64.

Мувофиқи қонунгузории ҷиноятии америкоӣ ҷазои қатл мумкин аст нисбат ба шахсони то 16-сола татбиқ шавад. Дар штатҳое, ки синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар нашудааст (Алабама, Флорида ва дигарон) ба ҷазои қатл мумкин аст кӯдакони 10 – 12 - сола, лекин на хурдтар аз 7 - сола маҳкум шаванд. Лекин, соли 1989 Суди олии Штатҳои Муттаҳидаи Америка қарор кард, ки таъйини ҷазои қатл нисбат ба шахси дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба синни 15 нарасида, зиддиконститутсионӣ аст[146].

Синни ниҳоии татбиқи ҷазои қатл муайян нашудааст. Ҷазои қатл нисбат ба занҳо низ мумкин аст татбиқ шавад. Ҳамин тавр, соли 1998 дар Флорида дар мизи барқӣ Джуди Буэноано, ки шавҳар ва писарашро бо мақсади гирифтани суғурта куштааст, ба қатл расонида шуд.

Тарзҳои иҷрои ҷазои ҳукми қатл гуногун мебошад. Дар аксар штатҳо (Арканзас, Иллинойс ва дигарон) ҳукми қатл дар мизи барқӣ ба иҷро мерасад. Аз рӯйи ақидаи мутахассисон, марг аз қувваи барқ, аз ҳама азобовар аст, бинобар ин, он ҳамчун воситаи идеалии тарсондан баромад мекунад. Эътироф шудааст, ки намоиши иҷрои чунин қатлрасонӣ ба воситаи телевизион роли калони пешгирикунандаро мебозад.

Дар 10 штати Америка (Аризона, Невада ва ғайра) ҷазои қатл бо роҳи заҳролудкунӣ бо гази марговар иҷро мешавад.

Барои ҷиноятҳои ҳарбӣ мувофиқи қонунгузории федералӣ ва инчунин дар баъзе штатҳо (Монтана, Вашингтон ва ғайра) ба доровезӣ истифода мешавад.

Дар чор штати Америка (Айдаҳо, Нью-Мексико, Оклахома ва Техас) ҳукми қатл бо роҳи инъексияи моддаи фалаҷкунанда (бо сузандору фиристодани дору) иҷро мешавад. Дар штати Юта бошад, ҳукми қатл бо роҳи паррондан иҷро мешавад.

Масъалаи ба мақсад мувофиқ будани ҷазои қатл то ҳол дар Америка хеле баҳснок аст. Аз рӯйи пурсишҳои сотсиологӣ маълум гардид, ки аксарияти америкоиҳо (78%) тарафдори ҷазои қатл мебошанд. Тарафдори ҷазои қатл олими намоён Э.Сатерленд чунин асосҳоро пешниҳод мекунад:

- ҷазои қатл нисбат ба дигар намудҳои ҷазо воситаи самараноки пешгирии ҷинояткорӣ мебошад;

- ҷазои қатл нисбат ба нигоҳ доштан дар маҳбас дида сарфаноктар аст;

---

[146] Уголовная юстиция: проблемы международного сотрудничества. М.: Бек, 1995. С. 174-175.

- вай барои роҳ надодан барои худсарона суд карда, ба қатл расонидани ҷинояткор зарур аст;

- ҷазои қатл ҷамъиятро аз шахсиятҳои нуқсондор озод мекунад;

- вай барои шахсоне, ки барои одамкушӣ маҳкум шудаанд, нисбат ба нигоҳ доштан дар маҳбас дида, нисбатан эътимоднок аст, зеро ин шахсон мумкин аст авф шаванд.

Ф.Кэррингтон чунин меҳисобад, ки ҷамъият бояд на ғами ҷинояткоронро, балки ғами ҷабрдидагонро хӯрад. Ҷазои қатли шахсоне, ки одамкушии вазнинро содир кардаанд, мурдагонро зинда намекунад, лекин вай нишон медиҳад, ки ҷамъият нисбат ба ҳаёти ҷабрдидагон бо эҳтиром муносибат мекунад[147].

Маҳрум сохтан аз озодӣ дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка одатан бо роҳи нигоҳ доштан дар маҳбас амалӣ мегардад. Ҷинояткор аз рӯйи ҳукми суд ҷазоро дар маҳбаси федералӣ ё маҳбаси штат адо мекунад. Масъала оид ба муҳлатҳои дар маҳбас нигоҳ доштан дар назарияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳар хел муайян гардидааст. Ҳамин тавр, мувофиқи назарияи "пенологияи нав" - таълимот дар борaи иҷрои ҷазо, ки дар методҳои азнавтарбиякунии динӣ ва аз ҷиҳати маънавӣ азнавтавлидшавии шахсият оғоз ёфтааст, муҳлати дар маҳбас нигоҳ доштан аз худи ҷинояткор, аз хоҳиши ислоҳ шудани ӯ вобаста мебошад. Суд дар ҳукм фақат андозаи ҳадди ақал ё ҳадди аксари маҳрум сохтан аз озодиро муқаррар мекунад (мисол, аз 1 сол то 99 сол), муҳлати реалиро бошад, маъмурияти маҳбас муайян мекунад. Яъне маъмурияти маҳбас агар ба хулосае ояд, ки маҳкумшуда ислоҳ шудааст, метавонад ӯро шартан пеш аз муҳлат озод кунад. Ба ақидаи криминолог И.Анденес, идеали ҳукми номуайян дар қиёс бо беморхона асос ёфтааст, ки дар он ҷо бемор то он даме, ки ӯ шифо наёбад, нигоҳ дошта мешавад – на зиёдтар ва на камтар. Ва ҳамин тавр, муҳлати ҷазо низ бояд пешакӣ муқаррар нашавад, балки дар асоси назорат аз болои ислоҳшавӣ муқаррар шавад.

Дар Кодекси ҷиноятии бисёр штатҳо силсилаи "ҳукмҳои номуайян" ба таври қонунӣ мустаҳкам шудааст. Мисол, мувофиқи банди 70.00 Кодекси ҷиноятии штати Ню-Йорк ҳукм оид ба дар маҳбас нигоҳ доштан барои фелония бояд номуайян бошад. Дар баробари ин, суд муҳлати ҳадди аксар ва ҳадди ақалро таъйин мекунад.

---

[147] Анашкин Г.З. Смертная казнь в капиталистических государствах: историко-правовой очерк. М.: Юрид.лит., 1971. С. 71.

Бар мухолифи назарияи “пенологияи нав” назарияи муносибати “одилона” баромад мекунад. Мувофиқи ин назария дар ҳукм бояд муҳлати нигоҳ доштан дар маҳбас аниқ муайян карда шавад. Эътироф шудааст, ки ин барои адолат хизмат мекунад, зеро шахсоне, ки ҷиноятҳои якхела содир кардаанд, як хел ҷазоро адо мекунанд. Ба ғайр аз ин, имконияти сӯиистифода аз ҷониби маъмурияти маҳбас истисно мегардад.

Титули 18 – Маҷмӯи қонунҳои Штатҳои Муттаҳидаи Америка муқаррар кардааст, ки нигоҳ доштан дар маҳбас барои фелонияи класси А - якумра аз озодӣ маҳрум сохтан, фелонияи класси В – то 25 сол, фелонияи класси С – то 12 сол, фелонияи класси D – то 6 сол, фелонияи класси Е – то 3 сол; барои мисдиминори класси А – то 1 сол, мисдиминори класси В – то 6 моҳ, мисдиминори класси С – то 30 рӯз, барои вайронкунӣ – то 15 рӯз таъйин мешавад (банди 3581).

Пробатсия – ин чунин намуди ҷазое мебошад, ки дар аз ҷониби маҳкумшудаи дар озодӣ буда, таҳти назорати шахси махсуси мансабдор иҷро намудани уҳдадориҳои дар қонун муқарраршуда ифода мегардад. Суд метавонад бар зиммаи маҳкумшуда иҷрои чунин уҳдадориҳоро вогузор намояд:

- аз ҷиҳати моддӣ таъмин кардани шахсоне, ки дар нафақаи ӯ мебошанд;
- супоридани ҷарима;
- талофии зарари ба ҷабрдида расонидашуда;
- гузаштани курси таълимӣ ё тайёрии касбӣ;
- ба ҷойҳои дар ҳукм муайяншуда нарафтан, бо шахсони муайян муносибат накардан;
- аз истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ ва воситаҳои нашъадор худдорӣ намудан;
- курси махсуси муолиҷаро гузаштан;
- сари вақт огоҳонидани шахси мансабдор оид ба иваз шудани ҷойи кор ё истиқомат (банди 3563 Титули 18 - Маҷмӯи қонунҳои Штатҳои Муттаҳидаи Америка).

Дар ҳолати иҷро накардани ин уҳдадориҳо маҳкумшуда мумкин аст барои нигоҳ доштан ба маҳбас равон карда шавад.

Пробатсия ба муҳлати муайян (одатан то 5 сол) муқаррар мешавад, лекин суд метавонад бо қарори худ ин муҳлатро пеш аз муҳлат қатъ кунад ё дароз кунад.

Ҳабси хонагӣ бо мониторинги электронӣ бори аввал соли 1984 татбиқ шуд. Моҳияти ин ҷазо аз он иборат аст, ки маҳкумшуда аз рӯйи ҳукми суд вазифадор аст доимо дар хонааш бошад. Иҷозат

дода мешавад фақат баромадан ба мағоза, ба кор, ба шифохона, лекин ҳатман бояд дар вақти муайян ба хонааш баргардад. Рафтори маҳкумшуда ба воситаи дастпонае, ки ба дасти маҳкумшуда пӯшонида мешаваду ба воситаи сохтори махсуси дар аппарати телефон ҷойгиршуда ба пункти назоратӣ сигнал медиҳад, тахти назорат қарор дода мешавад. Ин намуди ҷазо нисбат ба шахсони то 30-сола, ки ҷинояти бо истифодаи истифодаи зӯриро содир кардаанд, бемории доимидошта, кӯдакони аз 7 то 10 - сола, пиронсолони аз 79 - сола боло, занҳои ҳомиладор татбиқ мешавад. Мухлати ин ҷазо то 3 моҳ муқаррар шудааст.

Ҷарима ҳамчун намуди ҷазо аксар вақт дар якҷоягӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ ё бо пробатсия таъйин карда мешавад. Барои ҷиноятҳои камаҳаммият ҷарима мумкин аст дар намуди ҷазои мустақил таъйин карда шавад.

Дар қонунгузории ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ҷарима ба се намуд ҷудо мешавад:

- ҷарима барои шахсони воқеӣ;
- ҷарима барои кооператсияҳо;
- ҷаримаи алтернативӣ, ки ба даромад ё зиён асос ёфтааст.

Андозаи ҳадди аксари ҷарима барои шахсони воқеӣ одатан аз 50 ҳазор доллари америкоӣ зиёд буда наметавонад. Мисол, мувофиқи Кодекси ҷиноятии Штати Пенселвания ҷарима барои фелонияи класси А набояд аз 25 ҳазор доллари Штатҳои Муттаҳидаи Америка зиёд бошад, барои мисдиминори класси А бошад – аз 10 ҳазор доллари Штатҳои Муттаҳидаи Америка набояд зиёд бошад.

Андозаи ҷарима нисбати корпоратсияҳо барои фелония на зиёда аз 500 ҳазор доллари Штатҳои Муттаҳидаи Америка, барои мисдиминори класси А, ки боиси марги инсон нагардидааст, 200 ҳазор доллари Штатҳои Муттаҳидаи Америка муқаррар шудааст.

Ҷаримаи алтернативӣ, ки ба даромад ё зиён асос ёфтааст, дар ҳолате таъйин мешавад, ки агар шахс аз ҷиноят даромади молумулкӣ ба даст дароварда бошад ё дар натиҷаи ҷиноят ба ягон шахс зарар расонида шуда бошад. Ҷарима дар ин ҳолат набояд аз андозаи дукаратаи даромад ё зарар зиёдтар бошад.

Ҳангоми таъйини ҷарима суд даромадҳои судшаванда, қобилияти пулкоркунии ӯ, шароитҳои моддии шахсоне, ки бо судшаванда дар вобастагии моддӣ қарор доранд, зарурати талофии зарари ба ҷабрдида расонидаро ба эътибор мегирад.

Ба ҷазоҳои иловагӣ дохил мешаванд: мусодираи молу мулк, маҳрум кардани ҳуқуқҳо, корҳои ҷамъиятӣ. Қонунгузории ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка инчунин ҷазои иловагиро дар

намуди реститутсия пешбинӣ мекунад. Реститутсия, ин яъне дар асоси фармони судӣ баргардонидани молу мулк ё маблағи пулӣ ба ҷабрдида мебошад.

Кодекси ҷиноятии баъзе штатҳои Америка имконияти нисбат ба девонаҳои шаҳвонӣ татбиқ намудани баъзе намудҳои ҷазои иловагиро пешбинӣ мекунад. Мисол, мувофиқи § 645 Кодекси ҷиноятии штати Калифорния, нисбати шахсе, ки дар содир намудани алоқаи ҷинсӣ бо духтарчаи то 10-сола гунаҳгор аст, мумкин аст ахтакунӣ татбиқ шавад. Чунинанд намудҳои ҷазоҳои асосӣ ва иловагие, ки мувофиқи Кодекси ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка татбиқ мешаванд.

Ҳуқуқи ҷиноятии Англия ду сарчашмаи асосӣ дорад – статутҳо (қонунгузории парламентӣ) ва амсоли судӣ. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ҳуқуқи амсолӣ (умумӣ) ташаккул ёфт – судҳои королии Англия парвандаҳоро баррасӣ намуда, ҳукм мебароварданд ва бо ин меъёрҳоеро (қоидаҳоеро) эҷод мекарданд, ки баъдтар асоси ҳуқуқи ҷиноятии англисиро ташкил доданд. Аҳаммияти ҳуқуқии амсоли судӣ дар он ифода мегардад, ки ҳар як суд вазифадор аст, ки ба қарори суди болоӣ пайравӣ кунад, судҳои апеллятсионӣ бошанд, бояд қарорҳои пешинаи худро тағйир надиҳанд (ба истисnои Палатаи лордҳо, ки метавонанд таҷрибаи худро тағйир диҳанд).

Амсоли судӣ дар нашрияҳои махсус нашр мешаванд, ба мисли ALL ENGLAND HAW REPORTS u THE CRIMINAL APPEAL REPORTS[148].

Барои маънидод кардани мазмуни амсоли судӣ асарҳои ҳуқуқшиносони машҳури гузашта "китобҳои бонуфуз" аҳаммияти махсус доранд, зеро дар онҳо ҳолатҳои ҳуқуқи умумӣ ва статутҳо тафсир шудаанд, мисол, "Тафсирҳо ба қонунҳои Англия"- и Блекстон, ки бори аввал соли 1765 нашр шудааст ва китобҳои дарсии муосир аз фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Ҳуқуқи ҷиноятии Англия ҳамчун ҳуқуқи умумӣ (ҳуқуқи амсоли судӣ) ташаккул ёфта, баъдтар бо ҳуқуқи статутӣ пурратар карда мешуд (мисол, қонуни куҳантарини то ҳол амалкунанда қонун дар бораи хиёнати давлатӣ соли 1351). Статутҳо қариб ҳамаи институтҳои асосии Қисми умумӣ ва Қисми махсусро фаро гирифтаанд. Ба қонунҳое, ки ҳолатҳои асосии Қисми умумиро ба танзим медоранд, чунин қонунҳо дохил мешаванд:

- Қонун дар бораи ҳуқуқи ҷиноятӣ (соли 1967), ки таснифоти нави ҷиноятҳоро муайян кардааст;

[148] Преступление и наказание в Англии, США, Франции, ФРГ, Японии. Общая часть уголовного права // Под ред. Н.Ф.Кузнецовой. М., 1991. С. 69.

- Қонун дар бораи салоҳияти судҳо (соли 1973), ки масъалаҳои асосии таъйини ҷазоро ба танзим медарорад;

- Қонун дар бораи ислоҳи ҳуқуқвайронкунандагон (соли 1974);

- Қонун дар бораи ҳуқуқи ҷиноятӣ (соли 1977), ки мисол барои маслиҳати пешакӣ ҷавобгарӣ муқаррар кардааст;

- Қонун дар бораи сӯиқасд ба ҷиноят (соли 1981), ки моҳиятан ҷавобгариро барои фаъолияти ҷиноятии пешакӣ тағйир дод ва дигарон[149]. Даҳсолаҳои охир қонунҳои зиёде қабул шуданд, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҷиноятҳои ҷудогона муқаррар кардаанд. Аз соли 1981 инҷониб Комиссияи махсуси ҳуқуқӣ бо кор карда баромадани лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ барои Англия ва Уэлс машғул аст.

Дар ҳуқуқи ҷиноятии англисӣ таърифоти қонунии мафҳуми ҷиноят ҷой надорад. Ҳамчун анъана дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷиноятҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешуданд: фелонияҳо ва мисдиминорҳо. Ба фелонияҳо чунин ҷиноятҳое дохил мешуданд, ки барои онҳо ҷазои қатл пешбинӣ шудааст. Ба мисдиминорҳо ҳамаи ҷиноятҳои боқимонда дохил мешуданд. Соли 1967 қонунгузори Англия аз чунин ҷудокунии анъанавии ҷиноятҳо бинобар баръало кӯҳна шудани он даст кашид. Мувофиқи таснифоти нав ҷиноятҳо ба ҷиноятҳои “ҳабсӣ” ва “ғайриҳабсӣ” ҷудо мешуданд. Ба ҷиноятҳои “ҳабсӣ” ҷиноятҳое дохил мешаванд, ки барои онҳо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати зиёда аз 5 сол муқаррар шудааст (нисбати онҳо қоидаҳои махсуси ҳабси гумонбаршудагон пешбинӣ шудааст ва номи ин ҷиноятҳо низ маҳз бо ин алоқаманд аст). Ба ҷиноятҳои “ғайриҳабсӣ” ҷиноятҳое дохил мешаванд, ки барои онҳо ҷазои сабуктар муқаррар шудааст.

Аз рӯйи асосҳои мурофиавӣ низ ҷиноятҳо тасниф карда мешаванд. Мувофиқи ин асос ҳамаи ҷиноятҳо ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) аз рӯйи санади айбдоркунанда таъқиб кардан;
2) юрисдиксияи маҷмӯӣ;
3) юрисдиксияи омехта.

Ҷиноятҳои гурӯҳи якум тибқи санади айбдоркунӣ аз ҷониби суди қасамиён баррасӣ мешаванд. Ҷиноятҳои гурӯҳи дуюм бо тартиби соддагардонидашуда, яъне аз ҷониби судя дида баромада мешаванд. Ҷиноятҳои гурӯҳи сеюм бошад, мумкин аст бо хоҳиши

[149] Решетников Ф. Правовые системы мира: справочник. М., 1993. С. 35.

айбдоршаванда ё аз ҷониби суди қасамиён ё бо тартиби соддагардонидашуда дида баромада шаванд.

Масъалаи тарафи субъективии ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии Англия бо хусусиятҳои махсус ҳалли худро ёфтааст. Ҳамин тавр, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, муқаррар кардани гуноҳ дар намуди қасд (intent), беэҳтиётӣ (recklessness) ва бепарвоӣ (negligence) зарур аст. Лекин дар баробари ин, баъзе моддаҳо "ҷавобгарии қатъӣ"-ро пешбинӣ кардаанд, яъне барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан муқаррар кардани он ки гунаҳгор кирдори манъшударо содир намудааст, кифоя мебошад (бе зарурати муқаррар кардани мавҷудияти гуноҳ). Чунин "ҷавобгарии қатъӣ" мисол, барои вайрон кардани қоидаҳои савдои машруботи спиртӣ, сохтакории маҳсулоти хӯрокворӣ муқаррар шудааст.

Низоми ҷазоҳо ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ ҷудо мешаванд. Ба ҷазоҳои асосӣ маҳрум сохтан аз озодӣ, пробатсия ва ҷарима дохил мешаванд. Ба ҷазоҳои иловагӣ маҳрум кардан аз ҳуқуқи идора кардани автомобил, маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян ва иҷрои корҳои ҷамъиятӣ дар доираи аз 40 то 240 соат мансубанд.

Ҷазои қатл дар Англия соли 1965 саравввал муваққатан ва соли 1969 ба таври доимӣ бекор карда шуд.

Пробатсия (санҷиш) – ин шакли аз ҳама васеъ паҳншудаи шартан маҳкумкунӣ мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии англисӣ мебошад. Шахси маҳкумшуда бо шарти иҷрои як қатор ӯҳдадориҳои бо ҳукми суд муқарраршуда дар озодӣ мемонад (шартҳо дар хусуси ба ҷойҳои муайян нарафтан, бо шахсони муайян вонахӯрдан ва дигарон). Муҳлати пробатсия аз 6 то 36 моҳ муқаррар шудааст. Аз болои шахси шартан маҳкумшуда шахси мансабдори махсус назорат мебарад. Агар маҳкумшуда шартҳои пробатсияро вайрон кунад, суд метавонад ба ӯ супоридани ҷарима ё вазифаи иҷрои корҳои бемуздро бар фоидаи ҷамъият вогузор кунад.

Ҷазои аз ҳама васеъ татбиқшаванда ин ҷарима аст.

## § 3. Муқаррароти асосии Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии Фаронса

Ҳуқуқи ҷиноятии Фаронса таърихи хеле аҷиби инкишофи худро дорад. Аввалин маротиба принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки то ҳол аҳаммияти муҳим доранд, аз ҷумла баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, эҳтимолияти бегуноҳӣ ва дигарон дар Эъломияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд соли 1789 мустаҳкам

шудаанд. Ин санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар инкишофи нафақат ҳуқуқи франсавӣ, балки ҳуқуқи мамлакатҳои тамоми Аврупои ғарбӣ мавқеи асосиро ишғол намудааст. Дар асоси ҳолатҳои ин Эъломия ва бо назардошти ғояҳои ҳуқуқии Чезари Беккариё, Шарл Монтескё ва дигар мутафаккирон аввалин Кодекси ҷиноятии буржуазии соли 1791 таҳия шуда буд. Соли 1810 Кодекси ҷиноятии наполеонӣ қабул шуд, ки ин Кодекс то соли 1992 сарчашмаи асосии ҳуқуқи ҷиноятии Фаронса ба ҳисоб мерафт. Дар ин Кодекс ҷазоҳои хеле вазнин пешбинӣ мешуданд, аз ҷумла барои 30 таркиби ҷиноят – ҷазои қатл, барои 15 таркиби ҷиноят- бадарғаи якумра, инчунин ҷазои доғдоркунӣ муқаррар шуда буд.

Ҷазои қатл бо роҳи ҷудо кардани сар аз тан ба иҷро мерасид. Ҳукми қатл дар майдон ба таври оммавӣ иҷро мешуд.

Шахсе, ки падарашро ба қатл расонидааст, низ ба ҷазои қатл маҳкум мешуд. Лекин ҷазои қатл нисбати чунин шахс бо тартиби махсус ба иҷро мерасид. Вайро пойлуч бо сари бо чодар пӯшида ба майдон меоварданд, баъд ангушту панҷаи дасти росташро бурида, сониян ба қатл мерасонданд.

Танҳо аз соли 1939 ҷазои қатл дар маҳбас, дар ҳузури шахсони расмӣ иҷро мешудагӣ шуд.

Ҳамчун ҷазоҳои шармандакунанда Кодекси мазкур чунин ҷазоҳоро пешбинӣ мекард:

- бо гарданбанд нафрати умум кардан;
- бадарға кардан;
- таназзули шаҳрвандӣ (маҳрум кардан аз ҳуқуқи интихоботӣ, ҳуқуқи шоҳид, коршинос, васӣ, парастор, гирифта гаштани силоҳ, аз хизмат дар Қувваҳои мусаллаҳ).

Кодекси ҷиноятии соли 1810 зиёда аз 180 сол амал кард (то соли 1992). Лекин ба вай мунтазам тағйиру иловаҳо ворид мешуданд. Мисол:

- соли 1832 доғдоркунӣ ва нафрати умум кардан бекор шуд;
- соли 1839 барои падарро куштан пешакӣ дасти ростро буридан то иҷрои ҳукми қатл бекор карда шуд;
- соли 1848 ҷазои қатл барои ҷиноятҳои сиёсӣ бекор карда шуд;
- соли 1885 таҳти таъсири ғояҳои Ломброзо қонун дар бораи бадарғаи якумра ба Гвианаи франсавии ретсидивистҳоиислоҳнашаванда қабул шуд.

Ба Кодекси ҷиноятии франсавии соли 1810 дар асри XX низ якчанд маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд: соли 1975 ҷазоҳои иловагӣ (маҳрум кардан аз ҳуқуқҳо, мусодираи автомо-

бил) ҳамчун ҷазои асосӣ таъйин мегардидагӣ шуданд; соли 1981 ҷазои қатл бекор карда шуд.

Кодекси ҷиноятии нави Фаронса соли 1992 қабул карда шуд[150]. Ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятии Фаронса баромад мекунанд:

- Эъломияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд – соли 1789;
- Конститутсияи Фаронса – 1958;
- Кодекси ҷиноятии Фаронса – соли 1992;
- дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Кодекси ҷиноятии Фаронса соли 1992 аз 4 китоб (қонунҳо) иборат аст, ки масъалаҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятиро ба танзим дароварда, ҷиноят будан ва сазовори ҷазо будани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро муқаррар мекунад.

Китоби якум вазифаи Қисми умумии Кодекси ҷиноятиро иҷро намуда, муқарраротдар бораи қонуни ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро дар бар гирифтааст, китобҳои дуюм, сеюм ва чорум Қисми махсуси Кодекси ҷиноятиро таҷассум мекунанд.

Кодекси ҷиноятии Фаронса мафҳуми умумии ҷиноятро муайян накарда, фақат нишонаҳои ҳар як ҷинояти мушаххасро дар диспозитсияҳои моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ муайян мекунад.

Дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ қонунгузор чунин нишонаҳои кирдори ҷиноятиро муқаррар кардааст:

- вазнинии зараре, ки ба шахсият, ҷамъият, давлат расонида шудааст (моддаи 111-1);
- зиддиҳуқуқӣ будан (моддаи 111-2, 111-3);
- сазовори ҷазо будан (моддаи 111-2, 111-3);
- қасдона ё аз беэҳтиётӣ содир шудани кирдор (моддаи 121-3).

Мувофиқи моддаи 111-1 Кодекси ҷиноятӣ кирдорҳои ҷиноятӣ вобаста ба вазнинии онҳо ба се намуд ҷудо мешаванд: ҷиноятҳо, кирдорҳои ношоям, вайронкуниҳо.

Ҷиноятҳо (crimes) ин кирдорҳои махсусан вазнин мебошанд, ки фақат қасдона содир мешаванд. Кодекси ҷиноятӣ барои чунин кирдорҳо ҷазоҳои вазнину қатъӣ муқаррар кардааст.

Кирдорҳои ношоям (delits) кирдорҳои на он қадар вазнин ё аз беэҳтиётӣ содиршудае мебошанд, ки барои содир намудани онҳо ҷазоҳои нисбатан сабук муқаррар шудааст.

Вайронкуниҳо ин чунин кирдорҳои камаҳаммият мебошанд, ки барои онҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъйин намешавад.

---

150 Крылова Н.Е. Основные черты нового Уголовного кодекса Франции. М.: Спарк, 1996.

Ҷазои асосӣ барои вайронкуниҳо дар намуди ҷарима муқаррар шудааст.

Ҷиноятҳоро аз рӯйи дигар асосҳо низ ба намудҳо ҷудо кардан мумкин аст. Мисол, аз рӯйи субъект ба ҷиноятҳои аз ҷониби шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқӣ содиршаванда, аз ҷониби шахсони ноболиғ ё шахсони ба балоғатрасида содиршаванда ҷудо мешаванд.

Ҷиноятҳо инчунин ба ҷиноятҳои сиёсӣ ва ҷиноятҳои умумӣ ҷудо мешаванд. Ба ҷиноятҳои сиёсӣ ҷиноятҳо ба муқобили миллат ва давлат (хиёнат ба давлат, ҷосусӣ, таҳрибкорӣ) дохил мешаванд. Аҳаммияти амалии чунин тақсимкунӣ дар он ифода мегардад, ки шахсоне, ки ҷиноятҳои сиёсиро содир намудаанд, дар фарқ аз ҷинояткорони ҷиноятҳои умумиро содирнамуда, дорои статуси махсуси ҳуқуқӣ мебошанд. Нисбати маҳкумшудагони сиёсӣ бадарғакунӣ ба маҳбас татбиқ мешавад, мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм манъ аст.

Кодекси ҷиноятии Фаронса муқаррар кардааст, ки ҳамчун субъекти ҷиноят ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ баромад карда метавонанд.

Мувофиқи моддаи 122-8 шахси воқеӣ аз синни 13-солагӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Сиёсати ҷиноятӣ нисбати ҷинояткорони ноболиғ дар Фаронса дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монда шудааст:

- татбиқ накардани ҷазои ҷиноятӣ нисбати ноболиғони то 13-сола;
- сабук кардани ҷазо нисбати шахсоне, ки дар синни аз 13 то 18-солагӣ ҷиноят содир намудаанд;
- муқаррар кардани низоми начандон қатъии ҳабси пешакӣ;
- ҳамчун намуди ҷазо таъйин кардани чораҳои дорои хусусияти тарбиявӣ ва фақат ба таври истисно таъйин кардани чораҳои репрессивӣ.

Номукаллафӣ мувофиқи Кодекси ҷиноятии Фаронса на ҳамчун нишонаи субъекти ҷиноят набудан, балки ҳамчун асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё сабук кардани ҷавобгарӣ баромад мекунад.

Дар Кодекси ҷиноятии Фаронса нишонаҳои субъекти махсуси ҷиноят низ пешбинӣ шудаанд. Ҳамаи субъектони махсуси ҷиноят аз рӯйи нишонаҳояшон ба се гурӯҳ ҷудо шудаанд:

1) аз рӯйи нишонаҳое, ки ҳолати ҳуқуқии субъектро (шаҳрвандӣ, мақоми хизматӣ ё мансабӣ, касб ва ғайра) ё функсияҳои иҷро мекардагии субъектро тавсиф медиҳанд. Муво-

фиқи моддаи 411-1 кирдор хиёнатро ташкил медиҳад, агар он аз ҷониби шаҳрванди франсавӣ ё хизматчии ҳарбӣ содир шуда бошад, ҷосусӣ ҷой дорад, агар онро шахси дилхоҳи дигар содир карда бошад;

2) аз рӯйи нишонаҳои демографии субъект (ҷинс, синну сол). Мисол, моддаи 227-25 муқаррар мекунад, ки аз ҷониби шахси ба балоғатрасида бе истифодаи зӯроварӣ, маҷбуркунӣ, таҳдид ё фиреб содир намудани таҷовузи шаҳвонӣ нисбати ноболиғи синни то 15-сола бо ду сол дар маҳбас нигоҳ доштан ё ҷарима ба андозаи 200 ҳазор франк ҷазо дода мешавад;

3) аз рӯйи нишонаҳое, ки муносибатҳои субъекти ҷиноятро бо ҷабрдида тавсиф медиҳанд (муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ, муносибатҳои хешу таборӣ).

Шахсони ҳуқуқӣ низ мувофиқи Кодекси ҷиноятии Фаронса субъети ҷиноят ҳисобида мешаванд. Дар ҳолате, ки агар бо супориши шахси ҳуқуқӣ шахси воқеӣ ҷиноят содир кунад, ҳам шахси ҳуқуқӣ ва ҳам шахси воқеӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ба шахсони ҳуқуқӣ, ки субъекти ҷиноят шуда метавонанд, инҳо мансубанд:

- ширкатҳои тиҷоратӣ ва бо савдо алоқаманд, иттиҳодияҳои соҳибкорӣ ва дигарон, ки фаъолияташон бо ба даст даровардани даромад алоқаманд аст;

- шахсони ҳуқуқие, ки фаъолияташон бо ба даст даровардани даромад алоқаманд нест, мисол, ассотсиатсияҳои сиёсӣ, ҳизбҳо, итттифоқҳои касаба, ташкилотҳои намояндагии хизматчиён ва дигарон.

Номгӯйи ҷиноятҳое, ки барои содир намудани онҳо шахсони ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, маҳдуд аст. Шахсони ҳуқуқӣ субъекти чунин ҷиноятҳо шуда метавонанд:

- қасдона одам куштан, генотсид;

- одамкушӣ ё расонидани зарар ба саломатӣ бе қасди пешакӣ, ба вуҷуд овардани таҳдид барои ҳаёти инсон;

- ба расмият даровардани пули бо роҳи ҷиноят бадастоварда, дуздӣ, тамаъҷӯӣ, қаллобӣ;

- сӯиистифода аз боварӣ, пинҳон кардани молу мулк, вайрон кардани системаҳои компютерӣ;

- паст задани шаъну шараф ва эътибори инсон;

- ҷосусӣ, терроризм, коррупсия, оташ задан, сохтакории пулҳои қалбакӣ;

- ҷиноятҳои экологӣ.

Кодекси ҷиноятии Фаронса ҷавобгарии шахсони ҳуқуқиро барои сӯиқасд ба ҷиноят, инчунин барои шарикӣ дар ҷиноят муқаррар кардааст.

Низоми ҷазоҳо дар Фаронса вобаста ба кирдорҳои ҷиноятӣ муайян шудааст. Барои содир намудани ҷиноятҳо ҷазоҳои ҷиноятӣ таъйин мешаванд, барои кирдорҳои ношоям - ҷазоҳои ислоҳӣ ва барои вайронкуниҳо – ҷазоҳои полисӣ таъйин мешаванд.

Нисбат ба шахсони воқеие, ки ҷиноят содир намудаанд, намудҳои зерини ҷазоҳои ҷиноятӣ татбиқ мешаванд:

1) то охири умр дар маҳбас нигоҳ доштан ё бадарғакунӣ ба маҳбас;

2) дар маҳбас нигоҳ доштан ё бадарғакунӣ ба маҳбас ба муҳлати аз 10 то 30 сол;

3) ҷарима.

Ба ҷазоҳои ислоҳӣ инҳо мансубанд:

1) дар маҳбас нигоҳ доштан ба муҳлати то 10 сол;

2) ҷарима ба андозаи то 1 миллион франк;

3) ҷарима дар намуди ҷарима – рӯзҳо (мавқуф гузоштани супоридани ҷарима ба рӯзҳои муайян). Андозаи ҳар як ҷарима – рӯз бо назардошти даромади судшаванда муайян шуда, аз 2000 франк зиёд буда наметавонад. Шумораи ҷарима - рӯзҳо аз 360 зиёд буда наметавонад;

4) корҳои бемузд ба манфиати ҷамъият (аз 40 то 240 соат). Ин ҷазо дар сурати розӣ будани судшаванда мумкин аст таъйин шавад. Дар ҳолати розӣ набудани судшаванда ба вай ҷазои дар маҳбас нигоҳ доштан ё дигар ҷазо (ба истиснои ҷарима ё ҷарима дар намуди ҷарима – рӯзҳо) таъйин мешавад. Кори бемузд ба манфиати ҷамъият мумкин аст бо фаъолияти касбӣ якҷоя иҷро карда шавад;

5) маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои зерин:

- маҳрум кардан аз ҳуқуқи ронандагӣ ба муҳлати зиёда аз 5 сол (ин ҷазо ба ронандагони касбӣ таъйин намешавад);

- манъи идора намудани восиаҳои нақлиёти категорияи муайян ба муҳлати зиёда аз 5 сол;

- мусодираи як ё якчанд воситаҳои нақлиёт, ки ба маҳкумшуда тааллуқ доранд;

- манъи истифодаи як ё якчанд воситаҳои нақлиёт ба муҳлати на зиёда аз як сол;

- манъи ба муҳлати на зиёда аз 5 сол соҳибӣ кардан ё гирифта гаштани силоҳе, ки барои он иҷозат зарур аст;

- мусодираи як ё якчанд силоҳе, ки ба маҳкумшуда тааллуқ дорад ва озодона бо онҳо ихтиёрдорӣ мекунад;

- маҳрум кардан аз иҷозатнома барои шикор ба муҳлати то 5 сол;

- манъи ба муҳлати на зиёда аз 5 сол додани чекҳо (дар ин ҳолат маҳкумшуда вазифадор аст, ки бланкаҳои чекиро ба банк баргардонад);

- мусодираи олоту предмете, ки барои содир намудани ҷиноят истифода шудааст ё бояд истифода мешуд.

Ба сифати ҷазоҳои иловагӣ барои содир намудани ҷиноят ё кирдори ношоям чунин ҷазоҳо мумкин аст таъйин шаванд:

- маҳдуд кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ;

- маҳрум кардани ҳуқуқҳои сиёсӣ, маданӣ ва оилавӣ ба муҳлати то 10 сол барои содир намудани ҷиноят ва ба муҳлати то 5 сол барои содир намудани кирдори ношоям;

- манъи ишғоли мансаби давлатӣ ё машғул шудан бо фаъолияти касбӣ ё ҷамъиятӣ, ки бо истифода аз онҳо кирдори ҷиноятӣ содир шуда буд;

- манъи истифода ё мусодираи ягон предмет;

- паҳн намудани қарори суд тавассути воситаҳои ахбори омма;

- манъи бастани аҳдҳо бо ташкилотҳои давлатӣ.

Барои содир намудани вайронкуниҳо нисбат ба шахсони воқеӣ чунин намудҳои ҷазо татбиқ мешаванд:

1) ҷарима ба андозаи аз 250 то 10 ҳазор франк, дар ҳолати ретсидив то 20 ҳазор франк;

2) маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои зерин:

- маҳрум кардан аз ҳуқуқи ронандагӣ ба муҳлати то 1 сол;

- манъи истифодаи воситаҳои техникӣ ба муҳлати на зиёда аз 6 моҳ;

- мусодираи силоҳе, ки ба маҳкумшуда тааллуқ дорад;

- мусодираи олот ё предмети ҷиноят;

- маҳрум кардан аз ҳуқуқ ба шикоркунӣ ба муҳлати то як сол.

Нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагони ноболиғ мувофиқи Ордонанс аз 2 феврали соли 1995 чунин намудҳои ҷазо татбиқ мешаванд:

1) муқаррар кардани низоми назоратӣ;

2) корҳои маҷбурии ҷамъиятӣ;

3) маҳрум сохтан аз озодӣ бо мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм;

4) маҳрум сохтан аз озодӣ бо мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм ва пешниҳод кардани муҳлати санҷишӣ;

5) дар маҳбас нигоҳ доштан.

Нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ барои содир намудани ҷиноят ё кирдори ношоям чунин намудҳои ҷазо татбиқ мешаванд:

1) ҷарима, ки андозааш аз ҷаримаи барои шахсони воқеӣ муқарраршуда 5 маротиба зиёдтар аст;

2) барҳам додан дар ҳолате, ки агар шахси ҳуқуқӣ ҷиноятеро содир кунад, ки барои он шахси воқеӣ ба муҳлати зиёда аз 5 сол ба нигоҳ доштан дар маҳбас ҷазо дода мешавад;

3) манъи (бемуҳлат ё ба муҳлати то 5 сол) бевосита ё бавосита амалӣ намудани як ё якчанд намуди фаъолияти касбӣ ё ҷамъиятӣ;

4) боздоштани фаъолияти (бемуҳлат ё ба муҳлати то 5 сол) як ё якчанд филиалҳои корхона, ки барои содир намудани кирдори ҷиноятӣ истифода шудаанд;

5) манъи (бемуҳлат ё ба муҳлати то 5 сол) бастани аҳдҳо бо ташкилотҳои давлатӣ;

6) манъи (бемуҳлат ё ба муҳлати то 5 сол) ҷалби амонатҳои аҳолӣ;

7) манъи ба муҳлати на зиёда аз 5 сол додани чекҳо;

8) мусодираи олот ё предмети ҷиноят;

9) паҳн намудани қарори суд тавассути воситаҳои ахбори омма.

Барои вайронкуниҳо нисбати шахсони ҳуқуқӣ чунин ҷазоҳо татбиқ мешаванд:

1) ҷарима ба андозаи 5 маротиба зиёдтар аз ҷаримае, ки нисбат ба шахсони воқеӣ барои содир намудани вайронкуниҳо татбиқ мешавад;

2) манъи (ба муҳлати на зиёда аз 1 сол) додани чекҳо;

3) мусодираи предмет ё олоти ҷиноят.

## § 4. Ҳуқуқи ҷиноятии Олмон

Асоси Маҷмӯи қонунҳои ҷиноятии Олмонро (соли 1871) Маҷмӯи қонунҳои ҷиноятии Пруссия (соли 1851) ташкил медиҳад. Ҳангоми таҳия ва такмил додани он конструксияҳои ҳуқуқие, ки дар асоси фалсафаи Иммануил Кант ва Георг Вилгелм Фридрих Гегел мухтасар ифода шуда буданд, ба эътибор гирифта шудаанд.

Хусусиятҳои фарққунандаи Кодекси ҷиноятии олмонӣ дар мустаҳкам кардани принсипи қонуният, сазовори ҷазо эътироф кардани фақат кирдорҳое, ки то лаҳзаи содир шудани онҳо бо қонун манъ карда шудаанд, ифода мегардад. Дар Кодекси ҷиноятии олмонӣ ҳолатҳои асосии мактаби классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бо-

раи озодии ирода, дар бораи гуноҳ, консепсияи сазо, подош таҷассуми худро ёфтаанд.

Ба Кодекси ҷиноятии олмонӣ борҳо тағйиру иловаҳо ворид шудаанд. Ҳамин тавр, дар давраи Республикаи Веймарӣ (солҳои 1919 – 1933) қонунҳо дар бораи ҷаримаи пулӣ қабул шуданд, низоми чораҳои ислоҳшавӣ ва бехатарӣ ворид карда шуд.

Ҳуқуқи ҷиноятии фашистӣ (солҳои 1933 – 1945) асосан барои ҳимояи ғояҳо ва сиёсати ҳизби миллӣ-сотсиалистӣ равона шуда буд. Дар ин ҷода якчанд қонуну санадҳо қабул шуданд:

1) Фармони "Бар зидди хиёнат ба халқи олмонӣ ва фитнаи ҷиноятӣ" аз соли 1933 (барои кирдорҳои ҷиноятии сиёсӣ ва умумӣ ҷазои қатлро пешбинӣ намуд);

2) Қонуни "Бар зидди таҷовузҳои маккорона бар зидди давлат ва ҳизб барои ҳимояи шаклҳои ҳизбии либос" аз 20 декабри соли 1934;

3) Қонун бар зидди ташкили ҳизбҳои нав аз 14 июли соли 1933 (ҳизби миллӣ-сотсиалистиро ягона ҳизби сиёсии Олмон эълон намуда, барои шахсе, ки кӯшиши таъсиси ҳизби навро мекунад, ҷазои нигоҳ доштан дар маҳбас ба муҳлати то 3 солро муқаррар намуд);

4) Қонун "Дар бораи ҳифзи хуни олмонӣ ва шаъну шарафи олмонӣ" аз 15 сентябри соли 1935.

Бисёр меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии фашистӣ ба принсипҳои ҳуқуқии ҷиноятии бунёдӣ мухолифат мекарданд. Мисол, соли 1935 ба Кодекси ҷиноятии олмонӣ моддае ворид шуд, ки татбиқи қонуни ҷиноятӣ аз рӯйи қиёсро иҷозат дод.

Баъд аз торумори фашизми олмонӣ амали Кодекси ҷиноятии соли 1871 дар таҳрири соли 1933 барқарор шуда, қонунгузории ҷиноятии дар давраи аз соли 1933 то соли 1945 қабулшуда мувофиқи моддаи 4 созишномаи Потсдам бекор карда шуд.

Соли 1951 дар Олмони Ғарбӣ Қонун "Дар бораи ислоҳоти ҳуқуқи ҷиноятӣ" қабул шуд, ки барои як қатор ҷиноятҳои сиёсӣ, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Федеративии Олмон ворид намудани адабиёти манъшуда, робита бо ташкилотҳои демократии Ҷумҳурии Демократии Олмон, ташкили иттиҳодияҳои зиддиконститутсионӣ ҷавобгарии ҷиноятиро дар намуди дар маҳбас нигоҳ доштан ба муҳлати аз 5 то 15 сол муқаррар намуд. Дар асоси Қонуни мазкур фаъолияти ҳизби коммунистии Ҷумҳурии Федеративии Олмон манъ карда шуд.

Бо Қонуни соли 1935 номи Маҷмӯи қонунҳои ҷиноятии Олмон расман бо номи Кодекси ҷиноятӣ иваз карда шуд.

Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон якчанд маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд:

- соли 1969 Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ нав карда шуд, асосҳои шартан маҳкум кардан васеъ шуданд, ҷиноятҳои хусусияти динидошта ғайриҷиноятӣ эътироф шуданд, яъне декриминализатсия шуданд;

- бо Қонун аз 2 марти соли 1974 ба Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ тағйирот ворид шуд, аз ҷумла баъзе ҷиноятҳои хусусияти шаҳвонидошта, ҷиноятҳои хоҷагидорӣ ва ҷиноятҳо дар соҳаи наклиёт ғайриҷиноятӣ эътироф шуданд;

- солҳои 1976-1986 як қатор қонунҳо қабул шуданд, ки ба мубориза бо баъзе ҷиноятҳои махсусан хавфнок нигаронида шуда буданд, аз ҷумла қонунҳо дар бораи мубориза бо ҷинояткории иқтисодӣ, дар бораи мубориза бо терроризм ва дигарон. Вобаста ба ин соли 1987 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар таҳрири нав нашр шуд;

- Қонуни соли 1990 "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон" намуди нави ҷазо – ҷаримаи молумулкиро муқаррар намуд;

- бо Қонун аз соли 1994 ба Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ моддаи нав дар бораи ришвадиҳӣ ба депутат ворид карда шуда, моддае, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳаракатҳои гомосексуалӣ муқаррар мекард, хориҷ карда шуд.

То октябри соли 1990, яъне муттаҳидшавии Олмон дар ҳудуди Ҷумҳурии Демократии Олмон Кодекси ҷиноятии он амал мекард. Пас аз муттаҳидшавии Олмон дар тамоми ҳудуди он амали Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон паҳн гашт.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон соли 1871 (дар таҳрири соли 1987) сарчашмаи муҳими ҳуқуқи ҷиноятии олмонӣ ба ҳисоб меравад. Вай аз Қисмҳои умумӣ ва махсус иборат аст, ки дар навбати худ ба бобҳо ҷудо мешаванд.

Мувофиқи § 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон кирдор дар ҳолате ҷазо дода мешавад, ки агар сазовори ҷазо будани он бо қонуне, ки то содир шудани кирдор амал мекард, муайян гардида бошад. Амали қонун дар замон ба принсипҳои умумиэътирофгардидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ асос ёфтааст:

- ҷазо бо қонуне, ки дар лаҳзаи хотима ёфтани кирдори ҷиноятӣ амал мекард, муайян карда мешавад;

- қонуни ҷиноятӣ танҳо дар ҳолате, ки ҷазоро сабук мекунад, қувваи бозгашт дорад.

Амали қонуни ҷиноятӣ дар макон ва нисбат ба доираи шахсон ба принсипҳои шаҳрвандӣ, марзӣ ва парчам асос ёфтааст. Ҳамин тавр, қонуни ҷиноятӣ нисбат ба кирдорҳое, ки аз ҷониби шаҳрванди Олмон, инчунин дар ҳудуди Олмон ё киштии обӣ ё ҳавопаймое, ки таҳти парчами он ҳаракат мекунад, содир шудаанд, амал мекунад.

Қонуни ҷиноятӣ нисбат ба кирдорҳои ҷиноятӣ, ки бар зидди шаҳрванди Ҷумҳурии Федеративии Олмон берун аз ҳудуди Олмон содир шудаанд, инчунин нисбати шаҳрванди хориҷие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Федеративии Олмон ҷиноят содир намудааст, амал мекунад.

Кирдорҳои ҷиноятӣ дорои се нишона мебошанд: сазовори ҷазо будан, зиддиҳуқуқӣ будан ва гунаҳгорӣ. Кирдорҳои ҷиноятӣ дар Олмон ба ҷиноятҳо (verbrechen) ва рафтори ношоям (vergehen) ҷудо мешаванд.

Ҷиноят – ин кирдори зиддиҳуқуқие мебошад, ки барои он ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати на кам аз 1 сол ё ҷазои сахттар пешбинӣ шудааст.

Кирдори ношоям – ин кирдори зиддиҳуқуқие мебошад, ки барои он ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати камтар аз як сол ё ҷарима пешбинӣ шудааст.

Субъекти кирдори ҷиноятӣ фақат шахсони воқеӣ, мукаллаф, ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ расида шуда метавонанд. Мувофиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон мукаллафии сусттар, яъне паст будани қобилияти шахс ҷиҳати дарк кардани зиддиҳуқуқӣ будани кирдор ва идора кардани ҳаракатҳояш (бар асари беморӣи кӯтоҳмуддати руҳӣ) асоси сабук кардани ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

Вобаста ба ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд, баъзе хусусиятҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон ба назар мерасад. Ҳамин тавр, дар қонун нишонаҳои баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ мустаҳкам нашудаанд. Фақат ишора ба он мешавад, ки агар шахс аз тарсу ҳарос, парешонӣ аз ҳадди мудофиаи зарурӣ барояд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Розигии ҷабрдида барои ба ӯ расонидани зарари ҷисмонӣ мисол, дар мусобиқаи варзишӣ низ ҳолате эътироф шудааст, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад, агар дар баробари ин, меъёрҳои умумиэътирофшудаи ахлоқӣ вайрон нашуда бошанд (§ 22 а).

Бо Қонуни асосии Ҷумҳурии Федеративии Олмон соли 1949 ҷазои қатл бекор карда шуд. Ҳамаи ҷазоҳои ҷиноятӣ мувофиқи ҳуқуқи ҷиноятии олмонӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ ҷудо мешаванд.

Ба ҷазоҳои асосӣ ҷазоҳои зерин мансубанд:

1. Маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати муайян (аз 1 моҳ то 15 сол) ва якумра аз озодӣ маҳрум сохтан. Нисбат ба таҷрибаи татбиқи ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҳаминро бояд қайд намуд, ки Суди конститутсионии Федералӣ соли 1977 дар асоси принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд қарор қабул кард. Мувофиқи он қисми ҷазо бояд бо шартан маҳкумкунӣ иваз шавад, ресотсиализатсия ҳамчун мақсади ҷазо имконияти аз ҷониби маҳкумшуда ба даст овардани озодиро дар назар дорад[151].

Нисбати ноболиғон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 1 то 10 сол фақат дар ҳолатҳое татбиқ мешавад, ки агар чораҳои хусусияти тарбиявидошта нокифоя бошанд ё ноболиғ кирдори вазнин содир карда бошад.

Дар ҳабс нигоҳ доштан (аз ду ҳафта то 6 моҳ) мувофиқи Қонун дар бораи ҷиноятҳои ҳарбӣ нисбат ба аскарони хизмати муҳлатнок таъйин мешавад.

2. Ҷарима дар шакли пулӣ ва молумулкӣ таъйин мешавад. Ҷаримаи пулӣ дар намуди маоши ҳаррӯза (аз 5 то 360 маоши ҳаррӯза) таъйин карда мешавад. Андозаи маоши ҳаррӯза бо назардошти вазъи молумулкии шахс муайян карда мешавад. Дар баробари ин суд даромади софеdo, ки шахс дар як рӯз ба ҳисоби миёна ба даст медарорад, ба асос мегирад. Андозаи маоши якрӯза мумкин аст аз 2 то 10 ҳазор маркаи олмониро ташкил диҳад.

Ҷаримаи молумулкӣ ин маблағи муайяне мебошад, ки аз арзиши молу мулке, ки ҷинояткор бояд мувофиқи ҳукми суд пардохт намояд, зиёд нест.

Ба ҷазоҳои иловагӣ ҷазоҳои зерин мансубанд:

1) манъи идора кардани воситаи нақлиёт;

2) мусодираи даромаде, ки бо роҳи ҷиноят ба даст доварда шудааст, инчунин мусодираи олоту воситаи содир намудани ҷиноят;

3) маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян, ҳуқуқи интихоб шудан ё интихоб намудан.

[151] Криминология. М.: Прогресс-универс, 1994. С. 393-396.

# БОБИ XXIII
# РАВИЯҲОИ АСОСӢ ДАР ИЛМИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

**§ 1. Равияи маорифпарварӣ – инсондӯстӣ**
**§ 2. Равияи классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ**
**§ 3. Равияи антропологӣ**
**§ 4. Мактаби сотсиологӣ**

## § 1. Равияи маорифпарварӣ – инсондӯстӣ

Консепсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ғояҳо дар бораи табиат ва сабабҳои ҷиноятгорӣ, дар бораи шахсияти ҷиноятгор аз ҷониби ҳуқуқшиносон, файласуфон, сотсиологон дар муддати асрҳои зиёд баён мешуданд. Ақидаҳои мутафаккирон дар баъзе мавридҳо монанд буданд, дар баъзе мавридҳо якдигарро пурратар мекарданд, баъзан бо ҳам мухолиф буданд. Вобаста ба ин дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ равияҳои (мактабҳои) асосӣ пайдо шуда, инкишоф ёфтанд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ чор равияи (мактаби) асосӣ фарқ карда мешавад: равияи маорифпарварӣ – инсондӯстӣ, равияи классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ, равияи антропологӣ ва мактаби сотсиологӣ.

Равияи маорифпарварӣ – инсондӯстӣ дар асоси таълимотҳои маорифпарварони машҳур Шарл Монтескё, Волтер, Чезари Беккариё ташаккул ёфтааст. Равияи маорифпарварӣ-инсондӯстӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дар асри XVIII пайдо шуда, қисми таркибии ғоявии барномаи инқилоби соли 1789 Фаронсаро таҷассум мекард.

Маорифпарвари Фаронса Монтескё Шарл Луи де Секонда (18.01.1689-10.02.1755) ақидаҳои ҳуқуқии ҷиноятии худро дар рисолаҳояш “Мактубҳои форсӣ” ва “Дар бораи руҳи қонунҳо” баён намудааст. Шарл Монтескё хусусияти беасос бераҳмона будани ҳуқуқи ҷиноятии феодалиро танқид намуда, маҳдуд кардани доираи кирдорҳои ҷиноятии сазовори ҷазобударо, махсусан кирдорҳои хусусияти динидоштаро зарур меҳисобид. Ба ақидаи вай тарси ҷазо (ҳатто чунин ҷазо ба мисли дар оташ сӯзондан) воситаи самараноки пешгирии ҷиноятҳо ба ҳисоб намеравад. Ба

ақидаи Шарл Монтескё "барои ҷиноятҳои динӣ ҷазои қатл набояд татбиқ шавад ва шаҳрванд лоиқи марг аст, агар ӯ амниятро вайрон намуда, ягон шахсро аз ҳаёт маҳрум карда бошад ё таҷовуз ба ҳаёти шахси дигар карда бошад. Ҷазои қатл дар ин ҳолат ҳамчун даъвои ҷамъияти иллатнок баромад мекунад".

Монтескё на бераҳмии ҷазо, балки ногузирии ҷазоро воситаи самараноки пешгирии ҷиноятҳо меҳисобид: "агар ба сабабҳои ҳар гуна бадахлоқӣ таваҷҷӯҳ кунед, шумо мебинед, ки вай на бинобар суст будани ҷазоҳо, балки дар натиҷаи беҷазо мондани ҷиноятҳо ба миён меояд". Монтескё пешгирии ҷиноятҳоро бо беҳтар кардани урфу одатҳои одамон ва ҷамъият алоқаманд мекард. Ба ақидаи Монтескё қонун бояд фақат барои ҳаракатҳои берунӣ ҷазо муқаррар кунад ва барои ақидаю ғояҳое, ки дар ягон ҳаракати берунӣ таҷассум наёфтаанд, шахс бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашавад[152].

Монтескё асоси роҳбарикунандаро пешниҳод кард, ки мувофиқи он ҷиноят бояд аниқ дар қонун муайян шуда бошад ва судя набояд мазмуни аниқи қонунро вайрон кунад.

Ғояҳои Монтескё минбаъд дар асарҳои Чезари Беккариё инкишоф ёфтанд. Маорифпарвари итолиявӣ – Чезари Беккариё (1738-1794) муаллифи рисола "Дар бораи ҷиноятҳо ва ҷазоҳо" (соли 1764) буда, барои инкишофи равияи маорифпарварӣ – инсондӯстӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми калон гузоштааст. Мутафаккир қайд мекард, ки "фақат қонун ҳолатҳоеро муқаррар мекунад, ки ҳангоми мавҷуд будани онҳо шахс лоиқи ҷазо мебошад". Ҳамин тариқ, дар қонун бояд он нишонаҳои ҷиноят баён шуда бошанд, ки дар асоси он шахси ҷиноят содирнамуда, лоиқи дар ҳабс нигоҳ доштан, пурсиш ва сазовори ҷазо мегардад.

Чезари Беккариё дар рисолааш ба таври аниқ принсипҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятиро баён кардааст:

- ҷазоро барои ҷиноятҳо фақат қонун муқаррар мекунад;
- судя наметавонад ҳатто бо баҳонаи хизматрасонӣ ба манфиатҳои ҷамъиятӣ чораи бо қонун муқарраршудаи ҷазоро зиёд кунад;
- баробарии ҷазоҳо барои ҳамаи шаҳрвандон;
- вазнинии ҷазо бояд ба вазнинии ҷинояти содиршуда мувофиқат кунад.

Чезари Беккариё ғояҳои Монтескёро дар бораи асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ дастгирӣ карда, чунин меҳисобид, ки одамон

[152] Ниг.: Монтескьё Ш. Избранные произведения. М., 1995. С. 163.

бояд на ин ки барои фикру ақидаашон, балки барои ҳаракатҳояшон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Ба ақидаи вай, меъёри ягона ва ҳақиқии ҷиноятҳо зараре мебошад, ки бо онҳо ба миллат ва манфиатҳои ҷамъиятӣ расонида шудааст.

Ба ақидаи Чезари Беккариё мақсадҳои ҷазо на сазо, қасосгирӣ, азобу уқубати инсон аст. "Мақсади ҷазо фақат дар он ифода мегардад, ки ба гунаҳгор барои ба ҷамъият минбаъд расонидани зарар монеъгӣ кунад ва дигар шахсонро аз содир намудани ҷинояд боздорад".

Чезари Беккариё ба таври қатъӣ бар зидди ҷазои қатл баромад кард. "Ҷазои қатл бефоида аст – менавишт Чезари Беккариё, зеро вай ҳамчун намунаи бераҳмӣ баромад карда, одамонро боз ҳам сангдил мекунад ва бо содир шудани ҷиноятҳои нав мусоидат мекунад". Ӯ пешниҳод кард, ки ҷазои қатл бо бадарғаи якумра иваз карда шавад. Ба ақидаи ӯ ин ҷазо нисбатан инсондӯстона буда, аз нуқтаи назари пешгирии умумӣ нисатан самараноктар аст[153].

Маорифпарвари дигари Фаронса – Волтер Мари Франсуа Аруэ (1694-1778) ба мисли Монтескё ва Беккариё муносибати инсондӯстонаро нисбат ба ҳуқуқи ҷиноятӣ дастгирӣ мекард. Ду асари ӯ "Тафсири китоб дар бораи ҷиноятҳо ва ҷазоҳо" (1766) ва "Мукофот барои адолат ва инсондӯстӣ" (1777) ба масъалаҳои пешгирии ҷинояткорӣ, мувофиқати ҷиноят ва ҷазо бахшида шудааст. Волтер низ ба мисли Монтескё ва Беккариё қайд мекард, ки байни ҷиноят ва ҷазо, байни вазнинии ҷинояти содиршуда ва вазнинии ҷазо бояд мувофиқат ҷой дошта бошад.

Ба ақидаи ин мутафаккири машҳур ба қатл расонидани ҷинояткорон ба манфиати ҷамъият набуда, балки маҳкум кардани онҳо ба корҳои ҷамъиятӣ бештар ба манфиати ҷамъият аст. Волтер яке аз аввалинҳо буд, ки ба масоили ҳавасмандкунӣ ва маҳдудиятҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ назар афканд. Ӯ қайд кардааст: "Дар Олмон ва Фаронса бе ягон хел фарқият ҳам шахсонеро, ки дар роҳҳои калон куздӣ содир кардаанд, ҳам онҳоеро, ки одамкушӣ бо ғоратгариро содир кардаанд бо чархи махсус пора пора карда, ба қатл мерасонанд. Чӣ тавр дарк намекунанд, ки ин ғоратгаронро ба одамкушӣ бо мақсади нест кардани объектҳо ва шаҳидони ҷиноятҳояшон таҳрик мекунад"[154].

Маорифпарвари дигари Фаронса – Жан Пол Марат (1743-1793) – яке аз арбобони намоёни инқилоби франсавии соли 1789,

---

[153] Ниг.: Беккария Ч. О преступлениях  и наказаниях. М., 1995. С. 167.
[154] Ниг.: Вольтер Ф.М. Избранные произведения по уголоному праву и процессу. М., 1956. С. 339.

олим ва публитсисти машҳур буд. Асарҳои сершумори ӯ ба масоили физика, тиб, иҷтимоӣ-сиёсӣ, ҳуқуқ бахшида шудааст. Асари ӯ "Нақшаи қонунгузории ҷиноятӣ" масоили техникаи қонуни ҷиноятӣ, забон ва шаклҳои онро дар бар гирифтааст. Ба ақидаи Марат, барои он ки қонунҳо одилона ва оқилона бошанд, дар онҳо набояд "оид ба мафҳумҳои ҷиноят ва ҷазо ягон нофаҳмӣ ва номуайянӣ ҷой дошта бошад, зеро ҳар як шахс бояд қонунҳоро фаҳмад ва донад, ки бо вайрон кардани қонунҳо ӯ худашро ба ҷазо гирифтор мекунад, вобаста ба ин Кодекси ҷиноятӣ набояд аз аниқии аз ҳад зиёд тарсад".

Дигар талаботе, ки Марат нисбат ба қонунҳои ҷиноятӣ пешниҳод мекард, ин соддагии онҳо аст: қонуни ҷиноятӣ "набояд аз соддагии аз ҳад зиёд тарсад". Марат талаб мекард, ки қонунҳо бояд интишор гарданд, то ин ки шаҳрвандон бо онҳо шинос шаванд. Инчунин Марат ақидаҳои Монтескё ва Беккариёро оид ба пешгирии ҷиноятҳо, мувофиқати ҷиноят ва ҷазо, ногузирии ҷазо инкишоф додааст[155]. Ҳамин тариқ, ҳолатҳои асосии равияи маорифпарварӣ-инсондӯстиро чунин тавсиф додан мумкин аст:

- зарурати ба қадри имкон маҳдуд кардани татбиқи ҷазои қатл (махсусан, чунин тарзҳои бераҳмонаи ба қатл расонидан, ба мисли бо чархи махсус пора пора карда, ба қатл расонидан ва дар оташ сӯзондан);
- ҷиноят будани кирдор ва сазовори ҷазо будани кирдорро бояд қонун муқаррар кунад;
- ҷиноятҳои хусусияти динидошта набояд сазовори ҷазо бошанд ё ақкалан сазовори ҷазои бераҳмона набошанд;
- сахтии ҷазо бояд бо вазнинии ҷинояти содиршуда мувофиқат кунад;
- мақсади ҷазо на дар сазо, подош барои ҷинояти содирнамуда, балки дар пешгирии умумӣ ва махсуси ҷиноятҳо ифода мегардад.

## § 2. Равияи классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ

Равияи классикии ҳуқуқи ҷиноятӣдар охири асри XVIII – ибтидои асри XIX пас аз инқилоби соли 1789 Фаронса ташаккул ёфт. Ин равия таълимотҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла консепсияҳои ҳуқуқии ҷиноятии файласуфҳои олмонӣ – Кант ва Гегел, ақидаҳои ҳуқуқии ҷиноятии криминалисти олмонӣ Анселд Фейербахро дар бар мегирад.

[155] Марат Ж.П. План уголовного законодательства. М., 1951. С. 45.

Фалсафаи классикии олмонӣ ҳамчун таҳкурсии назариявии мактаби классикӣ хизмат кард. Конструксияҳои фалсафӣ-ҳуқуқии озодии ирода, ҷинояткорӣ ва сазовори ҷазо будани кирдор, ки аз ҷониби И. Кант ва Г. Гегел ифода шуда буданд, ба ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсири ҷиддӣ расониданд.

Сардафтари фалсафаи олмонии классикӣ Иммануил Кант (1724-1804) ба равияи классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ бо ҳалли масоили асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва консепсияи ҷазо таъсири ҷиддӣ расонид. Масоили асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси таълимоти ӯ оид ба ахлоқу маънавиёт ҳалли худро меёбад. Асоси ин таълимоти Кантро "талаби (императивӣ) қатъӣ" ташкил медод. И.Кант қоидаи рафтори лозимиро ҳамчун “талаби (императивӣ) қатъӣ” муайян кард, ки чунин омадааст: “Мувофиқи чунин қоидае рафтор кун, ки ту мехоҳӣ вайро ҳамчун қонуни умумии ахлоқӣ бинӣ, яъне дигарон ҳама тавонанд аз рӯйи он амал кунанд”.

Файласуф Кант озодии иродаи инсон, яъне имконияти бошууриона ва бе мамониат интихоб намудани тарзи рафтори худро ба сифати асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ дида мебаромад. Кант чунин меҳисобид, ки “талаби (императивӣ) қатъӣ”-и ӯ пешниҳодкарда, дар соҳаи ҳуқуқ, дар озодии инсон ҷиҳати содир кардани рафтори дилхоҳ, агар он озодии дигар инсонро маҳдуд накунад, ифода мегардад. Аз ин ҷо, Кант иродаи озоди ҳуқуқвайронкунандаро ҳамчун мавҷудоти бошуур асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ меҳисобид.

Мувофиқи консепсияи ҷазои таълимоти Кант шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, бояд мувофиқи принсипи талион, яъне сазо, подош баробар ҷазо дода шавад. Кант чунин меҳисобид, ки мувофиқи “талаби (императивӣ) қатъӣ” одамкушӣ бояд бо ҷазои қатл, таҷовуз ба номус бояд бо ахта кардан, таҳқир дар назди омма, бӯса кардани дасти ҷабрдида аз ҷониби таҳқиркунанда ва ғайра ҷазо дода шавад. Ба ақидаи Кант мақсади ҷазо – ин сазо, подоше мебошад, ки ба ҷинояти содиршуда баробар аст.

Файласуфи олмонӣ Георг Вилгелм Фридрих Гегел (1770-1831) таълимоти ҳуқуқии ҷиноятии худро дар асараш “Фалсафаи ҳуқуқ" баён кардааст. Ба ақидаи Гегел, инкишофи диалектикӣ дар шакли сегона баромад карда, дар он се марҳила фарқ карда мешавад: тезис, инкори он – антитезис, инкори инкор – синтез. Антитезис ин яъне инкори инкишофи пештара мебошад. Синтез – нафақат инкори антитезис, балки барқарор кардани он арзишҳое мебошад, ки дар инкишофи пештара ҷой доштанд. Вобаста ба таълимот дар бораи ҷиноят ва ҷазо Гегел сегонаи худро ба таври зерин муайян

кард. Тезис – ин мавҷудияти ҳуқуқи абстракт, ки иродаи умумро ифода мекунад. Иродаи инфиродӣ, ки дар ҷиноят ифода гардидааст, ин инкори ҳуқуқи абстракт, яъне антитезис мебошад. Ҷазое, ки ба ҷинояткор таъйин мешавад, ин синтез аст, яъне инкори ҷиноят ва барқарор кардани ҳуқуқи вайроншуда мебошад. Вобаста ба ин, ҳуқуқи давлат ба ҷазоро Гегел на аз ин ё он мақсадҳои ҷазо (сазо, ислоҳ кардан ва ғайра), балки аз адолати мантиқӣ ва ногузирии ҷазое, ки барои барқарор кардани ҳуқуқ зарур аст, муайян мекунад.

Гегел низ ба мисли намояндагони равияи маорифпарварӣ-инсондӯстӣ чунин меҳисобид, ки шахс на барои фикру ақидаҳояш, балки фақат барои ҷинояти содирнамудааш мумкин аст ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Ба ақидаи Гегел моҳияти инсон на дар хоҳишу нияташ, балки дар фаъолияти ӯ зоҳир мегардад: "субъект ин қатори амалҳо мебошад"[156].

Гегел ба таври қатъӣ мухолифи гунаҳгоркунии объективӣ баромад карда, таъкид мекард, ки барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест. Гегел хулосаи хеле муҳимро оид ба номукаллафиро ҳолати истиснокунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф кардан баён намуд. Ӯ ба таври қатъӣ бар зидди татбиқи ҷазои ҷиноятӣ нисбати номукаллафон баромад карда, барои иваз намудани ҷазо бо табобати тиббӣ истодагарӣ мекард.

Анселм Фейербах (1775-1833) – намояндаи хеле намоёни мактаби классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ буд. Ба ғояҳои Беккариё такя намуда, вай принсипҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятиро дар намуди формулаҳои лотинӣ баён кард:

-"nulla poena sine lege" – бе қонун ҷазо нест;

-" nulla poena sine crime" – бе ҷиноят ҷазо нест;

-"nullum crimen sine poena legali" – бе ҷазои қонунӣ ҷиноят нест.

Аз ҷониби А. Фейербах чунин падидаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба мисли таркиби ҷиноят, гуноҳ, сӯиқасд ба ҷиноят, шарикӣ дар ҷиноят кор карда баромада шуданд. Ҳамин тавр, маҳз Фейербах масъалаи зарурати фарқ кардани асосҳои объективӣ (кирдори ҷиноятии бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда) ва субъективии ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён гузошт. Фейербах инчунин ба зарурати фарқ кардани шаклҳои гуноҳ – қасди бад (dolus) ва беэҳтиётӣ (culpa) таваҷҷӯҳ намуд. Ӯ критерияҳои объективиро дар масъалаи

[156] Гегель Г. Философия права. М., 1990. С. 167.

ҷавобгарӣ барои сӯиқасд ба ҷиноят (дараҷаи пасти ҷавобгарӣ нисбат ба ҷинояти хотимаёфта) ва шарикӣ дар ҷиноят (сазовори ҷазо будани ҳаракатҳои таҳриккунанда ва ёрдамчӣ вобаста ба нақши онҳо дар содир намудани ҷиноят) муайян кард.

Фейербах ҷазоҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекард: ҷазоҳои таҳдидкунанда ва ҷазоҳои расонанда. Мақсади ҷазоҳои гурӯҳи якум – ин ба воситаи тарсу ваҳм аз ҷиноят дур кардан аст, мақсади ҷазоҳои гурӯҳи дуюм – намоиши дар амал татбиқ шудани қонун аст[157].

Ҳамин тариқ, мактаби классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба принсипҳои зерин асос ёфтааст:

- нест ҷиноят, нест ҷазое, ки дар қонун муқаррар нашудааст;
- сазо, подош барои ҷинояти содирнамуда мақсади асосии ҷазо аст;
- озодии иродаи инсон ҷавобгарии ӯро барои ҳаракатҳояш муайян мекунад. Номукаллаф дорои иродаи озод намебошад, вобаста ба ин вайро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест;
- ҷазои сахттар, сахттар кардани қонунгузории ҷиноятӣ барои худдории одамон аз содир намудани ҷиноят мусоидат мекунад.

Мактаби классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ аксар вақт ҳамчун таълимот дар бораи кирдори ҷиноятӣ дида баромада мешавад. Диққати асосӣ ба конструксияҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, дар қонун аниқ баён шудани нишонаҳои ҷиноят дода шудааст, шахсияти ҷинояткор бошад амалан ба эътибор гирифта нашудааст. Мувофиқан намояндагони мактаби классикӣ чунин меҳисобанд, ки на одаме, ки ҷиноятро содир кардааст, балки кирдори ҷиноятӣ ҷазо дода мешавад.

Аз шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ ҷудо кардани масоили ҷиноят ва ҷинояткорӣ, сабабҳои ҷинояткориро бо озодии иродаи ҷинояткор асоснок кардан ба он оварда расонд, ки асосҳои назариявии равияи классикӣ дар интиҳои асри XIX сабаби баланд шудани сатҳи ҷинояткориро дар давлатҳои мутараққӣ муайян карда натавонист. Равияи мазкур натавонист тамоюли баланд шудани сатҳи ҷинояткориро аз ҷиҳати назариявӣ шарҳу эзоҳ диҳад ва чораҳои ҳуқуқии ҷиноятии мубориза бо ҷинояткориро кор карда барояд. Вобаста ба ин, равияи классикӣ ба бӯҳрон гирифтор шуда, таҳти танқиди равияҳои нав дар ҳуқуқи ҷиноятӣ - равияи антропологӣ ва сотсиологӣ қарор гирифт.

Дертар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ равияи неоклассикӣ ҷудо шуд, ки аз догмаҳои эътиқодманд дур шуда, як қатор ҳолатҳои

[157] Ниг.: Фейербах А. Уголовное право. СПб., 1810. С. 122.

мактаби классикиро тағйир дод. Намояндаи неокласситсизм А. Принс сабук кардани чораҳои ҷазои ҷиноятӣ ва нисбатан инсондӯстона кардани онҳоро зарур меҳисобид. Ба ақидаи ӯ, барои мубориза бо ҷиноятқорӣ комплекси чорабиниҳо зарур аст: чораҳои иҷтимоии пешгирии кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, чораҳои судӣ ва чораҳои пенитенсиарӣ. А. Принс барпо намудани якчанд намудҳои муассисаҳои пенитенсиариро пешниҳод намуд, ки бояд аз рӯйи низоми нигоҳ доштани маҳкумшудагон аз ҳамдигар фарқ кунанд[158].

Франс Фон Лист дар асарҳояш як қатор ҳолатҳои мактаби классикиро аниқтар баён мекунад. Махсусан ӯ ба чораҳои ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун мақсади ҷазо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуд. Ҳамин тавр, ӯ чунин меҳисобид, ки ба муддати кӯтоҳ аз озодӣ маҳрум сохтан ҷиноятқорро ислоҳ намекунад, наметарсонад, безарар намекунад, балки вайро ба содир намудани ҷиноятҳои нав таҳрик мекунад. Бинобар ин, муҳлати ҳадди ақали маҳрум сохтан аз озодӣ ба ақидаи Лист бояд аз як сол кам набошад. Махсусан нисбати ҷиноятқорони ислоҳнашаванда бояд ҷазои сахт таъйин шавад. Мисол, ӯ пешниҳод мекард, ки барои ҷинояти сеюм бояд ҷазои дар маҳбас ба муҳлати номуайян нигоҳ доштан татбиқ шавад[159].

## § 3. Равияи антропологӣ

Пайдоиши равияи антропологӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бо баланд шудани сатҳи ҷиноятқорӣ ва ноқобилии мактаби классикӣ дар пешниҳоди чораҳои зарурии мубориза бо ҷиноятқорӣ алоқаманд буд. Асосгузори ин равия – табиби руҳшиноси итолиявӣ Чезаре Ломброзо (1835-1909) буд, ки ҷиноятқориро ҳамчун ҳодисаи хусусияти биологидошта тавсиф медод.

Дар асари худ "Одами ҷиноятӣ" Ломброзо назарияи ҷиноятқори модарзодро асоснок намуд. Ба ақидаи Ломброзо, ҷиноятқор – ин типи махсуси биологӣ буда, дорои нишонаҳои антропологӣ мебошад ва ин ё он инсон ҷиноятқор таваллуд мешавад ва ислоҳ шуда наметавонад. Ҷиноятқор ҳамчун мавҷудоти махсус аз дигар одамон фарқ мекунад. Сараввал Ломброзо чунин меҳисобид, ки ба ҷиноятқорон аз лаҳзаи таваллуд нишонаҳое мансубанд, ки барои одамони давраи ибтидоӣ хос буданд. Ба

---

[158] Ниг.: Принс А. Защита общества и преобразование уголовного права. М., 1912. С. 23-35.

[159] Ниг.: Лист Ф. Наказание и его цели. СПб., 1895. С. 72; Лист Ф. Учебник уголовного права (Общая часть). М., 1903. С. 274.

чунин нишонаҳои атавистӣ (дар авлод зоҳир шудани нишона ва хусусиятҳои аҷдодӣ) нодурустии косахонаи сар (пешонаи танг, устухони калони рухсора) сермӯии аз ҳад зиёди сар ва бадан, дастони калони номутаносиб ва дигар нишонаҳо мансуб мебошанд. Ломброзо вобаста ба нишонаҳои антропологӣ типологияи ҷинояткоронро (қотилон, дуздон, қаллобон, таҷовуз ба номус содиркунандагонро) кор карда баромад. Ҳамин тавр, ба ақидаи ӯ барои қотилон мисол, устухонҳои калони рухсора ва ҷоғ, дандонҳои дароз, лаби борик, уқоббинӣ ва дигар нишонаҳо хос мебошад. Барои дуздон чашмони беҷо, риши тунук хос аст. Шахсоне, ки таҷовуз ба номусро содир мекунанд, одатан лаби ғавс, мӯи дароз ва дигар нишонаҳоро доро мебошанд.

Дар асоси назарияи ҷинояткори модарзод ва ислоҳнашаванда Ломброзо ва пайравони ӯ пешниҳод мекарданд, ки нисбат ба ҳуқуқвайронкунандагон бояд ҷазои қатл, маҳрум сохтан аз озодӣ, ахта кардан ва дигар чораҳо татбиқ шаванд. Ба ақидаи антропологҳо чораҳои номбурда бояд ҷазоеро, ки суд таъйин мекунад, иваз кунанд. Намояндагони ин равия барҳам додани суд ва бо мақомоти махсуси маъмурӣ иваз намудани онро пешниҳод намуданд. Мақомоти махсуси маъмурӣ вазифадор аст, ки дар ин ё он субъект нишонаҳои "одами ҷиноятӣ"-ро муайян намуда, масъалаи нисбат ба ӯ татбиқ намудани чораҳои бехатариро ҳал намояд. Бешубҳа ин ақидаю хулосаҳо хусусияти бениҳоят реаксионӣ доштанд. Беҳуда нест, ки назарияи Ломброзо ва пайравони ӯ (мисол, Э. Ферри) дар қатори дигар назарияҳои нажодпарастона дар Италияи фашистӣ ва Германияи гитлерӣ барои асоснок намудани кушторҳо ва ҷазодиҳии оммавӣ аз рӯйи ангезаи нажодӣ ва сиёсӣ васеъ истифода мешуд.

Тадқиқотҳои минбаъдаи олимони дигар назарияи ҷиноятӣ – антропологии Ломброзоро тасдиқ накарданд. Ҳамин тавр, соли 1918 ҳуқуқшиноси англис Торинг тадқиқотҳои Ломброзоро бо роҳи муқоисаи гурӯҳи калони маҳбусон бо донишҷӯёни Кембриҷ, Оксфорд ва Абердин, инчунин бо хизматчиёни ҳарбӣ ва омӯзгорони коллеҷҳо санҷид. Маълум гардид, ки байни ин гурӯҳҳои шахсон ва ҷинояткорон ягон хел фарқиятҳои ҷисмонӣ ҷой надоранд. Чунин тадқиқотҳо бо чунин натиҷаҳо аз ҷониби дигар олимон низ гузаронида шуданд[160]. Лекин бояд қайд намуд, ки ин назария барои коркарди минбаъдаи усулҳои биологӣ-психологӣ ва сотсиологии

[160] Ниг.: Криминология. М., 1976. С. 88.

омӯзиши ҷинояткорӣ ҳамчун асос хизмат намуд. Ғояҳои Ломброзо ба криминалогияи клиникӣ низ таъсир расониданд. Ҳамин тавр, баъзе криминологҳо ғояҳои Ломброзоро эҷодкорона инкишоф дода, шахсонеро, ки ҷиноятҳои зӯроваронаи шаҳвонӣ содир намудаанд, ба сифати ҷинояткорони ислоҳнашаванда дида мебароянд. Ба ақидаи клинисистҳо ин ҷиноятҳо аз ҷониби шахсоне содир мешаванд, ки гирифтори бемориҳои руҳӣ буда, на ба ҷазо, балки ба табобати маҷбурӣ муҳтоҷ мебошанд. Лекин дар баъзе ҳолатҳо ба сифати чораи пешгирикунанда нисбати чунин ҷинояткорон мумкин аст ахта кардан татбиқ шавад.

Дар асарҳои дигари худ "Ҷиноят", "Зан ҷинояткор ва фоҳиша" Ломброзо аз ақидаҳои эътиқодманди худ дур мешавад. Маълумоти сотсиологиро таҳлил намуда, Ломброзо таъсири маълумот, қашшоқӣ, майзадагӣ, зичии аҳолӣ ба ҷинояткориро тадқиқ мекунад. Ӯ ба чунин хулосае меояд, ки асоси рафтори ҷиноятиро сабабҳои зиёд ташкил медиҳанд: иқлимӣ, иҷтимоӣ-маданӣ, меросӣ ва дигарон[161].

Ғояҳои равияи антропологӣ хеле пойдор баромаданд ва дар назарияҳои биологӣ-психологии сабабҳои ҷинояткорӣ эҳё шуданд. Мувофиқи ин назария сабабҳои ҷинояткорӣ соф аз нуқтаи назари генетикӣ маънидод карда мешаванд. Махсусан, исботкунии ҳолатҳои мазкур бо роҳи истифодаи усулҳои "дугоникӣ" ва "хромосомавӣ" хеле паҳн шудаанд. Дар тадқиқотҳое, ки бо усули дугоникӣ алоқаманданд умумияти тақдири ҷинояткорони дугоник муқаррар мешавад (дар асоси дараҷаи мувофиқии сохти генетикии онҳо). Дар баробари ин, чунин ҳолате ба эътибор гирифта нашудааст, ки одатан ин дугоникҳо дар фазои якхелаи иҷтимоӣ тарбия ёфтаанд. Ва маҳз ҳамин ҳолат муайянкунанда мебошад, на асосҳои генетикии содир намудани ҷиноят.

Олимони генетик манбаъҳои биологии ҷинояткорӣ, мавҷуд будани ҷинояткори "модарзод"-ро бо истифодаи усули хромосомавӣ низ муқаррар карданӣ мешаванд. Тадқиқотҳои олимон-генетикҳо нишон доданд, ки дар баъзе мардҳо нодурустии (аномалияи) хромосомавӣ ба мисли мавҷуд будани хромосомаи мардонаи "зиёдатӣ" дида мешавад. Лекин ин усул низ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва тасдиқ нашудааст. Ҳамин тавр, Марказ оид ба омӯзиши ҷинояткории воқеъ дар Институти миллии Америкоии тандурустии руҳӣ муоинаи 6432 ҷинояткороне, ки дар муассисаҳои ислоҳии

[161] Ниг.: Ломброзо Ч. Преступление. М.: Спарк, 1994. С. 121; Ломброзо Ч., Ферреро Г. Женщина преступница и проститутка. Чебоксары, 1994. С. 33.

ИМА, Канада ва мамлакатҳои аврупоӣ нигоҳ дошта мешуданд, гузаронид. Дар баробари ин, мувофиқи назарияи хромосомавӣ гурӯҳҳои махсус ҷудо карда гирифта шуда буданд. Натиҷаҳои тадқиқотро ҷамъбаст намуда, муаллифони маърӯза – ҳисоботи илмӣ чунин қайд намуданд: "Ақидаи паҳнгардида тасдиқ нагардид ва муқаррар карда нашуд, ки одамон бо аномалияҳои хромосомавии ХУУ (формулаи аномалияи хромосомавӣ, яъне мавҷуд будани хромосомаи мардонаи "зиёдатӣ") дар фарқ аз ҷинояткорон бо хромосомаҳои муътадил, ки интихобан муоина шудаанд, нисбатан агрессивӣ мебошанд[162].

Дар замони ҳозира дар илми ҳуқуқ ҳеҷ кас зарурати таҳлил ва баҳисобгирии хусусиятҳои тиббӣ-биологии ҷинояткор, хусусиятҳои руҳӣ ва аномалияҳои вайро инкор намекунад. Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари фаҳмиши кирдори ҷиноятии шахс асоси иҷтимоии он муайянкунанда буда, хусусиятҳои тиббӣ-биологӣ гарчанде муҳим бошанд ҳам, лекин ба ин асос тобеъ мебошанд. Чунинанд мутаносибии асосҳои иҷтимоӣ ва биологӣ дар механизми рафтори ҷиноятӣ.

## § 4. Мактаби сотсиологӣ

Назарияи антропологӣ бинобар баръало зиддиилмӣ буданаш ақлу хиради одамон ва аҳли амалро ба таври ҷиддӣ ҷалб карда натавонист. Вазъи ҷинояткорӣ бошад, ғояҳои навро тақозо мекард. Вобаста ба ин, барои иваз намудани мактаби антропологӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ равияи нав – мактаби сотсиологӣ ба вуҷуд омад. Намояндагони ин равия криминалисти олмонӣ Ф.Лист, криминалисти белгиявӣ – А. Принс, ҳуқуқшиносони франсавӣ – М. Ансел, Ф. Грамматика, ҳуқуқшиноси италиявӣ – Э. Ферри ва дигарон буданд.

Асоси равияи сотсиологиро назарияи омилҳои ҷинояткорӣ ташкил медод. Одатан се гурӯҳи омилҳо фарқ карда мешуд:

1) омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ (бекорӣ, фоҳишагарӣ, қашшоқӣ ва дигарон);

2) омилҳои воқеӣ ё оламӣ (вақти сол, шабонарӯз, иқлим, вазъи боду ҳаво);

3) омилҳои инфиродӣ ё биологӣ (ҷинс, синну сол, миҷоз, хусусиятҳои руҳӣ ва ҷисмонии ҷинояткор ва дигарон).

---

[162] Ниг.: Курс советской криминологии. Предмет. Методология, преступность и её причины. Преступник / Под ред. В.Н. Кудрявцева, И.И. Карпеца, Б.Б. Коробейникова. М., 1985. С. 279.

Дар ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ ва криминалогия назарияи омилҳои ҷинояткорӣ ҳамчун анъана таҳти танқид қарор гирифт, махсусан барои он ки ин назария ба равияи антропологӣ созиши муайян кард. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки омилҳои иҷтимоии ҷинояткорӣ (шаҳр ё деҳот, майзадагӣ, бекорӣ, касб, фоҳишагарӣ, шароитҳои манзили зист) ва омилҳои инфиродӣ (аслу насаб ва тарбия, маълумот, синну сол, ҷинс, вазъи оилавӣ, хусусиятҳои ҷисмонӣ ва руҳии шахсият), ки сотсиологон ба онҳо мурочиат мекарданд аз ҷониби криминологҳои шӯравӣ низ эътироф шуда, ҳамчун асоси таълимотҳои онҳо дар бораи сабабҳои ҷинояткорӣ ва шахсияти ҷинояткор баромад мекарданд.

Тадқиқотҳои сотсиологии Ч.Ломброзоро шогирди ӯ Э.Ферри давом дод. Э.Ферри мактаби классикии ҳуқуқи ҷиноятиро барои догматизм танқид намуда, даъват мекард, ки ҷиноят ва ҷинояткор бояд бо ёрии антропология, психология, статистикаи ҷиноятӣ ва маҳбасшиносӣ омӯхта шавад. Ҳамаи ин илмҳо дар маҷмӯъ сотсиологияи ҷиноятиро ташкил медиҳанд, ки барои ба таври дигар ҳал кардани масъалаҳои абадии ҳуқуқи ҷиноятӣ имконият медиҳад. Ферри назарияи ҳимояи иҷтимоиро кор карда баромад, ки мувофиқи он ҷамъият бояд худро аз ҷинояткорон бо роҳи ба муддати дурудароз ҷудокунии онҳо ҳифз намояд. Ферри таклиф мекунад, ки нисбати ҷинояткорон бояд ҳукмҳои номуайян баровარда шавад. Муҳлати реалии дар маҳбас нигоҳ доштанро бошад, ба ақидаи Ферри бояд маъмурияти маҳбасхона дар асоси омӯзиши ҷинояткор муайян кунад.

Дар доираи назарияи ҳимояи иҷтимоӣ Ферри консепсияи ҷазоҳои эквивалентӣ (ҳамарзиш), яъне воситаҳои самараноки зидди ҷинояткориро кор карда баромад. Ба онҳо, мисол, паст кардани тарифҳои гумрукӣ барои пешгирии қочоқ, баланд бардоштани музди меҳнати шахсони мансабдор барои пешгирии қочоқ, баланд бардоштани музди меҳнати шахсони мансабдор барои пешгирии порагирӣ ва дигарон дохил мешаванд.

Ферри ҷинояткоронро ба панҷ гурӯҳ ҷудо мекунад: модарзод, одатӣ, руҳан беморон, тасодуфӣ ва ҷинояткорони шаҳвонӣ. Чунин таснифоти ҷинояткорон, бешубҳа аҳаммияти прогрессивӣ дошт ва дар қонунгузории ҷиноятӣ таҷассуми худро ёфт[163].

Намояндагони мактаби сотсиологӣ консепсияи "ҳолати хавфноки шахс"-ро кор карда баромаданд, ки мувофиқи он дар ҷамъият одамоне вомехӯранд, ки тарзи ҳаёт, хусусиятҳои ҷисмонӣ ва руҳии

---

[163] Ниг.: Ферри Э. Уголовная социология. М., 1908. С. 73.

онҳо барои ҷамъият хавфнок мебошад. Ин хавфнокӣ мумкин аст бо содир намудани ҷинояти мушаххас алоқаманд набошад. Бинобар ин, бо мақсади ҳифзи ҷамъият "сотсиологон" таклиф мекарданд, ки дар баробари таъйини ҷазо барои ҷинояти содирнамуда, бояд чораҳои бехатарӣ низ татбиқ шаванд, новобаста аз он ки шахси дар "ҳолати хавфнокӣ" қарордошта, ягон ҷинояти мушаххас содир намудааст, ё не. Нисбати чунин шахсон чораҳои бехатарӣ дар намуди аз ҷамъият ҷудо намудан, дар табобатхонаҳои махсусгардонидашуда ё маҳбас нигоҳ доштани онҳо татбиқ гардад.

Консепсияи "ҳолати хавфноки шахс" яке аз назарияҳои реаксионӣ ба ҳисоб мерафт, зеро иваз намудани ҷазо ва чораҳои бехатарӣ бар хилофи принсипҳои ҷавобгарии гунаҳгорона барои содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, эҳтимолияти бегуноҳӣ мебошад.

Ҳолатҳои асосии мактаби антропологӣ – сотсиологиро чунин тавсиф кардан мумкин аст:

- ҷинояткорӣ ҳамчун ҳодисаи мураттаб, бо омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иқлимӣ, антропологӣ-психологӣ муайян мешавад;
- шахсе, ки дар "ҳолати хавфнокӣ" қарор дорад, бояд аз ҷамъият ҷудо карда шавад;
- мақсади ҷазо на сазо, балки ҳифзи ҷамъият аз ҷинояткорон;
- дар вақти муайян кардани ҷазо бояд пеш аз ҳама шахсияти ҷинояткор ба эътибор гирифта шавад.

Ҳуқуқшиноси франсавӣ Марк Ансел назарияи ҳимояи иҷтимоии аз ҷониби Ферри пешниҳодшударо эҷодкорона инкишоф дод ва он назарияи ҳимояи иҷтимоии навин ном гирифт. Дар ин консепсия диққати асосӣ ба гуманизатсияи қонунгузории ҷиноятӣ, риояи ҳуқуқҳои шахсият дар ҷараёни татбиқи таъсиррасонии ҳуқуқии ҷиноятӣ, ресотсализатсияи ҷинояткор, яъне мутобиқ гардонидани ҷинояткор ба шароитҳо ва тартибот дар ҷамъият мебошад. Ба ақидаи Марк Ансел чораҳои ҳимояи иҷтимоӣ ҳуқуқи ҷиноятии классикиро бекор намекунанд, баръакс қисми таркибии он мебошанд[164].

Ҷонибдорони назарияи ҳимояи иҷтимоии навин ғояҳои худро бо ёрии "деюридизатсия", яъне даст кашидан аз баъзе принсипҳои демократии ҳуқуқ ва мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ гардониданӣ мешуданд. Ба ин ҷо пурзӯр намудани салоҳдиди судӣ дар интихоби санксияҳо, маҳдуд кардани принсипи мубоҳиса дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми ҳалли масъала дар бораи чораи

[164] Ансель П. Новая социальная защита. Гуманистическое движение в уголовной политике: Пер. с франц. М., 1970. С. 19.

мушаххаси ҷазо, эътирофи системаи ҳукмҳои номуайян ва баъзе дигар пешниҳодҳо дохил мешаванд.

Ҳолатҳои асосии назарияи ҳимояи иҷтимоии навинро чунин баён намудан мумкин аст:

- воситаҳои мубориза бо ҷинояткорӣ бояд ҳамчун воситаҳои ҳимояи ҷамъият дида баромада шаванд, на балки ҳамчун ҷазои шахс;

- мақсади ҳимояи иҷтимоӣ – бетаъсир кардани (нейтрализатсияи) ҷинояткор бо роҳи ҷудо кардани ӯ аз ҷамъият ё нисбат ба ӯ татбиқ намудани чораҳои ислоҳӣ ва тарбиявӣ мебошад;

- сиёсати ҷиноятӣ бояд ресотсиализатсияи ҷинояткор, яъне ба ҳаёти муқаррарӣ, ки он дар риояи қонуну меъёри ҷамъиятӣ асос меёбад, баргардонидани ҷинояткорро дар назар дошта бошад.

Ба назарияи ҳимояи иҷтимоии навин ҳам аз ҷиҳати мусбӣ ва ҳам аз ҷиҳати манфӣ баҳо додан мумкин аст. Ғояи "ресотсиализатсия" ба воситаи муҳими сиёсати ҷиноятӣ табдил ёфта, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатҳои зиёд татбиқи худро ёфтааст. Дар баробари ин "деюридизатсия" мумкин аст, ба пайдоиши тамоюлҳои зиддидемократӣ дар мубориза бо ҷинояткорӣ ва ба вайрон шудани ҳуқуқҳои инсон дар ин ҷода оварда расонад.

Чунинанд назарияҳои асосии мактаби сотсиологии ҳуқуқи ҷиноятӣ.

**АМРИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**РАСПОРЯЖЕНИЕ**
**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

I. В связи с принятием нового Уголовного кодекса Республики Таджикистан и для разработки комментарий к Уголовному кодексу Республики Таджикистан создать рабочую группу в составе:

1. Салихов М.С. - Руководитель исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан – руководитель рабочей группы.

2. Юсупова С.О. - Проректор и заведующая кафедрой Уголовного права и процесса Налогово-правового института, кандидат юридических наук – руководитель редакционной коллегии.

3. Шаропов С.Ш. - Генеральный прокурор Республики Таджикистан, доктор юридических наук – член редакционной коллегии.

4. Бабаджанов И.Х. - Старший советник Президента Республики Таджикистан – член редакционной коллегии.

5. Шарипов Т. - Заместитель декана Юридического факультета Национального университета, кандидат юридических наук – член редакционной коллегии.

6. Солиев К.Х. - Начальник кафедры уголовного права Высшей школы Министерства внутренних дел Республики Таджикистан – член редакционной коллегии.

| | | |
|---|---|---|
| 7. Ашуров М.К. | - | Председатель Комитета Маджлиси Оли Республики Таджикистан |
| 8. Шоев Ш.Т. | - | Первый заместитель Министра юстиции Республики Таджикистан. |
| 9. Зоиров Ш.Ю. | - | Советник Президента Республики Таджикистан. |
| 10. Салимов Ю.С. | - | Заместитель Председателя Верховного Суда, Председатель военной коллегии Верховного Суда Республики Таджикистан. |
| 11. Рахимов Р.Х. | - | Заместитель Начальника УБЭП Министерства внутренних дел Республики Таджикистан. |
| 12. Салимов Ш.О. | - | Прокурор города Душанбе. |
| 13. Шафоатов М. | - | Начальник следственного управления Министерства безопасности Республики Таджикистан. |
| 14. Кабилова Л.А. | - | Судья Верховного Суда Республики Таджикистан. |

**Президент**
**Республики Таджикистан** **Э.Рахмонов**

г. Душанбе
13 июля 1998 года
№ РП-662

# М У Н Д А Р И Ҷ А


**Сарсухан** ........................................................................ 6

**БОБИ I. МАФҲУМИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ**

§ 1. Мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ, предмет, метод ва низоми он ...... 13
§ 2. Вазифа ва функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ...................... 17
§ 3. Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ...................... 21
§ 4. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун илм ...................... 31

**БОБИ II. ҚОНУНИ ҶИНОЯТӢ**

§ 1. Мафҳум, аломатҳо, вазифа ва функсияи қонуни ҷиноятӣ ..... 35
§ 2. Сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ...................... 36
§ 3. Низоми қонунгузории ҷиноятӣ ...................... 38
§ 4. Мафҳум ва сохтори меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ...................... 40
§ 5. Амали қонуни ҷиноятӣ дар замон ...................... 44
§ 6. Қувваи бозгашти қонуни ҷиноятӣ ...................... 47
§ 7. Амали қонуни ҷиноятӣ дар макон ...................... 48
§ 8. Амали қонуни ҷиноятӣ дар доираи шахсон ...................... 54
§ 9. Супоридани шахсе, ки ҷиноят содир кардааст ...................... 56
§ 10. Тафсири қонуни ҷиноятӣ ...................... 59

**БОБИ III. МАФҲУМИ ҶИНОЯТ ВА АЛОМАТҲОИ ОН**

§ 1. Мафҳум ва аломатҳои ҷиноят ...................... 63
§ 2. Категория ва намудҳои ҷиноят ...................... 65
§ 3. Тафовути ҷиноят аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ...................... 68

**БОБИ IV. ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ ВА АСОСҲОИ ОН**

§ 1. Мафҳум ва асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ...................... 71
§ 2. Пайдоиш, шаклҳои амалишавӣ ва қатъ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ ...................... 74

**БОБИ V. ТАРКИБИ ҶИНОЯТ**

§ 1. Мафҳуми таркиби ҷиноят ...................... 77
§ 2. Унсурҳо ва нишонаҳои таркиби ҷиноят ...................... 81
§ 3. Намудҳои таркиби ҷиноят ...................... 84

**БОБИ VI. ОБЪЕКТИ ҶИНОЯТ**

§ 1. Мафҳум ва аҳаммияти объекти ҷиноят ...................... 88
§ 2. Таснифи (классификатсияи) объекти ҷиноят ...................... 92

§ 3. Предмети ҷиноят ............................................................................ 104

## БОБИ VII. ТАРАФИ ОБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТ

§ 1. Мафҳуми умумӣ оид ба нишонаҳои тарафи объективии ҷиноят ........................................................................................ 109
§ 2. Кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок. Шакл ва нишонаҳои он ........................................... 113
§ 3. Оқибати барои ҷамъият хавфнок. Мафҳум ва намудҳо ...... 118
§ 4. Робитаи сababӣ байни кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнок ва оқибати барои ҷамъият хавфнок ................................................................................... 123
§ 5. Нишонаҳои факултативии тарафи объективии ҷиноят....... 127

## БОБИ VIII. ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҶИНОЯТ

§ 1. Тавсифи умумии тарафи субъективии ҷиноят ва мафҳуми гуноҳ ........................................................................................ 136
§ 2. Қасд ҳамчун шакли гуноҳ ва намудҳои он.......................... 141
§ 3. Беэҳтиётӣ ҳамчун шакли гуноҳ ва намудҳои он .................. 147
§ 4. Бегуноҳ расонидани зарар (тасодуф) ва бо ду шакли гуноҳ содир намудани ҷиноят ................................................ 153
§ 5. Нишонаҳои факултативии (иловагии) тарафи субъективии ҷиноят.............................................................. 155
§ 6. Саҳв (тасаввуроти нодуруст) дар ҳуқуқи ҷиноятӣ .............. 159

## БОБИ IX. СУБЪЕКТИ ҶИНОЯТ

§ 1. Мафҳум ва нишонаҳои субъекти ҷиноят ............................. 164
§ 2. Синну сол ҳамчун нишонаи субъекти ҷиноят...................... 166
§ 3. Мукаллаф будани шахс ҳамчун нишонаи субъекти ҷиноят ........................................................................................ 170
§ 4. Субъекти махсуси ҷиноят ...................................................... 175

## БОБИ X. ДАВРАҲОИ СОДИРКУНИИ ҶИНОЯТ

§ 1. Мафҳум, намудҳо ва аҳаммияти давраҳои содиркунии ҷиноят ........................................................................................ 178
§ 2. Тайёрӣ ба ҷиноят.................................................................... 180
§ 3. Суиқасди ҷиноят..................................................................... 181
§ 4. Ҷинояти хотимаёфта .............................................................. 183
§ 5. Ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят......................................... 184

## БОБИ XI. ШАРИКӢ ДАР ҶИНОЯТ

§ 1. Мафҳум, аломатҳо ва аҳаммияти шарикӣ дар ҷиноят ........ 191
§ 2. Намудҳои шарикӣ дар ҷиноят ............................................... 194

§ 3. Шаклҳои шарикӣ дар ҷиноят ............ 198
§ 4. Ҷавобгарии ҷиноятии шарикон. Эксесси иҷрокунандаи ҷиноят ............ 201

## БОБИ XII СЕРШУМОРИИ ҶИНОЯТ

§ 1. Мафҳум, аломат ва шаклҳои сершумории ҷиноят ............ 204
§ 2. Мафҳум ва намудҳои ҷинояти ягона ............ 205
§ 3. Такрори ҷиноят ............ 208
§ 4. Маҷмӯи ҷиноятҳо ............ 209
§ 5. Ретсидиви ҷиноят ............ 212

## БОБИ XIII ҲОЛАТҲОЕ, КИ ҶИНОЯТ БУДАНИ КИРДОРРО ИСТИСНО МЕКУНАНД

§ 1. Мафҳум ва намуди ҳолатҳое, ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунанд ............ 215
§ 2. Мудофиаи зарурӣ ............ 216
§ 3. Расонидани зарар ҳангоми дастгир намудани шахсе, ки ҷиноят содир намудааст ............ 219
§ 4. Зарурати ниҳоӣ ............ 223
§ 5. Маҷбуркунии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ............ 225
§ 6. Таваккали асоснок ............ 227
§ 7. Иҷрои фармон ё амр ............ 231

## БОБИ XIV. МАФҲУМ, АЛОМАТҲО ВА МАҚСАДИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ

§ 1. Мафҳум ва аломатҳои ҷазои ҷиноятӣ ............ 233
§ 2. Мақсади ҷазо ............ 237

## БОБИ XV. НИЗОМ ВА НАМУДҲОИ ҶАЗО

§ 1. Низом ва намудҳои ҷазо ............ 241
§ 2. Ҷарима ............ 244
§ 3. Маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ............ 248
§ 4. Якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ............ 252
§ 5. Маҳрум кардан аз рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон ............ 253
§ 6. Корҳои ҳатмӣ ............ 255
§ 7. Корҳои ислоҳӣ ............ 257
§ 8. Маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ............ 258
§ 9. Маҳдуд кардани озодӣ ............ 259

§ 10. Нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ........................ 260
§ 11. Мусодираи молумулк ........................................................ 261
§ 12. Маҳрум сохтан аз озодӣ ...................................................... 264
§ 13. Якумра аз озодӣ маҳрум сохтан............................................ 267
§ 14. Ҷазои қатл................................................................................ 268


## БОБИ XVI. ТАЪЙИНИ ҶАЗО


§ 1. Асосҳои умумии таъйини ҷазо ............................................ 270
§ 2. Ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва ё вазнин мекунанд................ 274
§ 3. Таъйини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст.................................................... 281
§ 4. Таъйини ҷазо барои ҷинояти нотамом ................................. 283
§ 5. Ҳатман пурзур намудани ҷазо .............................................. 283
5.1. Таъйини ҷазо дар ҳолати ретсидиви ҷиноятҳо ............. 284
5.2. Таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо .......................... 286
5.3. Таъйини ҷазо аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо .......................... 290
§ 6. Қоидаҳои махсуси таъйини ҷазо ......................................... 293
6.1. Таъйини ҷазоҳои иловагӣ ............................................... 293
6.2. Таъйини ҷазо барои ҷиноятҳое, ки дар шарикӣ содир шудаанд................................................................ 294
6.3. Таъйини ҷазо нисбати шахсе, ки гирифтори бемории рӯҳӣ мебошад................................................... 295


## БОБИ XVII. ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ


§ 1. Мафҳум ва намудҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ....................................................................................... 296
§ 2. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, бо сабаби пушаймонӣ аз кирдор ........................................................... 298
§ 3. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида.............................................................. 300
§ 4. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби тағйир ёфтани вазъият................................................................ 302
§ 5. Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ......... 304


## БОБИ XVIII. ОЗОД КАРДАН АЗ ҶАЗО


§ 1. Мафҳум ва намудҳои озод кардан аз ҷазо ........................... 310
§ 2. Шартан татбиқ накардани ҷазо............................................ 311
§ 3. Шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод кардан................ 314

§ 4. Ба намуди ҷазои сабуктар иваз кардани қисми адонашудаи ҷазо........ 319
§ 5. Мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд ........ 322
§ 6. Бо сабаби бемориӣ аз ҷазо озод кардан........ 324
§ 7. Озод кардан аз ҷазо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода ........ 327
§ 8. Озод кардан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани муҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ........ 328

## БОБИ XIX. АВФ, БАХШИШИ ҶАЗО, ДОҒИ СУДӢ, САФЕДКУНӢ

§ 1. Авф........ 331
§ 2. Бахшиши ҷазо........ 336
§ 3. Доғи судӣ........ 342
§ 4. Сафедкунӣ........ 344

## БОБИ XX. ХУСУСИЯТҲОИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ ВА ҶАЗОДИҲИИ НОБОЛИҒОН

§ 1. Хусусиятҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон........ 346
§ 2. Хусусиятҳои таъйини ҷазо ба ноболиғон ........ 350
§ 3. Хусусиятҳои озод кардани ноболиғон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо. Барҳам додани доғи судӣ........ 354

## БОБИ XXI. ЧОРАҲОИ МАҶБУРИИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ТИББӢ

§ 1. Мафҳум, мақсади татбиқ ва асосҳо барои татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ........ 363
§ 2. Намуд, таъйин ва татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ........ 367

## БОБИ XXII. МАЗМУНИ АСОСИИ ҚИСМИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

§ 1. Низомҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар замони муосир ........ 374
§ 2. Муқаррароти асосии Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Англия........ 377
§ 3. Муқаррароти асосии Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятии Фаронса........ 389
§ 4. Ҳуқуқи ҷиноятии Олмон ........ 396

## БОБИ XXIII. РАВИЯҲОИ АСОСӢ ДАР ИЛМИ ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

§ 1. Равияи маорифпарварӣ – инсондӯстӣ ................................... 401
§ 2. Равияи классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ........................................... 404
§ 3. Равияи антропологӣ................................................................ 408
§ 4. Мактаби сотсиологӣ ................................................................ 411

**БАРОИ ҚАЙДҲО**

# ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ

## ҚИСМИ УМУМӢ

### КИТОБИ ДАРСӢ

**Ҷилди I**

**Мусаҳҳеҳ:** Самиъзода Б.С.
**Ҳуруфчинон:** Валиёр Н., Лангаризода М.Л.,
Ҷононаи З., Наҷмиддинов Ҳ.Қ.

Ба чоп 16.11.2023 иҷозат дода шуд.
Андозаи 90x60 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет.
Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 26,5.
Теъдоди нашр 500 нусха.

---

Дар ҶСП «Нашриёти муосир» ба табъ расидааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарнисор, 3.
Тел.: (+992 44) 600-35-52
E-mail: info@nmuosir.tj